Холмурод ШАРИФОВ

АХТАРОН

Душанбе 2004





Холмурод ШАРИФОВ

АХТАРОН

Душанбе
Нашриёти "Шарқи озод"
2004

Муаллиф ба Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Раҷабов барои кӯмак дар чопи китоб арзи сипос менамояд.

Холмурод Шарифов
Ахтарон. Маҷмӯи ёддоштҳо. Душанбе. "Шарқи озод", 2004. 337 саҳ..

НОҲАТХА

Китоби нависанда Холмурод Шарифов "Ахтарон" асари ёддоштӣ буда,дар он муаллиф маҳорати нигорандагии худро бо нозукиҳояш намоиш додааст. "Ахтарон" нусхаи такмилёфтаи ёддоштҳои мусанниф "Оламафрӯзон" (Душанбе, "Маориф" 1992 ва "Ахтарони фарҳанг" (Душанбе, "Ирфон" 2002) буда, дар он иловаҳои зиёд ворид гардидаанд. Бахшҳои ёддоштӣ роҷеъ ба Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил ва Одина Ҳошим иловаҳои тозаанд.

Ёддоштнависӣ аз жанрҳои душвори адабиёт маҳсуб ёфта, он диди хос, дарки амиқи матлаб, маҳорати фавқулоддаро дар масоили доги умдаи рӯз талаб мекунад. Омӯхтаву андӯхтаҳои муаллиф дар шакли ёддоштҳои ҷолибу хотирнишин ва латифу ҳикматангез рӯи коғаз омадаву дар ҳамин китоби пурмӯҳтаво манзури хонандагони сершумор, хусусан омӯзгорон мегардад.

© Х. Шарифов, 2004

Мӯҳтарам Холмурод Шарифович, ман нисбати Шумо суханҳои беҳтаринро гуфтан мехостам. Вақти дар вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданам бо ҳам дар якҷоягӣ кор кардем. Дар роҳи татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ саҳми Шумо калон аст.

Э. РАҲМОНОВ

ПЕШГУФТОР

Хонандаи азиз! Китобе, ки ба даст гирифтеду ба мутолиаи он мепардозед, "Ахтарон" унвон дошта, ба қалами Холмурод Шарифов тааллуқ дорад. Бояд таъкид кард, ки Х. Шарифовро дар ҷумҳурӣ чун ходими намоёни давлатӣ, олим ва узви иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон хуб мешиносанд ва барояш арҷ мегузоранд. Ӯ ҳам дар таълифи мақолаю рисолаҳои илмӣ, ҳикояю қиссаҳо, ҳам дар эҷоди ёдномаю хотирот қувваозмой кардааст ва бо имони комил метавон гуфт, ки ба комёбиҳо ноил гаштааст.

Х. Шарифов корманди давлатиест, адибест ва чеҳранигору ёддоштофаринест, ки роҳу равиш ва сабку шеваи хосса дорад. Дар фаъолияти хеш ҳеҷ майлу кӯшише накардааст, ки ба касе тақлид намояд ва аз нусхабардории айнӣ хуш надорад. Дар ҳар кору вазифа, ки фаъолият доштаасту дорад, рисолати равшангарию раҳнамоии хешро бидуни чашмдошти чизе барои рафоҳияти ҳамватанону ободонии кишвари азизамон содиқонаю сарбаландона иҷро кардааст.

Ростгӯию ҳалолкорӣ, содиқона хизмат кардан ба халқу ватан, сари масъалаҳои ба миёномада амиқ андешидан, маслиҳату машварат оростан, касеро наранҷонидану ҳангоми ба душворие мувоҷеҳ гаштани он дасти мадад дароз кардан, дурӣ гузидан аз ғаммозону дурӯягон, дар лаҳзаҳои ҳассоси зиндагию фаъолияти шахсӣ ва иҷтимоӣ ба хулосаҳои саҳеҳу амиқ омадан, дар ниҳояти муаддабӣ бо мусоҳиб сӯҳбатҳои самимӣ оростан ва ғайраҳо чанде аз сифатҳои ҳамидаи инсонии Х. Шарифов мебошанд. Агар кас тамоми навиштаҳои ӯро бо тааммуқ мутолиа ва баррасӣ намояд, аз дили пок, андешаю афкори нек ва назари хушбинӣ доштанаш огоҳ мегардад. Дар маҳсули заҳмати ба риштаи таҳрир кашидааш ӯ ҳеҷ гоҳ хислатҳои зишти шахсеро мавриди интиқод ва муҳокима қарор надодааст ва барои манфиат ҷустан амалдореро ситоиш накардааст, зеро ҳамеша аз ашхоси дурӯяю нопок канорагирӣ намудааст. Чунин фазилати волои инсониро

дар ӯ муҳити хонаводагию табиати фитриаш, аз як тараф илқо карда бошад, аз тарафи дигар, таълим гирифтан аз устодони мумтоз, ҳамнишинӣ бо ашхоси равшандилу равшанзамири ҷумҳурӣ, мутолиаи осори бузургон ва таҷрибаи ҳаёти шахсиаш дар тарбия хулқу атвори некаш нақши бузурге бозидаанд.

Ёддоштнависӣ ҳам дар адабиёти пешин ва ҳам дар адабиёти муосири тоҷику форс роиҷ аст. Ёдномаю хотироте, ки дар китоби Х. Шарифов "Ахтарон" омадаанд, бо масъалагузорию усули ҳаллу фасл аз навиштаҷоти адибони дигар фарқ дорад. Муаллифи асар, ки ҳамзамон муҳаққиқи масъалаҳои инкишофи шахсият ва ташаккули шуури ҷамъиятӣ буда, андешаҳояш перомуни ин масъалаҳо дар рисолаи "Ташаккули одами нав" ҷамъбаст гардидаанд, бештар ба хислатҳои ботинии қаҳрамонони қиссаҳояш диққати хонандаро маътуф медорад. Аз тарафи дигар, ӯ худ, ки шоҳиди бевоситаи ҳодисаҳои дар ҷомеа рухдода ҳасту бо амри вазифа сарварии бисёр корҳои фарҳангиро бар дӯш дошта, ҳамеша бо аҳли фарҳанг сарукор доштааст, барояш ошкор кардани масъалаҳои фаровони фарҳангӣ ва сифатҳои накӯи намояндагонаш ба осонӣ даст додааст. Ҳақ ба ҷониби донишманд Ризо Бароҳанист, ки мефармояд: "Нависанда ва шоир аз ҳар табақае, ки бошанд, на фақат худ таҳти таъсири иҷтимоъ қарор мегиранд, балки дар дигаргунӣ ва тағйири моҳияти иҷтимоъ низ ширкат мекунанд, зеро ки забон чизи умумӣ аст ва адабиёт аз забон истифода мекунад. Ва ба ҳамин далел навиштаи як нафарро чанд ҳазор нафар мехонанд ва бад-ин васила як осори фардӣ, ки худ решаҳои иҷтимоӣ дорад, дар зеҳни афроди як иҷтимоъ таъсир мегузорад. Аз ҳамин рӯ, нависанда ё шоир аз се нуқтаи назар бо иҷтимоъ марбут мешавад. Нахуст аз ин дидгоҳ, ки нависанда фарди иҷтимоист ва дар иҷтимоъ зиндагӣ мекунад. Дуввумӣ, ки аз нахустин номӣ мешавад, марбут ба асари адабист, ки нависанда ба вуҷуд меоварад. Ҳар асари адабӣ танҳо ба далели он ки нависандаи он фарде аз афроди иҷтимоъ аст, миқдоре мӯҳтавои иҷтимоӣ дорад. Ва саввум он, ки таксири асар ба сурати чоп ва интишор бар рӯи иҷтимоъ таъсир мегузорад ва дар натиҷа навишта ҳам аз иҷтимоъ мулҳам аст ва ҳам илҳомбахши рафторҳои хоси иҷтимоӣ".

Воқеан, нишасту хези доимӣ доштан бо аҳли фарҳангу адабиёту санъат, бо ҳам сафар кардан ба дохили кишвару хориҷ аз он, иштирок дар маҳфилҳою шабнишиниҳои мутадовим, дилбохтаи адабиёту санъат будан, вуқуфи комил доштан аз вазъи фарҳангу адабиёту санъат ва тадобири фаровоне андешидан дар хусуси рушду нумӯи онҳо ба Х. Шарифов майдони васеъро фароҳам овардааст, то ки истеъдоду қобилияти ҳар як аҳли фарҳангу адаб ва санъатро ба мушо-

ҳида бигирад ва дар фаъолияти онон нуқтаҳоеро ошкор намояд, ки ба дигарон даст надода. Мӯҳтавои китоб асосан зиндагию фаъолияти зубдатарин афроди ҷомеаи Тоҷикистонро фаро мегирад, ки бо тамоми ҳастиашон кӯшидаанд, то кишвари азизамон дар ҳамаи соҳаҳо аз мамлакатҳои дигар ақиб намонад ва фарҳангу адабиёт ва санъаташ "дар заминаи маданияти баланд ба зебоии қадимӣ ба вуҷуд оварда шавад ва мустаҳкам гардад" ва ворисони воқеии Фирдавсию Ҳофиз, Саъдию Дониш, Айнию Ғафуров ва Турсунзода буданро собит намоянд. Ин аст, ки муаллиф қисми аввали китобро "Эҳёгарони миллати тоҷик" ном гузошта, дар хусуси Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода хотираю ёддоштҳои хешро пешкаши оммаи васеи хонандагон мегардонад. Ёддошту хотираҳо симои ин мардони абарқудратро чунон тасвир менамоянд, ки дар назари хонанда зинда ҷилвагар мешаванд ва кас ҳамзамон дар бораи ҳаёту фаъолияти онон маълумоти тозаро касб менамояд. Бар замми ин, аз фаъолияти зиндагии адибону донишмандон лаҳзаҳое пешкаши хонанда мегарданд, ки дарвоқеъ дар эҳёгарони миллати тоҷик будани шон ҳеҷ шакку тардиде намемонад. Масалан, дар хусуси устод Айнӣ Х. Шарифов мефармояд: "Ёд дорам, ки вай (С. Айнӣ - С. Р.) ба аҳли маҷлис "Рафиқо" гуфта муроҷиат мекард, дигарон бошанд "рафиқон" мегуфтанд". Дар ёддоштҳо аз гуфтаи Б. Ғафуров ва сӯҳбатҳои ӯ дар бораи таърих, адабиёт, санъат, театр, драматургия, барномаҳои мактабҳои миёна ва ғайраҳо иқтибосҳое оварда шудаанд, ки ҷумла аз ғамхории доимӣ доштан нисбат ба ҳаммиллатонаш дарак медиҳанд. Порчаи мазкур намунаи барҷастаест ба тақвияти фикри боло. Дар сӯҳбате Б. Ғафуров гуфтааст: "Ба ақидаи ман, барномаҳои мактабҳои ибтидоӣ, ҳафтсола ва миёна ба талабот ҷавоб намедиҳанд, зеро дар онҳо масъалаҳои батафсил омӯхтани забони модарӣ, намунаҳои беҳтарини мероси адабию мусиқӣ муфассал инъикос наёфтаанд. Хуб мешуд, агар китобҳои таърихи халқамон аз сари нав навишта мешуданд. Забони русиро ба дараҷаи кофӣ медонанд, донандаҳои варзида мутахассисони обрӯманди забонҳои хориҷӣ зиёд шуданд. Вале, афсӯс, ки аксари мардуми мо забони адабии миллии худ, баъзеҳо ҳатто ягон лаҳҷаи тоҷикӣ ва таърихи халқи худро намедонанд".

Баъзан дар хотираҳои ба шоирон бахшидаи Х. Шарифов як навъ баҳодиҳӣ ба моҳияти асар ва ё ашъор ба назар мерасанд, ки хеле ҷолиб буда, ҷанбаи адабиётшиносӣ доштани навиштаҳоро таъкид месозанд. Ва дар асл, ин баҳо бамавқеъ, муносиб ва ҳаққонианд. Хонанда мебинад, ки ёддошту хотироти рӯи коғаз овардаи Х. Шарифов қиссаю нақли оддии рафти сафар набуда, зимни онҳо масъа-

лаҳои фаровони таҳқиқӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ва ғайраҳо матраҳ гаштаанд. Масалан, дар бораи ашъори Лоҳутӣ аз забони С. Улуғзода чунин менигорад: "Одамҳо барои нафсонияти худ шуда ақидаашонро зуд дигар мекардагӣ кам нестанд. Аз ин ҷиҳат ҳар сатри ашъори Лоҳутӣ моҳияти тарбиявӣ доранду инсонро ба пояҳои баланди фазилат, ахлоқ ва далерӣ ҳидоят мекунанд".

Муаллиф перомуни рӯзгор ва фаъолияти ҷамъиятии шоири шаҳир Мирзо Турсунзода андеша ронда, бо навиштаҷоти хеш мӯҳри сукут бар даҳони баъзе аз даъвогарон, ки вақтҳои охир ӯро фақат шоири сиёсатмадор мепиндоранд, мезанад ва андешаашро чунин иброз медорад: "Мирзо Турсунзодаро баъзеҳо фақат шоири сиёсатмадор ва гӯяндаи иҷтимоию рӯзмарра мешуморанд. Ин ҳақ аст, зеро ӯ пайрави фикри солиме буд, ки адабиёт чун тасхиркунандаи ақлу дил қабл аз ҳама бояд масъалаҳои граждани, орзуву умеди халқ барои пешравию беҳбудии инсон, васфи Ватан ва омоли неки аҳли оламро инъикос намояд. Аз ин ҷиҳат мағз андар мағзи эҷодиёти амиқмазмуну баландғояи ӯ ҷанбаи граждани ва обуранги сиёсӣ дорад ва одамонро ба мубориза даъват менамояд. Аммо ин ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки ӯ сиёсатчии "хушк" буду аз лирикаи ишқӣ сарфи назар мекард... Лирикаи М. Турсунзода бо лирикаи гражданиаш зич омехта ва алоқаманд буда, ошиқони нигоштаи шоир маъшуқаҳои поктинати ғанимаънавиятро меписанданд... Аз шоирони советии тоҷик ҳеҷ касе ба монанди М. Турсунзода дар васфи зан шеъру достонҳои пуробуранг нанавиштааст гӯем агар, хато нахоҳем кард...".

Х. Шарифов қисми дувуми ёдномаро "Пешоҳангони фарҳанги навин" ном ниҳода, перомуни мулоқоту вохӯриҳо, сафару шабнишиниҳо бо ахтарони халқи тоҷик Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Абдулаҳад Қаҳҳоров, Фазлиддин Муҳаммадиев, Файзулло Ансорӣ, Лоиқ Шералӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Убайди Раҷаб, Аловуддин Баҳовуддинов ва чанде дигарон андешаҳои худро баён месозад, ки омӯзандаанд.

Бахши саввуми китобро "Чеҳраҳои ҳунар" ном гузошта, муаллиф дар хусуси санъаткорони мумтоз Акашариф Ҷӯраев, Меҳрубон Назаров, Мирзораҳмат Олимов, Борис Кимёгаров, Малика Собирова, Маҳмудҷон Воҳидов, Раҷабгул Қосимова ва дигарон маълумоти пурраддода, фикрҳои ҷолиби диққатеро оид ба нозукиҳои санъати ҳунарварии онон пеш меронад. Аз муҳокимаронию ошкор сохтани сирри санъати волои ашхоси номбурда ҳувайдост, ки муаллиф аз нозукиҳои кори санъатварон бохабар аст. Агар муаллифи ёддоштнома аз сирру асрори санъат огоҳӣ намедошт, чунин муҳокимарониҳои бамантиқу баҷо ва асоси илмидошта барояш номумкин мегашт: "...Сурудҳои Акаша-

риф Ҷӯраев", "Ӯсмаш намехом", "Ташниз", "Ширинҷон"... "Ҷон додаракам" ва амсоли инҳо сурудҳои дилчаспе буданд, ки маҳз дар асоси синтези санъати халқӣ ва касбӣ офарида шуда буданд". "Баъзеҳо аз тангназариашон Акашариф Ҷӯраевро чун ҳофизи эътирофшудаи минтақавӣ - минтақаҳои Дарвозу Қаротегин мешумурданд, ки ин ақидаи беасос аст". "Ҳар як оҳангу суруди офаридаи Акашариф Ҷӯраев, ки аз омезиши сурудҳои кӯҳистони Ғарму Дарвоз, мавригиҳои Бухоро ва "Шашмақом" таркиб ёфтааст, чун гавҳари рахшон дар мӯҳрашаддаҳои хазинаи санъати овозхонии халқамон шаъшаъа мепошад".

Аз шарҳи пурраи бахшҳои китоб худдорӣ карда, як нуктаро зикр карданӣ ҳастем, ки китоби "Ахтарон"-ро танҳо асари ёддоштию саргузаштию хотирот пиндоштан аз рӯи инсоф нахоҳад буд. Зеро дар он афкори муаллиф доир ба шахсият, одамият, ахлоқ, муносибат, осору ашъори адибону санъати нотакрори ҳунармандон ва лаҳзаҳои торику норавшани зиндагӣ баён гашта, андешаҳои бебунёду тангназарии баъзе муҳаққиқони солҳои охир ҷо - ҷо мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаанд. "Ахтарон" на танҳо барои аҳли илму адаб, балки барои адабдӯстон, омӯзгорон, донишҷӯён, хонандагони мактабҳои миёна ва тамоми алоқамандони адабиёту санъат ва фарҳанг муфид хоҳад буд. Азбаски ҳанӯз ҳам осори адибону санъати ромишгарии ҳунармандони мумтоз аз диди нав мувофиқ ба шароиту талаби замон таҳлил ва таҳқиқ нашудааанду китобҳои нави адабиёти тоҷик ва маводи таълим дастраси хонандагон нагаштаанд, "Ахтарон" метавонад дар кушодани баъзе мушкилоти масъалаҳои адабиёту санъат ба сифати маводи ёрирасон мавриди истифода қарор бигирад. Дар банизому босамар ташкил кардан ва гузаронидани корҳои берун аз синф аз фанни забону адабиёт низ муассир хоҳад буд.

Муаллифи китобро муяссар шудааст, ки ба асараш номи басо мувофиқу муносиб гузорад. Ҳар қисми асар аз силсилаи ёддошту хотироте иборат аст, ки мазмуну мундариҷаашон дар сарлавҳаҳо - номҳо пурра инъикос ёфтаанд. Ва аз ин лиҳоз чун маводи ёрирасон дар дарсҳои инкишофи нутқ низ қобили истифода мебошад.

Асари Х. Шарифов "Ахтарон" бо забони соддаю шево таълиф шудааст ва муаллиф заҳмати фаровонеро кашидааст, то асар хонданбоб гардад. Ин нуктаро хонандагони арҷманд ҳангоми мутолиа худ пай хоҳанд бурд.

Сафаралӣ Раҷабов,
Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

МЕҲРНОМА

Холмурод Шарифов - марди шикастанафсу фурӯтан, хоксору покниҳод, дилсӯзу самимӣ ва болотар аз ин ҳама хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, равшанзамиру асил, ширинзабону малеҳбаён, заҳматкашу фидоӣ, хирадманду доно, пуркору пухтакор, раҳнамову омӯзгор дар рӯзгор аст. Мо дар маҷлису маҳфилҳои давлативу фарҳангӣ борҳо бо ҳам будаем, дар маъракаву базмҳои нишот бештари авқот паҳлӯйи ҳам нишастаем, ҳамеша ба шодиву нишоти кишвар ва мардуми диёр дилхушӣ карда, аз мотаму кулфаташон ғам хӯрдаем. Шудааст, ки дар рӯзҳои сахти халқу Ватан дӯш бар дӯш дар банди раҳойии он будаем, балки бо ҳам рӯз ба рӯз, моҳ ба моҳ, сол ба сол ҳамқадам бо бурду бохтҳои халқу кишвари азиз дар тӯли солиёни зиёд сабзидаву ба камол расидаву солор гардидаем.

Бале, солиёни зиёд банда Холмурод Шарифовро мешиносам. Оғози фаъолияти меҳнатии ӯ байни ҷавонони ҷумҳурӣ дар ёдам хуб нақш бастааст. Минбаъд вазойифи бисёри ҳизбиву давлатӣ ва фарҳангӣ ҳамзамон бо машғулиятҳои илмиву тадқиқотӣ ва эҷодӣ... Ӯ дар айни ҳол дар Кумитаи Мукофотҳои Давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Дар ин пешгуфтори кӯчак тамоми паҳлӯҳои ҳаёти сиёсиву давлатӣ ва фарҳангии Холмурод Шарифовро фаро гирифтану таҳлил намудан муҳол аст. Хуб мешуд ниёзмандонро аз ин боб ба мутолиаи рисолаи пурмӯҳтавои "Бисот" раҳнамоӣ созам ва аз боби китоби тозае, ки дар даст доранд, андешаҳо иброз намоям.

Китоби "Ахтарон" асари ёддоштӣ буда, дар он муаллиф маҳорати сайқалёфтаи ёддоштнигории худро бо тамоми нозукиҳояш намойиш додааст. Бояд ёдовар шуд, ки ёддоштнависӣ аз жанрҳои душвори адабиёт ба ҳисоб меравад ва он диди хос, дарки амиқи матлаб, маҳорати фавқuloддаро дар масойили доғу умдаи рӯз талаб менамояд. Холмурод Шарифов ин роҳу равиши сангини эҷодиро бо осонӣ ба даст наовардааст. Ӯ дар оғози қаламкашиаш худро чун олими файласуф, ки роҷеъ ба масъалаҳои инкишофи шахсият ва ташаккули шуури ҷамъиятӣ машғулият дошт, нишон дода, дар ин боб рисолаи ҷолиберо бо номи "Ташаккули одами нав" ҳанӯз соли 1965 ба табъ расонида буд, ки аз ҷониби донишмандони ватаниву хориҷӣ баҳои арзанда гирифтааст. Минбаъд дар саҳифаҳои матбуоти даврии ҷумҳурӣ сафарномаву ҳикоят ва ёддоштҳои ҷолиби ӯ яке пайи дигар ба табъ расидан гирифтанд, ки онҳо дар китобҳои "Гард дар мижгон" (1972), "Нақши хотир" (1986), "Зов памяти" (1989), "Рози дил" (1991), "Оламафрӯзон" (1992), "Сарнавишт" ва ғайра ҷамъ омадаву чоп шудаанд. Дар байни китобҳои номбаршуда "Оламафрӯзон" китоби пурра

ёддоштӣ маҳсуб ёфта, дар он симои шахсоне зикр гардидаанд, ки эшон барои миллати мо, халқи тоҷик ва Тоҷикистони азиз фидокоронаву ҷоннисорона заҳмат кашидаанд. Тасвири мусанниф роҷеъ ба паҳлӯҳои нозуку нотакрори ҳаёту эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Аловуддин Баҳоваддинов, Файзуллоҳи Ансорӣ, Мирзораҳмат Олимов, Борис Кимёгаров ва ғайра бебадал ба шӯмор мераванд ва бештари онҳо метавонанд чун манбаи бебаҳо дар навиштани асарҳои тадқиқотӣ, таърихӣ ва адабии минбаъда истифода шаванд. Банда фикру мулоҳизаҳои худро дойир ба китоби ҷолиби Холмурод Шарифов "Оламафрӯзон" аз тариқи рӯзномаи "Садои мардум" (7 ноябри соли 1992) баён карда, ба муаллиф дар ин ҷода пешравиҳои тоза ба тоза таманно намуда будам. Ва хушбахтона ҳоло Холмурод Шарифов ёддоштнигории худро дар "Ахтарон" вусъат додааст. Эшон тавонист, ки дар ин китоб нигоштаҳои дар "Оламафрӯзон" омадаро аз як тараф таҷдиди назар намояд ва аз ҷониби дигар симоҳои барҷастаи фарҳангамон Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Ашӯр Сафар, Аълохон Афсаҳзод, Меҳрубон Назаров, Лоиқ Шералӣ ва чанде дигаронро бар он афзояд, ки мӯҳтавои ёддоштномаи нигорандаро ғанитару ҳаҷмӣ онро як бар ду афзудааст. Шахсиятҳои дар ин китоб тасвирёфта дар пешрафту пешбурди соҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавии халқи тоҷик хидмати шоёну намоён карда, дар рушду камолоти он саҳми боризи худро гузоштаанд. Онҳо шоиру нависанда, олиму ҳунарпеша ва умуман зиёиёну фарҳангиён мебошанд.

Ман бо камоли завқ "Ахтарон" Холмурод Шарифовро хондам. Аз нигоштаҳои ҷолиби муаллиф бармеояд, ки ӯ бо он бузургон махсус барои навиштани хотира рӯ ба рӯ наомадааст. Ва шояд Холмурод Шарифов он вақтҳо ҳатто дар бораи ин шахсиятҳои наҷиби миллат нияти хотиранависӣ ҳам надошт. Аммо нигоҳи гиро, ақли нозукбин, фаросати баланди одамшиносӣ ва зиёда аз ин ҳислатҳои неку пандомӯз ва инсонии эшон ин марди соҳибзавқро водор месохт, ки барои равиши зиндагиву кору бори минбаъдаи худ бештари онҳоро сабти хотир намояд, то рӯзе шавад, ки ба кор оянд. Имрӯз, хушбахтона, он омӯхтаву андӯхтаҳои Холмурод Шарифов дар шакли ёддоштҳои ҷолибу хотирнишин ва латифу ҳикматомез, ки метавонанд барои наслҳои минбаъда дарси ибрату худшиносӣ бошанд, рӯйи коғаз омадаву дар китоби "Ахтарон" ҷамъ гардидаанд. Банда ҷасорати ёддоштнигории муаллифро дар пояи устоди ин соҳа Садриддин Айнӣ аҳсант мехонам ва саҳми арзишманди ӯро дар ин ҷода баробар мебинам. Ин китоб, бемуҳобот, болотар аз ёддоштҳо, меҳрномаро мемонад.

Ҷойе аз нигоштаҳои нависандаи шинохта Мутеуллоҳ Наҷмиддинов доир ба Холмурод Шарифов ин ишораро хонда будам:

“Як марди фозил ва пири хирадманде - академик Мулло Эркаев боре ба ман гуфта буд, ки мардуми Панҷакент барои Холмурод Шарифов ҳайкали тиллоӣ гузоранд ҳам меарзад.

Аз ӯ пурсидам: - Чаро?

Гуфт: - Зеро Холмурод Шарифов ба мардуми Панҷакент ва на танҳо ба онҳо, балки ба кулли халқи тоҷик дар солҳои тӯлонии фаъолият бо ҳамбастагии илму амалаш дар равнақи фарҳанг хизматҳои шоиставу сазовореро анҷом дод”.

Бо мутолиаи “Ахтарон” дар ин гуфтаҳо муболиғаеро намебинем. Ақли фаъоли амалкунанда, ақли солими эҷодкор ҳамеша раҳнамову ҳидояткунандаи ӯ будааст, то ба солормандиву барӯмандиву обрӯмандӣ ва ба пояи баланди камолоти эҷодӣ бирасад.

Хулосаи калом, Холмурод Шарифов дар асари навбатиаш лаҳзаҳои ҷолибе аз ҳаёту эҷодиёти шахсиятҳои шинохтаи кишварамонро бо муҳаббати том ба қалам дода, ки ҳар кадоми онҳо дар номбардории халқу миллати тоҷик нақши сазоворе доранд. Роҷеъ ба забону услуби баёни ёддоштҳои дар “Ахтарон” омада суханро кӯтоҳ намуда, ба муаллиф дар кори эҷодӣ нигоҳи рӯшану дили гарм таманно менамоям ва абёти зерини Шоири Халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафарро, ки эҳдо ба Холмурод Шарифов аст, ба сифати ҳусни мақтаъ иқтибос меорам:

Шаҳд, эй марди адаб, меборад аз гуфтори ту,
Тоза бошад гул барин вақти сухан афкори ту.
Ҷуз муҳаббат нест дар лафзи ту маънои дигар,
Дӯстиро мекунад бологузар кирдори ту...
Чашмаи ақлу тамизу покдомонӣ туӣ,
Об менӯшад дилам аз чашмаи саршори ту.

АҲРОР МУХТОРОВ,
академик

ҚИСМИ АВВАЛ
ЭҲЁГАРОНИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

АВВАЛИН ҚАҲРАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Айнӣ... Садриддин Айнӣ... Ин номи муборак кай дар лавҳи хотирам сабт гардидааст, аниқ намедонам. Ҳаминаш дар ёдам ҳаст: аввалин суруде, ки суханҳояшро дар овони ҷавонӣ мехондам, ин суруди "Ғарибон" буд. Ин таронаи ҳазинро тағоям Хурсандмурод бо сӯзу гудози бисёр, ки дар дили ман ҳам асаре дошт, чун суруди навиштаи Садриддин Айнӣ месароид. Баъдтар фаҳмидам, ки офаридагори ин мӯъҷизаи дилошӯб халқ будааст, аммо Садриддин Айнии хирадманд онро дар асараш чунон истифода бурдааст, ки кас чун моли устод тасаввур мекунад.

Сипас ба тадриҷ мутолиаи асарҳои Айнӣ "Мактаби кӯҳна", "Ятим", "Ғуломон", "Дохунда", "Марги судхӯр", "Ёддоштҳо" муяссарам гашт. Ҳар бор, ки ягон асари устодро ба даст мегирифтам, аз саргузашти қаҳрамонҳояш огоҳ мегаштам, олами пурасрореро пеши назар меовардам, дар орзуи ҳарчӣ тезтар дидани ин марди бузург мешудам. Дар таассуроти ман Айнӣ шахсияти аҷибе буд, ки ба дигарон монанд нест...

Бори аввал устод Айниро соли 1950 дар Душанбе сари минбар дидам. Ӯ дар як ҷамъомади ҷавонон нутқ мекард. Ман Айнии зиндаро дидам, тамоми вуҷуд ҳушу гӯш шуда суханҳояшро чида мегирифтам, ба қаду қомат, тарзи либоспӯшӣ, риши зебои кулӯтааш менигаристам, ҷозибаи суханаш сеҳрам карда буд. Ёд дорам, ки устодро ба аҳли маҷлис "рафиқо" гуфта муроҷиат мекард, дигарон бошанд "рафиқон" мегуфтанд...

Ин шиносоии аввалин буд. Минбаъд ба тақозои кор Айниро аз дуру наздик дар маҷлису мулоқотҳо бештар медидам. Алалхусус, як мулоқоти фавқулодда бо устод, солҳост, ки аз ёдам намеравад ва инак ба амри хотир ва дил рӯйи коғаз омад.

...Соли 1952. Поезди рақами 24 "Москва - Сталинобод"... Ман дар Комитети Марказии комсомоли республика кор мекардам. Дар Москва ҳамроҳи котиби якуми ҳамонвақтаи КМ ЛКСМ Тоҷикистон Маҳмудбек Нарзибеков ба поезд савор шудем. Он вақтҳо поезд аз Москва то Душанбе ҳафт шабонарӯз роҳ мепаймуд. Рӯзи дуюми сафар Маҳмудбек Нарзибеков хоҳиш кард, ки дар вагон-ресторан таоми гарм хӯрем. Рафтем. Он ҷо ду шахси азизро дида, хеле шод гаштем. Дар як гӯшаи вагон-ресторан Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода ва боз як каси дигар менишастанд. Моро дида Мирзо Турсунзода "Э, комсомолҳои худамон-ку, биёед Маҳмудбек" гуфта, ҷой нишон доданд.

Мо баъди салому ҳолпурсӣ бо устод Айниву Турсунзода рӯ ба рӯяшон нишастем. Онҳо аз сессияи Шӯрои Олии ИҶШС меомаданд ва майли хӯрдани таоми гарм кардаанд.

Мушоҳида мешуд, ки хӯроки ресторан ба Айнӣ хуш наомадааст. Ӯ табақчаро қафотар тела дод.

- Домулло, иштиҳо надоред, ё таом хуш наомад? - пурсид М. Турсунзода.

- Ба фикрам ҳарду, - каме табассуми зӯракӣ намуд Айнӣ.

- Ин хел намешавад. гурусна гаштани шумо мумкин нест. Ягон илоҷ ёфтан лозим, - давом дод М. Турсунзода. Ӯ чунин мегуфту беист пушти лабашро мехорид, шояд фикр мекард, ки "чӣ тадбир ёбем?".

- Ман намедонам, дар ин поезд боз чӣ пайдо мешавад? - гуфт Айнӣ. - Ин қадар ташвиш накаш, Мирзо.

- Ҳеҷ ташвише нест, - гуфт Турсунзода ва гӯё чорае ёфта бошад, табассуми маънидоре карда, ба Айнӣ рӯ овард: - Гуфтагӣ барин, имрӯз, рӯзи оддӣ нест домулло. Шумо моро бояд зиёфат кунед, вагарна худамон ташкил мекунем.

- Ман ба зиёфат тайёр, заказ кунед, хароҷот аз ман, - гуфт Айнӣ, буруташро тофта. - Аммо дар ин дашти беканор палаву кабобро аз куҷо меёбед, ки табъи дил бошад?

- Ин ҷо комсомолҳо ҳастанд, наход ягон чизи табъи дил пайдо карда наметавонем, - гуфт дар ҷавоб Турсунзода ва ба М. Нарзибеков мурочиат кард: - Агар директори ресторан масолеҳи палав ёфта диҳад, ин шогирдатон пухта метавонад?

- Метавонад, - гуфт Маҳмудбек-ако аз ман чизе напурсида.

Рости гап, ман то ин дам шавла ҳам напӯхта будам. Аммо тасодуфро бинед, ки бо амри тақдир палавпазӣ ба зиммаам афтод.

Пас аз фурсате Айниву Турсунзода ва Нарзибеков ба купеи махсуси Айнӣ рафтанд.

- Мо он ҷо газак тайёр карда меистем, домулло виноҳои хуби Панҷакент ҳам овардагӣ, оша пухта биёред, як ин дашти қазоқро метафсонем, - гуфта хандид Турсунзода ва илова намуд: - Эҳтиёт кунед, боз таги дег насӯзад.

Омад ба сарам аз он чи метарсидам. Чӣ бояд кард? Даме хомӯш нишастам. Баъд ҳарчӣ бодо бод гуфта, ба назди сардори ресторан рафтаму мақсадро фаҳмондам.

- Шумо ҳуш доред? - гуфт сардор дар ҷавоб.

Аммо ман суст наомадам:

- Бародар, ҳуши ман дар ҷояш, лекин шумо ҳам аз осмон фуроед. Зарурат пеш омад. Имрӯз рӯзи таваллуди Айнӣ.

- Фаҳмидам, ки зарур, аммо кадом баақл дар сковородка палав пухтааст?

- Фарз кардем, ки чунин боақл ёфт мешавад, он манам, биёед, вақт наравад.

Сардор каме хомӯш истод, сар ҷунбонд, китф ҷунбонд, худ ба

худ ғур-ғур карду аз ҷой хест.

- Ҳой, Майрамхон, - гуфта ошпазро ҷеғ зад ва фармуд: - Ба ин йигити якрав чизҳои хостаашро баркашида деҳу пулашро гир. Чизе, ки хоҳад кардан гирад, сарашу равғанаш...

- Ҳай-ҳай, - гуфт Майрамхон, - ин қадар ба ин ҷавон часпидӣ? Ӯ, охир, кори хайр карданӣ. Асарҳои Айниро ман ҳам хондагӣ, вай нависандаи зӯр, меарзад, ки дар рӯзи таваллудаш мо ҳам хизмат кунем, палав хӯрад.

Суханҳои Майрам-апаро шунида, каме осуда шудам. Масолеҳи палав муҳайё гардид. Ва ман аз пайи кор шудам. Гӯштро базӯр пора кардам, вале ба реза кардани сабзӣ дастам намепечид, асабӣ мешудам, ҳар дам заруру нозарур корд тез мекардам.

Майрамхон пай бурд, ки ҳунар надорам, кордро аз дастам гирифт.

- Ту сангҳои биринҷро чин, - гуфту сабзиву пиёзро реза кард, ба кастрюли алюминӣ равған андохту оташро даргиронд.

Аз ин кори Майрамхон хеле шод гаштам ва ҳар сухани хуше, ки медонистам, ба таърифи ӯ бахшидам.

- Хайр, биё, ин гапҳоро мону биринҷро бо оби гарм шӯй.

Қиссаи ошпазии ман ҳамин тавр сар шуд.

- Пас аз понздаҳ дақиқа ошат тайёр мешавад, - гуфт Майрам-апа. - Айниро аз номи ман табрик кун, агар ёфт шавад, ягон китобашро биёр.

...Майрам-апа кастрюли ошро ба як дастархон печонда, ба дастам дод ва табассум кард.

- Ош шавад.

- Ташаккур. Некиатонро фаромӯш намекунам.

Байни ресторану вагони Айниву Турсунзода шаш вагони дигар қатор буданд. Он вақтҳо поездҳо дар роҳ тез-тез қарор мегирифтанд ва байни истгоҳҳо ҳам чандон дур набуд. Ман кастрюли ош дар бағалам аз ресторан баромадам, ки поезд ҳанӯз истодааст, барои тезтар расидан аз вагон ба перон фуромадаму ба сӯйи вагони рақами ҳафтум давидам. Чунки то аз дохили шаш вагон гузаштан кас ҳар лаҳза бо одамҳо, тамбурҳо дакка мехӯрду вақт бештар мерафт.

Аммо он дам воқеае рӯй дод, ки ҳеҷ гоҳ дар гӯшаи хаёли кас ҳам намеояд. Тозон қариб ба вагони "международный" расида будам, ки поезд наърае кашида ба ҳаракат даромад, дарҳои вагонҳо пӯшида шуданд. Барои фикру хаёл фурсат набуд. Ҷаҳида ба дари яке аз вагонҳо якдаста часпидам...

Поезд ҳар лаҳза тақа-тақ, тақа-тақ карда суръат мегирифт. Аҳволи маро акнун худатон тасаввур кунед. Аз як тараф, гоҳи алвончи поезд қариб, ки аз вагон канда шаваму парам, аз тарафи дигар, тасфи кастрюли ош дасту сари синаамро месӯзонд. Андешидам, ки кастрюли ошро ҳавола диҳам. Аммо боз ору номус амр мекард, ки "ист, тоб овар, илоҷи корро ҷӯй".

Ниҳоят илоҷи ҷойгардони кастрюлро ёфтам. Боэҳтиёт кастрюлро

аз сари синаам ба мобайни пойҳоям ғеҷонидан гирифтам, баъд бо пошнаи батинкаҳоям онро ба дари вагон пахш карда истодам.

Акнун вазъиятам андаке сабуктар гардид, зеро дасти дуюмам ҳам озод шуду дудаста ба дастаки дар часпидам. Аммо сардии ҳаво бо шамоли дуду чанголуди поезд дучанд шуда гулӯгирам мекард. Бадии кор ин буд, ки телпаку палтоям дар вагон. Ба як пиҷак ларзида истодаам. Мӯйҳоям парешон гашта, беист ба чашмонам мезаданд. Чашмҳоям бошанд, аз дуди поезду чанги роҳ, тезию сардии шамол ашкрез мешуданд. Тамоми вуҷудамро ларза гирифта буд, ки намедонистам ин чи ҳол аст. Аввалин андешаам то истгоҳи оянда зинда мондан буд. Айниву Турсунзода ҳоло дар чӣ хаёл бошанд? Шояд фикр кунанд, ки ман аз ӯҳдаи ошпазӣ набаромада, пинҳон шудам, ё гурехта бошам.

Истгоҳ дароз будааст, тақрибан як соат роҳ тай шуд, поезд дар як истгоҳи ноободи чӯли Жусалӣ муддате қарор гирифт. Дастони ба дар часпидаам чунон карахт шуда буданд, ки ба зӯр кушода аз зинапоя фуромадам, то дари вагонро кушоянд. Дар кушода шуд. Ман ҳамаи қувваамро ғун карда ба як ҳоле вориди вагон шудам, купеи Айниро ёфтам ва бегап кастрюлро рӯйи миз гузоштам. Ҳама бо тааҷҷуб ба ман менигаристанд.

- Шумо аз куҷо пайдо шудед? - бо шубҳае аз ман пурсид Айнӣ.

Ман, ки забонам ба гап намепечид, хомӯш истодам.

- Аҷиб, мо тамоми поездро кофтем, ду маротиба ба вагон-ресторан рафтем. Гуфтанд, ки кайҳо ошро гирифта рафт, охир як соат боз куҷо будед? - гуфта иддао кард шахси ба ман ношинос.

Айнии зирак шояд ҳолати ногувори маро фаҳмид, ки дилсӯзона “шинед, шинед, писарам” гуфта аз паҳлӯяш ҷо дод. М. Турсунзодаю М. Нарзибеков бо шубҳа ба чизи латтапеч нигаристанд ва кушода диданд, ки кастрюли пур аз ош аст. Онҳо ботааҷҷуб китф ба ҳам кашиданд.

Дигар чанд муддат касе ба ман гап намезад, шахси ношинос, тахмин мекунам, ки марҳум Н. Нурматов буд, ошро ба табақчаҳо кашид, гӯштро пора кард. Асрори бедарак шудани ман ҳанӯз ҳам ниҳон буд, гӯё ҳеҷ кас ба кушодани он ҷуръат намекард.

М. Турсунзода пиёлае сари даст ба Айнӣ муроҷиат кард:

- Дарвоқеъ, шумо пинҳон доред ҳам, мо медонем, ки имрӯз зодрӯзи муборакн шумост, барои дили бузургу истеъдоди ғании шумо, устоди азиз.

Ҳама иззати соҳибҷашнро ба ҷо оварданд. Айнӣ ҳам, пеш аз пиёларо ба лаб бурдан, бурутҳояшро ҳамвор карду ба аҳли купе маънидор ва синчакорона нигоҳ кард. Мирзо Турсунзода “гиред, устод, охир имрӯз нанӯшед, кай менӯшед”, гуфта хандид. Айнӣ як рӯяшро турш карду каме нӯшид. Аҳли сӯҳбат ба ош даст бурд.

- Ош шудагӣ барин-ку, аммо каме хунук шудааст, - гуфт шахси ношинос.

- Шумо аҷоиб одамед, дар поезд ҳамин қадар ҳам шудааст, шукр

гӯед. Чӣ намерасад, биринҷ ҳаст, гӯшту равған ҳаст, ба назарам обу намакаш ҳам бечо нест. Раҳмат ба ошпаз, - гуфт М. Турсунзода.

- Комсомолҳои мо аноӣ не, - гуфта гапи Турсунзодаро қувват дод М. Нарзибеков.

Пас аз фурсате Айнӣ гулӯ афшонда гуфтанд:

- Рости гапро гӯям, Мирзоҷон, ман ҳеҷ гоҳ гумон надоштам, ки имрӯз палав мехӯрем. Ин ташаббуси шумо буд. Боз ба хотиратон рӯзи таваллуди ман омадааст. Мани мӯйсафеда хурсанд кардед, раҳмат ба шумо. Ман барои саломатии ҳамаи шумоён менӯшам. Аввало ба ошпаз раҳмат. Офарин, писарам. - Ва дарҳол ба ман рӯ овард: - Истед, ки писарам, комсомол гӯям-мӣ, ошпаз гӯям-мӣ, шумо чӣ ном доред ва аз куҷо?

Ман аз гармии вагон каме ба худ омада будам, номам ва зодгоҳамро гуфтам.

- Э чӣ хуб, э чӣ хубе. Ман Панҷекатро нағз мебинам, хусусан қишлоқи Кулоливу Панҷрудро. Мо бо рафиқ Ғафуров борҳо онҷо сафарҳо кардаем, зодгоҳи Рӯдакиро ҷустуҷӯ кардаем. Ман аз Панҷекат гӯед?

Ман бо аломати ризо сар ҷунбонидам.

- Шумо Шарофи Муҳаммадӣ ва Бараказодаро мешиносед?

- Бале, домулло, мешиносам. Бараказода ҳамсояамон буданд. Муҳаммадиев дӯсти наздик ва бародархонди падарам, рафту омад дорем...

Баъд Айнӣ "хеле хуб" гуфту хотироти сафарҳояшро дар ҷустуҷӯи қабри Абӯабдулло Рӯдакӣ, корезҳои Панҷакент, ёдгориҳои археологӣ, мева, одамони вай нақл кард, боз илова намуд, ки ба вай аз ҳар чӣ зиёд лаззати биринҷу себу ангури Панҷакент писанд аст. Умуман мардуми Панҷакент ошпаз, мардуми зиндадил, гуфта суханашро тамом кард Айнӣ.

- Комсомолҳои мо ҳунарманд, - гуфта боз ба гап даромад М. Нарзибеков ва ба ман рӯ оварда, илова кард:

- Раҳмат, уко, оши хуб пухтӣ. Аммо чи хел мо туро гум кардему чаро ош хунук шуд, дар ҳолати ногувор омадӣ? Чӣ шуд?

Ман маҷбур шудам, ки буду шуди воқеаро гӯям.

- Бало ба сари ош, тез дегро партофтан лозим буд, чӣ ҳоҷат, ки ин қадар азоб кашед, - насиҳат кар Айнӣ.

- О, қиммати ин ош ба ҷони одам баробар аст, рафиқон, - гуфт Турсунзода.

Маро аз ин гуфтугузори дилсӯзона ҳаё зер карда буд, арақ кардам ва ниҳоят гуфтам:

- Ин тавр бошад, ошро хӯретон, ки намонад.

- Майлаш, офарин бачем, - гуфт Айнӣ, - ин ошро нахӯрдан гуноҳ аст, қариб, ки оши Панҷакент барин шудааст. Воқеан, писарам, шумо ин ошро бо кадом усул пухтед? Усули Ҳисор, Самарқ-

анд ё Панҷакент?

Чун гап ба ин ҷо расид, ман ноилоҷ ба сирри ошпазиам иқрор шудам:

- Муаллим, ман ягон усулро намедонам, ин ошро Майрамхон ном қазоқзан пухт, ман фақат ба ӯ кӯмак расонидам.

- Пас оши қазоқӣ шудааст. Майрамхони қазоқ ин ошро махсус барои устод пухтааст.

- Имрӯз, Мирзоҷон, - гуфт Айнӣ, - мо танҳо аз он қазоқзанак қарздорем. Хуб мешуд, ки ин китобро ба вай тӯҳфа мекардем.

Устод ба варақи аввали китобаш ба ҳуруфоти арабӣ ёдномае навишту ба ман дод, ки ба Майрамхон расонем. Ӯ бисёр шод гашт.

Дарёфти дидори бузургон шарифтарин неъматест, ки чун файзи баҳорон, ки чаману гулистонро тароват мебахшад, синаҳоро мусаффо намуда, дилро ба сӯйи ростию вафо тамоил медиҳад ва инсонро ба сӯйи некӣ ва ҳақ ҳидоят менамояд. Аз он мулоқот бо устодон Айнӣ ва Турсунзода беш аз чиҳил сол гузашт. Аммо хушии он сӯҳбат, лаззати дидори мубораки онҳо ва ҳарфҳои шакарборашон дар лавҳи хотирам то имрӯз нақш баста, ёди он рӯзҳо дида ва шуурамро мусаффо мегардонанд, ки инак ба хонандагони азиз баён кардам.

Дар солҳои сипаригашта, хусусан дар аснои носозиҳои миллӣ, баҳсу талошҳои гурӯҳҳои мухолифи роҳгумзада, мо гаштаю баргашта ба эҷодиёти бебаҳою ҳаётбахши Садриддин Айнӣ муроҷиат менамудем ва ба муаммоҳои пешомада ҷавоб меҷустем. Беҳуда нест, ки дар арафаи ҷашни ҳазору садсолагии давлатдории Сомониён Президенти ҷумҳурии соҳибистиқлоламон Эмомалӣ Раҳмонов бо фармони махсуси худ устод Садриддин Айниро аввалин Қаҳрамони халқи тоҷик эълон намуд. Ҷасорати бузург ва заҳмати бемислу монанди Айнӣ дар ҳимояи эҳёи бисоти маънавии халқамон, ғояҳои инсонпарвариву созандагии ӯ ҳамчун ганҷинаи гаронбаҳо аз аҷдод ба аҳфод мерос хоҳад монд.

ХИШТҲОИ ТИЛЛОИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Аввалҳои моҳи июли соли 1998 ду эҷодгари ҷавон - Халилзода ва Шарифӣ, - гуфтанд, ки ният доранд бахшида ба саҳми Бобоҷон Ғафуров дар инкишофи фарҳанги ҷумҳурӣ филмеро таҳия намоянд ва мехоҳанд бо ман дар ҳавлиямон дар ин бора сӯҳбатеро аз мулоқотҳоям бо он инсони наҷиб биороянд. Розӣ шудам қисса кунам, - фардо биёед гуфтам Аммо ҳаёт ҳукми худашро бароварду ин гуфтугӯи мо дар бемористони чаҳоруми шаҳри Душанбе сурат гирифт.

Халилӣ якбора пурсон шуд:

- Мулоқотҳои аввалин ва охирини худро бо устод Ғафуров дар хотир доред?

- Дорам, дар хотир дорам гуфтаму афзудам: - ман аз бачагӣ номи Бобоҷон Ғафуровро мешунидам ва ба шахсияти мумтози ӯ эътиқод мепарваридам. - Аммо вохӯрии нахустинам соли 1953 ҳангоми ба вазифаи масъул тасдиқ намуда, ба собиқ вилояти Ғарм фиристониданашон, бори охирин, дар ҳамин бемористон дар қабати дуюм, ҳуҷраи бисту дуюм, даҳ рӯз пеш аз вафоташон буд, ки аллакай бисту як сол гузаштааст.

- Аҷоиб, яъне мо дар бемористони таърихие ҳастем, ки Бобоҷон Ғафуров вопасин лаҳзаҳои умрашонро ҳаминҷо гузаронидаанд, гуфт бо ҳаяҷон ҳамсӯҳбатам.

- Бале, бале писарам, ҷасади ин марди хирадманд, бунёдгари илму фарҳанг ва ходими барҷастаи ҷамъиятию давлатиро 12 июли соли 1977 аз ҳамин ҷо бароварда будем, гуфтаму шарҳ додам: - устод чанд моҳ пеш аз вафоташон барои иштирок ба иҷлосияи минтақавии илмҳои ҷамъиятӣ омада будаанд. Шояд дилашон гувоҳӣ медод, ки дарди аҷал гиребонгирашон шудааст, ки ихтиёри ба Маскав баргаштанро накардаанд...

Ҳамсӯҳбатҳои ман узр пурсида рафтанӣ шуданду гуфтанд, ки барои сӯҳбати батафсил бори дигар, баъд аз беҳтар шудани саломатиам меоянд. Онҳоро гусел кардаму беихтиёр варақҳои хотиротам аз мулоқотҳо бо Бобоҷон Ғафуров рӯгардон шудан гирифтанд... Дар андеша будам, ки дар сӯҳбати оянда кадомашонро ба ҷавонон ҳикоят намоям, гарчанде ҳама мулоқотҳоям бо он инсони наҷиб шахсияти барҷаста фаромӯшношуданӣ ва дар хотирам сахт нақш баста. Вале ба назарам сӯҳбати ҳалимонаи тӯлоние, ки дар ҳамсафарии охирин бо Бобоҷон Ғафуров ба Озарбойҷон моҳи маи соли 1976-ум доштам, беҳад ҷаззоб ва мароқовар менамуд. Агар мулоқотҳои пешина баъзан тасодуфӣ, расмӣ ё хизматӣ бошанд, ин дафъа мо дар тайёра бо устод ҳамчун шиносҳои дерина вохӯрдему бари ҳамдигар нишастем.

Дар шаҳри Боку конференсияи умумиҷаҳонии Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ва ҷашни бистсолагии ин созмони бонуфузи байналхалқӣ баргузор мегардид. Ба ҳайати вакилони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Тамара Абдушукурова, Тоҷинисо Азизова, Зуҳуршо Раҳматуллоев, Юсуф Раҷабов ва камина шомил будем, ки дар як ҳавопаймо парвоз менамудем.

Гарчанде сиҳатии худи Мирзо Турсунзода чандон хуб набуд, (табиби махсусе ҳамсафарӣ мекард) вай ба Бобоҷон Ғафуров аҳамияти махсус медоду дар оғози парвозамон ба ман гуфт:

- Мулло Холмурод, коре кунед, ки Бобоҷон Ғафуров хафа ва дилгир нашаванд, агар лозим шавад, духтуру доруҳои лозимӣ дорем, фармоед, хизмат мекунад.

Ҳавопаймо якзайл парвоз менамуд. Бобоҷон Ғафуров қомат рост карда, аввал ба атроф, баъд ба соаташон нигаристанд:

- Эҳе, то ба Боку расидан сабру тоқати зиёде даркор, биёед хомӯш нанишинед, аз кору боратон, бештар аз вазъияти фарҳанг, маданият, санъат нақл кунед, - гуфтанд бо табассуми ширине.

- Ба чашм, - гуфтаму ба устод аз бозёфтҳои эҷодӣ, асарҳои тозаи Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ва аз офаридаҳои соҳибқаламони нисбатан ҷавон Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ, Ансорӣ, Қутбӣ Киром, Гулчеҳра ва дигарон ҳикояти мухтасар намудам.

Устод, ки гуфтаҳои маро бо диққат гӯш мекарданд, - "бисёр хуб" - гуфтанду пурсон шуданд:

- Репертуари театрҳо дар чӣ ҳол аст?

- Дар ин ҷода ҷунбиши назаррасу тағйиротҳои муфид мушоҳида мешаванд, - гуфтаму афзудам, - акнун нависандаҳои тоҷик барои театр ҳам ба ҷуръат асарҳо, песаҳо менавиштагӣ шуданд. Баъд аз Сотим Улуғзодаву Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Ғанӣ Абдулло, боз дигарон, аз ҷумла Файзулло Ансорӣ, Шамсӣ Қиёмов, Муҳаммадҷон Рабиев, Абдусалом Атобоев, Султон Сафаров, Аъзам Сидқӣ, Тӯрахон Аҳмадхонов, Мавҷуда, Гулрухсор ва дигарон низ асарҳои саҳнавӣ эҷод мекардагӣ шуданд.

- Мебинам, ки дар фаъолияти театрҳо ҷунбиши куллӣ рӯй медиҳанд, - гуфтанд устод Бобоҷон Ғафурову афзуданд - бе драматургияи бақувват театр - театр шуда наметавонад. Албатта, муаллифҳои худамонро тарбия ва дастгирӣ намудан лозим, аммо аз ганҷинаҳои дараҷаи умумиҷаҳонӣ бенасиб шудан ҳам гуноҳи азим аст. Театру драматургия барои маданияти тоҷик падидаҳои нав аст гӯем, хато намешавад, барои ҳамин ҳам ба ин соҳа аҳамияти махсус ва ҷиддӣ додан лозим, - гуфтанд Бобоҷон Ғафуров.

Ҳар қадар, ки бо Бобоҷон Ғафуров сӯҳбатамон қӯр мегирифт, ҳамон қадар амиқ дарк мекардам, ки он кас паҳлӯҳои нозуки фарҳанги миллиро синчакорона омӯхтаанду хуб медонанд, дар ин бобат ғамхорона муҳокима меронанд, барои инкишофи он маслиҳатҳои муфид медиҳанд.

Дар ҷараёни сӯҳбат Бобоҷон Ғафуров иқрор ҳам мешуданд, ки замоне мо ҳам бо эҷодкорон сару кор доштем, мехостем онҳоро барои офаридани асарҳо бахшида ба санаҳои муҳими таърихӣ, рӯйдодҳои навини ҷамъиятӣ сафарбар намоем. Онҳо моро гӯш мекарданд, асарҳои дархости иҷтимоӣ ҳам меофариданд, аммо на ҳамаи он асарҳо инъикоси ҳақиқии ҳаёт буданд, зеро онҳо баъзан зӯракӣ асар менавиштанд, чунки агар асари бадеӣ бо амри дили эҷодгар офарида нашавад, вай таъсирбахш садо намедиҳад.

Баъд Бобоҷон Ғафуров аз таърихи ташкили дастаҳои эҷодии касбии тоҷик, аз ҷумла театри драмавии ба номи Лоҳутӣ, театри опера ва балети ба номи Айнӣ, филармонияи давлатии тоҷик, ан-

самблҳои бонувони рубобнавоз ва "Шашмақом" нақл карда афзуданд:

- Аз шумо ва дигар масъулон хоҳиш мекунам, ки ба ансамбли бонувони рубобнавоз диққати махсус диҳед, зеро он аввалин дастаи этнографии эҷодии миллии занони тоҷик аст, ки чун рамзи зани озоди тоҷик тамоми СССР-ро қоил карда буд. Ҳусни он бонувон, қаду қомат, овоз ва ҳунари онҳоро намегӯед.

Аз боби санъати "Шашмақом" устод ёдовар шуда, таъкид намуданд:

- Дар Сталинобод фақат Фазлиддин Шаҳобов зиндагӣ мекард, лозим омад Бобоқулака Файзуллоевро аз Бухоро, Шоҳназар Соҳибовро аз Тошканд, дигаронро аз гирду атроф ҷамъ кунем. Онҳо тавонистанд, Неҳриё Аминов, Маъруфхоҷа Баҳодуров, Барно Исҳоқова, Аҳмад Бобоқулов, Фариза Саъдуллоева, Нӯъмон Тоштемуров ва навозандаҳои моҳирро ба ин кори наҷиб сафарбар намоянд, машқҳои тӯлонӣ гузарониданд ва бо ёрдами мусиқишинос Беляев ва Шоҳназар Соҳибов он шоҳасари безаволро ба нота гузарониданд, ки китоб шаваду чун сармашқ ба авлодҳои оянда ҳамчун намунаи бебаҳо боқӣ монад.

Ба нақли устод ҳамраъйӣ намуда гуфтам, ки бунёдгарони он асари панҷҷилда сазовори Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ низ гардиданд.

- Бале, бале - гуфтанд устод Бобоҷон Ғафурову фикрашонро давом доданд, - лозим аст, ки ин асари аҷдодиро нафақат як идда ҳунарварони шашмақомхон сароянд, он бояд дар барномаҳои мактабҳои мусиқӣ, донишкадаҳои олии фарҳанг, нақшаҳои кории қасрҳои маданият, клубҳо, дастаҳои ҳаваскорони санъат низ дохил гардад ва олимони фарҳангшинос дар омӯхтану таҳлилу тарғибашон босамар фаъолият намоянд.

Бобоҷон Ғафуровро гӯш мекардаму суханҳои ду сол пеш дар Иттифоқи нависандаҳо дар ҳузури Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Муҳаммад Осимӣ, Тилло Пӯлодӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Убайд Раҷаб ва дигарон гуфтаашон ба хотирам меомаданд:

- Ба ақидаи ман, барномаҳои мактабҳои ибтидоӣ, ҳафтсола ва миёна ба талабот ҷавоб намедиҳанд, зеро дар онҳо масъалаҳои батафсил омӯхтани забони модарӣ, намунаҳои беҳтарини мероси адабию мусиқӣ муфассал инъикос наёфтаанд, хуб мешуд, агар китобҳои таърихи халқамон аз сари нав навишта мешуданд. Забони русиро ба дараҷаи кофӣ медонанд, донандаҳои варзида ва мутахассисони обрӯманди забонҳои хориҷӣ зиёд шуданд. Вале афсӯс, ки аксари мардуми мо забони адабии миллии худ, баъзеҳо ҳатто ягон лаҳҷаи тоҷикӣ ва таърихи халқи худро намедонанд, - мегуфт бо таассуф устод Бобоҷон Ғафуров.

Сафари осмонии мо давом мекард. Духтарони дӯстрӯю таннози роҳбаладамон хӯрок оварданд. Бобоҷон Ғафуров таомро хӯрда, доруву дармон қабул намуданду гуфтанд:

- Шумо ҳанӯз ҷавонед, ба дорую дармон эҳтиёҷ надоред, аммо маро иллатҳои зиёд домангир шудаанд, ки бе дору осоиш надорам.

"Дард меояду меравад" - мегӯянд, устод ҳоло корҳои бузург шуморо дар пеш интизоранд, гуфтаму пурсон шудам: - То андозае, ки огоҳам, тамоми ҷараёни бунёди созмонҳои фарҳангии давраи навин, ҳатто ҳалли ҷузъитарин ҷиҳатҳои фаъолияти онҳо - тайёр кардани мутахассисҳо, маводи саҳнавӣ, таъмини асбобҳои мусиқӣ, нақлиёт - ҳама дар мадди назари шумо будаанд. Ин аз ихлосмандии шумост ба ин соҳа ё аз дарки зарурати инкишофи он?

- Саволи аҷоиб, - гуфтанд устоду посух доданд, ҳам инашу ҳам онаш. Миллати бе маданият миллат нест. Адабиёт, санъат симои миллатро ифода мекунанд. Хуб гуфтааст оқиле - зиндагии бе меҳнат дуздӣ бошад, зиндагии бе фарҳанг ваҳшигарист...

- Бо як гул ва ё як навъ гул боғ равнақ надорад, ҳар гулеро бӯе гуфтаанд. Мо аввал ба он риштаҳои санъат диққат додем, ки қаблан дар республикаи мо вуҷуд надоштанд, мисли опера, балет, санъати драмавӣ. Дар натиҷа ҳунармандони касбӣ, артистони номӣ, бастакорони машҳур ва сарояндагони мумтоз ба камол расиданд. Вале ҳунари суннатии халқи худро ҳаргиз аз хотир набаровардаем, ки намунааш таҳия ва нашр гардидани дурдонаҳои "Шашмақом" аст, ки шумо ёдовар шудед. Санъати хоси Помир, рақсҳои аҷоиби Кӯлоб, мавригиҳои Бухоро, гӯрӯғлисарой, хониши фалак ҳамаи ин ғановати халқ аст. Барои дарёфти талантҳо ва истеъдодҳо ҳар сол азназаргузаронии ҳунари мардум барпо мешуд. Дар ин маърака соҳибҳунарони худрӯ пайдо мешуданд, ки бо вуҷуди маълумоти касбӣ надоштан чун арбобони шоистаи ҳунар ба воя расиданд. Аммо консерваторияи худамонро ташкил кардан зарур аст.

Аз афташ Бобоҷон Ғафуров хаста шуданд, ки фурсате сукут варзиданд. Ман эҳсос кардам. Лекин намехостам, ки сӯҳбати ширинамон хотима пазирад. Баъди лаҳзае бидуни ихтиёр гуфтам:

- Маъзарат устод, аз забони бисёр ходимони санъат шунидаам, роҳбарон бисёр буданд, аммо касе ба мисли Бобоҷон Ғафуров дақиқ, дониста, дилсӯзона ва мунтазам санъатро, ҳунарваронро сарпарастию ғамхорӣ накардааст, - мегуфтанд.

- Киҳо ин тавр мегӯянд? - гуфта бо хушҳолӣ пурсон шуданд устод.

- Ғаффор Валаматзода, Шамсӣ Қиёмов, Зиёдулло Шаҳидӣ, Абдусалом Раҳимов ва дигарон гуфтам дар ҷавоб.

Устод Бобоҷон Ғафуров нимтабассуме карданду фурсате хомӯш ба рӯям нигоҳ карданд.

- Боре Валаматзода нақл карда буд, ки солҳои баъдиҷангӣ ва дасттангӣ, вақтҳое, ки бисёриҳо трактorро аз театр фарқ намекарданд. Бобоҷон Ғафуров дар донишкадаҳои фарҳангии Москваю Тошканд махсус ҷойҳо гирифта, соҳибистеъдодҳои умедбахши халқамон, аз ҷумла Ҳанифа Мавлонова, Анвар Муллоқандов, Ҳоҷӣ Аҳмадов,

Мулук Баҳор ва бастакорони оянда Зиёдулло Шаҳидӣ, Шарифҷон Бобокалонов, Фозил Солиев, Насимҷон Пӯлодовро ба шӯъбаи вокалию оҳангсозӣ, Азиза Азимова ва каминаро ба шӯъбаи балетмейстерӣ, ҳамчунин скрипканавоз Ибодулло Абдуллоевро, ки нав аз ҷанг ва армия баргашта буд, ба класси дирижёрии оркестрҳои симфонии шӯъбаи миллии консерваторияи Москва фиристода буданд.

Валаматзода муҳобот кардааст, - гуфтанд Бобоҷон Ғафуров ва афзуданд: - ба ҷои мо каси дигар ҳам мебуд, ин корҳоро мекард. Мо фақат вазифаамонро иҷро кардем.

- Бахшиш металабам устод, вазифаиҷрокунӣ ҳам ҳар хел мешавад. Бисёриҳо ҳанӯз ҳам миннатдоранд, ки Бобоҷон Ғафуров баъд аз моро ба хондан фиристонидан ҳам, аз ҳолу аҳволамон бохабар буданд, доим ғамхорӣ менамуданд. Борҳо Шамсӣ Қиёмов нақл карда буд, ки вақтҳои дар Москва таҳсил намуданамон Бобоҷон Ғафуров моро зуд-зуд хабар мегирифтанд, ғамхорӣ мекарданд. Як мулоқотамашон ба фасли зимистон рост омад. Устод диданд, ки либосҳои мо тунуку чуруканду ба ҳавои сарди Москва мувофиқ нестанд, ба вакили доимии Тоҷикистон назди Ҳукумати Иттифоқӣ саволомез гуфтанд: - Мебинед, либосҳои инҳо ба обу ҳавои ин ҷо мувофиқ нестанд, зуд ба ҳар кадомашон палтоҳои гарм харида диҳед, масъалаи пулашро ман ҳал мекунам.

Ин гуна нақлҳоро ман аз бисёр ходимони санъат шунида будам, аммо ҳамаи онро наметавонистам, ки ба Бобоҷон Ғафуров бигӯям. Ибодулло Абдуллоев боре нақл карда буд, ки тобистони соли 1950 дар толори консерваторияи Москва ба номи Чайковский чун дирижёр ҳунарнамоӣ мекард. Аз тамоми хатмкунандагони шӯъбаи миллӣ танҳо ӯ буд, аз шӯъбаи русӣ ҳам як кас. Оркестри симфонии филармонияи вилояти Москва дар ҳузури 1300 кас симфонияи шашуми Чайковскийро менавохту онро ӯ идора мекард. Консерт бо кафкӯбиҳои пурмавҷ поён пазируфт. Дар фарҷоми консерт Бобоҷон Ғафуров, ки котиби якуми Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон буданд ва раиси Совети Вазирони ҷумҳурӣ Ҷ. Р. Расулов маро даъват намуда, табрик карданд ва аз он консерт ҳаловат бурданашонро изҳор намуданд. Ман аз ҳузури онҳо дар консерт хабар надоштам. Бобоҷон Ғафуров сипас ба Ҷаббор Расулов рӯ оварда гуфтанд: То ба Тоҷикистон баргаштан ин кас дам гиранд, истироҳат кунанд. Мувофиқи супориши Бобоҷон Ғафуров ба ман як путёвка ва маблағ доданд, ки як моҳ дар соҳили баҳри Сиёҳ дам гирам. Кирои роҳро ҳам аз баҳри Сиёҳ то Сталинобод ҷудо намуданд.

Бобоҷон Ғафуров одати аҷиб доштанд, ки дар мавриди сӯҳбат як ба рӯйи одам нигоҳ мекарданду баъд сарашонро ба тарафи дигар тофта гап мезаданд. Хислати дигари устод боз дар он буд, ки суханпардоз набуданд, вале ниҳоят бо мантиқ, пурмағз ва воқифона ҳарф мезаданд. Хотираи қавӣ доштанд. Дар бораи ҳунари Раъно Ғолибова, Зӯҳро Каримова, Барно Аҳмадова бо шавқ сухан мегуфтанд, рақ-

си Ашӯра Носироваро хеле меписандиданд.

Устод, ки суханҳои маро бо диққат гӯш мекарданд, нигоҳи маънидоре карданду сар ҷунбонданду гуфтанд:

- Беҳуда нагуфтаанд, ки санъат қурбонӣ металабад. Шахсе, ки ба даргоҳи санъат пой мегузорад, ӯ бошуурона худашро фидои он касб мекунад, ба назари вай ғайр аз ҳунараш чизи дигар наменамояд, ба як маъно ӯ бе ҳимоя аст. Барои ҳамин роҳбарон бояд дарди дили онҳоро бифаҳманд, зуд-зуд бо онҳо мулоқот намоянд, ба қадри заҳмати эҷодгаронашон бирасанд, муҳимаш шароити кору зиндагӣ муҳайё намоянд. Ин талаботи аввал, талаботи дуюм ин аст, ки санъат барои санъат набуда, санъат барои халқ шавад. Яъне ҳар чизе, ки адибон, кормандони саҳна, кино, оҳангсозон, рассомон меофаранд, бояд дастраси мардум шаванд, - гуфтанд Бобоҷон Ғафурову илова намуданд, - ин чизҳоро ба хотири Ҷаббор Расулов ҳам оварда истед...

Ман ҳар боре ба Душанбе оям, ба театр рафта, спектаклҳои навро тамошо мекунам. Хеле ҷавонони боистеъдод дар театри ба номи Лоҳутӣ ҷамъ шудаанд.

Лекин дар саҳнаҳо он қадар бӯсу канор бисёр, ки ғами касро мебиёрад. Гӯё раванди санъати театри ҷаҳонӣ ҳамин будааст. Мавқеи ғоявии театр баъзан муайян нест. Ба покии ахлоқи мардум бояд бисёртар аҳамият дод. Дар телевизион, ҳам дар консертҳои эстрадӣ вағу вуғ ва ҳаракатҳои ноҷои нолозим зиёд. Натарсида устодони ин касбҳоро ба марказҳо даъват карда, ҳунари ҷавононро сайқал додан лозим.

- Устод, агар аз гуноҳам гузаред, аз Шумо як чизро пурсиданиям.

- Марҳамат, пурсед, - гуфтанд устод.

- Рост аст, ки шумо дар вақти мусофирататон дар Москва саркор Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев ва чанд нафари дигар вакилони анҷумани колхозчиёнро ба театри Калон ба намоиши балети "Қӯли Қӯвон" фиристода будед?

Устод бо завқ хандиданд.

- Рост, рост, ҳамин тавр ҳам шуда буд, - гуфтанд ва илова карданд: - дидам, ки раис (Ӯрунхоҷаев) бегоҳӣ чӣ кор мекунем, гуфта майли маро ба ресторан бурдан дорад, - гуфтам, - раис бегоҳӣ ман банд ҳастам, бо Маленков вомехӯрам, хуб мешуд, шумоён ба ресторан не, ба театри Калон раветон. Ресторан дар ҳама ҷо ҳаст. Шумоён одамони пешқадам, ба театр раветон... Ба ёрдамчӣ супориш додам, ки рафта зуд барои театр панҷ билет оварад... Ман аз паси корҳоям шудаму бегоҳӣ соати даҳ баргаштам ва раису ҳамроҳонашро ба утоқам барои чойнӯшӣ даъват намудам.

Аз Ӯрунхоҷаев пурсидам, раис, чӣ хел, тамошо маъқул шуд?

- Э, ман қоил, - гуфт Ӯрунхоҷаев дар ҷавоб. Дар дилам шубҳае пайдо шуду аз нав пурсон шудам, қоил шуданатонро чӣ тавр фаҳмем. Шумо ба кӣ қоил, ба артистҳо, музика, умуман намоиш?

- Ман ба Ҳукумати Советӣ қоил, ки ин қадар гунгҳоро ҷамъ карда тамошо нишон медиҳанд, боз мардум пул дода, онҳоро тамошо мекунанд. Аҷоибаш боз дар он ки ба онҳо ин қадар ҳурмату эҳтиром карда қасри боҳашамату тиллокорӣ додаанд, - гуфт Ӯрунхоҷаев.

- Шуд, шуд раис, - гуфтаму ӯро ором намудам. Баъд, дар рафти шомхӯрӣ аз хусусиятҳои санъати театр - драма, опера, балет нақл намудаму гуфтам: - Шумо аз зоти заҳматкаш ҳастед, бояд ба қадри меҳнати санъаткорон расед. Бо мурури замон, чи мегӯед, ки Ӯрунхоҷаев шаклҳои мураккаби санъат, аз ҷумла балетро мефаҳмидагӣ шуд ва ба ҳунари Малика Собирова эҳтироми хоссае пайдо карда буд.

- Агар хаста нашуда бошед, як чизи дигарро низ пурсам?

- Не монда нашудаам, хайрият, ки бо шумо як ҷо нишастем, роҳи дури дилгирро сӯҳбати хуб кӯтоҳ мекунад. Боз чӣ пурсиданиед? - гуфт Бобоҷон Ғафуров хушҳолона.

- Устод рост аст, ки яке аз олимони ҷавони умедбахш Аълохон Афсаҳзод розигии шуморо пурсидааст, ки аз ҳаёту фаъолиятатон очерк бинависад. Шумо ба ӯ фармудаед, ки аввал бахшида ба Акашариф Ҷӯраев очерк навист.

- Ҳа, боре аз Афсаҳзод, ки ҷавони ғайратманди пуркор аст, хоҳиш намудам, ки корректураи китоби "Тоҷикон"-ро хонад. Бодиққат хонда омад ва бо ҳаяҷон онро таъриф карда, хоҳиши дар бораи ман очерк навиштанро гаштаю баргашта изҳор намуд. Рӯирост ин хоҳиши ӯро рад накардам. Чанде пештар мақолаи муфассалашро дар бораи "Шашмақом" ба ман дода буд. Қаламаш нағз, мусиқиро хуб мефаҳмад. Агар ӯ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Акашариф чизе менавишт, хеле хуб мешуд. Медонед, дар байни мардуми мо кам нестанд чунин ашхосе, ки нисбат ба артистҳо муносибати носолим, ба ибораи дигар назарбаландӣ доранд. Ман ба чунин касон эҳтиром дорам...

Вақте ки Акашариф Ҷӯраев месарояд, ҳазорон нафар ҳаловат мебаранд, илҳом мегиранд, як суруди ӯ "Субҳи Кобул" халқҳои Афғонистону Тоҷикистонро то чӣ андоза наздик кард. Сурудҳои ӯ "Дараи Камаров", "Соқ-соқиҷон", "Чорбоғи боло" ҳар кадом як олами завқу маънӣ. Тамоми хонаводаи ӯ аҳли созу суруду рақс. Вай чӣ қадар шогирду ҳаводор дорад, меарзад, ки дар зиндагиаш ба ӯ ҳайкал мегузоштем. Барои ҳамин ҳам назари ман ба насли эҷодкор батамом дигар аст, вазирону подшоҳон меоянду мераванд, эҷодкорон абадӣ мемонанд...

Бобоҷон Ғафуров ин суханҳоро мегуфтанд, ки духтарони пешхизмат огоҳ намуданд: - Сафаракиҳои мӯҳтарам, баъд аз бист дақиқа тайёраи мо ба шаҳри зебои Боку мефурояд, омодаи пешвозгирӣ бошед. Афсӯс, ки садои овози роҳбалад риштаи он сӯҳбати дилангези моро канда кард. Хушбахтона моро дар як меҳмонхона ҷой карданду бо Бобоҷон Ғафуров ва дигарон якҷоя ба маҷлисҳо, мулоқотҳо, таомхӯрӣ мерафтем, сӯҳбатҳои мо бо он абармарди илму хирад, ҷигарсӯзи миллат давом дошт, ки аз он ҷаҳон-ҷаҳон таассурот мебардош-

там. Агар тавонам онҳоро баъдтар ба қалам хоҳам дод. Ҳоло ҳамин қадар гуфтаниям, ки Бобоҷон Ғафуров бе муҳобот шахсияти нотакрор ва бузург аст, бунёдгар аст, эҷодгар аст. Аз бисёриҳо мешунавам, ки мо бо номи Ғафуров ифтихор дорем. Фақат бо номи ӯ ифтихор кардан кам аст. Мо агар тоҷикони асил бошем, бояд ба вай пайравӣ кунем. Саҳмгузори беҳбудӣ, тинҷию оромии кишварамон, фидоии инкишофи илму фарҳанг бошем, муҳимтараш, ба болои ҳазорон хиштҳои тиллоии Бобоҷон Ғафуров ақаллан як хишти оддие гузоремму баъд гӯем, ки мо ҳам аз насли Ғафуров ҳастем.

Албатта, ҳар як эҷодкор меъёру қудрати эҷодгарии худро дорад ва на ҳама даъво мекунанд, ки ба дараҷаи ахторони тобноки миллати тоҷик Айнӣ, Ғафуров, Турсунзодаю Лоҳутӣ бирасанд. Хушбахтона, давомдиҳандагони анъанаи онҳо, пайравони мактаби бунёдгарии Айниву Ғафуров бешуморанд, ки дар қатори онҳо Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Аловуддин Баҳоваддинов, Аҳрор Мухторов, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар ва дигаронро номбар кардан мумкин аст. Дар инкишофи илму фарҳанг, хусусан санъати касбии тоҷик саҳми Бобоҷон Ғафуров бебаҳост ва унвони Қаҳрамони халқи тоҷик барояш арзандаву зебандааст.

ҶОНФИДОИ ТОҶИКИСТОН

Тирамоҳи соли 1960-ум мо як гурӯҳ шунавандагони Академияи илмҳои ҷамъиятӣ аз Москва ба зиёрати шаҳри афсонавӣ ва овозадор Ленинград роҳсипор мешудем. Дӯсти булғориам Чавдар Добрев аз ман пештар аллакай ба колаи оҳанин (автобус) баромада, бароям ҷои қулай интихоб кардааст. Ман ба ӯ арзи миннатдорӣ изҳор намуда, ба бараш менишастам, ки аз дари автобус бонуи миёнақади гандумранги сиёҳгесӯе ҳамроҳаш духтарчаи тақрибан шаш-ҳафтсола бо душворӣ вориди автобус мешуд. Ӯро дидан замон зуд аз ҷоям хеста, духтарчаашро бардоштаму кӯмак расонидам, ки ҷойгир шавад. Модару духтарча ба курсиҳои қабати мо ҷойгир шуданд. Хонум бо арзи миннатдорӣ даҳон кушоду гуфт:

- Чи хуш, ки шумо низ ҳамсафар будаед, духтарчаи ман меҳрубониҳои шуморо хеле дӯст медорад.

-Аз ҳузури шумо хуши ман ҳам меояд...

Ман ба хонум ҷавоб гардонда, ба духтарчаи дӯстрӯякаш хушгӯиҳо менамудам, ки ин дам Чавдар бо нигоҳи ҳайратангез овоз баровард:

- Ҳеҷ чизро намефаҳмам: медонам, ки ту тоҷикӣ. Хонум бошад аз Озарбойҷон. Шумо бо кадом забони ба ман нобалад ҳарф мезанед?

- Дӯстам, тааҷҷубат беҷо нест, - гуфтаму хонумро бо Чавдар муаррифӣ намудам: ин кас Ҳакима Булӯрӣ. Шоираанд аз Озарбойҷон.

Забони форсиро хуб медонанд, ҳатто бо ин лафз шеърҳо ҳам иншо менамоянд. Мо бо ҳамдигар бо ҳамин забони форсӣ, ки бо тоҷикӣ як аст, ҳарф мезанем, - гуфта ба Чавдар фаҳмондам. Чунин сурат гирифта буд оғози гуфтугузори тӯлонии мо дар он мусофирати фаромӯшнашаванда, ки қисматашро ба хонандаи азиз инъом карданием.

Гуфтугузори мо бо бону Ҳакима Булӯрӣ асосан нисбати адибону санъаткорони барҷастаи ҳарду миллати қарин ҷараён мегирифт. Мо аз қисмати эҷодии Низомии Ганҷавӣ, Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Собир ва саромадони барҷастатарини адабиёти форсу тоҷик ақида мерондем, ки Чавдар ҳам ба ҳайси санъатшинос бо мароқ гӯш меандохт ва аҳён-аҳён изҳори андеша ҳам менамуд. Чун риштаи сухан ба эҷодкорони муосир печид, Ҳакима Булӯрӣ хоҳиш намуд, ки муфассалтар шарҳ диҳам, ки кадом симоҳои номиро бо кадом ваҷҳ асосгузори адабиёти даврааи шӯравии тоҷик меномем? Албатта, ман зуд - устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзодаро номбар намудам ва бисоти эҷодиашонро мухтасар шарҳ додам.

Ҳакима Булӯрӣ ҳама суханҳоямро бо эҳсоси амиқ гӯш мекард ва мамнуну қаноатмандиашро ҳар дам бо нидои маҳини "муташаккирам", "чӣ аҷиб" ифода менамуд.

Баъд вай, ба назарам, табассуми сохтае карду маъзарат пурсид ва чунин савол дод:

- Шумо ҷиддӣ Лоҳутиро классики назми муосири тоҷик мешуморед? Магар ӯ эронинажод нест?

- Шумо, Ҳакимабону беҳуда узр пурсидед, саволи шумо комилан ба ҷо ва саҳеҳ аст. Ман шубҳаи шуморо ба хубӣ мефаҳмам, - гуфтаму илова намудам: - рост гуфтед, бону, ки Лоҳутӣ аз Эрон аст. Онҷо таваллуд ёфтааст, он ҷо ба воя расидааст, фаъолияти эҷодиву инқилобии вай ҳам дар ҳамон сарзамини муқаддас оғозу бунёд шудааст, - посух додам ман.

- Оё шумо метавонед, ки каме аз шарҳи ҳоли Лоҳутӣ ба ман қисса кунед? Мутаассифона, ман номи Лоҳутиро шунидаам, аммо ба фаъолияту зиндагиаш ва эҷодиёташ балад нестам, - гуфт Булӯрӣ, пашшаи ба рӯи духтарчааш нишастаро бо рӯймолчааш пеш намуда.

Ман ҳар чи қадар, ки медонистам, аз Лоҳутӣ ба ӯ нақл кардам:

- Мутаассифона, бо ин бузургвор ман аз наздик шинос набудам. Як-ду дидори аз дур, маро бахт ато карда буд, ки дар қатори дигарон суханони устодро шунавам, чандон нақши хосе дар хотирам нагузоштаанд. Бинобар ин хондагиҳоямро мегӯям. Фаъолияти барвақти инқилобии Лоҳутӣ дар Эрон шурӯъ шуда, зисту эҷодаш дар Истамбул, Бағдод ва ғайра идома ёфта, қисмат ӯро ба Кавказу Москва меорад. Ниҳоят вай дар Тоҷикистони шӯравӣ ватани дуюми худашро ёфтааст. Лоҳутӣ барои мо қаҳрамони миллист.

Булӯрӣ гарчанде ҳикояти маро бо завқ гӯш менамуд, аммо бо як ишораи шубҳаангез боз пурсон шуд:

- Бовариам намеояд, ки чӣ тавр як шахсияти аҷнабӣ дар мулки

бегона ба чунин пояи баланди эҳтиром ва шараф бирасад, ҳатто асосгузору классики адабиёти халқи дигар бишавад, - гуфт вай, ин дафъа ба завқ хандида.

- Бону Ҳакима, чунон ки гуфтам, Лоҳутӣ шахсияти табиатан исёнгару инқилобчӣ буд, истеъдоди басе бобаракат ва баланд дошт. Вай асосан сарояндаи мардуми ранҷбар буд. Ҳадафи асосии ӯ нақоти фаълаву деҳқон буд, ӯ абармарде буд, ки бо зулму истисмор меҷангид, маслаку мароми ӯ ин буд. Таваҷҷӯҳ кунед, ӯ мефармояд:

Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест.
Гар фишори рӯзгор обат кунад, мискин машав,
Мард бош, эй хастадил, шармандагӣ даркор нест.
...Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст,
Баҳри озодӣ ҷадал кун, бандагӣ даркор нест!

- Гӯед, бону Ҳакима, кадом шоири муосир чунин гуфтааст?! Боз илова намудам, ки Лоҳутӣ барои тоҷикон бемуҳобот бунёдгари маданияту маърифати нав буд. Вай дар Тоҷикистон якумин ташкилкунандаи нашриёт буд, дар офаридани аввалини китобҳои дарсӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо иштирок дошт, шеърҳои ӯро саросар дар мактабҳо, меҳмонхонаҳо, хонадонҳо мехонанд... Беҳуда нест, хиёбони Марказии пойтахти Тоҷикистон, мактабҳо, колхозҳо, ташкилотҳои эҷодиро ба номи вай мегузоштанд, - гуфтам ва нақламро кӯтаҳ намудам.

- Бароям ҳама ин нақлҳоятон ҷозибанд, мебахшед, ки боз музоҳими шумо мешавам, - гуфт Булӯриву каме ба андеша рафт ва бо як мулоиматии хоси занона афзуд:

- Афсӯс мехӯрам, ки аз эҷодиёти Лоҳутӣ бехабарам, ягон китобашро надорам, ягон шеърашро нашунидаам. Шумо метавонед боз намунаҳои шеъри Лоҳутиро қироат кунед?

- Бале, ба чашм, - гуфтам ва илова намудам, ки гуфтан мумкин аст, ки устухони мо бо шеъри Лоҳутӣ шах шудааст. Баъд аввал чанд байт ғазали машҳури шоирро, ки дар мусофирати Истамбул чун фиғони дил ба қисмати зодгоҳу халқи ситамдидааш бахшидааст, хондам:

Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,
Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.
Ба гардан бастаи чун риштаву бар пой занҷирам,
Мурувват кун, иҷозат деҳ, ки бикшоям даҳонамро.
...Дар ин кунҷи қафас, дур аз гулистон сӯхтам, мурдам,
Хабар кун, эй сабо, аз ҳоли зорам боғбонамро...
Мани бечора он рӯзе ба қатли худ яқин кардам,
Ки дидам, тоза бо гург улфате бошад шубонамро...

Ин сатрҳоро хондаму "чӣ тавр, Ҳакимабону?" - гуфта ба рӯяш маънидор нигоҳ кардам.

- Чӣ мепурсед, бародар, ин ҳама мӯъҷиза аст, ҳама рамз, - гуфт ӯ. Ман бошам барои аз равияи ҷиддӣ баровардани ҷараёни сӯҳбата-

мон шеъри "Парвона медонад"-и Лоҳутиро, ки ба вай Ҳофизи халқии Тоҷикистон Аҳмадулло Абдуллоев оҳанги дилошӯб баста буду хеле ҷозиб ва басе аъло мехонд, сурудам:

Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле, к-овора шуд аз лона медонад.
Нагирям чун зи гайрат, гайр месӯзад ба ҳоли ман,
Нанолам чун зи гам, ёрам, маро бегона медонад.
...Ба ҷони ӯ, ки дардашро ҳам аз ҷон дӯсттар дорам,
Вале мемирам аз ин гам, ки донад ё намедонад?
Ту огаҳ нестӣ, к-андар сари зулфат чӣ хунҳо шуд.
Валекин мӯ ба мӯ ин достонро шона медонад.
Насиҳатгар, чӣ мепурсӣ илоҷи ҷони беморам?
Усули ин табобатро фақат ҷонона медонад.

Матни ғазалро пурра бо эҳсоси ҷавонмардӣ сурудам ва каме ба сукунат рафтем. Албатта, ҳамсӯҳбати ман дид, ки бар замми қироати шеър, аз дасти ман овозхонӣ ҳам меомадааст, ӯро ҳолати гуворое фаро гирифт. Чизе гуфтан мехост, аммо наметавонист...

Сукунатро шикаста ба ҳамсӯҳбатам гуфтам, ки ин ғазалро ҳам Лоҳутӣ ҳамон сол дар Истамбул иншо кардааст, ки намунаи аълои лирикаи гражданист ва афзудам: Лоҳутӣ устоди беҳамтои лирикаи ишқӣ низ буд. Дар саросари Тоҷикистон сурудҳои ӯ "Бути нозанинам", "Гар намедонӣ, бидон", "Ёри масчоӣ", "Силсиламӯ", "Ману ҷонона дар як ҷо" ва ғайраҳоро бо шавқу ҳаваси баланд месароянд. Масалан, як банди суруди "Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил" чунин аст:

Зи ақлу дил дигар аз ман мапурсед,
Чу ишқ омад, куҷо ақлу куҷо дил?
Ту Лоҳутӣ, зи дил нолӣ, дил аз ту,
Ҳаё кун, ё ту сокит бош, ё дил.

Ҳакимабону, ки хеле пурэҳсос, ҷозиб, рӯҳбаланд ва қаноатманд менамуд, гулӯ афшонду сухан оғоз кард:

- Медонед, ҳеҷ муболиға намешавад, агар бигӯям, ки шумо барои ман як ҷаҳони нав кушодед, ҳар сатри Лоҳутӣ чи қадар дард дорад, иншоаш чунон равон аст ба мисли оби дарёи шафоф. Ман шуморо минбаъд чун бародари қиёматӣ дӯст хоҳам дошт. Ин мулоқот барои ман тӯҳфаи гаронбаҳои қисмат аст. Ваъда бидиҳед, ки маҷмӯаи ашъори Лоҳутиро бароям пайдо мекунед...

- Бону, Озарбойҷон ва озарбойҷониҳо дар назми Лоҳутӣ мақоми хос доранд. Соли 1932 шеъри "Ба коргарони Боку"-ро навишта буд, "Овози Озарбойҷон"-ро соли 1950. Масалан, ба ин байт чӣ мегӯед?

Ҷон кашад гардан, ки савти ошноро бишнавад,
Боз меояд ба гӯш овози Озарбойҷон.

Сӯҳбати мо оид ба Абулқосим Лоҳутӣ боз чандин вақт давом кард. Шоираи озарӣ фаҳмида гирифт, ки Лоҳутӣ бо як тир ду нишонро мезад, ҳар он сухане, ки ӯ мегуфт, он ҳама ба халқи тоҷик тааллуқ дошту ҳам ба мардуми Эрон мансуб буд. Вай бо ҳунари волои худ як

тарафи маданияти ин ду халқро обод мекард. Хусусан тарҷумаи осори А. С. Пушкин, Т. Г. Шевченко, Гёте, М. Горкий, В. В. Маяковский, осори драммавии Шекспир ("Ромео ва Ҷулетта", "Шоҳ Лир", "Отелло"), Лопе де Вега "Чашмаи гӯсфандон", А. С. Грибоедов "Дод аз дасти ақл" ва амсоли инҳо барои мо арзиши хос дошт, чунки бо тезкории тарҷумонҳо тарҷима рӯ ба марг оварда буд. Лоҳутӣ аз қаҳрамононе буд, ки ин ниҳоли ҳунарро аз марг наҷот дод ва ба театри тоҷик равнақи тозае бахшид.

- Бародар, шумо қавл додед, ки барои ман осори Лоҳутиро пайдо мекунед? - ба нафси ман расиданӣ шуд хонум Булӯрӣ.

Дар ҷавоб "ба чашм" гуфтаму аз чи бошад, ки маро ҳиссиёти хомӯшиву хаёлоти мағшуше фаро гирифт. Баъди фурсате ғанабам бурдааст. Аммо он дам бо кадом кашиши ниҳонии хаёлот рӯзи дафни Лоҳутӣ, ки 17-уми марти соли 1967-ум ба вуқӯъ пайваста буд, пеши назарам ба мисли навори кинофилме намудор шуд. Он рӯз дар ҳамон ҷо дар қатори мотамзадагони Лоҳутӣ ман ҳам будам. Ба мо гуфтанд, ки тамоми шаб калонҳои республика хостанд, ки ҷасади Лоҳутиро ба Душанбе баранд, занаш розӣ нашудааст. Ноилоҷ ба гуфти ӯ розӣ шудаанд.

...Митинги мотамро шоири маъруф, ходими намоёни ҷамъиятии шӯравӣ Николай Тихонов кушод. Ӯ хеле бо сӯзу гудоз сухан меронд ва хислатҳои беҳтарини инсонии Лоҳутиро сифат менамуд. Вай назми оташбори Лоҳутиро мафтунона қироат мекарду мегуфт: "Лоҳутӣ такрорнашаванда аст, чунин шоири гӯёро ман то ҳанӯз надидам. Ба ман чунин менамуд, ки аз ҳар тори миҷғони ӯ доимо шеър меборид. Табъи шоирии ӯ бемислу монанд буд".

Нотиқон паси ҳам нутқ мегуфтанд, ман бошам бо дилу дидаи пур аз андӯҳ гоҳ ба тобут, ба пайкари беҷону чеҳраи зарду муйҳои сафеди шоири дӯстдоштаам, инсони бузург, исёнгари дилҳо Лоҳутӣ назар мекардам ва гоҳ ба издиҳоми атрофи тобут синча менамудам, ҳама мотамзада, баъзеҳо беист ашк мерехтанд. Ҳамон дам, шояд яке аз дилбастагони шайдотарини ашъори сеҳрноки шоир бошад, - кампиракке назди тобут омаду дузону нишаст ва аз пешонаи шодравон бӯсид ва бо оби дидаи шашқатор гулдастаеро ба пешпояи тобут гузошт. Дӯсти ҳамсабақам Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, ки он дам ҳамроҳам буд, рафтори кампирро наззора мекардааст, оҳистакак рафта аз зери бағаликампир гирифт ва ӯро барои хестан мадад расонд. Фарзандони Лоҳутӣ, хешовандонаш низ бо дилҳои пур аз аламу андӯҳ даст бар пеш ва сари ҳам сари тобуташ меистоданд. Хешон, ҳамқаламони Лоҳутӣ паси ҳам назди онҳо омада, ҳамдардиашонро изҳор мекарданд. Дар маросим боз чанд каси дигар сухан эрод намуданд. Яке аз арзишҳои инқилобии шеъри "Кремл", дигаре аз баландиҳои силсилаи ғазалҳои Истамбулии ӯ, боз касе аз аҳамияти "Парии бахт" сухан мегуфт, шахсе аз фаъолияти ҷамъиятиву ташкилотчигии Лоҳутӣ дар мақомоти котиби Иттифоқи нависандагони СССР сухан меронд, со-

меъон бошанд онҳоро ғамгинонаю ором, бо чашмҳои ашколуд гӯш мекарданд, оҳ мекашиданд, сукут меварзиданд.

Ниҳоят Николай Семёнович Тихонов риштаи суханро ба ихтиёри ҷавонзане, ки низ дар минбар буд, дод. Тихонов аввал изҳор кард:

- Ҳозир, дӯстон, ман навбатро ба шогирд, ҳамзабон, ҳаммаслак ва ҳамватани марҳум - шоираи эронӣ Жола Бадеъ медиҳам.

Жола назди микрофон омад. Аз ҳаяҷон, аламу андӯҳ чанд сония чизе гуфта натавонист. Аз изтироб гулӯгир мешуд ва бо ҷадалу мушкиливу азияти рӯҳии зиёде ҳар як суханро ба зӯр аз банди дилаш мебароварад. Ӯ бо ҳаяҷони бесаранҷом ҳарф мезаду лӯлаобҳои дидааш ба болои рухсораи лоларангаш турнақатор мешуданд. Ӯ сухани бисёре гуфта наметавонист ва дар хотима як шеъреро хонд, шеъри саршори меҳру садоқат ба устод, ба шахси қаҳрамонтинати ошӯбгар, ба шахсе, ки ҳам дар Эрон, ҳам дар шӯравӣ чун фарзанди ҷонфидо, инқилобчӣ, некофарин эътироф гардидааст...

Бояд иқрор шавам, ки ҳамон лаҳза эҳтироми ин бонуи суханвари соҳибистеъдод, дилсӯзу ҷонфидо ба дилам маскан пайдо карда буд ва хушбахтам, ки солҳои пасин бо ӯ дар маъракаҳои гуногун - рӯзҳои адабиёт, анҷуманҳои адабӣ, ҷашнҳои Айниву Турсунзода мулоқотҳо доштам. Охирин сӯҳбати дӯстонаам бо шоира Жола Бадеъ соли 1989-ум, дар ҳузури нависандаи халқии Тоҷикистон Фотеҳ Ниёзӣ сурат гирифта буд.

Аз чӣ бошад, ки ин дафъа худ ба худ сӯҳбати мо зиёдтар аз қисмати равшанфикрони эронӣ Абулқосим Лоҳутӣ, Баҳром Сирус, Қосим Дайламӣ, Ҳасан Бежанӣ, Козим Шедфар ва дигарон, ки ноилоҷ аз ватан фирорӣ шуданд мерафт. Вақте ки аз бисоти эҷодии Лоҳутӣ гап мезадем, бону Жола бо ҳурмату эҳтироми хоса номи ӯро мегирифт ва банд-банд аз ашъори шакарбори ӯ қироат мекард.

Ҳамин асно ба ӯ гуфтам, ки нутқашро бори аввал соли 1957-ум дар сари тобути Лоҳутӣ шунидаам, ки бисёр пурдарду аламнок буд... Дар ҷавоб бону Жола Бадеъ хотироташро нисбати ҳамватани бузургаш нақл карду баъд шеъри ба устод Лоҳутӣ бахшидаашро хонд, ки моён се тан - Фотеҳ Ниёзӣ, Шавкат Ниёзӣ ва камина бо ҳаловати том онро гӯш мекардем:

Чун ахтари шабгард дурахшидию рафтӣ,
Бар ман нигаҳе кардиву хандидию рафтӣ.
Ман сурх шудам, сӯхтам аз барқи нигоҳат,
Дар чеҳраи ман оташи дил дидию рафтӣ.
Як лаҳза шукуфтӣ чу гули тоза баҳоре,
Як умр ба ман хотира бахшидию рафтӣ.

Мо се тан, ки бо шоира сари дастархони ҷашни Фотеҳ Ниёзӣ будем, баробар аҳсан хондем, ки вай хотири Лоҳутиро чунин гарм ва пок пос медораду худро шогирду давомдиҳандаи накӯкориҳои вай медонад. Ин лаҳза Жола Бадеъ рӯҳбаландона хандид ва гуфт:

- Ба ман хуш аст иқрор шавам, ки устод Лоҳутӣ ба ман ҳам шеъре

бахшидаанд ва агар майл дошта бошед, бихонам...

Моён, албатта, филфавр шавқи шунидани он шеърро изҳор намудем, ки бону Жола шеъри номбурдаро бо эҳсоси баланди гӯяндагӣ, ҳар сатрашро канда-канда, ҳар ҳарфашро марворидвор суфта карда бо забони ширину лафзи мафтункунандаи форсӣ мехонд:

...Гар бар мани дилдода набудат назари меҳр,
Аз ҳоли парешонам зи чӣ пурсидию рафтӣ.
Рафтӣ туву ман мондаму ошуфтагии ишқ,
Бетобии ман дидию тобидию рафтӣ.
Ошуфтаи рӯи туву мӯи туаму ту
Ошуфтагиамро написандидию рафтӣ.

Ин сӯҳбати хосаи мо, чанд тан дӯстон, дар дараи Ромит, рӯзи 21-уми март - иди Наврӯз сурат гирифта буд. Шояд яке аз сабабҳои ёдовар гардидани Лоҳутӣ дар маҳфили дӯстонаи мо он буд, ки сию ду сол муқаддам дар ҳамин моҳ - дар моҳи март, дар арафаи иди дӯстдоштаи халқҳои шарқ - иди Наврӯз Лоҳутиро мо ба хок супурда, қасам ёд карда будем, ки ӯро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳем кард...

Пас бону Жола бо ихлосмандӣ ҳарду шеъри қироаткардаашро дар муқоваи китобаш "Пайванд", ки тоза дар нашриёти "Адиб" чоп шуда буд, дастхат намуда, барои хотира тӯҳфа кард, ки вайро ҳардам қироат мекунам.

Бармегардем ба рӯзи дафни устод Лоҳутӣ.

...Маросими расмии мотами Лоҳутӣ хотима меёфту садри маҷлис эълон кард, ки дар сари тобут фақат наздиктарин хешовандони марҳум бимонанд. Ба касоне, ки барои поси хотири Лоҳутии барои ҳамаамон азизу мӯътабар омадаанд, садҳо ташаккур мегӯем. Онҳо акнун метавонанд, ки бираванд...

Ману дӯстам Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ аз маросими видоъ бо Лоҳутӣ бо дилҳои абгор, маъюсона, акнун роҳи метроро мечустем. Ҳолати рӯҳиамон чунон буд, ки ҳанӯз ҳам ба гӯшҳоямон суханҳои ҳузнангези видоӣ ва мусиқии мотамӣ садо медоданд... Шояд ҳар кадомамон ҷудо ҷудо побанди чунин хаёлоте будем, ки ба қисмати нотакрори инсонии Лоҳутӣ ва падару модараш, Лоҳутӣ ва хешу таборҳояш, Лоҳутиву ватанаш, Лоҳутӣ ва қисмати бисоти эҷодиаш ва ғайра иртибот дошт анд. Ҳамин тавр моён тақрибан чил-панҷоҳ дақиқа хомӯш қадам задем ва ниҳоят ба истгоҳи метро расидем ва ба поезд нишаста билохир ба манзилгоҳамон расидем. Хӯроки шомро хӯрда ҳамин, ки ба утоқамон баргаштем, Абдуҷаббор гап кушод:

- Дар Эрон кадом хешу таборҳои Лоҳутӣ зинда бошанд? Агар шунаванд, онҳо басо алағда мешудагистанд, ки хешашон аз бӯи ватан сер нашуда, ватан гуфта шиканҷаҳои зиёдеро кашид ва билохир дар мусофират фано гардид...

- Ба фикрам, он ҷо фақат бародари ӯ Абулҳусейн Илҳомӣ, ки пизишку шоир аст, бо авлоди худ зиндагӣ мекунад. Як-ду сол пеш Лоҳутӣ аз СССР гурехтааст гуфта, овозаҳои дурӯғ паҳн карда бу-

данд.

- Тақдир-дия, - гуфт Қаххорӣ.

- Ман дар дигар бора фикр меронам, имрӯз-ку гузашт, пагоҳ чӣ мешуда бошад. Пагоҳ аввалин шуда, кӣ гулҳои тару тозаро ба болои қабри Лоҳутӣ мегузорад? Хешу таборон, дӯстони москвагиаш қабри ӯро обод нигоҳ медошта бошанд? Онҳо ба қадраш мерасанд ё не? Инҷо масъала ҳаст, дӯстам, гуфтаму аз ҷой хестанӣ будам, ки чанд тан ҳамдиёрон наздамон омаданд. Аз омадагон касе - "гапатон чала монд" - гуфта узр пурсид ва донистан мехост, ки гуфтугӯй дар чӣ хусус буд, ки мо гапатонро буридем?

Ҷавоб додам: гап дар хусуси марги Лоҳутӣ ва дар Москва дафн ёфтани ӯ буд. Мехостам гӯям: нашавад, ки аз беэътиноии мо нисбат ба турбати Лоҳутӣ душманонаш дар Эрон шод шаванд. Ба ман чунин менамуд, ки дар зиндагиаш на ҳама вақт мо иззати ӯро ба ҷо меовардему заҳматашро қадр мекардем...

Дӯстони дигар ҳам паси ҳамдигар барои ҳамдардӣ наздамон меомаданд. Ба ин муносибат мо тоҷикистониҳо ҳамон бегоҳӣ ба хотири Лоҳутӣ дастархони хоксоронаи мотамӣ оростем. Ҳамватанон ва дӯстони ӯзбекистонӣ, қирғизистонӣ, туркманистонӣ, қазоққо ба мо ҳамдардӣ изҳор менамуданд. Баъзе ҳамсабақон Саидалӣ Ҷумъаев, Шаҳобиддин Нуриддинов, Собирҷон Ӯрунов ва дигарон сахт гиламанд буданд, ки чаро онҳоро ба маросими дафни Лоҳутӣ хабар накардаанд?

Бемуҳобот, вафоти Абулқосим Лоҳутӣ нафақат барои Тоҷикистон, мардуми шӯравӣ, балки тамоми машриқзамин талафоти бебадале буд. Он мавридҳои талабагӣ, ки баробари дигар ҳамватанон барои Лоҳутӣ аламнок месӯхтам, кай тасаввур доштам, ки рӯзе мерасаду садсолагии зодрӯзи Лоҳутиро нафақат дар шӯравӣ, балки бо қарори ЮНЕСКО дар беруни он ҳам қайд мекунанд ва дар ҷумҳуриамон маро узви Кумитаи тадорукоти ин ҷашни боҳашамат таъин намуда, масъалаҳои нашри асарҳои идонаи ӯро ба зиммаи ман мегузоранд, ки аз ин басо ифтихормандам.

Ба ин ҷиҳати масъала махсус ишора намуданам он маъноеро дорад, ки агар солҳои сабақомӯзӣ ман ба эҷодиёт ва фаъолияти Лоҳутӣ фақат аз назари як мухлиси оддии эҷодиёташ муносибат дошта бошам, акнун бошад чун шахси масъул ӯҳдадор будам, ки ба бисоти эҷодии ғанӣ ва нотакрораш бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ муносибат кунам, акнун амиқтар моҳияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии асарҳои вайро дарк намоям ва тарғиб кунам. Хушбахтона, китобҳо ва дигар лавозимоти чопие, ки ба ҷашн мувофиқ буданд, дар вақташ ҳам дар ҷумҳурӣ ва беруни он нашр гардиданд, ки якчандтоашро номбар мекунам: дуҷилдаи ашъори мунтахабаш, ки шеърҳо ва достонҳояшро дарбар мегирад, ҷилди аввали куллиёти ҳафтҷилдаи Лоҳутӣ, манзумаи ӯ бо номи "Ба халқи Эрон", маҷмӯаи ашъор "Неугасимое пламя" (ба забони русӣ, ки ҳамсари Лоҳутӣ Цицилия-Бону таҳия кардааст), "Дӯстам, суруд" (сурудҳо дар ашъори Лоҳутӣ), "Баҳори кӯҳи-

стон" ва дигар нашрияҳо, аз ҷумла плакатҳо ва расмҳои соҳибҷашн ба табъ расиданд, ки онҳоро ҳазорон хонандаҳо чун ёдгориҳои гаронбаҳо дастрас намуданд.

Ба ҷашни Лоҳутӣ ғайр аз китобҳо, спектаклҳои махсус, кинофилмҳо, асарҳои мусиқӣ, тасвирӣ ва ғайра ба сомон расонида шуда буданд, ки бо тобишҳои образноки бадеӣ паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ва эҷодии ӯро тобиш медоданд. Филми ҳуҷҷатии Давлат Худоназаров ва песаи Атохон Сайфуллоев дар ин бобат хеле ҷозибтар буданд.

Бемуҳобот, ҷашни садумин солгарди Абулқосим Лоҳутӣ ба иди ҳаққонии маданияти ватани сермиллати шӯравӣ табдил ёфт. Дар ин ҷашн, ки тирамоҳи соли 1987-ум сурат гирифта буд, соҳибистеъдодҳои намоёни шаҳрҳои Москва, Ленинград, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ - Украина, Белоруссия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Молдавия, Литва, Латвия, Туркманистон, Эстония аз мамлакатҳои хориҷӣ - Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Булғористон, Чехословакия, Олмони Шарқӣ ва ғайра бо шавқу эҳтироми бузург ширкат варзиданд, ки ин аз эҳтироми бузурги ҷаҳониён ба мардуми тоҷик дарак медиҳад.

Лоҳутӣ ҳам дар эҷодиёташ, ҳам дар амалиёташ бар зидди маҳдудияти миллӣ, миллатчигӣ, шовинизм мубориза мебурд. Вай яке аз он беҳтаринҳое буд, ки инсонро бидуни тафриқаи нажодию иркӣ мукаррам медонист, ашъори ба саромадони фарҳанги шӯравӣ бахшидаш шодоб аз муҳаббат ҳастанд. Вай бо забони назми оташбор, орзую омолу майли иҷтимоии мардуми заҳматкашро ифода менамуд. Сатрҳои зерин тасдиқи ин ақидаҳоянд:

Шаҳодат медиҳам бар ин, ки ман аз миллати корам,
Нажоди саъю тухми ранҷу насли тӯдаи заҳмат.
Ба чизе нестам тобеъ ба ҷуз фармудаи заҳмат,
Ба ҷуз заҳмат надорам мазҳабе, ин аст иқрорам.

Ин ҷашни Лоҳутӣ, бори дигар исбот намуд, ки ӯ дар ҳақиқат ҳам яке аз ҳамрадифони машҳуртарин шоирони инқилобии асри бист мебошад. Ҳақ бар ҷониби Садриддин Айнӣ, ки гуфтааст: "Ба замми шоири муқтадир будан, рафиқ Лоҳутӣ дар роҳи инқилоб ва муборизаи синфӣ чи қадарҳо самимият доштанашро аз ашъораш метавон ёфт".

Бо шаҳодати бисёре аз ходимони давлатӣ, ҷамъиятӣ, эҷодкорони забардаст метавон гуфт, ки каломи бадеъи Лоҳутӣ солҳои сол ҳам дар бедории шуур, бунёди ахлоқу фазилати баланди граждани, ҳам дар майдони меҳнат, ҳам дар размгоҳи ҳизбу ватан таъсири амиқ гузоштааст.

Яке аз устодони забардасти адабиёти тоҷик Сотим Улуғзода, шахсе, ки ба Лоҳутӣ садоқати бепоён дораду бо ӯ солҳои зиёд ҳамкорӣ кардааст, ба наздикӣ бо шавқ чунин нақл кард: ягон ҷабҳаи зиндагӣ нест, ки Лоҳутӣ бо чашмони зираку дурбинаш ба он нигоҳ накарда бошад ва бо қалами сеҳрнокаш нақшае аз онҳо наоварда бошад.

- Гуфтам, ки устод метавонем дар ин бобат чанд намунаҳоро аз забони шумо шунавем?

Улуғзода чои дар дасташ бударо як ошомиду бо тарзи ифодаҳои ба худаш хос гуфт: "Шояд тавонем" ва сатрҳои зеринро қироат намуд:

Як умр раияте ба шайхе нон дод,
Ӯ ваъдаи сад ҳурию гилмон дод.
Як рӯз набуд нон, ба фардо андохт,
Охунд ба ӯ нисбати беимон дод.

Ин порчаро хонду илова кард, ки чунин одамҳои барои нафсонияти худ шуда ақидаашонро зуд дигар мекардагӣ кам нестанд. Аз ин ҷиҳат ҳар сатри ашъори Лоҳутӣ моҳияти тарбиявӣ доранду инсонро ба пояҳои баланди фазилат, ахлоқ ва далерӣ ҳидоят менамоянд.

Ман маънидор ба рӯи устод Улуғзода нигоҳ мекардам, ки ӯ нисбати Лоҳутӣ боз чиҳо мегӯяд?

- Медонед, - гуфт Сотим Улуғзода, - шеърҳои дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштаи Лоҳутӣ ба ман хеле писанданд. Онҳо чунон бурро, чунон нишонрас, чунон бамаврид буданд, ки ягон сатре ба ҳадар намерафт. Ёд дорам, - давом дод суханашро ӯ, - солҳои ҷанг дар фронт ман рӯзномабарор будам. Он вақт барои рӯҳбаландии сарбозон дар чопи номераҳои рӯзномаамон мо як манзумаи Лоҳутиро бо номи "Мардистон" чоп кардем, аммо хато накардем, зеро аз ҷанговарон нисбати ашъори Лоҳутӣ хатҳои миннатдорӣ мегирифтем.

Дар ҳақиқат сатрҳои сеҳрноки Лоҳутӣ инсонро ба вағд меоварданд:

Ҷангҳои болшевикӣ мо дар ин майдон кунем,
Даст агар аз тан биафтад, ҷанг бо дандон кунем!

Бо ин иловаи худ фикрҳои устод Улуғзодаро доир ба эҷодиёти солҳои ҷангии Лоҳутӣ қувват додам, ки касе "ассалому алайкум" - гуфта наздамон омаду сӯҳбати мо мутаассифона дар ин мавзӯъ қатъ гардид. Он дам устод бо меҳмон пурсу пос мекарданд ва дар чи хусусе муҳокима доштанд, аммо риштаи хаёлоти ман ҳанӯз аз Лоҳутӣ канда нашуда буд, зеро он дам барои тасдиқи фикрҳои болоӣ чанд мисраъ шеърҳои аълову ватапарвари ӯ вирди забон буданд:

Ман дасти туро ба дасти душман надиҳам,
Ҳаргиз ба чунин бешарафӣ тан надиҳам.
Аз турраи ҷонона ба бегонаи ӯ,
Гар сар биравад, як сари мӯ ман надиҳам.

Ин шеърро Лоҳутӣ соыли 1943, дар айни алангазаниҳои ҷанги хонумонсӯз навишта буд, ки онро ҳамчун савганд, ҳамчун суруди шараф ва диловарӣ ҳам дар фронт ва ҳам дар ҳар як хонадони ақибгоҳ, мардуми мо месуруданд. Он фикру омоли халқ буд.

Аҷоиботи дунёро бинед, ки мардаки нав ба хона даромада сӯҳбати моро нисбати Лоҳутӣ вайрон кардагӣ хеле ба дӯсти булғориам Чавдар монанд буд. Шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки ба ӯ нигоҳ ме-

кардаму ҳамон сӯҳбати дар роҳи Москва - Ленинград бо бону Ҳакима Булӯрӣ доштаи мо ёдрасам шуд. Он гаҳ Чавдар ҳардам дар авҷи сӯҳбат бо шоира Булӯрӣ ногаҳон саволҳои "Радищев бо ҳамин роҳ мусофират дошт?", "Ин дарёи Нева аст?", "Кай ба Ленинград мерасем?" ва ғайраро ғурронда мемонд... Охирин саволе, ки он гаҳ Чавдар ба мо дод ин буд: "Шумо ҳанӯз ҳам аз Лоҳутӣ гуфтор доред?". Гуфтам: "Бале, аз Лоҳути", "Пас ин мавзӯъ чунин ширин будааст, ки ба он шумо ин қадар часпидед", - гуфт Чавдар ҳазломезу илова намуд, - мо ҳам, агар бемалол бошад, донем ки Лоҳутӣ кист?

- Гуфтам, Чавдари азиз, мову ту дар Маскав ҳамхона ҳастем, ваъда медиҳам, ки дар ин бора ба тарзи муфассал ҳамсӯҳбат хоҳем шуд. Ҳозир фақат ба ту гуфта метавонам, ки Лоҳутӣ - агар халқӣ карда гӯем - ҷони одам буд, намунаи беҳтарини инсонпарварҳо, интернасионалисти матин буд, ки бо тоҷик - тоҷик, бо ӯзбек - ӯзбек, бо рус - рус, бо булғор - булғор... буд.

Аз ҳама муҳимаш ӯ устоди каломи бадеъ буд. Офаридаҳои вай мағз андар мағзи ҳаёти маънавии халқҳо маскан ёфтаанд. Барои мо, тоҷикон, рамзи инқилоб, накӯкорӣ, навоварӣ, намунаи илҳому фазилати баланд аст.

Корвон хобиду шаб нима шуду маҳтоб рафт,
Хостам ман ҳам бихобам, ёдат омад, хоб рафт.

МУНОДИИ СУЛҲИ ҶАҲОН

Фасли тобистон буд. Аз маҷлиси Комитети Советии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо бармегаштам, ки дар аэродроми Домодедовои шаҳри Москва бо нависандаи маъруфи Озарбойҷон, ходими намоёни ҷамъиятию давлатӣ Мирзо Аждарович Иброҳимов рӯ ба рӯ шудам.

- Э, чӣ хӯше шуморо дидам, - гуфт ӯ. Салому алейк кардем. Давоми сӯҳбати мо ин тавр сурат гирифт: - Ҳолу аҳволи зану фарзандони Мирзо Турсунзода чӣ тавр, - самимона пурсид Мирзо Аждарович ва маро ба қаҳрамонӣ даъват намуд, ки сӯҳбатамонро дар сари миз давом диҳем. Ӯ яке аз дӯстони деринаву ҳамқалами Мирзо Турсунзода буд, асосан гапро дар атрофи хотираи вай гирд мегардонд ва ҳангоми видоъ хабар дод: "Мо соли оянда ҷашни 70-солагии Мирзо Турсунзодаро дар Озарбойҷон қайд мекунем. Комитети Советии якдилии халқҳои Осиёву Африқо низ дар бораи васеъ ҷашн гирифтани солонаи ӯ қарори хубе қабул кард. Мирзо сазовори он аст, ки аз хизматҳои ӯ дар роҳи муборизаи сулҳу амонӣ, якдилии мардумони ҷаҳон, озодию истиқлолияти миллии халқҳои мазлум ва прогресси ҷамъиятӣ бо овози баланд сухан ронем".

Мирзо Иброҳимов барои изҳори чунин ақидаҳо асосу ҳуқуқи комил дорад. Зеро вай ҳамчун шахси ҳаммаслаку ҳамкори сазовор бо Мирзо Турсунзода дар ҳаракати ҷамъиятии якдилии халқҳои Осиёву

Африқо солҳои зиёде заҳмат кашида, баъди вафоти Мирзо Турсунзода дар вазифаи Раиси Комитети Советии якдилии халқҳои Осиёву Африқо ӯро иваз кардааст. Ёд дорам, рӯзи ба раисии ҳамин комитет интихоб шуданаш Мирзо Иброҳимов бо як эҳтиромии том аз хизматҳои шоёни таҳсини Мирзо Турсунзода сухан меронд. А. С. Дзасохов ҳам, ки солҳои дароз ҷонишини якуми Раиси Комитети Советии якдилист ва ҳоло ӯ низ ҳамсӯҳбати мо буд, илова намуд: "Бесабаб нест, ки конференсияи якуми якдилии халқҳои Осиёву Африқо моҳи октябри соли 1960 дар пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе гузаронида шуда, ҳуҷҷатҳои муҳими программавӣ қабул карда буд ва Мирзо Турсунзода сарвари сазовори ин Комитети бонуфуз интихоб гардид. Саҳми ӯ дар ривоҷи кори наҷибонаи ҳаракати байналхалқии муборизаи барои озодӣ, сулҳу амонӣ ва таназзулёбии мустамликадорӣ бебаҳост".

Ман бо Мирзо Иброҳимов хайрухуш кардаму пас аз чанд дақиқа вориди самолёт гардидам. Ҳамин, ки курсии худамро ёфта нишастам, беихтиёр хаёлам ба ёди он марди бузург, шоири ширинкалому оташинсухан - Мирзо Турсунзода банд шуд... Суханҳои "мо ҷашни Мирзо Турсунзодаро дар Озарбойҷон қайд мекунем" гуфтани Мирзо Иброҳимов ҳисси эҳтиромамро нисбат ба Мирзо Турсунзода дучанд афзунтар намуд ва ман дар ҳолати сукут ва ғарқи хаёлот дурудароз варақҳои хотираро "рӯйгардон" мекардам. Шояд ин боз аз он ҷиҳат бошад, ки ман Мирзо Турсунзодаро солҳои зиёд хеле аз наздик медонистам, ҳамроҳаш сафарҳои зиёд кардам, бо ҳам чандин сол дар мавзӯъҳои адабиёту санъат мубодилаи афкор доштем, дӯстони қарин будем. Қарзи дӯстӣ маро водор мекард, ки дар бораи ӯ чизе нависам. Аммо бароям дар ҳаққи Мирзо Турсунзода навиштан ҳам осон буду ҳам душвор. Осон барои он буд, ки бо он дӯсти азизу бузургвор солҳои сол ҳаммаслаку ҳамдаму ҳамтабақ будем, ки ин худ бароям мояи саодатмандӣ ва боиси хушбахтӣ буд. Аз ин ҷиҳат нақши рахшони симои ӯ, лафзи шакарбору қалби фидокор ва тинати накӯкори ӯро фаромӯш кардан барои ман имконнопазир аст.

Душвории кор дар он буд, ки кас ба унвони вай сухан ронданӣ шуда, бидуни ихтиёр ба андеша меафтод: "Он чизе, ки ту мегӯй, оё сазовори ӯст? Боз он тавр нашавад, ки нақли ту образи он марди мутафаккир, сухансарои беҳамто, фарзанди содиқи Ватанро хира таҷассум намояд. "Душвор бароям боз барои он буд, ки мебоист ба унвони вай - ба унвони он дӯсти ҷонӣ ҳамчун шахси марҳум муроҷиат намоям. Чунин душвориҳои ногувор чанде маҷол намедоданд, ки эҳсоси хешро рӯи қогаз орам. Вале гуноҳи азим мебуд, агар хоҳиши дилро ба эътино нагирифта, дар ҳаққи вай ба каломи дӯстон каломе зам нанамоям... Ақаллан аз таассуроти ҳамсафариамон як шингил партофтан каме сӯзи дилро таскин медиҳад. Охир борҳо ҳамроҳи меҳмонон Юсуф-ас-Сабой, Олес Гончар, Максим Танк, Чингиз Айтматов, Бердӣ Карбобоев, Қайсин Кулиев, Мустай Карим ба Норак, ҳамроҳи адибону санъаткорони тоҷик ба Ӯзбекистон, Қирғизистон са-

фар кардаем. Сайри Қўрғонтеппаю Ҳисор ва Кофарниҳон, сўҳбатҳои тўлонӣ дар соҳилҳои Варзобу Искандаркўл чун хотираҳои нек лавҳи хотирро пурҷило кардаанд. Сафарҳои бисёркарата ба Москва, хусусан иштироки якҷоя дар анҷумани VI нависандагони СССР ҳар дафъа ҷиҳатҳои ноаёни наҷобати Мирзо Турсунзодаро аз нав ошкор месохтанд. Андешаи "нависам ё нанависам" муддатҳо аз хотирам дур намешуд.

Ниҳоят рӯзе аз редаксияи "Тоҷикистони Советӣ" ба ман супурданд, ки дар бораи Мирзо Турсунзода ва мулоқотҳоям бо ӯ чизе бинависам. Ҳарчанд иҷрои хоҳиши редаксия, ки бо хости дил ҳамсадо буд, ба сабаби тангии фурсате, ки редаксия муайян карда буд, имкон надоштам, ки ҳама мегуфтагии худро бигӯям. Ноилоҷ фақат баъзе хотираҳои ҳамсафариҳоямро бо Мирзо Турсунзода мухтасар ба қалам овардам. Зеро инсон дар сафарҳои якҷоя беҳтар шинохта мешавад.

Бори аввал сафари мо бо Мирзо Турсунзода ба Панҷрӯд соли 1958-ум баргузор шуда буд. Он сол аҳли дунёи тараққипарвар 1100-умии солгарди мавлуди қофиласолори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакиро ботантана ҷашн мегирифт. Дар яке аз рӯзҳои тантана Мирзо Турсунзода ҳамроҳи раиси Комитети республикавии ҷашни Рӯдакӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров, ходимони барҷастаи адабиёти советӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Николай Тихонов, Расул Ғамзатов, Гурбахш Синх (Ҳиндустон), Саид Нафисӣ (Эрон) ва дигар соҳибқаламони маъруф ба Панҷакент омаданд. Мирзо Турсунзода меҳмононро роҳбаладӣ мекард. Ӯ чун соҳибхона бо як меҳрубонию дилсӯзии фавқулодда онҳоро пазироӣ менамуд. Николай Тихонов ҷаҳди беҳаддии ӯро пай бурда, хост ки ӯро аз он саъйи зиёд боздорад. Вай ба Николай Тихонов муроҷиат намуда гуфт: "Шумо меҳмони мо не, меҳмони одамушшуарои адабиёти форсу тоҷик Рӯдакӣ ҳастед. Ҳар миқдоре, ки шуморо қадр кунем, ҳамон дараҷа арвоҳи бобокалони адабиётамон бештар шод мешавад". Мирзо Турсунзода ҳар замон бо ифтихор бо меҳмонҳо ва мизбонҳои панҷакентӣ ширингӯиҳо мекард. Ман он вақт дар аппарати Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон кор мекардам. Маро барои кӯмак расондан дар гузаронидани ҷашни устод Рӯдакӣ ба он ҷо фиристода буданд. Кӯшиш мекардам, ки нақшаҳои меҳмонпазироии Мирзо Турсунзода бечунучаро амалӣ гарданд. Ёд дорам. Меҳмонҳо дар ҳаққи Мирзо Турсунзода чӣ суханҳои нек мегуфтанд. Аксари онҳо аз бузургии адабиёти кӯҳани тоҷику форс, арзиши ҷаҳонии он, адабпарвар будани сарзамини тоҷикон, табиати шоиронаи диёри Рӯдакӣ сухан ронда, ҳатман таъкид мекарданд, ки адабиёти советии тоҷик, ки сарвараш он солҳо Мирзо Турсунзода буд, вориси арзандаи адабиёти классикии тоҷик буда, дар даврони советӣ ба қуллаҳои баландтарин баромадааст. Расул Ғамзатов бо услуби кавказии худ сухани хубе гуфта буд: "Ман барои зеботарин шоири советӣ Мирзо қадаҳ мебардорам, зеро худаш аз шеърашу шеъраш аз худаш зеботар аст". Баъди ҷашн низ мо бо Мирзо Турсунзода-

ву Мирсаид Миршакар ба зиёрати мақбараи устод Рӯдакӣ борҳо сафар кардаем. Як бор, дар хотир дорам, соли 1959-ум буд, ки Турсунзодаву Миршакар ва ман ба Панҷрӯд мерафтем. Мошинамон дар роҳ вайрон шуд. То иллати мошинро ёфтани рононда вақти бисёре гузашт. Мирзо Турсунзода нимҷиддиву нимшӯхӣ гуфт: "Биёед, пиёда меравем мисли ҳоҷиёни пиёдагард, ман қурби мақбараи устодро аз Маккаву Мадина кам намедонам". Чунин буд ихлосу қадршиносии ӯ нисбат ба саромадони маданияти халқамон.

Сафари дигари мо бо ин марди шариф соли 1967-ум ба қитъаи Америка ба Канада, ба намоишгоҳи умумиҷаҳонии "ЭКСПО-67" баргузор гардида буд. Он ҷо мо кам якҷоя гаштем, зеро нақшаҳои сафарамон гуногун буданд. Аммо дар он ҷо низ чанд сӯҳбату мулоқотҳо доштем. Якеи онҳо дар мавзӯи тарзи зиндагии мардуми он кишвар буд. Дар сӯҳбат шодравон Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов ҳам ҳузур доштанд. Мирзо Турсунзода "Шоҳбозҳо, таззодҳои зиндагии инҷоро бодиққат аз назар гузаронед, фирефтаи ҷилои беруна шуданатон мумкин, капитал хеле маккор аст" - гуфт. Ҳақ ба ҷониби Турсунзода буд. Вақте ки мо ба чанд шаҳри он кишвар, аз ҷумла ба Монреал ва Торонто, ки бо штати Нию-Ёрки ШМА ҳамсарҳад аст, мусофират кардем, бисёр "асрор"-и зиндагии ҷамъияти капиталистӣ ва таззодҳои онро дарк намудем. Дидем, ки аз як тараф дар ибодатхонаю калисоҳо садҳо занони роҳгум дар кунҷи узлат нишастаанд. Онҳо дар ҷаҳолат ва нодонии асримиёнагӣ монда, тарки дунё кардаанд. Аз тарафи дигар қисми занҳо бо пойҷомаҳои кӯтоҳи аз линг боло дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар кӯчаҳову боғҳо нимбараҳна мегаштанд. Диққати моро Мирзо Турсунзода боз ба як чиз ҷалб намуд: "Агар мо қадри занро ба осмони ҳафтум барорему манбаи илҳом шуморем, дар шароити ин ҷамъият, яъне ҷамъияти капиталистӣ зан шарафи модарию рафиқаи ҳаёти мард будани худро гум карда, ба чизу моли шахсии сармоядор мубаддал гаштааст". Дар ҳамаи ҷойҳои серодам, дар кӯчаҳо, метроҳо, дар магазину ресторанҳо расмҳои бешумори занони бараҳнаро часпонда буданд, ки он як воситаи тафсонидани бозори моли капиталистон аст. Ҳатто дар тасмаи гардани сагҳо, чарҳҳои мошин сурати занҳои урёнро медидем. Дар он ҷамъият, ки доллар ҳукмрон аст, дин ҳам манфиати сармоядоронро ҳимоя мекунад ва аз ин сабаб дар он ҷо бозори бешармию фаҳш тасфон мебошад. Ҳамин низ барои мо аён шуд, ки он вақт дар Монреал 1100 ибодатхонаю калисоҳои мазҳабҳои гуногун ва 4100 банки махсуси капиталистони молиявӣ мавҷуд буд, аммо театри касбии доимие, ки ба халқ хизмат расонад, вуҷуд надошт. Хулоса, дар як қутб бенавоӣ, нодорию ночорӣ, дар қутби дигар пулмастиву айшу ишрати бедардимиён ҳукмрон буда, дар онҳо ҳама чиз. Шараф ва виҷдони инсонӣ низ харидаву фурӯхта мешавад. Мирзо Турсунзодаи тезбину дурбин ин таззодҳоро низ дар назар дошт.

Боре дар ҳамон тарафи уқёнус Мирзо Турсунзода изҳор дошт, ки

мафкураи зарарноки буржуазӣ, хусусан ишратпарастию молпарастии он гоҳе ба шуури ҷавонони ноустувори мо ҳам таъсир мерасонад. Парастиши "латта - путтаҳои импортӣ ва овехта гаштани тамғаҳои хориҷӣ нишонаи ҳамин аст. Вақте ки ҳаваскори ҷавоне дар сурату либос ба хориҷиҳо тақлид карда, дар бораи Ватан шеър мегӯяд, ба самимияти он боварии кас намеояд".

Яке аз шеърҳои баландғояи ватандӯстонаи Мирзо Турсунзода "Ватан" дар ҳамон сафар эҷод шуда буд ва аз ҳамон вақт боз дар иҷрои Артисти Халқии СССР Ҷӯрабек Муродов доимо баланд садо медиҳад. Он шеър маромномаи эҷодии Мирзо Турсунзода буд, ки бо амри Ватан борҳо қитъаҳои оламро паймуда буд, вале чун фарзанди дилбанди Ватан аз он ҷудой надошт...

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Он гаҳ ман як ҷиҳати эҷодиёти Мирзо Турсунзодаро дарк намудам, ки илҳоми ӯ худ аз худ эҷод намекунад ва чакидаҳои қаламаш маҳсули мушоҳидаҳои зиндаи вай буда, диди иҷтимоии ӯро аён инъикос менамояд.

Ҳатто дар ҳамон сафари дур пай бурда мешуд, ки Мирзо Турсунзода нисбат ба ҷавонони эҷодкор ниҳоят ғамхор, серталаб буд. Агар ба ибораи халқӣ гӯем, ӯ асло намехост, ки "ба пояшон хоре халад". Аммо дар баҳо додан ба маҳсули эҷодӣ, мазмуни асарҳо ва рафтору гуфтори онҳо мисли падар қатъӣ, ҷиддӣ ва сахтгир буд. Баъзан коҳишҳои пандомез ҳам мекард. Ба хотирам меояд, ки боре ӯ як адиби ҷавонро сарзаниш карду чунин гуфт: "Дар вақташ мо ҳам ҷавон будем, ғурури ҷавонӣ доштем, агар ба гирди миз ё дастархон ҷамъ мешудем, фикру зикрамон ва мавзӯи сӯҳбатҳоямон чӣ тавр хизмати Ватану адабиётро ба ҷо овардан буд, аз даҳонамон калимаю ибораҳои Ватан, қарзи фарзандӣ, ҷои шеъру достон дар зиндагӣ, санъат, театр канда намешуд. Акнун, ки баъзе ҷавонони мо мошинсавор шудаанд, ҳамин ки бо ҳам вохӯрданд, аксар аз даҳонашон ба ғайр аз калимаҳои "карбюратор, регулятор, вентилятор, стеклоочиститель ва ғайра дигар чизе намебарояд". Ҳамин тавр ӯ ба ҳамаи ҷиҳатҳои фаъолияти ҷавонон аҳамият медод ва мегуфт, ки дар кори мураккаби тарбияи наслҳои оянда масъалаҳои майда-чӯйда нест, дар ин кор ҳама чиз аҳамият дорад.

Дар бораи боз як сафари якҷояамон бо Мирзо Турсунзода, ки моҳи маи соли 1977-ум сурат гирифт, мухтасар ҳикоят карданро воҷиб мешуморам... Дар Ленинобод бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон курс-конференсияи адибони ҷавон гузаронидан буданд... Мирзо Турсунзода, ки ба проблемаҳои тарбияи ҷавонони эҷодкор аҳамияти махсус медод, маро ҳам даъват намуд, ки дар ин чорабинӣ ширкат намоям ва ба ҳалли баъзе масъалаҳо кӯмак расонам. Мо се

кас - Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва камина ба Ленинобод равон шудем. Ҳамин, ки ба шаҳр расидем, Мирзо Турсунзода аввал бо тартиби гузаронидани курс-конференсияи адибони ҷавон шинос шуд ва ба он тағйироти муҳим дохил намуд: зиёрат ва гулчамбар гузоштан ба ёдгориҳои таърихӣ, гузаронидани мулоқотҳо дар коллективҳои коргарӣ, вохӯриҳо бо деҳқонон ва ғайраро ба он ҳамроҳ кард. Ӯ махсус таъкид мекард, ки адиби ҳақиқӣ бояд пеш аз ҳама аз ҳаёти бузургони гузашта ва халқаш сабақ гирад ва барои ба амал татбиқ намудани нақшаҳои партияи ленинӣ ҷонбозиҳо кунад. Дар ин бобат эҷодиёти худи ӯ, тарзи зиндагиву меҳнати фидокоронааш дар роҳи бунёд намудани маданияти нави сотсиалистӣ ва устувор гардонидани сулҳу амонӣ барои наслҳои имрӯзаву оянда намунаи ибрат буд.

Вақте сухан дар бораи ҷавонон мерафт, Мирзо Турсунзода одат дошт, ки суханҳои ҳикматомези бузургонро хотирнишон кунад. Байтҳои зеринро аз забони ӯ шунида будам:

Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.
(Низомӣ)
ё ки:
Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.
(Ҷалолиддини Румӣ)

Воқеан, Мирзо Турсунзода шеърҳои худро то ҳозирон илтимос намекарданд, намехонд. Дар сӯҳбатҳо бисёр бомавриду табиӣ аз хотираи ғаниаш, ки ганҷинаи ашъору ҳикматҳои олии суханварони пешин буд, дурдонаҳои тобнокеро нисор менамуд.

...Дар вилояти Ленинобод мо бо коркунони саноат, деҳқонон, муаллимон, донишҷӯён ва талабаҳои мактабҳо мулоқотҳои зиёде доштем. Бояд гуфт, ки дар куҷое, ки Мирзо Турсунзода пайдо мешуд, ӯро фавран одамон гирд мегирифтанд ва хайра мақдам мегуфтандаш. Мушоҳида мекардем, ки шеърҳои ӯ ва достонҳову асарҳои драматургии вай мағз андар мағзи қалби мардум ҷойгир шудаанд ва номи ӯ барои хурду калон азизу мӯътабар гардидааст. Чанд лаҳзаро ба хотир оварданиам: аз Хуҷанд ба сӯи Конибодом равон шудем. Дар қариб ҳои бозори Хӯҷанд дӯкони пойафзолтозакуние намудор шуд. Мирзо Турсунзода хост, ки каме истем, ӯ пойафзолашро оро диҳад... Ману Боқӣ Раҳимзода ӯро назди усто гузошта, ба тамошои бозор даромадем. Баъди 5 - 10 дақиқа мо баргаштем ва дидем, ки на дӯкон менамояду на Мирзо Турсунзода. Атрофи ӯро дар як он издиҳоме иҳота кардааст. Маълум шуд, ки ӯро роҳгузарҳо фавран шинохтаанд ва ҳама барои хушбошӣ гуфтан омода шудаанд. Дидем, ки ӯ ба чандин дониш-

ҷӯю талабаҳо дар муқоваҳои китобҳои дарсӣ, дафтарҳои талабагӣ, паспортҳо соядаст медоду бо мардум хушгӯиҳо мекард. Чунин буд хислатҳои ин шоири халқии мо... Яке аз донишҷӯёни донишкадаи омӯзгорӣ хоҳиш кард, ки шоир дар дафтари вай хотирае бинависад. Мирзо Турсунзода бо табассуми ба худаш хос розӣ шуд ва бинавишт:

Гуфтам: Санамо зи ту дил канда кунам,
Гуфто, ки ба як ханда туро банда кунам.
Гуфтам: ки ба як ханда бимирам, чӣ кунӣ?
Гуфто, ки ба як бӯса туро зинда кунам.

Мо ҳама бозавқ хандидем. "Офарин, Мирзо", - гуфт Боқӣ Раҳимзода ва роҳамонро давом додем. Баъди як соат ба Конибодом расидем. Мо ҳар ду аз шаҳри Конибодом депутат будем - Мирзо Турсунзода депутати Совети Олии СССР, ман бошам, депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон. Роҳбарони шаҳр ҳисоботи якҷояи моро дар назди интихобкунандагон шуниданд. Афсӯс, наметавонам он самимият, он тасфу ҳароратеро, ки дар он мулоқот нисбат ба Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода иброз шуда буд, тасвир намоям. Коргарони оддӣ, бофандаҳо, бинокорон, духтурҳо, муаллимон, талабаҳо ҳама бо як ихлоси хос паи ҳам шеърҳои он шоирони дӯстдоштаашонро мехонданду ба онҳо барои назми дилошӯбашон миннатдорӣ мекарданд.

Баъд худи Турсунзодаву Раҳимзода шеър хонданд. Мулоқот хеле тӯл кашид. Ҳаво гарм буд, аммо тасфи мулоқот аз он ҳам гармтар. Аз ҳар тори мӯи Мирзо Турсунзода донаҳои арақ марворидвор мечакиданд. Ӯ дар хотима ба хаёли маънидоре рафту шеъри "Шоиро"-ро канда-канда хонд:

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар.
Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,
Аз шароре тоза гулхан офарад...
Шеър ҳам бояд занад фавворае
Аз танӯри дил чу оташпорае...

Ҳангоми хондани шеър шоир гулхани оташеро монанд буд, ки ба рӯҳу қалби ҳозирон ҳарорат мебахшид, нуру сафо ато мекард ва онҳоро ба некӯкорӣ, фидокорӣ ҳидоят менамуд.

Чунин мулоқотҳои файзбахшу фаромӯшнашаванда дар коллективҳои фабрикаи либосдӯзии Конибодом ва омӯзишгоҳи педагогии он ҷо, ки акнун номи Мирзо Турсунзодаро дорад, низ барпо гардиданд.

Саҳарии рӯзи дигар тараддуди сафари аз Конибодом ба Исфара рафтан доштем. Аз моён хоҳиш карданд каме сабр кунем, ки баъд аз 5 - 10 дақиқа рафиқон Ҷ. Р. Расулов ва Р. Ҳ. Ҳоҷиев меоянд. Хуб мешуд, ки онҳоро ҳамроҳ пешвоз гирем. Мо ин таклифро бо камоли майл пазируфтем. Фурсате нагузашта онҳо омаданд. Сӯҳбати рафиқонаи самимӣ, ки ҳеҷ гоҳ аз хотир фаромӯш нахоҳад шуд, барпо гардид. Мирзо Турсунзода ба Ҷ. Расулов аз мақсади сафарамон, мулоқотҳо бо коллективҳои меҳнатӣ хабар дод. Ҷ. Р. Расулов бо ғамхо-

рии ба ӯ хос аз корубор ва аҳволи саломатии ҳар ду шоир пурсуҷӯ кард. Баъд зарофатгӯиҳову ҳазлҳои Боқӣ Раҳимзода сар шуд. Ӯ чанд шеърҳои шӯхиомезу ҳаҷвӣ хонда, аз ҳаёти мардумони кӯҳистони Қаротегину Масчоҳ нақлҳои шавқовар кард. Рафиқ Расулов дар охир маслиҳат дод, ки чунин мулоқотҳои эҷодӣ дар Исфара низ гузаронида шаванд.

Баъди хушбошӣ бо мизбонон мо ба Исфара рафтем. Дар он ҷо ҳам чандин сӯҳбатҳову вохӯриҳои эҷодии Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода бо хонандагон барпо гардиданд. Калонтарин маъракаи вохӯрии онҳо бо меҳнаткашони район дар маркази шаҳри Исфара гузаронида шуд. Дар клуби шаҳрӣ хурду калон, коргару колхозчӣ, зиёиёну фаъолони партиявию давлатӣ ба истиқболи шоирони дӯстдошташон омада буданд. Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода аз инкишофи адабиёту санъати советӣ, аз комёбиҳои адабиёти тоҷик, аз тараддудҳои гузаронидани 100-солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти советии тоҷик, Президенти якуми Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон Садриддин Айнӣ нақлҳои ҳаяҷоновар намуданд, шеърҳо хонданд, ба саволҳои дӯстдорони каломи бадеӣ ҷавобҳои саҳеҳ доданд. Пионерон ва зеботарин духтарони Исфара ба шоирони номӣ гулу гулдастаҳо тақдим намуданд. Мирзо Турсунзода дар хотима ваъда дод, ки адибони тоҷик дар бораи корнамоиҳои ангиштканони Шӯроб, пешқадамони хоҷагии қишлоқи район, хусусан Суфро Боқиеваи номдор, зардолуву олуҳои асалвори Исфара, мардуми дорои маданияти баланди он ҷо боз асарҳои сазовор меофаранд, чи тавре, ки ин корро Раҳим Ҷалилу Абдусалом Деҳотӣ кардаанд.

Баъд дар боғи колхози ба номи В. И. Ленин, ки аз канори он дарёи шаффофу шӯхоби Исфара ҷорӣ буд, мулоқоте байни шоирон ва фаъолони району колхоз барпо гардид. Котиби якуми онвақтаи комитети партиявии шаҳр Умаралӣ Қурбонов ва раиси колхоз Шаҳобиддин Нуриддинов меҳмононро бо корубор ва зиндагии мардуми он ҷо шинос карданд ва таъкид намуданд, ки каломи бадеӣ, суруду мусиқии дилнишин, спектаклу кинофилмҳои шавқовари ҳозиразамон барои пешрафти кори мардум омили муҳим буда, меҳнаткашонро барои корнамоиҳо рӯҳбаланд менамоянд.

Дар айни сӯҳбат касе хабар дод, ки Артисткаи Халқии СССР Тӯҳфа Фозилова дар истироҳатхонаи "Зумрад" аст, чи мешавад, ки он касро ҳам даъват кунем. Боқӣ Раҳимзода баробари номи Тӯҳфахонумро шунидан, бо усули ба худаш хос гуфт: "Каромат кардед, тақсир, қоматашон занад, тез Тӯҳфахонумро ҷеғ занед, ба дидори он бонуи сӯҳбаторо расидан худаш як неъмати камёб аст". Тӯҳфахонум ҳам омаданд. Байни Тӯҳфахонуму Боқӣ Раҳимзода аскияву хушгӯиҳо шуд. Дастаи ҳунармандони он ҷо низ бо сардории Мирзо Қурбон Солиев ҳозир буданд. Он шаб, бо таъбири Боқӣ Раҳимзода, "Нишасти ҷамшедии осмонкаф" барпо шуда буд. Аввал нақлҳои ҳикматангези Мирзо Турсунзода, баъд латифагӯиҳои Боқӣ Раҳимзода, сипас сурудҳою

хурӯшҳои мусиқии "Шашмақом" дар иҷрои навозандагони моҳири Исфара қалбу рӯҳи ҳозиронро бо нишоту сурур пур кард. Инҳо дам ба дам иваз шуда меистод. Ҳар боре, ки Мирзо Турсунзода ё Боқӣ Раҳимзода сухан меронданд, ҳама фаврӣ хомӯш шуда, гӯшу хуш мегаштанд. Азбаски сафари мо баъди заминҷунбии Исфара ба вуқӯъ пайваста буд, Мирзо Турсунзода гаштаю баргашта аз аҳволи оилаҳои аз зилзила зарардида пурсупос мекард, миқдори зарари расондаи фалокатро фаҳмида маъюс мегардид. Аммо натиҷаи ёрии халқу партияро дида ба марҳамати онҳо ташаккур мегуфт. Ҳамчунин, ӯ нақл кард, ки дар заминҷунбии Қаротоғ (1907) падари ӯ оилаи аввал ва фарзандонашонро аз даст дода будааст. Заминҷунбӣ он вақт беш аз 70 деҳаи водии Ҳисорро аз байн бурда аст. Ҳокиму рӯҳониёни Ҳисор бошанд, "гуноҳ"-и он офати табииро ба гардани халқ бор карда, бозори зулму хурофотро боз ҳам гаронтар менамуданд. "Акнун бошад, Партияи Коммунистӣ ғамхорӣ зоҳир намуда, зарари халқро аз ҳисоби давлат мепардозад. Одамон ба ёрии якдигар мешитобанд. Ин ҳам мӯъҷизаи сохти советист", - мегуфт ӯ. Сӯҳбати оншаба дар колхози ба номи Ленин дар хотири сокинони он нақшаи хубе баста буд. Акнун ҳар боре, ки ба Исфара равам, ҳама лаззати сӯҳбатҳои гарми Турсунзодаву Раҳимзодаро ба ёд оварда, эътироф мекунанд, ки мо "одамони хушбахт будаем, ки ба мулоқоти чунин одамони наҷиб мушарраф шудаем". Ҳамин тавр, Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба куҷое, ки мерафтанд, дар дилу дидаи мардум ҷо гирифта, дар хотирҳо нақш мегузоштанд. Он нақш, нақши эҳсосе буд, ки дар замири хурду калон тухми некӣ мепошид, одамонро ба дӯстию рафоқат ва некӯкорию меҳнатдӯстӣ ҳидоят мекард.

Ман бо Мирзо Турсунзода боз сафарҳои зиёде кардаам ва бо ӯ мулоқотҳои бешуморе доштам. Дар бораи сафарамон бо М. Турсунзода ба Ӯзбекистон дар китоби худ "Гард дар миҷгон" навиштаам. Ин ҷо ба такрори он ҳоҷат нест. Фақат як лаҳзаро хотирнишон карданӣ ҳастам.

Моҳи маи соли 1968 дар Ӯзбекистони бародар Даҳаи маданияти тоҷик мегузашт. Яке аз мулоқотҳои мо аз сафари тӯлониву вохӯриҳои бисёр дар совхози "Пахтаарал"-и вилояти Сирдарё баргузор гардид. Ҳаво хеле тафсон буд, аз гармои тоқатшикан аксари ширкаткунандагони даҳа хоҳиш мекарданд, ки онҳоро аз "азоб"-и сухан гуфтан халос кунем. Мирзо Турсунзода он рӯзҳо дардманд буд, вале бар қасди гарданкашиҳои ҳамсафарон ин кори масъулро ба зиммаи худ гирифт:

- Ман сухан мегӯям, - гуфту ба минбар баромад.

Издиҳоми бисёрҳазора ӯро бо кафкӯбиҳои пурмеҳру дуру дароз истиқбол кард. Чун ӯ ба шеърхонӣ пардохт, ҳозирон ҳушу гӯш гаштанд. Ҳарорати шеъри оташбори устод маҳфили адабии моро гармтар кард. Ӯ бо як эҳтироси баланд шеър мехонд, чунон шеър мехонд, ки гумон мекардед чашмаи мусаффое ҷӯш мезанад ва чун фаввора

ба сӯи осмон боло мепарад.

Вақте ки ӯ мисраъҳои охирини шеърро хонд, сомеон аз ҷой бархоста, дуру дароз кафкӯбӣ карданд, чашмони онҳо аз ҳаяҷон медурахшид, ки нишони сеҳри каломи шоир буд.

Таассуф, ки дар бораи ҳамсафариамон бо Мирзо Турсунзода ба Москва, Норак, Қӯрғонтеппа, водии Ҳисор, Искандаркӯл ва ғайра мувофиқи табъ нақл карда натавонистам. Шояд онро дар мавриди дигар гӯям. Ин ҷо ҳамин кофист.

Акнун якчанд ёддоштҳо аз сафари шаҳри Норак, ки Юсуф ас-Сабоӣ - ходими намоёни илму маданияти араб ба мо ҳамроҳ буд:

Рӯзе бо чанд меҳмони азиз ба зиёрати шаҳри Норак рафтем. Мизбонҳо, сокинони таҳҷоии шаҳр, моро ба тамошои сарбанди дар олам аз ҳама баландтарин - сарбанди истгоҳи барқӣ - обии Норак хонданд. Ҳангоме бо кӯтали печ дар печ гоҳ аз дили шикофтаи кӯҳ ва гоҳе аз домани сангини он тоб хӯрда, ба қуллаи сарбанд мебаромадем, чашмамон ба навиштаҷоти болои тахтасанги сари роҳ афтод: "Одамон сарбандро баланд бардоштанд, сарбанд одамонро". Ибораи оддӣ дар ин ҷо як ҷаҳон маънӣ дошт. Роҳбаладамон Мурод Ёрзода ба фикр фурӯ рафтани моро пай бурда гуфт, ки ин ибора зодаи мушоҳидаи Мирзо Турсунзода аст, ки ошиқи қуллаҳои баланд буд. Ӯ фармудааст: "Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор". Ҳамон лаҳза сафари якҷояи устод ҳамроҳи Юсуф ас-Сабоӣ ба хотир омад. Он вақт М. Турсунзода иншоотро бо нигоҳи ташнаи шоирона тамошо мекард ва дар фуроварди зиёрataш ба Юсуф ас-Сабоӣ, раиси комиҷроияи Совети депутатҳои халқи шаҳри Норак Боймирзо Шукуров ва дигарон муроҷиат намуда изҳор кард:

- Ин иншоот иншооти оддӣ нест, чунин марраи баланди меҳнатиест, ки одамонро низ бо худаш баланд мебардорад. Бинед, ин ҷо фарзандони қариб панҷоҳ миллату халқият бо як мақсаду маром меҳнат мекунанд. Ин иншоот аз аҳромҳои Миср, шаршараи Ниагар, манораи Эйфел, қасри Тоҷмаҳал, ки онҳоро мӯъҷизаҳои ҷаҳонӣ меноманд, волотар аст. Ин муҷассама ёдгории бузургест, ки ба бузургии хирад ва ҳамкорию дӯстии инсонҳо гузошта шудааст.

- Ман гумон доштам, ки аз сарбанди Ассвон баландтар сарбанде нест, - бо ҳайрат ба гап ҳамроҳ шуд Юсуф ас-Сабоӣ.

- Норакро падари Ассвон гуфтан мумкин аст, - шӯхӣ кард Мирзо Турсунзода ва шарҳ дод: писари муҳандиси Норак инженери рус Свинард тарҳи Ассвонро кашидааст.

- Шумо, - ҳолати ҷиддӣ гирифт Мирзо Турсунзода, - бо чашми санҷиш назар кунед, мебинед, ки инсон ин ҷо на фақат намуди зоҳирии водии Норакро тағйир додааст, балки қисмати худро низ. Аввалан, фарзандони миллатҳои гуногун дар меҳнати якҷоя чун фарзанди як хонадон тифоқ гаштанд, обутоби меҳнатӣ мафкураи онҳоро чун мафкураи интернасионалистони ҳақиқӣ ташаккул додааст. Сониян, мардуми маҳаллӣ, деҳқонзодаҳои дирӯза, ба монанди Муҳаббат

Шарифов, Камол Ҳамсариев ва садҳо касони монанди онҳо касбҳои мураккаби бинокориро аз худ карданд. Шоистаи таҳсин аст, ки тоҷикдухтар Зебо Назарова бо ҷуръати мардона кранчии дастгоҳи азим шудааст. Ана инҳоянд Гурдофаридҳою Рустамони даврони мо.

Ёд дорам, дар ҳамон сӯҳбат Мирзо Турсунзода бо мароқи кунҷковонаи шоирӣ аз ҳозирон пурсида буд: чаро кӯҳи паҳлӯи сарбанди Норакро кӯҳи "Сандуқ" мегӯянд?

- Ривоят мекунанд, - гуфт касе аз мизбонон, - дар даврaҳои қадим норакиён ба таҳдиди ғоратгарон афтода, ҳамаи дороиашонро дар як сандуқ ҷой мекунанду дар домани ҳамон кӯҳ руст мекунанд, ки баъди аз байн рафтани ғоратгарон ва фаро расидани амонӣ онро беосеб хоҳанд гирифт. Аз ҳамон вақт онро кӯҳи "Сандуқ" мегуфтагӣ шуданд. Бо мурури замон оби соҳил баланд шуда, боигарии дар "Сандуқ" будаи норакиён зери об мемонад... Мардум орзуҳо кардаанд, ки кош паҳлавоне пайдо шаваду оби соҳилро раҳо диҳад, ки боигарии норакиён аз кӯҳи "Сандуқ" баргардад... Ана чунин баҳодури тавоно дар шахси ҳокимияти шӯравӣ пайдо шуд ва оби кӯҳи "Сандуқ"-ро то қадре сар дод, ки акнун аз кӯҳи "Сандуқ" маҷрои нуқравори Вахш ҳар дақиқа на фақат ба норакиён, балки ба миллионҳо одамони советӣ мавҷи нур ва оби зулоли ҳаётбахш ҷорӣ гардида, мардумро зиндагию дорӣ мебахшад.

- Ана дидед, халқ чи гуна хирадманд аст, чи гуна бо образи шоирона воқеияти бунёди ин иншооти азимро тасвир кардааст, - гуфт Мирзо Турсунзода бо қаноатмандӣ. Дар ин ҳолат чашмони ӯ чун барқ медурахшиданд.

Ана ҳамин қиссаи гуворо ва ҳақиқатфарҷомро мо бори дуюм моҳи марти соли 1986 аз мӯҳтарам Мурод Ёрзода низ шунидем, ки ӯ корманди партиявӣ, шахси хеле фозилу қадрдон ва меҳрубон аст.

Аз хусусиятҳои нотакрори шахсияти Мирзо Турсунзода яке он буд, ки ӯ қобилияти фавқулоддаи ташкилотчигӣ дошт ва ташаббускори эҷодии республикаамон буд. Ҳамин хислати наҷибаш дар тӯли солҳо ӯро ба сарварии муносиби адибони тоҷик сазовор гардонд. Ин ҷо ман ба ду хусусияти услуби роҳбарии ӯ дар ташкилоти бонуфузтарини эҷодии республикаамон Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мухтасар дахолат карданиям: Аввалан, ин услуб дар кӯшишҳои вай барои бо ҳаёти имрӯза пайвастани фаъолияти адибон ва аз корубори меҳнаткашон онҳоро огоҳ кунондан ифода мешуд. Дар ҳар ҷамъомади эҷодӣ ӯ гаштаю баргашта таъкид мекард, ки адибон бояд зиндагии коргарон, колхозчиёнро амиқ омӯзанд, ба сафарҳои эҷодӣ бароянд, агар лозим шавад, дар қатори онҳо истода дар коллективҳои меҳнатӣ кор кунанд. Дар ин бобат таҷрибаи нависанда Муҳиддин Хоҷаев ва дигарон мисоли раднашавандаанд. Мирзо Турсунзода кӯшиш мекард, ки муҳокимаҳои масъалаҳои рӯзафзуни эҷодӣ самаранок ва бомақсад гузаранд. Масалан, дар яке аз пленумҳои Иттифоқи нависандагон бо ташаббуси ӯ ду Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ М.

Маҳмадалиев ва В. П. Красичков иштирок намуда, дар баромадҳояшон аз комёбиҳои меҳнатии мардуми деҳот нақлҳо карданд. Бо ташаббуси ӯ мулоқотҳои адибон дар коллективҳои саноатӣ, колхозӣ ва мактабҳои миёнаву донишкадаҳои олӣ низ мунтазам мегузаштанд.

Мирзо Турсунзода ба омӯхтани комёбиҳои эҷодии халқи рус, дастовардҳои халқҳои дигари Ватанамон ва тачрибаи мардумони ҳамсоя аҳамияти махсус медод. Ӯ яке аз ташаббускорони дар республикаамон гузаронидани даҳаҳои адабиёту санъати РСФСР, Узбекистон, Озарбойҷон, Литва, Қирғизистон, Арманистон ва ғайра буд, ки дар кори нақиби баҳраманд шудани халқамон аз сарватҳои маънавии дигар миллатҳо ва тарбияи интернатсионалистии меҳнаткашон арзишҳои бебаҳо дошт. Акнун ин усули тачрибаи омӯзиши эҷодӣ ва тарғиби санъату адабиёти республикаҳои бародар ба ҳукми анъанавӣ даромадааст.

Вай бе мақсад эҷод карданро бад медид. Байтсозиҳои маҳрамонаро намеписандид. Сатрҳои шаҳвониро маҳкум мекард. Барои он, ки нависандагон аз корубори мамлакату республика огоҳ бошанд ва бо маълумотҳои зарурии муборизаи идеологӣ мусаллаҳ шаванд, вай мекӯшид, ки дар назди онҳо ходимони партиявӣ, давлатӣ, мутахассисони машҳури илму маданият баромадҳо кунанд. Ӯ дар гузаронидани пленумҳои якҷояи иттифоққои нависандагон, рассомон, бастакорон, ходимони санъатҳои театру кино иштирок намуда, дар онҳо эҷодкоронро аз нақшаҳои ҳозираву ояндаи сохтмони иқтисодӣ-маданӣ ва ғайра хабардор карда меистод.

Мирзо Турсунзода ҳамчунин кӯшиш мекард, ки дар байни ходимони ҳизбиву давлатӣ ва нависандаҳо силсилаҳои сӯҳбатҳои махсус барпо шаванд, дар онҳо адибон аз нақшаҳои эҷодиашон нақл кунанд, маслиҳату фикру мулоҳизаҳои дигаронро дар бораи асарҳояшон бишнаванд... Шоҳиди чандин сӯҳбату мулоқотҳои муфиди аъзоёни бюрои КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон бо гурӯҳҳои соҳибқаламон мебошам, ки дар онҳо тарафайн маълумотҳои ҷолиби диққат дода, аз боби дар адабиёту санъат сазовор тасвир намудани корнамоиҳои меҳнаткашон дар ишоотҳои Норак, Ёвон, заводи алюминии тоҷик, қаҳрамониҳои пахтакорону боғдорон ва чорводорон дар Вахшу Ленинобод, Кӯлобу Ҳисор, Қаротегину Помир ва ғайраҳо сухан мерафт.

Мирзо Турсунзода ба маслиҳатҳову эродҳо ва мулоҳизаҳои Котиби якуми онвақтаи КМ ПК Тоҷикистон Ҷаббор Расулович Расулов диққати махсус медод.

Одатан мулоқотҳои Расулов ва Турсунзода хеле самимона ва пурсамар мегузаштанд, ки ин дар кори амалии ташкилоти эҷодии адибон нақши хуб мегузошт. Ман борҳо шоҳиди сӯҳбатҳои дилчаспу кордонона ва ибратбахши онҳо будам ва имрӯз фақат дар хусуси яке аз он сӯҳбатҳо мухтасар таваққуф менамоям.

Арафаи тайёрӣ ба съезди VII нависандагони Тоҷикистон буд. Мирзо Турсунзода бо ҳуҷҷатҳои съезд ва матни маърӯзааш дар съезд

ба шӯъбаи маданияти КМ ПК Тоҷикистон омад. Ҳамаи масъалаҳо дуру дароз муҳокима шуданд. Баъд сухан дар хусуси проблемаҳои дар маърӯза бардошташуда рафт. Дар хотима М. Турсунзода изҳор кард: "Чӣ мешуд, ки баъзе масъалаҳоро бо Ҷаббор Расулович маслиҳат мекардем, он кас доим фикрҳои олиҷаноб мегӯянд". Воқеан Расулов, ки дар хоксорию ғамхорӣ нисбат ба кадрҳо намунаи ибрат буд, ҳамеша аз вазъи адабиёту санъат огоҳ буд ва дилсӯзона онро ба роҳи дуруст раҳнамун мекард. Мо бо Турсунзода ҳардуямон он рӯз ба қабули Ҷаббор Расулов рафтем. Ҷаббор Расулов бо диққати том ба суханҳои Турсунзода гӯш андохт. Дар ин мулоқот Мирзо Турсунзода се масъалаи муҳими ҷараёни адабиро бардошт - якум, дар адабиёт инъикос намудани корнамоиҳои бунёдкунандагони комплекси истеҳсолии ҷанубии Тоҷикистон; дуюм, проблемаҳои рӯзмарраи драматургияи тоҷик, тадбирҳои ҳарчи тезтар бартараф намудани нуқсонҳои он; сеюм, таҳлили эҷодиёти ҷавонони соҳибқалам. Дар ҳамин сӯҳбат Турсунзода аз зарурати давом додани анъанаҳои устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ, дар эҷодиёти шогирдонаш бо ифтихору сарбаландии ғайриоддӣ сухан ронда: "Ҷаббор Расулович, - гуфт ӯ, - ман асарҳои онҳоро хонда, аз хушнудӣ мехоҳам, ки туппиамро ба осмон ҳаво диҳам". Ин чунин маънӣ дошт, ки ӯ аз эҷодиёти шогирдони онрӯзааш хеле қаноатманд буд ва тайёр аст, ки эстафетаи ояндаи адабиётро ба дасти шогирдонаш бидиҳад.

Зимни сӯҳбат Мирзо Турсунзода аз хизматҳои шоистаи Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ, ки дар инкишофи адабиёти советии тоҷик саҳм гузоштанд ва ҳамчунин аз дараҷаи эҷодии насли умедбахши адибони ҷавон - Фазлиддин Муҳаммадиев, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон бо завқ нақл мекард.

Мирзо Турсунзода бо хислати ба худ хос, монда нашуда дар бораи ояндаи адабиёту санъат ғамхорӣ мекард. Ӯ борҳо ба хотир меовард, ки устод Айнӣ ғамхориро нисбат ба ҳамкорон қарзи граждани шумурда, ин байтро ҳамеша такрор мекардааст:

Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,
Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад.

Худи устод Турсунзода низ чунин буд.

Ана ҳамин хислатҳои олии Мирзо Турсунзода - садоқати бемайлон ба идеалҳои партияи ленинӣ, хизмати фидокорона ба ҳалқ, ба ӯ ҳуқуқ дод, ки вай на фақат саркори ташкилоти эҷодии адибони тоҷик бошад, балки солҳои зиёд Раиси Комитети муҳофизати сулҳи Тоҷикистон, Раиси Комитети Советии якдилӣ ба мамлакатҳои Осиёву Африқо низ бошад ва дар ин ҷабҳаҳо низ саҳми зиёде гузорад.

Моҳи маи соли 1976-ум дар шаҳри Боку конференсияи IV-уми Комитети Советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо баргузор шуд, ки ман ҳам дар ҳайати вакилони он будам. Дар як ҳавопаймо аз Ду-

шанбе Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Розия Қурбонова - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Тамара Абдушукурова, Тоҷинисо Азизова, Зуҳуршоҳ Раҳматуллоев ва дигарон ба Боку раҳсипор шудем. Мирзо Турсунзода хеле хаста буд ва таҳти назорати духтур К. И. Иванова сафар дошт. Дар тамоми роҳ қатъи назар аз хастагиаш, вай бо Бобоҷон Ғафурович ва дигарон масъалаҳои инкишофи адабиёту санъат, ҳаракати якдилии халқҳои Осиёву Африқоро муҳокима мекард. Мо беосеб ба Боку расидем. Рӯзи дигар дар қасри ба номи Ленин конференсияи номбурда ба кори худ оғоз кард. Дар толори конференсия фиристодагони республикаҳои бародарӣ, вакилони ҳаракати якдилии тамоми қитъаҳои олам гирд омада буданд. Маҷлисгоҳ чунон ором буд, ки пашша пар занад, шунида мешуд. Чашми ҳама ба минбар дӯхта шуда буд: кӣ ин оромиро "вайрон" мекунад?

Пас аз андак фурсате дар минбар пайкари зебои М. Турсунзода намоён гардид. Ҳозирон ӯро гарму ҷӯшон ва бо кафкӯбиҳои дуру дароз пешвоз гирифтанд. Мирзо Турсунзода гарчанде, ки дардманд буд, бо нутқи оташбор ба ҳозирон муроҷиат кард... Дар давоми суханонаш ӯ вакилони Комитети Советии якдилии Осиё ва Африқоро бо сардории собиқ Котиби Генералии он марҳум Юсуф ас-Сабоӣ, Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ дуруд гуфта, фиристодагони Ветнаму Лаос ва намояндагони халқҳои Ангола, Мозамбик, Гвинея-Бисау, Африқои Ҷанубӣ, Намибия, Зимбабве ва ғайраро, ки барои истиқлолияти худ қаҳрамонона мубориза мебаранд, табрику таҳният гуфт... Азбаски он рӯзҳо ба фаъолияти Комитети Советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африко бист сол пур шуда буд, нотиқон ба унвони ин ташкилоти байналхалқии бонуфуз ва раиси мӯҳтараму боистеъдоди он Мирзо Турсунзода суханҳои таърифӣ зиёд мегуфтанд, хизматҳои ӯро ҳамчун яке аз асосгузорони фаъоли ин ҳаракати обрӯманди дунё махсус қайд мекарданд, ки ин ба вакилони советӣ, хусусан фиристодагони Тоҷикистон рӯҳбаландии нотакрор мебахшид. Дар сӯҳбатҳои байни маҷлисҳо рафиқони осиёгиву африкоӣ чун медонистанд, ки мо аз Тоҷикистонем, самимият ва сипосгузории хешро махсус эътироф менамуданд. "Мирзо Турсунзода тимсоли мубориза халқҳои Осиё ва Африқо барои озодӣ ва истиқлолият аст". "Назми оташбори Мирзо Турсунзода чун парчами мубориза барои сулҳ медурахшад". "Мирзо Турсунзода ва шеъраш моро ба мубориза беамон бар зидди мустамликадорон даъват мекунанд", мегуфтанд онҳо.

Ман дар сафарҳои худ ба мамлакатҳои дурдасти Африко аз забони фаъолони ҳаракати якдилии халқҳои Осиёву Африқо шунидаам ва худ мушоҳида кардаам, ки Турсунзодаро дар он қитъаҳо ба хубӣ мешиносанд ва қадр мекунанд.

Оре, ному ашъори фарзанди диёри мо, ки илҳомбахши мубориза халқҳои Шарқ барои истиқлолият, сулҳ, якдилӣ ва амонӣ буд, ҳанӯз дар зиндагиаш машҳури оламиён гардида буд.

Халқ ҳикмате дорад: "Агар бузургии чизе ё воқеаеро дарк кардан

хоҳӣ, аз дуртар назар андоз". Боре ҳангоми сафари Африқо, ки ман ба сифати аъзои Комитети Советии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ба ин қатъа мерафтам, самолёти мо аз болои Саҳрои Кабир мепариду фикр мекардам, ки дар он мамлакати дурдасти дунё оё дар бораи Тоҷикистону халқи он чизе медонанд?

Дар лаҳзаҳои нахустини пазирой дар фурудгоҳи шаҳри Бомако (пойтахти Мали) яке аз фаъолони намоёни ҳаракати ҳамдилии мамлакатҳои Осиё ва Африко - Саму Абдулло фаҳмид, ки ман аз Тоҷикистонам, саволборонам кард. Аввалин саволаш ин буд:

- Аз аҳволи Турсунзода чӣ хабар доред?

Дар кошонаи пазироии шаҳр шаби ёдбуди Мирзо Турсунзода барпо шуд. Ҳамсафон, меҳмонони ҳамқалами ӯ паи ҳам сухан мегуфтанд, суханҳои аз ҳаяҷон лабрез, ки ҳамаи онро ба қалам додан ғайриимкон аст. Ҷавҳари он гуфтаҳо ин аст:

- Рӯзгору ашъори оташбори Мирзо Турсунзода шафақи субҳеро мемонад, ки ғуруб надорад.

Ғами он талафоти азим хоб аз дидагонам рабуд ва то субҳ пайваста аз қимати зиндагии инсон фикр мекардам, китобҳо варақ мезадам ва дар байни ҳикматҳои бузургон суханҳои Бернард Шоу пеши назарам омаданд: "Ҳаёт барои ман шамъ нест, ки об шавад. Он машъалест, ки лаҳзае ба дастам афтодааст ва ман мехоҳам шӯълаи онро дурахшонтар кунам, то замоне ба дасти наслҳои ҷавон супорам".

Ин маънӣ ба моҳияти рӯзгори Мирзо Турсунзода низ наздик аст. Шӯълаи ашъори ӯ то ҷаҳон ҳаст, забона мезанад ва дар дасти наслҳои имрӯзу фардо чароғи меҳру сафо хоҳад гашт.

Саъдии бузургвор дуруст мефармояд:

Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.

Алҳақ, шоири номии шӯравӣ, Раиси Комитети Муҳофизати Сулҳ марҳум Николай Тихонов хеле хуб ва ҳаққонӣ гуфтааст:

Садои Панҷу Вахш ҳарчанд буррост,
Садои шеъри ту бурротар аз он...
Ҳисору қуллаи Помир ҳарчанд,
Намоён нестанд аз Мисру Порис,
Намудорӣ ту, лекин дар ҳама ҷо,
Ҷу пайки сулҳ, чун марди мубориз...

Ба ин сатрҳо чизи дигар илова намудан густохист. Ба назари Николай Тихонов Мирзо Турсунзода, ки қисмати худро бо қисмати халқҳои заҳматкаши олам пайваста, дар роҳи мубориза барои сулҳу амонӣ, истиқлолияти халқҳо ҷонбозиҳо кардааст, чунин таҷассум ёфтааст.

Ман дар бораи хислатҳои инсонӣ ва услуби роҳбарии ӯ зиёд сухан гуфтам. Аммо Мирзо Турсунзода пеш аз ҳама шоир буд. Тамоми хислатҳои дигари ӯ аз ҳамин мабдаъ ибтидо мегирифт. Шахсияти наҷиб, самимият, хушсуханӣ, базлагӯӣ, инсондӯстӣ, одамият, меҳру-

бонӣ, сулҳхоҳӣ, ватанпарварӣ, шогирдрпарварӣ ва тамоми фаъолияти ҷамъиятию давлатии ӯ мазҳари хислатҳои олиҷаноби шоирии ӯ буд. Аз ҳамин ҷиҳат агар дар бораи шоирии Мирзо Турсунзода фикри худамро нагӯям, суханам нотамом ва яктарафа мемонад. Мирзо Турсунзода аз тамоми пешравиҳои инсоният ба ваҷд меомад. Фатҳи коинот чашмаи илҳоми ӯро борҳо ба ҷӯш оварда буд. Вале ӯ фарзанди барӯманди Замин буд ва замин - модари ғамхору ризқдиҳандаи инсониятро мепарастид. Худ мефармояд:

Дар фазо парвоз кардам гарчӣ аз рӯи замин,
Чашмро, аммо намекандам ман аз сӯи замин.
Бо ситора ҳамнишин, бо моҳ гаштам ҳамнафас,
Лек будам сархушу сармаст аз бӯи замин.

Мирзо Турсунзодаро баъзеҳо фақат шоири сиёсатмадор ва гӯяндаи ашъори иҷтимоию рӯзмарра мешуморанд. Ин ҳақ аст, зеро ӯ пайрави фикри солиме буд, ки адабиёт чун тасхиркунандаи ақлу дил қабл аз ҳама бояд масъалаҳои граждани, орзуву умеди халқ барои пешравию беҳбудии инсон, васфи Ватан ва омоли неки аҳли оламро инъикос намояд. Аз ин ҷиҳат мағз андар мағзи эҷодиёти амиқмазмуну баландғояи ӯ ҷанбаи граждани ва обуранги сиёсӣ дорад ва одамонро ба мубориза даъват менамояд. Аммо ин ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки ӯ сиёсатчии "хушк" буду аз лирикаи ишқӣ сарфи назар мекард. Дар осори ӯ чунин сатрҳо бисёранд:

Ишқ агар нест, ақл беҷон аст,
Дар дилат чиллаи зимистон аст.

Шеърҳои ӯ "Ба дилбар", "Ҳамсоя бошам", "Ситораи ман", "Ҳамин кофист", "Бо чашми ту", "Афсӯс, ки накардӣ имтиҳонам", "Бӯи гул ояд зи ту", "Кокулат" ва амсоли онҳо он қадар ошиқона, самимӣ, намакин ва ҷаззобанд, ки чун моли халқ дар байни мардум интишор ёфта, ошиқон ба дилбарони худ ба василаи онҳо роз мегӯянд. Беҳуда нест, ки ҳамаи онҳо бо оҳангҳои халқӣ суруда мешаванд. Вале бояд махсус қайд кунем, ки лирикаи ишқии Мирзо Турсунзода бо лирикаи гражданиаш зич омехта ва алоқаманд буда, ошиқони нигоштаи шоир маъшуқаҳои поктинати ғанимаънавиятро меписанданд. Шоир аз забони ошиқ ба ҳабиба мегӯяд:

Гулистонро гули пурхандаӣ ту,
Ба майдон ханҷари буррандаӣ ту.

Аз шоирони советии тоҷик ҳеҷ аҳаде ба монанди Мирзо Турсунзода дар васфи зан шеъру достонҳои пуробуранг нанавиштааст гӯем агар, хато нахоҳем кард, зеро ҳар як шеъру достони ба занҳо бахшидаи ӯ пур аз шароби мастибахши ишқу муҳаббат буда, суханҳои поки ӯ ботини софи занро чун оина инъикос намуда, табаддулоти куллии қисмати онҳоро дар даврони советӣ бо ташбеҳҳои баланд ва ифодаҳои ҳаяҷоновар шарҳ медиҳад. М. Турсунзода пеш аз ҳама қобилияту фазилат ва тавоноии онҳоро эътироф ва васф мекунад: "Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд, Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд", -

мегӯяд ӯ.

...Моҳи сентябри соли 1977 ҳангоме дарди марговар аз гиребони ӯ гирифта буд, мо ҳама дӯстони вай дар таҳлука будем. Табибҳо шабу рӯз болини ӯро тарк намекарданд... Худи ӯ бошад ду соат пеш аз фавташ ба унвони табибон ва ҳамшираҳои шафқат суханҳои дилсӯзона мегуфт. Дар дами охир каме мадҳуш буд. Во дареғо, ки паймони умри ӯ пур шуда будааст.

26 сентябри соли 1977. Офтоб бо ҳама гармиаш издиҳоми одамонро, ки дар майдони "800-солагии Москва" ҷамъ омада буданд, парешон карда наметавонист. Майдон пур аз одам, издиҳом дар ҷунбиш.

Одамон ба якдигар ҷафс шуда, барои видоъ бо шоири маҳбуб шитоб доштанд. Он рӯз ин нохушии гаронро дигар ки ҳанӯз нашунида буданд, вагарна дар Душанбе роҳ ёфтану гаштан амри маҳол мебуд.

- Кист ин марди бузургвор, ки ба маргаш хурду бузург мегиряд?

- Шоир аст ӯ, шоирест, ки дар дили халқ ошён гузоштааст ва дигаронро низ ба дилёбиву меҳргустарӣ даъват мекунад:

Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор,
Аз раҳи меҳру вафову аҳди бепоён гузор.

Ҷасади ҷигарбанди халқ Мирзо Турсунзода дар тобути гулпӯш хобидааст. Издиҳоми халқ онро гӯё рӯи даст бардошта, ба митинги мотам омода мегардонд. Дар минбар ходимони намоёни давлатӣ, дӯстону ҳамқаламон, шогирдонаш, фиристодагони халқҳои бародари советӣ ва хориҷӣ дар васфӣ ӯ суханони нек мегуфтанд, ҳамду сано мехонданд. Ҷасади ӯро ҳама посбонӣ мекарданд. Дар қатори мардум офтоби тобон низ нигоҳбон буд. Чунин менамуд, ки гӯё он ба забон омада, бо меҳр хитоб мекард: - Ором бихоб, эй фарзанди азизи халқ, эй хабиби пиру барнои диёри нуру сафо. Ту дар паноҳи манӣ.

Митинги мотам ба поён расид. Ҳозирони аз бори андӯҳ сархам ҷасади ӯро гӯё бар дӯши худ бардошта, ба сӯи боғи Лучоб раҳсипор гардиданд, ки манзили абадии ӯ қарор ёфтааст. Он баландиро худи шоир гӯё дар зиндагиаш интихоб карда буд, ки гуфтааст:

Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,
Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор.

Ва ҳамон офоб - нозиру посбони ҳамешагии шоир низ тобутро якҷоя бо дарёи пурмавҷи одамӣ то ба манзили охиринаш ҳамроҳӣ мекард.

Рӯз бегоҳ мешуд ва ҳангоми ба хок супурдани Турсунзода офтоб рӯ ба ғуруб меовард, вале ба назарам шитоб намекард, гӯё чизеро мунтазир буд ва ба рафтан таъхир мекард. Ин дам аз самти шарқии шаҳр, аз болои мақбараи устод Айнӣ як даста нури сурхчатобе ба рӯи водии Ҳисор таноб кашиду гӯшаи моҳтоб намудор гашт. Шафақи офтоб муддате ба нури моҳ омезиш ёфта, шакли тирукамонро гирифт ва чун камарбанди рангин даври осмонро печонд. Хаёлам, нолае дар осмонҳо печид. Гӯё марди бузурге ба мотами дилбандаш миён баста,

во ҷигарам мегуфт:

Мирзои мо ҳамсафари абадии шамсу қамар гашт.

Саҳар омад, баро ситораи ман,
Саҳари пурсафо, ситораи ман.

Замоне, ки дили Мирзо Турсунзода аз тапидан монд, аз ҳамаи гӯшаю канорҳои дунё таъзияномаҳо ва телеграммаҳои мотамӣ паси ҳамдигар меомаданд: Ромеш Чандра: "Марги ӯ бохти шахсии ман мебошад, зеро ӯ дӯсти наздиктарини ман буд". (Президенти ташкилоти умумиҷаҳонии сулҳ). Юсуф ас-Сабой: "...аз ин талафоти бузург хеле ғамгин буда, хотираи ӯро абадӣ ёд мекунем". (Котиби Генералии Ташкилоти якдилии халқҳои Осиёву Африқо). Мирослав Вичек: "Марги ӯ барои дӯстон ва ҳамкоронаш бохти бузургест", Расул Ғамзатов: "Ғаму ғуссаамро ҳадду канор нест", Чингиз Айтматов: "Ашки ҳасрату андӯҳ мерезам", Ираклий Абашидзе: "Ҳамдардии ...маро ба сабаби марги бемаҳали дӯсти дерин ва бародари ҷониам Мирзо Турсунзода қабул фармоед", Мирзо Иброҳимов: "Дар ин рӯзи вазнин ҳамдарди Шумо ҳастам", Қайсин Кулиев: "Ба назди хотираи дурахшони ӯ сари таъзим мефурорам". Чунин номаҳоро шумурдан имкон надорад. Ҳамаи онҳо ҷавоби некӯкориҳои азими Мирзо Турсунзода буд, ки умри азизашро вақфи хизмати халқу Ватан карда буд.

ҚИСМИ ДУЮМ

ПЕШОҲАНГОНИ ФАРҲАНГИ НАВИН

ДЕҲОТӢ - ДАР ДЕҲОТ

Яке аз рӯзҳои истироҳатии тобистони соли 1960-ум дар ҳавлиам машғули кори кишоварзӣ будам. Ангурҳоро хомток карда, гулҳоро қайчӣ мекардам, ки як ҷавони қоқи дарози каллапашмин "салом амак", - гуфта наздам омад ва изҳор кард: - "Ман писари Латифи биринҷгар, амаки Деҳотӣ ба хонамо омадагӣ, агар тавонед ба хонаи мо биёед, ё ки худи он кас ба хонаи шумо меоянд, бо шумо вохӯрданӣ"...

Он вақт чунин сурат гирифта буд, мулоқоти рӯ ба рӯи давомдори мо бо шоири соҳибистеъдоди асил, донишманди закӣ, инсони хоксору меҳнатӣ Абдусалом Деҳотӣ. Он замон ман дар Панҷакент вазифаи раиси комитети иҷроияи Советҳои халқи районро дар ӯҳда доштам. Ба Панҷакент барои аёдати Рӯдакӣ суханварону олимони номӣ зуд-зуд меомаданд. Даҳ рӯз пеш аз омадани Деҳотӣ Турсунзодаву Миршакарро гусел карда будам. Инак, шоири дӯстдоштаам устод Деҳотӣ низ меҳмони мост.

- Хуш омадед устод, қадаматон болои дида гуфтам ман, русуми халқамонро риоя намуда. Бо Абдусалом Деҳотӣ ва амаки Абдулатиф гарм пурсупос намудем ва бо онҳо то бевақтии шаб сӯҳбати дилоро оростем. Дар атрофи дастурхони дӯстонаи пур аз неъмат гуфторамон хуб қӯр мегирифт. Азбаски қарибиҳои тирамоҳ буд, меваҳои болаззати Панҷакент ба оши биринҷи Саразм лаззат илова мекарданд, мусалласи дастии бобоӣ бошад, сӯҳбатро пурҳароратар менамуд.

Амаки Латиф бо лаҳҷаи панҷакентӣ, - хуб омадед-да, мулло Абдусалом, гуфта пиёлаҳоро пури мусаллас намуду ба ман нигоҳ карда фармуд: "Раис, ягон чиз гӯед, як қатрагӣ ба шарофати меҳмон нӯшем".

- Худатон аллакай гапи лозимия гуфтед "хуб омадан меҳмон", ман каме таъғир дода "хуш омаданд" мегӯям". Ҳама баробар хандиданд. Ман ба муомилаи коргару шоир махсус аҳамият медодам, мушоҳида мекардам, ки байни онҳо чӣ умумияте, чӣ вобастагие ҳаст? Маълум гардид, ки коргар, яъне, амаки Абдулатиф эҷодиёти Деҳотиро хуб меписандидааст ва баъзе эродҳояшро ошкор мегуфтааст. Деҳотӣ дар навбати худ қурби ашъорашро ба воситаи Латиф-коргар барин инсонҳо месанҷидааст, ки каломи ӯ ба дарди одамони меҳнатӣ мехӯрад ё не. Дар рафти сӯҳбат Деҳотӣ чанде аз эҷодиёти худ ва классиконро қироат намуд, ки якеаш ин буд:

Вафо бо шири модар ҷо шудаст андар дилу ҷонам,
Садоқатпарвари ишқам, хиёнатро намедонам,
Фалак, беҳуда тарғибам макун дар роҳи тазвират
Ду поям бишканад аз санги лаънат, гар қадам монам...

Дар фуровард устод Деҳотӣ нақшаҳои сафарашонро гуфтанд: "Ба наздикӣ ба панҷоҳ медароям, ихтиёр кардам зодгоҳам Самарқанд, диёри устод Рӯдакиро низ зиёрат кунаму як силсила очеркҳо нависам. Миршакар гуфт, ки агар ба Панҷакент рафтӣ Холмуродро ёб, вай ба ту кӯмак мерасонад. Ҳа, гуфтагӣ барин ба шумо саломи Миршакару Суҳайлиро мерасонам, - гуфта маънидор ба сӯям нигаристанд.

Рӯзи дигар, мо се тан, - Абдусалом Деҳотӣ, ман ва ҳамон "ҷавони қоқи дарози каллапашмин", ба сӯи мақбараи сипоҳсолори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакӣ раҳсипор шудем.

Он ҷавон Отахон Латифӣ буд, ки он вақтҳо дар факултаи журналистикаи Университети давлатии Ленинград таҳсил менамуд. Кӣ гумон мекард, ки рӯзе мерасаду ин ҷавони назарногири камгап журналисти намоёни мамлакат ва нависандаи номӣ мешавад ва баъзе мавридҳо калон-калон гапгузаронӣ мекунад...

Роҳи мо дар шафати Зарафшони нурафшон, аз боғоти Зебону Сӯфиёну даштҳои Маллаву паҳноии Марғедару дараи Киштӯд мегузашт. Мо роҳбаладон дониста меҳмонро ба гап намегирифтем, ки ба табъи худаш музофотҳоро дарк намояд, тамошо кунад, баҳра барад... Ҳар саволе, ки аз меҳмон ба миён меомад ҷавоб медодем. Ӯ то ба дараҷае кунҷкобию пурсиш мекард, ки ному навъи ангурҳо, себҳо, зардолуву набототҳоро суол мекард. Дар доманакӯҳе гулҳои ҳаррангa ҷило медоданд. Меҳмон хоҳиш кард "намешавад, ки инҷо каме истем, сайр кунем?". Хоҳиши меҳмонро ба ҷо оварда, қарор гирифтем. Аз дарёчаи софи кӯҳӣ об нӯшидем, гулҳоро наззора кардем, каме аз гиёҳҳои табобатӣ ғун кардем, аз боду ҳавои форами кӯҳсорон баҳра гирифтем. Ба бисёр саволҳош Абдусалом Деҳотӣ ҷавобҳо гирифт. Басо аён буд, ки меҳмон хеле рӯҳбаланд аст. Баногоҳ чашмони ӯ ба буттаҳои баланди зарде, ки болотар аз қароргоҳи мо алвонҷ мехӯрданд афтоданду вай филфавр аз мо пурсид "онҳо чӣ гуна гуланд, чӣ ном доранд, ман чунин гули зеборо бори аввал мебинам", - гуфт бо хотири болида.

Ронандаамон йигити баодобу дидадаро Самиқул Мӯсоев зуд рафта як навдаи гулро канда оварду "инро дар ҷойҳои мо думи рӯбаҳ мегӯянд" гуфт.

- Не, нодуруст, инро думи гов мегӯянд, гуфт Отахон, ки дар тамоми сафар ҳамин қадар гап зада буд. Шӯхиомез, не инро гӯши хук мегӯянд, гуфта хандидам ман.

Деҳотӣ аз баҳси мо ба ваҷд омада, инро думи ҳама ҷонварҳои зебо гӯед ҳам мумкин, агар аз ман пурсанд "думи товус" меномидам, гуфта гулро ба даст гирифт вай ва қавл кард, ки ин гулро ба Душанбе

бурда дар кабинеташ - чун ёдгории бебаҳо, чун накҳати водии Зарафшон нигоҳ медорад.

Вақте ки аз дашти Марғедар мегузаштем, чанд ҷой истодем ва ман дар хусуси иншооти нав - канали Марғедар ба Деҳотӣ нақл мекардам. Дар Сарбанд ба сӯҳбатамон сардори сохтмон Суриков, директори яке аз совхозҳои навбунёд Ҷумъабой Тошев ҳамроҳ шуданд. Нақли онҳо дар бобати чи гуна шикоф кардани дили кӯҳ, мақсади овардани об ба дашти асрҳои аср ташналаб шоирро ба ваҷд меовард. Ӯ луқма партофт "Фарҳодҳои ҳақиқии зинда ин ҷову мо аз китобҳо Фарҳодҳо мечӯем". Баъд Абдусалом Деҳотӣ аз ҳаҷми заминҳои навкорам, зироатҳои кошта мешудагӣ, лоиҳакашҳо, шароити кору зиндагии сохтмончиён пурсон шуд ва ваъда дод, ки барои мулоқоти эҷодӣ инҷо алоҳида меояд ва агар муяссар шавад, барои марғедариҳо достони махсус эҷод мекунад...

Дар роҳ меҳмон ба номҳои музофотҳо, кӯҳҳо, дараҳо аҳамияти махсус модод. Масалан, ӯ мегуфт: "Шояд ин дашт Марғедар неву Мурғидар ё Марғузор бошад, ки баъд вайрон карда Марғедараш карданд, чӣ тавре, ки Деҳаи навро Денав, Конибодонро - Конибодом кардаанд". Нақли қиссаи сои чилдухтарони Киштӯд ӯро басо ба ҳаяҷон меовард. "Бинед, халқ чӣ гуна покхоҳ аст, чӣ гуна афсонаҳои ибратбахшро ихтиро мекунад? Ин афсона аст, аммо афсонае, ки инсонро ба покизагӣ ба душман сар нафуровардан даъват мекунад", - мегуфт ӯ...

Шоирро дар оромгоҳи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд пирони батадбири деҳа Нуралии Розиқ, Мулло Эсо, роҳбарони онвақтаи музофоти Қулолӣ Бобо Раҳимов, Қаноат Иброҳимзода, Мирзо Бобоев бо камоли эҳтиром оғӯшҳои кушод исиқбол карданд. Деҳотӣ, ки ба Панҷрӯд бори аввал омада буд, мақбараи устодро бо ихлоси баланду мароқи зиёд зиёрат кард ва барои тарғиб намудани эҷодиёти гаронбаҳои Рӯдакӣ маслиҳатҳои муфид дод. Дар сӯҳбат беихтиёр дар чойхонаи Панҷрӯд байни Деҳотиву мӯйсафедони онҷо мушоирае аз эҷодиёти Рӯдакӣ баргузор гардид:

Нуралӣ Розиқ:
Чу ҳомун душманонат паст боданд,
Чу гардун дӯстон воло ҳама сол.
Деҳотӣ:
Ёр бодат тавфиқ, рӯз бо ту беҳӣ рафиқ,
Давлат бодо ҳариф, душманат гипаю лол.
Мулло Эсо:
Агар ман ҳамеша ситорагӯй бошам,
Ситоям набошад ба ҷуз номи некӯт...

...Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Чунин қироат аз назми шакарбори Рӯдакӣ чанд давр зад. Шоир қаноатманд гардида, изҳор кард: - Сӯҳбатамон басо ширин аст, шу-

моён меросхўрони ҳақиқиву асили Рӯдакиед. Бигузор каломи ҷавону сеҳрноки устод шумоёнро шод ва ҷавон нигоҳ дорад...

Аммо афсӯс, ки кунун аксари онҳое, ки дар зодгоҳи Рӯдакӣ Деҳотиро пазируфта буданд дар қайди ҳаёт нестанд...

Дар бозгашт зиёёни Ғусар - маркази собиқ райони Колхозчиён аз омадани Абдусалом Деҳотӣ хабардор шуда ба истиқбол баромаданд ва ӯро барои мулоқот ба мактаби миёнаи Ғусар хонданд. Директори онвақтаи мактаб Қосим Рӯзиев, муаллимон Нурулло Бобоев, Баҳриддинов, Усмонов, Холмурод... фаъолони ҷамъиятӣ Шукурмурод Шодиев, Сафаралӣ Одинаев, Раҳим Каримов меҳмонро бо камоли иззати том пазирой намуданд. Талабагон ба шоир гулдастаҳо тақдим намуда ӯро ба сафи пионерони фахрӣ қабул карда, ба гарданаш галстуки пионерӣ бастанд... Абдусалом Деҳотӣ аз чунин мулоқоти "тасодуфӣ", аммо басо самимона рӯҳбаланд шуда, барои талабагон шеъри "Булбулакони боғи дониш"-ро хонд, ки талабагон баробараш қироат намуданд:

Эй, булбулакони боғи дониш,
Шодона таронаҳо муборак.
Боз омадааст фасли хониш,
Таҳсили нави шумо муборак.
Мактаб ҳама ҷо канор бикшод,
Он гуна, ки модаре ба фарзанд.
То ин ки шумо зи хотири шод,
Чун ҷон ба танаш шавед пайванд...

Дар ин вохӯрӣ шоир аз вазъи адабиёти муосири тоҷик, комёбиҳои вай, аз ҷумла эҷоди тозаи ҷавонони соҳибистеъдод аз ҳамин водӣ - Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром ва дигаронро хурсандона васф намуд. Пас аз ҷавоб ба саволҳои бисёр меҳмон бо муаллимон ва талабагон хушбошӣ намуда, махсус қайд намуд: "Мо дар назди хонандаҳоямон на фақат қарздор ҳатто гунаҳгорем, бинед одамон чӣ тавр ташнаи сӯҳбатанд, доғи шунидани каломи бадеъ ҳастанд"...

Аз Ғусар ҳамсафарон қишлоқҳои Сӯҷина, Косатарош, Шинг, Сор, Моғиёнро зиёрат карда, ба Фароб ҳам рафтем. Шоир ба ҳамаи ҷиҳатҳои ҷузъӣ - зиндагии мардум - тарзи хонасозӣ, молдорӣ, полезкорӣ, гузаронидани тӯю тамошоҳо, муомилаи пирон ва ҷавонон аҳамият медод ва худ ба худ мегуфт: "ана мавзӯъҳои эҷодӣ дар куҷову мо кӯчаҳои Душанберо чанг дода, ба худ мавзӯъ мекобем".

Дар омади гап гӯям, ки Абдусалом Деҳотӣ ҳамсафари хуб ва нақлгари беҳамто ҳам буданд. Ҳар бор барои дилхушии ҳамсафарон лаҳзаҳои аҷоиби зиндагиашро нақл мекард:

- Дар сафари Япония, - гуфт Деҳотӣ бо завқханда, чунин воқеа рух дод: дар яке аз қабулҳои расмӣ ҳайати вакилони моро бо хушӣ пазирой карданд. Вақте ки ман вориди қабулгоҳ мешудам, меҳмондор ба ман нигоҳ карда гуфт: "рафиқ, шумо андак сабр кунед, аввал

меҳмонҳо дароянд, баъд шумо". Бо ҳайрат нигаристам ва гуфтам "магар ман меҳмон нестам?" Азбаски афти ман ба японҳо монанд аст, мизбон маро саҳван одами худӣ пиндоштааст. Ӯ ин воқеаро ба аҳли ҷамъият нақл кард ва ҳама бо завқ хандиданд. Пас аз ин мизбон маъзарат хоста маро аввал ба маъракаҳо даъват мекардагӣ шуд, - гуфт Деҳотӣ.

- Бори дигар, дар сафари Афғонистон ба воқеаи басо хандаовар дучор шудем, - гуфт боз меҳмонамон ва суханашро давом дод: - Моро барои мулоқот ба дабиристони (мактаби) занона даъват намуданд. Ба занҳо рухсат доданд, ки кушод баромад кунанд, аммо ба мо - мардҳо - шоирҳо, артистҳо фармуданд, ки аз паси парда баромад кунем. Чунин ҳам кардем. Пас аз понздаҳ - бист дақиқаи вохӯрии эҷодӣ бидуни чашмдошти сардорони маъракa ҷавонзанҳои афғонӣ пардаҳоро канданд. Акнун мо мардони шӯравӣ бо рӯи кушод баромад мекардем, ки касе аз мо зарофатгӯй кард: "аҷоиботи корро бинед, ки дар Тоҷикистон мардҳо занҳоро озод кунанд, дар Афғонистон занҳо мардҳоро озод мекунанд". ...Ҳамин тавр аз нақлҳои диловези Абдусалом Деҳотӣ баҳраманд гашта, чӣ тавр ба Моғиён расиданамонро нафаҳмида мондем. Боғоту дараҳои Моғиёну Қӯрғони Иноғбекро давр задем. Онҷо ӯро соҳибманзилон Иноғбекро чун бадтарин ҷоҳилу золим сифат намуданд. Деҳотӣ нақли онҳоро бо диққат гӯш мекард. Бемаҳал шуда буд, роҳбарони онвақтаи Моғиён Рафиев, Ҷалилов ва Раҷабов таклиф намуданд, ки ҳамон ҷо хоб равем.

Онҷо, ки чанд тан фаробиҳо ҳам буданд Деҳотиро ҷазмандона ташвиқ мекарданд, ки ба Фароб ҳам равем. Таърифи зебогии нотакрори Фароб ба ҷое расид, ки бечуну чаро саҳарӣ ба онҷо ҳам мерафтагӣ шудем...

Ағбаи Сорро боло, шуда ба лаби чашмаи сари роҳи Фароб истодем. Писари усто Неъматуллои Фаробӣ Зайниддини кабкбоз (лақабаш чунин будааст) ба мо роҳбаладӣ мекард.

- Домулло, як оби ҳамин чашмаро чашида бинед, - гуфт вай ба Абдусалом Деҳотӣ илтифоти махсус намуда. Деҳотӣ обро нӯшида "бай-бай-бай, ана обу мана об" гуфтанд ва илова карданд, "ана ин обҳоро хуред дар зардадону гурдаатон ҳеҷ гоҳ санг-панг пайдо намешавад". Деҳотӣ гулҳои рангоранги кӯҳи Фаробро дида, худашон ҳам ба лафзи худашон гул карданд, беихтиёр ба гулчинӣ даромаданд ва онҷо ба васфи гул чанд шеърҳои лирикӣ хонданд. Якеш ин аст:

Субҳи имрӯз байни гулзорам,
Аввалин гул шукуфт, дилдорам...

Сайри гул нест дилкушо бе дӯст,
Интизорам, даме биё, эй дӯст.

Тӯе дар истиқболи гул,
Дар бӯстон дорад баҳор.

Аз сабза пойандозҳо
Бар гулрухон дорад баҳор.

Сад сеҳру ҷоду аз нафас,
Ҳар дам аён дорад баҳор.

Ин ҷойҳо чунин ҷое буданд, ки кӯр бошӣ бино мешавӣ, гунг бошӣ гӯё мешавӣ, кар бошӣ шунаво мешавӣ, - гуфтанд шоири мӯҳтарам илтифот карда.

Ҳамин минвол сӯҳбаткунон ба Мӯсобозори Фароб расидем. Онҷо, ки дарёчаи обаш шаффофу моҳидор ҷорӣ буд, касе хоҳиш кард моҳидорӣ кунем. Деҳотӣ бо тааҷҷуб пурсид - ҳамин дарёча моҳӣ дорад? Гуфтанд: Бале. Мо розӣ ба моҳидорӣ, бо чӣ моҳӣ медоред, на шасту на тӯру ҳеҷ чиз надоред, - гуфт Деҳотӣ.

- Истед устод, - ягон илоҷ мекунем, гуфтам ману либосамро бадар карда, бо майкаи тӯриам ба даруни дарё даромадам. Отахони "қоқи дароз" ва "Зайниддини кабкбоз" ба ман кӯмак мерасониданд. Дар ним соат қариб ду сатил моҳӣ доштем. Устод Деҳотӣ чунон дар ҳайрат буданд, ки чӣ гуфтанашонро надониста "э, э ман ҳам ёрдам кунам-чӣ" - гуфта, ба об даромаданд ва бо завқ механдиданд. Ҳаво на гарми гарм, на сарди сард - мӯътадил буд. Ҳама чанд вақт бо баданҳои нимбараҳна аз насими табиати файзбори Фароб баҳраманд мешудем. Доманаҳои кӯҳ шибарзор, себарга болои обу об болои себарга, як сӯ гулҳо ҷило медиҳанд, як сӯи дигар кабкҳо қаҳ-қаҳ мезаданд, дар болои кӯҳҳои сабзу осмонбӯс як зарра ғуборе нест. Аз дурӣ рамаҳои гӯсфандони ба кӯҳпора паҳн гашта, заминҳои киштгардида назарраболӣ мекарданд. Он лаҳза ҳусну таровати кӯҳистони тоҷик нурафшонӣ мекард, ки аз устод Деҳотӣ касе пурсид, - "росташро гӯед, Дарвоз зебост ё Зарафшон?" Ин саволро шунида ман беихтиёр "Ба як сӯ барфу як сӯ пухта гелос, аҷаб фаслест тобистони Дарвоз, ба васфи чашмаву обаш чӣ гӯям, ҳазорон Салсабил қурбони Дарвоз", - гуфтаму илова кардам, ки дӯстамон ҳамин шеъратонро дар назар дорад...

- Савол саволи ҳаққонӣ. Шумо гуфтанӣ, ки чаро дар ҳаққи Дарвоз шеър бахшидеду ба Зарафшон не. Ана барои адо кардани ҳамин қарзам омадам, - гуфта Деҳотӣ суханашро давом дод. Дарвоз кӯҳҳои Зарафшон, Қаротегин, Ҳисор, Бадахшон ҳар кадом зебост, бо хусусиятҳои худаш зебост, хуб мешуд, ки онҳоро ба якдигар муқобил нагузорем, зебогии ҳар кадомашро муносиб васф кунем, зеро ҳар порча замини бобоиамон ҳам зебост, ҳам муқаддас аст".

Аз он ҷо нисфирӯзӣ ба қишлоқи - Фароб расидем ва ба ҳавлии усто Неъматулло фуромадем. Дар дари меҳмонхонаи гилӣ моро худи соҳибхона истиқбол кард, аз рӯи анъанаи халқӣ вай бо ҳама ҳамоғӯш шуда пазирой намуд, фармуд, ки "зуд дасти меҳмонҳоро об гиранд". Пас аз нишастан Зайниддини кабкбоз Деҳотиро бо падараш муаррифӣ намуд, "муаллим ана ҳамин кас падари ман, номашон усто Неъма-

тулло" - гуфт ӯ.

- Бисёр хуб, бисёр хуб гуфт Деҳотиву кадомамон калон бошем, ман ё падари шумо? - савол кард.

- Падарам аз ҳаштод гузаштагӣ.

- Монед, воҳима накунед, чӣ хел ба ҳаштод, ки ягон мӯяшон сафед нашудааст? Ба сари ман нигаред, ҳанӯз ба панҷоҳ надаромада ягон мӯи сиёҳ намондааст, - гуфт табассум карда Деҳотӣ.

Меҳмонро аз хиҷолат баровардан шуда, худи усто Неъматулло луқма партофт: сиёҳии мӯй аз сол не, аз миҷоз вобаста, писарам дар ҳақиқат ҳаштодро пур кардам, гуфт усто Неъматулло.

Боз инашам гӯям, ки шумоён бисёр фикр мекунетон, мӯятон сафед мешавад, гуфт ӯ.

- Гапатон ҷон дорад, аммо аз муҳиту тарзи зиндагиву нону намак ҳам бисёр вобастагӣ дорад. Мо ку ғам мехӯрем фикр мекунем. Шумо ҳам бе ғам нестед, гуфта ҷавоб доданд Деҳотӣ. Баъд бо шӯхӣ ба ман муроҷиат намуд: "Раис, ба ман аз ҳамин ҷойҳо замин диҳед, хона сохта кӯчида меоям, роҳат инҷо будасту мо дар шаҳрҳо аз бӯи гази мошину ғубори заводу фабрикаҳо гаранг шуда гаштем".

Ман ҷавоб надода, фаробиҳо: "шумо, муаллим, биёед, хона тайёр, замин фаровон", - гуфтанд - мо ба шумо аз мағзи ҷонамо ҷой медиҳем, аввал ҳаққи нону намак шавед, баъд мебинем гуфта, соҳибхона меҳмонҳоро ба хӯрокхӯрӣ ишора кард.

- Амак хӯрок мехӯрем, аммо як шарт дорам, рухсат шавад моҳиро худи ман пазам, - гуфт Деҳотӣ. Ӯ дасту остин барзада моҳиро чунон бомазза пухт, ки ҳозирин "Э, муаллим қоил кардед", гуфтанд. Хонаи усто Неъматулло, ки пур аз одамон буд, байни шоиру онҳо сӯҳбати дилҷӯе бино шуд. Касе аз Рӯдакӣ, дигаре аз Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ мепурсид. Дигаре илтимос мекард, ки Деҳотӣ шеърҳои навашонро хонанд. Шоир хоҳиши мизбононро ба ҷо оварда ва дар хотима хоҳиш кард, ки мардум зиёдтар китоб хонанд. Хусусан ба кӯдакон завқи китобхониро ҳарчӣ зудтар бедор кардан зарур мегуфт ӯ. Ҳозирон ба шоири соҳибҷашн наказҳои эҷодӣ медоданд. Мо пас аз чанд фурсат бо форобиҳо хушбошӣ кардем. Сари роҳ аз Моғиён ба Панҷакент занг задам ва Шарофиддин Рустамовро ёфтам. Он вақтҳо вай вазифаи котиби комитети иҷроияро иҷро мекард. Аз ӯ хоҳиш кардам, ки барои мулоқоти эҷодии Деҳотӣ одамҳоро дар клуби шаҳрӣ омода кунад. Мо бо устод Деҳотӣ пас аз як соат онҷо мешавем, - гуфтам. Аммо устод Деҳотӣ аз ин қарори мо бехабар буданд...

Ҳамин, ки ба роҳ баромадем, ба ронанда гуфтам, ки "мо бояд баъд аз як соат ба шаҳр расем". Баъд ба меҳмон муроҷиат намудам:

- Шумо, устод, меравам мегӯед, чӣ тавр мешавад? Ба Панҷакент омада ба шаҳриён вонахӯрда меравед? Онҳо шунаванд, аз мо сахт домангир мешаванд, инро мефаҳмед? - гуфта ба рӯяшон маънидор нигоҳ кардам.

- Не намешавад, аввал имрӯз рӯзи истироҳат, баъд ман ин бегоҳ

бояд ҳатман дар Самарқанд бошам, онҷо маро мунтазиранд, биёед дафъаи дигар. Мо кай ба Панҷакент мерасем, шумо кай одам хабар мекунед, не намешавад гуфтанд Деҳотӣ.

- Хайр, ба шаҳр расем, ба ягон хулоса меоем гуфтаму дигар дар ин мавзӯъ гап назадам ва ҳамин, ки ба Панҷакент расидем, шоирро рост ба клуби район овардам. - Инҷо мардум тақрибан 300 - 350 кас ба мулоқоти шумо омаданд, чӣ кор кунем, устод, ҷавоб диҳем? - гуфтам.

- О, чӣ хел бетайёрӣ, яку якбора мулоқот? - тааҷҷуб намуд Деҳотӣ.

- Ихтиёратон, маҷбур намекунем, устод, худамон ба мардум гапҳои мегуфтагии зиёде дорем, шуморо гусел карда бо онҳо дар хусуси маданияти қишлоқ, тайёрӣ ба таҳсили хониши нав гап мезанем, - гуфтам. Деҳотӣ каме ба андеша рафту "Не, нағз намешавад, биёед мулоқотро гузаронида баъд меравем", - гуфт ӯ.

Ҳамин, ки Деҳотӣ ба минбар пайдо шуд, ҳозирон ӯро хеле самимона бо кафкӯбиҳои дурударози гарм истиқбол карданд.

Ман, ки бо амри тақдир барандаи мулоқот будам, меҳмонро чунин муаррифӣ намудам.

- Дӯстони азиз. Ду рӯз аст, ки устод Абдусалом Деҳотӣ - шоири намоёни халқамон, драматург, ҳаҷвнигор ва олими шинохта, қомуснигор, ходими ҷамъиятӣ меҳмони райони мо мебошанд. Ин кас ба шаҳри мо, зодгоҳи Рӯдакии бузург, меҳнаткашони райони мо ихлоси махсус доранд ва инак дар арафаи ҷашни муборакашон барои дидорбинӣ ва мулоқотҳои эҷодӣ ба назди мо омаданд. Биёед, дӯстон, меҳмони олиқадрро ҳайра мақдам гӯем ва дар арафаи ҷашнашон самимона табрик гӯем.

Баъд Шарофиддин Рустамов, ки ҳоло узви восбастаи академияи илмҳои республика, шодравон Қутбиддин Раззоқов, собиқ директори омӯзишгоҳи педагогӣ, журналистон, муаллимҳо аз паҳлӯҳои фаъолияти эҷодии Деҳотӣ сухан ронданд. Талабагон паси ҳам шеърҳои шоирро қироат менамуданд ва сурудхояшонро месароиданд. Баромадҳо чунон дилчасп буданд, ки ба касе беҳаяҷон будан имкон надошт.

Толибае "Аз саҳни Кремли бахти одам, парвоз намо ба сӯи олам. Чун болу парат раҳат сафед аст, ҳар дил ба раҳи ту бо умед аст" мегуфт, дигаре шеъри ҳаҷвии "Қоил ман"-ро мехонд. Ҳаваскоре шеърҳоеро, ки ба онҳо оҳанг баста шудаанд, тақлид карда, сатрҳои суруди "Меҳмон мекунӣ ё не"-ро

Ғамат то кай хурам эй дӯст, шодон мекунӣ ё не?
Ба рӯям гунчаи умед, хандон мекунӣ ё не?
Ба ту ҳамдам шудан мушкил, ҷудоӣ боз мушкилтар,
Ба як лутфу карам, ду мушкил осон мекунӣ ё не

ҳозирон чун хор мехонданд. Сурудҳои "Ёри хушовоз", "Ту ҳам ёде бикун аз ман"-ро низ бо мароқ гӯш мекарданд. Ниҳоят навбат

ба худи меҳмони иззатманд - Абдусалом Деҳотӣ расид.

- Аввало, раиси мӯҳтарам маъзарат мехоҳам, ки аз ин мулоқот қариб саркашӣ карда будам. Дуюм ин ки ман акнун метавонам ҷашн нагузаронам, шумоён бе қарор, бе тайёрӣ чунон ҷашн гирифтед, ки ман лол гаштам. Бе муболиға мегӯям, ки шумоён бисоти эҷодии маро аз худи ман ҳам беҳтар медонистед. Ба ҳамаатон аҳсан мегӯям, ваъда медиҳам, ки ба баҳои баланди шумоён сазовор бошам. Ман аз ҷиҳати адабиётдӯстии панҷакентиҳо бисёр шунидаам, мулоқотҳо ва сӯҳбат бо пирони ботадбир дар Панҷрӯд ва мулоқот бо шумо тассавуротро дучанд карданд. Ин ҳама шояд аз файзи каломи сеҳрангези бобокалони адабиётамон Рӯдакӣ бошад, - медонед, гуфта суханашро давом медод Деҳотӣ, дар қишлоқи Фароб аз ман пурсиданд: шумо мафтун гашта, ба Дарвоз шеъру суруд бахшидед, акнун Зарафшонро ҳам дидед, кадомаш базебтар? Ман ҷавоб додам: ҳам Зарафшон, ҳам Дарвозу Бадахшон. Гап дар он аст, ки эҳсоси шоир фақат эҳсоси худаш нест, ман он суханҳоро аз номи зарафшониҳо ҳам гуфтам. Аз ин ҷиҳат эҷоди устод Рӯдакӣ фақат моли панҷакентиҳо нест. Ашъори вай ба офтобе монанд аст, ки ба ҳама баробар нур мепошад. Азбаски вай орзую омоли эрониёну афғонҳову ва дигар қавмҳоро ба забони модариашон сароида аст, Рӯдакӣ шоири онҳо низ ҳаст. Эҷодиёти вай, шогирдони ӯ халқҳоро наздик, дӯст ва хеш мегардонад. Барои аёдати Рӯдакӣ ба Панҷрӯд омадани Гурбахш Синг (Ҳиндустон), Мао Дун (Хитой), бисёр бузургони дигар мисоли зиндааст. Хулоса дӯстон, ман ба орзӯям расидам, аз пазироиву қадршиносиатон то қиёмат қарздорам.

Пас аз ин мулоқотҳои мо бо устод Деҳотӣ дар Маскав, Душанбе борҳо такрор шуданд. Январи соли 1961 дар Маскав аҳд карда будем, ки тобистон ҳамроҳ ба водии Зарафшон сафари бафурҷамекунем.

Чӣ илоҷ, ки аз бебақоии умри шоири босаховат ба ин орзуямон нарасидем.

Акнун ҳар бор, ки китобҳои шодравон Абдусалом Деҳотиро варақ мезанам, беихтиёр он лаҳзаҳои фаромӯшнашуданӣ, лафзи шакарбор, дидори ширини ӯ пеши назар аён мешаванд.

Ёдат ба хайр, дӯсти азиз.

УСТОДИ УСТОДДИДА

Ба наздикӣ дар маросими ҷашнгирии адибе бо дӯстони дерина - академик Муҳаммадҷон Шукуров ва шоири халқӣ Гулназар Келдӣ бари ҳам менишастем, ки касе луқма партофт: "Имсол соли "ҷашнчӯшак" будааст". Муҳаммадҷон Шукуров нимтабассуме карданду гуфтанд: - Ин фоли нек аст, ки ба қадри заҳмати нависандаҳо мерасанд, аммо ҳоло ҷашнҳои калон дар пешанд - навадсолагии Ҷалол Икромӣ, садсолагии Пайрав Сулаймонӣ ва дигарон.

Гуфтам: - Хайрият ҷашни устод Икромиро ба хотир овардед, кайҳост, ки худамро нисбат ба устоди равоншод қарздор мешуморам.

- Чаро? Гуфтам, ки ҳанӯз дар зиндагиашон бахшида ба эшон очерке навиштанӣ будам, аммо имкон наёфтам. Устод Ҷалол Икромӣ яке аз беҳтарин ҳамсояҳо буданд, расму ойини ҳамсоягиро бо нозукиҳояш ба ҷо меоварданд, - дар идҳо аз аввалинҳо шуда ба табрик меомаданд, китобҳои нав ба табъ расидаашонро тӯҳфа мекарданд ва аз ҳама муҳимаш, дар ниҳоди ман, беғаразона завқу кӯшиши навиштанро фаъол карданӣ мешуданд.

- Чӣ тавр? - пурсид Гулназар.

- Ҳамин тавр, ҳар чизе ки - хоҳ очеркҳои публисистӣ хоҳ ҳикояҳо, хоҳ сафарномаҳову хотираҳо, ки дар матбуот ё нашриёт чоп мешуданд, устод Ҷалол Икромӣ бо ҳама серкорӣ, фурсат ёфта мехонданду таассуроташонро изҳор менамуданд, баъзан, шояд барои рӯҳбаланд намуданам, хушгӯиҳо намуда - "метарсам, ки боз нони мо - нависандаҳоро нимта накунед" - мегуфтанд бо завқ хандида.

Чун сухан аз муносибати хайрхоҳонаи Ҷалол Икромӣ ба камина меравад, бояд қайд намоям, ки устод яке аз аввалинҳо шуда маро ба навиштани асарҳои бадеӣ далолат намуданд, таассуроташонро нафақат даҳонӣ мегуфтанд, балки борҳо мактубҳои батафсил навишта асарҳои навқаламонаи маро таҳлил менамуданд ва суханҳои хайрхоҳонаро ба камина раво медонистанд, ки онро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард.

Ин ҷо аз ду мактубе, ки устод Ҷалол Икромӣ аз Бухоро ба камина навиштаанд, чанд иқтибосеро ба хонандаи мӯҳтарам пешкаш карданиям:

- "Одатан, ман аз муваффақияти ҳар як қаламкаш шоду мамнун мешавам, хусусан, ки шумо бародар, ҳамсоя ва дӯсти қадрдони ман ҳастед, муваффақияти шумо дар соҳаи адабиёт маро беҳад шод гардонид. "Покдоман" ном ҳикояи шуморо дар саҳифаи рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ" хондам. Ҳикоя хуб аст. Ибратомӯз. Муфид ва моҳирона навишта шудааст. Ҳикояи ҳаҷвие, ки дар "Хорпуштак" (октябри соли 1978 чоп намуда будаед), бо сарлавҳаи "Кайф дар осмони ҳафтум"-ро низ хондам, хеле хуб, табиӣ ва равон аст, ба дараҷае, ки гумон мекунед, он ҳикояи мустанад бошад. Забонаш ҳам ба ҷо".

"...Китоби "Гард дар миҷгон". Аввало, номи ин китоб ба ман маъқул шуд. Номаш ба мазмунаш хуб мувофиқ омадааст. Ин саёҳатнома ду фасл дорад. Аввалаш "Бо амри виҷдон", дуюмаш "Пайванди дилҳо"... Дӯстии халқҳо, муносибати бародаронаи халқҳо (Афғонистон, Россия, Ӯзбекистон, Литва ва ғайра) нисбат ба халқи тоҷик хеле хуб тасвир шудааст. Кас хонда оид ба он сарзаминҳо, дар бораи аҳоибот, маданият ва санъати ин республикаҳо

маълумоти пурра ба даст меоварад. Ман ба шавқу завқ хондам ва ба муаллифи ин китоб аҳсан мегӯям" - навиштааст устод 6 августи соли 1988.

Дар мактуби дигаре, ки устод Ҷалол Икромӣ 19 октябри ҳамон сол аз Бухоро ирсол намудаанд, низ ҳамон оҳанги хайрхоҳонаи падарона мушоҳида мешавад: - "Ман китоби "Нақши хотир"-и шуморо бо завқи тамом хондам - Очеркҳо, сафарномаҳои адабӣ-бадеӣ ва ғайра ба ман хеле маъқул шуд. Бо устод Айнӣ ва Мирзо Турсунзода вохӯрда, онҳоро фақат бо суханҳои хушку холӣ таъриф накарда, дар образҳо, дар фактҳо ва сюжетҳои шавқовар фазилат ва характери онҳоро нишон додаед... Офарин... умуман, рафиқ Холмурод Шарифович, ман ба шумо хайрияти кор ва равнақи эҷодӣ мехоҳам...".

Устод Икромӣ ба ман нафақат аз Бухоро, балки аз дигар ҷойҳо - хонаҳои эҷодкорон дар Дубултаю Переделкино низ мактубҳо навиштаанд, ки баъдтар баъзеашонро шарҳ хоҳам дод.

Афсӯс, ки ҳама гуфтаҳои дилсӯзонаву хайрхоҳонаи устодро ин ҷо манзури хонандагон карда наметавонам, аммо он гуфтаҳои болоӣ, шояд кофӣ бошанд, ки имрӯзҳо дар арафаи ҷашни муборакашон номи эшонро ҳамчун мураббии асили ҷавонон ва яке аз шахсиятҳои барҷастаи накӯкор ба забонҳо гирем, аз мероси ғании эҷодиашон баҳравар шавем ва бо ҳар воситаҳо онро тарғиб намоем.

Дар омади гап бояд махсус қайд кунам, ки муомилоти хайрхоҳона ва ҳисси ғамхории устод Икромӣ нисбат ба ҷавонони эҷодкор рӯякиву сохтакорона набуд. Борҳо аз забонашон дар маҳфилҳои гуногун мешунидам: "дӯстони ҷавони ман, аз таърифу муваффақиятҳои нахустин зуд саргаранг нашавед, корро осон нагиред, бештар хонед, асарҳои Айниву Лоҳутӣ, Балзаку Такур, Горкий, Шоу, Байрон, Шекспир, Шолоховро гаштаву баргашта хонед". Дар ин бобат ҳаёт ва эҷодиёти худи устод Икромӣ барои ҷавонон мактаби сабақ аст.

Беҳуда нест, ки чеҳраҳои намоёни насри имрӯзаи тоҷик, аз ҷумла Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самадов, Ҷонибек, Ибод Файзуллоев мудом номи устодро бо меҳри хоса ва эҳтиром ба хотир меоваранду аз мактаби эҷодии Ҷалол Икромӣ ҳарф мезананд. Ӯрун Кӯҳзод мегӯяд: - "Устод Икромӣ, бемуҳобот, мураббии насли мо буд. Ман повести "Тори анкабут"-ро гаштаву баргашта мехондам, мушкилоти эҷодие пеш ояд, боз он асарро хонда илҳом пайдо мекардам, корам барор мегирифт. "Духтари оташ", ки давоми мантиқии он асар аст, яке аз ганҷинаҳои насри замони мост". - "Ҷои Ҷалол Икромӣ барин қаламкаши забардаст дар адабиётамон, дар Иттифоқи эҷодиамон имрӯз холист. Аммо, дувоздаҳ дарвозаи калони бадеӣ, ки он кас ба рӯи шогирдон боз карданд, ҳарорати дили "Духтари оташ" ҳамеша бо мост. Устод ҳамеша мадад-

гор, дилсӯзи иттиҳодияи эҷодии нависандагон, адабиёт ва насли ҷавони он буданд. Чун аз Турсунзодаву Раҳимзода ҳарф мезаданд, аз забонашон шаҳду шакар мерехт...".

Дар ҳақиқат устод Икромӣ шахсияти фидокор буданд ва агар лозим шавад, ба дастгирии ҳамқаламон, хусусан ҷавонон мешитобиданд. Боре устод мегуфтанд: "Ба назарам чунин менамояд, ки нисбат ба хизматҳои шоири ҷанговар Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ беадолатӣ зоҳир мешавад, зеро, ки вай сазовори унвони шоири халқист, вале ӯро пешниҳод намекунанд. Аз ин ҳолат дилғаш гашта устод Икромӣ ба воситаи матбуот ба мақомоти дахлдор бо мактуби кушод мурочиат намуданд. Театри академикии ба номи Лоҳутӣ санъаткори бомаҳорат Борис Наматиевро барои дарёфти ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ пешниҳод намуд. Устод Икромӣ аввалин шуда ба дастгирии ӯ бархостанд. Эшон ба унвони Кумитаи Мукофотҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ мактуби махсусе навиштаанд, ки дар он хизматҳои актёрро дар инкишофи санъати драматикӣ қайд намуда, саҳми вайро дар ҷодаи шашмақомхонӣ ҳолдонона тасвир кардаанд:

"- Дар ин ҷо мехоҳам, ки номгӯи он мақомҳое, ки Борис Наматиев дар шеърҳои классикони мо месарояд, баён кунам: - "Чапандози ушшоқ", бар матни Меҳрӣ, "Чапандози Гулёр", бар матни Ҷомӣ, "Зулфи парешон", бар матни Бедил, "Даромади ушшоқ" бар матни Махфӣ, "Ироқи Бухоро", бар ғазали Ҳофиз, "Чапандози Ироқи Бухоро", бар матни Ҳоҷӣ Ҳусайн, "Талқинчаи Ироқи Бухоро", бар матни Камоли Хуҷандӣ, "Насруллоӣ", бар матни Сайидо... ва ғайраҳо. Аз мактуб бар меояд, ки устод Икромӣ мухлиси шайдо ва донандаи мероси мусиқии ниёгонамон буданд ва барои ҳифзу тарғиби он талошҳо менамуданд.

Як мисоли дигар. Дар аввалҳои солҳои ҳафодум ҳунарманди номии миллатамон Ҷӯрабек Муродов дар саҳнаи Театри опера ва балети ба номи Айнӣ гузаронидани шаби эҷодиашро эълон кард. Ҳама қадрдонҳову мухлисони ҳунари Ҷӯрабек ба дидани он намоиш шитобиданд. Дидам, ки устод Ҷалол Икромӣ аз бисёр ҷавонҳо барвақттар омадаанд. Намоиши эҷодии Ҷӯрабек хеле шавқовар ва рӯҳбаландона гузашт. Мухлисон ҳофизро "гулборон" мекарданд. Дар ҳамон лаҳза дидам, ки дар саҳна дар назди микрафон (баландгӯяк) устод Икромӣ рост шуданду бо эҳсоси амиқ ба суханронӣ сар карданд:

- Маъзарат мехоҳам, худдорӣ карда натавонистам. Бо амри дил ин ҷо баромадам, ки Ҷӯрабеки азизро аз номи пирон табрик гӯям! Бояд иқрор шавам, ки, - гуфтанд устод Икромӣ, - Ҷӯрабек бо санъати нотакрори сарояндагиаш, овози бахмалини булбулосояш дили маро аз қолибаш баровард. Ҳамин рӯз қалбам ором гирифт, ки санъати мо бо кӯшишҳои Ҷӯрабек баринҳо абадӣ зинда мемонад.

Ин ҷо, ки сухан аз муносибати падаронаи устод Икромӣ ба ҷавонон меравад, як воқеаи гӯё начандон ҷолиби диққат ба хотирам омад. Дар мавриди гузаронидани Даҳаи фарҳанги мо дар Ӯзбекистон (ш. Нукус) ду иштирокчии Даҳа - шоира Гулрухсор Сафиева ва актриса

Раҷабгул Қосимова аз мулоқоти эҷодӣ ба меҳмонхона хеле бемаҳал омаданд. Дигарон хотирҷамъ, ором буданду ба ин ҳодиса аҳамияте намедоданд. Азбаски хеле дер шуда буду аз номбурдаҳо дараке набуд, устод Икромӣ бетоқатона даруну беруни меҳмонхонаро мекофтанд. Ҳама хоб кард, аммо то баргаштани Гулрухсору Раҷабгул Ҷалолака ва ҳамсарашон Саодатапа бедорхобӣ кашиданд. Маълум шуд, ки баъд аз мулоқоти эҷодӣ, ҳамсабақи Гулрухсор онҳоро ба хонааш меҳмон кардааст. Духтарони "ғайбзада"-ро дар нисфи шаб истиқбол намуда, устод Икромӣ ҳарфи зиёд нагуфтанд, - беҳудагардӣ хоси занони тоҷик нест. Иффати занона чизи муқаддас аст, онро покиза нигоҳ доред, мо ҳамсафарон ба қисмати якдигар бепарво буда наметавонем - гуфтанд. Дар ҳақиқат, устод Икромӣ нафақат ба қисмати Гулрухсору Раҷабгул бепарво набуданд, эшон нисбат ба ҳама ҷавонони соҳибистеъдод меҳри падарона доштанд, дар мавридаш ба онҳо дилсӯзиву ғамхорӣ менамуданд.

Мо, ки бо устод Ҷалол Икромӣ ҳамсоя будем, ҳар вақт бегоҳиҳо дар канори канали Ҳисор сайру гардишҳои зиёде менамудем, дар мавзӯҳои гуногун - муҳимтарин воқеоти олам, ҷумҳурӣ, вазъияти табъу нашри китобҳо, маҷаллаву рӯзномаҳо, дастовардҳои тозаи адибон, олимон, рассомон, бастакорон, театр, синамо ва ғайра гуфтугӯ менамудем ва устод ҳолдонона ва дилсӯзона фикрронӣ менамуданд.

Боре, дар ҳамин гуна гардишҳо аз устод Икромӣ пурсон шудам: - дар яке аз мулоқотҳоятон, бо ҷавонон аз сахтгириҳои устод Садриддин Айнӣ нақл карда будед...

- Хушбахтона ман устод Айниро хеле барвақт, дар синни ҳафтсолагиам, дар айёми мактабхониам дидаам, гуфтанд устод Икромӣ. Аввал машқи шеърнависӣ мекардам, бо маслиҳати устод Айнӣ ба наср даст зада ҳикояи аввалинам "Хаёл", "Шабе дар Регистони Бухоро"-ро иншо намуда ба устод Айнӣ, ки дар Самарқанд буданд, фиристонидам. Он ҳикоя бо дастгирии устод дар маҷаллаи "Раҳбари Дониш" чоп шуд. Аз бетаҳрир ва зуд ба чоп расидани ҳикояам шодмониам ҳадду каноре надошт. Аз кайфияти чопи аввалини асарам рӯҳбаланд, шуда ҳикояи дуввумам "Ширин"-ро боз ба ихтиёри устод Айнӣ фиристонидам. Чӣ мегӯед, ки устод он ҳикояро хонда маро танқиди сахт намуданд. - "Шумо, мегуфтанд эшон, аз зуд чоп шудани ҳикояи аввалаатон саргаранг шуда, асари дигаратонро саросема ба чоп фиристонидед". Устод Айнӣ бештар аз носуфтагии забони ҳикоя, банду басти он эрод гирифта - гуфтанд: - кас бояд коре кунад, ки асари ояндааш, аз пештарааш хеле баландтар бошад. Ман маҷбур шудам, то ба чоп фиристонидани ҳикояи номбурда ("Ширин") чандин маротиба, гаштаю баргашта бинависам, ки писанди устод Айнӣ гардад, - гуфтанд хаёлолуда ҳамсояам.

- Ҷавон ки будам, - гуфтанд Ҷалол Икромӣ, - аз чунин сахтгирии устод Айнӣ ранҷидам, баъдтар, ки тадриҷан ба пояҳои намоёни эҷодиву шахсият расидам, тафаккурам дигар шуд, ҳиси миннатдориам аз

устоди азизу хирадмандам ҳадду каноре надошт. Охир устод ба ман сабақи фаромӯшнашуданӣ доданд, ки он панду сабақ то ҳанӯз роҳнамои ман аст - ҳам дар эҷодиёт ва ҳам дар зиндагиам...

Устод Ҷалол Икромӣ ин нақлиро пандомезро ба охир расонданду афзуданд: - ҳозир, мутаассифона, асарчопкунӣ хеле осон шудааст, қисме аз ҷавонон, саросемавор навиштаҳояшонро ба нашр медиҳанд. Ман, муқобили "сензураам", аммо ҷонибдори онам, ки ҷавонони эҷодкор "ҷабри устоди сахтгир"-ро аз сар гузаронанд, ки ин омили боэътимоди баланд шудани сифати асарҳост. Охир, сифати асари бадеӣ - ин сифати инсон аст - мегуфтанд устод бо иддао.

- Ин қиссаатон, ки устод, аз оғози роҳи эҷодиатон буд, хеле пандомез аст. Кошкӣ ҳама нависандаҳои баркамол ба Садриддин Айнӣ пайравӣ мекарданду ба ҷавонони эҷодкор падарвор мураббӣ мешуданд, онҳоро аз иштибоҳу хомкориҳо ҳимоя менамуданд, - гуфтаму афзудам: - Устод, он мушкилоте, ки гуфтед, дар айёми ҷавонӣ ва камтаҷрибагиатон буд, магар баъд аз ба пояҳои баланди нависандаи баркамолу номӣ расиданатон, дучори эроду танқидҳо нагаштед?

- Ба хаёлам, мулло Холмурод, шумо кимчиҳоро медонистагӣ барин, пурсидед, - гуфтанд устод Икромиву ба завқ хандиданд ва пас аз фурсате рӯҳбаландона нақли аҳоибе карданд:

- Ин солҳои панҷоҳум буд, ман даҳҳо асарҳои дигари калонҳаҷм навишта, ба қатори нависандаҳои машҳур ба мисли Раҳим Ҷалил, Улуғзода, Ниёзӣ ворид гашта будам. Соли 1957 романи навам бо унвони "Ман гунаҳкорам" нашр гардид, ки вай дар рӯҳияи ғояҳои замони нав, дар заминаи хулқу одоб ва психологияи реализми сотсиалистӣ иншо гардида буд. Чи мегӯед, ки ин асар дар доираи қисме аз ҳамқаламҳои худам хуш пазируфта нашуду боиси танқиду ҳучумҳои тангназарона гардид. Кор ба ҷое расид, ки китоб дар Иттиҳодияи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ (Москва) ба муҳокима гузошта шуд. Хайрият, ки дар муҳокимааш, ба мисли Мухтор Авезов барин нависандаи машҳури нозукбин ва дигар донишмандон будаанд, ки "қилро аз хамир ҷудо карда", асарро ҳамчун асари муфид, ифодагари равияи ҷадиди замонавӣ ҳимоя намуданд. Ба китоби "Ман гунаҳкорам" ҳамчун тадқиқоти бадеии навоварона баҳо доданду ҷонам ором гирифт.

- Яъне, "бегонаҳо" шуморо дастгирӣ намуданд, - гуфтаму мақоли "ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам, ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард"-ро ёдовар шудам.

- Бале, бале, ҳамсоя, агар чунин гуфтан раво бошад, онҳо маро аз дӯстони худам ҳимоя намуданд, - гуфтанд устод Икромиву афзуданд: - агар устод Айнӣ маро аз изтиробу хомкорӣ, саҳл гирифтани эҷодгарӣ ҳимоя карда бошад, Мухтор Авезову дигарон маро аз "ғамхориҳо"-и ғаразноки нотавонбинон халос карданд.

Ҳамчун ҳамсоя устод Икромӣ на фақат бо оилаи мо муомилаи хуб доштанд. Он кас нисбат ба дигарон низ русуми анъанавии ҳамсоягиро риоя менамуданд, агар касе бемор шавад, аз аввалинҳо шуда

хабар мегирифтанд, дар маъракаҳояшон иштирок менамуданд. Медидам, ки устод ҳар сари вақт ба хонаҳои ҳамқаламон Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мӯъмин Қаноат, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо рафта ҳолпурсӣ мекарданд, дар мавридҳои идона ҳамсояҳоро ба ҳавлиашон даъват намуда, дар атрофи табақи палови бухорой, ки Саодатапа болаззат мепӯхтанд, гулхани маҳфили дӯстонаро фурӯзон менамуданд.

25 декабри соли 1999 дар ҷашни 100-солагии Пайрав Сулаймонӣ бо ҳамсояи дар ба дари устод Икромӣ Ғаффор Мирзо бари ҳам менишастем. - Медонистам, ки Ғаффори ҳақгӯй ва тундсухан на ба унвони ҳама ҳарфи хуб мегӯяд, бо вуҷуди ин пурсидам, ҳамчун ҳамсоя дар ҳаққи устод Икромӣ чӣ гуфта метавонӣ? "Фақат мегӯям, ки ҳамсояи нағз буд, аз ӯ озоре надидам, дар меҳнат кардан намуна буд, нависандаи сермаҳсул буд, аммо баъзе фарзандҳояш аз ҳад зиёд эрка буданд", посух дод Ғ. Мирзо...

Бо гуфтаҳои Ғаффор Мирзо розӣ ҳастам, устод Икромӣ бо хурду калони маҳалла баробар буданд, онҳоро ном ба ном медонистанд. Ҳар вақт, ки бо фарзандонам дучор мешуданд, бо онҳо хушгӯӣ мекарданд, фарзандонам мегуфтанд: "Бобо Ҷалол ба шумо салом расониданд". Ин ҷо, ки аз эркагиҳои беҳади баъзе фарзандони устод Икромӣ ишора шуд, як мактуби аз хонаи эҷодиёти "Дубулта" навиштаи эшон ба хотирам омад: - "Хати Ҷононро хондаму қаламам аз дастам афтод, дар институте, ки кор мекунад, ӯро ранҷондаанд" - навишта буданд Ҷалолака. Ба падари раҳдур нома навиштани писар чӣ сайъи хуше. Аммо, аз ҷониби ҷавонмарди баркамол, ходими илмии академия ба падари раҳдуру ранҷур навиштани мактуби дилғашкунанда чӣ маънӣ дорад? Олим, ҷавонмард, худашро ҳимоя карда натавониста аз падари обрӯмандаш ҳимоя меҷӯяд..."

Месазад ҳоло ёдовар шавам, ки ман бо устод Ҷалол Икромӣ на фақат дар соҳили канали Ҳисору гулгаштҳои Қарияи Боло гардишҳову сӯҳбатҳои тӯлонӣ доштам. Борҳо бо устод дар сафарҳои якҷоя дар гузаронидани Даҳаҳои адабиёту санъати тоҷик дар Россия, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва ғайра ҳамсафарӣ кардаам ва қисме аз онҳоро мухтасар ёдовар мешавам. Боиси ифтихори фарҳанги мост, ки устод Икромиро дар ҳама мулоқотҳои берун аз кишварамон басо самимона ва гарму ҷӯшон истиқбол менамуданд. Дар маҳфиле дар маркази Ҷумҳурии худмухтори Қароқалпоқистон, шаҳри Нукус, сарвари онвақтаи кишвар Камолов гуфт: Сухан ба Нависандаи халқии Тоҷикистон, меҳмони азизи мо, оқсақоли иззатманд Ҷалол Икромӣ дода мешавад. Ҳозирон устодро хеле гарму ҷӯшон истиқбол намуда нутқи ӯро бо шавқи тамом шуниданд. Яке аз сомеъони маҳаллӣ, шояд омӯзгор буд, ки хушгӯии дилпазире намуд - раиси мӯҳтарами мо устод Икромиро ба мо шинос намекарданд ҳам мешуд, зеро, ки мо эшонро кайҳо боз ҳамчун нависандаи худамон мешиносем, дар қатори Комил Яшин, Абдулло Қодирӣ, Собир Абдулло, Зулфия, Шароф Раши-

дов асарҳои ӯро мехонему ҳаловат мебарем, китобҳои устод "Шодӣ", "Тори анкабӯт", "Духтари оташ", "Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро", "Тахти вожгун" ва ғайра дар байни мардуми мо шӯҳрати зиёде доранд. Чунин суханҳо ба унвони устод Икромӣ дар дигар вилоятҳо - Тошканд, Самарқанд, Хоразм низ садо медод.

Дар ҷавоби он истиқболи самимию хушгӯиҳои бародаронаи мардуми Ӯзбекистон, устод Ҷалол Икромӣ ба вақт омада дар шаҳри Хива гуфта буданд: аз ин самимияту навозиши дӯстонаи шумо ман албатта, беҳад шодам, аммо амиқ ҳис мекунам, ки эҳтироме, ки шумо нисбат ба ман изҳор мекунед, пеш аз ҳама ба халқи тоҷик, фарҳанги ҳазорсолаи вай, қаробати хешутабории мардуми ӯзбеку тоҷик иртибот дорад. Охир дӯстони ҷонии ман, - меафзуданд устод Икромӣ, фақат дар забони мо фарқияте ҳаст, вале муҳимтарин мафҳумҳо, ибораҳо, ба мисли "ватан", "илм", "китоб", "дин", "имон", "маданият", "санъат", "нон", "дастархон", "дӯст", "душман" ва ғайра дар ҳар ду забон ҳам якранг садо медиҳанд.

Дар бисёр баромадҳояшон Ҷалол Икромӣ, дар рӯзҳои фарҳанги мо дар Ӯзбекистон аз ҳамкориҳои ҳарду халқи ҳамсоя сухан меронданд. Дар шаби эҷодии нависандагон дар Тошканд меафзуданд. Бо ташкилшавии Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон ба мо зарур омад, ки театри касбӣ низ ташкил намоем. Аммо кадрҳои даркориро надоштем. Аввалин режиссёре, ки аз Тошканд омада, якумин спектаклро дар саҳнаи театри навбунёди тоҷик гузошт, ин Фатҳулло Умарови тошкандӣ буд ва песаи аввалин ҳам асари нависандаи номии Ӯзбекистон Комил Яшин буд. Ҳамдастии миллатҳои мо нафақат дар соҳаи фарҳанг, балки дар дигар ҷабҳаҳо - пахтакорӣ, сохтмони каналҳои азим, ба кор андохтани заминҳои нав низ баҳснопазир аст, - мегуфтанд устод бо рӯҳбаландӣ.

Дар яке аз чунин мулоқотҳо, аз устод Ҷалол Икромӣ пурсиданд: - Чӣ тавр шумо нависандаи забардаст шудед? шумо устоди таълимгар доштед?

- Саволи хуб додед, - гуфтанд устод Икромиву ҷавоб доданд:

Бе мураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан.
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Ин сатрҳои олиҷаноби классики адабиёти мо, - ҷавоб ба шумо, азизон. Албатта, ман устод доштам, устоди ман яке аз бузургтарин донишмандони олам, устод Садриддин Айнӣ буданд, ки он кас асосгузори адабиёти давраи навини мо ҳастанд. Он касро яке аз асосгузорони адабиёти мардуми ӯзбек гӯем ҳам хато намешавад. Шояд, на ҳама дӯстони ҷавонамон донанд, ки устод Айнӣ ба забони ӯзбекӣ ҳам асарҳо навиштаанд, бесабаб нест, ки устод Айнӣ нафақат барои ман, балки ба бисёр адибони Тоҷикистону Ӯзбекистон таълимгари беҳамто, устоди асил буданд, - мегуфтанд Ҷалол Икромӣ.

Устод Ҷалол Икромӣ дар муҳокимаҳои асарҳои ҳамқаламон, шогирдон фаъол буданд, дар ҷаласаҳои иттифоқҳои эҷодӣ, маросимҳои

ҷамъиятӣ иштирок карда, аксар вақтҳо баромадҳои пандомезона менамуданд. Охирҳои солҳои шастум анҷумани якуми кормандони фарҳанги Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он аз тамоми гӯшаҳои кишвари офтобии мо вакилон иштирок доштанд. Сарварони онвақтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов ва Абдулаҳад Қаҳҳоров низ меҳмонони анҷуман буданд. Дар он анҷумани бошукӯҳ аз номи арбобони барҷастаи фарҳанги миллиамон нутқ кардан насиби устод Икромӣ гардид, ки ин аз мақому эътибори баланди доштаашон дар назди аҳли илму фарҳанг шаҳодат медод. Устод метавонистанд бе қоғаз суханронӣ кунанд, аммо ба эҳтироми анҷуману аҳли фарҳанг нутқашонро навиштанд ва онро чунин оғоз намуданд:

- Азбаски ман ба фарҳанг ва фарҳангиён муносибати хоса дорам, андешаҳоямро дар қоғаз навиштам, ҳар чизе, ки мехостам гӯям, дар мизони ақлу хирад, талаботи замон баркашидам ва акнун ба шумо иброз менамоям. - Сипас эшон диққати ҳозиронро ба чанд масъалаҳои муҳим ҷалб намуданд, - ба зиммаи инҷо нишастагон бори вазнине гузошта шудааст, ки ин пеш аз ҳама ба мардум дастрас намудани мероси бебаҳои бобоҳоямон, ганҷинаи аҷдодонамон, пеш аз ҳама, эҷодиёти классикони адабиёти овозадорамон мебошад. Савол ба миён меояд, ки касоне, ки имрӯз вакили анҷумананд ва ҳамаи онҳое, ки дар театрҳо, клубҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ кор мекунанд, аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифаи муқаддас мебароянд?! Оё, - афзуданд устод Икромӣ, - ҳамаи касоне, ки худро кормандии фарҳанг мешуморанд, саводи казой доранд? Дар омӯзишгоҳҳои махсус касбомӯзӣ кардаанд ва муҳимтараш, касби худро маҷнунвор дӯст медоранд? - пурсиданд устоду афзуданд: барои булҳавас, беҳафсала, беҳунари дилсард дар фарҳангистони мо бояд ҷой набошад. Яъне шарти аввал ин аст, ки корманди фарҳанг ба касбаш ишқи ҳақиқӣ дошта бошад, чи тавре, ки мавлоно Низомӣ фармудааст:

Ишқ ҳақиқист, маҷозӣ магир,
Ин думи шер аст, ба бозӣ магир!

Он чизе, ки гуфтам, азизон, ба ҳамаи мо дахл дорад, ҳам ба нависанда, ҳам ба рассому бастакор ва ҳам ба сароянда ву меъмор. Дар дили касе, ки чароғаки ишқи ҳунар насӯзад, аз вай бӯи умед нест, чӣ тавре, ки аз зарофатгӯе шунидаам: "Гар ба дил завқе надорӣ, синаҷунбонӣ чӣ суд?" Устод дигар ақидаҳояшонро роҷеъ ба инкишофи маданият, баланд бардоштани сатҳи ҳаёти маънавӣ, тарбияи ҷавонон низ иброз карданд. Дар танаффус Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров барои нутқи пандомӯзашон дасти устодро фишурда табрик намуданду гуфтанд: - доимо анҷуманоро бошед!

Устод Икромӣ яке аз сифатҳои хоси нависандагиро дар ҷӯяндагӣ медиданд. Ҷӯянда ёбанда аст, мегуфтанд. Дар хотир дорам, боре ба Фазлиддин Муҳаммадиев гуфтанд, ки бигузор мавзӯъёбиро ҷавонони мо аз шумо ёд гиранд. Ба наздикӣ навқаламе аз ман хоҳиш кард, ки ба ӯ мавзӯи аҷоиб ёбам, то вай асари шавқовар нависад. Гуфтам:

- кас бо чашми каси дигар дида наметавонад. Бемалол, ман ба ту маслиҳатҳо медиҳам, лозим шавад, асаратро мехонам, аммо мавзӯи дилхоҳро бояд худи худат ёбӣ, фақат чашми бинои эҷодкор дар қаламрави ҳаёт мавзӯъ ёфта метавонад.

Дар ин бобат, ҳақ бар ҷониби устод Икромӣ аст ва худашон намунаи ибрат буданд. Боре бо устод Икромӣ дар истироҳатгоҳи "Зимчурӯд"-и ноҳияи Варзоб дучор шуда, ҳолпурсӣ кардаму гуфтам: хуб кардед, ки ин ҷо омадед, акнун каме аз ташвишҳо фориғ шуда истироҳат кунед, ин ҷо ҷои хуби "калла дамдиҳӣ" ҳам ҳаст, ба каллаи солҳои сол ранҷкашида раҳм кунеду осоиш диҳед. Устод, табассуми ширине карда, барои ғамхориатон ташаккур" гуфтанд ва мо ҳар кадом бо роҳи худ рафтем.

Баъди чанд рӯзи баргаштан аз "Зимчурӯд" устод Икромӣ дар рӯзномае очерки доманадореро бахшида ба он осоишгоҳ, иқлими рӯҳафзои нотакрораш, манзараҳои дилрабояш, оби зулоли ҷонбахшаш, одамони сидқан ғамхору меҳрубон, меҳнатқарин ва меҳмоннавози он деҳқадаи биҳиштмонанд чоп намуданд.

Рӯзи дигари чоп шудани он очерк, дар маҳаллаамон бо устод Икромӣ вохӯрда шӯхӣ кардам: - устод, ваъдахилофӣ кардед-ку. Зимчурӯд ҷои "калладамдиҳӣ" будааст гуфта, боз асари тозаи доманадоре бахшида ба он мавзеъ офаридед, магар дамгирӣ ҳамин хел мешавад?

Устод, ҳалимона хандиданду, - шумо аллакай хондед-мӣ? - гуфтанд ва афзуданд: - Ташаккур ба ғамхориатон, ҳамсоя, аммо дар ҷавоб як чизро гуфтаниям, - "калла" гӯям-мӣ? "майнаи эҷодгар" гӯям-мӣ? - ҳеҷ гоҳ дам гирифта наметавонад, зеро, ки дар вай доимо як "кирме" ҷунбида меистад, ки нависандаро ором намегузорад. Ин "кирм" бераҳм аст, дар хобатон ҳам вай беист ҷунбида меистад, ба фикр рондан маҷбур месозад...

Бори дигар бо устод Икромӣ дар вилояти Кӯлоб, дар колхози Миралӣ Муҳаммадалиев дучор шудем. Ин дафъа ҳам дар истироҳатгоҳ. Устодро дида хурсанд шудаму хушгӯй намудам, - устод, вақтҳои охир мо бо шумо фақат дар осоишгоҳҳо вомехӯрем...

- Маслиҳати шумо ва духтурҳоро иҷро мекунем, онҳо акнун бештар истироҳат кунед, ба осоишгоҳҳо равед мегӯянд, ана ман боз осоишгоҳи хубе ёфтам. Дӯстам Миралӣ маро ин ҷо овард, рӯзи дуюм аст, ки фароғати хуб дорам, - гуфтанд дар ҷавоб Ҷалол Икромӣ.

Шӯхиомез: - фароғати шуморо омӯхтаам, боз ҳамон "кирм"-и бесари эҷодиатон меҷунбаду дам гирифтан наметавонад, гумон дорам, ки ягон нақшаи дилкаши эҷодгарӣ шуморо ба ин кошонаи биҳиштмонанди саркор Миралӣ овардааст, - гуфтам, - синчакорона ба чашмони ҳамсояам нигариста.

- Ба илтифотатон ташаккур, ҳамсоя, аз шумо гапу кори рустӣ надорам, гуфтанд устод Ҷалол Икромиву афзуданд. - Албатта, бемақсад инҷо наомадаам, каме истироҳат ҳам карданиямӯ агар тавонам,

мехоҳам як асари назаррасеро бахшида ба ин хоҷагии пуриқтидор ва раиси овозадораш бинависам. - Эшон, каме ба фикр рафта боз илова намуданд. - Эҷодгари асил ҳамон вақт фароғат мекунад, агар кораш барор гирад, қалами ӯ ба табъи дилаш "аспдавонӣ" намояд. Шахсан ман ба чунин услуби кору тартиби зиндагӣ одат кардаам.

Хушбахтона, устод Икромӣ аз он сафар бо бағали холӣ барнагаштанд. Маводи қазоие оварданд, ки барои навиштани як китоб, бо унвони "Хатлон" кифоя гардид. Он асар, аз корнамоиҳои коллективи номбурда, таҷрибаи зиёда аз 50 солаи раисии марди накӯном, "ҳам марди мардону, ҳам марди майдон", деҳқони асил, роҳбари тавонои соҳибтаҷриба, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Миралӣ Муҳаммадалиев қисса менамояд. Баъд аз хотима ёфтани кори асосӣ аз болои китоб борҳо дар хонаи устод Икромӣ мулоқотҳо доштем, бобҳои алоҳидаи китобро устод барои хондан дода буданд. Баҳси охирини мо дар хусуси номи китоб буд. Варианти аввалааш "Мирвалӣ" буд, аммо устод "Хатлон"-ро авлотар донистанд.

Дар хусуси асарҳои офаридаи устод Ҷалол Икромӣ, маҳорати нависандагиашон - китобҳо навишта шудаанд, ман пеш аз ҳама китоби "Насри Ҷалол Икромӣ"-ро дар назар дорам, ки дар ба табъ расонидани он устод Муҳаммадҷон Шукуров заҳмати зиёде кашидаанд. Паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти устод Икромиро олимони дигар, аз ҷумла Лариса Демидчик, Шарифҷон Ҳусейнзода, Аълохон Афсаҳзод, Атахон Сайфуллоев, Ҷӯра Бақозода ва дигарон батафсил таҳлил намудаанд. Бобо Худойдодов бошад, тамоми фаъолияти илмиашро ба омӯхтани ҳаёт ва бисоти эҷодии устод Икромӣ бахшидааст. Ӯ ҳанӯз соли 1967 дар мавзӯи "Маҳорати Ҷалол Икромӣ" рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд. Боз вай мақолаҳои "Чанд қайд оид ба романи "Духтари оташ", романи "Шодӣ", "Идея ва образҳои асосии романи Ҷалол Икромӣ "Ман гунаҳкорам", "Маълумот дар бораи тарҷумаи ҳол ва фаъолияти адабии Ҷалол Икромӣ" ва ғайраро некбинона ба қалам додааст.

Додоҷон Раҷабӣ зиндагӣ ва эҷодиёти устод Икромиро аз бойгониҳо омӯхта аз нобаробариҳои қисмати устод, азобу шиканҷаҳо, аз иғвоҳо ва гиребонгириҳои "дӯстон"-и нотавонбину ноҷавонмардашон қиссаҳо кардааст. Бешубҳа, ҳаёт ва эҷодиёти чунин нависандаи забардаст, ба монанди Ҷалол Икромӣ, ки дар инкишофи адабиёт, театр, синамо нақши рангине гузоштааст, сазовори тадқиқоти батафсилу навиштани китобҳои калонҳаҷм мебошад. Ман бошам, бо ин қайдҳои мухтасари худ, дар арафаи ҷашни устод, андаке рози дил кардаам ва аз сифатҳои инсонӣ, муносибати ӯ ба устодону шогирдон ёдовар шуда як андоза қарзи ҳамсоягӣ ва дӯстиву бародарии худро баҷо овардаам.

Ҳоло, ки ин сатрҳо ба муносибати ҷашни 90-солагии яке аз шахсиятҳои мӯътабар, симои барҷастаи фарҳанги миллиамон Ҷалол Ик-

ромӣ иншо мешаванд, беихтиёр як чиз маро ба андеша меандозад, - ин гуфтугузорҳои гилаангези хешовандону дӯстони шодравон Ҳабибулло Назаров, дар атрофи китоби "Саргузашти Сафармахсум". Бо Ҳабибулло Назаров низ дӯстии бародарона доштем. Ӯ дили беолоишу хайрхоҳ дошт. Ҳамсараш Назарова Н. С., фарзандонаш Темур ва Рустам маъракаҳояшонро бе иштироки ман намегузарониданд...

Чӣ гуфтанӣ ҳастам? - Гуфтаниям, ки агар дар ҳамкориҳои эҷодии онҳо аз ҷониби устод Икромӣ ноқисие гузашта бошад, ман аз ҷонибашон узр мегӯям. Ҳаминашро медонам, ки Ҳабибулло Назаров инсони шариф ва лакбахш буд. Азбаски хешовандони ӯро чун ҳамқавми худам мешуморам, онҳоро даъват менамоям, ки дар гузаронидани ҷашни устод Икромӣ саҳмгузор бошанд:

Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,
Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.

Устод Мирзо Турсунзода қаноатмандона гуфтаанд: "Икромӣ барои хонандагон олами наве кушодааст, ки адабиёти мо ҳанӯз ба он чуқур ва ҳаматарафа нуфуз ва дахолат накарда буд. Ӯ ба дохили ҳарамсарои Бухоро назар андохта, олами мураккаби маънавии бошандагони "андарунҳо", яъне занонро, ки дар паси деворҳои баланд ва дар зери фаранҷиву чашмбандҳои тираву тор умр ба сар мебурданд, нишон додааст".

УЛУҒЗОДА ДАР "БОҒИ ЯТИМ"

Баҳори соли ҳазору нӯҳсаду шасту ҳафтум қисмат маро дар кӯчаи навбунёди Ҳабиб Юсуфӣ бо устод Сотим Улуғзода ҳамсояи дасти рост гардонд. Дар назди хонаҳоямон замини полезӣ ҳам доштем. Ҳар кас мехост, ки он замини сахти чӯянмонанди беобро ҳар чӣ зудтар ба гулгашту "боғи ирам" табдил диҳад. Аммо чӣ тавр? Ба зудӣ расидани гармои ҷонкоҳи тобистон таҳдид мекард, агар дар ин замин ягон чизи полезӣ корида, ё ниҳол шинонида мешуд, хуб мебуд... Ҳамон вақт китоби тоза нашргаштаи устод Улуғзода "Восеъ"-ро мехондам. Яке аз қаҳрамонҳои он асар Ятим ном деҳқонбача дар қишлоқи дурдаст замини бекорхобидаро бо зоғнӯлу белу каланд кор карда, бо кӯзаву обдастаҳо об кашонда боғи дилпазиру мевадор бунёд мекунад.

Дар ҳамон айём таҷрибаи қаҳрамони асари Улуғзода бемуҳобот бароям мушкилкушо шуд. Рӯзҳои истироҳат аз Мачитӣ ном ҳамсояи ҳаммаҳаллаи навам зоғнулу бел талабида, замини сахти чӯянмонандро нарм кардам ва аз як гӯшаи он ҷӯйчаҳо кашидам. Рӯзи дигар падарам, ки аз қишлоқ барои хонамуборакӣ омада буданд, кори маро дида, "офарин бачем", гуфтанду ғайб заданд ва баъд аз ду-се соат аз куҷое ниҳолҳои гуногунро оварда шинонданду ба набераҳояшон фармуданд, ки бо сатилчаю офтобаҳо аз хона об кашонда ба бехи ниҳолҳо резанд.

Ниҳолҳо зуд сабзида қад кашиданд. Чанде нагузашта дар кунҷи ҳавлӣ боғча намудор шуду дар мобайнаш ҳавзча ҳам бунёд кардем. Хулласи калом, дар ҳавлии мо назар ба дигар ҳавлиҳо пештар ҷои нишаст пайдо гардид.

Ҳамсояам устод Улуғзода ҳар бор, ки рӯи ҳавлӣ мебаромад, бо тааҷҷуб ба сӯи ман менигарист, шояд мегуфт, ки ин зиёии шаҳрӣ чӣ кор мекарда бошад?

Соли оянда дар бари ҳавзча кати нишаст гузошта, сохтани шипангчаро ҳам ба нақша гирифтам. Нақшаҳо ҳам зуд амалӣ гаштанду дар яке аз рӯзҳои истироҳат палов пухта, онро дар болои ҳамон кати боғча хӯрданӣ шудем. Устод Улуғзодаро ҳам бо завҷаашон Любовь Андреевна даъват намудем. Улуғзода ба кат нишастан ҳамоно синчакорона ба дарахтони буттазадаю қадкашидаи атроф, ҳавзча, кат, шипанг назар андохта ҳайратомезона пурсид, - росташро гӯед, чӣ тавр тавонистед, ки дар як вақти кӯтоҳ дар ин "ҷазираи беоб" дарахтонро сабзонда ҷои нишасти барҳаво созед?

- Бо шарофату ёрдами худи шумо, устод, - гуфта ҳозирҷавобӣ намудам.

- Ҳазлатонро монед, ҳамсоя, ба шумо ман ҳеҷ кӯмаке нарасонидаам, - гуфт бо тааҷҷуб устод.

- Не устод, росташро мегӯям...

- Ин гуфтаатонро чӣ тавр исбот менамоед? - пурсид ҳамсояам бо эҳсосу тааҷҷуб.

- Ҳамин тавр, ки аз "Восеъ" ном асаратон таҷрибаи боғбунёдкунини Ятимро истифода кардам. Магар Ятим қаҳрамони асари шумо нест? - гуфта ширингӯй намудам.

- Э, аз аввалаш ҳамин тавр карда фаҳмонед, намешавад! Дилтангам кардед, - гуфт, бо завқ хандида устод Улуғзодаву афзуд, - борҳо ба худ гуфтам, ки бо шумо баҳси беҳуда накунам, аммо фаромӯш мешавад. Вале яқин дорам, ки дар бунёди ин гулбоғ на он қадар таҷрибаи Ятим, ончунон, ки деҳқонзодагии худатон асар кардааст, - гуфтанд эшон хоксорӣ намуда. Ҳамин тавр, боғи Ятими нав, ҷои дилхоҳи нишасти ҳамсояҳо гардид. Васфи ин боғчаро борҳо устод дар мактубҳояшон низ кардаанд. Он кас ҳатто ба ҳамин боғча бахшида шеъреро пайдо карда, маслиҳат додаанд, онро дар пештоқи шипанг сабт намоем, ки чунин аст:

Мақсад зи коху суфаву айвон ниҳоштан,
Кошанҳои сар бафалак барафроштан,
Дарахтони мевадору гулҳои рангоранг коштан,
Донӣ ки чист? - Ба муроди дил андар он.
Як лаҳза дӯсте шод битавон доштан.

Ин шеъри дилангез дар пештоқи шипанг навишта нашуд, аммо ҳар бор, ки дӯстон гирд меомаданд, қироат карда мешуд.

Дар тӯли ҳамсоягии чорякасра байни ману устод Улуғзода мулоқотҳои бешуморе сурат гирифтаанд, ки онҳо ба мавзӯъҳои гуногуни

зиндагӣ, масъалаҳои байналхалқӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, рӯйдодҳои адабиёт, фарҳанг, санъат, илм ва ғайра иртибот доштанд.

Бемуҳобот устод Улуғзода ҷаҳонбинии васеи энсиклопедистӣ дошта, яке аз донишмандтарин фардҳои замони мо буданд ва кашфиёти бадеии он инсони ҷӯянда дар боби таърихи афкори гузаштаю ҳозираи миллатамон ҳам бебаҳост, ҳам беҳамтост, гӯем хато намешавад. Кифоя аст, ки асарҳои ба Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш ва ғайра бахшидаи ӯро номбар намоем. Камтарин эҷодгарон ба мисли Сотим Улуғзода, ҳам дар инкишофу насру назм, драматургия, соҳаи кинематография, публисистикаи илмӣ тавоноӣ доштанд. Ман имрӯз дар дафтари хотироти худ, тадқиқи эҷодиёти ғании ӯро ба ӯҳда нагирифтаам. Фақат мехоҳам ба хонандаи гиромиқадр аз хислатҳову сифатҳои инсонии он марди шарифу наҷиб ҳикоят намоям.

Аввалин фардияту шахсияти устод Улуғзодаро аз дигарон дар он медидам, ки ӯ иззатталабию такаллуфро намепарварид. Ҳар вақтеро, ки қулай медонист, - хоҷ рӯзҳои истироҳат, корӣ, хоҷ шом, ё саҳарӣ, - "ҳамсоя шумо дар хона ҳастед?" - гуфта меомаду ҳолпурсӣ менамуд, агар ягон хабари тоза шунавад, онро мегуфт, ё чизеро мепурсид. Устод, бемуҳобот, ойини ҳамсоядориро хуб риоя менамуд, меҳрубонии бародарона изҳор медошт. Баъзан чунин ҳам мешуд, ки ӯ меомаду мегуфт, - ҳамсоя, биёед имрӯз занҳоро аз заҳмати таомпазӣ озод намоем, худамон "оши мардакӣ" пазем. Аксар ҳамин тавр ҳам мекардем. Дар ҷараёни омода сохтани таом, сӯҳбати мо қӯр мегирифт, зарофатгӯиҳову латифагӯиҳои зиёде менамудем, ки дар ин бобат, устод гӯяндаи беҳамто буданд.

Ин ҷо, ки сухан аз боби қадрдониву меҳрубонии аслии устод меравад, бамаврид аст, як-ду намунаи онро ёдовар шавам. Чунин ҳам мешуд, ки ҳамсояам дар айни гармии тобистон бо хоҳиши завҷаашон Любовь Андреевна ба манзили дар Москва доштаашон мерафтанд. Он вақтҳо ман аз рӯи вазифа, зуд-зуд ба Москва мусофират менамудам. Ҳамин, ки ба пойтахт мерасидам, ба устод салому паёму савғоро мерасонидам.

Баробари аз омадани ману ҳамсафаронам огоҳ шуданашон Сотим Улуғзода серташвиш мегаштанд. Борҳо шудааст, ки эшон палав пухта ба меҳмонхона меоварданд, ё ки бештар ба хонаашон даъват менамуданд. Боре бо дӯстам Султон Мирзошоев ба Москва ҳамсафар будем. Устод Улуғзода моро ба хонаашон, ки дар Нагатинская набережная буд, ба меҳмонӣ хонданд. Дар роҳ бо Султонҷон ҳазломезона баҳс доштем, ки устод моро бо чиҳо зиёфат мекарда бошанд? - Гуфтам, - шарт намебандем, аммо эҳсос менамоем, ки янгаи меҳрубонамон Любовь Андреевна ба мо лазизтарин таоми дӯстдоштаи ман "клубяка" мепазад. Тахминам рост баромад. Янга таоми номбурдаро пухта будааст... Султонҷон баҳси моро ошкор намуда гуфт, хуб шуд, ки гапи акаам Холмурод рост баромад, бемуҳобот ман чунин таоми

хуштаъмро бори аввал мехӯрам, ки маззаи нотакрор дорад. Таомро, ки бо иштиҳо мехӯрдем, ман миннатдорӣ карда, ба Султон Мирзошоев гуфтам, ки завқаи устод ҳамсояи мо, таомҳои дигарро низ моҳирона, бо шавқи зиёд мепазанд.

Акнун, хонандаи гиромиқадр, мехоҳам ҳикоятамро дар хусуси муомилоти ҳамсоягиамон бо устод Улуғзода пурратар намоям. Устод, ки эҷодгари ҷӯянда буданд, дар мулоқотҳоямон бештар аз китобҳои хондаашон, сурудҳои шунидаашон, спектаклҳову филмҳои дидаашон нақл менамуданд, аз мулоқотҳояшон бо Садриддин Айниву Абулқосим Лоҳутӣ бо эҳтироми зиёд ва шавқу завқ нақл мекарданду меафзуданд:

- Онҳо, яъне Айниву Лоҳутӣ табиатан устоди ҳама буданд, зеро ки асарҳои нав нашршудаи шогирдон, ҳатто дастнависҳои онҳоро мехонданд, нисбаташон изҳори ақида менамуданд. Ба хотир биёрем, мактуби кушодаи домулло Айниро ба нависандаи ҷавон Пӯлод Толис ва ғайраро...

Ҳозир чӣ? - ҳар кас дар фикри хешу кӯса дар фикри риш. Нависандаҳои ин замонаи мо нисбат ба ҳамдигар бепарвоянд, асарҳои ҳамқаламонашонро қариб, ки намехонанд, баҳсҳои эҷодӣ намеороянд, - мегуфт бо таассуф ва сӯзиши қалб, меафзуд, - ҷавонони эҷодкори имрӯза нисбати устодию шогирдӣ назари носолим доранд. Ба ҳар кас, сазовор аст ӯ, ё не, "устод" гӯён муроҷиат мекунанд, ҳатто байни якдигар "устод" гуфта муомила карданро раво мебинанд, ки ин фоли нек нест...

Худи устод Улуғзода қадри имкон китобҳои тоза нашршуда, маҷаллаву рӯзномаҳоро бо диққат мехонданд, таҳлил мекарданд, нисбати адибон, сифати адабиёт бепарво набуданд. Моҳи маи соли 1970-ум аз Москва мактуб гирифтам. Онро устод Улуғзода баъд аз хондани песаи Ғ. Абдулло "Абдулло Раҳимбоев", ки дар маҷаллаи "Садои Шарқ" (№3) чоп шуда буд, навиштаанд,ки иқтибос меоварам:

- "Холмурод Шарифович! Наход, ки театр ҳамин песаро дар ҳамин ҳолаш ба саҳна гузошта бошад? Тазрихан вайрон, мафкуравӣ ҳам хароб... Образи А. Раҳимбоев ниҳоят камбағал, беранг. Ӯро ин тавр нишон додан асло раво нест. Образи В. И. Ленин дар песа ба як тарзи нораво "ямоқ" аст. Раҳимбоев аз Ленин чӣ таълим гирифт? Баъд он таълими гирифтаашро чӣ тавр дар амал татбиқ кард? Вай ба тавсияи Ленин сазовор буданашро бо чӣ нишон дод? Ин чиз ҳама дар "батн"-и драматург мондааст. Асари каммаънӣ, забонаш ҳам хароб ва аз фардият маҳрум".

Ана то кадом андоза сахтгир буд устод Улуғзода ба касби эҷодӣ.

Он вақтҳо ман ки мутасаддии соҳаи фарҳанг будам, эродҳои устод Улуғзодаро ба шодравон Ғанӣ Абдулло расонидам. Вай то метавонист, эродҳои ҳамқаламашро ба ҳисоб гирифт. Он асар дар саҳнаи театри академикии ба номи Лоҳутӣ гузошта шуд.

Он ҳақиқат, ки Сотим Улуғзода аксар китобҳои нав ба табъ раси-

даро мехонд, дар мисоли худам ҳам баръало мушоҳида кардаам.

Як рӯзи истироҳат устод Улуғзода ба хонаамон омаданду ҳазломез гуфтанд, - ҳамсоя, о шумо нони моро нимта карданиед? ва афзуданд: - Китобатон "Гард дар миҷгон"-ро хондам, табрик мегӯям, услуби ҳикоятҳоятон ба ман маъқул, маслиҳат медиҳам, ки қаламро напартоед. Устод гила ҳам карданд, - агар пеш аз чопаш дастнависатонро медодед, бо майли том мехондам, шояд ба таҳриру такмилаш дастдарозӣ менамудам. Ҳеҷ боке нест. Муҳимаш он ки китобатон хонданибоб асту муфид.

Хушбахтона асарҳои дигарамро низ Сотим Улуғзода мехонданду изҳори ақида мекарданд. Аммо ба мисли дигарон ҳукм намекарданд, ки, - ин тавр нависед, мавзӯи дигар ёбед ва ғайра. Хайрхоҳиву беғаразиашон баръало мушоҳида мешуд. Ман бехабар устод Улуғзода, ҳатто ба Иттифоқи нависандаҳо мактуби махсус навиштаанд, ки маро ба узвияти он созмони эҷодӣ қабул намоянд, мазмуни он мактубро профессор Аълохон Афсаҳзод дар очеркаш чоп кардааст, ки ин ҷо хоҷат ба такрор нест.

Мушоҳида мешуд, ки устод Улуғзода ба камина эҳтирому эътиқоди хосае дорад. Аз он хотир инро мегӯям, ки гарчанде устод нависандаи забардастанд, ҳар чизе, ки он вақтҳо тоза эҷод менамуданд, барои мутолиа медоданд. Зиёда аз он, дастнависҳои асарҳои навашонро, аз ҷумла "Марги Ҳофиз", "Ривояти суғд"-ро дар болои ҳамон кати "Боғи Ятим" се шаб, - аз соатҳои ҳафти бегоҳ то бевақтии шаб мехонданд. Устод ҷумлаҳоро канда-канда паи ҳам қироат менамуданд ва ман бо ҳаловату диққати том гӯш меандохтам.

Дар ҷараёни қироат, ҳар сари вақт ҳамсояам нафасашонро рост карда, - азизам, дилгир нашудед, бас кунам? - гуфта маънидор ба рӯям менигаристанд.

Ман мегуфтам, - агар худатон монда нашуда бошед, устод, ман аз шунидани суханони шумо ҳеҷ дилгир намешавам, бо шавқу завқ тасвиру гуфторатонро гӯш мекунам ва ҳаловат мебарам.

Устод табассуме мекарданду аз пиёлаи чойи наздашон гузошта чанд қулт нӯшида, - агар гапатон рост бошад, давомашро гӯш кунед, - гуфта боз давоми асарҳояшонро мехонданд.

Асарҳои номбаршуда кайҳо манзури хонандаҳо гаштаанд ва барои ҳамин ин ҷо аз шарҳу нақли мазмунашону моҳияташон худдорӣ менамоем.

Доираи дӯстони оилавии Сотим Улуғзода чандон васеъ набуд. Ба хонаашон ҳар сари вақт бо завҷааш академик Зариф Раҷабов, ҳуқуқшинос Мастибек Раҷаббеков меомаданд. Зуд-зуд барои хабаргирӣ нависандаҳо Мутеулло Наҷмиддинов, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, журналист Мирзо Маҳмуд, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ваҳобҷон Иномов ва дигарон меомаданд.

Аз ҳамдиёронашон бештар ба хонаи Боқиҷонако ном инсони наҷиб ва зарофатгӯй мерафтанд. Ҳар сари вақт устод Улуғзода мегуф-

танд, - Боқиҷон хабар карда рафт, бе ҳамсояат набиё гуфт.

- Меравем, устод, албатта меравем. Аввалаш, он ки ӯ дӯсту ҳамкори падарам аст, дуюм, - Боқиҷонако барин шахси дилсофу қадрдон кам ёфт мешавад, муҳимаш боз он, ки ягон кадбону ба мисли зани вай самбӯса пухта наметавонад.

Дар ҳақиқат, дӯсти бачагии Улуғзода Боқиҷонако инсони меҳнатӣ, одамдӯст, қадршинос буданд, ки ҳар сари вақт барои хабаргирӣ меомаданд, агар ҳандалаке ё зардолуашон пазад, аввал ба мо меовардану сӯҳбатҳои ширину дилпазир меоростанд. Боқиҷонако аз лӯбиё қимоб буданд. Боре, ки ба хонаашон мерафтем, бо устод маслиҳат карда, аз бозор ду кило лӯбиё харида савғотӣ бурдему ба завҷааш супурдем. Боқиҷонако аз он хабардор шуда, ба сари мо хеле шӯрид, занашро ҳам дашном дод, ки чаро тӯҳфаи ғаразнокро қабул кард.

Дар ҷараёни сӯҳбат Улуғзода ба қитиқи Боқиҷонако расида меистод, ҳар гоҳ - чаро ба таом лӯбиё наандохтаанд, лӯбиё гиёҳи серғизо вайро бисёр истеъмол кардан лозим - мегуфт. Дар ҷавоб Боқиҷонако, - ҳамин забонро ғунда газад, намешавад-мӣ? Мегуфт, - рӯяшро турш карда. Ваҳобҷон Иномов, ки бо мо ҳамроҳӣ мекард, оташи ғазаби Боқиҷонакоро баландтар мекард, - хайр, ако, шумо аз лӯбиё қимоб бошед, гуноҳи мо чӣ? Ақаллан ба таом нахӯд андозед, намешуд, мегуфт хандида.

- Хуб гуфтаанд, ки худкардаро даво нест, - мани ахмоқ инҳоя одам гуфта, ба меҳмонӣ хондам, инҳо чиҳо мегӯянд, - яктеш нависандаи бузург, инаш қаҳрамон, на тамиз доранду на одоб, - гуфта пушташро мегардонд Боқиҷонако, Мо ҳама ба завқ механдидему кабобу шароб мехӯрдем. Фақат ман ҳазломез тарафи Боқиҷонакоро мегирифтам, - инҳо ба қадри нону намакатон намерасанд, - мегуфтам. Ҳамин тарз сӯҳбатҳо ҳам дар хонаи Боқиҷонако, ҳам дар манзили устод Улуғзода хеле хушу дилпазир мегузашт. Худи устод Улуғзода иқрор мешуданд, ки дар он ҷое ки Боқиҷон бошад, он ҷо ғайбат намешавад.

Ҳамбастагию ҳамсоягии мо бо устод Улуғзода ба дараҷаи анъанавии бобой буд, гӯем хато намешавад. Агар деги устод ҷӯшад, як коса таом ба хонаи мо меомад ва агар деги мо ҷӯшад, "ҳаққи ҳамсоя ба ҳаққи худо баробар" - гуфта табақ ё коса хонаи устод мерафт.

Байни оилаҳои мо як анъанаи хуби дигар низ пойдор гашта буд, - мо аксаран меҳмонҳоямонро, хоҳ дар хонаи ман, хоҳ дар хонаи устод Улуғзода якҷоя қабул менамудем. Агар ба хонаи ҳамсояам меҳмон меомадагӣ шавад, эшон аз субҳ хабар мекарданд, - ҳамсоя, имрӯз кӯшиш кунед, ки аз кор барвақттар баргардед, хуб мешуд, ки меҳмонҳои азизро ҳамроҳ қабул намоем. Ҳамин тавр ҳам мешуд. Дар хонаи устод чандин меҳмонҳоро аз Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрону Афғонистон, Москваю Ленинград якҷоя қабул намуда, иззатдорӣ намудаем. Инчунин дар хонаи мо ҳам. Ин ҷо фақат дар бораи як мулоқоти устод Улуғзода дар хонаи мо бо меҳмонҳои булғ-

орӣ мухтасар ҳикоят менамоям.

Аввалҳои солҳои ҳафтодум аз Булғористон гурӯҳи нависандаҳо ба Тоҷикистон ташриф оварданд, ки дар байнашон ҳамсабақам - санъатшинос, адабиётшинос, нависанда, профессор Чавдар Добрев ҳам будааст. Онҳоро ба манзилам хондам ва ҳамсояам Сотим Улуғзодаро низ даъват кардам.

Дар сари дастархон, бо дӯстони булғориамон сӯҳбати "қаймоқине" сурат гирифт. Ҳамин, ки Улуғзодаро бо меҳмонҳо ҳамчун яке аз нависандаҳои машҳури шӯравӣ, поягузори илм, адабиёт ва маданияти навини миллат муаррифӣ намудам, онҳо шод гаштанду пас аз фурсате ӯро паи ҳам саволборон менамуданд. Ҳар қадар, ки устод хоҳишҳои меҳмонҳоро бачо оварда, ҷавобҳои саҳеҳу таъсирбахш мегуфтанд, мароқу завқи онҳо ҳамон қадар меафзуд, ки бо Сотим Улуғзода гуфтугӯи бештар дошта бошанд, агар чунин гуфтан раво бошад, - ҳисси кунҷковиашон боло мегирифт.

Дар давоми чанд соат устод Улуғзода ба меҳмонҳои булғорӣ аз ганҷистони Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ... таърихи афкори ҷамъиятии тоҷикон, бунёди созмонҳои эҷодӣ - академияи илмҳо. Иттифоқи нависандаҳо, бастакорон, рассомон, санъати театрию синамоӣ, рӯзноманигорон ва ғайра нақлҳои ҷолиб намуданд. Он кас махсус аз заҳмати бебаҳои Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ дар бунёди муассисаҳои табъу нашр, мактабу маориф, нашри китобҳои дарсӣ, дар кори наҷиби ба камол расонидани як зумра адибони номии миллат, аз ҷумла - Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Раҳим Ҳошим ва ғайра ҳикоя карданд. Устод, ки забони русиро бадараҷаи олӣ медонист ва худаш бисёр асарҳои нависандаҳои машҳури дунё, аз ҷумла "Ғурмагас"-и Л. Войнич, "Нидои зиндагӣ"-и Билль-Белосерковский, "Рӯбарӯкунӣ"-и Тургенев, "Одами яроқдор"-и Н. Погодин, "Гунаҳкорони бегуноҳ"-и А. Островский, "Модар"-и Горкий, "Ҳамлет"-и Шекспир, "Табиби зӯракӣ"-и Молер, "Дон Кихот"-и Сервантес, "Тил Уленшпигел"-и де Костер ва ғайраро, ки шахсан тарҷума намудааст, ба меҳмонҳои ҳамқаламаш таъсири амиқе расонид.

Дар хотимаи сӯҳбат аз номи нависандаҳои булғорӣ Чавдар Добрев ба эҳтироми Сотим Улуғзода қадаҳ бардошта гуфт: ман аз дӯсти ҳамсабақам Холмурод, беҳад миннатдор, ки моро бо чунин шахси хирадманд, ба мисли Сотим Улуғзода шинос кард. Бемуҳобот мулоқот бо ин нависанда тассуроти моро доир ба Тоҷикистон, халқаш, илмаш, фарҳангаш ба куллӣ тағйиру такмил дод. Пагоҳ, - афзуд вай, мо барои мулоқот ба Иттифоқи нависандаҳои Тоҷикистон меравем. Сӯҳбат бо устод Улуғзода моро ба дараҷаи дигар ба он мулоқот тайёр кард, агар зарофатгӯй раво бошад, акнун ба он мулоқот наравем ҳам мешавад. Боз ӯ фикрашро давом медод, - доираи дониши ҳамаҷонибаи ин ходими барҷастаи фарҳанг хато намешавад, агар гӯем, ки маро ба ҳайрат овард. Ин сӯҳбат ва ин инсони шарифро мо ҳеҷ гоҳ

фаромӯш нахоҳем кард. Аз ҳозирон хоҳиш мекунам, ки барои посдории эҳтиромии устод Улуғзода ҳамин ҷомҳо холӣ карда шаванд.

Касе аз ҳозирон таассуроти Чавдарро дастгирӣ намуда, - гуфт шумо, азизам, дар баҳои додаатон ба Сотим Улуғзода ҳеҷ муҳоботе накардед, дар ҳақиқат эшон яке аз арзандатарин фарди миллатанд, бесабаб ба унвонҳои - узви вобастаи академияи илмҳо, арбоби шоистаи санъат, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, Нависандаи халқии Тоҷикистон сазовор нагаштаанд, солҳои зиёд дар ҳайати Шӯрои Олӣ ва Кумитаи Марказии ҳизб низ буданд.

Ин ҷо, ки сухан аз боби сифатҳои инсонӣ ва қобилияти нотакрори бисёрпаҳлӯи устод Улуғзода меравад, мехоҳам як хислати наҷиби ба худаш хоси устодро боз алоҳида тасвир намоям. Ин ба дараҷаи касбӣ, амиқ дарк намудани шаклҳои эҷодиёти бадеӣ, аз ҷумла мусиқиву сарояндагист. Кам одамон, шояд донанд, ки Сотим Улуғзода маҳорати хуби пианинонавозӣ ҳам доранд... Шаби соли нав буд. Ҳар ду оила онро дар хонаи мо истиқбол менамудем. Фарзандони ман Муҳаббат, Маърифат, Орзумурод, Муборак ва Гуландом барномаи махсус сохта бо суруду мусиқӣ моро шод мекарданд... Бо тааҷҷуб як фурсате устод Улуғзодаро сари пианино дидам. Он кас маънидор гуфтанд, - ман аз ин ҷо қарздор наравам ва пардаҳои пианиноро моҳирона пахш кардан гирифтанд. Дар як он навои машҳури шӯрангези "Танавор" танинандоз гардид, ҳама хурду калон ба рақс хестанд ва хонаро як рӯҳи нотакрори нишоти идона фаро гирифт. Акнун ҳар гоҳ, ки устод Улуғзода ба хонаамон меомаданд, фарзандонам "амакҷон, ба мо пианино навозед", мегуфтанд. Дар омади гап, бояд илова кунам, Улуғзода қобилияти хуби сурудхонӣ ҳам доштанд, сурудҳои "Ушшоқи Самарқанд". "Баёт"-ро якҷоя месурудем. Ба "Шашмақом" дилбастагии фавқулодда доштанд.

Боре Ҷӯрабек Муродов баҳри дидорбинӣ ба хонаам омада буд, устод Улуғзода ҳам омаданд. Табиист, ки байни мо се тан - тағою ҷиян ва устод Улуғзода худ ба худ сӯҳбати дилангезе бунёд гардид.

- Чаро тағою ҷиян? - пурсон шуд устод.

- Барои он, ки Ҷӯрабекҷон маро солҳои зиёд аст, тағои насиҳатгар хондааст, тағо ба ҷои ҳафт падар мегӯяд. Ин лаҳнро санъаткорони дигар ҳам аз забони Ҷӯрабек шунида, бо ман "тағоҷон" гуфта муроҷиат менамоянд.

Ҳамон бегоҳ нишасти сегонаи мо бо сурудхониҳои булбулосои Ҷӯрабек анҷомид. Дар хотимаи сурудхониаш Ҷӯрабек яке аз сурудҳои машҳури Ҳоҷӣ Абдулазизро ба забони ӯзбекӣ сароид. Устод ки онро бо эҳсоси амиқ гӯш мекард, офарин, офарин гуфту аз ҷой хест ва зуд меоям гӯён баромада рафт. Баъд аз понздаҳ-бист дақиқа баргашт. Баргашту як варақ шеърро дароз карда гуфт, - Ҷӯрабек, ҳамин оҳанги нав сурудаатонро бо ҳамин матни Ҳофизи Шерозӣ хонед, бинем, чӣ тавр мебарояд?

Ҷӯрабекҷон бо табассуми ширин сӯи устод нигаристу "ба чашм,

ба чашм", - гуфта шеърро аввал бо диққат аз назар гузаронд, баъд торашро ҷўр намуда, ба лаҳни шаҳдбораш ба чаҳ-чаҳ даромад:

Агар зи сўи ту бўе, ба ман биёрад бод,
Ба мужда ҷону ҷаҳонро ба бод хоҳам дод.
...Ҳавои рўи туям, дида мекунад пурхун,
Ҳавои зулфи туям умр медиҳад барбод.
...На ёд мекунӣ аз ман, на меравӣ аз ёд.

Ин суруд аз ҳамон лаҳза ба силсилаи сурудҳои сарояндаи мумтоз чун мўҳраи пурҷилои марворид ворид гардид. Ҷўрабек аз устод Улуғзода миннатдорӣ кард, ки доим дар интихоби матну оҳангҳои муносиб кўмак менамоянд.

Дар омади гап, бояд бигўям, ки устод Улуғзода шунидани сурудҳоро дар иҷрои Шоҳназар Соҳибов, Бобоқулака Файзуллоев, Фазлиддин Шаҳобов, Барно Исҳоқова, Одина Ҳошимов, Абдумаҷид Ҳомидов беҳад дўст медоштанд, аммо аз чӣ бошад, ки устод ба санъати Ҷўрабек Муродов шавқу завқи хоса зоҳир менамуданд. Ҳар сари вақт, ки устод хаста ё дилгир мешуданд, дари хонаи моро кўфта меомаданду хоҳиш мекарданд, - ҳамсоя, магнитофонро биёред ва аввал суруди Ҷўрабекро бо ғазали Ҳофиз "Нахоҳад монд"-ро гардон намоед. Чанд сатри он суруд чунин аст:

Расид мужда, ки айёми ғам нахоҳад монд,
Чунон намонду чунин низ ҳам нахоҳад монд...
Зи меҳрубонии ҷонон тамаъ мабур, Ҳофиз,
Ки нақши ҷавру нишони ситам нахоҳад монд.

Он оҳанги синахурўшу овози сеҳрангези Ҷўрабек чунон садо медод, ки касро беихтиёр ба гирдоби хаёлоти рўҳнавози ширин мебурд ва занги дилҳоро мезудуд. Пас устод мегуфтанд, - биёед, Барноро ҳам шунавем, баъд паси корҳоямон шавем. Ҳамин, ки сурудхонии Барно хотима меёфт, устод меафзуданд, - ин занак дар гулўяш оркестр дорад, овозашро бинед, ба чанд ҷилоҳо садо медиҳад, - гуфта масрурона хушбошӣ карда мерафтанд.

Ин ҷо, ки аз сифатҳову хислатҳои устод Улуғзода сухан меравад, аз нақли боз як хусусияти нотакрорашон худдорӣ карда наметавонам. Боре ба ноҳияи биҳиштфазои Файзобод ба тўи арўсии додархонам Вайсиддин даъват шудам. Устод ҳам ҳамроҳи мо шуданд. Дар қишлоқи баландкўҳ Фаррух моро хуш пазируфтанд.

Бе муҳобот ба қишлоқи номбурда омадани нависандаи маъруфу иззатманд ба маърака рўҳбаландии нотакроре бахшид. Хурду калон дар хизмат буданду дастархонҳо пур аз нозу неъмат. Машшоқҳову сарояндаҳои маҳаллӣ бо завқ ҳунарнамоӣ мекарданд. Ба ифтихори меҳмони волоқадр устод Улуғзода, қадаҳҳо бардошта мешуданд. Он замон зиёие таассуроташро аз асарҳои Сотим Улуғзода бо эҳсоси баланд баён мекард. Он гоҳ нотиқ сухан меронду Улуғзода дар хоби бароҳат буданд. Ин ҳолатро дида яке аз сарварони ноҳия, агар ғалат накунам, Мирзохоҷа, ки дўсти қадрдони деринаам буд, ба завқ хан-

дида ба гӯшам нақли хуше кард. Маънидод ба сӯи устод нигариста, - боре гуфт вай, - чанд нависандаҳои ҷавон Сотим Улуғзодаро ба сайли баҳори Файзобод оварданд. Дар пазироиашон ман ҳам будам. Меҳмонро дар зодгоҳи Нигина Гумбулоқ пешвоз гирифта, ба боғи биҳиштмонанд, ки майсаю себарга ҷавлонгарӣ менамуд, овардем, хостем он ҷо устодро фуроварда дар байни гулбоғ "дами беғам" диҳем, ки ӯ аз накҳати боди баҳорон, гулу себарга, ҷавлони дарахтон баҳра бигирад. Аммо дидем, ки дар болои мошин устодро хоб бурдааст. Яке аз шогирдонашон меҳмони олиқадрро бедор карданӣ шуда гуфт, - устод, нигаред, ба сайлгоҳ расидем, дӯстон ҷой тайёр кардаанд, биёед, фуромада инҷоро тамошо кунем, дам гирем.

Устод, ки ҳанӯз хоболуд буд, нимғурма ҷавоб дод, - фуромадан чи лозим, агар ҷои зебо бошад, аз болои мошин ҳам тамошо кардан мегирем.

Мо мизбонҳо, гуфтем, ки бигузор хости меҳмон шавад, беҳтараш биёед, устодро ба тамошои ёлаи лолазорӣ Қалъаи дашт мебарем...

То Қалъаи дашт, ки хеле роҳ буд, ман роҳбаладӣ мекардам мегуфт дӯстам - киссаашро давом дода.

- Ҷойҳои диданибоби Файзободро нишон медодаму мегуфтам, - ана ин қишлоқи Мирнишин буд, ана инаш боғҳои навбунёди хоҷагии ба номи Рӯдакӣ, ҳо вай шаҳрчаи болои кӯҳпора - фабрикаи мурғи марҷонпарварӣ. Нақл мекардаму суханҳои нимғурмаи устод - "бисёр зебо", "хело хуб", "бад нест" ба гӯшам мерасиданд. Дар ними роҳ бо тааҷҷуб ба сӯи меҳмон нигаристаму дидам, ки каллаи устод гоҳе хам мешаваду гаҳе боло, яъне эшон гаҳе хобу гаҳе бедор. Он гаҳ ба худ гуфтам, "шояд устод шабро бо бедорхобӣ гузаронидааанду аз ҷумон-ҷумони гаҳворавори мошин қусури бехобии шабонаро мебароранд...

Ҳамин, ки ба ёлаи "лолазор" расидем, устодро он ҷо фуроварда, чаманистони кӯҳсорон, доманаҳои лолапӯшро нишон додем. Дар болои гилему кӯрпачаҳо шинонда меҳмонро бо гиёҳҳои хуштамъи кӯҳӣ - занбӯруғ (қорч), торон, чукрӣ, рова зиёфат кардем. Касе аз ҳозирон аз таъриху хусусияти зиндагии мардуми он мулк нақл мекард ва дар фуроварди суханаш шеъреро низ қироат кард. Аввал устод ҳикоятро ба ҳавас гӯш мекард, баъд медидем, ки шеър ба охир нарасида, чашмони меҳмонамон пӯшида шудааст, ба худ мегуфтам, яқин аст, ки бо сабзазору лолазор эҳсосу завқи устодро бедор карда натавонистем, шояд ки базми духтарони париталъати Файзобод кора кунад? Бо ҳамин ният, устодро ба сайли чашмаи Элок бурдем. Дар сари чашмаи Элок, ки оби софу муҳити зебояшро ба биҳишту оби кавсар ташбеҳ додаанд, гилему қолинҳои зебо, кӯрпачаҳову болинҳои шоҳию бахмалӣ, дастархони пур аз нозу неъмат густурдем. Ба истиқболу эҳтироми нависандаи номӣ зеботарин духтарони думбуранавоз, сурудхон ва раққосонро даъват намудем. Базме оростем, ки базми ҷамшедӣ дар пеши вай ҳеҷ аст.

Ҳозирон фатирмаскаву қурутобу қаймоқу чурғот мехӯрданд, аммо

ман чашмамро аз устод Улуғзода намекандам. Албатта меҳмони азиз аз чунин пазирой хушҳол буда, ҳатто ба вачд меомад.

Аммо ӯ дар болои дастархон анвои зиёди таомҳоро дида хиҷолатмандона гуфт, - чӣ ҳоҷат буд, ки ин қадар ташвиш кашед, исрофу хароҷоти зиёд зарурат надошт.

Меҳмонҳо ҳаққи нону намак шуданд ва духтарони файзободӣ ҳам базмро сар карданд. Садои дойра, тору ғиҷҷак, овози булбулнавои бонувони кӯҳистонӣ дар дилҳо ғулғула меангехтанд. Устод Улуғзода ҳам дар мавридҳои аввал, понздаҳ-бист дақиқа суруду рақси духтаронро бо мароқи том тамошо мекард, баъдтар медидам, ки гарчанде садои суруди духтарону ҳофизон "осмонкаф" аст, вале сари меҳмон - устод Улуғзода як зайл гоҳе ҳам, гоҳе рост мешавад... Чунин одати ғайри чашмдошти устодро мушоҳида карда Мирзохоҷа бо ман гушакӣ кард, - "устод ба тарзи худашон кайф мекардаанд"...

Ин хусусияти ба худ хоси устод Улуғзодаро бисёриҳо медонанд, агар хоҳанд дар маҷлисҳои калони расмӣ ҳам аз хоб сер мешаванд. Чунин буд ҳамсояи беҳамтоямон ва мо ӯро бо ҳамаи хислатҳояш дӯст медорем, сипосгузорӣ менамоем, ёдаш мекунем:

Боги биҳишту сояи тӯбиву қасри хур,
Бо хоки кӯи дӯст баробар намекунам.

Бо устод Улуғзода на фақат ба Файзобод, бештар ба водиҳои Вахш, Зарафшон, Ҳисор, шаҳрҳои Тошканд, Панҷакент, Москва ва дигар манзилҳо зиёратгарӣ намудаем.

Афсӯс дар бораи ҳамаи он ҳамсафариҳо имконияти ҳикоят кардан надорам. Фақат аз зиёрати якҷояамон ба водии Вахш нақли кӯтоҳе карданиям.

Ҳангоме, ки бо шоҳроҳи Душанбе - Қӯрғонтеппа равон будему аз ноҳияи Даҳанакиик мегузаштем, дар сари роҳ зери дарахтҳои сояафкан мошине меистод, дар бари мошин як шахси кители сафедпӯш, кӯлоҳи тобистонии аврупой дар сараш қарор дошт. Ӯ, шояд, ки аз дур моро шинохт, ишора кард, ки истем. Ронанда мошинро нигоҳ дошт ва зуд шинохтем, ки шахси роҳи моро доштагӣ - Турсунбой Ӯлҷабоев - собиқ сарвари Тоҷикистон аст. Вай моро гарм истиқбол намуду гилаомезона гуфт, - Мулло Холмурод, ҳамсояи нав ёфта, ҳамсояҳои кӯҳнаро аз хотир баровардед...

- Ин тавр нагӯед Турсунбой-ако, шумо доимо дар дили мо ҳастед, гуфтам ӯро оғӯш намуда.

- Ин тавр бошад, чаро моро надида, қишлоқамоя "зери пой" карда мегузаред? - гуфт ҳазломез Ӯлҷабоев.

- Дар бозгашт шуморо ҳатман диданӣ будем, дар Вахш моро интизоранд, барои ҳамин саросемагӣ кардем, - гуфтам.

- Хайр, дар куҷое бошед, баобрӯю саломат бошед, дил мекашад, ки дӯстҳо, шогирдҳоро дида истам. Беҳад шодам, ки имрӯз устод Улуғзодаро дидам, кайҳо боз пазмони дидорашону сӯҳбатҳояшон ҳастам. Афсӯс, ки қонуни зиндагӣ сахтгир будааст, аз бисёр дӯстони

ғамбарорам ҷудо кард, - гуфт Турсун Ӯлҷабоеву ба Сотим Улуғзода.

- Устод, аз вазъияти шумо огоҳ ҳастам, марги завҷаатон, кулфати фарзандон... Борҳо қарор доштам, ки махсус рафта, ғамбарорӣ намоям, аммо фурсат даст надод, хуб шуд, ки имрӯз дидани шумо муяссар шуд, гуфт Ӯлҷабоеву ба ронандааш ишора кард, ки термоси чойро биёраду гилемчаи рӯи мошинро ба болои майса партояд, ки каме ҳам бошад, аз дидори ҳамдигар баҳраманд шавем.

Сотим Улуғзода, ки бо мароқи том Ӯлҷабоевро гӯш мекард, миннатдорӣ намуду афзуд, - Турсун Ӯлҷабоевич, ҳама вақт некиҳои шуморо дар хотир дорам, ман ҳам ба он тавре ки худатон гуфтед, дар назди шумо қарздор ҳастам, ки дилдории дӯстона карда натавонистам, охир қисмати беибо ба сари шумо ҳам дасти навозиш дароз накард. Аммо, ман ба иродаю матонати шумо қоилам, ки худатонро бой надодаед, аз санҷишҳои сахттарини зиндагӣ гузаштед, - гуфт маънидорона ба рӯи ҳамсӯҳбаташ нигоҳ карда устод Улуғзода.

Турсун Ӯлҷабоев, муддате ба хаёл рафту чун ҳарвақта зарофатгӯй кард. Дар ин бобат, устод аз худи шумо ибрат мегирем. Охир устухони насли мо бо калому панди шумоён шах шудагӣ, қаҳрамонҳои асарҳоятонро пайравӣ мекунем.

Турсун Ӯлҷабоев термосро аз дасти ронанда гирифту худаш ба мо ҷои кабуди "наваду панҷ"-ро рехта доду аз мулоқотҳои якҷояшон бо устодон Айнӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Акашариф Ҷӯраев, Тӯҳфахон Фозилова ёдовар шуд.

Устод Улуғзода ӯро бо диққат гӯш андохта гуфт, афсӯс, ки зиндагӣ барқвор зуд мегузаштааст, канӣ он солҳои ҷавонию комсомолии мо? Авзои ҳозираамро аз Ҳофиз хубтар гуфта наметавонам, ки фармудааст:

Ба як чашм задан, сӯҳбати ёр охир шуд,
Рӯи гул сер надидему баҳор охир шуд.

Устод Улуғзода ин сатрҳоро гуфтанду мо хайрбод карданӣ шудем. Турсун Ӯлҷабоев, ин сайъи моро дида, - шитоб накунед, ҳоло барвақт, Вахш гурехта намеравад, гуфту афзуд, - ин вохӯрии мо тасодуфӣ бошад ҳам, дилхоҳ буду мувофиқи хоҳиши ман, зеро ки кайҳо боз ман устод Улуғзодаро диданӣ будам. Кӣ медонад, дигар ба дидори ҳамдигар мушарраф мешавем ё не?

- Магар ягон гуфтании махсусе доштед, - гуфт устод Улуғзода ба Ӯлҷабоев рӯй оварда.

- Бале, муаллим, кайҳо боз як чизро ба шумо гуфтанӣ будам, ки дар дили шумо қудурате намонда бошад.

- Чиро дар назар доред?

- Онро, ки як вақтҳо ҳамрдуямон аъзои Президиуми Шӯрои Олӣ будем ва дар вақти муҳокимаи масъалаи авфи муаллим Каримзода ба шумо ноҳақ дуруштӣ карда будам, баъдтар инро дарк намудам, акнун бародарона маъзарат мепурсам.

- Азизам, Турсун Ӯлҷабоевич, ҳеҷ хоҷат ба маъзаратпурсӣ нест,

кайҳо онро фаромӯш кардаам. Аммо, ёд дорам, ман ҳам тезию тундӣ карда одоби муоширатро риоя накарда будам, охир сухан аз қисмати ҷавонон мерафт... Агар, аз ман ҳам гузашта бошад, шумо ҳам, Турсун Ӯлҷабоевич, бубахшед, гуфта ӯро Улуғзода ба оғӯш гирифт. Мо ба роҳамон равон шудему қарибиҳои шом ба деҳаи "Гулистон" - ҳавлии падарам расидем.

Қиблагоҳам моро беҳад хуш пазируфтанду ба меҳмон ишора карда афзуданд - писарам, чӣ кори хубе кардӣ, ки домулло Улуғзодаро овардию маро хушбахт кардӣ...

Бегоҳӣ, ба хотири меҳмони азиз, падарам дӯстонаш - Шоим-командир, Мадалиако, Маҳмадтоҳир, Ҷумъабой ва дигаронро даъват намуданд. Он шаб сари дастархони деҳқонӣ, чӣ сӯҳбати ширине шуда буд. Бемуҳобот устод Улуғзода машъали мулоқоти оншаба буд. Вақте ӯ фаҳмид, ки бо фаъолтарин муборизони зидди босмачигӣ ҳамнишинӣ дорад, рӯҳбаланд шуд ва аз таърихи навиштани асараш "Калтакдорони сурх" нақлҳои шавқовар кард. Аз мулоқотҳояш бо Муқим Султонов, Сардор Қарохонов ва дигарон сухан ронд.

Хушвахт Шоимов ҳам ба нависанда саволҳои зиёде доду аз муҳорибаҳои бо босмачиён кардааш - дар Саройкамар, Қизилтумшуқ, Ботработ ва Қизилмазор ҳикояти аҷибе намуд. Падарам Шарифи Наврӯз ҳам аз фоҷиаи ба сараш омада дар хамии Саргазон нақл кард, ки чи тавр дар торикии зулмот аз иҳотаи босмачиҳо гурехта ҷон ба саломат бурд. Он солҳо, - гуфт Шоим-командир, Шарифака дар Кӯрғонтеппа раиси комиҷроия буд. Нақлҳои нависандаи номӣ ва пирони хирад - бунёдгарони давраи навини зиндагиро ҳозирон бо шавқу завқ гӯш мекарданд. Додаронам Қаҳрамону Абдураҳмон беист хизмат мерасониданд, модарам бошад, бемуҳобот парвонаи гирди сарамон буд.

Табиист, ки сӯҳбати оншаба хеле тӯл кашида вақти хоби меҳмонҳо кайҳо гузашта буд. Модарам ҷойҳоро тахт карда, то аз хоб сер шуданатон, хоб равед, гуфта буд. Вале ин тавр нашуд. Сӯбҳидам ҳанӯз хурӯсҳои қишлоқ ҷеғ назада, аз пушти дарвоза овози Мадалиако баланд садо дод, - "Наврӯзобобо, Наврӯзобобо" - мегуфт ӯ, дарвоза кушода шуду раис Маҳмадтоҳир пеш-пеш, Мадалиако аз ақиб - меҳмонҳо маводо азоб накашида бошанд? - гуфта ба ҳавлӣ даромад.

Маҳмадтоҳир дид, ки меҳмонҳо ҳанӯз хобанд, хиҷолатмандона гуфт, - Мадалиако ба ҷону ҳолам намонда, пеш-пеш карда оварданд, ки биёед офтоб натасфида, рафта меҳмонҳоро ба сайлгоҳи сарбанди Вахш барему рӯзи истироҳат бо устод Улуғзодаю ҳамсафаронаш дами беғам занем. Гап дар сари он, ки - давом дод суханашро раис, Мадалиако ба қариби ордени Байрақи Сурхи Меҳнат гирифтанду зиёфати калон қарздоранд...

Устод Улуғзода, ки ҳанӯз дар таки кӯрпа хоболуд буданд, аз ман пурсиданд: - ҳамсоя, худаш тинҷӣ-мӣ, ин чӣ ғавғо, моро куҷо мебаранд?

- Куҷо мешуд! Ба саёҳат, сӯи кӯҳҳои сарбанди Вахш, мулоқот бо чӯпонҳо. Фаромӯш кардед магар. Шабона аҳду паймон карда будем.

- Шояд, ваъда карда бошем, аммо чаро ин қадар барвақт, - гуфт бо дили нохоҳам. Ин ҷо қишлоқ, дар қишлоқ саҳари барвақт мехезанд, саҳар хестӣ - худо медиҳад, - гуфта Мадалиако сари бистари Улуғзода рафтанду ширингӯиҳо карданд - шумоён нозукниҳолҳо ин ҷо хешбиниба омадед ё барои хоб?

Устод Улуғзода медонист, ки ба Мадалиако баҳс кардан фоида надорад, аз ҷойгаҳ хесту шустушӯй карда, сари дастархон омад.

Пас аз хӯрдани ширчой мо бо сарварии Маҳмадтоҳир ба доманаи дашти Ботуробод рост шудему баъди чанд фурсате ба ҷои муқаррар-шуда расидем. Мадалиако пештар аз мо омада он ҷои хушманзарароро тоза карда, гилему кӯрпачаҳо андохта дастархон паҳн кардааст ва акнун даст ба тавозӯъ меҳмони азиз Сотим Улуғзодаро интизор аст.

Ҳамин, ки меҳмонҳо аз мошина фуромаданд, Мадалиако чанд қадам пеш омада онҳоро бо лаҳҷаи варзикиҳо (чустиҳо) пазирой намуданд:

- Муаллим Сотимхон, дӯстошон хуш омадакан, моя сарамоя осмонба расонданд, - гуфт ӯ бо илтифоти дӯстона. Устод Улуғзода ҳам бо табассуми ширину маънидор ба атроф нигариста гуфтанд, - имрӯз ба шарофати мукофоти шумо аз шаробҳои дастии бобой мечашидагистем? Мадалиако даҳон накушода раис Маҳмадтоҳир ширингӯй кард, Мадалиако нӯги сафедорба баромадагӣ, буруташонро болта намебуррад. Устод, дилатон чизе, ки ҷӯяд муҳайё мешавад, - гуфт ӯ, Улуғзодаро ба нишастан ишора намуда. Меҳмонҳо, мизбонҳо ҳама нишастанд. Сарчӯпон Ҳайдарқул аз рӯи таомули мардумӣ даст ба дуо бардошта, меҳмонҳоро хайрамақдам гуфт.

Устод Улуғзода, ки садрнишини давра буд ба атроф, ба муҳити назаррабо, мавҷҳои пуртуғёни рӯди Вахш нигоҳ мекард. Аён буд, ки дар ҳаяҷон аст, рӯҳаш болида, таъбаш чоқ. Вай дам ба доманаҳои кӯҳпораҳои сабзпӯш, дам ба паҳнои Ботурободу Калташӯр ва бештар ба ҷавлонгариҳову печутоби шӯхоби Вахши зарнисор чашм медӯхт.

Ҳозирон, ки ин қиёфаи нависандаро мушоҳида мекарданд, ором менишастанду чизе намегуфтанд, шояд бо он майл бошад, ки "сухан аз забони луқмон хуш аст" бигузор меҳмон гап занад...

Ба мисли он, ки хости ҳозиронро пай бурда бошад, устод Улуғзода пас аз фурсате ба онҳо рӯй оварда гуфт, - ана зиндагӣ ва зебоии вай дар куҷост, ҳаловат дар куҷосту мо дар куҷоҳо мегардем. Солҳои сол аз кунҷи танги утоқи корӣ, дилҳо занг зананд ҳам намебароем. Имрӯз ба ҳамсояам Холмурод Шарифович миннатдорӣ изҳор мекунам, ки тавонист маро ба дидани шумо дӯстон, хешу таборон, тамошои водии диловези Вахш овард.

Мадалиако, ҳазломезона шӯрид, - раис, гӯед ки меҳмонҳо гапам зананду таом ҳам хӯранд, охир ин чӣ зиёфату маишат ки касе на мехӯраду на менӯшад.

- Яъне, шумо гуфтанӣ ки бисто-бисто ҳам шавад, - ҳамин хел-мӣ Мадалиако. Ин сухани раис ишора ба он буд, ки Мадалиако "бисто-бисто" лақаб дошт.

- Ҳа, раисҷон, худатон медонеду аммо хотирҷамъ менишинед, - бисто-бисто-мӣ, садто-садто-мӣ, ин кори шумо. Аз шумо фармон, аз мо иҷро, - гуфта даст пеши бар бурда Мадалиако. Чаро "бисто-бисто"? Барои он ки "бисто-бисто" тахаллуси пинҳонии Мадалиако будааст.

Устод Улуғзода каме аз таомҳо тановул намуда, аз Мадалиако пурсид: - Мадалихон, аҳволи Тӯйчибой раис, мулло Мукаррам ва Баҳодуров чӣ тавр аст, хонаводаҳояшон тинҷ аст? - ва афзуд, - онҳо аз фаъолтарин фотеҳони Вахшанд. Ҷавонон бояд фаромӯш накунанд, ки ин ҷойҳо бо кадом заҳматҳо обод шудаанд. Охир бист-сӣ сол пеш гирду атроф туқайзори касногузару сайлгоҳи гургу шағолу эшкемару мору каждум буданд. Чӣ тавр ба хираду қувваи инсон қоил намешавед, ки дар як фурсати кӯтоҳ ин сарзаминро ба киштзорҳои серҳосил, боғу бӯстон табдил додааст. Аз шуҷоати фотеҳони Вахш чанд китобу кинофилмҳо офарида шудаанд, аммо онҳо муҳорибаи ҷонкоҳи фарҳодонаи муҳандисон, коргарон, деҳқонони муҳоҷирро ба дараҷаи сазовор тасвир накардаанд.

Ҳозирон гуфтаҳои устодро бо диққат гӯш карда маъқул мешумориданд. Аз ҷумла Маҳмадтоҳир чунин гуфт: - устод Улуғзода хуб гуфтанд, ки ба қадри заҳмати фотеҳони Вахш расем, ин хеле муҳим аст, зеро ки вақтҳои охир шолию курмак баробар шуда истодааст. Ин чунин маънӣ дорад, ки қаҳрамонҳои ҳақиқии Вахш дар канор монда, мукофотҳову имтиёзҳоро дигарон мегиранд.

Дар ҷараёни сӯҳбат касе аз устод Улуғзода пурсид, ки эшон ба қарибиҳо ба зодгоҳашон Варзик рафта буданд ё не?

- Афсӯс, ҳазор афсӯс, ки ин корро карда натавонистам, гуфт устоду афзуд, - аммо ин қарзи маро ҳамсояам Холмурод Шарифович ва Мутеулло Наҷмиддинов иҷро кардаанд, бигузор он кас аз сафарашон ба шумо нақл кунанд.

Сухан, ки ба ман расид гуфтам, - рӯзе ки аз сафари якҷояи Панҷакент баргашта будем, устод Улуғзода ҳазломез гуфта буданд, - ман зодгоҳатонро зиёрат намуда, шуморо қарздор кардам, акнун шумо ҳам бояд ҳамроҳам ба Чусту Варзик биравед.

- Ба чашм, устод, - гуфтаму фурсати қулай ҷустам ва чунин мавриди муносиб ҳам пайдо шуд. Бо дӯстам, вазири маданияти онвақта Султон Мирзошоев мебоист дар ноҳияҳои Конибодому Ашт иҷрои супоришҳои вакилӣ намоем. Аз Ашт то Чуст роҳи яксоата будааст. Ба иловаи вай рафиқи қадрдони ҳардуи мо нависанда Мутеулло ҳамсафарамон буд, ки роҳбаладиро ҷазмандона ба ӯҳда гирифта, мушкиламонро осон кард.

Ҳамин тавр, мо бо роҳбаладии Мутеулло рӯзҳои шанбею якшанбе Чусту Варзикро зиёрат кардем. Ҳоло ба шумо фақат аз дидаҳоям дар Варзик - шаҳраке ки он ҷо хуни нофи ҳамсояи азизам Сотим Улуғ-

зода чакидааст, мухтасар ҳикоят менамоям:

Аввал, маҳаллаҳои - кӯчаи Майдон, Қалъаи поён, Таки пилол, Қозиён, Чашмаи донур, Қалъаи боло, Қалъаи хурд, Сеҷӯя, Калтачанор, Ҳаёти кӯҳ, баъд Ғавсой, обамбори Гурунҷпоя, обамбори Қарокӯрғон ва ғайраҳоро тамошо кардем. Он чиз бештар шавқовар буд, ки дар ҳар як маҳалла чашмаи оби зулол фаввора зада мебаромад, ки дар тобистон сарду дар зимистон гарм ҷорӣ мешудааст.

Билохир, Мутеулло ва мизбонон моро ба тамошои Сари қалъа - баландтарин ҷои теппаи Варзик баровардand, ки бемуҳобот бо зебогию барҳавоияш касро ба ҳайрат меоварад. Дар баландӣ чашма ҷӯш мезанад, гирду атроф боғи дарахтони мевадор, ҳар сӯ гулу гулзор... Аз он ҷо чор канори деҳаи бузурги Варзик чун дар кафи даст аён намудор шуда, дилҳоро сафо мебахшад.

Манзараҳои дилпазири зодгоҳи устод Улуғзодаро назар меандохтаму тасвирҳо аз китоби эшон "Субҳи ҷавонии мо" ба лавҳаи хотир меомад. Чунон менамуд, ки Варзики имрӯза аз он Варзике ки устод чунон моҳирона зебо тасвир кардаанд, бештар дилоро гаштаасту бо ҳусну малоҳаташ бинандаро мафтун месозад.

Дар Варзик Мутеулло Наҷмиддинов моро бо бисёр касон, пеш аз ҳама ҳамсабақҳову ҳамтабақҳои Сотим Улуғзода вохӯронд. Мулоқотҳо бо пирони деҳа Файзуллохонако, Сотим Қосим, Шарофов, Охунов, Мӯсоев, Тӯра Ҷӯра ва дигарон беҳад самимию дӯстона буданд. Ёд дорам, Файзуллохонако, ки яке аз хешони наздики устод Улуғзода будаанд, - гуфта буд, - падари Сотимхон деҳқони асил буданд, вале бобояшон - Аъламхон домулло шахси бағоят донишманд, олими писандида буданд. Бесабаб нест, ки аз хони Фарғона Худоёрхон хати маншур доштанд, ки дар он гуфта шудааст, - аз Аъламдомулло ба қадри як пари коҳ андоз гирифта нашавад.

Вақто, ки хонаи падари устод Улуғзодаро зиёрат мекардем, сарварони деҳа гуфтанд, ки ба ифтихори писарашон Сотимхон ин ҷойро китобхона карданиянд. Ҳамин тавр ҳам шудааст. Ба муносибати 80-солагии нависанда ба он - китобхонаи Сотим Улуғзода ном додаанд.

Хулласи калом ҳам тамошои табиати Варзик, ҳам мулоқотҳо бо мардуми шарифи он барои мо басо шавқовару фаромӯшнашаванда буд. Вақте онҳо фаҳмиданд, ки мо аз Сотим Улуғзода салому паём овардем, ба замми он боз дӯсту ҳамсояшон ҳастем, моро ором намегузоштанд, ҳар кадомашон мехост, ки меҳмони хонадони ӯ бошем. Аҳсан ба Варзик ва фарзандони асилаш...

Вақти видоъ бо дӯстони ҳамқавму ҳамзабони варзикиамон расида буд ва барои хушбошӣ рухсат пурсидем. Мизбононамон бо як овоз ҷазмандона мегуфтанд, - хешони зиёди устод Улуғзода интизори омадани шумоянд, мо ҳанӯз гуфтугузори қазоӣ накардем, боз чанд рӯзи дигар бо мардуми фарҳангдӯсти Варзик мулоқотҳо намоем.

Мо узри бисёре гуфтему ваъда кардем, ки навбати оянда ҳатман ҳамроҳи устод Сотим Улуғзода мебиёем. Ин ваъдаи мо ҷиддӣ буд.

Аммо ҳазор афсӯс, ки носозиҳои зиндагӣ Улуғзодаю аҳли байташро ба Варзик нею ба Москва бурд.

...Устод Улуғзода аз зиёрати водии Вахш бо қаноатмандии том баргаштанду ба навиштани романи "Фирдавсӣ" ва дигар асарҳо миён бастанд. Аммо сол аз сол вазъияти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон вазнин мешуду зиндагӣ мушкилтар мегардид. Аҳволи саломатии эшон ҳам бадтар шудан гирифт. Бо ҳамин ва дигар сабабҳо бо ташаббуси завҷаашон ба манзили дар Москва доштаашон кӯчиданду мо аз якдигар ҷудо гаштем:

Як бори дигар хандаи гулҳои саҳар шав,
Бинвоз навое, ки дилафгор бигирям.

Баъд аз чанд фурсате ба Москва барои аёдати устод Улуғзода рафта будам. Пеш аз ба хонаи ҳамсояам рафтан, фаҳмидам, ки устод бетобанд, ба духтарам Гуландом, ки табиби унвондор аст, фармудам, дорую дармонҳои лозимаро пайдо намояд, то ки ба устод кӯмаки зарурӣ расонем. Доруҳо ва савғотиҳоро гирифта, ба хонаи устод Улуғзода равон шудем. Роҳ ба роҳ аз духтарам пурсидам, бори охир кай амакатро дида будӣ?

- Ба наздикӣ, ҳамроҳи янгаам Зебогул, ки ба Москва омада буд, - ҷавоб дод духтарам.

- Ҳамчун табиб вазъи саломатии устод Улуғзодаро чи гуна мушоҳида намудаӣ?

- Росташро гӯям, дадаҷон, аҳволи амакам хуб нест, иллати артериосклероз сахт таҳдид мекунад, найчаҳои хунгузар фарсуда шудаанд, гардиши хунро дуруст таъмин карда наметавонанд. Аз ҳамин сабаб нутқашон равон нест, қувваи ҳофизаашон низ заиф аст. Илова бар ин, захми меъда, варами ғадудҳо, харобии системаи асаб фишор меоварад...

- Яъне, устод Улуғзода ба табобати ҷиддӣ ва нигоҳубини хуб эҳтиёҷ дорад, - гуфтам ва бинам, ки саргарми сӯҳбат гашта ба хонаи устод Улуғзода расиданамонро нафаҳмида мондем.

Завҷаи устод - Любов Андреевна ва писараш Зариф моро гарму ҷӯшон истиқбол намуданд. Янга ширингӯй карда гуфт, ки "ман умед надоштам ки боз шумо ҳамсояи қадрдонро мебинем, қариб ҳар рӯз бо Сотим Улуғич гапҳои шуморо мегӯем".

Любов Андреевна маро ба хуҷраи ҳамсараш бурда, - гуфт, Сотимхон, бубин барои аёдат кӣ омадааст? Ҳамсояи дӯст медоштагиат - Холмурод Шарифович!

- Чӣ хуше, чи хуше, - гуфта устод аз ҷой хестанӣ шуд, ки нагузоштам, дидам, ки ин амал барояш хеле мушкил. Дар курсии нишастааш устодро оғӯш намудам, ӯ бошад аз рухсораам бӯсид ва хеле дар ҳаяҷон буд.

Ҳамсари устод - акнун шумо сӯҳбат кунед, ман корҳои зарурироо анҷом диҳам, - гуфта баромада рафт. Устод Улуғзода бо мушкилӣ пурсу порс намуду гуфт: - ҳазор бор шукр, ки ба дидори якдигар ра-

сидем - ва афзуд, - азбаски нутқи ман ҳоло чандон равон нест, шумо бештар нақл кунеду ман шунавам.

- Ба чашм, гуфтаму мухтасар аз шароити зисту зиндагӣ, нархуновo, райъпурсӣ оид ба қабули Конститутсия, интихоботи Президент, аҳволи ҳамсояҳо ва ғайра ҳикоят намудам.

Мо бо устод сӯҳбат доштему ҳар бор Любов Андреевна - чоятон хунук нашуд? Мабодо гурусна нашудед, Сотимхон, - вақти дорухуриат нарасид, - гуфта ташвишу меҳрубонӣ менамуд. Дар омади гап бояд махсус қайд кунам, ки Любов Андреевна барин ҳамсари вафодору ғамхор хеле кам ёфт мешавад. Вай барои умрдарозии устод заҳмати зиёде кашидааст, на фақат таомҳои ба миҷози шавҳараш мувофиқро доимо муҳайё менамуд, балки вазифаи табиби шахсиро иҷро мекард, зеро ки солҳои сол худаш барои давои устод, сӯзан мезад, худаш набзашро чен мекард ва худаш тамоми доруҳои заруриро пайдо карда, дилсӯзона табобат мекард. Агар хато накунам, ба чунин дараҷа қадрдонию ғамхорӣ зоҳир намудани ин зани рус ба Сотим Улуғзода нафақат барои он аст, ки ӯ шавҳараш буд, шояд боз барои он ҳам бошад, ки Улуғзода шахсияти нодир, фарди соҳибдил ва эҷодкори тавоно буд, ки ба иззати чунин шахс расидан, бо ӯ ҳамдаму ҳаммаслак буданро Любов Андреевна бахти олӣ меҳисобид.

Он лаҳзаҳое, ки бо устод Улуғзода сӯҳбати хоса доштем, Любов Андреевна палави гӯшти мурғӣ пухта будааст, ки мо ҳама якҷоя бо иштиҳо хурдему миннатдорӣ намудем.

Дар он сӯҳбат масъалаи ба Душанбе баргаштани оилаи Улуғзода низ баромад. Ҳаминашро фаҳмидам, ки устод майли ҳарчӣ зудтар ба Ватан баргаштанро дорад. Дар ин хусус ба Душанбе баргашта ба мақомотҳои лозима хабар дода будам, аммо чаро устод Сотим Улуғзода дар зиндагиаш ба Душанбе барнагашт, ҳанӯз ҳам бароям муаммост. Аммо, он чиз таскин медиҳад, ки ҷасади устод бо ташаббуси сарвари Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов ба ватанаш оварда шуду ӯ дар манзилгоҳи Лучоб, дар қатори ҳамқаламонаш Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ ва дигарон абадӣ қарор дорад.

ВАСЛГАРИ ДИЛҲО

Баҳори соли 1968-ум ба Тошканд сафари хизматӣ доштем. Мо се тан, яъне - камина, Муллокомил Саъдуллоев ва Зайниддин вазифадор шудем, ки бо бародарони ӯзбек дар хусуси нақшаҳову барномаҳои гузаронидани даҳаи маданияти тоҷик дар Ӯзбекистони бародарӣ гуфтугузор намоем. Дӯстони ӯзбекистониамон - Саидҷон Шермуҳаммадов, Ғайниддин Наҷимов ва Сироҷиддин Камолиддинов мӯёнро самимона истиқбол намуданд. Дар яке аз он рӯзҳо, баъди тамошои ҷойҳои таърихӣ ва осорхонаҳои фарҳангиву маданиии Тошканд ноибвазири маданияти Ӯзбекистон Камолиддинов Сироҷиддин бо ҳамсараш - шоира Эътибор Охунова моро дар хонаашон пазируфтанд.

Эътибор Охунова ҳам шоираи соҳибистеъдод ва ҳам пазандаву кадбонуи бомаҳорат будааст. Дастархони бо нозу неъматҳои зиёд оро ёфта, таомҳои болаззат, ки паси ҳам оварда мешуданд, гувоҳи он буданд, ки Эътиборхонум ҳунари беҳамтои таомпазӣ дорад. Росташро гӯям, ман бори аввал аз чунин таомҳо ба монанди - "норин", "кулчатой", "мошхӯрда" ва ғайра, ки бо услуби тошкандӣ пухта шуда буданд, чошнӣ мегирифтам. Кайфияти маро дар гирди он дастархони бобаракату пурфайз сӯҳбати орифонаи дӯстони хонадон - вазири маданияти Ӯзбекистон, академик Воҳид Зоҳидов, олимон, ходимони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ Саид Шермуҳаммадов, Ғайниддин Наҷимов, Мақсуд Қориев, Сироҷиддин Камолиддинов дучанд менамуд. Азбаски мавзӯи гуфтори мо реҷаҳои даҳаи адабиёту санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон буд, ҳар кас андешаҳояшонро зиёдтар дар ҳамин доира изҳор менамуд: Воҳид Зоҳидов изҳори ақида кард, ки ҳамкориву пайвастагии ходимони маданияти ин ду халқ - тоҷикон ва ӯзбекҳо мавзӯи нав нест, ин анъанаи наҷиб решаҳои амиқи таърихӣ дорад, намунаҳои хуби онро аз ҳамкории Абдураҳмони Ҷомиву Алишери Навоӣ то рафоқати Мирзо Турсунзодаву Ғафур Ғулом, садҳо ходимони адабиёту санъатамон, ҳунарварони саҳна, кино ва ромишгарону рассомон дида метавонем.

Дар ин бобат мубодилаи афкори тулонӣ идома ёфт ва ҳама ба як ақида омадем, ки даҳаи маданияти тоҷик дар Ӯзбекистон ҳамчун иди бузурги миллатҳо ва ҷашни дӯстиву рафоқат баргузор гардад.

Вақте ки сухан аз ҳайати иштирокчиёни даҳа - адибон, дастаҳои ҳунарӣ мерафт, Ғайниддин Наҷимов ҳазломез гуфт:

- Ба ҳамаи гуфтаҳои шумоён ман розӣ, фақат бо як шарт.

- Чӣ шарт будааст? - пурсидам ба рӯи дӯстам маънидор нигоҳ андохта.

- Шарти ман ҳамин, ки ба даҳа бе Боқӣ Раҳимзода набиёетон, - гуфт Наҷимов.

- Чаро шумо ин шарти ногаҳониро гузоштед? - пурсид вазири маданият аз Наҷимов.

- Барои он ки - нуфт Наҷимов, - Боқӣ Раҳимзода марди даврораст, дар зарофатгӯӣ ҳамто надорад, ман бо вай борҳо мулоқот доштам, ҳамроҳ сафарҳо кардаам. Дар куҷое, ки Боқӣ Раҳимзода бошад, ғайбат намешавад, гулхани дӯстӣ аланга мезанад. Вай даҳаро зеб хоҳад дод. Агар хоҳетон, - гуфт Наҷимов, - ман як шингил аз ҳамсафариҳоям бо ӯ бароятон ҳикоят мекунам?

Ҳама ҳавасмандии шунидани ӯро зоҳир карданд. Ғайниддин Наҷимов нақлашро сар кард:

- Чанд сол муқаддам дастаи адибони намоёни тоҷик бо сарварии устод Сотим Улуғзода ба Ӯзбекистон омаданд, роҳбаладии онҳо ба зиммаи ман гузошта шуд. Адибони тоҷик ба бисёр шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон сафар карда, бо хонандагон ва ҳамқаламони худ мулоқотҳои эҷодӣ пардохтанд. Дар ин сафар Боқӣ Раҳимзода мақоми хосае

дошт, зарофатгўиҳои зиёде мекард, ки ин ҷо ман фақат ду лаҳзаашро манзуратон менамоям. Аввал мо аз Тошканд ба Самарқанд бо мошинҳо раҳсипор шудем ва пас аз чор-панҷ соати роҳгардӣ ба қабулгоҳи роҳбари онвақтаи Самарқанд Орзу Маҳмудов расидем. Орзу Маҳмудов меҳмонҳоро бо иззатдорӣ, камоли дӯстиву бародарӣ қабул кард ва даставвал пурсон шуд: "Мабодо ин роҳҳои ноҳамвори тӯлонии моён шуморо хаста накард-ку, монда-ку нашудед?" Лаҳзае сукунат ба вуқӯъ омад. Аксари ҳамсафарон дар андеша буданд, ки чӣ ҷавоб диҳанд. "Аҷаб, ки ҳама хомӯшанд? Ман ҷавоб диҳам майлаш?" - гуфта Боқӣ Раҳимзода сукунатро шикаст. "Сахтакак монда шудем, тақсир", гуфт ба Орзу Маҳмудов. Роҳбари ҳайати адибон Сотим Улуғзода норозиёна ба Боқӣ Раҳимзода нигоҳ карда монд. Баъд ба оҳанги норозиёна гуфт: "Дар урфияти мардуми мо сипоҳӣ мекунанд, мондагиашонро ошкор намекунанд, азизам, Боқиҷон". "Не, рафиқ Улуғзода ман ин корро карда наметавонам", - гуфт Боқӣ Раҳимзода овозашро баланд намуда. Охир, чӣ тавр панҷ соат роҳ гардеду монда нашавед? Мо дар хонаи ҳизбӣ ҳастем, донед, ки ман ҳаргиз ба партияамон дурӯғ нагуфтаам ва ҳозир ҳам намегӯям". Ҳозирон ин иқдоми Боқӣ Раҳимзодаро ҳамчун рамзи хуби зарофатгӯӣ ва ширинкорӣ қабул намуда, бо завқ хандиданд. Орзу Маҳмудов бошад, ӯро бародарона ба оғӯш кашид ва он ҷо аз лаҳзаҳои аввали мулоқот самимияти олии инсонӣ падид омад.

"Пас аз Самарқанд, - нақлашро давом дод Наҷимов, - меҳмонон дар шаҳру ноҳияҳои дигар мулоқотҳо доштанд ва вохӯрии хотимавӣ дар Тошканд дар коргоҳи Шароф Рашидов сурат гирифта буд. Он ҷо ба мулоқоти адибони тоҷик ходимони намоёни маданияти Ӯзбекистон ҳам даъват шуда буданд. Рашидов, ки ба зоҳирпарастӣ ва эффекти ошкоро бештар аҳамият медод, меҳмононро ҳайра мақдам гуфт ва аз боби дӯстиву ҳамкории халқҳои ӯзбеку тоҷик сухан ронд. Баъд вай ба меҳмонон рӯй оварда пурсон шуд, ки оё онҳо аз сафарашон розӣ ҳастанд, чӣ таассуроте доранд? Ҳар кас фикри худро гуфт. Сӯҳбат расмӣ ва ҷиддӣ буд. Пас аз чанд нотиқ Боқӣ Раҳимзода даст бардошту аз ҷояш хест.

"Азизам, Шароф Рашидович, мумкин аст, ки ман ҳам чанд ҳарфе бигӯям" - изҳор дошт вай, синчакорона атрофиёнро аз назар гузаронд ва ба сӯи Улуғзода нигоҳ карда монд. Ҳама даҳони Боқӣ Раҳимзодаро мепоиданд. "Марҳамат, марҳамат, меҳмони азиз", - гуфт Шароф Рашидович. "Дӯстон, - гуфт Боқӣ Раҳимзода, - ман аксар вақт аз ростгӯиву чуртгӯиам таъна мешунавам. Ҳозир ҳам фикрамро ошкоро мегӯям: Суханонам ба рафиқони ӯзбекистониамон дахл доранд", - гуфт вай бо оҳанги сохтаи норозиёна ва афзуд: "онҳо, яъне мизбонони мо бо мо маслиҳат накарда, ба бисёр шаҳру қишлоққо, корхонаҳо, сайлгоҳҳо, аз ҷумла ба заводи оҳанггудозии шаҳри Бегобод, комбинатҳои абрешимресӣ, қолинбарорӣ, истгоҳҳои барқи обии соҳилҳои Сирдарёву Зарафшон, майдонҳои пахтазорҳо мебурданд. Моро гирд

мегардонданду ҳеҷ чиз намегуфтанд. Мо ҳам хомӯш мегаштему худро ба нодонӣ мезадем, ки гӯё намефаҳмем, ки чаро дӯстони ӯзбекистониамон моро ба он иншоотҳо мебаранд".

Вақто ки Боқӣ Раҳимзода бо чунин оҳанг сухан мегуфт, ҳама баваи бо ҳайрат менигаристанду дарк карда наметавонистанд, ки ӯ чӣ гуфтан мехоҳад? Боқӣ Раҳимзода бошад, ниҳоят нутқашро чунин ҷамъбаст намуд: "Дӯстони азизи ӯзбекистонӣ, гумон накунед, ки мо ба дараҷае бефаҳмему намедонем, ки чаро моро бо ҷадал ба ҳамон муассисаҳо мебаранд. Акнун аниқ мегӯям: шумо моро ба заводи оҳанггудозии Бегобод бурдед, бубинем, ки дӯстии мо ба монанди пӯлодҳои он обутоб ёбаду мустаҳкам бошад, ба комбинатҳои бофандагӣ бурдед, бубинем, ки чӣ гуна риштаҳои дӯстии мо доманадоранд ва дар айни ҳол нозуку хуштобанд, ки мо онҳоро доимо эҳтиёт кунем, моро ба соҳилҳои дарё бурдед, бубинем, ки дӯстии аҷдодҳои мо аз кадом сарчашмаҳо ибтидо мегирад ва чӣ сон софу беғубор аст. Барқе, ки он дарёҳо нур медиҳанд, ошёни дӯстии моро равшану беғубор нигоҳ медорад".

Чун Боқӣ Раҳимзода суханашро тамом кард, ҳозирон беихтиёр каф кӯфтанд, гӯё, ки аз дӯши баъзе мизбонон бори гароне бардошта шуду акнун озодтар нафас мегирифтанд, ҳама ба завқ омаданд. Шароф Рашидов бошад, бо руймолча оби чашмашро пок карда сӯи Боқӣ қадам заду гуфт: "Ҳеж ӯлманг, Боқӣ-ака (ҳаргиз намуред, акаи Боқӣ), моро аввал каме хавотир кардед, аммо баъд шод гардондед". Пас аз нутқи Боқӣ-ака, - гуфт Ғайниддин Наҷимов, - рӯҳияи сӯҳбати мо тағйир ёфт, расмият, ки ҳукмфармо буд, нопадид шуд. Бо ҳамин гуфтаниям, ки дар ҳар маҷмаъе, ки ҳунарвари асил ҳозир бошад, дили одамҳоро гарм мекунад, дар замири мардум тухми некӣ мепошад. Барои ҳамин ҳам хоҳиш дорем, ки Боқӣ Раҳимзода дар ҳайати иштирокчиёни даҳаи маданият биёяд, - гуфта Наҷимов фикрашро ба охир расонд.

Ҳамин тавр ҳам шуд. Баъд аз чанд муддат даҳаи адабиёту санъати тоҷик дар Ӯзбекистон баргузор гардид ва Боқӣ Раҳимзода иштирокчии фаъоли он даҳа буд.

Бояд бигӯям, ки маҳбубияти Боқӣ Раҳимзода дар байни халқ ба дараҷае буд, ки ӯро хоҳ дар кӯча, хоҳ дар меҳмонӣ ва хоҳ дар сари минбар дидан баробар одамро фараҳ фаро мегирифт. Баъзан гуфтаҳои ӯро такрор ба такрор мешунавидед. Аммо такрор мисли ибтикор ба гӯш мерасид, мехостед, ки онро боз ҳам аз забони худи Боқӣ Раҳимзода бишнавед. Бинобар ҳамин ӯро қариб дар тамоми маҷлисҳои расмӣ, шабнишиниҳо, маҳфилҳо ва ғайра мебурданд, тамоми фирӯзиҳои мардуми тоҷикро табрик мегуфт, бо шодии заҳматкашону эҷодкорон шарик мешуд. Одамон якдигарро бинанд "хуб кайф кардем" гуфта, изҳори хушнудӣ мекарданд. Дар Ӯзбекистон ҳам ҳамин анъана ҳукмфармо шуд. Дар он чанд рӯз тавассути радио ва телевизион Боқӣ Раҳимзода чун узви хонадон ба ҳар оила пайваста буд.

Дар ҳама ҷое, ки Боқӣ Раҳимзода мерафт, ӯро басо самимона ва гарму ҷӯшон истиқбол мегирифтанд. Сабаби ин аз як тараф сифатҳои хосаи инсонии вай, хислатҳои давраороиву зарофатгӯиҳои ӯ бошад, аз тарафи дигар дар ҳамон рӯзҳо нашр шудани ду қитъаи машҳури ӯ буд, ки ба дӯстии тоҷику ӯзбек бахшида шуда буд. Ана он қитъаи мавриди баҳс:

Фарқи ҳама мардумони дигар осон,
Лекин шуда мо ба ҳам чунон ҳам наздик.
Бинанда чунон савол орад ба миён,
Эй ҷӯра, бигӯ, ту ӯзбакӣ ё тоҷик?

Бе ҳеҷ муболиға ин мисраъҳои Боқӣ Раҳимзода дар саросари Ӯзбекистон ҳамчун шиор навишта шуда буданд. Ин мисраъҳои нишонраси шеър дар ҳар маҳфил ва ҳар митингҳои дӯстӣ ба се забон - забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ садо медоданд.

Ёд дорам, аз вилоятҳо, муассисаҳои саноатӣ, колхозу совхозҳо талабномаҳо меомаданд, ки Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба назди онҳо биёянд. Дар ҳама ҷой онҳоро аз сидқи дил, бо муҳаббати том истиқбол менамуданд, роҳҳояшонро гулпӯш мекарданд, бо кафкӯбиҳо, карнаю сурнай, суруду рақс пешвозашон мегирифтанд. Аммо истиқболи Боқӣ Раҳимзодаро дар Самарқанд алоҳида қайд накарда наметавонам: Барандаи шаби эҷодӣ ҷилави суханрониро ба дасти Боқӣ Раҳимзода супурд. Раҳимзода ба минбари ваъз баромаду дақиқае хомӯш истод. Ӯ синчакорона ба издиҳом нигоҳ кард. Сомеъон ҳам бо чашми ҳайрат ба вай нигоҳ мекарданд, ки чаро ӯ хомӯш асту ҳарфе намегӯяд? Чунон менамуд, ки ба гулӯи ӯ устухоне дар мондааст дамгир аст. Ниҳоят, Раҳимзода гулӯ афшонда сукунати тӯлониро шикаст, табассуми маънидоре кард ва бо шеваҳои ба худаш хос сухан оғоз намуд:

- Медонед, дӯстони азиз, ман чаро беҳаракату лаббаста фурсате назди шумо истодам? Истодам, ки ба ман дурусттар нигаред, ба ҳузур шинохта гиред - ман домоди шумоён самарқандиҳо ҳастам. Ана, нигаред ман як йигити тануманди чор кас медидагӣ, базеб, ақлам расо, ҳатто шеър ҳам менависам. Акнун бигӯед ба домод гуфтан меарзам ё не?

Ин суханони Боқӣ Раҳимзодаро аҳли маҷлис бо завқу хандаву кафкӯбиҳои пурмавҷ қабул намуд. Нотиқ бошад аз чунин истиқбол зиёдтар бол гирифт, рӯҳбаланд гардид, забонаш боз гӯётар шуд, фурсати зиёде шунавандагонашро бо сеҳри сухан мафтуни лафзи гӯёи тоҷикӣ кард. Вай аз анъанаҳои қадими дӯстии мардуми тоҷику ӯзбек, робитаҳои ҳаяҷонбахшу бародаронаи Мирзо Турсунзодаю Ғафур Ғулом ва дигар арбобони ҳунари зебо ҳикоят ба миён оварда. Дар хотима Боқӣ Раҳимзода бо хоҳиши сомеъон чанд шеъри лирикӣ хонд. Вай аввал порчаеро аз шеъри ба завҷааш бахшидааш қироат намуд:

Ин шодии дил аз руҳи зебои ту, ёро!
Шуд роҳати ҷон нозу таманнои ту моро,

Аз шавқи хаёли ту сурурест ба сина,
Кай бе ту равам сайри Самарқанду Бухоро.
Бо ҳусни ту ҳамранг шуда фазлу камолат,
Омехта чун ширу шакар гашт гуворо.

Баъд шоир шеърҳои "Як табассум кун", "Гули шафтолу", "Айнакатро гир"-ро ба шунавандагон манзур намуд.

Пас аз он шабнишинӣ ба ҳар куҷое, ки мерафтем, мардуми Самарқанд "язнаамон хуш омадед", "почомба гардем", "э, язнаи худамоку", - гуфт Боқӣ Раҳимзодаро гарм истиқбол менамуданд. Ӯ бошад ҳанӯз зарофатгӯй менамуд:

- Хешонам, ман ба назди шумоён бо дасти хушку холӣ наомадаам. Ана, бинед, Мирзо Турсунзода, Муҳаммадҷон Қосимов, Шоиста Муллоҷонова, Маҳмудҷон Воҳидовро овардам. Онҳо бо фармони ман хизмати шуморо ба ҷо меоранд.

Охирин вохӯриҳои эҷодии мо дар вилояти Самарқанд - райони ҳамсарҳад бо Тоҷикистон - Ургут баргузор шуд. Вакилон аз райони Панҷакент ҳам онҷо омада буданд. Пазирой чунон ҷозиб, чунон гарму ҷӯшон буд, ки тасвираш душвор аст. Баъди зиёрати сайргоҳҳои он манзили зебо, тановули таомҳои лазиз навбат ба шунидани шеъру суруд ва мусиқӣ расид. Садри маърака, бонуи хушандом ва суханвар қисми эҷодиро ба қироати шеъри Боқӣ Раҳимзода "Эй ҷӯра, ту ӯзбакӣ ё тоҷик?", ба ҳар ду забон сар кард, ки сомеъонро писанд омад. Чунин оғози мулоқот аз он огоҳӣ медод, ки имрӯз сухан фақат аз бобҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамкории ду халқи ба ҳам қарин - тоҷику ӯзбек меравад. Чунин ҳам шуд. Ҳунармандон аксар шеърҳои бо услуби ширу шакар навиштаи ҳам гузаштагон, ҳам муосиронро мехонданд.

Ҳунарпешаи халқии СССР Муҳаммадҷон Қосимов "агар рухсат шавад, ман ҳам гуфтание дорам", - гуфту ба минбар баромад ва афзуд:

- Худи қисмати ман, - гуфт ӯ, - мисоли зиндаи хешу ақрабогии ӯзбекону тоҷикон аст. Дар Ӯзбекистон таваллуд шудаам, дар Тоҷикистон ҳамчун инсон ва ҳамчун эҷодкор ба воя расидаам, ба ҳардуи ин халққои бародар фарзандвор ихлосу садоқат дорам. Ҳозир мехоҳам, ақидаи дӯстамон Боқӣ Раҳимзодаро дар боби якдилии саромадони адабиётамон қувват дода аз мероси ба тарзи ширу шакар навиштаи бобои бузургворамон Абдураҳмони Ҷомӣ ғазалеро бароятон қироат намоям:

Эй лабат пурхандаву чашми сиёҳат масти хоб,
Экки зулфинг оразида ой юзинг дур офтоб.
Мастии май мекунад рӯи туро гарқи арақ,
Бода ичсанг, туркулур экки қизил юздан гулоб.
Булҳавас дар базми васлат маҳраму ман ноумед,
Толеъим шулдур мининг, бахтим забун, ҳолим хароб.
Ҳар кӣ бинад рӯи хубат, пок гардад аз гуноҳ,

Сенга боққан бандага маҳшар куни юкдур азоб.
Банда шуд Ҷомӣ гуломат, гарчи Афлотун бувад,
Асрагил ё соқлагил, ё сот, ё бергил жавоб.

Мавҷи кафкӯбиҳо хомӯш нагашта Комил Яшин - адиби номии ӯзбек сухани Муҳаммадҷон Қосимовро идома дод:

- Гӯш кунед, дӯстон, Мир Алишери Навоӣ бо ин услуб чӣ мефармояд:

Нигори турки тоҷикам, кунад сад хона вайрона,
Бад-он мижгони тоҷиконаву чашмони туркона.

Бигузор, - гуфт Комил Яшин, - ана ҳамин рӯҳияи поки пайғамбарони адабиёти ду халқ роҳнамои зиндагии наслҳои ояндаи мо гардад ва имрӯз хуб аст, ки меҳмонони азизи мо Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода моро ба ҳамин роҳ - роҳи дӯстии ҳасана ва ҳамкории беғаразона ҳидоят мекунанд.

Дар фуроварди мулоқот мизбонон ба меҳмонҳо барои ёдоварӣ тӯҳфа инъом намуданд, ки он акси дар гилемча сабт гаштаи Абӯалӣ Сино буд. Бо далолати ҳайати вакилони тоҷик тӯҳфаро Боқӣ Раҳимзода қабул намуд ва бо чунин гуфтор ба аҳли маҷлис рӯ оварад:

- Дӯстони мӯҳтарам, - гуфт Боқӣ Раҳимзода, - шумоён ба мо гаронбаҳотарин тӯҳфа инъом кардед. Мову шумо асрҳои аср аз як дарё - дарёи Зарафшон об нӯшидаем, аз мероси ғании маънавии Сино ва дигар саромадони илму адаб баҳраманд гаштаем. Бигузор, чи тавре, ки Комил Яшин гуфт, рӯҳи поки Сино моро қаринтар гардонад, ба дӯстиву накӯкорӣ ҳидоят намояд. Куҷое, ки хотираи Синоро пос медоранд, он ҷо сулҳу амониро муқаддас мешуморанд, ҷое, ки рӯҳи Синоро шод медоранд, он ҷо якдиливу ҳусни тафоҳум ҳувайдост, дар ҷое, ки Синоро азиз медонанд, он ҷо инсон саломат аст, он ҷо одам солиму рӯҳбаланд аст. Биёед дар пеши акси зебои бобокалонамон Синои мӯътабар қасам хӯрем, ки васиятҳои ӯро фарзандвор ба ҷо меоварем ва намегузорем, ки ягон нобакор ба пайкари ҳазорсолаи солими дӯстиву рафоқати мо осебе расонад. Биёед азизон, Синоро қисмат накунем. Мероси вай ғанӣ аст ва ба ҳамаи мо мерасад. Бузургвор Абӯалӣ Сино худ фармуда аст:

Пинҳон, роҳи дуруст бувад ба ҷоҳилон,
Он сон, ки офтоб ба кӯрон аён нашуд.
Ё ки:
Имрӯз бикун чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард!

Мо дӯстони қадрдон, бо роҳи дурусти нишондодаи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Ҷомӣ, Навоӣ, Айнӣ ва Ҳамза меравем. Инро набояд аз хотир бароварад.

Меарзад, махсус қайд кунем, ки Боқӣ Раҳимзода мунодиву ҷорчии дӯстиву рафоқат дар байни мардум буд. Он рафторе, ки вай дар Ӯзбекистон дошт, он ҳиссиёти бародаронае, ки ӯ ба халқи ӯзбек из-

ҳор кард, сохтаву замонасозӣ набуд. Ман муносибати табиатан инсонпарварии он марди содиқро ҳини сафарҳо ба ҷумҳуриҳои дигар, вақтҳои мулоқот бо фиристодагони миллатҳои Россия, Украина, Белоруссия, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Литва ва ғайра аниқ мушоҳида кардаам. Ёд дорам, дар театри ба номи Абулқосим Лоҳутӣ маҷлиси хотимавии даҳаи адабиёту санъати Литва мегузашт. Раҳимзода ба ҳамқаламони литвагиаш аз боби ҳамкориҳо ҳикоят намуда, дар хотима зарофатгӯиҳо намуд. Ӯ чунин гуфт:

- Шунидам, шумо литвониҳо кӯҳ надоред, ҳатто меҳмонҳоятонро барои тамошои санги баландиаш панҷметра мебаред... Ман дидам, чигуна шумо ба кӯҳҳои осмонбӯси мо бо шавқу ҳавасу эҳсоси ошиқона назар меандозед. Фаҳмост, ки ҳар пора кӯҳи тоҷик ин як пора дили тоҷик аст. Ана, дӯстонам, худатон интихоб кунед, ду кӯҳи баланди тоҷикро бе қарори бюрои ЦК, бе қарори ҳукумат тӯҳфаатон мекунам. Агар хоҳед, офтобамонр ҳам тӯҳфа мекунам, мо барои шумо, ки сафари дӯстона доред, ҳеҷ чизро дареғ намедорем. Марҳамат.

Боқӣ Раҳимзода марди хеле давраоро буд ва зарофатгӯиҳои ба худ хосе дошт. Ӯро дар ҳама ноҳияҳо ва ҳар як хонадони сокинони Тоҷикистон бо камоли майл ва эҳтиром истиқбол менамуданд. Вай дар қиссагӯӣ марди беҳамто буд ва худаш онҳоро аз рӯзгори мардумони вилояту ноҳияҳо гирд меовард. Ӯ мардуми Мастчоҳро бисёр дӯст медошт ва аз ҳикматҳои онҳо бо завқ нақл менамуд.

Ба хотирам меояд, ки моҳи маи соли 1977-ум бо Мирзо Турсунзода ду Боқӣ Раҳимзода ба вилояти Ленинобод сафари якҷоя доштем. Дар шаҳри Конибодом бо роҳбарони ҳизбии онвақтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов ва Рифъат Ҳоҷиев дучор шудем. Онҳо даъват намуданд, ки ҳамроҳ наҳор хӯрем. Таклиф қабул шуд ва ин ношто ба мулоқоти дилорое табдил ёфт. Гуфтор ҳам дар мавзӯи кору бори зиндагии мардум, масъалаҳои миллӣ, ҳам инкишофи маданияти деҳот мерафт. Вақто ки сухан аз рӯзгори муҳоҷирони мастчоҳии ба даштҳои Дилварзин кӯчидагӣ мерафт. Ҷаббор Расулов аз чӣ сабаб бошад, ки якбора ба Раҳимзода гуфт:

- Боқӣ, ту чаро хомӯш нишастаӣ, ба рафиқ Ҳоҷиев гӯй - чӣ тавр муҳоҷирҳои мастчоҳӣ ба дасти милитсияи фалғарӣ афтидаанд?

Ҳоҷиев ва Бобо Мансуров ҳам хоҳиш карданд, ки Боқӣ Раҳимзода он воқеаро нақл кунад.

Боқӣ Раҳимзода бошад бо завқ аввал худаш як хандиду ба Мирзо Турсунзода муроҷиат намуд:

- Мирзоҷон, меарзад, ки ба инҳо нақл кунам, магар беодобӣ намешавад?

- Не, Мулло Боқӣ, беодобӣ намешавад, худашон, ки хостаанд, нақл кун, - гуфт Мирзо Турсунзода аракӣ пешонаашро пок карда.

- Ин қисса чунин аст, - гуфта Боқӣ Раҳимзода ҳикоятро сар кард, - аз қаъри кӯҳистони Мастчоҳ як кӯҳистонӣ молу ҳолашро ба мошин бор карда барои муҳоҷирӣ ба сӯи Дилварзин раҳсипор мешавад. Ҳаво,

ки сард будааст, худаш чакманпӯш ба болои мошин мешинаду писарашро дар паҳлӯи ронанда ҷой медиҳад. Ҳамин, ки мастҷоҳии муҳоҷир ба маркази ноҳияи Айнӣ - Варзи Мунор мерасад, мошини кӯчборкардаи ӯро милисионер боз медорад ва пурсону ҷӯён мешавад:

- Мошин куҷо меравад? - гуфта милисионер аз бачаи дар кабина будагӣ мепурсад.

Падари бача аз болои мошина фаҳмиданӣ мешавад, ки чӣ гап аст?

- Бачем, акои милисет чӣ мегӯд?

- Додо, акои милисем мегӯд, ки шумоҳон кистед, куҷо меравед?

- Да даҳони акои милисет мурам, гӯй, ки мо муҳоҷир, аз Мастчоҳ ба Дилварзин меравем, - мегӯяд мастчоҳӣ аз болои мошин.

Додоҷон, акои милисем мепурсад, ки дар мошин чиҳо доретон? - хабар медиҳад бача ба падараш.

- Э, да даҳони акои милисет мурам, ба вай гӯй, ки дар мошин лаққу луқи рӯзгор ва се ғуноҷин... - мегӯяд падар.

- Додо, ин акои милисем мегӯяд, ки барои ғуноҷинҳо справка доретон ё не? - хабар медиҳад писар.

- Эҳ, эҳ, да даҳони акои милисет қурбон шавам, ба вай гӯй, ки мо ин гуноҷинҳоро ба ЗАГС барои никоҳ намебарем, ки справка лозим бошад, гӯй, ки рухсат диҳад равем, аз роҳамон намонем!

Милисионер аз ҷавоби ғайричашмдошти марди мастҷоҳӣ ба завқ омада, онҳоро рухсат медиҳад, ки роҳашонро давом диҳанд.

Боқӣ Раҳимзода ин қисса ва дигар нақлҳояшро дар мавзӯи мастчоҳиҳо чунон ифода менамуд, ки шунаванда ба ваҷд меомад. Ҳозирон - Мирзо Турсунзода, Ҷаббор Расулов, Рифъат Ҳоҷиев ва дигарон ин дафъа ҳам чунон бо диққат хандиданд, ки чашмонашон пур аз ашк шуд.

- Э, намуред, Боқиҷон, ин гапҳоя аз куҷо меёбед? - гуфта Ҷаббор Расулов ба китфи вай оҳистакак кӯфта монд.

Дар ҷавоби муомилаи навозишкоронаи Ҷаббор Расулов Боқӣ Раҳимзода лутфомезона гуфт:

- Устод, дар бораи маро ҳамроҳи Абдулаҳад Қаххоров барои ҳаётомӯзӣ ба водии Вахш бурданатон ҳам нақл кунам?

- Ҳаминаш намерасид, - гуфт Ҷаббор Расулов маънидор ба рӯи Боқӣ Раҳимзода нигоҳ карда монд.

- Ҳамон вақте ки як рӯзи дароз дар офтоби гарм маро аз як замини пахта ба заминҳои дигар гуруснаву ташна гардонданатонро?

- Не аз харсаворихоят ҳикоят кун, - гуфт маънидор Расулов.

- Аз мо гузашта бошад, мебахшед, биёед ин рӯйдод дар байни моён ниҳонӣ монад, "сирри мардон пӯшида беҳ, - гуфт Боқӣ Раҳимзода ва табассуми латифе намуд.

Баъди хӯрок мо се тан бо Ҷаббор Расулов ва Рифъат Ҳоҷиев хушбошӣ намудему ба сӯи Исфара раҳсипор шудем. Дар хонаи маданияти Исфара ҳисоботи депутати Шӯрои Олии СССР Мирзо Тур-

сунзода пешбинӣ шуда буд. Исфарагиҳо Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзодаро чун фарзандони азизтарини халқ - бо муҳаббати том истиқбол намуданд. Духтарони париталъат гулу гулдастаҳои тару тоза супориданд, мусиқиву суруд ва рақс ғулғулаандозӣ мекард. Пирони ботадбири Исфара бо навбат омада шоирони дӯстдоштаашонро ба оғӯш мекашиданд, аз ҷумла Суфро Боқиева ва Шаҳобиддин Нуриддинов навозишкорона мегуфтанд:

- Толеамон баланд будааст, ки боз дар замини Исфара дидори шумоёнро дидем, сари моро ба осмон расонидетон, хуб ҳиммат кардетон.

Пас аз фурсати кӯтоҳи пазироӣ мулоқоти депутат бо интихобкунандаҳо сар шуд. Аввал ба Мирзо Турсунзода сухан доданд. Ӯ аз рафти иҷрои дархостҳои интихобкунандагон, аз масъалаҳои рӯзмарраи замона, аз зарурати ғанӣ гардонидани ботини маънавии ҷавонон, аз вазъи инкишофи маданияти халқи тоҷик сухан ронд, ба саволҳои зиёде ҷавоб дод ва нишаст. Барандаи маҷлис маънидор ба рӯи Боқӣ Раҳимзода нигоҳ кард, ки ӯ "ман ишораи шуморо фаҳмидам", - гуфта ба минбар баромад ва изҳор намуд:

- Рафиқони азиз, Мирзо Турсунзода шахси бениҳоят хоксоранд, шарм мекунанд, ки дар хусуси хизматҳои худашон гап занад, - гуфт Боқӣ Раҳимзодаву афзуд: - Хизматҳои бебаҳои Мирзо Турсунзодаро ман зиёдтар медонам ва агар иҷозат диҳед, каме нақл кунам. Муболиға намешавад агар гӯям, ки дар баробари Айниву Лоҳутиву Ғафуров Мирзо Турсунзода арзандатарин фарзанди миллати тоҷик аст. Дар замони мо ягон кас ба монанди Турсунзода шӯҳрати миллати худ ва маданияти худро дастраси тамоми қитъаҳои олам накарда аст. Дар тамоми минтақаҳои дунё ӯро ҳамчун шоири сулҳҷӯ ба оғӯш мегиранд. Кошки ҳар кадоми мо ба мисли депутати шумо барои беҳбудии зиндагии халқ, барои ҳамраъйии мардум, барои инкишофи адабиёт, санъат ва илми тоҷик мубориза бурда метавонистам. Мебинам, ки дар ин вохӯрӣ деҳқонҳои асил ҳам омадаанд. Агар шумоён, деҳқонҳои азиз ба замин тухми зироатҳоро кореду, депутати шумо Мирзо Турсунзода дар замири мардум тухми некиву одамият мекорад, худ намунаи он аст. Худатон медонед, ки ӯ фармудааст:

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.

Сомеъон суханҳои Боқӣ Раҳимзодаро бо диққати том гӯш намуда кафкӯбиҳо мекарданд. Мирзо Турсунзодаро аз суханҳои Боқӣ Раҳимзода ҳаё зер карда буд, ки арақшор буду мегуфт:

- Биё, Боқиҷон, бас кун, мон, ки интихобкунандаҳо гап зананд, онҳо чӣ дархостҳо доранд? Ин аз ҳама муҳимтар аст: - мегуфт вай. Аммо аҳли маҷлис гуфтаҳои Боқӣ Раҳимзодаро хомӯшона гӯш мекарданд.

Маросими мулоқот бо депутат Мирзо Турсунзода хеле хуш гузашт. Шеърхониҳои Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, ҳунарнамоии

ҷозиби санъаткорони Исфара ҳанӯз ҳам дар мадди хотир, вирди забони мардуми хушзавқ ва меҳнатдӯсти он ноҳия аст.

Пас аз сайри боғу қасри маданият, табобатгоҳи "Зумрад", чойхонаҳои гулкоришудаи соҳили дарёи Исфара моро дар колхози ба номи Ленин меҳмондорӣ намуданд. Дар хусуси он шабнишинии ҷамшедӣ, ки ба гурӯҳи мо Тӯҳфа Фозилова ҳам ҳамроҳ шуда буд, дар очерки "Бо ситора ҳамнишин" мухтасар навиштаам, ки такрораш раво нест. Фақат ҳаминашро бо таассуф гуфтаниям, ки кошкӣ он сӯҳбати такрорнашавандаи пур аз лутфу эҳсон, зарофатгӯиҳои Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Тӯҳфа Фозилова ва ҳунарварони Исфара ба сарпарастии Мирзоқурбон Солиевро касе ба навори кино мегирифту дастраси мардум мегардонд. Сӯҳбат чунон гуворо ва рӯҳафзо буд, ки ба тасвираш кас оҷизӣ мекунад. Ман ҳеҷ гоҳ Турсунзодаву Раҳимзодаро ба монанди он шаб гӯёву рӯҳбаланд надида будам. Гумон дорам Турсунзода ҳис менамуд, ки ин охирин мулоқоти вай дар ин кишвари зебо буд. Охир, вайро баъд аз чор моҳи ҳамон сафараш ба Исфара ба сафари кӯтоҳ, вале бе бозгашт бурданд.

Саҳарии рӯзи дигар мо ҳамсафарон бо дӯстони исфарагӣ хайрбод намуда, ба сӯи Хуҷанд роҳакӣ шудем. Аён буд, ки Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода аз мулоқотҳо бо мардуми Исфара қаноатманд буданд. Онҳо рӯҳбаланду шодмон менамуданд ва бо шавқу ҳавас манзараҳои назарраби боғоту кӯҳу кӯҳпораҳои атрофи Исфараро тамошо мекарданд. Касе аз ҳамсафарон гуфт, ки "беҳуда Кимёгаров ин ҷойро барои ба навор гирифтани филмҳояш, алалхусус достони "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ интихоб накарда будааст". Дар ҳамин асно ғайри чашмдошт ҳаракати мошини мо суст шуд ва ронанда онро боздошту "муаллимҳо, мебахшетон, чархи мошиная иваз кардан лозим" - гуфт. Ин ҳодиса дар баромад-баромади шаҳри Исфара, дар наздикиҳои заводи ширу равған рӯй дод.

Ҳама ҳамсафарон аз мошина баромадем ва намедонистем, ки бо чӣ кор машғул шавем. Ин дам роҳбалади мо Карим Абдулов - кормандиҳизбӣ ба сӯи иморате рафту пас аз дақиқаҳо бо ҷавонзани таннозе баргашт. Ҷавонзан зуд Мирзо Турсунзодаю Боқӣ Раҳимзодаро гарму ҷӯшон пазироӣ намуд. Вай онҳоро ба сӯи боғчае даъват кард. Меҳмонҳо бошанд мекалавиданд, ки даъватро қабул кунанд ё не?

Боқӣ Раҳимзода дид, ки Мирзо Турсунзода дудила аст, ба ӯ гуфт:

- Мирзоҷон, хуб намешавад, агар моро дар ин чорраҳа ва дашти беканор чунин духтари париталъат ба меҳмонӣ даъват намояду мо қабул накунем, не нагӯед, биёед меравем.

Таклиф қабул шуд. Ҷавонзан рӯи мизро аз ангуру себу зардолу ва нону ширавор пур кард, ҳатто зуд гулдастаи тару тозаи зебоеро оварда назди меҳмонҳо гузошт. Баъд чой дам карда омад. Дида мешуд, ки ҷавонзанро ҳаё фаро гирифтааст, рӯйҳояш лоларанг, чашмони баркворашро аз нигоҳ мегурезонд, ҷуръат намекард, ки сухан оғоз кунад. Боқӣ Раҳимзодаи синчакор вазъияти ӯро зуд пай бурда гуфт:

- Шинед, шинед, ҷони ширин, шарм накунед, ман иштирокчии Фаъоли клуби "Дугонаҳо" ҳастам. Гӯед, ки чӣ ном доред, чӣ кораед? Моро шинохтед, китобҳои моро хондаед?

Мирзо Турсунзода бо лутф суханони Боқӣ Раҳимзодаро буриду афзуд:

- Боқиҷон, ҳеҷ одати кӯҳнаатро напартофтӣ, ҳамин ки духтари зеборо дидӣ, булбул мешавӣ, намебинӣ ки ҷавонзан шармгин аст, ӯро ҳаё фаро гирифтааст, ту бошӣ саволборонаш мекунӣ, - гуфта бо завқ хандид.

- Номам Гулафзо, дар ҳамин ҷо дар системаи матлубот кор мекунам. Шумоёнро зуд шинохтам, китобҳоятона ҳам хондаам, - гуфт бо табассуму сари хам ва овози маҳин ҷавонзан.

- Аҷоиботи дунёро бинед, Мирзоҷон, - гуфт филфавр Боқӣ Раҳимзода, - номаш Гулафзо, худаш ҳуру парӣ. Номаш ба худашу худаш ба номаш муносиб будааст.

- Оҳиста, оҳиста, Боқиҷон, боз Деҳотӣ барин нашавӣ, - гуфт Турсунзода бо оҳанги зарофатгӯй.

- Шумо чиро дар назар доред?

- Онро, ки Абдусалом Деҳотӣ ба Исфара омада ба Гулчеҳра ном духтаре ошиқи шайдо шуда, ба вай шеъри хубе бахшидааст, ки чанд сатраш ҳанӯз ҳам дар хотирам мондааст:

Ғамат то кай хӯрам, эй дӯст, шодон мекунӣ ё не,
Ба рӯям гунчаи умед хандон мекунӣ ё не?

...Деҳотиро хуморӣ кард ҳавои ту дар ин шаҳр,
Ба хоки даргаҳат дурӯза меҳмон мекунӣ ё не?

- Не, не, Мирзоҷон, ин тавр нагӯед, ман ин духтарро ҳамчун фарзандам қабул кардам, дуо мекунам, ки хушбахту батолеъ шавад.

Сухани Боқӣ Раҳимзодаро ногаҳон рононда бурид:

Гулафзо меҳмонони азизашро иззатмандона гусел мекард, ҳамон гулдастаашро низ дар даст дошт, ки дар вақти видоъ ба меҳмонҳо супорад.

Ҳамин дам Боқӣ Раҳимзода ба Гулафзо гуфт:

- Ту духтарам, моро бо ҳурмату эҳтиромат сарфароз кардӣ, моро қарздор намудӣ, духтари асил менамоӣ, бигӯй, аз моён ягон илтимосе ё хоҳише дорӣ?

Гулафзо дар андеша буд, ки хоҳишашро гӯяд ва ё нагӯяд.
Боқӣ Раҳимзода ин дам зери лаб замзама менамуд:
Ҳастии ҳайрат маро маҳрум кард аз завқи васл,
Ёр дар огӯшу ман муштоқи пайғомам ҳанӯз.

- Хоҳиш дорам, - гуфт ғайри чашмдошт Гулафзо шармида.

- Шунавем, - гуфт Боқӣ Раҳимзода.

- Хоҳиши ман ҳамин, ки Шумоён сиҳату саломат бошетон, барои моён қишлоқиҳо ҳам шеър нависетон. Ҳа, агар аз гуноҳам гузаретон, ягон китобатонро бо соядастатон бароям ёдгорӣ мемондетон, сарам ба осмон мерасид, - гуфта боз ҳам сурхрӯйтар гардид Гулафзо.

Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода сомонҳояшонро кофтанд, аммо китобҳояшонро пайдо карда натавонистанд, дар хиҷолат буданд, ки хоҳиши Гулафзоро ба ҷо оварда наметавонанд. Боқӣ Раҳимзода бошад, гӯё як муаммои азимеро ҳал карда бошад, ба Турсунзода гуфт:

- Мирзоҷон, парешон нашавед, илоҷи кор ёфт шуд, дар ҷузвдони ман як китоби Мулло Холмурод ҳаст, он кас ҳам ҳамсафари мо, ана дар поварақи ҳамин китоб соядастҳоро гузошта ба Гулафзоҷон месупорем.

Мирзо Турсунзода ин фикрро маъқул донист ва онҳо дар поварақи китобам "Бунёди маънавии одами нав" бо арзи орзуҳои нек соядаст гузошта, ба Гулафзо тақдим намуданд. Медонам, ки Гулафзо он китобро ҳанӯз ҳам дар хонадонаш ҳамчун ёдгории гаронбаҳое аз шоирони номӣ - фарзандони арзандаи халқаш нигоҳ медорад.

Ҳамин, ки мошинаамон равон шуд, Боқӣ Раҳимзода изҳори ақида намуд:

- Мирзоҷон, агар хато накунам, ин духтар, яъне Гулафзо духтари шуданӣ барин, бо ору номусу алавдор менамояд.

- Ту хато накардӣ, Боқиҷон, ман ба фикрат розӣ, - гуфт Турсунзодаву афзуд, агар роҳгум назанад, халал нарасонанд фаъолаи хубе мешавад.

- Хайр, мо дуогӯяш ҳастем, парвардигор иқболашро диҳад, - гуфта Боқӣ Раҳимзода ба гап хотима дод.

Акнун, баъд аз сипарӣ шудани солҳои тӯлонӣ гуфта метавонем, ки дуои устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода дар ҳаққи Гулафзо мустаҷоб гардид. Гулафзо Савриддинова сол аз сол маҳорату қобилияти ташкилотчигӣ, кордонӣ, инсонпарварӣ, донишу таҷрибаи кориашро такмил дода масъултарин вазифаҳо - раиси Шӯрои депутатҳои халқӣ, мудири шӯъбаи маданияти Кумитаи Марказии ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт. Алҳол вай муовини раиси Маҷлиси Олӣ мебошад. Ӯ борҳо ба ҳайати Кумитаи Марказии ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, депутати халқии Тоҷикистон интихоб гардидааст ва дар байни мардуми ҷумҳуриятамон обрӯю эътибори зиёде дорад. Ба қарибӣ Гулафзоро ба шарафи депутати халқии Тоҷикистон интихоб гардиданаш табрик намудам. Гулафзо табассум карду гуфт:

- Ҳамаи фирӯзиҳои ман аз даму нафаси сеҳрноки Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода будагист. Ёд доред, муаллим, мулоқоти моро дар сари роҳи Исфара, - гуфт Гулафзову фарзандвор васфашон намуд.

Боре ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода аз бинои хонаи ҳукумат баромада, ба тарафи чорбоғи истироҳат мерафтем. Чун ҳаво гуворо ва аввали моҳи апрел буд, хостем, ки каме пиёда қадам занем. Мошини сабукраве истода аз дарунаш ҷавони тақрибаи 22 - 23 сола баромада, назди мо омад ва салом карду ба куҷо рафтанамонро пурсид. "Ба хона" - гуфт Боқӣ Раҳимзода. Ҷавон таклиф кард, ки ба мошини ӯ савор

шавем, бурда мемонад. Барои ин ки аз таклифу ҷаҳди ӯ зудтар озод шавем, "роҳи шумо ба тарафи муқобил" - гуфтам ман. Ин сухан азми ҷавонро ҷазмтар кард. Моро ба мошинаш шинонд ва то манзилҳоямон расонд. Ҷавонро на Боқӣ Раҳимзода мешинохту на ман. Инро ҷавон пай бурда, изҳор кард, ки Боқӣ Раҳимзодаро бобои худ медонад, чунки дар шаби тӯи арӯсии падару модараш ӯ раиси тӯй будааст. Бале дар 25 - 30 соли охир барои навхонадорҳое, ки раиси тӯяшон Боқӣ Раҳимзода буд, беҳтарин хотира аз он шаб раисии Боқии соқӣ буд, ки он кайфият то охири ҳаёташон аз коми онҳо намерафт. Соқии Боқӣ Раҳимзода, суханҳои намакин, шӯхиҳои малеҳ ва зарофатҳои сафобахшаш худ шоистаи таълифи китоби алоҳида аст. Фақат як чизро алоҳида қайд карданиям, ки Боқӣ Раҳимзода васлгари дилҳо, ҷӯяндаю сарояндаи дӯстиву рафоқат, ишқу вафо, яъне табиаташ бахтофарин буд.

Ин сатрҳо дар рӯзҳои серташвише, ки қаҳтӣ на фақат дар ҷодаи моддии зиндагӣ, балки дар ҷабҳаи маънавиёти мо гиребонгир шуда, қаҳтӣ ба пояи одаму одамгарӣ, ихлосмандиву вафодорӣ, дӯстиву рафоқат низ теша мезанад, иншо мешаванд, симои хирадмандонаву накӯофарини Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода гаштаву баргашта пеши назар меояд. Қариб рӯзе нест, ки касе онҳоро бо некӣ ба хотир наорад. Як ҳафта пештар дӯсти деринаам, акахонди ӯзбекзабонам Қурбон Сатторов наздам омад ва ӯ бо кадом ваҷҳе аз Турсунзодаву Раҳимзода сухан оғоз намуд ва ҳикоят кард, ки инсондӯстиро аз онҳо омӯхтан лозим, онҳо нафақат бо тоҷикону ӯзбекон, балки бо ҳамаи халқҳо бародархонду ҳамқавм буданд, гӯем хато намешавад. Доимо гуфтаҳои Мирзо Турсунзода "мо тоҷику ӯзбек ду мағзи як бодомем" дар лавҳаи хотирам аст.

Пас Сатторов нақли ачибе намуд:

- Ман дар райони Ёвон кор мекардам. Ин соли 1957-ум буд. Рӯзе ба ноҳияи мо Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва Самад Ғанӣ омаданд. Тамоми рӯз мулоқотҳои эҷодӣ гузаронидем. Мардум адибони дӯстдоштаашонро бо муҳаббат пазируфта, дар мулоқотҳо онҳоро бо мароқи том истиқбол менамуд, гуфторҳои дилҷӯй саволу ҷавобҳо тӯл мекашид. Саргарми мулоқотҳои адабӣ шуда бемаҳал шудани вақтро нафаҳмида мондем ва лозим омад, ки меҳмонон дар ҳамон ноҳия хоб раванд. Азбаски район меҳмонхона надошт, онҳоро ба хонаи худам бурдам. Баъди хӯроки шом ва сӯҳбатҳо тараддуди хобро дидем. Масъалаи кӣ дар кучо бояд хоб равад, бархост. Гап дар сари он буд, ки ман дар хонаам фақат як кат доштам. Баҳс мерафт, ки кӣ бояд дар кат хоб равад? Боқӣ Раҳимзодаву Самад Ғанӣ гуфтанд:

- Ҷои баҳс нест, дар кат фақат Мирзо хоб меравад.

Мирзо бошад розӣ намешуд ва мегуфт:

- Ман ин таклифи шумоёнро қабул карда наметавонам. Пеш аз ҳама ман тоҷикам, анъанаҳои халқамро пос медорам, раис буданам, депутат буданам, лауреат буданам ва ғайра бо роҳи худаш. Боқиҷон,

ки аз ман як сол калон аст, ба боло, яъне ба болои кат хоб меравад ва ману Самад Ғанӣ болои гилем.

- Не, Мирзоҷон, шумо дардмандед, замин рутубат дорад, - гуфт Боқӣ Раҳимзода. Шумо дар кат хоб кунед, бадани ман чарбудор аст, маро ҳеҷ балое намезанад, - гуфта зарофатгӯй менамуд Раҳимзода.

- Хулоса, - гуфт Қурбон Сатторов, - баҳс ба тарзе хотима ёфт, ки Мирзо Турсунзода Боқӣ Раҳимзодаро ба болои кат хобонда, таъкид кард:

- Сабаби бисёр нобаробариҳои мо аз бетамизиҳоямон сар мезанад, аз худ калонро ҳурмат намекунем, ба тақдири ҷавонон бепарвоӣ мекунем, иззату ҳурмати якдигарро аз хотир мебарорем. Оқибати ин тамоил баду ногувор аст.

- Қурбони номатон шавам, Мирзоҷон, - гуфт Боқӣ Раҳимзодаву илова кард. Шуморо ана ҳамин хоксории табииятон, фазилату тамизи ҷавонмардии тоҷикиатон болонишину сазовори эҳтироми умум гардонидааст. Рост аст, ки "ҳурмат кунӣ - ҳурмат мебинӣ" - гуфтаанд оқилон.

Нақли акахондам Қурбон Сатторовро гӯш мекардаму ақида менамудам, кошкӣ ҷавонони имрӯза - хоҳ соҳибистеъдод, хоҳ коргари оддӣ аз Турсунзодаву Раҳимзода сабақи зиндагӣ меомӯхтанд, суннатҳои муқаддаси аҷдодҳоямонро дар боби одаму одамгарӣ, ҳимматбаландиву шермардӣ ҳамчун мероси гаронбаҳо пос медоштанд, накӯкору меҳрофарин мешуданд.

ҲАМНАФАСИ ХАЛҚ

Ба қарибӣ бо нависандаи соҳибдил ва рӯзноманигори намоён Бахтиёр Муртазоев ҳамсӯҳбат шудам, ки гуфт: - Муаллим, шумо бо устод Мирсаид Миршакар дӯсти наздик ва ҳамкор будед, вазифаи раиси Кумитаи мукофотҳои давлатии Рӯдакиро аз он кас қабул намудаед, чӣ мешуд, ки бахшида ба навадсолагиашон хотираҳоятонро менавиштед?

- Чаро нанависам? Шумо дар хусуси унсгириву эътиқоди камина бо устод хуб гуфтед. Дар ҳақиқат дар бобати дӯстиву рафоқат низ устод бароямон намунаи ибрат буданд, - гуфтаму аз мактубе, ки моҳи феврали соли 1978 бо дасти шогирдашон Убайди Раҷаб ба камина ирсол намуда буданд, ёдовар шудам:

Бародар ва дӯсти деринаам Холмурод Шарифов!

Аввалин шиносоии мо дар ҷашни таърихии зодрӯзи падари шоирони форсу тоҷик, бунёдгузори қасри газанднопазири назми дилфурӯзи форсизабонони дунё Рӯдакии бузург огоз ёфта, дар байни ин 30 сол рӯз ба рӯз, соат ба соат мустаҳкам ва пойдор гардида, аз шиносоӣ ба дӯстӣ ва бародарии ҷонӣ мубаддал гардид. Ман хеле хушбахтам ва аз умри рафтаистодаи худ миннатдорам, ки ба ман им-

коният дод, ки бародару дӯстамро ба муносибати фатҳи қуллаҳои тоза ба тозаи... ҳафтод, ҳаштод, навад, сад... роҳи сафед гӯям.

Мирсаид Миршакар.

Ҳақ ба ҷониби устод Миршакар. Қисмат ва фаъолияти меҳнатиам чунин сурат гирифт, ки хеле барвақт бо устод Миршакар шиносоӣ пайдо кардам. Вақто ки дар кумитаи марказии Созмони ҷавонони ҷумҳурӣ кор мекардам, зуд-зуд маҳфилҳову мулоқотҳои адабию бадеӣ бахшида ба тарбияи ҷавонон мегузашт, ки дар онҳо устод Мирсаид Миршакар хоса меҳмони ифтихорӣ буданд.

Боре бо супориши сарвари созмони ҷавонони ҷумҳурӣ ба маҳфили ҷавонони эҷодкор шоири номӣ Мирсаид Миршакарро даъват намудам. Баробари ба толор ворид гаштани шоир иштирокчиёни маҷлис ба ҷунбиш даромада аз ҷойҳояшон хестанд. Маҳмудбек Назарбеков меҳмонро гарм хушбошӣ намуда гуфт:

- Мебинам, ки дӯстони ҷавони мо, аҳли маҳфили имрӯза муштоқи дидори бародари мо Мирсаид Миршакар будаанд. Барои ҳамин бо мамнуният суханро ба дастпарвари комсомоли Тоҷикистон, шоири дӯстдоштаи ҳамаи мо устод Мирсаид Миршакар медиҳам.

Мирсаид Миршакар суханашро чунин оғоз намуд:

- Азизон, ба ман гуфтанд, ки дар ин маҳфил ҳавасмандони шеъру шоирӣ, муштоқони санъати касбии театр, кино, тасвирӣ ва мусиқӣ гирд омадаанд. Аз истиқболи гарматон миннатдорам. Биёед шаф-шаф нагуфта, шафтолуи суханро ба шумо бигӯям, - ман яку якбора шоир Миршакар нашудаам. Меҳнати босамар, муҳити мардуми шуҷои заҳматқарин, хондан ва машқи беороми шеъромӯзӣ, шеърнависӣ, тарбияи устодон маро шоир кард. Маҳмудбек беҳуда маро дастпарвари комсомол нагуфтанд. Рост аст, ки мани ҷавонро Кумитаи марказии комсомол барвақт ба ҷойҳои дурдаст, ба кор фиристонд, аввал ба ноҳияи Шӯрообод, баъд ба водии Вахш, ки даштҳои асрҳо ташналаброро обёрӣ мекарданд. Дар он ҷойҳо сарпарастии созмони ҷавононро ба ӯҳда доштам ва дар як вақт муҳарририи рӯзномаи "Зарбдор"-и сохтмони Вахшро низ ба ӯҳда доштам. Ана дар ҳамон ҷойҳо, дӯстони азизам, устухони ман ҳамчун шахс сахт шуд ва дар ҳамон муҳит дар қалби ман шавқи эҷоди шеър ғунча баст.

Сомеъон сӯҳбати тӯлонии устод Миршакарро бо шавқи зиёд гӯш мекарданд. Нотиқ баъзан ба шеърхонӣ ҳам мепардохт, ки чанд байте аз онҳо дар хотир мондааст:

Ошиқонро дидани дилбар хуш аст,
Дилбари худро надидан то ба кай?
Маҳ агар дар абр бошад нур нест,
Рӯи худ пинҳон кардан то ба кай?

Пайдост, ки ин шеър дар айёми фаранҷисӯзию фаранҷипартоӣ иншо шудааст.

Касе аз иштирокчиёни маҳфил пурсон шуд, - Устод, шумо кай ба шеърэҷодкунӣ машғул шудед? Аввалин шеър ва достонатон кадомҳ-

оянд?

- Шеъри аввалинамро бо номи "Душманро кун торумор" соли 1930 иншо кардам ва аввалин асари калонҳаҷмам достони "Ливои Зафар", ки ба обёрии водии Вахш бахшида шудааст, соли 1934 дастраси хонанда гардид, аввалин маҷмӯаи шеърҳоям бо унвони "Баҳори ҷавонӣ" дар таҳрири Мирзо Турсунзода, соли 1940 рӯи чопро дидааст, - ҷавоб дод Мирсаид Миршакар.

Аз он мулоқоти фаромӯшнашаванда солҳои зиёде гузашту тақдир маро боз ба корҳои ҷамъиятӣ овард. Ин дафъа дар дастгоҳи Кумитаи Марказии Ҳизби коммунистӣ, ки фаъолияташ бо сохторҳои фарҳангӣ, адабиёт, санъати саҳнавӣ, тасвирӣ, мусиқӣ, синамо ва ғайра иртибот дошт, сурат гирифт. Шояд ҳамин сабаб шуд, ки ба ман дар хонаи истиқоматии адибон манзили зист доданд ва хушбахтона бо устодон Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва дигар нависандагони номӣ ҳамсоя шудам.

Бо устод Улуғзода, ки ҳамсояи девор ба девор будам, бештар вохӯрда дар мавзӯҳои муҳими илмию фарҳангӣ, эҷодиёти ходимони намоёни адабиёт, қисмати эҷодии онҳо мубодилаи афкор менамудем. Дар яке аз чунин сӯҳбатҳо, шояд дар арафаи ҷашнаш буд, нисбат ба қисмати шоирии Миршакар мерафт, устод Улуғзода мегуфтанд: солҳои 1930 - 1940 сафи адибони тоҷик, ки онҳоро навқаламони насли комсомол мегуфтанд, бо номҳои Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар ва камина пур гардид. Роҳи ҳар кадоми мо ба адабиёт ҳаргуна буд, - гуфтанд устод Улуғзодаву афзуданд: Масалан, Мирсаид Миршакар худаш роҳи хосеро пайдо кардааст. Ӯ ҳамчун узви комсомол дар водиҳои Хатлону Вахш адои хизмат кардааст. Аввалин таассуроти шоиронаи худро бахшида ба фотеҳони Вахш дар достони "Ливои Зафар"-аш инъикос намудааст.

- Шояд аз ҳамин омил сарчашма гирад, сабаби аз аввалинҳо шуда дар адабиёт ба аҳли коргар, бунёдгарони ҷамъияти нав рӯй овардани Мирсаид Миршакар, - гуфта ба устод рӯй овардам.

- Бале, ба муҳите, ки Миршакар дар ҷавонӣ, дар оғози роҳи эҷодиаш ҳамчун шоир афтодааст, ба ӯ мӯҳри худашро ҳам дар фаъолияти эҷодӣ ва ҳам дар фаъолияти корҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ гузоштааст. Ягон эҷодкори насли Миршакар, ба мисли ӯ дар мавзӯъҳои азнавсозии ҷамъият, бахшида ба комсомол, Ленин, Ҳизб, мубориза бар зидди душманони халқ, дину хурофот, ҳимояи Ватан асар наофаридааст, - гӯем хато намешавад, - гуфтанд устод Улуғзода.

Дар ҳақиқат Мирсаид Миршакар ҳамчун фарзанди содиқи замони худ ва ҳамчун вассофи тағйиротҳои куллӣ дар қисмати халқашу ватанаш асар эҷод мекард, бо забони назм таърихи корнамоиҳои мардуми кишварашро, рӯҳияи нави бунёдгарию фидокории онро тараннум менамуд. Достони "Ливои Зафар", ки хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад, пеш аз ҳама симои мардуми коргар ва бунёдгарони иншооти

обӣ, сохтмони нави тарзи хоҷагидорӣ, дар меҳнати якҷоя обутоб ёфтани дӯстию бародарии халқҳоро тасвир мекунад. Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мирсаид Миршакар ҳисси олии ватанпарастиро васф мекунад ва симои душмани маккору ғаддорро фош менамояд. Ӯ дар шахси Гитлер шаҳоли девонаи мурдахӯрро тасвир мекунад. Шоир аз забони қаҳрамонҳои лирикии худаш бонг мезанад:

Шаҳоли мурдахӯр - девона Гитлер,
Ҳавас дорад, ки халқамро кунад қир.
Ҳавас дорад, ки озодии манро
Кунад помолу гирад ин чаманро.
Ҳавас дорад...
Вале ман зинда ҳастам,
Ба ҳифзи хоки худ поянда ҳастам.

Муҳимтарин офаридаҳои давраи ҷангии Мирсаид Миршакар дар китоби "Шеърҳо ва поэмаҳо", ки соли 1945 нашр шудааст, гирд омадаанд, ки моҳияти он дар кори наҷиби дар рӯҳи ватанпарастӣ тарбия намудани хонандаи хурду калон бебаҳост.

Дар солҳои баъдиҷангӣ ҳам Мирсаид Миршакар дар инкишофи назми муосири тоҷик талошҳо дошт. Акнун мавзӯъ, мазмуну мундариҷаи эҷодиёти ӯ васеътар доманадортар мегардид. "Калиди бахт" ном достони Миршакар соли 1947 дастраси хонанда шуд, ки он ба ҳаёти мардуми меҳнатқарини Бадахшони шӯравӣ бахшида шудааст. Дар достони "Калиди бахт" Миршакар дақиқбинона зиндагии замони гузашта ва солҳои охирро ба риштаи назм кашидааст. Баъд, Мирсаид Миршакар мавзӯи ин асарро дар достони машҳури "Панҷи ноором" такмил медиҳад. Қаҳрамонҳои ин достон одамони қатории заҳматкаши кӯҳистон - деҳқонон ва бештар занони озоди давраи шӯравӣ, ки сарбаландона касбу ҳунар меомӯзанд, барои ободии кишвари худ талошҳо ба харҷ медиҳанд. Дар ин достон шоир рӯҳбаландона ҳаёти нави мардуми кишварашро месарояд:

Мевазад боди тозаву форам,
Барги гулҳо ба ҷунбишанд аз он.
Мешавад паҳн дар фазо ҳар дам,
Ин суруди қадими кӯҳистон:
"Рӯзу шаб руди Панҷи ноором
Мезанад доду мезанад фарёд,
Меравад худсарона,
Лекин ром
Ҳеҷ касро намешавад.
Ҳайҳот!"

Мирсаид Миршакар дар достони худ табиати дилрабою ҳашамати нотакрори қуллаҳои Помир ва мардуми комилҳуқуқи онро, ки бахташро, хушиҳои зиндагиро дар меҳнати озод ёфтааст, моҳирона тасвир менамояд.

Чи тавре дар боло ишора шуд, сол аз сол санъати сухан ва доираи

афкори иҷтимоии Мирсаид Миршакар такмил меёбад, ки мо инро аз асарҳои дар солҳои панҷоҳум эҷод кардааш, аз ҷумла "Дӯстам Нозим Ҳикмат", "Пахта шукуфт", "Модари шоир" ва албатта, дар Ленинномаи ӯ, хусусан достони "Ленин дар Помир" амиқ мушоҳида менамоем. Асарҳои минбаъда офаридаи шоири ҳамабин шаҳодат медиҳад, ки дасти ӯ ҳеҷ гоҳ аз санҷидани набзи ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва бунёдгарии халқаш канда нашудааст. Ӯ тадриҷан дар ҳаёти ҷамъиятӣ рӯйдодҳои наҷиби рӯҳбаландкунандаро дарк менамояд. Масалан, дар достони "Дашти лаванд", бо лутфу назокати хоса, дар сафи қаҳрамонҳои асосиаш ба зоти латиф - ба занҳо ҷойҳои баландмақомро муносиб медонад, ки Гулбаҳор Қодирова - духтари Қодир - партизан, Маҳтоб аз қабили онҳоянд. Достони "Варақаҳои муҳаббат" ҳам давоми андешаҳои шоиронаи Миршакар дар самти сазовортар офаридани образи занҳои озод ва шуҷоъ мебошад, ки он ба корнамоиҳо, тасвири иродаи матини размгарии духтари тоҷик, Қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ойгул Муҳаммадҷонова бахшида шудааст.

Соли 1982-юм дар ҷумҳуриамон ҳафтодсолагии Мирсаид Миршакар ва панҷоҳсолагии Мӯъмин Қаноат қайд карда шуд. Ба ин муносибат дар Кумитаи давлатии табъу нашри Тоҷикистон маросими қабули дӯстонаи шоирони номбурда баргузор шуд. Камина, ки он вақтҳо вазифаи раисии он Кумитаро дар ӯҳда доштам, меҳмонҳоро хушбошӣ намуда, ба онҳо китобҳои ба муносибати ҷашнашон тозанашршударо тақдим намудам. Баъд, дар атрофи мизи дӯстона, гирдгардии пиёлаи чои кабуд сӯҳбати дилпазире бунёд шуд. Дар он маросими қабули соҳибҷашнҳо ноширони намоёни ҷумҳурӣ низ ширкат доштанд ва дар ҷараёни сӯҳбат сухан аз ҳаёт ва эҷодиёти меҳмонҳои соҳибҷашн мерафт.

Бо хоҳиши камина, устод Миршакар аз хусусиятҳои достони ба қарибӣ нашргаштааш "Исёни хирад" нақл кард. Ӯ гуфт, ки офаридани чунин асар, ки ба суханвари бузурги файласуф Носири Хисрав бахшида шуда бошад, орзӯи деринаи ман буд. Ӯ афзуд, ки - ман эҳсос мекардам, ки барои офаридани образи Носири Хисрав, фақат шоир будан кофӣ нест, маҳорати тадқиқи таърих, афкори ҷамъиятии замони Носири Хисрав, ҷаҳонбинии шоири файласуф лозим буд. Барои ҳамин бо бисёр мардуми босаводи кӯҳансол сӯҳбат кардан, маъхазҳои таърихӣ ва адабиёти илмӣ ва бадеии замони ӯро омӯхтан зарур омад. Достони "Исёни хирад" иншо ва чоп шудааст. Аз ӯҳдаи ин кор баромадам ё не, инашро хонанда, аз ҷумла шумоён ҳукм хоҳед кард, - гуфт устод Мирсаид Миршакар.

Мӯъмин Қаноат, ки баробари мо нақли устод Миршакарро гӯш мекард, гуфт: - Достони "Исёни хирад" падидаи хуб аст дар ҳаёти маънавии мо, ба ман бештар бо услуби нотакрор ифода кардани чашма ("Чашмаи Носир") хеле писанд омадааст, ки дар ин бобат устодро самимона табрик мекунем.

Сӯҳбати мо тадриҷан ба маҳфилчае табдил ёфта буд ва лаҳза ба

лаҳза дилкашу ҷаззобтар мегардид. Иштирокчиёни он аз саҳми бебаҳои соҳибҷашни дигар Мӯъмин Қаноат дар инкишофи адабиёти шӯравӣ, такмили кори ноширӣ, табъу нашр сухан ронданду боз ба шарҳи роҳи эҷодии Мирсаид Миршакар баргаштанд. Сухан аз он хусус рафт, ки устод Миршакар қаламашро нафақат дар шеъру шоирӣ тез кардааст, ӯ дар дигар риштаҳои эҷодиёти бадеӣ-драматургия, ҳаҷвнигорӣ, фантастика ва публисистика низ моҳирона санҷидааст. Дар он мулоқоти фаромӯшношавандаи устодон Мирсаид Миршакар ва Мӯъмин Қаноат ба ноширон ва матбуотчиён дар боби инкишофи табъу нашр, зиёд намудани китобҳои бадеӣ, хусусан китобҳо барои кӯдакону наврасон ва беҳтар кардани сифати кори соҳаи полиграфӣ пешниҳодҳои муфид доданд.

Бо устод Мирсаид Миршакар мулоқотҳо ва ҳамсафариҳои зиёд доштем. Афсӯс, ки дар бораи ҳамаи онҳо ҳикоя кардан ин ҷо имкон надорад. Дар ҳавлии устод ҷашнҳояшро якҷоя гузаронидаем ва меҳмонҳояшонро низ бо ҳам қабул кардаем. Дар хусуси яке аз меҳмоннавозиҳои хонадони устод Миршакар мухтасар гуфтаниям.

Тақрибан аввалҳои солҳои ҳафтодум буд, ки устод Мирсаид Миршакар каминаро ба хонаашон даъват намуда, гуфтанд, ки биёед, ду меҳмони бузургро аз ду мамлакат ҳамроҳ қабул намоем... Меҳмонҳояшон Владимир Солоухин аз Москва ва Мирмӯҳсин - нависандаи халқии Ӯзбекистон будаанд.

Чун ҳамеша, дастархони завҷаи устод Миршакар Гулчеҳрабону басо зебо ороста шуда, пур аз нозу неъматҳо буд ва меҳмонҳо аз пазироии соҳибхонаи бениҳоят нозанину париталъат рӯҳбаланд будаанд. Ғайр аз камина дар пазироии меҳмонҳо шахсиятҳои намоёни ҷумҳурӣ Низорамоҳ Зарифова, Ибодат Раҳимова, Меҳрубон Назаров, Муҳаммад Осимӣ низ ҳузур доштанд. Устод Миршакар қадаҳ дар даст, аз ҷояш бархесту ба меҳмонҳо муроҷиат намуд:

- Хоҳиш мекунам, ки гапҳои маро суханпардозӣ нафаҳманд. Ман аз таҳти дил мегӯям, ки имрӯз беҳад хушбахтам, чаро ки дар хонаи ман вакилони ду миллати ба мо дӯст, бародарони ман Солоухин ва Мирмӯҳсин ҳузур доранд. Азизонам, ман чунин эҳсос мекунам, ки дар симои онҳо - тамоми халқи кабири рус ва халқи ҳамқисмату ҳамсояамон - ӯзбекҳо бо мо ҳамнишинанд, муҳобот намешавад, агар гӯям, ки бе кӯмаки амалии бародарони русу ӯзбек Тоҷикистони имрӯза дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, мактабу маориф ва фарҳанг ба чунин комёбиҳои азим намерасид. Биёед, қадаҳи аввалро ба шарафи меҳмонҳои азизамон бинӯшем, - гуфт Мирсаид Миршакар бо рӯҳбаландӣ.

Бемуҳобот он шабнишиние, ки дар хонаи устод Миршакар баргузор шуд, бемислу монанд буд. Зеро касе раисӣ намекард. Ҳама ба навбат бо ташаббуси худ сухан меронданд. Владимир Солоухин ба унвони Миршакар беҳтарин суханҳоро гуфту дар хотима "Гулҳои Душанбе" ном шеърашро бо шавқи дилхурӯш қироат кард ва онро ба ҳамсари устод Миршакар Гулчеҳрабону тақдим намуд.

Мирмӯҳсин бо хушгӯиҳои дилпазир сухан оғоз намуд. Ӯ гуфт, ки - дӯстон, шумо ифтихор кунед, ки дар маҳфилатон ду мир ҳузур доранд, - якеш Миршакар - мири фарҳанги тоҷик, дигараш каминаи ҳақир - Мирмӯҳсин - мири фарҳанги ӯзбек. Ин шӯхии Мирмӯҳсинро ҳозирон бо кафкӯбӣ пазируфтанд. Пас Мирмӯҳсин суханашро идома дода гуфт, ин ҷо, ки Нина Зарифовна ва Ибодат Раҳимовна ҳузур доранд, изҳор карданиям, ки роҳбарияти Тоҷикистон нависандаҳояшонро беҳад дӯст медоранд ва то ба дараҷае беҳад эрка ҳам кардаанд. Дур намеравем, мегирем, дӯсти ҳамаамон Мирсаид Миршакарро, - ӯ аъзои Кумитаи Марказӣ, депутати Шӯрои Олӣ, Раиси Шӯрои Олӣ, Раиси Кумитаи якдилии Халқҳои Осиё ва Африқо, Раиси Кумитаи мукофотҳои давлатӣ дар соҳаи адабиёту санъат, чанд карат Лауреати мукофотҳои давлатӣ, ордену медалҳояшон беҳисобанд. Ман ифтихор дорам, ки чунин дӯсти обрӯманд дорам. Аҳсант ба тоҷикон, аҳсант ба фарҳанги овозадори тоҷик, аҳсант ба роҳбарияти Тоҷикистон бо сарварии Ҷаббор-ака Расулов, ки дӯсти қадрдони Шараф Рашидов ва тамоми мардуми Ӯзбекистон мебошад, ман ки пайкро мебардорам, - гуфт Мирмӯҳсин бо як кайфияти баланд.

Ҳамаи меҳмонҳои устод Мирсаид Миршакар аз хонадони ӯ бо хотири болида, шоду хуррам мерафтанд. Зеро ки худи устод Миршакар марди соҳибдилу зарофатгӯй ва давраоро буд, илова бар он аҳли хонадони ӯ - завҷааш Гулчеҳрабону, фарзандонаш Зулфия, Зарина, Афзал, Акмал дар хизмати меҳмонҳо ба мисли парвона буданд. Гулчеҳрабону бошад, меҳмонҳояшро на фақат бо таомҳои болаззат зиёфат мекард, боз ӯ бо сурудҳои дилнишинаш, хусусан суруди "Ширин, ширин", ки бо шеъри устод Миршакар оҳангбандӣ шудааст, кайфияти меҳмонҳоро ба арши аъло мебардошт.

Дар яке аз рӯзҳое, ки ин сатрҳоро иншо менамудам, бо ходими намоёни ҷамъиятию давлатӣ, шахси соҳибмаърифат, муаллифи чандин китобҳо Мирзо Бобоев вохӯрдам. Чун ҳамеша Мирзо Бобоев маро гарм истиқбол карду пурсон шуд, ки - хаёли нависандагиатон ба кадом мавзӯъ банд аст? Гуфтам, супориш дорам, ки хотиротамро бахшида ба навадсолагии устод Мирсаид Миршакар бинависам, хуб шуд, ки шуморо дидам, чунки Шумо ҳам бо ӯ робитаи дӯстӣ доштед, агар каме аз мулоқотҳоятон ҳикоя мекардед?

- Хуб гуфтед, ки бо Мирсаид Миршакар дӯсти қадрдон будам - гуфт Мирзо Бобоев ва афзуд:

- Дар ноҳияи Восеъ солҳои тӯлонӣ сарварӣ мекардам. Мирсаид Миршакар бо Муҳаммад Осимӣ зуд-зуд меҳмони азизи ноҳияи мо мешуданд. Сабабаш дар он буд, ки онҳо ҳамчун вакилони мардумӣ барои ҳисобот додан ба назди интихобкунандагон меомаданд ва ман ба онҳо роҳбаладӣ менамудам. Ҳардуяшон Муҳаммад Осимӣ ва Мирсаид Миршакар шахсиятҳои фавқулодда покиза, дорои ҷаҳонбинии васеъ, дурандеш, хирадманд буданд, аз ҳар сӯҳбати онҳо ман ва рафиқони ҳамкорам як ҷаҳон сабақу баҳра мегирифтем, ҳаловат ме-

бурдем. Имрӯз, ки сухан аз ҷашни устод Миршакар меравад, ба унвонаш бо ҷазбмандӣ ва камоли майл ақидаамро мегӯям, - гуфт Мирзо Бобоев ва афзуд, ки дар ниҳоди Миршакар, ба мисли баъзеҳо олуфтагиву сипоҳигарӣ набуд, ӯ дили кушоду феъли хуше дошт ва ба хурду калон баробар буд, дар минбарҳо суханро ғоз надода дақиқгӯй мекард, ба саволҳо кӯтоҳу равшан ҷавоб медод. Аммо ҳис мекардам, ки Мирсаид Миршакар мулоқотро дар коллективҳои педагогӣ бо ҳузури хонандагон беҳад дӯст медошт, баъзан мушоҳида мекардам, ки ӯ ташнаи чунин вохӯриҳо буд. Дар вақти сӯҳбат бо ҷавонон, талабагон ба мисли гул мешукуфт. Вай шеър мехонду талабаҳо соатҳо бехастагӣ гӯш андохта кафкӯбиҳо мекарданд.

Дар хотимаи мулоқотҳоямон бо интихобкунандагон Мирсаид Миршакар ва Муҳаммад Осимӣ ба хоҷагии Миралӣ Муҳаммадалиев меомаданд ва бо он пири хирад, дар атрофи шатранҷ сӯҳбатҳои дилпазир меоростанд, ки касро ба ҳаяҷон меовард. Қисмат мададгор шуду ман бо фарзандони фарзонаи миллат Мирсаид Миршакар ва Муҳаммад Осимӣ ҳамсоя шудам ва меҳру ихлосмандии мо нисбат ба ҳамдигар беҳад афзуд. Аммо, ҳазор афсӯс, ки паймонаи умри онҳо пештар пур шуду ман аз он дӯстони қиёматиам маҳрум шудам, - гуфт ошуфтахотирона Мирзо Бобоев.

- Медонед, Мирзо Бобоевич, чаро дили Мирсаид Миршакар ба мактабу мактаббачаҳо чунин кашишу шавқмандии бемонанд дошт? - гуфтаму афзудам.

- Мирсаид Миршакарро яке аз поягузорони адабиёти наврасон ва кӯдакон буд, гӯем, хато намекунед. Зеро ки ӯ ҳанӯз дар солҳои сиюм барои онҳо асарҳои зиёде офаридааст. Шеъри аввалини кӯдаконааш "Маймунаки забқизиқ" ном дорад. Нахустин достони бачагонааш "Мо аз Помир омадем" хазинаи тиллоии адабиёти бачагонаро оро медиҳад. Мирсаид Миршакар дар он моҳирона ҷиҳатҳои нозуки саргузашти якҳафтаинаи ҳамсафарии наврасон, олами маънавӣ ва рӯҳияи дилхурӯши хурдтараконро тасвир кардааст. Ё гирем силсилаи шеърҳои "Бачагони Ҳиндустон" ва ғайраро, ки дар онҳо Мирсаид Миршакар бо тавоноии фавқулодда ва ҳавасмандии содиқона барои бачагон дар жанрҳои гуногуни адабӣ-достонҳои манзум, суруду таронаҳо, афсонаю ривоятҳо, чистону масалҳо, очерку ҳикояҳо, асарҳои саҳнавӣ ва ғайраро манзури хонандагону тамошобинҳои хурдсолаш менамуд.

Баъд аз хушбошӣ намудан бо Мирзо Бобоев ҳамон рӯз бо Маҳмадшо Илолов - олими номӣ, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси миллии Тоҷикистон мулоқот доштам, ки гуфт:

- Мирсаид Миршакар на фақат шоири барҷастаи миллат аст, ӯ аз ин бештар инсони поксиришт, беғараз, дақиқбин, соҳибхирад буд. Бесабаб нест, ки вай ба мансаби баланди Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон дар ҳақиқат сазовор интихоб гардида, дурандешона фаъолият дошт. Мо вакилони халқ ҳанӯз ҳам ба таҷрибаи кории Шӯрои Олии

онвақта муроҷиат менамоем.

- Бисёр хуб, азизам Маҳмадшо, дар солҳои бӯҳрони сиёсии аввалҳои солҳои навадум шумо мавқеи шаҳрвандии Миршакарро чи тавр дарёфтед? - пурсидам аз ҳамсӯҳбатам.

- Мавқеи инсонӣ ва назари ҷамъиятии Мирсаид Миршакар ба воқеаҳои он солҳо баръалло фарқ мекард, - гуфт Маҳмадшо Илолов ва афзуд, ки дар он солҳои нобасомонии демократиябозӣ бисёр нависандагон ва олимон, гӯё ки дар ғафлат монда буданд, мекалавиданд, як рӯз ҷонибдори як ҷараён буданду рӯзи дигар ба гурӯҳҳои дигари сиёсӣ шомил мешуданд. Миршакар дар ҳеҷ маврид мавқеашро дигар накардааст, ӯ қатъиян риоя кардани қонунро талаб дошт, маҳалгароиро сахт маҳкум мекард, ҷавононро даъват менамуд, ки ба ҳар оҳанг рақс накунанд.

Бо навиштани ин сатрҳо ба муносибати ҷашни устод Миршакар муаллиф мақсаде нагузоштааст, ки тамоми фаъолияти беканори эҷодӣ, ҷамъиятию давлатии ӯро тасвир намояд. Он чизе, ки камина ба хотир овардааст, қатраест аз уқёнуси беканори ҳаёти пурҷӯшу хурӯши эҷодгари тавоно, ходими барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ, ки шӯҳрататаш дар қитъаҳои олам паҳн шудааст. Ба қалам овардани хотираҳои парокандаи мухтасар сайъи қадрдонона аст бар ҷашни дӯст ва бародари ҷонӣ - навадсолагии устоди устодҳо Мирсаид Миршакар.

ДАРЁДИЛИ СОҲИЛИ САЙҲУН

Тирамоҳи соли 2002 аз ҷониби нашриёти "Ирфон" китоби ёддоштҳоям бо номи "Ахтарони фарҳанг" ба табъ расид. Дӯсти адабиётшиносам маро табрик карда гуфт:

- Азизам, китобатонро, ки дар он чеҳраҳои устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ ва дигаронро тасвир кардаед, хондам. Бо пешгуфтори академик Аҳрор Мухторов пурра мувофиқам. Аммо чаро дар он ҳикоятҳо аз устод Раҳим Ҷалил ҳарфе намеравад?

Гуфтам, - Шуморо мефаҳмам, аммо дар хусуси устод Раҳим Ҷалил нанавиштанам, маъное надорад, ки шахсияту эҷодиёти ӯ бароям шавқангез намебошад, ҳаргиз ин тавр нест. Фақат фурсат даст надода буд. Акнун ҳатман хотиротамро дар барои он қаламкаши мӯъҷизакор, суханвари зарофатгӯй ва давраоро, ки борҳо ҳамнишиниву ҳамсафарӣ доштам, борҳо мулоқотҳову сӯҳбатҳои дилпазири фаромӯшнашаванда насибамон шуда буд, бо камоли майл ва шавқмандӣ хоҳам навишт.

Вақте ки қалам ба даст гирифтаму хостам, ки хотиротамро сабт кунам, ба ёдам омад, ки бори аввал аз наздик бо устод Раҳим Ҷалил дар бемористони рақами чаҳоруми Душанбе ошноӣ пайдо кардаам.

Зоҳиран ба назарам расид, ки Раҳим Ҷалил шахси лоғарандом ва

андак қавоқини камгап аст. Аммо, ҳамин, ки бо ҳамдигар ошно шудему сӯҳбат оростем, тахмини ман нисбат ба шахсияти ӯ ғалат баромад. Аз лаҳзаҳои аввал устод Раҳим Ҷалил бо хислатҳои аскияомезӣ, зарофатгӯиву ҳизирҷавобӣ ва зиндадилиаш маро афсун намуд. Дарҳол мушоҳида кардам, ки ӯ дар суханрониаш мақолу ҳикматҳои халқиро фаровон кор мефармояд, ки баъзеашон, - ба мисли - "сахӣ хайр кунад, бахилро дарди сар мегирад", "душман хӯрдаст, балояш бузург", "мушро ҷонканию гурбаро бозӣ", "дуздро роҳзан зад", "як анору даҳ бемор", "ҳар чи шавад, ба худам шавад" ҳанӯз ҳам аз хотирам нарафтаанд.

Рӯзе таоми пешинро хӯрда дар кати рӯи ҳавлии бемористон бо устод Раҳим Ҷалил сӯҳбат доштем, ки писарам барои аёдатам омаду меваҳои овардаашро шуста дар табақ ба наздамон гузошт.

Устод пурсиданд, ки писаратон чӣ ном дорад?

Номаш - Орзӯ, - ҷавоб додам.

- Чӣ номи дилкаши бамаънӣ, - гуфт устод Раҳим Ҷалилу афзуд, - ин ном барои ман ҳам хеле азиз аст.

- Чӣ тавр? - пурсидам аз устод.

- Чаро, ки китоби аввалини ҳикояҳои ман "Орзӯ" ном дорад ва курбашро ба мисли фарзандҳои нахустинам эҳсос мекунам, - гуфт Раҳим Ҷалил бо рӯҳбаландӣ.

Он лаҳза писарам хушбошӣ карда рафту мо бо устод гуфтугӯямонро давом додем.

- Устод асарҳои шуморо кас бо ҳавас ва шавқмандӣ мехонад, - гуфтаму афзудам, - баъзе лаҳзаҳои ҳаёти қаҳрамонҳоро чунон тасвир кардаед, ки зуд дар хотири кас нақш мебандад.

- Масалан, кадом лаҳзаҳо дар хотиратон мондааст? - пурсон шуд устод Раҳим Ҷалил.

- Аз китоби "Одамони ҷовид" ҳамон манзарае, ки дар вақти кори деҳқонӣ арӯсу домоди нав Саодатбибӣ ва Рустам дар сояи дарахт нишаста оши угрои кампири Сафармоҳ овардаро бо иштиҳо мехӯранд. Саодатбибӣ, ки ӯро сенздаҳсола ба шавҳар дода буданду ойини арӯсиро намедонист, кӯдаквор сару рӯяшро олонда ӯгро мехӯрд. Домод ошхӯрии арӯсро бо завқ тамошо мекард. Торҳои дарози ӯгро кори Саодатбибиро мушкил мекард. Баъзан мешуд, ки дар вақти ҳӯп кашидан торҳои ӯгро ба пешониву рухсораҳои Саодатбибӣ бармехӯрданду Рустам худро дошта натавониста сахт механдид ва арӯс ранҷида бо қаҳр аз ҷо хеста буд.

- Бале, бале, чунин ҳодисаҳо дар ҳаёти қаҳрамонҳои асарам рух додаанд - гуфт устоду ба рӯям нигоҳ карда, - шӯхиомезона луқма партофт, - аз асарҳои ман фақат угрохӯрии Саодатбибӣ дар хотиратон монда будааст-дия.

- Не, устод, ин тавр нагӯед, аксари асарҳои шуморо ба ҷазбмандии том мутолиа кардаам. Чеҳраҳои қаҳрамонҳои асарҳоятон - Пӯлод, Гулрӯ, Салимбой аз романи "Одамони ҷовид" Давлат Назаров, Пётр

Данилов, Холи Ворухӣ аз романи "Шӯроб" ва ғайра дар лавҳаи хотирам мондаанд гуфтаму илова кардам,- агар коми насли мо бо каломи суханварони миллатамон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, С. Ҷавҳаризода ва шумо шах шудааст - гӯем, муҳобот намешавад.

- Ман ба суханҳои шумо сад андар сад боварӣ дорам, азизам. Ман шӯхӣ кардам, боз наранҷида бошед, - гуфт устод Раҳим Ҷалилу фикрашонро давом дод:

- Ҳозир вазъият дигар аст, талабот дигар аст ва савияи донишу маҳорати кормандони ҳизбиву давлатӣ низ комилан баланд шудааст. Акнун қудрату тавоноии ҳизбамон ҳам афзудааст, ки ин аз ботини маънавии кормандонаш ва ба ҳар узви ҳизб вобастагӣ дорад, - набошад, ба он табадулотҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва инқилоби фарҳангие, ки дар кишвари мо рух дод, ҳизби коммунистӣ сарвари карда метавонист? Ман, ки яке аз узви фаъоли Кумитаи марказии ПК Тоҷикистон ҳастам, инро басо амиқ дарк кардаам, - гуфт устод Раҳим Ҷалил.

Ҳамин тавр устод Раҳим Ҷалилро аз лаҳзаҳои аввали ошноӣ ҳамчун шахсияти дурандеш, донишманд, дилогоҳ, инсондӯст ва меҳрубон дарёфтам, зеро, ки бо камина гарчанде бори аввал чунин наздик вохӯрда бошад ҳам, ӯ бо ман чун дӯсти дер боз шиноси қадрдон муомила дошт. Чунин сифати наҷиби инсонии устод Раҳим Ҷалилро аз забони дигар адибон низ борҳо шунидаам.

Ба қарибӣ дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо нависандаи варзида, муҳаррири маҷаллаи "Садои Шарқ" Ҷонибеки Акобир дучор шудам, ӯ пурсон шуд, - ин вақтҳо чӣ гирифториҳо доред? Гуфтам, ки хотиротамро нисбат ба устод Раҳим Ҷалил иншо карданиям.

Ҷонибек табассуми ширине карду дар ҳузури дӯстонам, шоирони номӣ Ҳикмат Раҳмат ва Ҷӯра Ҳошимӣ хотираи аҷибашро ҳикоя кард:

- Соли 1985-ум аз сафари эҷодӣ дар кишварҳои дури Сибир хаставу дарманд баргаштам. Аз таъсири сармои сахт ва рутубати бисёр миёндард маро якнимаи каҷрафтор карда буд, - гуфт Ҷонибеку суханашро давом дод, - бо Аскар Ҳаким, ки дар ҳафтавори "Адабиёт ва санъат" якҷоя кор мекардем, - ӯ маслиҳат дод, - барои табобат ба шифохонаи махсуси Хуҷанд биравам.

- Гуфтамаш, - ҳуҷҷатҳои тиббиву роҳхат надорам, маро он ҷо кӣ қабул мекунад? Аскар Ҳаким дилпурона гуфт, - ғами роҳхатро нахӯр, устод Раҳим Ҷалил онҷо ҳастанд, худашон бо обрӯю эътибори баландашон барои мо ҳам роҳхату ҳам ҳуҷҷат, - фаҳмидӣ?!

Ҳамин тавр, Ҷонибеки Акобир бо маслиҳати Аскар Ҳаким ба Хуҷанд меравад ва бо устод Раҳим Ҷалил дар дафтари кориаш вомехӯрад.

Устод Раҳим Ҷалил Ҷонибекро бо чеҳраи кушод, самимона қабул мекунаду филфавр ба ширингӯӣ мепардозад:

- Ман зиёда аз ҳаштод сол умр дида, бори аввал ба ин минвол нависандаи каҷалакшударо мебинам, - мегӯяд устод Раҳим Ҷалил

бо завқ хандида...

Боз Ҷонибек самимона иқрор шуд, ки тахминам дар бораи ҳавобаландии Раҳим Ҷалил рост набаромад. Ман гумон доштам, ки ӯ нависандаи халқӣ, аъзои Кумитаи марказии ПК Тоҷикистон, вакили мардумӣ дар Шӯрои Олӣ, магар бо ман барин нависандаи навқалам бевосита машғул мешавад?

- Аз лаҳзаҳои аввали мулоқот ӯ дили маро бо хоксории табииаш, инсонпарвариаш, рафтору гуфтори падаронааш тасхир кард.

Ҷонибек ҳикояташро давом дода гуфт, ки устод Раҳим Ҷалил бе ягон мамоният, ӯро дар бемористони номбурда ҷой кунонд ва зуд-зуд бо дастовезҳо барои аёдаташ меомад. Бо маслиҳати табибон, соли дуввум ҳам барои табобат ба Хуҷанд рафтам, - гуфт Ҷонибеку афзуд, - ин сол ҳам устод Раҳим Ҷалил нисбат ба ман ғамхории афзун зоҳир намуд, ӯ бо нависанда Маҳкам Пӯлод ва дигарон бо дорувориҳои лозимӣ, хӯроку мева, хусусан туту гелоси шаҳдвори Хуҷанд, маро пайваста таъмин мекард. Ҳаёт ва эҷодиёти Раҳим Ҷалил барои мо намунаи ибрат ва боиси пайравист, - буд хулосаи Ҷонибеки Акобир.

Нависандаи дигаре, ки аз мулоқотҳо дар Хуҷанд бо Раҳим Ҷалил басо рӯҳбаланд баргашт, ҳамсояи қадрдонам, нависандаи халқӣ Фазлиддин Муҳаммадиев буд:

- Ака, бовар кунед, Раҳим Ҷалил кони ҳиммат будааст - гуфт Фазлиддину афзуд, - он чаҳор рӯзе, ки бо муаллим Раҳим Ҷалил будам, бароям аз чаҳор соат камтар намуд. Аввало, ҳар куҷое, ки бо муаллим Раҳим Ҷалил мерафтем, эҳтирому ҳурмати мардумро нисбат ба ӯ дида ба ваҷд меомадам, ки ба ин сипосгузорӣ ҳар кас сазовор намешавад. Меҳмоннавозии муаллим Раҳим Ҷалил худаш барои ҷавонон як мактабу сабақ аст. Ӯ бо мошини шахсии худаш ҳамроҳи писараш Муинҷон ноҳияҳои атрофи Хуҷандро тамошоям дод, борҳо ба ҳавлияш даъват карда бо таомҳои хуштаъб зиёфат кард.

Фазлиддин Муҳаммадиев аз таассуроти ҳамсафарӣ бо Раҳим Ҷалил аз мавқеи ӯ дар байни аҳли фазлу адаб очерки дилпазиреро бо номи "Монда набошед, муаллим" чоп кард, ки аз сифатҳои наҷиби нависандаи арзандаи халқӣ, инсони меҳнатқарин ҳикоят мекунад.

Тахминан моҳи маи соли 1977-ум устод Мирзо Турсунзода ба Кумитаи марказии ҳизби ПК Тоҷикистон занг зада, - гуфтанд, - аз Хуҷанд Раҳим Ҷалил пешниҳод дорад, ки дар ҳамон ҷо машварати эҷодии навқаламонро гузаронем. Чӣ мешавад, - агар дар Хуҷанд конференсияи номбурдаро гузаронему, баъд ману шумо ба ҳавзаҳои интихоботиамон - Конибодому Исфара рафта ҳисобот диҳем?

Гуфтам, ки пешниҳодатон ба маврид, бо дилу ҷон ман ба шумо роҳбаладӣ мекунам. Ба ҳавопаймо, ки баромадем, нависандаи зиндаёд Фотеҳ Ниёзӣ ширингӯй кард, - биёед ҳамсоя, дар осмон ҳам ҳамсоягӣ кунем, - гуфта маро дар бари худаш шинонду афзуд, - дер боз ба Хуҷанд нарафтаам, хуҷандиҳоро беҳад ёд кардаам.

Гуфтам, - хуҷандиҳо гуфта, киҳоро дар назар дорад?

- Фотеҳ Ниёзӣ, бо лаҳҷаи Самарқандӣ - гуфт, - пеш аз ҳама Раҳим Ҷалилро, ки инсони ғалатӣ асту нависандаи аҷоиб. Ман, ки ба ӯ саволомезона рӯй овардам, суханашро давом дод:

- Аввалан, дар боби дӯстӣ ва рафоқат Раҳим Ҷалил баринашро кам дидаам, ӯ касеро, ки дӯст дорад, аз таҳти дил дӯст медорад, марди давраорову ширинсухан аст, ҳар қадар, ки ӯро шунавед, боз шунавам мегӯед ва ҳамчун нависанда ҳам Раҳим Ҷалил эҷодгари хушсалиқа аст, тарзи ба худ хоси тасвирро дорад. Ӯ инсони меҳнатии сермаҳсул аст, ҳикояҳои бешумори ӯ, асарҳои калонҳаҷми вай "Одамони ҷовид", "Шӯроб" ва дигар офаридаҳояш дар хазинаи маънавиёти халқамон ҳамчун ганҷинаи бебаҳо ворид гаштаанд, - гуфт Фотеҳ Ниёзиву боз қазоват кард:

- Ба назари ман чунин менамояд, ки Раҳим Ҷалил ба майдони адабиётамон ҳамчун гули худрӯйи ба худ бӯю таровати хоса дошта ворид гардид. Ӯ дар асарҳояш тарзи суханронии мардуми шимоли Тоҷикистон, расму ойин ва ҳаёти онҳоро бо обу ранги тозаи эҷодгарӣ, муҳаббати бепоён тасвир мекунад.

Суханронии Фотеҳ Ниёзиро, ки бо шавқи зиёд гӯш мекардам, беихтиёр пурсон шудам, чи мешуд, ки ақидаатонро аз хусуси асарҳои номбар кардаатон мегуфтед. Аввалин асари калонҳаҷми Раҳим Ҷалил "Одамони ҷовид" аст, - гуфт Фотеҳ Ниёзиву афзуд, - ин асар аввал бо номи "Пӯлод ва Гулрӯ" ва баъд аз таҳрири дубораву такмили он "Одамони ҷовид" ном гирифт, ки дар он давраи муборизаҳои шадиди табақаҳои иҷтимоии бо ҳам зид тасвир мешавад. Дар адабиёти мо Пӯлод ва Гулрӯ барин образҳои нави дилпазир ба вуҷуд меоянд. Дар "Шӯроб" ҳам аз бедоршавии шуури халқ, ҳаёти коргарон дар ҷойҳои таърихии Исфара, кони ангишт сухан меравад, - мегуфт устод Фотеҳ Ниёзӣ, ки роҳбалад эълон кард, - ҳавопаймои мо баъд аз фурсате ба шаҳри Хуҷанди бостонӣ фуруд меояд.

Дар фурудгоҳи Хуҷанд Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзиро роҳбарони вилоят, устод Раҳим Ҷалил бо шогирдонаш Атахон Сайфуллоев, Озод Аминзода ва дигарон истиқбол гирифтанд. Устод Раҳим Ҷалил ба Мирзо Турсунзода рӯ оварда зарофатгӯй кард, - то даъват накунем, намеомадетон-дия! Ва сипас меҳмононро бо навбат ба оғӯш кашид.

Конференсияи эҷодкорони ҷавони вилоят, рӯзи дигар, дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Хуҷанд баргузор шуд. Ҳозирон устодон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Муҳаммад Осимӣ ва Раҳим Ҷалилро хеле гарм истиқбол намуданд, кафкӯбиҳои бардавом сурат гирифт.

Конференсияро бо нутқи кӯтоҳ устод Раҳим Ҷалил кушод:

- Дӯстон ва рафиқони ҷавон - гуфт нотиқу афзуд, имрӯз дилҳои мо аз шодӣ лабрез аст, зеро, ки ба вилояти мо барои иштирок кардан дар ин маҳфил як гурӯҳ нависандагону олимони намоёни Тоҷикистон бо сарварии шоири шаҳири тоҷик, лауреати мукофотҳои Ленинию Ста-

линӣ, Ҷавоҳирлол Неру, академик Мирзо Турсунзода омадаанд.

Хато намешавад, агар гӯям, ки ин мулоқот нафақат барои эҷодкорони ҷавони вилоят, коллективи профессорон, муаллимони донишгоҳ, балки барои ҳамаи мо хотирнишин хоҳад шуд, - иброз дошт устод Раҳим Ҷалил бо рӯҳбаландӣ. Ӯ меҳмононро хайра мақдам гуфта, суханро барои маърӯза ба адабиётшиноси намоён, мудири кафедраи Донишгоҳи Хуҷанд Атахон Сайфуллоев дод. Ӯ дақиқбинона, ғамхорона ва ба тафсил эҷодиёти истеъдодҳои ҷавонро аз назари таҳлил гузаронд. Дар бораи баромади устод Турсунзода дар он конференсия дар очерки "Бо ситора ҳамнишини" ҳикоя кардаам ва лозим нест, ки онро инҷо такрор намоям.

Муҳимаш он аст, ки - конференсияи эҷодкорони ҷавонро, ки устод Раҳим Ҷалил таҷлили онро ният карда буд, ба дараҷаи баланди назариявӣ, эҷодӣ ва ташкилӣ гузашт, ки аз он ҳам меҳмонҳо ва ҳам мизбонҳо қаноатманд буданд.

Ҳамон рӯзи хотиравӣ, наҳорӣ дар хонаи Атахон Сайфуллоев гузашт ва бегоҳӣ устод Раҳим Ҷалил дӯстони душанбегиашонро бо сарварии Мирзо Турсунзода ба ҳавлиашон меҳмон карданд. Дар омади гап бояд қайд кард, ки аҳли хонаводаи Раҳим Ҷалил мардуми дилогоҳ, ҳунарманд, соҳибихтисос будаанд. Ҳамсарашон Розиябону санъаткори театр, писарон Манзур-академик, Камолҷон-матбаачӣ, корманди матбуот, ки бо ӯ солҳои зиёд ҳамкорӣ кардаам ва дар қалбам хотироти фаромӯшнашаванда дорам.

Ҳамсари Раҳим Ҷалил Розиябону, ки нависанда китоби "Маъвои дил"-ашро ба ӯ бахшидааст, дастархони пур аз нозу неъматро ороста будааст. Дар атрофи вай, хушгӯиҳои соҳибхона Раҳим Ҷалил ба Боқӣ Раҳимзода аз лаҳзаҳои аввал қӯр гирифт. Дар ҳамон ҷо бори аввал латифаи дилпазиреро дар барои рӯмониҳои Хуҷанд аз забони устод Раҳим Ҷалил шунида будам:

- Як рӯмонӣ зардолудузди ашшадиро дастгир карда, аз пояш ба дарахт мебанданд ва ба шӯъбаи милиса рафта хабар медиҳанд, ки "дуздро дошта бастам, рафта ӯро биёреду ҷазояшро диҳед".

Кормандони милиса мепурсанд, - дуздро чи тавр бастед? Даъвогар мегӯяд, - аз пояш ба дарахт бастем.

- Дастҳояшро чӣ?

- Не - ку!

Корманди милиса - мегӯяд, - э, акои рӯмонӣ, дастҳои дузд, ки кушода мондааст, ӯ кайҳо раҳо ёфта рафтагист-дия. Дар ҷавоб даъвогар - мегӯяд, ки - бародари милисианер, хотирҷамъ бошед, вай дузд ҳам аз рӯмониҳои худамон, ақлаш ба кушодани банди таноб намерасад...

Дар он шабнишинии орифонаю басо самимӣ ба унвони соҳибхона, устод Раҳим Ҷалил, аз саҳми ӯ дар инкишофи маънавиёти миллати тоҷик суханҳои арзанда ба миён омада буд. Устод Мирзо Турсунзода зикр мекард, - агар гӯем, ки Раҳим Ҷалил навовар ва нотакрор аст,

хато намекунем. Адабиёти мо аз Раҳим Ҷалил барои он ҳам минатдор аст, ки маҳз ӯ аввалин шуда доир ба синфи коргар асари калонҳаҷм - роман офарид.

Дар рафти сӯҳбати дилпазир, дар сари дастархони Раҳим Ҷалил сухан аз қисмати инсонии нависандаҳои намоён Ҳаким Карим, Муҳиддин Аминзода, Розия Озод низ мерафт, ки бо ҳарорату дилсӯзона буд.

Раҳим Ҷалил ҳар сари вақт ба устод Мирзо Турсунзода "язна", гуфта муроҷиат мекард, бо чунин тарзи муомилааш, фаҳмонданӣ буд, ки Мирзо Турсунзода домоди хуҷандиҳост. Мирзо Турсунзода ҳам, аз ҳамкориҳои овони ҷавонияш бо Раҳим Ҷалил дар Хуҷанд бо ҳисси қаноатмандиву миннатдорӣ ҳарф мезад!

- Ман аз Хуҷанду хуҷандиҳо, хусусан Раҳими азиз сабақи зиёде гирифтаам, - гуфт Турсунзодаву аз зарофатгӯиҳои ӯ ёдовар шуд:

- Ҳар бор, ки Хуҷанд оям бо Раҳим Ҷалил во нахӯрда намеравам. Боре омада фаҳмидам, ки Раҳим бетоб дар бемористон будааст. Ба аёдаташ рафтам, ки ӯ дар даруни ванна модарзод даво мегирад. Маънидор ба қоматаш назар карда гуфтам, - Раҳимҷон, ту доим ба фахр таъриф мекардӣ, ки "бор дар халтаву олот дар калта". О, ин олоти ту кирои таъриф нест-ку?

Раҳим Ҷалил чун ҳамеша бадоҳатан ҳозирҷавобӣ кард, - э, Мирзоҷон, бо ҳама бузургиат, ҳанӯз ҳам ҳаётро то охир наомӯхтай.

- Чӣ гуфтанӣ туи ҳаётдон? - гуфтам бо шӯхӣ.

- Нашунидай магар - бобоҳоямон фармуданд, - сафедро ғалтонда бину олотро хезонда.

Чунин аст Раҳими мо гуфт - Мирзо Турсунзодаву пайкро ба шарафи хонадони пурфайзи Раҳим Ҷалил бардошт.

...Баъд аз табобати якҷоя дар шифохонаи Душанбе, ҳамсафариҳои мо бо устод Раҳим Ҷалил дар даҳаҳои адабиёту санъат, мулоқотҳо дар пленумҳои Кумитаи Марказии ПК Тоҷикистон, ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ, маҷлисҳои нависандагон давом дошт ва дар байни каминаву устод Раҳим Ҷалил муносибати бародарона пайдо шуд, хусусан баъд аз он, ки ман барои ҳатман ҷарроҳӣ намудани санги талхадони ҷигараш бо табибони боварибахш мулоқот кунондам. Агар устод ба Душанбе меомаданд, ё телефонӣ занг мезаданд ё ба коргоҳ омада сӯҳбати гарм меоростанд. Ман ҳам, агар ба Хуҷанд мерафтам, ҳатман устодро меҷустам, аз ҳолу аҳволаш огоҳ шуда, аз ӯ маслиҳатҳои муфид мегирифтам. Тахминан нимаҳои солҳои ҳаштодум буд, ба Хуҷанд сафар кардаму корҳои таъҷилиамро хотима дода, аз дӯстонам Абусаттор Қаюмов ва Карим Абдулов пурсидам, ки устод Раҳим Ҷалил чӣ ҳол доранд?

Фаҳмидам, ки мариз асту дар бемористон мебошад, барои аёдаташ ба беморхона рафтам. Аён буд, ки вазъи саломатии устод Раҳим Ҷалил чандон хуб нест, аҳволаш аз ҳар вақта вазнинтар аст. Аз устод пурсон шудем, - чӣ ҳол дорад? Боз ҳамон дардҳои кӯҳна-мӣ?

Устод табассуми зӯракӣ карду гуфт:

- Вақтҳои охир ба хулоса омадам, ки ҳар дарди наве, ки ба Хуҷанд ояд, аз осмон нафуромада, аввал мепурсад, ки хонаи Раҳим Ҷалил дар куҷост? Ман барои он ин тавр мегӯям, ки ба дардҳои пештараам, боз дардҳои нав, ба мисли диабет, буғумдард, диққи нафас, газаки зардадон ва ғайра зам гардидаанд.

Ҳамин тавр, устод Раҳим Ҷалил дар ҳар ҳолат метавонист зарофатгӯй намояд, бо лутфомезиаш дили ҳамсӯҳбаташро гарм кунад, ҳарфе гӯяд, ки дар ҷояш бошад... Барои ҳамин ҳам бисёр шогирдонаш, ки худашон устоди баркамол шудаанд, Раҳим Ҷалилро мураббии худ мешуморанд, ки шоири халқии Тоҷикистон Абдумалик Баҳорӣ яке аз онҳост:

- Дар урфият мегӯянд, ки дар зиндагӣ ба ҳар кас тақдир асту тақдирҷунбон ҳам ҳаст. Ман устод Раҳим Ҷалилро тақдирҷунбони худ меҳисобам, чунки нахустин шеъру ҳикояҳои манро маҳз Раҳим Ҷалил аз назари тадқиқ гузаронида, маро бо фотиҳаи нек ба роҳи эҷодӣ ҳидоят намудаанд. Маслиҳатҳои ғамхорона ва беғаразонаи эшонро дар ин ҷода ман ҳаргиз фаромӯш намекунам ва пос медорам.

Бо устод Раҳим Ҷалил ман то охирин солҳои умри пурбараката-шон мулоқот ва мукотибаи муфид доштам. Эҷодиёти худи устод барои мо шогирдонашон мактабе буд, - дарси маҳорати нависандагӣ. Ҳикоя, повест ва романҳои ин адиби маҳбубамонро бо рағбати том меомӯхтем ва мекӯшидем, ки тарзи баён, тасвири ҳақиқат, интихоби мавзӯъ, ба тамкину бурдборӣ ва омӯзиши муттасили он кас пайрав бошем, - мегӯяд Абдумалик Баҳорӣ.

Дар мавриде, ки ин ҳикоятро иншо мекардам, бо яке аз тадқиқотчиҳои эҷодиёти Раҳим Ҷалил, олимаи хушсалиқа Хуршеда Отахонова мулоқот доштам, ки барҳақ аз офаридаҳои устод ҳикояти дилпазир намуд:

- Раҳим Ҷалил дар таърихи адабиёти тоҷик мақоми арзанда дорад. Эҷодиёти ин нависанда бештар зиндагӣ ва орзӯву таманнои меҳнаткашонро инъикос мекунад, сарнавишту саргузашти мардуми заҳматкаш ва муборизаи ӯро барои бунёди дунёи нав, озодии инсон ҳикоят мекунад. Романи Раҳим Ҷалил "Одамони ҷовид" баъди асарҳои устод Садриддин Айнӣ, "Дохунда" ва "Ғуломон" дар насри мо аввалин асарест, ки муборизаро ба муқобили душманони сохти нави давлатдорӣ, хусусан босмачиҳо ва дигар гурӯҳҳои зидди инқилобӣ дар Тоҷикистон тасвир менамояд. Қаҳрамонҳои мусбати асар дар кӯраи оташи ин набардҳо обутоб меёбад. Пӯлод, Гулрӯ, Салимбой барои саодати халқ, ояндаи нек талошҳои ҷонкоҳ бурдаанд.

Гуфтаҳои Хуршедабонуро қувват дода ба хотир овардам, ки "Одамони ҷовид" чунин асарест, ки аз рӯи вай баъзе эҷодкорон дар дигар жанрҳо асарҳои нав офаридаанд, чӣ тавре, ки шоир ва драматург Файзулло Ансорӣ соли 1957 дар асоси романи номбурда либреттои операи "Пулод ва Гулрӯ"-ро навишту бастакор Шарофиддин Сайфид-

динов ба вай оҳанг баст ва он асар дар саҳнаи театри академикии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ гузошта шуд. Дар нахуст-намоиши операи "Пӯлод ва Гулрӯ" варҷангие хушгӯй карда буд, - акнун "Одамони ҷовид"-и Раҳим Ҷалил дар ҳаёти маънавии халқамон мавқеи ҷовидона пайдо кард...

Олима Отахонова Хуршеда қазоват мекунад, ки Раҳим Ҷалил аз оғози фаъолияти эҷодии худ ба тасвири манзараҳои васеи ҳаёти халқ аҳамияти махсус медиҳад, ӯ тасвири мавзӯҳои таърихиро далерона ба зимма мегирад ва барои бунёд кардани асарҳои калонҳаҷм амал мекунад. Ӯ материалҳои таърихиро амиқ омӯхта, онҳоро моҳирона истифода мебарад ва албатта, дар мавриди инъикос кардани ҳаёти шахсҳои таърихӣ, воқеаҳои муҳими ҷамъиятӣ, хаёлоти бадеии нависанда зуҳуроти худро хеле дилнишин пайдо мекунад.

Хуршеда Отахонова диққати хонандагонро боз ба як хусусияти романи "Одамони ҷовид" ҷалб намудааст, ки ин ба забони халқ хеле наздик будани забони асар иртибот дорад. Ин хусусан мегӯяд, олима, - аз як тараф дар соддагӣ, равонӣ ва образнокии он ифода шавад, аз тарафи дигар, ба боигарии баёни мардумӣ вобаста аст. Фасоҳати забони нависанда, пеш аз ҳама, аз ҳисоби забони халқ ба вуқуъ пайвастааст. Раҳим Ҷалил ба хазинаи забони халқ рӯ оварда пайваста аз он истифода бурдааст ва хӯшаҳои сара ва сердонаи онро ва фақат дар забони қаҳрамонҳои асараш, балки дар забони худаш ҳам фаровон истеъмол менамояд. Аз ин ҷиҳат "Одамони ҷовид" ба ганҷинае шабоҳат додан мумкин аст, ки дар он дурдонаҳои забони халқ гирд оварда шудаанд. Бе муҳобот Раҳим Ҷалил бо ин восита, барои бойтар гардонидани забони адабии тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Бисёр калима, ибора, ташбеҳ, истиора, мақол ва зарбулмасалҳое, ки дар забони халқ маъмуланд ба воситаи асарҳои Раҳим Ҷалил ба забони кунунии тоҷик гузаштанд, - мегӯяд Хуршеда Отахонова.

Ба эҷодиёти нависандаи сермаҳсул Раҳим Ҷалил олимони намоёни адабиётшинос Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Атахон Сайфуллоев низ бо омӯзишу пажӯҳиш назари амиқ андохтаанд. Очерки мухтасари онҳо, ки ба муносибати панҷоҳсолагии нависанда нашр гардида буд, фаъолияти эҷодии Раҳим Ҷалилро то соли 1959 фаро мегирад. Бисоти эҷодии нависанда - ҳикоятҳо, асарҳои калонҳаҷми бадеӣ бо таваҷҷӯҳи шавқмандӣ ҳамаҷониба таҳлил мешавад. Муаллифони очерки номбурда хотирнишон мекунанд:

- Дар мавриде, ки Садриддин Айнӣ таҳкурсии бинои насри реалистии тоҷикро мегузошт, Раҳим Ҷалил ҳамроҳи Ҷалол Икромӣ, Ҳаким Карим, Баҳриддин Азизӣ ба ёрии ӯ шитофта ҷидду ҷаҳд намуд, ки дар ин сохтмон чанд хиштеро бо дастони худ бигзорад. Агар дар аввалҳо Раҳим Ҷалил дар кор кардани жанри ҳикоя, хусусан ҳикояҳои ҳаҷвӣ иштирок карда бошад, баъдтар романҳои калоне навишт, ки ба муҳимтарин мавзӯъҳои ҳаёти халқи тоҷик бахшида шудаанд.

Муҳаммадҷон Шакурӣ, Атахон Сайфуллоев романи "Одамони

ҷовид"-ро ҳамаҷониба таҳлил карда аз қаҳрамонҳои асосии асар ҳикояти батафсил менамоянд, ба хусусиятҳои диққатангизи он аҳамияти махсус медиҳанд. Онҳо алоҳида таъкид мекунанд, ки зарофатнигорӣ яке аз хусусиятҳои муҳими романи "Одамони ҷовид" ва дигар асарҳои Раҳим Ҷалил ба ҳисоб меравад. Услуби зарофатнигорӣ барои саҳеҳу возеҳ ифода намудани рӯҳияи халқ ба нависанда имконияти зарурӣ додааст. Зарофатнигорӣ на фақат ба қаҳрамони намоёни асар Салимбой, балки ба қадре, ба дигар қаҳрамонҳо - Ғулом, Тухтабой, Сангинбой, Сафарбой, модари Гулрӯ Саодатбибӣ ва модари Пӯлод Фазилатбибӣ хос будааст, ки асарро хушхонтар мегардонад.

Олимон фардӣ кунонида шудани забони асари "Шӯроб"ро алоҳида қайд карда, мисоле меоваранд, ки марде аз дасти ҳамсари бетамизаш ба дод омада мегӯяд:

- Қасам ба арвоҳи падарам, ки вай зан не, сӯҳони умр, заҳри ҳалоҳил, марги муфоҷот аст... Ин кулакдухтари модарбезору падарбезор дар як соат як лак гап мезанаду ақалан ба дилам шуда, таб намебарорад.

Муҳаққиқон изҳор карданд, ки хусусиятҳои фаровон истифода кардани ибораҳои забони халқӣ, зарофатнигориҳо дар дигар асарҳои Раҳим Ҷалил, аз он ҷумла "Шӯроб"-и ӯ низ равшан мушоҳида мешавад. "Шӯроб" давоми мантиқии офаридаҳои пешинаи Раҳим Ҷалил аст. Аммо, алъон дар ин асар нависанда ба мавзӯи нав, мавзӯи синфи коргар муроҷиат мекунад. Дар адабиёти тоҷик нависандагони мо аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ низ дар асарҳояшон образи намояндагони синфи коргарро тасвир карда бошанд ҳам, вале то ҳол ба мисли "Шӯроб"-и Раҳим Ҷалил, ки маҳз тасвири зиндагиномаи коргарон мебошад, асаре навишта нашудааст.

Ҳақ ба ҷониби устод Мирзо Турсунзода, ки аз минбари анҷумани нависандагони Тоҷикистон дар хусуси арзиши ин асар гуфта буд:

- Ба ман чунин менамояд, ки Раҳим Ҷалил дар романи мазкур худро як бори дигар ҳамчун нависандаи маҳоратноки насри тоҷик нишон дода аст. Ман ба сифати хонанда завқи бисёре гирифтам. Дар хотири ман бисёр образҳои роман, ки Раҳим Ҷалил онҳоро офаридааст, абадӣ нақш бастанд. Худи ин дар бораи қимати баланди асар шаҳодат медиҳад.

Тадқиқотчиён ҷиҳати таърихии романи "Шӯроб"-ро қайд карда гуфтаанд, ки Раҳим Ҷалил манзараҳои нобасомони зиндагии заҳматкашонро дар арафаи инқилоби Октябр ба мисли суратгир зоҳиран акс накардааст. Ӯ ҳамчун ҳунарвар аз байни воқеаҳои беҳисоб, фавқулодда ва дуюминдараҷа рӯйдодҳои муҳимтарин, характернокашро интихоб карда, ба воситаи хаёли бадеии худ, аз онҳо образҳои типикӣ офаридааст, ки пеш аз ҳама ҳаракатҳои озодихоҳона, болоравии шуури синфӣ, муборизаи мақсаднок, муташаккилона ва дӯстии халқҳо, худшиносии миллӣ ба назар мерасад. Дар роман ҳаёти ангиштканони Шӯроб ба тафсил инъикос ёфта сифатҳои хоси одамони

давраи ҷамъияти тозабунёд тасвир ёфтаанд.

Баъд аз солҳои зиёд ба шахсияту эҷодиёти Раҳим Ҷалил шоири халқии Тоҷикистон, Аскар Ҳаким ҳам мароқ зоҳир мекунад. Дар "Умри наҷиби адиб" ном очерки ботафсили илмӣ-публистиаш ӯ кӯшиш ба харҷ дода аст, ки роҳи зиндагӣ, бисоти бои эҷодии нависандаро аз назари таҳқиқу таҳлил гузаронад. Ӯ чӣ тавр ба майдони адабиёт омадани Раҳим Ҷалил, чи гуна аз рӯзноманигорӣ ба ҳунари ҳикоянависӣ, ҳаҷвнигорӣ расидани ӯро воқеъбинона ба қалам дода, асарҳои калонҳаҷм "Одамони ҷовид", "Шӯроб", "Маъвои дил"-ро ҷазбмандона таҳлил менамояд. Муҳаққиқ ба китоби "Маъвои дил" ҳамчун ба асари ҳуҷҷатии пуразриш баҳо дода махсус қайд мекунад, ки "Маъвои дил" дар бораи ҳаёти илмӣ ва фарҳангии мардуми шимоли Тоҷикистон аз охири асри нуздаҳ то давраи мо маълумотҳои муфид дорад.

Камина ҳам "Маъвои дил"-и Раҳим Ҷалилро бо ҳавасмандии беш мутолиа кардаам ва онро ҳамчун маъхази қимматбаҳое дарёфтаам, ки он аз табадулоти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоии халқ, инқилоби маърифативу фарҳангӣ маводи зарурӣ медиҳад.

Хонанда дар "Маъвои дил" аз ҳаёти фоҷиавии занон дар Хуҷанди то инқилобӣ маълумоти фаровоне пайдо мекунад. Дар мисоли комбинати шоҳибофии Хуҷанд рӯйдодҳои зиндагии солимро дар ҳаёти ҳазорон занони маҳаллӣ, аз ҷумла яке аз машъалони озодрӯҳ, ливобардорони озодии занҳо Мастура Авезова огоҳ мегардад, ки дар ин бобат Абулқосим Лоҳутӣ аз забони занони хуҷандӣ хеле хуб сурудааст:

Инқилоб озодам кард,
Комбинат ободам кард.
Мактабу илми шӯро,
Комилан дилшодам кард.

Раҳим Ҷалил бо озори дил мегӯяд, ки зани тоҷик агарчанде, ки ӯро фарзандони бузургвораш дар шоҳбайтҳо ба арши аъло бардоштаанд, дар гузашта мазлумтарини зани ҷаҳон буд. Духтар аз синни нӯҳсолагӣ ҳақ надошт бе изни падару модар ва бе чодар ба кӯча барояд ва рӯй ба "номаҳрам" нишон диҳад. Духтар зан, ки шуд, канизи шавҳар мешавад ва барояш ба ҷумлаи мамнуъҳо манъҳои дигар зам мешуд, агар овозашро марди дигар ("номаҳрам") шунавад "гунаҳгори азим" ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ касе дари кӯчаро кӯбад ва дар ҳавлӣ мард набошад, ӯ чизеро ба чизе зада садо мебаровард, ки маънии ин "дар хона мард нест" буд. Зан мебоист мӯи худро ҳатто аз чашми мардони "маҳрам" пинҳон нигоҳ дорад. Сарбанди махсусе барои занон дӯхта мешуд, ки калӯта ном дошт. Ва дар қафои сар барои кокул халтачае дошт. Зан ҳамроҳи мардони хонаводааш дар сари дастархон нишаста наметавонист. Дар хона об набошад, аз ҷӯи дари кӯча ё ҳавзи маҳалла об овардан барояш ноҷоиз буд ва ӯ кӯзаро дар паси кӯча мегузошту интизори савобталабе мешуд, ки об оварда монад.

Аз забони яке аз қаҳрамонҳои асараш Иззатбибӣ Муллобоеваи ху-

ҷандӣ, нависанда қазоват мекунад. - ин чодари нанговару асорат моро то лаби гӯр мебурд ва болои тобути моро ҳам фаранҷӣ мепӯшид.

Нависандаи нозукбин ҳамаи ҷузъиёти ҳаёти иҷтимоии нобасомони занони мулкашро саррофона ба қалам дода, бо қаноатмандӣ ва рӯҳбаландона ҳаёти нави бонувони озодро тараннум менамояд, мисраъҳое, ки шоир ба Мастура Авезова ва ҳамсафони ӯ бахшида аст, ба хонанда пешкаш мекунад:

Бандаи дирӯза акнун ҳукмронӣ мекунад,
Ҳеҷро ҳар чиз кардӣ, зинда бош эй инқилоб!

Дар "Маъвои дил" Раҳим Ҷалил аз роҳи пурмашаққату хатарноки тайкардаи фаъолзанони тоҷик ба мисли Мастура Авезова, Мағфират Дадобоева нақл мекунад ва меафзояд, ки садҳо занҳои маҳаллӣ бо сарварии созмонҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, кӯмаки муассисаҳои илмӣ, тандурустӣ, маорифу фарҳанг соҳиби касбу илм шуданд, ки ин ба осонӣ ба даст наомадааст, - ин роҳе буд, ки дар он талафу қурбониҳои зиёде ҳам рух додааст.

Ҳақиқати даврони шӯравӣ собит намуд, ки собиқ занони "мулзами осию рӯсиёҳ" қодиранд, дар ҳар бобат, бо мардон баробар корнамоӣ, қаҳрамонӣ кунанд, як намунаи раднопазири ин ақида, дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо сарварии Мастура Авезова ба майдони фронт, ба ҷанговарон маводҳои пӯшокворию хӯрокворӣ расонида тавонистани ӯ мебошад...

Дар қисми дуюми китоби "Маъвои дил" нависандаи ҳамабин хонандаро бо чеҳраҳои намоёни ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла Ҳаким Карим, Қурбон Баҳлулзода, Мирзо Аюбҷонов, Ашӯрмат Назаров, Тоҷӣ Усмонов ва дигарон ҳикоят мекунанд, ки аз он кас фаровон баҳравар мегардад. Масалан, хислатҳои наҷиби зарофатгӯӣ, ҳаҷвнигор Қурбон Баҳлулзода, ки дар доираи зиёиёни кишварамон достон гаштаааст, ҳаловати хоса мебахшад.

Аз мутолиаи "Маъвои дил"-и Раҳим Ҷалил ҳар хонанда аз робитаи дӯстӣ ва рафоқати нависанда бо ходимони барҷастаи маънавиётамон Мирзо Турсунзода ва Абулқосим Лоҳутӣ маълумотҳои муфиде пайдо мекунад:

- Мирзо Турсунзода бистсола барои кор ба Хуҷанд меояд. Ӯ аввал ба хонаи дӯсташ Ҳаким Карим меравад, вале ӯро наёфта ноилоҷ ҳавлии Раҳим Ҷалилро меҷӯяд. Раҳим Ҷалил, ки бори аввал бо Турсунзода дучор мешавад, ӯро аввал намешиносад ва мефаҳмад, ки меҳмони нохонда Мирзо Турсунзода, бо хушгӯиҳои ширин ӯро ба хона даъват мекунаду мегӯяд, - ҳеҷ боке нест, ки шумо Ҳаким Каримро пайдо накардед, ана ҳамин хонаи ман - хонаи шумо, чи қадар, ки мехоҳед, дар инҷо зиндагӣ кунед...

Раҳим Ҷалил ҳуҷрае, ки ба Турсунзода ҷудо мекунад, нишон дода лутфангезӣ мекунад:

- Равоқи манзари чашми ман ошёни туст, - мегуяд, Раҳим Ҷалил. Сатри дуюмро:

- Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст, - мегӯяд Турсунзода.

Ҳамин тариқ Мирзо Турсунзода дар симои Раҳим Ҷалил дӯсти ғамхору мушфиқ меёбад. У дар Хуҷанд нафақат дӯстҳои нав пайдо мекунад ва бештар аз он, ӯ дар ин шаҳри зебо ҳамдаму ҳамқадами ҳаёташ Сабоҳатхон Низомиддиновароро меёбад, ки тамоми умри пуртуғёну бобаракаташро бо ӯ мегузаронад, ҳамроҳи ӯ меҳмонҳои бешумори дохиливу хориҷиашро, чеҳраҳои намоёни фарҳангии дунёро дар хонадонаш мепазирад, ки дар бисёр мавридҳо ман ҳам дар онҳо ҳузур доштам.

Аз ҳикояти Раҳим Ҷалил бармеояд, ки дарёфти ҳамсараш Сабоҳатхонум барои Мирзо Турсунзода ба тариқи зайл сурат мегирад.

Дар Хуҷанд ба зиммаи Мирзо Турсунзода вазифаи роҳбарии бадеии театрро мегузоранд ва ӯ бори аввал бо ҳамсари ояндаи худ дар ҳамон театр вомехӯрад. Сабоҳатхон иҷрои нақшро аз намоишномаи "Маликаи Турандод" дар ӯҳда доштааст. Вай ба саррежиссёр мегӯяд, ки бисёр ибраҳои дар матни песа буда, барояш фаҳмо нестанд. Саррежиссёр актриса Сабоҳатхонро бо Мирзо Турсунзодаи нав ба кор таъиншуда шинос мекунад. Ҳамин тариқ он ошноии хизматӣ ба ҳамқисматии абадӣ табдил меёбад.

Ҳамсари Раҳим Ҷалил Розиябону, ки бо Сабоҳатхонум ҳамкор будааст, сабаби дар байни Мирзо Турсунзодаву Раҳим Ҷалил мустаҳкамтар шудани иртиботи дӯстӣ мегардад, ки ин дилбастагӣ то охири умрашон идома дошт. Дар ин бора баъзе мактубҳои ба даст расидаи онҳо шаҳодат медиҳанд.

Дар мактубе, ки Турсунзода соли 1948-ум навиштааст, ба Раҳими азиз салом мегӯяду меафзояд:

- Туро бо мукофоти олӣ табрик менамоям, корҳои эҷодиат чӣ тавр? Ба гумонам муваффақиятнок. Маслиҳат медиҳам, ки нақши қаҳрамони асарат Гулрӯро пурқувваттар бинамо...

Дар мактуби дигаре, ки Мирзо Турсунзода соли 1949-ум ирсол кардааст, Раҳим Ҷалилро огоҳ мекунад, ки дар ҳаёти нависандагони Тоҷикистон воқеаи муҳим воқеъ мегардад, - анҷумани нависандагон баргузор мешавад ва маслиҳат медиҳад, ки Раҳим Ҷалил ба он омодагӣ бинад. Дар ин мактуб дар хусуси ба чоп тайёр кардани маҷмӯаи ҳикояҳояш ва ба Сталинобод кӯчида омадани Раҳим Ҷалил ҳам сухан меравад. Дар мактубҳои дигаре, ки Мирзо Турсунзода 12 ноябри соли 1955 ва сентябри соли 1969, ба Раҳим Ҷалил навиштааст, масъалаҳои гузаронидани конференсияи ҷавонони эҷодкор ва тайёрии гузаронидани даҳаи адабиёт ва санъати Литва ва ғайраро навишта ба дӯсташ хушгӯй мекунад:

- Раҳими азиз! Мактуб ва таълифи нави туро бо ду дасти адаб аз почта қабул карда, боиси хурсандии истеъдоди ту гардидам. Тасаввур намекунӣ дар чунин лаҳзаҳо кас гумон мебарад, ки дар биёбоне мусофири ташналаб асту қатраи обе ёфта бошад. Хонандаи азиз аз мутолиаи порчаҳо аз мактубҳои Мирзо Турсунзода ба осонӣ эҳсос

мекунад, ки муносибати дӯстонаи онҳо чӣ андоза ҳарорати баланди инсонӣ дошта аст.

Чунин мукотибаи самимӣ дар байни Раҳим Ҷалил ва байни саркардаи дигари адабиёти тоҷик Ҷалол Икромӣ низ вуҷуд дошта аст.

Дар мактубе, ки дӯсти дигари Раҳим Ҷалил Ҷалол Икромӣ навиштааст, гуфта мешавад, ки аз шунидани хабари бемории ҳамсари ӯ Розиябону огоҳ шуда, хеле афсӯс хӯрдааст... Дар мактуб аз хусуси ҳамкории нависандагони солхӯрда ҳам, ақидаронӣ шудааст. Дар мактуби дигар Ҷалол Икромӣ, ки онро аз Душанбе ноябри 1964 ирсол кардааст, дӯсташро ҳолпурсӣ мекунад, бо қаноатмандӣ аз хондани асарҳои дар матбуот чопшудаи Раҳим Ҷалил изҳори ақида менамояд.

Ғайр аз Мирзо Турсунзодаву Ҷалол Икромӣ, дигар арбобони намоёни адабиётамон - Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҳошим, Фазлиддин Муҳаммадиев ҳам бо Раҳим Ҷалил мукотибаи мунтазами дӯстона доштаанд, ки аз манзалату эътибори баланди Раҳим Ҷалил дар назди суханварони барҷастаи миллатамон шабоҳат медиҳанд.

Раҳим Ҷалил бо устоди бузурги назми форсу тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ ҳам робитаи наздики дӯстӣ доштааст, ки аз ин бобат дар "Маъвои дил"-аш онро бо шавқмандӣ тасвир мекунад:

- Лоҳутӣ бо абрешимчиёни Хуҷанд ба дараҷаи баланди қадрдонӣ робитаи дӯстиро ривоҷ дода буд, ки онҳо шоирро барои ҳалли масъалаи муҳим - давом додани сохтмони иншооташон ба Маҷлиси Садорати Комиссариати меҳнат ва мудофиа, ки сарвараш Георгий Орҷоникидзе будааст, даъват мекунанд. Соли 1930 дар он маҷлис раиси ҳукумати онвақта В. Молотов низ иштирок доштааст. Лоҳутӣ аз номи коргарони муассисаи номбурдаи Хуҷанд баромади шоирона мекунад ва дар натиҷа масъалаи маблағи зарурӣ ҷудо кардану тезонидани сохтмони кашолёфта мусбӣ ҳал мешавад. Аз ҳамон замон хуҷандиҳо ба шахсияти Лоҳутӣ ҳамчун "одами худӣ" муносибат мекунанд. Лоҳутӣ ҳам ба он шаҳр, ҳамчун фарзанди содиқаш хизмат мекунад. Суруди "Ёри хуҷандӣ" ва дигар навиштаҳои ба бонуҳои Хуҷанд бахшидаи ӯ аз дилбастагии аслии инсониаш шаҳодат медиҳанд.

Раҳим Ҷалил нақл мекунад, ки бори аввал Лоҳутӣ ба Хуҷанд бо поезд меояду ӯро дар истгоҳи Урсатевск хамроҳи сарворони шаҳр пешвоз мегиранд. Ин бори дуввум будааст, ки Раҳим Ҷалил бо Лоҳутӣ вохӯрдааст, - бори аввал дар Душанбе, бори дуюм дар Хуҷанд.

Дар роҳи Урсатевск - Хуҷанд, ки Тоҷӣ Усмон ҳам ҳамроҳ будааст, ба Лоҳутӣ мегӯяд, - шогирдашон Раҳим достони "Кремл"-и шуморо пурра аз бар кардааст ва пагоҳ дар мулоқотҳо мехонад. Лоҳутӣ бадоҳатон мегӯяд, - чаро ҳозир не?

Раҳим Ҷалил - мегӯяд, - ман ба қироати достон сар кардам, қариб бист байт хонда будам, ки Лоҳутӣ мошинро боздоронд, аз дастам гирифта аз мошин фароварда ва бо меҳри падарона маро ба оғӯш ка-

шида бӯсид, шояд аз хурсандӣ буд, ки дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Лоҳутӣ ба забон омад, - дар одамшиносиам хато накардам, соле, ки накӯст аз баҳораш падост, қувваи ҳофиза бахти баланд аст, хазинаи донишро ғанӣ мекунанд...

Раҳим Ҷалил ба хотир меоварад, ки дар меҳмонхонаи "Хуҷанд" мухлисон устод Лоҳутиро ором намегузоштанд, - яке аз ӯ шеър ё хабаре барои газета гирифтан мехост, дигаре ваъдаи ӯро дар бобати мулоқот бо коллективе гирифтан мехост, бо дигаре шеъру ҳикояҳои худро меовард, ки устод хонда ба чопашон фотиҳа диҳад. Устод барои ҳамаи ин фурсат меёфт ва шабҳо ба ҷои истиқомат аз мулоқотҳо бо кишоварзон, муаллимон, матбаачиён дер бармегашт.

Аз навиштаҳои Раҳим Ҷалил бармеояд, ки устод Лоҳутӣ бо ӯ мукотиба ҳам доштааст. Моҳи сентябри соли 1937 Лоҳутӣ дар рӯзномаи "Правда" хабареро нисбати дар Хуҷанд авҷ гирифтани хурофот ва фаранҷипӯшӣ, хонда ба хашм меояд ва мактуберо ирсол мекунад:

Рафиқи азиз Раҳим Ҷалил!

Имрӯз дар "Правда" хондам, ки духтарони комбинати абрешими Ленинобод, - ҳамон духтарони озод ва шоде, ки дида будам, боз ҳам бо фаранҷӣ мегарданд, хоҳиш мекунем ин рубоиҳоро дар рӯзномаатон дарҷ кунед.

Яке аз ин рубоиҳо чунин буданд:

Сарсабз будам, буто, зи рафтори ту ман,
Дилшод зи озодиву гуфтори ту ман.
Гӯянд, зи нав асири чодар шудай,
Шармандаву ҳайрон шудам аз кори ту ман.

Ҳамон сол баъд аз ним моҳ Лоҳутӣ боз аз Маскав ба Раҳим Ҷалил мактуби дигар менависад, ки чунин сар мешавад, - масъалаи ба парда даромадани занону духтарони озоди Тоҷикистон беандоза маро мутаассир кардааст.

Бо чунин мактубҳо доир ба масъалаҳои ҷиддии сиёсӣ маҳз ба Раҳим Ҷалил муроҷиат намудани Лоҳутӣ барин ходими барҷастаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, шоири шаҳири замона шаҳодат аз он медиҳад, ки Раҳим Ҷалил дар ҷамъият мавқеи намоён дошт ва бо амалиёти ҷамъиятии худ, каломи нависандагӣ ба тағйир додани афкори умум таъсир расонида метавонист.

Дӯсти даврони ҷавонии Раҳим Ҷалил ходими намоёни ҷамъиятӣ-давлатӣ Ибодат Раҳимовна бо эҳтироми том ёдовар мешавад, ки Раҳим Ҷалил дар маҳаллаи мо мезист, гарчанде ҷавон буд, бо хислатҳои зиракӣ, хулқу одоби хубаш ва инсондӯстиаш дар байни сокинони маҳалла зуд обрӯю эътибор пайдо кард, ба дилу дидаи мардум маъво гирифт.

- Вақте ки ӯ, - мегӯяд Ибодат Раҳимова, - ба навиштани ҳикояҳо, хусусан ҳикояҳои бахшида ба озодии занҳо, маҳкум кардани хурофот сар кард, маҳбубияташ дар байни ҷавонзанон дучанд дафзуд. Дар созмонҳои ҷавонон ба ӯ мулоқотҳои дилпазир меоростанд, со-

меъон баромадҳои ӯро бо шавқу завқи зиёд гӯш мекарданд. Раҳим Ҷалил бемуҳобот, гули сари сабади маҳфилҳои ҷавонон буд.

Ибодат Раҳимова фикрашро давом дода ҳикояте кард:

- Шоири машҳуру овозадор Абулқосим Лоҳутӣ ба Хуҷанд меояду дар хонаи Раҳим Ҷалил меҳмон мешавад. Баъд аз зиёфат ва сӯҳбатҳои тӯлонӣ меҳмон хоҳиш мекунад, ки дар растаҳои кӯча гардиш намоянд. Раҳим Ҷалил аз таърихи кӯча, касбу кори сокинони онҳо нақл мекунад. Лоҳутӣ ҳикояти дӯсташро бо диққат гӯш карда мепурсад:

- Оқои Раҳим, - бигӯед, ки ин кӯчаи бобоии шумо чӣ ном дорад? Чаро ободу ҳамвор нест?

Раҳим Ҷалил ҳозирҷавобӣ мекунад, - аз ҳамин рӯз иборат ном ин кӯча, - хиёбони ба номи Лоҳутӣ ва бо шарофати ташрифи шумо, ин кӯча, бемуҳобот яке аз маҳаллаҳои ободтарини Хуҷанд хоҳад шуд. Ҳамин тавр ҳам мешавад. Мақомотҳои дахлдор ба ифтихори бори аввал ба Хуҷанд омадани шоири забардасти форсу тоҷик, ба он кӯча номи Абулқосим Лоҳутиро мегузоранд.

Инҷо, ки аз робитаи дӯстӣ ва ҳамкории Раҳим Ҷалил бо чеҳраҳои намоёни фарҳангамон сухан ронда шуд, як мулоқоти ӯро бо устоди устодҳо Бобоҷон Ғафуров, сарфи назар карданро раво намебинам.

- Боре менависад Раҳим Ҷалил, дар ҳузури Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар Бобоҷон Ғафуров дар вақти котиби якуми Комитети Марказии ПК Тоҷикистон буданаш ба ман рӯй оварда гуфт:

- Оё дар ёдат ҳаст, ки маро чӣ қадар азоб медодӣ?

- Кай, чӣ азоб: - ҳайрон шуда пурсидам.

- Аз ёди ту шояд рафта бошад, - хандид Бобоҷон Ғафуров, аммо аз хотири ман ҳаргиз намеравад, ки дар газетаи "Бо роҳи Ленинӣ" хабарҳои маро чи қадар бераҳмона кӯтоҳ мекардӣ? Мефармудӣ, ки аз нав нависам.

- Фоида бурдед ё зарар кашидед аз он? ҷуръат намуда пурсидам.

- Агар рости гапро гӯям, фоида бурдам, - эътироф намуд ӯ, - то ҳамон вақт ман мақолаҳоро калон-калон менавиштам. "Бо роҳи Ленинӣ" ба ман мӯъҷизакориро таълим дод. Ин ҳунари ҳар кас нест. Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки Раҳим Ҷалил ба Бобоҷон Ғафуров барин шахсияти барҷаста низ ҳаққи устодӣ доштааст.

Ҳамин тавр, устод Раҳим Ҷалил дар муҳити фазлу адаб ва ҷамъият мақому манзалати намоён дошт. Ӯ нафақат дар байни мардум, - ҷамъомадҳои кишоварзон, коргарон ва маҳфилҳои эҷодӣ мунтазам суханрониҳо мекард, ӯ ҳамчун вакили мардумӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ ҳам гузоришиҳои муфид менамуд. 16 17-уми августи соли 1961-ум дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ масъалаи азнавсозии кори мактабу маориф муҳокима шуд. Вакили мардумӣ аз ҳавзаи Кулангири ноҳияи Хуҷанд ба минбар баромада гуфт:

- Ин бори дуюм аст, ки дар як муддати кӯтоҳ масъалаи соҳаи маорифро Шӯрои Олӣ муҳокима мекунад. Ман ҳамчун вакили халқ фаъ-

олияти мактабҳои Хуҷанд ва баъзе ноҳияҳои вилояти Ленинободро омӯхтаам ва дарёфтам, ки кори бисёре карда шудааст, аммо масъалаи гузаштан ба таҳсили ёздаҳсла, таълими касбӣ, дар мактабҳо сохтани устохонаҳо, таълимхонаҳои физикӣ ва химиявӣ ҳалли мусбии худро наёфтаанд, дар мактабҳои деҳот ба дараҷаи кифоя замин ва олоти кори кишоварзӣ ҷудо карда нашудаанд. Шумо медонд, ки рӯз аз рӯз илм пеш меравад, техника мураккаб мешавад, агар ҷавононро бо дониши қазоӣ мусаллаҳ накунем, ҷумҳурии мо аз талаботи замон ақиб мемонад, - мо бояд Юрий Гагарин, Герман Титовҳои худро сабзонем, - гуфт вакили халқ ва ҳамзамон адибонро даъват кард, ки бахшида ба мактабу маориф асарҳои сазовори даврон офаранд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ 16-17 декабри соли 1970 Раҳим Ҷалил ҳамчун вакили обрӯманд, аз номи Шӯрои кӯҳансолон ба рӯзномаи Сессияи Шӯрои Олӣ масъалаҳоро доир ба нақшаҳои инкишофи хоҷагии халқ, вазъияти кори муассисаҳои тандурустӣ ва ғайраро пешниҳод кард.

Моҳи марти соли 2003 дар Душанбе анҷумани 12-ҳуми нависандагони Тоҷикистон баргузор шуд. Дар он аз бурду бохти адабиётамон сухан рафт. Адиби варзида Атахон Сайфуллоев хело бамаврид, аз мактаби эҷодии насли калонсоли адабиётамон сухан ронда афзуд, ки ҳанӯз ҳам дар байни зиёиёни тоҷик ашхосе ёфт мешавад, ки аз хориҷи кишвар истода ба полези нависандагони давраи шӯравӣ тароша мепартоянд. Атахон Сайфуллоев аз нигоҳи олими адабиётшинос ба мероси адабии Раҳим Ҷалил ва дигарон баҳои баланд дода, - гуфт, ки ба эҷодиёти Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ бо назари кам нигоҳ кардан беинсофист.

Ҳақ ба ҷониби Атахон Сайфуллоев. Дар ҳақиқат хизмати Раҳим Ҷалил дар майдони инкишофи фарҳанги миллиамон хеле ва хеле бузург аст. Ӯ дар асарҳои бадеиаш як давраи пурталотуми таърхии халқашро моҳирона тасвир кардааст. Бе ҳикояҳо, романҳо, қиссаҳо, асарҳои саҳнавӣ ва тарҷумаҳои Раҳим Ҷалил давраи навини тараққиёти фарҳанги тоҷикро тасаввур кардан нашояд. Раҳим Ҷалил бо офаридаҳои барҷастаи худ дар таърихи миллатамон ҷои сазоворро ишғол кардааст.

Эй, оинахӯ, зи сина софӣ магзор,
Аз таври вафои табъи вофӣ магзор.
Як бор зи ҳар кӣ дида бошӣ эҳсон,
То зиндай, аз саъйи талофӣ магзор.

ВАФОДОРИ ВАТАН

Дар арафаи иди Наврӯзи оламоро бо нависандаи соҳибистеъдод, дорандаи ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ, инсони ҳалиму дилсӯз Абдулҳамид Самадов дар бемористон вохӯрдему аз гиру мони зиндагӣ ва воқеаҳои муҳими фарҳангамон гуфтугӯй намудем.

— Дар воқеъ, — гуфт Абдулҳамид, — ба наздикӣ ҳаштодсола-

гии устод Фотеҳ Ниёзӣ баргузор хоҳад шуд. Шумо муаллим Ниёзиро хуб медонистед, чӣ мешавад, ки хотиротатонро бахшида ба ин ҷашн менавиштед?

Гарчанде Абдулҳамид ҷарроҳии вазнинеро гузаронида, ҳанӯз аз дарду сӯзиши захмҳои қалбаш осоиш наёфта буд, ӯ содиқона аз сифатҳои инсонии устодаш Фотеҳ Ниёзӣ, саҳми вай дар парвариши як зумра қаламкашони баркамоли миллатамон, ҳиссааш дар инкишофи адабиёти тоҷик, хусусан дар жанри ҳарбию ватанпарварӣ васф мекард.

Абдулҳамидро гусел кардаму хостам баъзе тавсияҳои таъҷилии табибамро ба ҷо оварам. Аммо чӣ коре, ки мекардам, ба куҷое мерафтам, пеши назарам симои дӯсти деринаи қадрдон, наздиктарин ҳамсояи ҳамтабақу ҳамнамак, шахси дар кору зиндагӣ намунаи ибрат Фотеҳ Ниёзӣ ҷило медод. Пеш аз ҳама табассумҳои ширини ба худашон хос, қомати зебои ҷавонмардона, мӯйҳои сафедгаштаи рахшанда, чашмони нурафзои меҳрангезаш падидор мешуданд. Он касро дидан замон аз сафои эшонро баҳра нагирифтан мумкин набуд.

Устод, одати наҷибе доштанд, ҳар сари вақт наздиктарин дӯстонашро ба сари дастархон мехонданду бо лаҳҷаи самарқандӣ мегуфтанд: — Унхелӣ сӯҳбатҳои кӯчагеш намешуд, дар минбар, дар маҷлису ошхонаю чойхона дилангетон барин нишаставу дарди дил карда наметавонед, дастархони хонагӣ дигар аст. Ин ҷо гирехҳои дилҳо кушода мешаванд...

Дар сари дастархони устод Фотеҳ Ниёзӣ борҳо бо беҳтарин фарзандони миллатамон Мирзо Турсунзода, Аловуддин Баҳовуддинов, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Валаматзода, Эшонхон Нӯъмонов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ва бисёр дигарон нишастаем. Дар он ҳолатҳо на он қадар аз ҷомҳои пур аз шароби ноб, балки бештар аз асари рӯҳафзои каломи бадеъ, зарофатгӯиҳои намакин, ҳарфҳои афсунгари хирадмандон баҳраманд гаштаем.

Дар чунин ҳолатҳо Мирзо Турсунзода ошкоро мегуфтанд: — дӯстон, боз малол нашавед, мо бояд ба бародарамон Фотеҳҷон бори дигар аҳсан гӯем. Чаро? Вай ҳар бор ба ҳамаи мо намунаи дӯстиву рафоқати анъанавии аҷдодҳоямонро эҳё мекунад. Нону намаку шаробу кабоб дар ҳар хонадон ёфт мешавад, аммо чунин маҳфили хосаро фақат Фотеҳ Ниёзӣ бунёд карда метавонад, гӯем хато намешавад. Ин ҷо аён ҳис мекунед, ки дӯстонашро ҷазмандона ёд кардааст, ҳастии худро бе онҳо тасаввур карда наметавонад, мехоҳад шодиву нокомии худро бо онҳо бубинад. Зиёдтар аз он, дӯстон, гуфтаниям, ки хислатҳои аслии инсонӣ – вафодорӣ, ба иззату эҳтироми одам расидан дар ниҳоди Фотеҳҷон маскан дорад ва бесабаб нест, ки вай ба асари бузургтаринаш "Вафо" ном гузоштааст.

Бо рӯҳбаландӣ Турсунзода меафзуд: — Биёед, бародарон, то метавонем, ҳам дар эҷодиётамон, ҳам дар амалиётамон ба мисли Ниёзӣ қадри инсонро баланд бардорем, барои покизагии ахлоқи мардум, барои эҳёи ойину анъанаҳои беҳтарини аҷдодҳоямон кӯшишҳои пай дар пай ба харҷ диҳем...

Гуфтаҳои устодро ҳозирон хуш пазируфтанд. Академик Алвоуддин Баҳоваддинов "хонаи Фотеҳҷонро "дӯстхона" гӯем, хато намекунем", — гуфт. Боқӣ Раҳимзода илова намуд, ки ин ҳавлиро "кулбаи ҳамрозҳо" — гӯем ҳам мешавад, илоҳо, Фотеҳҷон, худованд моро аз шафақи дидори шумо дур накунад, ҳайрият бо ташаббусу эҳтирому ихлосмандиатон мо ин ҷо ҷамъ мешавему бо ҳам рози дил мегӯем, бухсҳои ғуншудаи қалбро мебарорем.

Дар ҳақиқат дар устод Фотеҳ Ниёзӣ доимо як хислати наҷиб, як қуввааи инсониро мушоҳида мекардем, ки онро кашиши ҷозибаи инсонпарастӣ номидан мумкин аст. Шоҳидам, ки ба хонадони вай беҳтарин фиристодагони миллатҳои гуногун розҷӯӣ меомаданд. Бо Расул Ғамзатов, Бердӣ Карбобоев, Давид Кугултинов, Қайсин Қулиев, Уйғун, Максим Танк, Сергей Смирнов, Михаил Луконин ва дигар эҷодгарони номӣ, дар ҳамин хонадон ҳамсӯҳбату ҳамтабақ шудаам.

Ҳамсоя, ки будем, устод Ниёзӣ ҳар сари вақт ба хонаамон меомаданд, сӯҳбатҳои тӯлонии дилпазир меоростанд. Ман, ки солҳои зиёд бо кори табъу нашр ҳам машғул будам, Фотеҳ-ако маслиҳатҳои муфид медоданд. Бояд махсус қайд кунам, ки ӯ ягон бор дар бораи нашри асарҳои худаш сухан оғоз намекард. Вай бештар дар хусуси зарурати нашри адибони шодравон ақида менамуд, бештар аз Абдусалом Деҳотӣ, Саидалӣ Вализода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Аширмат Назаров, Носирҷон Маъсумӣ, Муҳиддин Аминзода, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон ёдовар мешуданд.

Устод Фотеҳ Ниёзӣ гаштаю баргашта дар хусуси моҳияти нашри бисёрҷилдаи осори поягузорони адабиёти давраи навин — Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода ва дигаронро муҳокима менамуд, шахсан дар тартиб додану таҳрири бисёр китобҳо саҳми назаррасе гузошт. Вале худнамой карданро бад медид, посдори мероси бузургони гузашта буд.

Дар хотимаи сӯҳбатамон, ҳар бор, ки устод Фотеҳ Ниёзӣ хушбошӣ менамуданд, мегуфтанд: — Фаромӯш накунед, ба наздикӣ Шавкатҷон аз Москва бо меҳмонҳояшон меоянд, яъне, давоми сӯҳбат ва ҳалли чигилҳои баҳси шатранҷбозӣ дар хонаи мо. Айнан гуфтагии устод мешуд. Шавкатҷон Ниёзӣ, ки дар пайвандгариҳо, ривоҷи ҳамкориҳои дӯстонаи адибони тоҷик бо

соҳибқаламони дигар миллатҳои олам саҳми бебаҳое дорад, — ин дафъа ба хонаи акааш бо чанд нафар меҳмонҳои азиз аз хориҷ, аз ҷумла бону Жола Бадеъ, Бориқ Шафеӣ, Йордан Милев ва дигарон омад. Пазирой чун ҳамеша басо самимӣ, бо тамоми риояи меҳмоннавозии шарқ буд, ки "аёнро ҳоҷат ба баён нест". Фақат дар хусуси мулоқотҳоямон дар осоишгоҳи Вазорати матбуоту ахбори ҷумҳурӣ дар дараи Ромит андаке нақл карданиям.

Он мулоқот дар фасли дилнишини баҳорон, дар оғӯши кӯҳсори сабзпӯш дар саҳни гулбоғи дастофаридаи назаррабо сурат гирифта буд. Иштироки бону Жола Бадеъ дар он маҳфили хосаи дӯстони эҷодкор таровати дигару ҳаловати рӯҳнавозе ато намуд. Хонум Жола на фақат бо ҳусну малоҳати худ маҳфили моро мунаввар менамуданд, илова бар он лафзи шакарборашон, услуби шаҳдбори шеърхониашон ҳозиронро рӯҳбаланд менамуданд, дилгармиро ба зиндагӣ, завқмандиро ба каломи бадеъ, ба ҷаҳони сеҳрангези маънавиёт марҳамат мекарданд.

Табиист, ки ҳузури бону Жола Бадеъ дар мулоқот диққати ҳозирон, хусусан устод Фотеҳ Ниёзиро ба Эрон, ба сарнавишти он эрониёни равшанфикр, мисли Абулқосим Лоҳутӣ, Баҳром Сирус, Қосим Дайламӣ, Қозим Шефдар, Ҳасан Бежанӣ, ки аз ноилоҷӣ, ба мисли Жола Бадеъ аз ватанашон фирорӣ шудаанд, ҷалб менамуд. Ин ашхоси ташнаи набарду озодӣ дар Тоҷикистон барои фикру ақоиди худ ҷавлонгоҳи мувофиқ ёфта, дар густариши маорифи омма саҳми арзанда гузоштанд. Зиёдтар сухан аз қисмати Лоҳутӣ, саҳми бебаҳои ӯ дар инкишофи адабиёти форсу тоҷик, бунёди фарҳанг, мактабу маориф дар Тоҷикистон мерафт. Он дам Шавкат Ниёзӣ аз Жола Бадеъ хоҳиш намуд, ки хотироташро аз мулоқотҳо бо устод Лоҳутӣ нақл намояду шеъри ба ӯ бахшидаашро қироат кунад. Эҳсос мекардам, ки хоҳиши Шавқатҷон дили Жоларо ба қадре таконе дод, ки ӯ рӯҳтағйиру ҳаёзеркарда вонамуд гардид. Баъд аз сукунате Жола табассум намуда ба забон овард:

Чун ахтари шабгард дурахшидию рафтӣ,
Бар ман нигаҳе кардиву хандидию рафтӣ.
Ман сурх шудам, сӯхтам аз барқи нигоҳат,
Дар чеҳраи ман оташи дил дидию рафтӣ.
Як лаҳза шукуфтӣ чу гули тозабаҳоре,
Як умр ба ман хотира бахшидию рафтӣ.

Фотеҳ-ака бо шавқ гуфтанд: Жолабону, илоҳо хазонро набинед, ин тӯҳфаи беҳтарин аст ба ҷашни ҳафтоду панҷсолагии ман, шеъратонро гӯш карда ҷавон гаштам. Аҳсан ба шумо, хотири ҳамватани бузургатон, устоду писандидаи ҳамаи моро содиқона пос медоред.

Пас бону Жола Бадеъ хотироти пур аз меҳру эҳсони хешро аз

мулоқотҳо, равобити эҷодӣ бо Лоҳутӣ доштааш гуфтори дилангез намуду шеъре, ки Абулқосим Лоҳутӣ ба вай бахшида будааст, навозишгарона хонд, ки мо ҳама бо завқу ҳавас гӯш кардем ва ба меҳмони нозукадову булбулсадо аҳсанҳо хондем.

Фотеҳ Ниёзӣ аз инсонҳои асиле буд, ки накӯкориву инсонпарвариро ҳам мехост ва ҳам метавонист, агар лозим шавад, аз ҳама пештар дасти мадад дароз мекард. Ёд дорам, ба сари устод Сотим Улуғзода, бо сабаби тарки ватан кардани писараш, кулфати ногаҳонӣ омад. Бисёриҳо аз вай худро дар канор мегирифтанд, баъзҳо чунон тағйир ёфта буданд, ки ҳатто дар мақолаҳояшон аз навиштани номи Улуғзода меҳаросиданд. Як муддат дар рӯзномаҳо, маҷаллаҳо номи он нависандаро ёдовар намешуданд. Аз китобҳои дарсӣ ҳам асарҳои ӯро бадар карданд. Он вақт дар Москва, дар нашриёти "Советский писатель" романи "Восеъ"-и Улуғзода ба нашр тайёр шуда буду чопашро бо ақидаҳои сиёсӣ нигоҳ дошта буданд. Аз Москва сим зада пурсиданд: — Намедонем бо романи "Восеъ" чӣ кор кунем? Фикри Кумитаи Марказиатонро ба мо зуд бигӯед, чоп кунем ё накунем.

Дар ҳақиқат ҳалли масъала мушкил буд. Лозим донистам барои маслиҳат ба Кумитаи Марказӣ аввал устод Фотеҳ Ниёзиро даъват намоям. Ҳамин тавр ҳам шуд. Фотеҳ-ака бе ягон калавиш изҳор кард: — Мо бояд ҳама дар ҳимояи Улуғзода бошем, боздоштани нашри романи таърихии "Восеъ" хатои маҳз аст.

Пас ӯ ба номи бюрои Кумитаи Марказӣ номаи махсус навишта исбот намуд, ки китоби "Восеъ" яке аз бузургтарин кашфиёти бадеии миллист, арзиши баланди таърихӣ дорад, бояд зуд нашр гардида, дастраси хонандаи олам гардад. Номаи Ниёзӣ дар Кумитаи Марказӣ расман муҳокима гардид ва на фақат масъалаи нашри романи "Восеъ" ҳалли мусбати худро ёфт, илова бар он тамоми пардаи ноаёни манъкунандаи тарғиби асарҳои Сотим Улуғзода аз миён бардошта шуд. Шояд то ҳанӯз Сотим Улуғзода аз чунин саъйи ҷавонмардонаву оқилонаи Фотеҳ Ниёзӣ огоҳ набошад.

Ҷояш омад, бигӯям, ки накӯкориву қадршиносии ин инсони наҷиброн шахсан ман ҳам эҳсос кардаам. Чи тавре ки мегӯянд, "ғӯра аз ғӯра ранг мегирад". Дар маҳаллаи нависандаҳо нишаста ҳаваси навиштан дар ботини ман ҳам рӯз аз рӯз меафзуд. Дар нашрияҳои давравӣ чанд очерку ҳикояҳоям чоп шуданд. Устод, ки онҳоро бодиққат мехондаанд, дар як сафари якҷояамон коҳиданд: "Чаро навиштаҳоятонро ҷамъ оварда китоб карда намебароред?" Хулласи калом, он кас маро маҷбур намуданд, ки дастнависҳоямро ба чоп тайёр кунам. Худи устод Фотеҳ Ниёзӣ ҳамаи онҳоро хонда хайрхоҳона пешгуфторе ҳам навиштанд ва ниҳоят он китоб бо номи "Нақши хотир" соли 1987 дастраси хонандагони иззатманд гардид. Ҳамин тавр, бо далолату маслиҳату талабҳои дӯстонаи устод Фотеҳ Ниёзӣ камина ҳам ба кӯчаҳои печ дар

печи нависандагӣ афтодам ва имрӯз, дар рӯзи ҷашни муборакӣ ҳаштодсолагиашон, чун яке аз шогирдонашон номи устодро ба забон мегираму "ёдатон ба хайр, устоди меҳрубон" мегӯям.

Ҳамсоя, ки будем, медидам, ки дари киҳо доим пӯшидаву дари киҳо кушода. Дари устод Ниёзӣ ба мисли дилаш кушода буду ихлосмандон, ба мисли Лоиқ, Сорбон, Абдулҳамид Самадов, Гулназар, Ӯрун Қӯҳзод, Адаш Истад, Абдураҳмон Абдуманнонов, Иноят Насриддин ва бисьёр дигарон ба ҳолпурсии устод меомаданд. Шодравон, ҳофизи мардумӣ Одина Ҳошим низ аз азизтарин меҳмонҳои доимии Фотеҳ Ниёзӣ буд, ки дар ҳаққаш "устод инсони дилкушоду дилкушояст" гуфта буд.

Панҷ сол пеш дар ҷумҳуриямон ҳафтоду панҷсолагии устод Фотеҳ Ниёзӣ васеъ қайд шуд, ки бемуҳобот он ба иди калони маданиятамон табдил ёфта буд. Ҳамдиёрони Фотеҳ Ниёзӣ талаб намуданд, ки ҷашни вай дар Самарқанд низ баргузор шавад. Пешниҳод қабул шуд, камина ҳамроҳи ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагон Ибод Файзуллоев, шоири ҳалқии ҷумҳурӣ Лоиқ Шералӣ, шогирдони устод Гулназар, Шодӣ Ҳаниф, дастаи устодони санъат бо сарварии Ҷӯрабек Муродов, ансамбли этнографии кӯлобиҳо бо сарварии Давлатманд Холов устод Фотеҳ Ниёзиро "ёр-ёр" гӯён ба зодгоҳи азизаш расонидем.

Бемуҳобот дар Самарқанд ҷашни устод Ниёзӣ ба сатҳи басо баланд гузаронида шуд. Хурду калон фиристодагони Тоҷикистонро бо камоли эҳтиром, рӯҳбаландонаву ихлосмандии бародарона пазируфтанд. Дар ҳама хиёбонҳо шиорҳои зиёде бахшида ба дӯстии бародаронаи халқҳои ӯзбеку тоҷик, ҳамкориашон дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ – иқтисодиёт, илму фарҳанг ба мисли "хонаи ӯзбек – хонаи тоҷик", "поянда бод дӯстии халқҳои бародар", "Самарқанд – гаҳвораи маданияти тоҷику ӯзбек", "Рӯҳи Ҷомиву Навоӣ – раҳнамои мо" ва ғайра алвонҷ мехӯрданд.

Дар ҳама ҷойҳо, ҳам қабулҳои расмӣ дар кумитаҳои иҷроияи вилояту шаҳри Самарқанд, ҳам дар маҷлиси тантанавии ҷашнвора ва ҳам маҳфилҳои эҷодӣ – дар донишгоҳҳо, мактабу китобхонаҳо устод Ниёзиро басо ҷазммандона, бо шодиву қадршиносии олӣ пешвоз мегирифтанд. Аксари нотиқон хизматҳои устод Ниёзиро дар ривоҷу инкишофи дӯстии анъанавии миллатҳои ӯзбеку тоҷик қайд менамуданд, василаҳои эҷодиву дӯстии беғаразонаи ӯро бо суханварони барҷастаи Ӯзбекистон Ҳамид Олимҷон, Ғафур Ғулом, Уйғун, Комил Яшин, Шараф Рашидов, Зулфия, Мақсуд, Қориев ва дигарон гаштаю баргашта хотирнишон мекарданд. Дар навбати худ устод Фотеҳ Ниёзӣ мегуфт: "Биёед, дӯстон, дар атрофи шаҳрҳои бостонии Самарқанду Бухоро сӯҳбатбозиҳои бемавридро бас кунему кӯшиш ба харҷ диҳем, ки ин шаҳрҳо обод бошанд, боз ҳам асрҳои аср чун осорхонаи зиндаи илму фарҳанг хизмат кунанд, чун васлгари дилҳои халқҳои бародар бошанду

зиёратгоҳи арзандаи тамоми башарият мавҷуд бошанд...”

Бори дигар гуфтаниям, ки мухлисони пазмон, роҳбарияти шаҳри бостонии Самарқанд, хешовандон, дӯстону ҳамсабақони мактабии Фотеҳ Ниёзӣ эҳтирому ҳурмати меҳмонашонро ба арши аъло мебардоштанд. Дар китобхонаҳо, рафҳои мағозаҳои китобфурӯшӣ намоишу фурӯши асарҳои ӯ хуб ташкил ёфта буданд. Дар рӯзи тантана дар сайргоҳи театри ба номи Алишер Навоӣ ҳаводорони истеъдодаш ба пуштвараққои китобҳояш “Вафо”, “Димаи диловар”, “Ҳикояҳо”, “Ҳар беша гумон мабар, ки холист”, “Духтари саввум”, “Сарбозони бесилоҳ” ва ғайра соядаст мегирифтанд. Дар сафи мухлисони каломи нависанда ҳамсолон, дӯстони ҷавонӣ ва ҳамсабақҳо вомехӯрданд ва байни меҳмону онҳо сӯҳбатҳои шавқовар барпо мегардид. Ҳар кадоми онҳо ӯро бо ихлос ба хонаашон меҳмонӣ даъват мекарданду хандида зарофатгӯй мекарданд: “Боз гумон накунед, ки ин таклифи самарқандист, хоки поятонро ба чашмамон сурма мекунем”.

Чун сухан аз лутфу марҳамати устод Фотеҳ Ниёзӣ меравад, аз як чиз сарфи назар карда наметавонам. Устод дар дилашон орзуву нақшаҳои зиёд доштанд ва яке аз онҳо гузаронидани рӯзҳои Самарқанд дар пойтахти Тоҷикистон буд. Ҳамаи нақшаҳои таҷлили он маърака кашида шуда, дар мақомоти олӣ қабул шуда буд. Аммо, ҳазор афсӯс, ки устод ба ин орзуҳояшон норасида аз олам рафтанд. Дар айни амалӣ гаштани он нақшаи наҷиб вазъияти сиёсӣ-иҷтимоии ҷумҳуриамон бо суръат тезу тунд гардиду мо пайванддилони самарқандиамонро қабул карда натавонистем, ба ҷои корҳои хайру нек ба дасисаангезӣ пардохтем.

Устод Фотеҳ Ниёзӣ шахси аз ҷиҳати зоҳиру ботин зебо, инсони қавиирода, дар ҳусни гуфтору рафтор беназир, оптимисти матин буданд, ёд дорам, мегуфтанд, ки “шайтон ноумед аст, офтоби бахт ба сари миллати мо ҳам як рӯз не, як рӯз нурашро мепошад”. Мо дар тамоми ҷабҳаҳо ҷавонони нек дорем, Онҳо бояд зимоми корҳоро ба дасти худ гиранд, ободии кишвар ба саъй ва кӯшиши онҳо вобаста аст”,

Азбаски устод Фотеҳ Ниёзӣ одами нек буданд, соате ҳам ранҷ накашида, оламро падруд гуфтанд ва гӯё аз сари мизи таҳрир ба хоб рафтанд, ба хоби роҳат ва абадӣ. Аҷибаш он, ки чанд рӯз пеш аз марги он кас боду бориш буд. Рӯзи дигар якбора чунон ҳавои софу беғуборе Душанберо фаро гирифт, ки гӯё баҳор буд. Дар тамоми рӯзҳои маъракаҳои маросими он кас ҳаво офтобӣ ва инсоннавоз буд, ки ин худ нишонаи инсони бахосият будани устод аст. Беҳуда нест, ки дар хотирҳо устод Фотеҳ Ниёзӣ чун фарди муқаддасу самимӣ, марди беғаразу инсондӯст, одами шариф ва инсони комил боқӣ мондаанд. Зиҳӣ саодати ҷовидонӣ!

УСТОДИ РОСТДИЛ

Ба қарибӣ дар толори Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҳфили дилҷӯе бахшида ба садсолагии шоири намоёни халқи тоҷик Суҳайлӣ Ҷавҳаризода баргузор шуд, адибон Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Хуршеда Отахонова, Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷаб, Ҷонон Бобокалонова ва дигарон хотираҳояшонро доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Суҳайлӣ басо ҷолибу завқовар ҳикоят намуданд, камина ҳам дар он маҳфил ширкат доштам. Аксарият пешниҳод намуданд, ки ёддоштҳои имрӯз иброз шуда ба қалам оварда шаванду дар китоби алоҳида чоп шаванд, зеро ки онҳо барои абадӣ гардонидани хотираи неки Суҳайлӣ Ҷавҳаризода маводи муфиданд.

Инак, мухтасар ёддоштҳоямро бахшида ба он инсони биҳиштӣ, шоири шӯҳратёри халқамон Суҳайлӣ Ҷавҳаризода манзури хонандагони иззатманд менамоям.

Агар гӯям, ки дар солҳои чиҳилу панҷоҳуми асри бист коми суханҷӯии насли мо бо шеъри Суҳайлӣ Ҷавҳаризода бардошта шудааст, саҳв намешавад. Зеро ки он солҳо баъд аз Садриддин Айниву Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, дар қатори шоирони номӣ Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар номи ӯ вирди забони ҳамагон буд. Дар ҳақиқат Суҳайлӣ Ҷавҳаризода шоири ҷӯяндаи сермаҳсул буду дар мавзӯъҳои доғи рӯз шеърҳои гуногунжанр - граждани, бачагона, фелетонҳо меофарид. Ӯ ҳанӯз декабри соли 1941 бар зидди саркардаҳои ҷанги ҷаҳонӣ Гитлер ва Геббелс шеъри ҳаҷвӣ навишта буд:

Геббелс:

Як гап занам деҳ рухсатам,
Ташвиш макаш бар куштанам,
Зеро ки якҷо мекушанд
Фардо маро бо "Ҳазратам".

Талабаҳо ин шеъри зиддифашистиро дар мактабҳо ба тариқи тарона ҳои шарқихонӣ месуруданд. Бемуҳобот шеърҳои ба Ватан, коргар, деҳқон, хусусан занҳо ва ҷавонон бахшидаи Суҳайлӣ Ҷавҳаризода дар бунёди шуури ватанпарастӣ, меҳнатдӯстӣ, бунёди тафаккури ҷавонон таъсири амиқе гузоштаанд.

То аввалҳои солҳои 50-ум шоир Суҳайлӣ Ҷавҳаризодаро ғоибона аз эҷодиёташ, хусусан фелетонҳои намакинаш мешинохтам. Бори аввал аз наздик ӯро дар ҷашни 50-солагиаш, ки дар толори китобхонаи марказии пойтахт баргузор шуда буд, дидам, ки ӯ марди қоқинаи резаҷусса буду дар сараш тӯпии ироқии гулдор дошт.

Мирзо Турсунзода, ки ба маҳфил сарварӣ мекард, гуфт:

- Мӯҳтарам соҳибҷашни мо шоирзодаи асил ҳастанд, зеро ки эшон сабақи зиндагиву эҷодгарии шеърро аз падари бузургворашон Зуфархон Ҷавҳарӣ гирифтаанд, барои ҳамин ҳам ҳиҷосозиҳо, суханпардозиҳо ва равоннависиҳояшон аз дигарон фарқ мекунад. Суҳайлӣ шоири замони худ ҳастанд, зеро ки ягон воқаи муҳимми замони мо аз

диди нозукбини шоиронаашон беэътибор наменомад...

Нутқи миннатдории соҳибҷашн Суҳайлиро гӯш мекардаму оҳанги суруди лирикии "Оинаро", ки ба қалами Зуфархон Ҷавҳарӣ тааллуқ дошт, ман ин сурудро дар халқаи дӯстонам бо ҳаваси зиёд месароидам, ба ёдам меомаду тамоми эҳсосотамро фаро мегирифт. Ҷавонӣ ҷавонӣ аст. Шеърҳои Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва дигаронро хонда ман ҳам ҳаваси шеърнависӣ карда будам. Мавзӯъ - ҷанг дар Корея. Ба ҳимояи халқи Корея бар зидди истилогарон шеъре иншо кардаму ба рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх" фиристодам. Дере нагузашта номаеро бо имзои С. Ҷавҳаризода гирифтам. Дар ҷавоб Ҷавҳаризода аввал маро бо иқдоми шеърнависӣ табрик кардаанд, баъд навиштаанд:

- Шояд шеъратон баъдтар чоп шавад, мавзӯятон хуб, дарки масъала боз хубтар, аммо аён аст, ки иншоятон ҳанӯз ҳаваскорона аст. Маслиҳат медиҳам, ки бисёртар машқ кунед, бештар шеърҳои классикон ва хусусан шоирони муосир Лоҳутӣ ва Турсунзодаро гаштаю баргашта хонед...

Ростӣ, ки аз ҷавоби С. Ҷавҳаризода беҳад шод гаштам ва аз он як ҷаҳон сабақ гирифтам. Аз сатрҳои мактуб ҳис намудам, ки онро шахси некхоҳ, фозил, ғамхор ва бениҳоят боадаб навиштааст. Ман ӯро ғоибона дӯст доштам ва ягон шеъри дар матбуот чоп кардаашро нахонда намемондам.

Ин сифатҳои шоистаи Суҳайлиро баъдтар боз аёнтар дарк намудам. Дар Маскав бо шоир Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ҳамсабақ будам, ӯ доимо аз ҳамкориаш бо Суҳайлӣ Ҷавҳаризода нақлҳо мекарду мегуфт, - домулло Суҳайлӣ шахси бениҳоят заковатманд аст, ман асарҳои навнавиштаамро аввал ба он кас барои аз назар гузаронидан мефиристам, ҳоло устод достони "Шаби пеш аз марг" (бахшида ба Туйчӣ Эрйигитов)-ро хондаанду бо қайду эродҳояшон баргардонидаанд. Асосан достон ба устод Суҳайлӣ хеле писанд шудааст, табрик кардаанд. Устод Суҳайлӣ на фақат ба ман, балки ба дигар соҳибқаламони ҷавон низ падарона хайрхоҳ буда, дасти кӯмак дароз мекунанд.

Баъд аз хатми донишкадаи Маскав Қаҳҳорӣ ва маро ба кори ҳизбӣ дар аппарати Кумитаи Марказӣ таъин намуданд. Ин ҷо бо мо ҷияни Суҳайлӣ Ҷавҳаризода Ҳамидҷон Раҷабов ҳамкорӣ менамуд. Ӯ шахси кордон, дилёбу дидадаро будааст, бо мо унси дӯстӣ пайдо кард. Бо ташаббуси ӯ аз рӯи русуми халқӣ - ҳарифонахӯрӣ, ки ин таомулро дар ҷойҳои дигар - ошгардак, гапхӯрӣ ҳам мегӯянд, ташкил гардид. Дар гурӯҳи ҳарифонахӯрони мо Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Муҳиддин Аҳмадов, Ҳамидҷон Раҷабов камина шомил будем. Рӯзе, ки навбат ба Ҳамидҷон расид, ӯ тағояш Суҳайлӣ Ҷавҳаризодаро низ даъват кард. Акнун ман бори аввал бо шоири дӯстдоштаам дар сари як дастурхон менишастам ва бо услуби сухангӯияш, ҳаракатҳояш, муомилоти ҳалимонаи ҷозибанокаш бо ҳамтабақон аҳамият медодам. Ошхӯрию сӯҳбат дар хонаи Ҳамидҷон хеле рӯҳбаландона гузашт. Ҳозирон аз устод

Суҳайлӣ хоҳиш карданд, ки дар ошгардакҳои онҳо ҳам ширкат варзанд. Устод Суҳайлӣ гуфтанд, - пешниҳодатон ба ҷону дил қабул, вале бо шарташ.

- Кадом шарт? - пурсид касе.

- Ба он шарте, ки маро ҳам ба аъзогии ҳарифонахӯронатон қабул мефармоед ва навбати оянда, аз хонаи мо сар мешавад...

Баъд аз як ҳафта ҳарифонахӯрӣ дар хонаи устод Суҳайлӣ сурат гирифт. То омадани ҳамаи дӯстони ошхӯр, устод Суҳайлӣ дар дари дарвоза ду даст пеши бар рост истодаанд, баъд аз дари хонаашон, ки даромадем, аҳли хонадонашон бо сарварии завҷаашон - "Хуш омаданд, қадамҳояшон болои дида" гуфта навозиш менамуданд.

Ороиши дастурхони устод Суҳайлӣ батамом аз ороиши дастурхонҳои мо фарқ мекард. Дар рӯи дастурхон чиҳоро намедидед, - анвои меваҷоти беҳтарин, самбӯсаҳои варақин, ширинихои туту ангур, конфетҳои гуногунранг, нону ҷурғот ва ғайра, ки бо як нигоҳ кардан иштиҳои одамро ба авҷ меовард.

Ош ҳам аз ош фарқ мекард, зеро бӯи равғани зағир, нахӯду қароқоту зира зуд ба димоғҳо мерасид, ки даҳонҳо бемайлон об мекушоданд. Анвои шишаҳои шаробро намегӯед! Ғайр аз арақ, коняк, виноҳо боз дар машрафае мусалласи бобоӣ ҳам гузошта шуда буд.

Соҳибхона меҳмонҳоро ба гирди миз шинонданд, аммо ҳеҷ не ки худашон нишинанд. Ба рафтори устод махсус аҳамият медодам ва медидам, ки эшон мехоҳанд худашон рост истода ба меҳмонҳо хизмат кунанд, устод гоҳе рафта лаълиҷаҳои мавиз, нахудбирён, донакшӯрак, бодом, чормағз, харбузакокро бо навбат оварда бо лутфи зиёд ба назди меҳмонҳояшон мегузоштанд. Он гаҳ тасаввур мекардам, ки агар устод тавонанд дилу ҷигарашонро ҳам пора карда ба назди меҳмонҳояшон мемонданд. Ба ин дараҷа буд хислати меҳмоннавозӣ, инсондӯстӣ, қадр кардани дӯстон аз ҷониби устод Суҳайлӣ Ҷавҳаризода.

Мо бо устод Суҳайлӣ Ҷавҳаризода зиёда аз ду сол гаштакхӯрӣ кардем. Дар ин муддат аз сӯҳбатҳои сабақомӯзу мароқоварашон баҳраманд гаштем. Шахсан ман аз устод Суҳайлӣ бисёр чизҳоро омӯхтам, пеш аз ҳама ҳимматбаландӣ, риояи анъанаву русумати бобоӣ, хоксорӣ, ба ҷо оварда тавонистани иззату эҳтироми хурду калон ва ғайраро. Дар ин бобат ӯро ҳаққонӣ устоди соҳибхиради худ шумурдам. Ҳеҷ гоҳ табассумҳои ширин, зарофатгӯиҳои дилангезашон аз ёдам намеравад.

Дар бораи бузургони илму фарҳанг, арбобони ҳунар ҳам қиссаву ривоятҳои зиёде дар даҳони аҳли зиё аст, чӣ тавре ки ба унвони устодон Садриддин Айнӣ, Боқӣ Раҳимзода, Тӯҳфа Фозилова нақлҳои фаровон ҳаст. Дар ин бобат устод Суҳайлӣ истисно нестанд. Дар ҳаққи эшон ҳам нақлҳои фаровонро гуфтаанду ҳанӯз ҳам мегӯянд, ки намунаҳои беҳтарини онҳоро дар рӯзи ҷашни 100-солагиашон шунидем. Ҳамон рӯз камина ҳам чанд хӯшае ба он қиссаҳо илова кардам:

- Рӯзе ба хонаи устод Суҳайлӣ (он вақт дар Ӯротеппа зиндагӣ мекарданд) аз Маскав меҳмонони русзабон меоянд. Ӯ онҳоро қабул намуда, дар сандалӣ мешинонанд. Вақто ки ба аловгирак барои сандалӣ лахча меоранд, устод Суҳайлӣ ба меҳмон мегӯянд, - "поҷалуста, это кошка бежит, поднимите". Меҳмон дар ҳайрат монда мегӯяд, "где кошка? Чего поднимать?" Дӯсти забондони Суҳайлӣ ба меҳмон мефаҳмонад, ки ҷои ба сандалӣ оташ меандохтагиро дар ин ҷо ҷои "гурбадав" мегӯянд...

Баъд устод Суҳайлӣ дӯсти русидонашонро ба меҳмон шинос намуда, таъриф мекунанду дар фуроварди суханашон "мой товарищ очень ведро", - мегӯяд боз меҳмон дар тааҷҷуб, "Где ведро? Зачем ведро?" - мегӯяд. Дӯсти Суҳайлӣ ба меҳмон мефаҳмонад, ки дар лаҳчаи маҳаллии мо инсони хоксорро - одами фақер" мегӯянд ва сатили обгириро низ. Устод, ки нозукиҳои забони русиро намедонанд, баъзе чунин ташбеҳҳои хандаовар ҳам мекунанд.

Дар ҳақиқат аксари латифаҳои ба устод Суҳайлӣ вобаста аз дуруст кор фармуда натавонистани ибораҳои русӣ бармеоянд. Масалан, рӯзе устод ҳамкорашро дучор шуда "Здравствуйте, товарищ Нитикин" - мегӯяд. Дар ҷавоб шояд ӯ ранҷида бошад. "Здравствуйте, товарищ "Мокрайлӣ" - мегӯяд. Устод Суҳайлӣ тааҷҷубангез шӯрида "Что, я Мокрайлӣ, да?!" мегӯяд, Никитин бошад, "Что, я, Нитикин, да?!" мегӯяд. Устод Суҳайлӣ иштибоҳашро мефаҳмаду бахшиш мепурсад.

Баъд аз ин онҳо солҳои дароз ҳамчун дӯстони қарин якдигарро эҳтиром мекунанд, вале дар танҳоӣ ибораҳои "Нитикин" ва "Мокрайли"-ро ифода намуда ба завқ механдиданд. Чунин қиссаҳо дар ҳаққи устод Суҳайлӣ Ҷавҳаризода бешуморанд ва хуб мебуд, агар онҳо дар як маҷмӯа гирд оварда шаванду аз устод мероси дилангез бимонад.

Дӯстии мо бо устод Суҳайлӣ Ҷавҳаризода тӯлонӣ буд, борҳо шудааст, ки дар бемористон якҷоя худро табобат намудаем. Солҳои охир устод зуд-зуд барои табобат дар касалхона мехобиданд, эшонро захми меъда ва дигар иллатҳо азоб медод. Дарди беамон охири охирон устодро гиребонгир шуд ва диле, ки дар тарафи рости синаашон ҷойгир буд, аз задан бимонд.

Амри тақдир чунин будааст, ки тадбирҳои ташкил намудани дафни устод Суҳайлӣ ба зиммаи камина вогузор шуд. Он рӯз гарчанде рӯзи тафсони офтобӣ буд, дар сари тобути ӯ намоёнтарин зиёиён - олимон, шоирону нависандагон, ҳунарварон ва хешовандони мотамзада гирд омада буданд. Аз шаҳри Истаравшан қадрдонҳо, авлодон бо сарварии роҳбари ноҳия Исмоил Бурҳонов низ зуд расида омаданд. Ҳамсари устод, духтараш, хешовандон беист ашк мерехтанд. Мо ҷасади устодро бо рӯи кушод, ба қабристони "Сари Осиё" мебурдем, ҳар гоҳ ба рӯи устод менигаристам, медидам, ки лабҳояш майли табассум доранд, гӯё эҳсос мекард, ки дар назди халқаш, ҳамқаламонаш ва аҳли байташу хешу ақрабояш!? чӣ андоза ӯ қадру қимати бузурге

доштааст.

Марги соҳибдил ҷаҳонеро далели кулфат аст,
Шамъ чун хомӯш гардад, доғи маҳфил мешавад.

ПУШТИБОНИ ФАРҲАНГ

Ҳабдаҳуми январи соли 1971-ум, рӯзи сеюми вафоти падарам, бо дили мушаввашу озурда, хотири парешон, дар ҳолати рӯҳафтодагӣ менишастам, ки дари хона кӯфта шуд ва шахси ношиносе "шумо фалонӣ?" гуфта, мактуберо ба дастам доду шитобкорона бадар рафт. Мактубро филфавр кушода хондам. Он ҷо баъди зикри номам чунин сатрҳоро хондам. "...Аз марги қиблагоҳтон дер огоҳ гардидам, беҳад афсӯс мехӯрам. Ҳамдардии худам ва аҳли хонаводаамро нисбати вафоти падаратон баён мекунам. Падаратон аз зумраи нафароне буданд, ки хишти аввалини сохти советиро гузоштаанд. Шубҳа намекунам, ки шумо ба ин талафоти бебадал мардвор тоб меоваред. А. Қаҳҳоров".

Вазъиятам чунон буд, ки бо тезӣ муаллифи мактубро аниқ карда натавонистам. Аввал тахмин кардам, ки мактуб аз дӯсти ҳамсабақам Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ аст. Пас бо шубҳа мулоҳиза рондам: Қаҳҳорӣ – ку дар дафни падарам худаш иштирок дошт, дар гузаронидани маъракаҳо ҳамкорӣ кард... Каме ба худ омада аниқ кардам: таъзиянома аз мӯҳтарам Абдулаҳад Қаҳҳоров аст, ки ба дасти ронандааш фиристодааст.

Ҳамон солҳо бори дигар Абдулаҳад Қаҳҳоров ба воситаи телефон аз кору бор пурсон шуданд, баъзе супоришҳо доданд ва дар фаровард ғайри чашмдошт гуфтанд:

— Ин бегоҳ банд-ку нестед?

— Устод, ман дар хизмати шумоям, марҳамат, фармоед, — гуфтам дар ҷавоб.

—Ин тавр бошад, хеле хуб. Шунидам, ки Шароф-ака Муҳҳамадиев ҳафтодсола мешудаанд, биёед аз дигарон пештар ба хонаашон рафта он касро табрик кунем.

Ҳамон бегоҳӣ моро Шароф-амак ва ҳамсарашон Қӯзигулхола хушҳолу сарфароз истиқбол намуданд. Вақте Абдулаҳад Қаҳҳоров ва соҳибҷашн ҳамоғӯш шуданд, ба назар чунон менамуд, ки Шароф-амак ва Қӯзигулхола курта-курта гӯшт мегирифтанд, чашмонашон барқ барин медурахшид, дилҳояшон аз шодӣ лабрез буд. Лабҳои Шароф-амак як муддат беист меҷунбиду сухани дилхоҳашро ифода карда наметавонист ва билохир ӯ чунин гуфт: "ӯббое, ҳай-ҳай, Мулло Абдулаҳада, аҷаб коре кардед. Ману Қӯзигул кайҳо боз пазмони дидору сӯҳбатҳои ширини шумо будем".

— Аз гуноҳи мо гузаред, Шароф-ака, ки шуморо дер хабар гирифтем. Ростӣ, ки дили ман ҳам ба сӯҳбати шумо ва таомҳои беҳад болаззати Қӯзигул-апа, гум зада меистад, — гуфт Абдула-

ҳад Қаҳҳоров ва соҳибҷашнро самимона табрик намуда, ҳолпурсӣ кард.

Пас сӯҳбати ширини пирони ботадбир ва нуронӣ сар шуд.

Қаҳҳоров аввал аз дӯстони панҷакентиашон Нуралӣ Розиқов, Дӯсталӣ Алиев, Ҷумъабой Комилов, Мӯсоқул Икромов, Яҳё Аминов, Мулло Эсо ва дигарон ёдовар шуданд. Сонӣ, лаҳзаҳои ҳамкориашонро дар ҷавонӣ-давраи пеш аз ҷанг, солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъд аз баъзе саҳифаҳои рангин ёддоштҳои ҷавонӣ зарофатгӯй шуд. Шароф-амак ширинкорона рӯй гардонда, луқма партофт: — Шумо Мулло Абдулаҳад, ҳоло ҳам шӯхиҳоятонро намепартоед. Ҳардуяшон маънидор механдиданд, он чунон бо завқ механдиданд, ки аз чашмҳояшон ашк ҷорӣ мешуд.

Баъд бобҳои зиндагии солҳои ҷанг "варақгардон" шуданд. Сухан аз вазъияти вазнинтарини рӯзгори мардум дар он солҳои мудҳиш, мушкилиҳои кори колхозҳо мерафт, ҳикоятҳо аз он рӯзҳое, ки мардум фарқи шабу рӯзро гум карда буданд, тамоми бисоташонро ба эҳтиёҷи фронт, барои ғалаба аз болои душмани ғаддор – фашизми гитлерӣ равона мекарданд, рафт. Маълум шуд, ки А. Қаҳҳоров соли 1938 ба Панҷакент омада, дар комитети комсомолӣ кор кардааст. Сипас дар комитети партиявии ноҳия-мудири шӯъбаи тарғиботу ташвиқот буд. Соли 1942 ноҳияи Колхозчиён ташкил мешавад. А. Қаҳҳоров котиби якуми комитети партиявии райони навташкил интихоб мегардад. Он солҳо А. Қаҳҳоров бо мардуми зиёде ошно шуда, то охири умр бо онҳо дӯстӣ дошт.

— Ҳоло ҳам Шароф-ака, он рӯзҳо ба хотирам оянд, хоб аз сарам мепарад. Рӯзе ба қишлоқи Амондара рафтам, ки кампире пеши роҳамро гирифт ва гуфт: Шумоя райкоми мо мегӯянд, рост?

— Рост, модар.

— Муйсафедам мурд. Ду рӯз боз кафан мекобам, намеёбам, гӯед чӣ кор кунем? Чӣ рӯзҳое буданд, — гуфт Абдулаҳад Қаҳҳоров сарашро хам намуда.

Шароф-амак ҳам хотироти ҳузновари дигари он рӯзҳоро ба ёд оварда, илова намуд, ки душвориҳо тоқатшикан буданд, аммо аз насли мо ҳеҷ кас рӯҳан шикаста нашуда буд:

— Ёд доред, Мулло Абдулаҳад, — ҳамон солҳо нақшаҳои сохтани каналҳои дашти Марғедар, дашти Малла ва Косатарошро мекашидем, корезҳои Тӯқсанкорез ва иншоотҳои дигар таъмир шуда буданд. Ҳеҷ гоҳ ноумед нашуда будем, ғами ояндаро мехӯрдем.

— Ман аз шумо, Мулло Шароф бисёр чизҳоро омӯхта будам, ҷавон, ки будам таҷриба камтар буд, гуфт Қаҳҳоров бо ҳисси миннатдорӣ.

Ман борҳо дар сӯҳбати ин ду марди хирадманди ҳамдарду ҳаммаслак ва бародарони ҷонӣ иштирок доштам. Аз онҳо сабақи

зиндагӣ омӯхтаам ва то зиндаам фаромӯш нахоҳам кард. Аз ёди хайри ин ду накӯкор кайҳо хотироте навиштанӣ будам, вале камҷуръатӣ мекардам. Фақат ба наздикӣ ҷиддӣ ба сари ин мақсад расидам, ки ба ин кор Наимабону, духтари хурдии Абдулаҳад Қаҳҳоров майловарам намуд. Бо ӯ дар маъракаи олими соҳибистеъдод Аълохон Афсаҳзод ҳамнишин шудем. Наимабону баъд аз ҳолпурсии самимӣ ба ман чунин гуфт:

— Муаллим, шумо падарамро хуб медонистед. Он кас ҳам ба шумо меҳри падарона доштанд, борҳо ҳамсафар будед, чи мешуд, ки оид ба он кас хотироте менавиштед.

— Ташаккур, Наимабону, дар ин хусус ҳатман фикр мекунам, — гуфтам ман дар ҷавобу беихтиёр ба хаёли дуру дароз афтодам.

Рӯзи дигар бо зарурате ба Ленинобод парвоз намудам. Он ҷо баъд аз иҷрои супоришҳои расмӣ бо дӯсти деринаам Аминҷон Расулов дучор шудам. Ӯ маро дар боғи ботаникии шаҳр, ки дар соҳили дарёи Сир, дар мавзеи салқину дилрабо воқеъ гардидааст, меҳмондорӣ кард... Ман ӯро ба муносибати шастсолагиаш аз номи дӯстони душанбегиаш – Низорамоҳ Зарифова, Ибодат Раҳимова, Рауф Додобоев ва дигарон табрику муборакбод гуфтам. Тӯҳфаи фиристодаи онҳоро супурдам. Аминҷон Расулов бениҳоят сарфароз шуд. Филфавр ба Душанбе телефон кард, ки ба "апаҳо", яъне ба Н. Зарифова ва И. Раҳимова миннатдориашро расонад... Баъд ӯ бо ҷадал аз мизи кориаш ким-кадом як ҳуҷҷатро меҷуст.

— Ана, хайрият, ки ёфтам. Ина хонед, муаллим, гуфта Аминҷон ба ман як папкаи сурхмуқоваро дароз кард.

Папкаи муқовасурх мактуби табрикии Абдулаҳад Қаҳҳоров ба унвони соҳибҷашн А. Ф. Расулов будааст. Мактуб пур аз суханони самимии рӯҳафзову панду ҳикмат буд. Вақто ки ман номаи А. Қаҳҳоровро мехондам. Дӯстам аз рӯи ман чашм намеканд. Ман бошам ба андеша ғӯта задам, хомӯшона онро мехондам, сухани муносиб меҷустам, ки ин сукунатро худи соҳибҷашн шикаст:

— Ҳар кас ба қадри инсон расида наметавонад. Охир ман кистам, ки ба унвони ман ин қадар суханҳои дилсӯзонаву падарона эҳсон доштанд. Гӯед, чӣ хел ман ба ин некиҳои Абдулаҳад Қаҳҳорович ҷавоб диҳам? Аминҷон аввал хеле ба ваҷд омад. Пас ӯ каме оромтар шуду аз дастгириҳо ва маслиҳатҳои оқилонаи А. Қаҳҳоров барои ҳарчи зудтар ободу зебо гардидани шаҳрҳои Қурғонтеппа ва Ленинобод нақли тӯлоние кард. А. Ф. Расулов дар шаҳрҳои номбурда солҳои зиёд вазифаи раиси комиҷроияи советҳои депутатҳои меҳнаткашонро ба ӯҳда дошт ва хеле фидокорона хизмат кард.

Вақтҳои гуногун сифати фаросати баланду накӯкориҳои А. Қаҳҳоровро на фақат дар Ленинобод, балки дар Қаротегин — аз

забони Тӯйчӣ Олимов, Наим Одина, дар Бадахшон — аз Худоназар Мамадназаров, Хушқадам Давлатқадамов, дар водии Вахш аз Розиқ Раҳмонов, Сироҷиддин Исоев, Усмон Мӯминов, Ҷалолиддин Муҳаммадов, дар Файзобод ва Мирзохоҷа Шоев, дар Кӯлоб – аз Ҳаким Бобоев, дар Душанбе аз Мирзо Бобоев, Л. П. Қандинов, Абдусамад Шарифов, дар қишлоқи Кулолии райони Панҷакент — аз Нуралии Розиқ ва даҳҳо дигарон борҳо шунидаам.

Сабаби асосии обрумандии эшон дар он аст, ки А. Қаҳҳоров аз зуҳуроти мағрурӣ, ҳавобаландӣ, муҳимтараш маҳалчигӣ орӣбуд. Вай инсони некро қатъи назар аз ҷои таваллуди ӯ, кӣ будани элу авлодаш эҳтиром мекард.

Дар Ленинобод нақлҳои А. Ф. Расуловро дар бораи сифатҳои инсонии А. Қаҳҳоров бо диққат гӯш мекардаму бе ягон риёкорӣ дастгирӣ мекардам, зеро хусусиятҳои хуби услуби роҳбарии А. Қаҳҳоровро худам ҳам солҳое, ки дар Панҷакент вазифаи раиси комиҷроияи районро ба зима доштам, баръало мушоҳида мекардам.

— Аминҷон –ако, ин эҳсоси шуморо ман ба хубӣ мефаҳмам. Фаромӯш накунед, ки ман ҳам шумо барин як вақтҳо раиси комиҷроия будам ва бо Абдулаҳад Қаҳҳоров – раиси Ҳукумати республика зуд-зуд корафтода мешудам. Ана гӯш кунед:

— Бори аввал ба сифати раиси комиҷроия ба қабули он кас рафтаму аз кору бор, иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ – гӯшт, пашм, шир, ғалла, тамоку, мева, шолӣ, вазъияти саноати район нақл карда додам, баъд чанд масъалаҳои ҳалталабро пешниҳод кардам. А. Қаҳҳоров нақли маро бо диққат гӯш карданду – "бисёр хуб" гуфта андаке ба хаёл рафтанд. Сипас мулойим карда гуфтанд:

— Агар каме танқид кунам, хафа намешавед?

— Чаро, ба чашм – гуфта гӯё ҳозирҷавобӣ кардам.

— Шумо дар бораи иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ нағз ахбор додед, ин бад нест. Аммо шумо дар он ҷо сарвари Ҳукумати Советӣ ҳастед, аҳволи халқ чӣ хел аст, ин нақшаҳо бо кадом азобу машаққат иҷро мешаванд, дараҷаи зиндагӣ, ҳолати хизмати тиббӣ, кори мактабу маориф, маданият чӣ тавр аст, ягон даҳон гап назадед. Нақшаҳои истеҳсолиро колхозу совхозҳо бе ману шумо ҳам вазифадоранд, ки иҷро кунанд. Аммо масъалаҳои иҷтимоӣ – таъминоти моддиву маънавии халқ, сохтмони манзилгоҳҳо, ободии шаҳру деҳаҳо бе дахолати ҳаррӯзаи шӯрои шаҳрӣ, шӯроҳои қишлоқ ҳал намешаванд... Инро ҳеҷ гоҳ набояд аз хотир бароварад.

Пас ӯ маслиҳатҳои муфиди дигарро низ доду диққати раиси ҷавонро ба ҳатман обод нигоҳ доштани мақбараи устод Рӯдакӣ, музеи одамушшуаро вай дар шаҳри Панҷакент ҷалб намуд.

— Ёд доред, — гуфт А. Қаҳҳоров, — соли 1958-ум ба Панҷрӯд киҳо омада буданд?

— Н. Тихонов, Р. Ғамзатов, М. Иброҳимов, Гурбахш Сингх (Ҳиндустон), Мао Дун (Хитой) ва дигар арбобони бузургтарини тамаддуни олам.

Онҳо ба Панҷакент на барои он омада буданд, ки шумо нақшаҳои истеҳсолиро иҷро карда будед. Онҳо ба зиёрати зодгоҳи Рӯдакии бузург, сардафтари адабиёти форсу тоҷик, ки хушбахтона дар райони шумост, омада буданд. Инро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед.

Ин аввалин сӯҳбати расмии А. Қаҳҳоров бо ман буд, ки солҳо дар лавҳаи хотирам мондааст.

А. Қаҳҳоров ба Панҷакент, мардуми онҷо меҳри махсус дошт, зеро солҳои зиёди ҷавонӣ дар онҷо хизмати зиёде кардааст, барои инкишофи иқтисодиёту маданияти он сарзамин заҳмат кашидааст. Аз ин сабаб ӯро дар шаҳру қишлоққо бо некӣ сифат мекунанд. Ба ҳамин наздикӣ дар ҳамон сарзамин нисбат ба А. Қаҳҳоров боз чанд нақлҳои ибратангезро шунидам. Дар Панҷакент, Колхозчиён, Кулолӣ, Моғиён, Ёрӣ ва Амондара дар рафти сӯҳбатҳои тӯлонӣ фаъолони калонсол номи Абдулаҳад Қаҳҳоровро тез-тез ба некӣ ба забон мегиранд. Ин дафъа рӯзи яхшанбеи моҳи июли соли 1988 дар гулбоғи "Қосимобод" бо дӯстони дерин – Салим Бобоев, Сергей Дмитриевич Одинаев, Раҳимдод Каримов, Султонмурод Шодиев маҳфили хосае доштем. Аз гузаштагон, аввалин роҳбарони партиявию советӣ, ки барои ободии Колхозчиён хизмат кардаанд, сухан мерафт, номи Қаҳҳоров, ки ба забон омад, Раҳимдод Каримов ҷилави гапро ба ихтиёри худ гирифта, нақли аҷибе кард:

— Соли 1944, замони вазнинтарини ҷанг А. Қаҳҳоров дар собиқ райони Колхозчиён котиби якуми комитети партиявӣ шуда кор мекард, — гуфта, нақлашро сар кард Раҳимдод, ки худаш он солҳо дар комитети комсомолии район котиб будааст. – Дар айни авҷи кишту кори баҳорӣ Р. Каримовро ба қишлоқи Мӯсобозори совети қишлоқи Фароб вакили райком таъин мекунанд. Аз мушоҳидаи вакили райком маълум мешавад, ки дар Мусобозор касе бо кори колхозӣ машғул нест: Ҷуфтҳои гов дар оғилҳо бекор, колхозчиҳо бо гаштакхӯрӣ, тӯйгардӣ, бозоргардӣ овора, барои кишт кардан дар анбор тухмӣ нест. Раиси колхоз С. Норматов бошад, ба меҳмонгардиву кайфу сафо овораву парвои кори колхозро надорад...

Бо маслиҳати вакили райком аъзоёни комсомоли он колхоз ҳафт нафар ҷамъ мешаванд. Дар он ҷамъомад вазъияти корро муҳокима мекунанд ва ба хулоса меоянд, ки маҷлиси колхозро даъват намуда, масъалаи иваз кардани раисро ҳал кунанд. Чунин ҳам мекунанд. Бо ташаббуси комсомолон дар маҷлис вазъ-

ияти корро тасфон муҳокима карда, раисро аз вазифааш озод мекунанд ва ба ҷои вай ҷавони боғайрат ва бомасъулият Ҳамроевро раис интихоб мекунанд. Раиси кӯҳна С. Норматов, ки дар район пушту паноҳи зиёде дошт, бошитоб рафта, аз болои комсомолҳо арз мекунад. Ин хабар ба котиби якуми райком А. Қаҳҳоров ҳам мерасад, ки ӯ бюрои райкомро даъват мекунад. Дар бюро баҳсу мунозираи зиёде мешавад. Тарафдорони раиси кӯҳна оташин шуда, таклиф мекунанд, ки ба Р. Каримов барои бе розигии райком аз вазифа озод намудани раиси колхоз ҷазои ҷиддӣ дода шавад.

— Дар ҳақиқат, — гуфта суханашро давом медод Р. Каримов, — ман ва комсомолҳои колхози Мӯсобозор чунин ваколатро надоштем. Мо низомномаи ҷиддии ҳизбиро худсарона ва дағалона вайрон карда будем... Барои ҳамин ҳам дар бюро ба як қарори аниқ омадан мушкил буд. Дар чунин вазъияти нотакрору ногувор котиби якуми райком ба зуддӣ ақидаи худро изҳор намекард, муҳокимаи масъаларо бошуурона кашол медод. Охири охирон ӯ аз ҷояш хест ва ба хотимаи муҳокимаи масъала дахолат намуд: "Бешубҳа, ҳақанд рафиқоне, ки дар хусуси дағалона вайрон кардани услуби аз вазифааш озод намудани Норматов сухан ронданд. Мо метавонем қарори маҷлисро ҳозир бекор кунем. Чунин ҳуқуқ дорем. Аммо, баъд аз андешаи дуру дароз ман мехостам, ки аъзоёни бюро ба ин масъала аз дигар паҳлӯ низ нигоҳ кунанд... Рафтори комсомолон ба фоидаи кор аст ё ба зиёни кор? Раис Норматов сазовори дастгирии райком аст ё не? Мо ба ин масъала рӯякӣ ва яктарафа назар карда наметавонем. Ба фикрам, вазъият чунин қарорро тақозо мекунад, ки мо ташаббуси комсомолҳо ва ҷавононро дастгирӣ кунем ва Ҳамроевро ба ҷои Норматов раис тасдиқ кунем, — гуфта, суханашро хотима дод А. Қаҳҳоров. Ин воқеа рӯзи дигар дар район паҳн шуда, боиси дар пеши назари мардум боз ҳам баландтар гардидани обрӯи комсомол гардид, Тамоми комсомолҳою ҷавонон аз А. Қаҳҳоров миннатдор буданд, ки ӯ ба онҳо эътиқоди баланд дорад, — чунин одам буд А. Қаҳҳоров, — гуфта маънидор ба рӯи мо нигоҳ кард Р. Каримов.

Ин нақли шоҳиди зинда аз оқиливу мавқеи аёну бемайлони партиявияти А. Қаҳҳоров шаҳодат медиҳад. Дар ҳақиқат ӯ ба ҷавонон эътиқоди том дошт.

Чаро ба ҳамин ҷиҳати услуби кори А. Қаҳҳоров мо махсус ишора кардем? Гуфтанием, ки ҳам дар солҳои шахсиятпарастӣ, бюрократӣ – маъмурӣ ҳам дар солҳои карахтиву бесарусомонӣ ба монанди Қаҳҳоров як зумра қадрҳои соҳибистеъдод ва масъулиятшинос дар ҳама ноҳияҳои ватанамон буданд, ки ғами фардоро мехӯрданд, дар вазъиятҳои нотакрори нодир бори гарони масъулияти шахсиро бошуурона ба дӯши худ мегирифтанд.

Ин ҷо, ки сухан аз муносибати А. Қаҳҳоров ба ҷавонон рафт,

беихтиёр як лаҳзаи ҳамсафариамон ба кишвари басо дур – Канада, соли 1967 ба ёдам меояд. Як шабонарӯзи он мусофирати хотирафрӯз ба зиёрати яке аз мӯъҷизаҳои дунё – Шаршараи Ниагар ва хусусан манораи баландтарин, ки аз болояш тамоми штати Нию-Ёрки ШМА менамояд, бахшида шуда буд. Ҳамон бегоҳӣ аксари ҳамсафаронамон, — аз ҷумла И. Раҳимова, М. Осимӣ, А. Махсумов, Ҳ. Мавлонова, М. Собирова, Ш. Муллоҷонова, М. Муравин ва дигарон, ки аз кӯфти гашту гузори роҳи хеле зиёде беҳад монда шуда буданд, ба сардори ҳайати вакилони тоҷик А. Қаҳҳоров изҳор намуданд: "Раис, моро аз таоми шом озод кунед, ки бе муболиға мадори хӯрокхӯрӣ надорем, ба катҳо, ки расидем, дигар хестанамон амри маҳол аст". Раис дар ҷавоб гуфт: — "Вазъиятатон то ба ин дараҷа расида бошад, ман чӣ мегӯям, шабатон ба хайр, пагоҳ программаамон аз имрӯза ҳам вазнинтар аст". Аксари ҳамдиёрон хушбошӣ карда рафтанд. Баъд аз фурсате пешхизмати меҳмонхонаи "Таронто" дар ҳуҷраи сардори ҳайати вакилони мо дастархони махсуси пур аз нозу неъматҳои барои мо ғайри урфӣ – банан, ананас ва дигар меваҳое, ки бо ибораи халқӣ, ғайр аз "шири мурғу ҷони одам" дигар ҳама чиз муҳайё буд, густурд, ки инро расми меҳмоннавозии он ҷо тақозо мекардааст...

Кор, ки чунин ранг гирифт, А. Қаҳҳоров ба воситаи телефон моро наздашон даъват карда маслиҳатомез пурсиданд: Ин кори мизбононро бинед, Мулло Холмурод, чӣ кор мекунем? Худаш ҷавоб дод – Рад кунем, беҳурматӣ мешавад. Бигузор калонсолҳо дам гиранд... Ҷӯрабек ва Маҳмудҷонро даъват кунед, биёянд. Онҳо ҷавонони пурғайрат, ҳанӯз монда намешаванд ва ҳатто қодир ҳастанд, ки мондагии моро бароранд. Каме аз ин хӯрокворихо, меваҳо – банан, ананас ба апаатон Ибодатхон фиристед, ки гурусна хоб накунанд", — гуфта раис нақшаашонро ба ман фаҳмонданд, ки амалӣ гардид.

Тақрибан соатҳои даҳи шаб дар ҳуҷраи А. Қаҳҳоров, чор ҳамватан-соҳибхона, Ҷӯрабек Муродов, Маҳмудҷон Воҳидов ва камина сари дастархон нишаста, бо иштиҳо шомхӯриро сар кардем. Соҳибхона бо табассуми ба худ хос гулӯ афшонда, маҳин гуфт: — Шумоёнро нороҳат-ку накардем? Ғурусна хоб нараветон гуфта, ба ин қарор омадем, ки таомро бо ҳам бинем. Боз кай чунин фурсат пайдо мешавад, ки ба сӯҳбати якдигар ва хусусан шумоён ҷавонони умедбахшамон мушарраф шавем.

Дар ҷавоб Ҷӯрабек гуфт: "Устод, моро шарм надоронед, барои мо ба шумо барин одам нишастан, панд омӯхтан бахти бузург аст". Гуфти ӯро Маҳмудҷон бо хондани ин байт қувват дод:

Азми дидори ту дорад ҷони бар лаб омада,
Гӯ: барояд ё дарояд, чист фармони шумо?

Чунин оҳанги самимӣ пайдо кардани оғози сӯҳбат мақоли

“соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост”-ро ба хотир меовард.

Он шаб аз таомҳои басе пурлаззат ва шаробҳои гуногунтоифаи ғарбӣ сӯҳбати ҷамшедӣ авҷ гирифт. Сӯҳбату лафзи шакарбори пири ботадбир, инсони хирадманд Абдулаҳад Қаҳҳоров бо ҷавонони саодатманд, ки онҳо дар ҳалқаи заррини панди пири оқилу доно буданд, он лаҳзаҳо мубодилаи афкори тарафайн мисли шири сафеди пӯхта дам мезад. Қадаҳҳои аввалин, ки ҷӯшида шуданд, Маҳмудҷон чанд мисраъро аз хазинаи Ҷалолиддини Румӣ ба ҳамсӯҳбатон тӯҳфаи аввал намуд:

Дило, назди касе биншин, ки аз дилҳо хабар дорад,
Ба зери он дарахте рав, ки ӯ гулҳои тар дорад.
Ба ин бозори атторон марав ҳарсӯ чу бекорон.
Ба дӯкони касе биншин, ки дар дӯкон шакар дорад.

А. Қаҳҳоров табассум карда, каме ба андеша рафт. Баъд ба унвони Маҳмудҷон Воҳидов кадаҳи арзанде гуфт: “биёед, дӯстон, барои истеъдоди нотакрори Маҳмудҷон, дили ҳассосу нозуки вай, барои пешрафти эҷодиёташ як чуръаи дигар нӯшем”.

Маҳмудҷон, ки аён рӯҳбаланду сархуш буд, ба Ҷӯрабек дарафтод: “Ҷӯрабек, то ба кай хомӯш менишинӣ, охир туям ягон гап зан. Мо боз кай ба чунин сӯҳбатҳо мерасем? Кай фалак моро ба ин баландӣ мерасонад?”

— Ба чашм, ба чашм Маҳмудҷон, — гуфта, Ҷӯрабек, филфавр хесту рафта аз ҳуҷрааш торашро овард ва онро ҷӯр карда аввал “Суруди Рӯдакӣ”-ро ба авҷи аъло расонд. Ӯ, ки паи ҳам ва булбулосо ғазалсароӣ мекард, мо ҳама гӯё як тан ба ҳушу гӯш табдил меёфтем. Ҳамин, ки Ҷӯрабек сурудашро ба охир расонд, А. Қаҳҳоров аз ҷояш хест ва аз пешонии Ҷӯрабек падарвор бӯсид ва таклиф намуд, ки як қадаҳӣ ба шарафи Мулло Ҷӯрабек нӯшида шавад. Шаробҳо нӯшида шуданд ва соҳибхона илова намуд: “Ҷӯрабек овозашро бояд ҳатман эҳтиёт кунад. Ҷӯрабек, Маҳмудҷон, Малика баринҳо аҳён-аҳён пайдо мешаванд. Бояд донед, ки истеъдоди нотакрори шумо танҳо шахсан ба худи шумо мансуб нест, ин сарвати миллӣ аст. Ин масъулиятро ҳар лаҳза шахси соҳибистеъдод ӯҳдадор аст, ки ҳис кунад. Ӯ аз қисмати бади чанд ҳунарманди азхудрафтаву бетамиз мисолҳо овард, ки онҳоро хулқи бадашон нобуд кардааст.

Бояд ошкоро гӯям, ки ҳеҷ гоҳ А. Қаҳҳоровро ба монанди он шаб рӯҳбаланду чеҳракушод надида будам. Шеър мехонд, оҳангеро замзама мекард. Ҳам “меҳмонҳо” ҳам соҳибхона ба дараҷае қаноатманд буданд, ки сӯҳбаташон ба ибораи халқӣ “қаймоқ гирифта буд”. Ҳам Ҷӯрабек, ҳам Маҳмудҷон чунон нотакрор ҳунарнамоӣ мекарданд, ки гӯё садои овози онҳо аз чашмаҳои софи кӯҳи сарбаланди тоҷик фаввора мезаданд. Шояд эътирофи дунёи дигар ҳам онҳоро ба ваҷд оварда буд. Гарчанде бемаҳал буд, касе аз мо хастагиашро ҳис намекард ва касе аз сокинони дигари

меҳмонхона ҳам аз мо шикоят намекард. Беихтиёр ин байт ба забонам омад:

Ҳаббазо базме, к-аз ӯ ҳар дам дигаргун зеваре,
Осмон бар оламе бандад, замин бар кишваре.

Байтхонии маро ба мушоҳида гирифта, Маҳмудҷон партофта монд:

Шаб рафту ҳадиси мо ба поён нарасид,
Шабро чӣ гунаҳ ҳадиси мо буд дароз.

Ин байтҳо моро аз олами воло ба замин фаровард. Тарки сӯҳбат воҷиб шуд. Соатҳои сеи шаб ба роҳрав баромадем, дидем, ки чанд нафар аз ҳамсояҳо сигорҳо дар лаб бо мароқ овозхонии Ҷӯрабек ва шеъргӯии Маҳмудҷонро гӯш мекунанд. Онҳо моро дида "браво, браво" гуфтанд.

Абдулаҳад Қаҳҳоров дар республика аз зумраи роҳбароне буд, ки дар кори наҷиби инкишофи маданият, адабиёту санъат ба Бобоҷон Ғафуров хуб пайравӣ мекард. Вай нозуктарин масъалаҳои ин соҳаро дарк менамуд, дар хусуси муҳайё намудани шароити кору зиндагии ҳунармандон ғамхорӣ мекард, бо бисёр арбобони намоёни адабиёту санъат робитаи бевосита дӯстиву дилбастагии содиқона дошт. Бо Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ ва дигарон зуд-зуд вохӯрда, бо онҳо роҷеъ ба рӯйдодҳои адабӣ мубодилаи афкор мекард, доимо аз ҳолу аҳволашон бохабар буд. Мо борҳо бо ӯ ҳамроҳ ба хонаи истироҳати адибон дар Варзоб ба аёдати Мирзо Турсунзода рафтаем. Солҳои зиёд, ки дар дастгоҳи КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон бо Ибодат Раҳимова якҷоя кор мекардем, дар мавриди дучорӣ бо проблемаҳои гуногуни ҳалталаб оид ба маданият ӯ чунин мегуфт: "Ин масъаларо раис худашон ҳал мекунанд, биёед бо он кас маслиҳат кунем!"

Ин бесабаб набуд. Абдулаҳад Қаҳҳоров ба қадри заҳмати қаламкаш, ҳунарпешаҳои соҳаҳои санъати театрӣ, мусиқӣ, рассомӣ, кино ва ғайра мерасид. Ин хислати неки ӯро берун аз Тоҷикистон ҳам медонистанд...

Соли 1969 барои ҳалли масъалаҳои гузаронидани даҳаи адабиёту санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистони бародарӣ ба Тошканд рафтам. Он ҷо дар иҳотаи дӯстони тошкандиам – Саид Шермуҳаммадов, Ғайниддин Наҷимов, Мақсуд Қориев, Сироҷиддин Камолиддинов ва дигарон сӯҳбати хосае доштем, ки ғайри чашмдошт академик Воҳид Зоҳидов аз ман пурсид:

— Ин Абдулаҳад Қаҳҳоровтон чӣ хел одам аст, дӯстам Холмурод?

— Чӣ хел одам мешуд? Одами хуб аст, аммо шумо устод чаро чунин суол кардед, гуфтам ман тааҷҷубангез. Мо ҳеҷ бадиашро надидаем.

— Барои он, ки дӯстам, фикри шуморо донистан мехостам. Дар Ӯзбекистон А. Қаҳҳоровро бисёртар дӯст медоранд ва қадр мекунанд. Аз Комил Ёрматов, Мухтор Ашрафӣ, дигарон сифатҳои хуби зиёиёна ва инсонии ӯро шунидаам, ки мегӯянд басо нозукгуфтору фозил аст.

— Дар ин бобат онҳо ҳеҷ хато накардаанд. Абдулаҳад Қаҳҳоров каси хушторлиф аст. асарҳои зиёди публисистӣ ва сафарномаҳо дорад. Шумо устод очеркҳои публисистии ӯро оид ба эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ва дигар бузургон хондагистед? – пурсидам ман.

— Хондам, хондам, ки чунин савол додам, — гуфта хандид академик.

-Дар хусуси фазилату дунёбохабарии А. Қаҳҳоров шубҳа накунед устод, гуфтам, агар вай соҳибистеъдод намебуд, ӯро соли 1958-ум Раиси Комитети Ҷашни 1100-солагии чунин бузургвор – Рӯдакӣ таъин намекарданд, гарчанде ӯ Раиси Госплан буду бо адабиёт сару коре надошт. Он лаҳза ба академик Зоҳидов аз нозукбаёнии Абдулаҳад Қаҳҳоров нақл мекардаму нозукрафториҳои он марди ширинхулқ ба лавҳаи хотирам меомад...

Як бегоҳӣ дар театри академикии ба номи Лоҳутӣ шабнишиние доир ба даҳаи адабиёти Белорусия дар Тоҷикистон баргузор шуда буд. А. Қаҳҳоров ҳамаи ҳайъати вакилони Белорусияро самимона пазирой намуд, хайра мақдам гуфт. Дар президиуми он маҷлиси ботантана, дар паҳлӯи Абдулаҳад Қаҳҳоров шоираи номдори Белорусия Евдокия Лос менишаст. Чунин вазъияте буд, ки А. Қаҳҳоров имкони бо сухан хурсанд кардани шоираи ҳампаҳлӯяшро надошт. Аз ин сабаб, ӯ чунин кори ғайри чашмдошт, аммо хеле мардонаю шоиронае кард: Аз ҷебакаш кордчаеро бароварду аз гулдони дар пешаш будагӣ як навдачаи гули сурхи шукуфони садбаргро бурида ба ҳамсояаш тақдим намуд. Аз чунин иқдом Евдокия Лос чунон ба ваҷд омада буд, ки қариб сурхии рӯяш ба сурхии гули садбарги тақдим гардида ҳамранг шуд. Ин таассуроташро шоираи Белорусия дар шеъраш "Мард гул тақдим мекунад", ки ба А. Қаҳҳоров бахшида шудааст, басо нозук тасвир кардааст. Аммо Лос шояд дар тасвири қаҳрамони лирикиаш пурра мусаллаҳ набуд. Рӯзи дигар ӯ ба ман гуфт:

— Ин мард гарчанде шоир нест, аммо дили булӯрини шоирона дорад.

Ҷоиз аст зоҳир намоям, ки нафақат Евдокия Лос, балки бисёриҳо дар Тоҷикистон низ аз шуғли шоирии А. Қаҳҳоров, истеъдоди ғании вай бехабаранд. А. Қаҳҳоров бо тахаллуси хоксорона – Туробӣ шеър мегуфт, шеърҳои баландғояи гражданӣ мегуфт, ки таърихи иншо шудани яке аз онҳоро ба маълумоти хонандаи азиз расониданиям.

Дар ҳамон сафари номбурда – ба Канада, шояд дар зери

таассуроти хониши тўлонии Ҷўрабек дар ошёнаи 20-уми меҳмонхонаи "Торонто" бошад, Абдулаҳад Қаҳҳоров шеъри тозае навишта буд, ки ҳамон рўз он шеърро ба ман дод, ки фикрамро гўям. Шеърро хондаму ба Осимӣ низ нишон додам, ӯ хонда шеъри хуб, раис ин хел қалами хуб доштаанд, — гуфту ба ман баргардонд, ки ин ҷо аз он шеър чанд сатрҳои ҳанӯз ҳам дар хотирам бударо ба хонандаи азиз манзур карданиям:

Ҳофизо, хон ту суруди Ватанам,
То ки осуда шавад ҷону танам.
Гарчи аз хоки азизаш дурам,
Дар назар ҷилвагар аст он чаманам!

Шеърро ба муаллиф барнагардондаму ба ҷебаки Ҳанифабону Мавлонова гузоштам. Ҳамин, ки ба Душанбе баргаштем, Зиёдулло Шаҳидӣ ба ин шеър оҳанги муносиб иншо намуд. Ҳанӯз ҳам ин суруд бо матни Туробӣ дар репертуари Артисткаи халқии СССР Ҳанифабону Мавлонова, ки яке аз беҳтарин овозхонони касбии советист, ҷои махсусеро ишғол мекунад. Нозукбаёнӣ ва нозукаёнии Абдулаҳад Қаҳҳоров нафақат дар табъи латифи вай, шеъргўияш, тасавуроти комил доштани ӯ аз ҷаҳони маънавӣ-адабиёт, шаклҳои гуногуни санъати нафиса ифода мегардид, балки бештар аз он дар муносибаташ нисбат ба инсон, ҳисси нотакрори ғамхорӣ, меҳрубонӣ, пуштибонӣ нисбат ба ҳунар зоҳир мегардид.

Сазовор аст, махсус қайд кунем, ки ӯ ҳамчун падар ҳам ба дигарон намунаи ибрат буд. Фарзандонашро дар рўҳи меҳнатдўстӣ, фозилӣ, ботамизӣ, инсонпарастӣ тарбия мекард ва меҳри онҳоро дар мағз андар мағзи дилу ҷигараш мепарварид. Ёд дорам, тирамоҳи соли 1968 Абдулаҳад Қаҳҳоров маро ба назди худ даъват намуду аз кору бору ҳолу аҳволам пурсону ҷўён шуд. Пас маънидор ба андешае рафту ба ман бо чунин суол мурочиат кард:

— Мулло Холмурод, шумо Орифшоро нағз мешиносед? Медонам, бо ӯ ба Афғонистон ҳамсафар ҳам будед?

Аз қиёфаи ӯ мушоҳида намудам, ки ин ҷо сирре ҳаст ва худамро ба нодонӣ андохта гуфтам:

— Магар ӯ ягон рафтори носазо кардааст?

— Не, ин тавр не, вай ба духтарам Наима талабгор шудааст... Ин ҷо медонед, — давом дод суханашро А. Қаҳҳоров, — гап аз қисмати фарзанд меравад, барои ҳамин бо шумо маслиҳат карданӣ шудам.

А. Қаҳҳоров марде буд, ки дар асл, ботинан ба фарзандонаш ҷонфидо, ғамхор буд, ки ин сифати беҳамтояшро ӯ амалан исбот кардааст...

Моҳи феврали соли 1984 марди бардаму саломат духтари бемораш Назираро дар беморхона хабаргирӣ меравад ва аз вазъияти бади ӯ, гирифтории вай бо дарди бедавою беамон огоҳ

гардида, маъюсу мутаассир, дилшикаста ба хонааш бармегардаду худи ҳамон шаб аҷал гиребонашро мегирад. Акнун дар болои лаҳади ӯ чунин навишта шудааст:

АБДУЛАҲАД ҚАҲҲОРОВ

$$19\frac{17}{4}\text{—}13\text{—}19\frac{12}{2}84$$

Чунин дили булӯрин, нозуку ҳассос дошт Абдулаҳад Қаҳҳоров. Дили ӯ на фақат ба фарзандони худаш месӯхт. Марсияи навиштаи ӯ ба марги як деҳқони оддӣ Нуралӣ Розиқ ҳанӯз ҳам, ки ёдаш кунам, аз чашмонам ашк меравад.

Ҳар падар мехоҳад ба фарзандонаш, ки давоми умри ӯянд, меросҳо гузорад. Яке қасру хонаю ҷои боҳашамат, дигаре боғу роғи бузург, сеюмин зарру зевару молу мулк, мошинҳои сабукрав. Аксар вақт чунин меросҳо, ки онҳо баъзан бо роҳҳои фиреб ҳам ғун шудаанд, на боиси хушбахтӣ, балки сабаби бадбахтии фарзандон ва дилхунукию кашокашиҳои тӯлонӣ барои мерос мегарданд. Мисоли зиёди ин ҳодисаҳоро дар зиндагӣ бисёр дидаем.

Абдулаҳад Қаҳҳоров ҳам ба фарзандону хешовандонаш ва халқаш мероси ғание гузоштааст. Ин мерос, мероси қимматтарин аст, ин мерос аввало номи неки ӯст, ин мерос каломи шакарбори ӯст, корҳои пурсамари ӯст дар инкишофи иқтисодиёт, илм ва маданияти кишвараш, ки ба ҷон барбар дӯсташ медошт, зеро худи вай яке аз сазовортарин фарзандони содиқи халқи азизаш буд. Кошкӣ дигарон ҳам ба фарзандонашон чунин мерос мегузоштанд. Фирдавсии бузургвор гӯё дар шаъни ӯ гуфтааст:

Ки яздони некидиҳаш ёр бод,
Бадандешу бадгӯи ӯ хор бод!

Аз гуфтаҳои мо дар боло ба хонандаи азиз фикри ғалате пайдо нашавад, ки А. Қаҳҳоров фақат шахси ҳалим, меҳрубон ва ба ҳама як хел раҳмдил буд. Ҳаргиз! Дар мавридаш, дар майдони кор вай принсипнокии олӣ, маҳорати наҷиби кордонӣ, истеъдоди ҷустан ва ёфтани қарори дурусти масъалаҳоро нишон медод, ки инро солҳои зиёд дар маҷлисҳои ҳукумат, бюроҳои Комитети Марказии ПК Тоҷикистон ва хусусан дар рӯзҳои ҳамкорӣ дар бартараф намудани хатари дарёи Зарафшон аз наздик мушоҳида намудаам. Солҳои бесарусомонӣ дар КМ Тоҷикистон ду бюро буд –як хоҷагии қишлоқ. Ман дар бюрои дуюм аъзо будам, ки шодравон Ҷаббор Расулов маро ба ҷои фалокати Зарафшон фиристод ва гуфт: "Он ҷо А. Қаҳҳоров ва В. Е. Новичков ҳам мераванд. Ту ба масъалаҳои кори сиёсӣ-идеологӣ, таъмини шароити кори зиндагии одамон машғул шав. Он ҷо аз марказ журналистони зиёде низ омадаанд, бо онҳо мулоқот намо, ба корашон ёрдам

кун". Ҳамон вақт Чингиз Айтматов чун мухбири газетаи "Правда" низ омада буд, ки як репортажи лирикии хубе бо номи "Зарафшон, Зарафшон таслим шав" навишта буд. Онро аз саҳифаҳои "Правда" мардум бо мароқи калон хонда буданд. Оҳанги мақола дилҳоро таскин медод.

Аз он ҳамсафарии дирӯза дар соҳили Зарафшон бо яке аз устодони бузурги каломи бадеъ Чингиз Айтматов хотироти равшане боқӣ мондааст, ки дар мулоқотҳо дар Фрунзе, Москва бо шавқ ёдовар мешавем.

Ҳамон рӯзҳои серташвишу пурхатар дар чанд штаб ҷамъомадҳои ғайриоддии таъҷилие, ки А. Қаххоров бо якҷоягии В. Е. Новичков ва ҷонишини раиси Совети Вазирони СССР Новиков мегузаронд, иштирок доштам. Дар он "штаб"-ҳо роҳбарони ташкилотҳои маҳаллӣ Сиддиқ Зарифов, Маҳмудҷон Назаров, Ёрмурод Ғиёсов ва дигарон иштирок мекарданд, ахборот медоданд. А. Қаххоров вазъиятро таҳлил намуда, бо қиёфаи нотакрори матин ва басе ҷиддӣ, ҳолдонона масъала мегузошт. Ӯ зуд таклифҳои муфидро қабул мекард ва таклифҳои бемулоҳизаро рад менамуд ва нақшаҳои заруриро ба пеши аҳли маҷлис мегузошт. Боре дар фароварди суханаш чунин гуфт:

— Рафиқон, донед, ки чашму гӯшу ҳуши на фақат мардуми шӯравӣ, балки диққати тамоми олам имрӯзҳо ба ҷониби мост,— ки аз дасти мо чӣ кор меояд? Зеро тақдири миллионҳо одамон ва шаҳрҳои бостонӣ, ифтихори маданияти олам Самарқанд, Бухоро, Панҷакент дар зери хатар аст. Касоне, ки ба кашолкорӣ ва бемасъулиятӣ роҳ додаанд, ҳатман ҷазояшонро мегиранд, аммо хизмати фидокорон ройгон намеравад, онҳо сазоворанд, ки тақдир карда шаванд. Имрӯз, рафиқон, ҳамаамон чун як тану як ҷон барои бартараф кардани хатари Зарафшон омода ҳастем. Корро ҳам рӯзона, ҳам шабона дар рӯшноии машъалҳо бояд ташкил кунем. Касе, ки ба ин усули муҳориба барои бартараф намудани фалокати азим дар кишвари мо қодир нест, ҳозир метавонад, ки биравад.

Он рӯзҳои дар ҳаққиқат қаҳрамонӣ А. Қаххоров иҷрои супоришҳояшро шахсан худаш ва ба воситаи шахсони эътимодноктарин месанҷид.

Дар хотима изҳор карданиям, ки дилбастагӣ ва садоқати инсонии ман ба А. Қаххоров тасодуфан, яку якбора бунёд нашудааст. Солҳои 1955-1957 дар Москва таҳсил мекардем. А. Қаххоров дар курси махсуси такмили ихтисоси кадрҳои роҳбарикунандаи назди КМ КПСС мехонд. Он ҷо моён чанде аз шунавандагони тоҷик – Ҳ. Ҳ. Солеҳбоев, М. Р. Рустамов, С. Ҷумъаев, А. Қаххорӣ, Қ. Ҳасанов, Х. А. Алиев, Ш. Нуриддинов, С. Ӯрунов ва дигарон, ки шунавандаҳои мактаби олии партиявии назди КМ КПСС будем, "шанбегиҳо" гузаронида, дар атрофи палави тоҷикӣ ва дастархо-

ни хоксоронаи талабагӣ, сӯҳбатҳои дилпазир меоростем. Нишастҳо басо хуш мегузаштанд: шеъргӯй, сурудхонӣ, зарофатгӯй, ширинкориҳои анъанавии халқамонро ба ҷо меовардем, ки зафъи дилҳоро мебароварданд, рӯҳбаландамон мекарданд.

Рӯзе "гунаҳгор"-и чунин шанбегии анъанавӣ ман будам. Дӯстони медонистагӣ бо ташаббуси худашон ба ҳуҷраам, ба рӯзи таваллудам ҷамъ омаданд. Касе аз дӯстон Абдулаҳад Қаххоровро низ хабар карда будааст, ки вай аз дар даромаду "мо чӣ гуноҳ доштем, ки ба зиёфат хабар накардед" гуфта, маро оғӯш намуда табрик гуфт. Палави анъанавӣ, газакҳо, нӯшокиҳо аллакай рӯи дастарҳон буданд. Таклиф шуд, ки А. Қаххоров "маъракаро"-и кунанд. Ӯ ба ҷои нутқи урфии дилбазан як қиссаи халқиро нақл кард: "Марде, — гуфт вай, — панҷ писар дошт, ҳис мекард, ки рӯзҳои умраш ба шуморанд. Писаронашро наздаш даъват кард, ки васияте кунад. Аммо ӯ ба ҷои суханҳои дуру дароз ба дасти писари калониаш ҷорӯберо дод, ки онро аз мобайнаш ду тақсим кунад. Писар ҳарчанд зӯр зад натавонист. Ҷорӯбро писари дуюм ва сеюм ҳам шикаста натавонистанд. Пас писари хурдӣ онро гирифту аввал бандашро кушод, баъд навдаҳои ҷорӯбро якто-якто ба осонӣ шикаста партофтан гирифт.

—Офарин писарам, — гуфт пирамарду аз писарони бузургаш пурсид, ки чаро ҷорӯбро шикаста натавонистанд? Онҳо дар сукут буданд, ки худи падар ҷавоб дод: — Шумо ҷорӯбро барои он шикаста натавонистед, ки навдаҳояш якҷо ва муттаҳид буданд. Вақте ки банди муттаҳидии онҳо кушода шуда, қувваи иттиҳод аз байн рафт, онҳо ба осонӣ шикаста шуданд... Шумоён ҳам, писаронам, агар муттаҳид бошед, ҳеҷ кас шумоёнро мағлуб карда наметавонад... Ман ин қиссаро барои чӣ гуфтам? Мебинам, ба ҳуҷраи дӯсти ҷавонамон вакилони республикаҳои бародарӣ – РСФСР, Украина, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, ҳатто аз хориҷа Чавдар Добреви булғорӣ низ ҳастанд. Тавоноӣ, шикастнопазирии мо дар муттаҳидӣ, дар ягонагии мост. Ман даъват мекунам, ки дар рӯзи таваллуди дӯсти ҳамаамон бо ҳамин нияти якдиливу якоилагии халқамон як чуръа шароби тоҷикӣ бинӯшем, гуфта суханашро тамом намуд Абдулаҳад Қаххоров, ки истеъдоди баланди хушмуомилагӣ ва хосияти муттаҳиднамоии одамонро дӯст медошт:

Зиндаю ҷовид монд ҳаркӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

МАРДИ ДАРЁДИЛ

Рӯзи истироҳат, гашти пешинӣ дар рӯи ҳавлиамон кӯдакон ғарқи бозӣ буданд. Онҳо тӯбзанӣ мекарданд: якеашон дарвозабон, дигарҳояшон ҳуҷумкунанда, боз нисфашон мудофиачӣ, капитан ва ғайра. Онҳо ба тарзи худашон тӯб меронданд... Ҳамон дам писарбачаи нисбатан калонсолтаре бо иддао ва дағалона набераи нависанда Фазлиддин Муҳаммадиевро "эй Мирзоча, агар натавонӣ, гурез аз майдон, халал нарасон", гуфта таҳқир намуд.

Нависанда, ки бо завқ аз тиреза бозии бачаҳоро тамошо мекард, фавран берун омад ва писаракро наздаш хонда гуфт: "Ту, писарам, аз дигар бачаҳо калонсолӣ, бояд одоби муомиларо риоя кунӣ. Ин як. Дуюм ин, ки дигар ба ин бача "Мирзоча" гуфта муомила накун. Магар ту намедонӣ, ки ба шарафи Мирзо Турсунзода ба ӯ Мирзо ном додаанд. Баъд, ҷӯра, кӯдакон агар бозиро нағз надонанд, ту ба онҳо ёд те, дилшонро гарм кун, шавқашонро ба бозӣ бедор намо, фаҳмидӣ?"

— Фаҳмидам, амак, "биё, Мирзоҷон, бозӣ кун", — гуфта, писарбача аз паси тӯб давид ва дигар минбаъд вай Мирзо – набераи Фазлиддин Муҳаммадиев ва бачаҳои ҳамбозиашро дашном намедод, бо эҳтиром номашонро мегирифт.

Ман ин лаҳзаро барои он ба хотир овардам, ки бигӯям: Фазлиддин Муҳаммадиев инсони дорои тамизи олӣ буд. Ин сифати вай ҳар чӣ зиёдтар дар муомилаҳои ӯ нисбат ба устодонаш зоҳир мегардид. Вай номҳои Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзода ва дигаронро бо эҳтиром ба забон мегирифт. Аммо ӯ ба Мирзо Турсунзода ихлоси хосе дошт, доимо номи ӯро ҳамчун номи табаррук, номи мураббӣ, шахси фидокори миллат ба забон мегирифт, бесабаб номи набераи аввалини худро бо эҳтироми бепоён Мирзо нагузошта буд.

Лаҳзаи дигар низ ҳеҷ аз хотирам намеравад: яке аз шогирдони Мирзо Турсунзода сахтгирии ӯро нисбат ба эҷодиёту фаъолияти худ таҳаммул карда натавониста, аз болои устод ариза навишт. Ин шикоят дар маҷлиси фирқавии нависандаҳо домонадор муҳокима гардид. Бисёриҳо гап заданд. Ягон кас шикоятчиро тарафдорӣ накард. Ҳама бо нафрат бӯҳтонҳои шикоятчиро ботил баровардаанд. Аммо аксарият худ ба худ савол медод: "Чист мӯҷиби ин бӯҳтону ҳасад? Охир маҳз устод ин шахсро аз кӯчаи гумномӣ ба майдони шӯҳрат оварда буд-ку?. Касе ба саволи худ ҷавоби аниқ дода наметавонист. Ба назари ман аз ҳама зиёдтар Фазлиддин сӯхтаву пухта сухан ронда буд. Вай фикри Лоиқро дар хусуси нотавонбинии муаллифи ариза дастгирӣ намуда, гуфта буд:

— Ҷӯра, ин рафтору кирдорат танҳо аз нотавонбинию бахилии туст. Мо медонем, Мирзо – муаллим аз ҳама бештар ба ту некӣ

кардааст. Ту фақат бо як чиз муросо карда наметавонӣ – бо шӯҳрати Мирзо Турсунзода, гӯё ин шӯҳрат пеши роҳи туро мегирифта бошад. Дар таомули мардони майдон як одати нақшбе ҳаст: марде, ки ба қуллаи баланд баромаданӣ мешаваду барои то ба боло баромадан зӯраш нарасад, мардвор иқрор мешавад, ки зӯраш нарасид, қоилу таслим мешавад. Ту ҳам Турсунзода шуда натавонистӣ. Тан додан лозим, на бадгӯй кардан. Фаромӯш накун, ки ҷаври устод беҳ аз меҳри падар гуфтаанд. Инро набояд аз хотир баровард. Ин кӯрнамакиҳо мағзи ҷони касро месӯзад. Кӯрнамак-кӣ? Эҷодкор!

Фазлиддин эҳтироми волои худро нисбат ба устодаш солҳои сол ҳам дар рафтор ва ҳам дар гуфтор зоҳир менамуду бо ӯ ҳамфикр ва дӯст буд, гарчанде яке нозим буду дигаре носир. Мирзо Турсунзода барои Фазлиддин Муҳаммадиев пеш аз ҳама устоди маънавӣ буд, идеали зиндагӣ буд. Агар ӯ имрӯзҳо зинда мебуд, ба мисли Қутбӣ Киром шарафи каломи оташбори Мирзо Турсунзодаро аз маломатҳои ғаразноки ҳасадхӯронаш ҳимоя мекард. Охир ҳимояи номи пок ва шарафи Мирзо Турсунзода аз каждумҳои зери бӯрё, ки акнун аз таги ҷаллу ҷулҳо берун баромаданд, ҳимояи миллати тоҷик аст.

Ин сатрҳоро дар хусуси ихлосмандии Фазлиддин Муҳаммадиев ба Мирзо Турсунзода менависаму сафари якҷояи мо бо ӯ дар Қирғизистон, ки соли 1976 сурат гирифта буд, ба хотирам меояд. Он вақт Даҳаи адабиёту санъати Тоҷикистон дар Қирғизистони бародарӣ мегузашт. Диққати маро як чиз ҷалб менамуд, ки Фазлиддин дар ҷой-ҷояш номи устодаш Мирзо Турсунзодаро чун рамзи маданияти тоҷик, чун ифодагари нектарин орзую омоли халқаш ба забон мегирифт.

Ёд дорам, ки дар яке аз мулоқотҳои адабӣ сухан роҷеъ ба эҷодиёти Чингиз Айтматов мерафт. Ба Фазлиддин ҳам сухан доданд. Ӯ ба унвони дӯсташ ва ҳамқаламаш, ки ҳамсабақи собиқи ӯ буд, метавонист ақидаи худашро гӯяд. Бар замми ин Фазлиддин Муҳаммадиев шахсе буд, ки нахустин бор повести Чингиз Айтматов "Алвидоъ, Гулсарӣ"-ро ба тоҷикӣ гардонда, ин номро ба мардуми мо шиносонда буд. Аммо вай оид ба Чингиз гуфтаҳои Мирзо Турсунзодаро такрор намуд:

— Ман нисбат ба дӯстам Чингиз Айтматов беҳтар аз устод Мирзо Турсунзода гуфта наметавонам, — изҳор кард Фазлиддину афзуд: — устод хеле хуб ва образнок гуфтаанд: Замоне сипоҳсолори муғулҳо – Чингизхон нисфи оламро забт карда буд. Ӯ бо оташу шамшер кишварҳоро гузашта, фақат харобаҳоро боқӣ мегузошт, ки онҳо макони зоғону лошахӯрон мегаштанд. Ба кадом манзиле, ки лашкари чингизӣ қадам мениҳод, он ҷоро фақат тарсу ваҳму ҳаросу бим, андӯҳу ашкони резон пахш мекард. Барои ҳамин ҳам ӯ дар таърих чун Чингизи хунхор, чун Чингизи

ғаддору истилогар сабт шуд. Ҳанӯз ҳам, оламиён номи ин ғоратгари хуношомро бо кароҳият ба забон мегиранд. Ба бахти мо, Чингизи ҳамзамони мо бо он Чингиз ҳеҷ монандие надорад. Ин Чингиз ними оламро не, тамоми дунёро тобеъ ва забт намудааст, тамоми сайёраро давр задааст, аммо на бо лашкар, балки бо сухани худ, бо қалами худ, бо китобҳои худ, бо кинофилмҳои худ, зеро онҳо ба халқҳо паёми некӣ, дӯстӣ, садоқати инсонӣ меоваранд. Чунин гуфта буд устоди мо Мирзо Турсунзода дар ҳаққи бародари ҳамаамон Чингиз Тӯрақулович Айтматов. — гуфта нутқашро тамом кард он дам Фазлиддин Муҳаммадиев. Албатта, ӯ метавонист, ки худро баробари франсузҳо аз аввалин кошифони истеъдоди Чингиз Айтматов муаррифӣ кунад. Ба ин ҳақ ҳам дошт. Аммо ниҳояти хоксории вай ҳамоно ӯро тарк накард.

Пас аз оғози расми кушоди даҳаи маданияти тоҷик дар шаҳри Фрунзе ходимони адабиёту санъати мо ба чанд гурӯҳи калон тақсим шуда, ба шаҳру ноҳия ва вилоятҳо рафтанд, ки бо меҳнаткашон мулоқотҳои эҷодӣ намоянд.

Мусофирати вилояти Норини баландкӯҳ, ки бо Хитой ҳамсарҳад аст, насиби мо гашта буд. Ба гурӯҳи эҷодии мо аз адибон Фазлиддин Муҳаммадиев, Гулчеҳра Сулаймонова, Лоиқ Шералӣ, ноширону киноматографистон – Сайфулло Пӯлодов, Шодӣ Саидов, ҳунарпешаҳои шӯҳратманди ансамбли "Гулшан" ва дигарон дохил буданд. Сарпарастии ин гурӯҳи эҷодӣ ба зиммаи ман ва академик Муҳаммад Осимӣ гузошта шуда буд.

Ин ҷо ман аз ҳамсафарии инсони наҷиб шодравон Фазлиддин Муҳаммадиев изҳори ақида карданияму бас.

Дар он сафар "корвон"-и мо бо роҳҳои печ дар печи ноҳияҳои Қӯчкор, Отбошӣ, Тиёншон мегузашт. Аз ҷониби қирғизҳо моро Ҷумагул Нусупова – ходими намоёни ҷамъиятии Қирғизистон, Қаракеев Курман Маракеевич – Президенти Академияи илмҳои ҶСС Қирғизистон ва нависандаю мунаққиди намоёни Қирғизистон Тендик Аскаров роҳбаладӣ мекарданд. Онҳо барои завқовар, муфид ва хуш гузаштани сафари эҷодии мо кӯшишҳои зиёде ба харҷ медоданд.

Дар ин "корвон"-и эҷодии мо ҳар ҳунарманд мақоми худро дошт, саҳми Фазлиддини дилбеқарор бо гуфтору рафтори бофазилаташ, синчакорияш, зарофатгӯиҳояш, тамизу одоби баландаш мақоми хосе дошт.

Аввалин ноҳияе, ки моро истиқбол намуд, ноҳияи Қуҷқор буд. Дар хусуси он мулоқотҳо филмҳо гирифта шудаанд, хотираҳо навишта шудаанд. Худи Фазлиддин Муҳаммадиев низ бо номи "Мо нориниён" сафарномаашро навишта, чоп карда буд. Ман ин ҷо фақат аз таассуроти аввалини Фазлиддин Муҳаммадиев гуфтаниям. Якумин манзиле, ки ба он ҷо моро даъват намуданд, ин каппаи қирғизӣ буд. Аксари меҳмонҳо як-як ба каппа даромада

баромаданд. Он ҷо қазӣ хӯрданд, қимиз нӯшиданд, садои қомуси қирғизиро шунида, баъд бепарво сайру гашт мекарданд. Аммо рафтори Фазлиддин Муҳаммадиев дигар буд. Ҳамин, ки ҳамроҳ аз каппа баромадем, вай маро каме боз дошта, ором, аммо бо ҳаяҷон гуфт:

— Ака, ин каппаашон чизи беҳуда набудааст-ку. Ман бори аввал инро мебинам. Дидед, ки онро чӣ тавр оқилона месохтаанд, чӣ гуна бо ҳавасу бомаҳорат оро медодаанд. Дар хусуси каппа мо хато мекардем, он фақат сарпаноҳ набудааст, фикри ман батамом дигар шуд. Барои мардуми молдору кӯчманчӣ ин беҳтарин ихтироъ будааст, о ин маданият будааст, анъана будааст, равед, ки ҳунар будааст, — гуфт нависандаи ҷӯянда.

— Ҳар ҷое, ки мерафтем, дигарон саргарми хӯрдани каллаву почаи пухтагии қирғизӣ, дигар таомҳои миллӣ мешуданд. Аммо Фазлиддин рафтори дигар дошт. Вай ба ҳама чиз аҳамият медод: мепурсид, ки бо кӣ гуфтугӯй дорад, он ҷо киҳо зиндагӣ мекунанд, анъанаву ойини зисту зиндагиашон аз дигарон чӣ фарқ дорад ва ғайра. Чунин хислати писандидаи ин нависанда дар ҳама лаҳзаҳои он мусофират айён зоҳир мегардид.

Масалан, ҳамин ки ба сӯи шаҳри Норин роҳсипор шудем, вай Тендик Аскаровро саволборон кард: Норин – чӣ маъно дорад? Агар аз мафҳуми "нор" бошад, вай чанд маъно дорад, дар мо "нор" маънои оташ, анор, шутурро ҳам ифода мекунад... гуфт худи саволдиҳанда.

— Ман дар ин мавзӯъ ҳеҷ фикр накардаам, — гуфт Тендик Аскарову афзуд – ин хел саволҳо фақат ба каллаи ту, Фазлиддин меоянд, дар ин хусус ҳанӯз фикр накардаам. Ҳаминашро гуфта метавонам, ки таоми машҳуру болаззати хамирини "Норин"-ро, ки дар Тошканду дигар ҷойҳо хеле таомулист – дар ҳамин вилоят аввал пухтаанд, ихтирои мардуми ҳамин кишвар аст...

Корвони дӯстии моро дар ҳар куҷо бо нону намак, гулу гулдастаҳои тару тоза – ҳам дастаи йигитҳои аспсавор, ҳам мактаббачаҳои тозону хандон истиқбол мекарданд. Мӯйсафедҳои рӯзгордидаву телпакпӯш бошанд, қуши шикорӣ дар даст бо ифтихору шодмонӣ қомат меоростанд. Мо намунаҳои беҳтарини ин пазирой ва меҳмоннавозиро ҳам дар ноҳияи Қучқор, ҳам Отбошӣ ва ҳам Тиёншон дидем, ҳар кадомашон нотакрор ва басо самимӣ ва дӯстонаву бародарона буданд. Аммо ҳамин ки аз ағбаи Долон мегузаштем, манзараҳои мафтункунандаи Тиёншони афсонавӣ ҳар кадоми моро боз ҳам бештар ва зиёдтар ба ҳаяҷон меоварданд. Як сӯ қуллаҳои телпаки сафедпӯши осмонбӯс, як сӯ даштҳои сабзазори беканор, як сӯ арчазорҳо, як сӯ рамаҳои гӯсфандҳо, бузу бузғола ва аспҳои бешумор.

Аз дур тӯдаи калони аспсаворон ба чашм мерасид. Онҳо ба сӯи мо-мо ба сӯи онҳо мешитобем. Ҳамин ки ба ҳамдигар раси-

дем, аспсаворон филфавр аз аспҳо фуромаданд ва бо рамзи истиқболи олиҳимматонаю дӯстона аспҳояшонро ба мо доданд ва хоҳиш карданд, ки мо акнун аспсавор, саф кашида, ба манзилашон дароем. Ҳамин тавр ҳам шуд. Фазлиддин Муҳаммадиев, ки дар бари ман буд, хоҳиш кард:

— Ака, ман дар умрам ба асп савор нашудаам, гӯед, ки бароям ягон аспи сарашудаи ёвоштарро диҳанд, ки боз аз болояш парида нараваму шарманда нашавем.

Ба ӯ аспи хубе доданд. Вай дар қатори дигарон моҳирона аспронӣ мекарду ҳамаи ҳодисотро синчакорона аз назар мегузаронд. Ҳамин, ки ба тӯдаи истиқболгирандагони "замин"-ӣ, ки зиёда аз ҳазор кас дар майдони васеъ давра зада буданду интизори омадани мо буданд, наздиктар мешудем, Фазлиддинҷон худдорӣ карда натавониста, афзуд:

— Ака, аз ростӣ, ман намедонам, ки хобам ё бедор! Ин рафиқони қирғизамон тозаям қоил карда истоден-ку. Ана ба вай кампири болои уштур нигоҳ кунед, ки қушашро ба сӯи сайд паронд. Дар ин миёнаи чӯл каппаҳо оростаанд, шиорҳо навиштаанд, олами афсонавӣ, худи афсонаҳои "Ҳазору як шаб" барин, — Фазлиддин Муҳаммадиев гоҳ сухан мегуфту гоҳ бодиққат шиорҳоро мехонд, ки қисмашон ба забони тоҷикӣ ҳам навишта шуда буданд. Шиорҳои қирғизиашро Тендик Аскаров тарҷума менамуд, ки чунин буданд: "Дари хонаи мо бароятон кушода", "Хуш омадед, меҳмонони азиз", "Мо бо шумо – монанди бародару хоҳар якем" ва ғайра...

Он издиҳоми мардумӣ, ки тақрибан ним санг роҳ то шаҳри Норин гирд омада буд, ходимони маданияти тоҷикро бо кафкӯбиҳо, гулдастаҳо, суруду мусиқӣ истиқбол намуд. Дар ҳамин майдони васеъ ва сабзазор намоиши боҳашамати дӯстӣ барпо гардид. Роҳбарони вилоят, арбобони адабиёту санъат аз ҳар ду тараф нутқҳои оташин мекарданд. Ҳунарпешаҳои номии тоҷик — Орифшо Орифов, Муқаддас Набиева, Мағфират Ҳамроқулова, Раҳима Шалоэр, Тоҷиддин Муҳиддинов якҷоя бо санъаткорони қирғиз чунон базме оростанд, ки ба гуфти Фазлиддин Муҳаммадиев "дуди кайфу сурур ба кайҳон мерасид".

Он ҷо шоирон шеър хонданд, нотиқон нутқ карданд. Аз номи фиристодагони тоҷик академик Муҳаммад Осимӣ нутқи кӯтоҳу пурмазмуне эрод кард. Ӯ аз таърихи ҳамсоягӣ, ҳамзистӣ, ҳамкории илмиву фарҳангии ду халқ сухан ронд ва гуфт, ки "аз ҳама муҳимааш он аст, ки дар байни мо бародарони қирғизу тоҷик дар тӯли асрҳо ягон низоъе рух надодааст. Дар оянда ҳам мустаҳкам кардани ин торҳои заррини дӯстиву бародарӣ муқаддастарин вазифаи эҷодкорони мост. Бигузор рӯҳи покизаи Манас ва Хонимкей роҳнамои зиндагӣ ва васлгари хешу табории авлодҳои ояндаи мо гардад".

Рӯзи дигар вохӯрии мо дар яке аз хоҷагиҳои чорводории райони Тиёншон сурат гирифт. Он ҷо Фазлиддин Муҳаммадиевро коргузориву корбарии бригадаи истеҳсолии ҷавонон, ки "Эделвейс" ном кардаанд, ба вақд меовард. Ба назари ман чунон намуд, ки чашми нависандаи нозукбин дар баҳорон ба гули навшукуфтаи аввалини боғаш меафтаду ӯ хам шуда, онро бо ҳаловат бӯй мекунад, хотираш меболад, завқ мекунад.

— Ин бригадаи шумоён аз дигарон чӣ фарқ дорад? – аввалин саволе буд, ки Фазлиддин Муҳаммадиев ба сардори он бригада дод.

— Фарқаш дар он, ки моён хатмкунанадагони синфи даҳум ҳам духтарон ва ҳам писарон аҳд кардем, ки якҷоя бригадаи истеҳсолии худамонро ташкил мекунем ва исбот менамоем, ки қобилияти мустақил кор кардану афзудани маҳсулоти чорворо дорем, муфт нон намехӯрем.

— Офарин, офарин, — гуфт нависандаву аз тарзи зиндагӣ – корбарӣ, натиҷаҳои фаъолияти бригада пурсон шуд ва ҷавобҳои саҳеҳ шунид. Ҷавонон нақл карданд, ки онҳо дар бригадаашон на фақат кор мекунанд, балки илм ҳам меомӯзанд, дар китобхонаашон китобҳоро доир ба кишоварзӣ, чорводорӣ, адабиёту санъат ҷамъ кардаанд ва меомӯзанд. Дар назди онҳо мутахассисҳо, олимон, зоотехникҳо, духтурҳои ҳайвонот зуд-зуд баромад мекунанд, машғулятҳои таҷрибавӣ низ мегузаронанд. Сардори бригада "мо маҳфили бадеӣ ҳам дорем" гуфта, меҳмонҳоро ба клубчаашон даъват намуд, ки консерт ва ромишгарии онҳоро гӯш кунанд. Консерт таассуроти хуб бахшид. Пас, мо китобхонаашонро низ тамошо кардем. Он ҷо Фазлиддин Муҳаммадиев гуфт:

— Хуб мешуд, ки агар мо барои ин бригада аз китобҳои адибони тоҷик мефиристодем.

Ӯ ин таклифашро изҳор карду боз ба ҷавонони чорводор сӯҳбат орост. Вай пурсид:

— Кӣ ба бригадаатон ин номи ғайриоддиро дод?

— Кӣ мешуд? Худамон, — посух дод касе.

— "Эделвейс" — чӣ маъно дорад? – боз пурсид Фазлиддин Муҳаммадиев шукуфон хандида.

— Э, магар шумо намедонед,— гуфт духтараке, ки суруди "Эделвейс"-ро дар консерт якҷоя бо дӯстонаш иҷро карда буд.

— Росташ, ки намедонам, бори аввал мешунавам.

— Ин тавр бошад, гӯш кунед, — гуфт боз ҳамон духтараки дӯстрӯи шӯхтабиат, — Эделвейс-ин номи гули кӯҳӣ аст. Ин гулест, ки рангаш тобишҳои гуногуни нотакроре дорад-на зарди зард, на сафеди сафед. Чунин гул фақат дар доманаҳои яхкӯҳҳо, яъне дар баландиҳои кӯҳҳо месабзад. Мо номи ин гулро ҳамчун рамзи ғурури ҷавонӣ, ифодаи мардонагӣ, тобоварӣ ба мушкилоти баландкӯҳи заҳматталаб интихоб кардем, — илова

кард ба гуфти духтар бо ифтихор бригадир ва афзуд: — Мо худамон дар васфи "Эделвейс" шеър иншо кардем, худамон оҳанг бастем ва акнун ин сурудро ба мавридаш чун гимни бригадаамон бо эҳсоси тафсону рамзи ҷавонӣ месароем.

Фазлиддин Муҳаммадиев, ки нақли ҷавони ғайратманду ташаббускорро бо диққати том гӯш мекард, дасташро ба китфи бригадири ҷавон гузошт ва бо самимият гуфт:

— Кошкӣ тамоми ҷавонон ба мисли шумоён мешуданд. Мо нависандаҳо қаҳрамони асар мековем, ана қаҳрамонҳои ҳақиқӣ дар куҷоянд, рафиқон.

— Ҳалолтарин нон, нони шумост, — изҳор кард нависанда ва "аз нӯги хамир фатир" гуфта, "Ҳоҷӣ Акбар" ном китоби худро бо соядасташ ба аҳли "Эделвейс" тақдим намуд. Хато накунам, ӯ баъди ба Душанбе баргаштанаш ба Эдельвейсчиҳо як даста китобҳои хонданибоби дигарро низ фиристод.

Дар шаҳри Норин чанд мулоқотҳои дилангез, хонишҳои адабӣ, консертҳои муштараки ҳунарварони қирғизу тоҷик баргузор шуданд. Дар хусуси ҳамаи онҳо гуфтан ва навиштан мушкил аст. Вале дар бораи боз як илтифоти самимонаи дӯстони қирғизамон нагуфта наметавонам. Нориниён дар маҷлиси расмиашон, ки ҳазорон кас иштирок дошт, эълон намуданд, ки яке аз хиёбонҳои наву зебои шаҳрашонро ба номи Рӯдакӣ меноманд, ки ин ба шарафи даҳаи маданияти дӯстони тоҷикашон аст. Чунин иқдоми бародаронаи "мизбонон"-и қирғизиамон ҳамаи моро мутаассир намуд. Аз он ҳама беҳад хушҳол будем.

Рӯзи дигар дар саргаҳи ҳамон кӯчаи дӯстӣ расми кушоди гузориши тахтаи ёдгории Рӯдакӣ сурат гирифт. Дар ин ҷамъомади расмию тантанавӣ ман нутқи мухтасар эрод намудам, нутқамро бо шеъри одамушшуаро ба поён расондам:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

Мавҷи кафкӯбиҳо ба осмон дакка хӯрд. Сипас Лоиқ Шералӣ бо ҳарорати дили шоирона ва эҳтироми том ба мардум аз ганҷинаи бебаҳои Рӯдакӣ қироат намуд. Вақто ки Муҳаммад Осимӣ суханронӣ мекарду мувофиқи маврид андарзҳои устод Рӯдакиро тафсир менамуд. Фазлиддин Муҳаммадиев оҳистакак ба гӯши ман гуфт:

— Кошкӣ ягон қуввае мешуд, ки ҳозир Рӯдакиро зинда мекард, ки ин гапҳоро дар ҳаққаш, дар ин мулки бегона, дар чунин ҷои дурдаст мешунид.

— Чунин қувва ҳаст, — гуфтам ба ӯ, дароз фикр накарда.

— Канӣ он қувва? Чӣ тавр он имкон дорад? – тааҷҷуб намуд Фазлиддин Муҳаммадиев, — ба рӯям нигоҳ карда.

— Ин қувваро ман дар шахси шумо, дар шахси Лоиқу Гулчеҳра ва дигарон мебинам, — гуфтам ба ӯ. Рӯдакӣ ин суханҳоро бо гӯшҳои шумоён барин авлодони сазовори худ мешунавад, бо чашмони шумо мебинад. Мебинад, ки ройгон заҳмат накашидааст, беҳуда сухан нагуфтааст ва аз чашмаи софи эҷодиёти сеҳрнокаш фарзанду набераҳояш паси ҳам баҳраманд мешаванд. Дар ҳамин аст занҷирбандии канданашавандаи риштаи таъриху афкори бадеӣ. Дар ҳамин аст мантиқи зиндагӣ, дар ҳамин аст ҳикмати олии "асои пир ба ҷои пир" — гуфтам ба Фазлиддин.

Ҳамсӯҳбатам, ки суханҳоямро аввал бо шубҳа, баъдтар бодиққати том гӯш мекард, ҳарфе назаду бағал кушода, маро сахт оғӯш намуд ва бӯсид. Фақат як луқма партофт "беҳуда ҳам мо шуморо "тағоҷон" намегӯем".

Чунин муомилаи Фазлиддин Муҳаммадиев ба камина тасодуфӣ набуд. Мо бо ӯ якдигарро дер боз мешинохтем ва ба ҳамдигар дилбастагии бародарона доштем. Нахустин бор бо ӯ ман соли 1952-юм дар идораи рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" дар кабинети муҳаррири онвақтаи рӯзнома Қодир Наимӣ вохӯрда будам. Он вақт Фазлиддин Муҳаммадиев котиби масъули ҳамон рӯзнома буд. Ман дар Комитети Марказии комсомоли ҷумҳурӣ кор мекардам. Аз рӯи нақша лозим буд, ки он редаксияро барои шунавидан дар бюрои КМ ЛКСМ Тоҷикистон тайёр кунем. Бо ин мақсад ман бо яке аз мушовирон ба ҷои кории Фазлиддин Муҳаммадиев рафтам ва гуфтам, ки "Фазлиддин Аминович, ҳамин ҷавон кори редаксияи шумоёнро ба бюрои КМ тайёр мекунад, ёрдам кунед".

Аз байн се рӯз гузашт, ки занги телефон баланд шуд. Гӯшакро гирифтам, ки Фазлиддин Муҳаммадиев, "гӯшам ба шумо" гуфтам. Ӯ бисёр гап назад, фақат гуфт: "Ака, ин одаматон кори рӯзномаро намефаҳмад, гӯед, худашро ва маро ҳам бисёр азоб надиҳад, ман худам барои шумо маълумотномаи лозимаро тахт карда месупорам".

Гӯшаки телефонро мондаму андеша кардам, ки гапи Фазлиддин Муҳаммадиев ҷон дорад, бисёриҳо баҳудаю беҳуда ба кори мардум хӯрдагирӣ кардан мегиранд. Таклифашро қабул намудам. Аз ҳамон сол боз дӯстиву дилбастагии бародаронаи мо устувор аст. Аз ҳамон вақт аст, ки мо якдигарро зуд мефаҳмидагӣ шудем ва дар ҳалли бисёр масъалаҳои фарҳангиву зиндагӣ ҳамкорӣ менамудем.

Амри қисмат чунин будааст, ки мо бо ҳамдигар ҳамсоя ҳам шудем. Ҳамсоягии наздик моро боз ҳам наздиктар кард. Мо зудзуд вомехӯрдем, шатранҷбозӣ мекардем. Якҷоя сафарҳои зиёде ҳам кардаем, ки тафсилоти якеро бароятон ҳикоят кардам.

Боре бегоҳӣ Фазлиддин "ака", интизор набудед", гуфта ба хона даромад. Чой нӯшидем, ҳолу аҳволпурсӣ кардем, аз дуру

наздик гап задем. Ин дафъа рафтори ҳамсояам дигартар буд. Чун пештара зуд "Орзу, шоҳмотро биёр" нагуфт. Пай бурдам, ки дар дилаш чӣ гапи гуфтание дорад. Дар ҳамин андеша будам, ки худи ӯ сухан оғоз намуд:

— Ака, ё мо зуд пир шуда истодаем, ё фарзандҳо тез калон мешаванд, баъд илова кард, — медонед, аллакай ба Саодатбибиатон хостгорҳо омада истодаанд. – Ӯ духтари калониашро дар назар дошт.

Он шаб мо якҷоя реҷаҳои гузаронидани тӯи Саодатбону ва Муқимҷонро кашидем. Азбаски Фазлиддин Муҳаммадиев аввалин бор тӯй мекард, ҳамаи ҷиҳатҳои маъракаро андеша мекард, ҷои тӯй, баранда, сароянда, пазанда, пазироянда. Ҳамааш барои ӯ аҳамият дошт. Тӯй, ки хуб гузашт, Фазлиддин рӯҳбаланд буд. Саодату Муқимҷон барояш хонаи умед бунёд карданд. Хушбахтона Муқимҷон ҷавонмарди асилу бовафо баромад ва барои Фазлиддину ҳамсараш Муяссархонум писари ҳақиқӣ шуд.

Фазлиддин Муҳаммадиев дар боби ҳамсоягӣ ҳам назаррас буд. Дар тӯли солҳо касе аз ҳамсояҳо аз ӯ ҳарфи носазо ва ё эътирозе нашунидааст. Дар гузаронидани тамоми маъракаҳои ҳамсояҳо шарик буд. Бе ҳеҷ гуна манманию намоишкорӣ хизмат мекард, гӯё ӯ на нависандаи маъруф, балки шахси оддӣ буд. Нигоҳ, лаҳни гуфтор ва муомилаи ӯ касро мафтун мекард. Ин сифатҳояшро борҳо шахсан мушоҳида кардаам.

Ёд дорам, тӯи яке аз духтарҳоям эълон шуда буду дар мусофирати хориҷӣ будам ва ба зӯру азоб дар рӯзи тӯй расида омадам. Омадам ва фаҳмидам, ки Фазлиддини азиз дар набуданам, худаш сарвар шуда, барои ҳамсояҳо ва хешу таборҳо тӯи нонширканони духтарамро гузаронидааст. Ба ҷуз таҳсину офарин гуфтан бароям кори дигаре намонда буд. Тӯйро ҳамроҳ гузарондем.

Як мисоли дигар. Бегоҳие дертар ба хона омадам. Омадам, ки духтарам гуфт:

— Фазлиддин – амакам омада буданд.

— Тинҷӣ-мӣ? – пурсидам.

— Ана он бастаро монда рафтанд.

Бастаро кушода дидам, ки он ҷо як радиоприёмники тамғаи "Океан" бо чунин навиштаҷот буд: "Ба мӯҳтарам Холмурод Шарифов – дар рӯзи 50-солагиашон. Улуғзода, Икромӣ, Ниёзӣ, Муҳаммадиев, Қаноатов".

Онро хондаму ба ёдам расид, ки пагоҳ 50 сола мешавам. Ба тараддуди зиёфати ҳамсояҳо шудам. Шабнишинӣ хуш гузашт. Лекин он илтифоту он ёдгории гаронбаҳо, ки Фазлиддин Муҳаммадиев аз номи суханварон инъом карда буд, боқӣ монд. Онро бо эҳтиёт нигоҳ медорам ва ҳар бор, ки ба он нигоҳам меафтад, чеҳраи зебо ва симои дӯстрӯи Фазлиддини азиз пеши назарам

намоён мешавад, дар фироқаш дилам гум мезанад, ғарқи андешаҳои ҳарранга мешавам, аз бозиҳои тақдир ва дасисаҳои зиндагӣ гулӯгир мешавам.

Афсӯс, ки дар хусуси ҳама накӯкориҳо, сифатҳои наҷиби Фазлиддин Муҳаммадиев ин ҷо ба тафсил сухан гуфта имкон нест. Фақат як хислати нотакрори ӯро ба хотир наоварда наметавонам: ӯ намунаи инсони меҳнатдӯст ва эҷодкори фидоӣ буд. Дар ин бобат гапро кашол надода, фақат хотиришон кардани сатрҳое, ки вай ба унвони Энаҷон Бойматова ва Барно Исҳоқова нигошта буд, басанда аст. Аз ҳар сатри ин очеркҳо бармеояд, ки қадри зарро донистани заргар ҳақ аст. Чунин буданд ҳамаи навиштаҳову эҷоди ғанӣ ва гуногуншакли ҷигарбандамон Фазлиддини ҳалолкору ҳалолтинат.


Фазлиддин Муҳаммадиев пеш аз ҳама инсони заминӣ буд. Вале ӯ рисолати худро дар нависандагӣ медид. Аз замоне, ки бо ӯ шинос шудаам, чандин бор Фазлиддин Муҳаммадиевро ба вазифаҳои масъул пешбарӣ карданд. Муддате ӯ муҳаррири маҷаллаи ҳаҷвии "Хорпуштак" буд, замоне котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд. Лекин ихтиёрӣ ин вазифаҳоро тарк намуд, чунки ба васояти беҳуда, эроду "насиҳат"-ҳо ва ҳатто дӯғу пӯписаҳои фармонфармоёнаи курсинишинҳо, чоплусию тамаллуқ муросо карда наметавонист. Бо онҳо муросо надоштани худро бо асарҳояш "Хиёбони Нодир", "Палатаи кунҷакӣ", "Охирин арӯси амиралмӯъминин", тарҷумаҳояш, хусусан "Овоз аз тобут" ифода мекард. Покии ҷамъият, ахлоқи ҳамида ва рафтори шоистаи одамон аз ҳар сатри навиштаҳои ӯ ҳувайдост.

Фазлиддин Муҳаммадиев мақоми волои адиброе медошт. Худ дар рафтору гуфтор ва кирдор намунаи ибрат буд. Аз тарзи суханронӣ, либоспӯшӣ ва одоби ӯ ҳаваси кас меомад. Вай дӯстони зиёде дошт. Ман аз дӯстии ӯ бо Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ ва дигарон хабар дорам. Фарзандони Ансорӣ ва фарзандони ҳамаи мо Фазлиддин Муҳаммадиевро амаки ҳақиқии худашон медонистанд, ки ин муҳобот нест. Зеро вай бо ҳар кадоми онҳо амаквор муомила мекард. Бисёриҳо номи аслии Фазлиддин Муҳаммадиевро намегирифтанду чунин мегуфтанд: "амак омада буданд", "амак рафта буданд". Чӣ мегӯед, ки дар доираи нависандаҳо низ Фазлиддин Муҳаммадиевро амак мегуфтанд. Нависандаҳо Ӯрун Кӯҳзод, Карокатулло Мирзоев, Бурҳон Ғанӣ ва дигарон ӯро устоди худ медонанд.

Бесабаб нест, ки дар шаби фоҷиавии марговари захм хӯрданаш аз дасти авбошҳо аввалин шуда писари ҳамсоя Эътибор Қаҳҳорӣ ҷонбозиҳо намуд, ки ӯро аз марг наҷот диҳад. Домодаш Муқимҷон ду моҳи дароз ягон лаҳзаи оромиро намедонист. Ҳама хурду калон дар ташвишу алам печида буданд, роҳи ба ӯ кӯмак расондан ва давои дардашро меҷустанд.




С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ



М. Турсунзода ва А. Қаҳҳоров



Берди Қарбобоев, Холмурод Шарифов, Мирзо Турсунзода, Валенсина, хабарнигори "Литературная газета", Боқӣ Раҳимзода



Устодон ва шогирдон



Устод Мирзораҳмат Олимов



Акашариф бо фарзандонаш дар Кремл ҳунарнамой мекунад



Б. Кимёгаров бо М. Қосимов




А. М. Богоутдинов



Профессор Аълохон Афсаҳзод



Одина Ҳошим



Муродулло Шерализода



1982 с. М. Миршакар, Р. Ҷалил, М. Осимӣ, З. Насриддинов (Совети Олӣ)



Боқӣ Раҳимзода, Холмурод Шарифов, Атахон Сайфуллоев дар Маскав



Мирзо Турсунзода ва Раҳим Ҷалил дар зодгоҳи Рӯдакӣ



С. Улуғзода, Р. Додобоев, Ҷ. Икромӣ, Ф. Ниёзӣ, У. Раҷаб - дар рӯзи ёдбуди падари Холмурод Шарифов



Лоиқ Шералӣ, Холмурод Шарифов дар саҳни ҳавлии Хонаи адибон



Сафари дӯстӣ (Даҳа - Литва)



Ҷӯрабек Муродов месарояд (Х. Шарифов, Н. Абдулло, Гулназар, Суруш)



Меҳрубон Назаров, Рустам Юсуфбеков, Холмурод Шарифов дар Тошканд



М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, А. Шукӯҳӣ



Ҷӯрабек Муродов меҳмони Вазорати матбуот



Маҳмудҷон Воҳидов дар ҳалқаи ҳунарварони тоҷик дар Маскав




Малика Собирова ва дигар ҳунармандони Тоҷикистон дар Канада



Ҳайати вакилони Тоҷикистон дар Боку - конференсияи якдилии Осиё ва Африко




А. Қаҳҳорӣ, Улмас Мирсаидов, Х. Шарифов, А. Самадов дар ҳавлии ИТТ нависандаҳо. 2002 с.




Файзулло Ансорӣ дар мобайн



Раҷабгул Қосимова



Мунодиҳаи дӯстӣ



Х. Шарифов ва Ҷ. Муродов



Убайдулло Раҷаб



Вакилони анҷумани нависандаҳои СССР



Адибон дар Хӯҷанд

Охирин сӯҳбати муқаррарии мо бо Фазлиддин Муҳаммадиев дар хонаи трактрчии оддӣ Мусулмонов Масчитӣ сурат гирифта буд. Масчитӣ ҳамсояамон аст. Ӯ маърака орост ва ҳамсояҳоро ба он хабар кард. Дар қатори ҳама Фазлиддин ранҷуру дардманд ҳам хабарӣ будааст, ки омад. Омаду бо дасти захмдори ба гарданаш бастагӣ болои кат наздамон нишаст. Он шаб – чӣ маҳтобшаби зебое буд. Дар ҳалқаи дӯстон гуфтугузори тӯлоние қӯр гирифт. Он ҷо қаламкашон, устодон Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, шоирони баркамол Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Убайд Раҷаб ҳам буданд. Мавзӯи он сӯҳбат гуногун буд. Аз вазъи зиндагии мардум, аз воқеаҳои ҷаҳон, кӯтоҳиҳои замон сухан мегуфтем. Фазлиддин ҳам аз рӯйдодҳои замона, ноқисиҳои рӯзгор ва захмҳои фарзандон дар Афғонистону Арабистон ҳарф мезад, аммо аз захми ҷонсӯзи худаш чизе намегуфт – чунин буд Фазлиддини шерманд, мӯъҷизакор, дӯсти фидокори мо, ки дар маҳаллаамон ҷояш холист.

Ҳар бор, ки аз дари ҳавлиаш мегузарам, набарааш Мирзо ба пешвозам "салом, амак" мегӯяд. Беихтиёр ҳамон лаҳзаи футболбозиаш ва сӯҳбати бобояш бо писарбачаи калонсол ба хотирам меояд. Қариб мешавад, ки гӯям: "Мирзо, чаро бобоят камнамо?" Шояд, чунин эҳсоси табиӣ бошад. Ин барои он, ки рӯҳи поку меҳри ҷозибаш аз дилу дидаҳои мо дур намеравад.

Ҳаргиз намирад он кӣ дилаш зинда шуд ба ишқ.
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо!

ДОСТОНСАРОИ ДӮСТӢ

Аз бобою бобокалонҳоямон оину суннатҳои зиёди оқилонае мерос мондааст. Яке аз чунин анъанаҳои хубу дилкаш бурёкӯбон аст, ки ҳанӯз ҳам мардуми мо риоят мекунандаш. Ана ҳамин суннати наҷиби аҷдодонро пос дошта мо чанд тан дар бӯрёкубони дӯстамон Абдураҳмон – додарханди ҳамкори собиқам Очабӯрӣ Мӯминова ғун шудем. Ҳама соҳибхонаро бо бунёди манзили нав самимона табрик намуда, ба шодмониаш шарик гаштем. Аён буд, ки шодмонии Абдураҳмон ҳадду канор надорад, гӯё ба куртааш намеғунҷид, намедонист, ки кадом меҳмонашро ба куҷо шинонад. Ба қиёфаи соҳибхона менигаристаму худ ба худ мегуфтам: "Чӣ тавр ҳам вай рӯҳбаланд набошад? Охир, ӯ солҳои дароз барои бунёди ин ҷою ҷалол заҳмати зиёде кашидааст, барои пайдо кардани масолеҳи сохтмон ба даҳҳо марду номард гардан кач кардаву ранг зард кардааст. Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар хурсандиаш боз аз он аст, ки барои муборакбодии манзили наваш азизтарин дӯстони овони кӯдакиаш гирд омада буданд. Онҳо омада буданд, ки аввалин меҳмони хонаи навбунёди дӯсташон бошанд.

Шахсан ман аз иштирокам дар он маросими бурёкӯбон ҳаловат хос бурдам. Аввалан, ба хизмати дӯсти деринаам расидам, баъдан, аз дидори хешовандоне, ки кайҳо надида будаму пазмонашон шуда будам, шодком шудам, Ҳамин, ки меҳмонон ба гирди дастархони пурнозу неъмат ҳалқа зада нишастанд, ҳолати ҷозибу самимияти фавқулодда ба вуқӯъ пайваст. Гарчанде соҳибхона бо исрор мегуфт: "канӣ, акоҳо, нон шиканетон, марҳамат, аз таомҳо гиретон, хунук нашавад", касе зуд ба дастурхон даст дароз намекард. Омадагон аввал ҳолпурсӣ менамуданд, аз падару модар, бобою бибиҳо, амаку тағоҳо пурсон мешуданд. Гӯё онҳо интизори омадани боз чанд тани ба ҳама азизу бақадр буданд. Аз назар мегузарониданд: кӣ омаду кӣ наомад. Аввал онҳое ба ёдам меомаданд, ки аз ин олам ба дунёи дорулфано реҳлат намудаанд. Хеле табиӣ буд луқмаи касе аз ҳозирин, ки мегуфт:

—Дар ин давра ҷои Шароф Муҳаммадиев, Файзулло Ансорӣ, Пирбой Бадалов ва Мастон Шералӣ барин азизон холист.

Чунин аст қоидаи нонавиштаи муқаддаси бобою бобокалонҳоямон. Савоб аст, ки мо низ дар лаҳзаҳои шодкомӣ, дар мавридҳои нокомӣ ва ҳангоми маъюсӣ аввал беҳтарин фарзандони асили қавму миллатамонро ба хотир биёрем, аз онҳое ёдовар шавем, ки пештар аз мо хиште ба иморати зиндагӣ гузоштаанд, ҳарфе ба панди ниёгон зам кардаанд. Чунин буд равияи гуфтори ҳозирони бӯрёкӯбони онрӯза, ки басо дилангез гузашта буд.

Дар маърака худ аз худ як гурӯҳи ташаббускори кордида дар ҳайати Шарофиддин Рустамов, Аълохон Афсаҳзод, Убайд Раҷаб, Сорбон , Ҷалил Шарифов, Низомиддин Баҳриддинов ҷамъ шуданду кӯшиш намуданд, ки бӯрёкубон гуворо ва бонизом гузарад. Он бояд ҳам мувофиқи табъи дили соҳибхона бошад ва ҳам ба меҳмонҳо писанд ояд. Вазифаҳо чунин тақсим шуданд:

Шаробро бояд касе резад, ки ҳеҷ гоҳ шароб нанӯшидааст, дастархондорӣ ба зиммаи он даргоҳ ҷавонҳоест, ки ҳанӯз хонадор нашудаанд. Касе луқма партофт: "агар каси араққӯр шароб резад, вай ҳамаро маст мегардонад".

Дар рафти сӯҳбат Шарофиддин Рустамов таассуроташро аз ҷашнгирии шастсолагии омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент нақл намуд, ки худаш ҳам ҳатмкунандаи он аст. Вай аз заҳмати бобаракати муаллимони фидокори солҳои 40-50 Абдуҷаббор Шарифзода, Отақул Низомов, Қутбиддин Раззоқов ҳикоят намуд ва афзуд, ки бемуҳобот чунон, ки дар ҷашнгирӣ қайд шуд, дастпарварони он омӯзишгоҳ Файзулло Ансорӣ, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ ба шӯҳрати миллатамон шӯҳрат зам намудаанд, ки аз онҳо ҷашнгирандагон ифтихор карданд. Дар хотимаи нақлаш Рустамов гуфт, ки иштирокчиёни маҷлиси ҷашнвора пешниҳоде карданд, ки ба омӯзишгоҳ номи Файзулло

Ансорӣ гузошта шавад. Ин ақида ба аҳли бӯрёкӯбон низ хуш омад ва беихтиёр муддате чанд ҳар касе номи мубораки шоири рӯдакитабъ, драмнависи соҳибистеъдод Файзулло Ансориро бо эҳтиром ба забон гирифтанд, аз феълу атвор, хислатҳои нотакрор ва лаҳзаҳои фаромӯшнашудании дӯсташон ёдовар шуданд. Ҳар кас ҳар чизе, ки дар бораи Ансорӣ медонист, бо муҳаббат, бо дилсӯзӣ мегуфт, зеро Файзулло Ансорӣ дар айни нашъаи ҷавонӣ, ҳини хурӯши камолоти эҷодиаш дунёи равшанро тарк намуд.

Шарофиддин Рустамов гуфт, ки хизматҳои Ансорӣ ба ҳама гуна бузургдошт меарзанд, вай марди олиҳиммат буд, табъи равони шоирӣ дошт. Хоксориашро намегӯед. Бо хурду калон баробар буд. Агар лозим шавад, дар вақташ ҳам маслиҳатҳои муфид медод ва ҳам дасти ёрӣ дароз менамуд. Ман,— нақлашро давом дод Рустамов,— аз синфҳои болоии мактаби миёна худамро барои таҳсил дар риштаи физикаю математика тайёр мекардам. Ба Душанбе омада, ҳуҷҷатҳоямро низ ба ҳамон ҷо супоридам. Рӯзи дигар дар чойхона бо Ансорӣ дучор омадам. Ӯ ҳолпурсиям кард, чою санбӯса гирифт. Пас аз он огоҳ гашт, ки ман ҳуҷҷатҳоямро ба факултети физикаю математика супоридаам, хомӯш монд, сукунате карду гуфт:

— Пагоҳ ба манзили ман биё, бо ту як маслиҳат дорам.

Рӯзи дигар ӯ маро дар хонааш хуш пазируфт ва баъди фурсате ба сари мақсад омада гуфт:

— Акоят аз ман хоҳиш карда буд, ки ба ту дар интихоби касб кӯмак расонам. Бо муаллимҳоят ҳам сӯҳбат доштам. Аз рӯи гуфтаҳои муаллимонат ту ба фанҳои забону адабиёт зиёдтар шавқ дорӣ. Биё, додарам, ҳуҷҷатҳоятро ба факултети филология биспор, хато намекунӣ.

— Ҳамин тавр, — гуфт Рустамов,— ман бо далолати Ансорӣ физику математик нею филолог шудам, бе муболиға ин бароям фоли нек буд. Ансорӣ дар вақташ, дар ҳалли интихоби касб маро "тақдирҷунбон" шуда буд.

— Ана имрӯз шумо яке аз олимони номӣ, узви вобастаи Академияи илмҳо, муаллифи чандин китобҳо мебошед.

Ин ҳама бо шарофати Файзулло Ансорӣ, — гуфт касе аз ҳозирон.

Сипас ба ҷараёни сухан шоир, дорандаи ҷоизаи байналхалқии ба номи Андерсен ва мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Убайд Раҷаб ворид гардида, ба ман рӯй оварад:

—Ака, агар Ансорӣ зинда мебуд, имсол шастсолагиашро қайд менамудем. Шумо ӯро хуб мешинохтед ва ӯ ҳам ба шумо ихлоси бародарӣ дошт, хуб мешуд, агар дар бораи ӯ хотираҳоятонро менавиштед.

Гуфтамаш:

— Агар фурсат шавад, ҳатман менависам. Чаро нанависам?

Файзулло барои ман фарзанди падар буд, қариб, ки тамоми зиндагиаш, тамоми бисоти эҷодиаш дар пеши назарам аст. Фаромӯш накунед, ки Файзулло Ансорӣ то рӯзи вафоташ ҳамроҳи ман дар як идора кор мекард.

Гуфтори мо бо Убайдулло дар ҳамин ҷо қатъ шуд. Аммо хаёли ман аз Файзулло Ансорӣ канда намешуд. Ҳамин, ки аз бӯрёкӯбон ба хона баргаштам, андеша рондам ва билохир нӯги даркории риштаи хотиротамро ёфтам. Хато намешавад, агар бигӯям, ки ба ин рӯҳи поки худи Файзулло Ансорӣ кӯмак расонд. Мо, ки бо вай дар як идора – дар Комитети табъу нашр кор мекардем — ман раиси комитет будаму ӯ сармутахассис. Ҳарчанд аз бачагии пурзаҳмат, маҳрумиятҳои ӯ дар солҳои душвор, сабурӣ ва ташнаи илму адабиёт будани ӯ огоҳ будам, дар ҳамон ҷо ман хислатҳои наҷиби Ансориро бештар мушоҳида намудам. Одатан вай аз ҳамаи кормандон барвақттар ба кор меомад. Меомаду сигоркашон назди корхона сайру гашт менамуд. Аксар вақт мо назди дар бо ҳамдигар дучор меомадем. Ӯ маро бародарвор ба оғӯш мегирифт, аз рухсорааам мебӯсид, хушгӯиҳо менамуд.

Боре аз Ансорӣ пурсидам:

— Файзуллоҷон, чаро ба кор ин қадар барвақт меоед? Намебинед, ки дигарон баъд аз як-якуним соати шумо омадан, ҳозир мешаванд?

Ансорӣ бо завқ хандиду лутфомез гуфт:

—Акаи азиз, агар ман барвақт наоям, шуморо кӣ истиқбол менамояд? Ин як, дуюм ин, ки ҳамон субҳе, ки бо шумо дучор шавам, ҳамон рӯз корҳоям барор мегиранд. Сеюмаш он, ки ризқи саҳархез фаровон аст, — мегӯяд акаи калониам Қудратхон. Ҳамин тавр, Файзуллоҷони зарофатгӯй саҳароиашро асоснок мекард. Ана ҳамин тавр ману Файзулло Ансорӣ қариб ду соли тамом ҳар субҳ бо якдигар ҷозибона дучор мешудему рози дил мегуфтем. Ҳар бор Ансорӣ хушгӯие менамуд, шеър мехонд, панд мегуфт, шеъри навашро пеш меовард, ё ягон воқеаи ҷозибро нақл мекард.

Субҳе Ансорӣ хушгӯй карду афзуд:

—Ака, боз гумон накунед, ки ин пазироиҳои ман аз рӯи хушомадгӯй аст. Ёд доред, дар Панҷакент аз ҳама бештар шуморо хабар мегирифтам, дар Москва ҳам, дар Душанбе бошад, худатон медонед.

—Беҳудагӯй накунед, Файзуллоҷон, — гуфтам, — ман дилбастагии бародаронаю поки шуморо кайҳо дарк кардаам, аз дидорбиниатон рӯҳбаланд мешавам, ҳар дафъа баъди шуморо дидан ва аз сӯҳбат бо шумо андешаҳои одаму одамгарӣ зиёдтар ба сарам меоянду ба худ мегӯям, ки кошкӣ, ҳама ҷавонмардон ба мисли Ансорӣ дидадаро, ҳасос, инсондӯст мешуданд.

Дар ҳақиқат зиёда аз сӣ сол мо бо Ансорӣ унси хешу таборӣ, василаи акагию додарӣ доштем. Вай ҳар як китобашро дар қатори

аввалинҳо ба ман тақдим мекард, ба намоишҳои песаҳояш шахсан таклиф мекард ва аён буд, ки дилбастагии табиӣ дораду пазмони сӯҳбатҳои кушоду самимист.

Вақтҳое, ки дар ноҳияи Панҷакент вазифаи раиси комиҷроияи депутатҳои меҳнаткашонро ба ӯҳда доштам. Ансорӣ зуд-зуд ба он ҷо омада хабарам мегирифт, аз комёбиҳои адабиёту фарҳанги халқамон огоҳам менамуд ва дар тадбирҳои назарраси мадании ноҳия, гузаронидани ҷашни 1100-солагии зодрӯзи устод Рӯдакӣ, маъракаҳои адабии дигар ба тарзи фаъол ширкат меварзид.

Як бегоҳ аз Душанбе Файзулло Ансорӣ сим зад, ки пагоҳ бо кори заруре ба ноҳия меояд, агар бемалол бошад, мунтазираш шавам. У омад ва маро аз кори зарур огоҳ намуд:

—Акаҷон,— гуфт вай,— дар қишлоқи Нигнот бори аввал тӯи замонавӣ гузаронидаием. Дар ин кор кӯмаки шумо лозим аст. Агар худатон сарварӣ накунед мо ба мақсадамон намерасем.— гуфт Ансорию илова намуд,— бисёр мешавад ки тӯйҳо аз худой фарқ карда намешаванд. Биёед, дар мағзи қишлоқ як базми шеъру суруд ташкил кунем, анъанаҳои ҳаётбахши тӯйгузаронии халқамонро зиндаю замонавӣ гардонем. Охир, ин чӣ рӯзи мурод аст, ки арӯсу домод дар кадом кунҷаки ҳуҷра нишаста аз ҳама хурсандиҳо бенасиб мемондаанд?!

Таклифи Файзулло Ансорӣ қабул шуд. Дар яке аз қишлоқҳои дурдасти кӯҳистон бори аввал тӯи замонавӣ барпо гардид. Пирони кордидаи музофот Қаноат Иброҳимзода, Бобо Раҳимов, амаки Баҳриддин Бадалов, Шароф Ёров ва дигарон ташкили корро ба дасти худ гирифтанд. Ҷавонон онҳоро мададгор шуданд. Тӯй чунон дилангез, чунон ҷаззоб ва мувофиқи табъ гузашт, ки ҳанӯз ҳам мардум он маъракаро бо ҳавас ба хотир меоваранд. Файзулло Ансорӣ, ки сарвари маънавии он тӯй буд, тарҳашро кашида, он нақшро ба ҷо оварда, тӯйро шеърборон намуд. Баъзеҳо аввал бо шубҳа, ҳатто бо писханд ба он менигаристанд. Ансорӣ бурдборона ва бо як низоми хос онро ба осмон расонда, аз шодӣ ба куртааш намеғунҷид. Вай аз он шод буд, ки ба мақсадаш расид, тавонист, ки мардуми ҳамдиёраш, хусусан ҷавонон орзуҳои ширини ӯро дастгирӣ кунанд, аз шаҳди каломи бадеӣ, суруду мусиқӣ, зарофатгӯиҳои аҷдодӣ, хонишҳои тӯёнаи бибию бибикалонҳояшон дар маърака баҳраманд гарданд.

Дар омади гап бояд бигӯям, ки Файзулло Ансорӣ дар гузаронидани маросимҳо, хусусан тӯйҳо маҳорати хубе дошт. Дар ин кор худро шогирди Боқӣ Раҳимзода мешумурд ва боре ҳазломез гуфта буд:

—Ман дар соқигӣ ба пирам Боқӣ Раҳимзода даст додаам.

Дар Душанбе ва дигар ноҳияҳое, ки Файзулло Ансорӣ сарвари тӯй мешуд, ҳама хотирҷамъ буданд. Зеро Ансорӣ дили ҳассос дошт, тамоми истеъдодашро ба он равона мекард, ки мардум

дилгарму дилнарм гарданд, онҳо дар тӯйҳо фақат саргарми шаробнӯшиву таомхӯрӣ нашуда, аз шунидани шеъру суруд ва метавонад, ягон ҳунари худро нишон диҳад, тарафайн бо ҳам мусобиқа бикунанд.

Месазад, ки мо маросими тӯйҳоро ҳамчун омилу воситаи хуби тарбиявӣ истифода барем, ба ҷои хароҷотҳои зиёду русуми дабдабанок ҷиҳатҳои маънавии онро равнақ диҳем, ба он ноил гардем, ки тӯй ҳам майдони базму сурур, мактаби омӯзиши одобу тамиз, минбари панду насиҳатгӯии пирон шавад. Ҳаминро мехост Файзулло Ансорӣ. Ба ин маънӣ Файзулло Ансорӣ дар шеъри "Салом, устод", ки ба Боқӣ Раҳимзода бахшида буд, хуб гуфтааст:

Шумо соқии беамсол ҳастед,
Ки садҳо тӯйро додед оро.
Дили сад навгуле бар ҳам бубастед,
Падар донанд онҳо ҳам Шуморо!

Аввалҳои солҳои шастум дар Москва таҳсил менамудам. Бо амри қисмат Файзулло Ансорӣ ҳам ба Москва барои хондан дар донишгоҳи адабии ба номи Максим Горкий омад. Вай ҳанӯз аз Душанбе набаромада ба номам телеграмма фиристод, ки "маро интизор шавед, ба аёдататон меравам". Пас маълум шуд, ки барои хондан меомадааст.

Ончуноне, ки дар Душанбеву Панҷакент буд, Файзулло Ансориро дар Москва ҳам бо камоли майл истиқбол намудам, ҷойҳои диданиро тамошо додам ва ба таҳсилаш пирӯзиҳо орзу намудам.

Дар Москва мо бо Файзулло Ансорӣ зуд-зуд дучор мешудем. Ҳафтае як бор вомехӯрдем. Якҷоя таом мепухтем, истироҳат менамудем, ба тамошои театрҳо мерафтем.

Аввалин ташрифи мустақили ӯ ба назди ман ба сифати донишҷӯи москвагӣ чунин сурат гирифт. Пас аз як ҳафтаи ба Москва омаданаш, субҳи шанбе ба ҳуҷраи ман сим зад. Гӯшаки телефонро бардоштам, ки овози Ансорӣ.

— Гӯш мекунам, — гуфтам.

Ансорӣ бошад не салом, не калом, бо зарда гуфт:

— Ака, як тоҷики гаранги кӯҳистонӣ дар ҳамин ҷо мурад-мӣ? Чӣ, мо як мусофир дар ҳамин ҷо бесоҳиб-мӣ?,— гуфта, дилашро холӣ мекард. Аммо гуфтораш нимҷиддӣ, нимҳазломез буд.

Фаҳмидам, ки Ансорӣ дар ҷои нобалад азият кашидааст, ҳанӯз дар Москва худашро наёфтааст, афсӯс хӯрдам, аммо бо ҳамон оҳанги худаш ҷавоб додам:

— Не, не додарак, ин тавр не, ҳеҷ кас намехоҳад, ки як тоҷики кӯҳистонӣ дар Москва мурад, дуюм – намегузорем, ки шумо худро ин ҷо мусофир ҳис кунед.

— Ака, чӣ кор кунам? – гуфт Ансорӣ.

— Чӣ кор мекардед? Мехезеду либосҳоятонро пӯшида, ба ҳуҷраи ман мебиёед,— гуфтам дар ҷавоб.

Пас аз ду соати ваъдагӣ Ансорӣ ба ҳуҷраам, ки дар наздикии майдони Краснопресненский буд, расида омад. Пурсидам:

— Чаро дер омадӣ?

Ӯ ҷавоб дод:

— Роҳгум задам, охир, ака, ҳама истгоҳҳо якхелаанд, ҳама кӯчаҳо якхелаанд, ҳама одамон саросема, ягон кас ба саволатон ҷавоби аниқ намедиҳад.

— Воҳима накунед, мулло Файзулло, ба Москва чунон одат хоҳед кард, ки баъдтар пеш кунанд ҳам аз ин ҷо намеравед,— гуфтам ҳазломезу ӯро сари дастархон шинондам.

Вай бошад ҳанӯз ҳам карахт буд, бо алам ҳарф мезад. Ман ба ҳазлу шӯхӣ Ансориро аз вазъи карахтӣ баровардани шуда, акнун шумо ҳам панҷакентӣ, ҳам душанбегӣ, ҳам москвагӣ, ҳамин тавр не?—гуфтам.

— Ака, бубахшед, аз чӣ бошад, ки беҳад дилтанг шудам. Хайрият, ки шумо ин ҷо будаед, набошад кулфати мусофириам боз ҳам болотар мешуд...

[illegible] аст ,—мегуянд, ки рост ба-
ромад. Мо хурокро хӯрда, ба тамошои песаи "Пушкин" дар театри Ермолов рафтем. Ансорӣ бо хотири болида ва хушҳол ба манзил баргашт.

Ҳамин ки Ансорӣ ба хондану шуғлҳои таҳсил шурӯъ намуд, "об ба лаби ҷӯй барбар шуд", дарсҳоро бо шавқу завқ меомӯхт, дӯстҳои ҳамсабақ пайдо кард. Мо бо ӯ якдигарро зуд-зуд хабар мегирифтем, аз ҳолу аҳволи якдигар доимо огоҳ будем.

Як бегоҳии шанбе Ансорӣ сим заду гуфт:

— Ака. пагоҳ рӯзи истироҳат аст, метавонед, ба хобгоҳи мо биёед, ки ҳамроҳ дам гирем?

— Чаро наравам? Аммо меҳмон дорам, устод Юнус Бобоев омадаанд.

Ансорӣ суханамро тамом накарда, хоҳиш кард, ки ҳамроҳи меҳмонам биёям.

Ману Юнус Бобоев дар вақти муқарраршуда расидем: Дидем, ки дар ҳуҷраи Ансорӣ дастрахони пурнозу неъмат кушодагӣ, меҳмонҳои зиёде ҳам гирд омадаанд. Маълум шуд, ки он рӯз зодрӯзи Файзулло Ансорӣ будааст ҳамсабақонаш ба табрики ӯ омадаанд. Мо ҳам ба сафи онҳо дохил шудему бунёди ҷашнвораи бародарамонро ба дасти худ гирифтем. Ҳозирон, аксар ҳамсабақону ҳамқаламони Ансорӣ паси ҳам нутқи табрикиву хушгӯиҳо менамуданд, якеаш аз Россия, дигараш аз Қазоқистон, боз аз Украинаву Ӯзбекистону Муғулистон ва ғайра. Ҳар кадом ба тарзи худ зарофатгӯӣ, шеърхонӣ, қиссагӯӣ менамуданд. Аммо ҳама дар сифати Ансорӣ якфикр буданд. Мегуфтанд, ки Ансорӣ ба маънои том шоир аст. Дар симои вай, мегуфтанд онҳо, мо – халқи бомадания, халқеро, ки фарҳангаш бо симоҳои бузург – Рӯдакӣ, Сино,

Фирдавсӣ, Ҳофиз, Хайём васила дорад, пеши назар меоварем. Он маврид дӯсти қазоқи Ансорӣ аз ҳозирон узр пурсиду чунин гуфт:

— Бинед, Ансорӣ аллакай дорои чандин китобҳо аст, муаллифи песаҳои зиёд, аммо чӣ хоксор аст, чӣ сон ботамиз аст, чӣ сон меҳнат мекунад. Ӯ фарзанди асили миллати худаш аст, соҳибистеъдод асту мағрур нест, ба монанди дигарон бузургтарошӣ намекунад: Ансорӣ барои мо намунаи ибрат аст.

Ба чунин сурат буданд нутқу табрикоти дӯстони ӯ дар рӯзи таваллудаш. Ниҳоят дар поёни шабнишинӣ сухани хотимавӣ ба худи соҳибҷашн Ансорӣ дода шуд. Вай ширакайф шуда буд, сухани бисёр нагуфт. Ваъда кард, ки дар мавзӯи дӯстӣ шеъре меофарад, ки он шеър эҳсоси дилпазири дӯстонаи ҳаминшабаро инъикос намояд. Ансорӣ ба ваъдааш вафо кард.

Ин аст чанд сатр аз он шеъре, ки тарҳаш дар ҳамон шабнишинӣ кашида шуда буд. Муаллиф ба шеъраш "Қадаҳ" ном гузошта буд, ки басо табиист:

Ба рангу бӯи худ хос ҳар гуле машҳур,
Ягона бӯй диҳад, чун ба дастае банданд.
Ҳамин стол, ки гирдаш зи наздику дур нишастаем,
Ба он дастаи гуле монанд.
Зи ҳар диёру зи ҳар халқ як намоянда,
Ки расму одати хосест ҳар яки моро,
Вале бародарию дӯстии поянда.
Намудааст ба меҳри ягонае доро...

Ҳамин тавр шоири нозукбин Ансорӣ ҳар як меҳмонашро ба гул ташбеҳ дода, аз онҳо гулдастаи зиндаи инсонӣ бунёд кардааст, ки ҳар кас онро бо эҳсосоти амиқ ва лутфи шоирона қабул менамояд.

Ман медонам, ки мавзӯъҳои бисёр шеъру достонҳо, песаҳои Файзулло Ансорӣ дар лаҳзаҳои дақиқ ҳамчун мушоҳидаи зиндаи ҳодисаҳои рӯзгор бунёд шудаанд. Чунинанд силсилаи шеърҳои ӯ "Насими Вахш", песаҳояш "Имтиҳон". "Иҷоранишин", "Ҳукми модар" ва ғайра.

Силсилаи шеърҳои "Насими Вахш" гуфтаму як сафари якҷоямон бо Ансорӣ ба он водӣ ба ёдам омад:

Тахминан соли 1962-юм буд. Бо ӯ аз Москва ба истироҳати тобистона омадему аҳд кардем, ки якҷоя ба аёдати падарам ба водии Вахш меравем. Азбаски ҳаво басо гарм буд, қарор додем, ки бегоҳирӯзӣ пас аз таскини тафси офтоби саратон раҳсипор шавем. Дар ин сафар дӯсти ҳамсабақам шоири ҷанговар, писархонди падарам Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ низ ҳамроҳ шуд. Дар роҳ ду шоир ҳар дам хушгӯй менамуданду ман ҳаловат мебурдам. Мавзӯи гуфторашон ҳар ранг буд, ҳам аз боби санъату шеърофарӣ,

ҳам аз ганҷинаи бои ҳанӯз кашф нашудаи саромадони адабиёти классикӣ, ҳам вазъу ҷараёни инкишофи фарҳанги муосири миллати тоҷик. Баҳси онҳо гоҳе ором, гоҳе тезу тунд сурат мегирифт.

Ба ёдам меояд, ки Ансорӣ гилаомезӣ карда, ба Қаҳҳорӣ гуфт:

— Ака, шумо ҳам хелекак ҳастед. Дар вақти сардори бахши санъати вазорати маданият буданатон барои ба саҳна гузоштани песаҳоям ягон бор ҳам хайрхоҳӣ накардед, пеши роҳи ҷӯрабозиҳоро нагирифтед, ки гӯем шумо одами адолатхоҳ ҳастед.

Қаҳҳорӣ акси ҳолатро исбот кардан мехост:

—Файзуллоҷон, агар шумо медонистед, ки барои ба саҳна гузоштани песаҳоятон ман чӣ навъ ҷонбозиҳо кардаам, ин гапҳоро дар ҳаққи ман раво намедонистед,— мегуфту оташин мешуд.

Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ боз чизе гуфтанӣ буд, ки Файзулло Ансорӣ хоҳиш намуд, ки мошинаро нигоҳ дорем. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ба нигоҳи саволомези мо Ансорӣ чунин гуфт:

—Ака, як таклифи ҷиддӣ дорам. Бинед, мо ба қуллаи Фахробод баромадем, биёед, ҳамин ҷо каме нишинему васияти бузургонро ба ҷо биёрему "дар баландиҳо лона гузорем".

Таклиф қабул шуд. Се тан ҷои барҳавои назарраборо интихоб намудему нишастем. Ансорӣ маснидар ба ман нигоҳ афганду аз ҷузвдонаш шишаи шаробро бо газак бароварда. Қадаҳгӯии ду шоир тафсид, яке барои қуллаҳои тоҷик менӯшем мегуфту дигаре барои дарёҳои тоҷик.

Пайкҳо барои шеъри тоҷик, барои модари тоҷик, барои падари тоҷик, барои водиҳои тоҷик бардошта мешуданд. Чунин ҳолат дар соҳили дарёи Вахш ҳам такрор шуд. Чунин амалиёти Ансорӣ барои он ҳам табъи дили мо буд, ки кӯҳистони зебову шӯхобҳои диёрамонро пазмон шуда будем. Илова бар ин, худ ба худ мегуфтем: "Шоир дар истироҳат аст, бигузор кори дилхоҳашро кунад". Шоир бошад зарофатгӯиҳо мекард, шӯхиву ширинкориҳо менамуд. Масалан, вақте аз баландии Фахробод мехестем ӯ "як таклиф дорам" — гуфту афзуд,— ман ҳамин шишаи майро дар ҳамин баландӣ нишона мегузорам. Шояд рӯзе шаваду касе ба ёд биёрад, ки шоир Ансорӣ бо фалониҳо дар ҳамин ҷой шеър қироат карда буд, шароб нӯшида буд, ин ҷо қадамгоҳ аст.

Ману Қаҳҳорӣ бо завқ хандидему ӯро аҳсан гуфтем ва ба роҳ равон шудем. Баъди гузаштани солҳо он гуфтаҳои Ансорӣ ба тарзи нав садо медиҳанд. Шояд он рӯз аз асрори умри бебақои ҷисмонии худ, ки гирифтори чандин амрозу ранҷуриҳо буд, дарак медод ва гуфтан мехост, ки "эй ёрон, огоҳ бошед, ки дам ғанимат аст, дидор ғанимат".

Акнун баъди гузаштани чиҳилу як сол фикр мекунам, ки он гуфтаҳои Ансорӣ беҳуда набудаанд. Чаро мо, чӣ тавре, ки дар мамлакатҳои дигар кардаанд, қадамгоҳҳои дӯстдоштаи шоирону донишмандони худро нишонӣ накунем? Чаро хислатҳои наҷиби

инсонии онҳоро наомӯзем? Бисёриҳо дар Кавказ дидаанду шунидаанд қиссаҳои дилангези сафари Лермонтовро аз Кисловодск, ки чӣ навъ сурат гирифтааст, ҷузъиёти сафари Пушкинро то имрӯз медонанд, чандин ривояту қиссаҳои халқиро ба унвони соҳибқаламони номии дигар маҳфуз нигоҳ медоранд ва аз онҳо имрӯз ҳам ба мусофирон қисса мекунанд.

Бемаҳал шуда буд, шаб аз нисф гузашта буд. Дидам, ки майли шаробнӯшиву баҳси дӯстонаи шоирон охир надорад, аз ҷоям хестаму гуфтамашон:

—Шоирҳои мӯҳтарам, қуллаву дарёву водиву дилу ҷигари тоҷикро нӯшидед, агар кор ҳамин зайл равад, худи тоҷикро ҳам шумоён менӯшед, хезед, ки падар интизоранд, ба аёдати падар меравем.

Воқеан, гуфтаниям, ки дар чунин ҳолатҳо Ансориро дар шифоободи Хоҷа Обигарм ва себзори дили кӯҳи "Ҳуснобод"-и диёри Рӯдакӣ низ дида будам. Худаш чунин лаҳзаҳоро "ҷунуни шоирӣ" меномид. Чунин лаҳзаҳо ба худаш мезебид, ӯро гӯётару хушҳол менамуданд. Аммо андеша дорам, ки чунин ҳолатҳо дар зиндагиаш камтар мешуданд. Кош ҷашни мубораки шастсолагиашро бо иштироки худаш қайд менамудем!

Роҳи шабона аз даруни боғотҳо, қамишзорҳо, манзилҳои парешон мегузашт. Ҳама масти хоб буданд. Аҳён-аҳён аккоси сагону ҳангоси маркабҳо ба гӯш мерасид. Соат қариб сеи шаб шуда буд. Мошини мо аз паси хонаи дӯсти ҷавониам Муҳаммадтоҳир Маҳмудов мегузашт. Гуфтам, ки аз паси ҳавлии дӯстам Муҳаммадтоҳир мегузарем, Файзулло яку якбора "ака", мошина доред, мошина доред" — гуфт бо исрор. Мошинро доштем. Файзулло изҳор кард, ки Маҳмудов дӯсти деринаи ҷонии вай аст, ӯро надида, ба ҳеҷ ҷой намеравад. Маҷбуран ба таклифаш розӣ шудем. Вале намедонам, ки ё ҳирси ширинкории ҷавониамон боло гирифт, ё таъсири шароб, ки қарор додем ҳеҷ овоз набароварда, дарвозаи дӯстамонро мекӯбем, ҳамин ки баромад, сухане нагуфта, ӯро ба мошин мешинонему ба хонаи падар мебарем. Бубинем, ки аз ӯ чӣ рафтору чӣ гуфтор сар мезанад.

Мо се тан аз мошин набаромада дар ҷоямон нишастему ба ронанда фармудем, ки дарвозаро кӯбад. Ҳамин, ки дарвоза кӯфта шуд, "кист вай" — гуфта садое баромад. Мо ҳама хомӯш менишастем, ронанда ҳам ҳатто гулӯ намеафшонд. Билохир, дӯстамон Муҳаммадтоҳир баромад.

— Шумо кистед, чӣ даркор? – гуфт. Ронанда ба ӯ гуфт, ки ба мошин нишинад. Ӯ дар тан камзӯли сафед, дар пой мӯзаи корӣ, дар сар кулоҳи тобистона бо ҳарос ба мошина нишаст. Азбаски торикии зулмот ҳумфармо буд, касе касеро намешинохт. Ман бо синчакорӣ ба Муҳаммадтоҳир нигоҳ мекардам. Вай гоҳ ба ман. гоҳ ба ҳамсафаронам назар мекарду касеро намешинохт, аммо

ҳар дам дасташро ба соқи мӯзааш мебурду боз пас мекашид. Баъди муддате ӯ бо изтироб ба забон омаду иддао намуд:

— Шумо кистед, маро ба куҷо мебаред?

Дидам, ки дӯстам дар таҳлука асту ҳолати рӯҳиаш хеле ногувор, ҷавоб гардондам:

— Муҳаммадтоҳир, натарсед, мо ҷӯраҳои худатон, ба хонаи Наврӯз бобоятон меравем, шуморо ҳам ҳамроҳ бурданӣ шудем. – гуфтам.

Ӯ овози маро шинохту як лаҳза хомӯш монд ва нафаси чуқуре гирифта ба забон омад:

— Марги ин хел ҷӯрагӣ. Ҳазлу шӯхӣ ҳам ҷо доштагист. Қариб маро дилкаф карда будед. Ман дар хона саги газанда дорам, аввал онро сар доданӣ шудаму боз андеша кардам. Баъд мултиқро гирифта баромадам, ки ба сӯи мошин парронам. Боз мардигарӣ аз даст наравад гуфта, камонро мондаму аз эҳтиёт корд гирифта баромадам. Билохир, ба тақдирам тан дода, ба мошин нишастам.

Сухани раис Муҳаммадтоҳир ба охир нарасида, ба хонаи падарам расидем. Вай дар равшании чароғ Ансориву Қаҳҳориро шинохта бо онҳо оғӯш ба оғӯш гардид. Пас аз пурсупос ва шунидани қиссаи роҳ изҳор намуд:

—Ин хел ҳазлҳои қалб фақат аз кӯлворӣ Файзуллоҷон мебарояд, — гуфта меҳмонҳоро ба нишастан таклиф намуд. Ин рози ниҳон солҳои зиёд байни мо чор тан вуҷуд дошт. Ҳар бор, ки дучор мешудем, аз “корду камон” ва “саги газанда” сухан кушода, бо завқ механдидем. Боре, Муҳаммадтоҳир “агар ҳамон шаб шумоёнро мепарронда, кор чӣ тавр мешуд? – гуфта абрӯ чин намуд.

—Чӣ мешуд, ҳамчун раиси одамкуш ном мебаровардӣ,— гуфта механдидем.

Падарам, ки моро бениҳоят пазмон шуда буд, хушҳолона пазируфта, гаштаю баргашта ашки шодиашро бо рӯймолча пок менамуд. Ҳамин, ки модар ҷой оросту меҳмонҳо нишастанд, падарам гуфт:

—Бачем, хуб кори нағз кардӣ, ки писаронамро овардӣ, чанд рӯз аст, ки чашмам ба роҳ буд.

Баъд аз наҳорхӯриву истироҳати кӯтоҳмуддат байни шоирону мӯйсафеди кордидаи ботадбир сӯҳбатҳои дилпазир ва тӯлонӣ сурат гирифт.

Азбаски падарам яке аз аввалин муҳоҷирони водии Вахш буду дар он ҷо аз бунёдгарони якумин хоҷагиҳои коллективӣ маҳсуб меёфт, солҳои зиёд колхозчиву раиси артел ва раиси комиҷроияи Қӯрғонтеппа шуда кор карда буд, Ансорӣ бо мароқи зиёд бо ӯ сӯҳбат менамуд. Чунин ба назар мерасид, ки мусофири ташнае ба сари чашмае расидааст фӯкашро ба он монда, бо

иштиёқ обро дам мекашад.

Шубҳае нест, ки мавзӯи силсилаи шеърҳои хушҷилои Файзулло Ансорӣ "Насими Вахш" дар ҳамон сӯҳбатҳо, дар ҳамон сафар тавлидашонро ёфта буданд. Инак, чанд мисраъ, ки Ансорӣ он рӯзҳо иншо карда буд:

Насими шӯхи форам мевазад аз рӯи рӯди Вахш,
Дили мо месарояд аз фараҳмандӣ суруди Вахш.
Ба сӯи пахтазорон обҳои нукрасо ҷорист,
Ки то зебандатар гардад баҳори хушнамуди Вахш.
Фазои дилкушои водӣ аз водӣ аз ҳад дилкушо ин дам,
Тамошояш ҳаловат мерасонад дар тани одам.
Намехоҳам канам як лаҳза аз ин водӣ чашми хеш,
Ки то ҳастам дар огӯши чунин як водии хуррам.
Вахши моро ҳусни зебо омадаст,
Вақти кору гайрати мо омадаст.
Дидаҳо аз шавқи зеби ин чаман,
Ҳар тараф баҳри тамошо омадаст...

Аз адабиётшиносон борҳо шунидаам:

— Ансориро аз мунавварфикрону пешравону тозаҷӯйҳои адабиёти имрӯзаи тоҷик бояд шумурд. Вай аз аввалин касоне буд, ки қолабҳоро шикаста, тасвири деҳ, сангу кӯҳсор, Душанбе, тоҷики самарқандӣ, маҳтобшаб, ҳусни забону либоси миллӣ, наврӯз ва амсоли инҳоро дода буд, ки баъдҳо аз забони бисёриҳо эрод гардида, чун шаблону тақлид дилбазан шуданд, аммо дар гуфтори Ансорӣ ҳамеша тозагӣ ҳис карда мешуд. Ӯ ба касе тақлид намекард. Шаклу мазмун дар гуфтори ӯ бо ҳам иртиботи қавӣ доштанд.

Ансорӣ гарчанде умри кӯтоҳ дид, аммо бо эҷодиёти гуногуншаклу ғании худ дар маданияти халқи тоҷик нақши шоён боқӣ гузошт. Достонҳои ӯ, шеърҳои лирикии ӯ, асарҳои драмавии вай манзури садҳо ҳазорон хонандагону шунавандагон гардидаанд. Як вақтҳо Файзулло Ансорӣ фаъолтарин шоири суруднавис буд. Ба ашъори ӯ бастакорони номӣ оҳанг мебастанд, онҳоро беҳтарин ҳунармандон, аз ҷумла Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов, Ҷӯрабек Муродов, Барно Исҳоқова, Шоиста Муллоҷонова, Сироҷ Сафаров ва дигарон бо маҳорати баланд месуруданд.

Назми ҷилодори Файзулло Ансорӣ дар мамлакатҳои хориҷии форсизабони ҳамсоя низ ба хубӣ маълум буд. Ин сатрҳоро менависаму як баҳсе дар хусуси песаи Ансорӣ "Ҳукми модар" ба хотирам меояд.

Соли 1965-ум театри академии ба номи Лоҳутӣ ба Афғонистон тараддуди сафари эҷодӣ дошт. Баҳс дар хусуси намоишномаҳое мерафт, ки ҳайати эҷодӣ бояд ба Афғонистон мебурд. Комиссияи махсус бо иштироки роҳбари сафари ҳунарии театр, нависандаву

драмнависи маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода ҳамаи намоишномаҳоро аз назар гузаронида, баъзе песаҳоро, аз он ҷумла песаи Файзулло Ансорӣ "Ҳукми модар"-ро аз рӯйхат баровардан шуд. Муқобилҳо мегуфтанд, ки песаи Ансорӣ дар мавзӯи имрӯзаи Тоҷикистон ба тарзи манзума навишта шудааст, мардуми афғон бо он проблемаҳо ошно нест, онҳоро намефаҳмад, бар замми ин афғонҳо бениҳоят шеърдон ҳастанд, дар рӯҳияи шеъри баланди классикӣ тарбия ёфтаанд, нашавад, ки шеъри Ансорӣ ба онҳо писанд наояд.

Ман ҳам, ки дар ҳайати он комиссия будам, ба чунин фикр розӣ нашудам, истодагарӣ кардам, ки песаи Ансорӣ "Ҳукми модар" баробари дигар беҳтарин асарҳои саҳнавии театри ба номи Абулқосим Лоҳутӣ дар Афғонистон намоиш дода шавад. Ниҳоят гапам гузашт. Роҳбари он сафари ҳунарӣ Сотим Улуғзода пас аз баргаштан аз Афғонистон махсус ба Кумитаи Марказии ҳизб омада аз ҷамъбасти намоишҳои ҳунарии аҳли театр дар мамлакати ҳамсоя ҳикоят кард ва алоҳида изҳор намуд, ки шубҳаи баъзе рафиқон, аз ҷумла шубҳаи худам ҳам дар хусуси песаи Ансорӣ "Ҳукми модар" беасос баромад.

Сотим Улуғзода бо ҳисси қаноатмандӣ гуфт:

—Песаи Файзулло Ансорӣ "Ҳукми модар" аз ҷониби тамошобинони Афғонистон хеле гарм истиқбол гардид. Дар намоишҳои он толори театр доимо пуродам буд. Иштиёқмандони зиёд тикет (билет) ёфта натавониста, бо ҳасрат аз назди театри Кобулнандорӣ пас мегаштанд. Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба эътибор гирифта, мансабдорони афғонӣ песаи номбурдаи Ансориро ба лентаи радио сабт намуда онро борҳо ба мардуми Афғонистон шунавонидаанд.

Ба назарам, ин эътибори олитарин буд роҷеъ ба ҳунари асил ва маҳорати эҷодии Файзулло Ансорӣ.

Пас аз як сол — соли 1966-ум худам ҳам ба Афғонистон мусофират доштам. Вақте ки аз сафари ҳунарии театри Лоҳутӣ сухан мерафт, донишмандону соҳибқаламони маъруфи онрӯзаи Афғонистон, аз ҷумла Усмон Сидқӣ, Абулҳаҳ Вола, Зиё Қоризода ва дигарон песаи манзуми Файзулло Ансорӣ "Ҳукми модар"-ро бо эҳсос ёдовар мешуданд ва аз эҷодиёти ӯ зиёдтар донистан мехостанд.

Бале, дар солҳои охир ҳар бор бо дӯстони зерин дучор оям, албатта, ёде аз Файзулло Ансорӣ ба хотир меояд. Боре дар ҷашни Фазлиддин Муҳаммадиев Аълохон Афсаҳзод гуфт:

—Файзулло Ансорӣ бо Фазлиддин дӯсти ҷоноҷони бе ғаразу бе тамаъ буд. Борҳо ман ба эшон мегуфтам, муаллим шумо сорбони корвони аҳли адаби болооби Зарафшон ҳастед. Бисёриҳоро ба ин ҷода ҳидоят намудеду баъд дастгирӣ кардед. Аммо он кас мегуфтанд, ки Ҳоҷӣ-ака (шоир Бобо Ҳоҷӣ) дар ин роҳ сар карда

ҳастанд. Ансорӣ идрок ва диди аҷиби шоирона ва мутафаккирона доштанд, аз дигарҳо чандин сол пештар низоъҳои зиндагиро дарк менамуданд, ҳалли онҳоро пешгӯӣ мекарданд. "Имтиҳон", "Ҳукми модар", "Хатро ман навишта будам", "Модар нигарон аст", "Иҷоранишин"-ро мо на чун асари бадеӣ, балки чун зиндагинома мепазируфтем, прототипҳои онҳоро медонистем.

Бале, Ансорӣ хусусияти аҷоибе доштанд, аввал чандин бор мавзӯъ ва ҳадафи асари ояндаашонро мегуфтанд, баъд суҷети онро нақл мекарданд ва ниҳоят онро ба дӯстон хонда муҳокима менамуданд. Ба назарам мантуро дӯст медоштанд, ки баъди муҳокима мантуи хос фармудаашонро оварда, даъватшудаҳоро бо он зиёфат мекарданд. Ба эродҳо бо диққат муносибат доштанд. Ман бо нӯҳ песа ва ду достони Ансорӣ дар чунин муҳокимаҳои дӯстонаашон пеш аз чоп ва ё ба идораи Вазорати маданият рафтан шинос шуда будам. Чӣ лаҳзаҳои гуворое буданд, ки халлоқи асарҳои навро дар нақшҳои гуногуне медидем, ки онҳоро ӯ тарҳ рехта буд. Ансорӣ шахси ҳалиму гапдаро буданд. Вале дар сари ақидаи худ устувор буданд, дар принсипҳои эҷодӣ ва мавқеи ғоявӣ ба касе гузашт намекарданд.

Афсӯсу сад афсӯс, ки Файзулло Ансорӣ дар 49-солагӣ, дар айни авҷи камолоти эҷодӣ 28 апрели соли 1980 аз олами равшан чашм пӯшид. Ҳарфҳои зиёди ӯ ногуфта монданд. Аммо Ансорӣ дар бадали умри кӯтоҳаш асарҳои бадеии зиёде офарида, ба наслҳои оянда аз худ ёдгор гузошт. Боварӣ дорем, ки насли имрӯза ва фардо ба қадри хизматҳои ӯ мерасид, гаштаю баргашта гулбоғи мусаффои эҷодиёти гуногуншакли ӯро сайр менамоянд.

ОВОЗАИ ЛОИҚ

Ҳар сол 20 май пайвандон, наздиктарин дӯстони Лоиқ Шералӣ гирди дастархонаш ҷамъ шуда зодрӯзашро муборакбод мегуфтанд. Имсол, ки ӯ ба синни 59 қадам ниҳода, ба шастумин солгарди камолоташ наздик меомад, барои шодбошӣ ба хонааш рафтам. Ӯ маро хушҳолона пазируфта гуфт: — Муаллими азиз, дар вақташ омадед, табрикатон қабул, аммо маҳифилчаи мавлуд дар ҷои дигар мешавад. Ҳозир ҳамсояи дар ба дарам Сабзалӣ Суфизода меояд, ҳамроҳ ба соҳили кӯли Комсомол, ҷои хушҳаво меравем. Он ҷо бо сарварии додаратон Сорбон, Шарифбеки Юсуфзода, Афзалшо, Мастон Шарифов, Фазлиддин Шомуродов, Алиакбар Абдуллоев, Фарҳод Каримов ва дигарон тараддуд доранд.

Мо се нафар – Лоиқ, Сабзалӣ ва камина пои пиёда ба ҷои таъиншуда равон шудем.

—Додаракатон соли оянда шастсола мешавад – гуфт Лоиқ бо лаҳни ширину афзуд, — барои ҳамин дӯстон, дар оғӯши табиат,

"аз нӯги хамир фатир" карданиянду пухту паз доранд.

Гуфтам: — аспи вақт чи сон дар тоз аст, охир, дирӯзакак панҷоҳсолагиатонро қайд карда будем, қариб даҳ сол гузаштааст. Ҳанӯз ҳам он ҳамсафариамон ба Хатлонзамин ва он тантанаҳои диловези мардум дар қасри фарҳанги Кӯлоб, дар хоҷагии кишоварзии Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, баромадҳои сарвари вилоят Султон Мирзошоев, шоирони номӣ Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Муҳаммад Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, ҳунарварон Одина Ҳошим, Давлатманд Холов, саркор Абдуҷаббор Зардиев дар лавҳаи хотиранду пеши назар меоянд. Чӣ қадрдонии ҳотамона карданд он мардум!

—Ҳақ асту рост, муаллим, вақт тезгард будааст, худам ҳам боварӣ надорам, ки аллакай ба шаст мерасам, Шумо он қадршиносиву посдории шеъри тоҷикиро хуб ба хотир овардед. Ман дар ҳамон ҷо пай бурдам, ки шоири халқӣ ном гирифтанам беҳуда набудааст, — гуфт лутфомезона Лоиқ ва илова кард. – Дар хотир доред, муаллим, ғайр аз чорабӯиҳои расмӣ – чи тавр мо даст ба дасти мухлисон, ихлосмандони шеър гардидем. Бисёриҳо бо исрор, самимона, ба хонаҳояшон даъват мекарданд, ки як лаҳза ҳаққи намак шавем.

Мо ғайр аз хонаҳои шоирони халқӣ Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, дӯстон Давлатманд Холов, Абдуҷаббор Зардиев боз дар чандин хонадонҳои ҳаводорони фидоии каломи Лоиқ будем, ҳар кадоме ақаллан "барои як пиёла чой" муроот мекарданд. Яке аз чунин мухлисони шоир, — инсони наҷиб, дилдодаи назми тоҷик Сафар Маҳмуд ном ҷавонмарде буд, ки бо далолати роҳбари шаҳр Нурулло Ашӯров мо ба хонааш рафтем. Ба хона даромадан ҳамоно Сафар Маҳмуд гуфт: — "басо хушбахт аст аҳли хонадони ман, ки қадами мубораки Лоиқ барин шоири машҳур ба остонаи мо расид". Аз муомилаи орифонаву самимияти табиияш маълум буд, ки Сафар шахсияти фарҳангист ва сӯҳбати мо бо ӯ зуд қӯр гирифт. Ӯ хазинаи китоб ҳам доштааст, ки дар хотимаи сӯҳбат аз он ба Лоиқ, — меҳмони иззатманд нусхаи зебои "Девони Кабир"-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро чун рамзи қадршиносии олӣ эҳдо намуд. Он гаҳ шумо, Лоиққон, гуфта будед: "албатта, аз чунин тӯҳфа рӯй гардонидан гуноҳи азим аст, аммо гумон мекунам, ки бо рафтани ин китоб нисфи хазинаи шумо холӣ шуд". Сафар Маҳмуд бадоҳатан ҷавоб гуфт: — Э, устод, ин тавр нагӯед, осуда бошед, ҷои ин китобро бе муҳобот китобҳои шумо пур мекунанд, зеро, ки шумо аввалин тарғибгари фаъоли "Девони Кабир" ҳастед".

Ҳамин тариқ, дар роҳ бо Лоиққон чунон сӯҳбати дилпазир доштем, ки ба ҷои мавлудгузаронӣ расиданамонро нафаҳмида мондем.

Кӣ медонист, ки ин сӯҳбати бағоят рӯҳафзо бо Лоиққон сӯҳбати

вопасини мост. Он рӯз худи Лоиқ чунон кушодачеҳраву дилшод буд, он қадар меҳрубону ҳалим. Ӯ бо хурду калон баробар лутфомезӣ менамуд, бо сурудхониҳои Афзалшо ҳамовозӣ мекард, баъзан ба ваҷд омада ба рақс ҳам медаромад. Хулоса, меҳмонҳояшро чунон навозише мекард, ки аз ин пеш ӯро дар чунин ҳолат надида будам. Гумон мекардам, ки дилаш аз чизе гувоҳӣ медиҳаду мо намедонем. Дар ҷараёни он базмчаи дилҷӯ сухан бештар дар боби чи тавр гузаронидани ҷашни шастсолагии Лоиқ мерафт. Чанд тан худро ба Кумитаи тадорукот дохил намуданд ва пешниҳодҳо мекарданд, ки ҷашни шастсолагии Лоиқ ҳам дар пойтахт ва ҳам дар ноҳияҳо бояд бизгузарад, ҳатто пешниҳоде шуд, ки он маъракаи дар стадиони марказӣ ороста шавад.

Аммо, чӣ тавре, ки гуфтаанд, — Ман дар чӣ хаёлу фалаки каҷрафтор дар чӣ хаёл? Фурсати зиёде нагузашта, 21 июни соли 2000 хешбачаам Мирзобоеки Самадӣ маро ҷуста огоҳ кард, ки амакҷон, хабари нохуш овардам, дарди сахт устод Лоиқро гиребонгир шудааст, аз фишори баланди хун раги хунгарди майна кафида фалаҷ шудааст. Ҳамон лаҳза ин хабари шумро шунида, яке аз қадрдононаш ин рӯйдодро ба қалам додааст:

Аз бистари гафлатзада, эй Лоиқи мо бархез,
Хун бар сари миллат зада, эй Лоиқи мо бархез.

Ин хабари нохушро шунида дарҳол ба бемористон шитобидаму сардухтури амрози қалб Соҳибҷон Раҳмоновро ёфтам.

— Амак, шуморо фиреб дода наметавонам, устод шабона илоҷи аз сад фисад, се фисад наҷот ёфтан дошт, бо тадбирҳои таъҷилӣ ин омилро ба бисту панҷ фисад овардем, боз Худо худаш медонад, — гуфт Соҳибҷону маро ба сари бистари бемор бурд, баъд ба назди хешовандон – ҳамсараш Зебиҷон, писаронаш Диловар, Ромиш, Сомон, духтаронаш Сабоҷон, Мумтоз, акаҳояш Қоришарифу Сорбон ва дигарон овард, ки ҳама ғамзадаву ашколуд буданд. Ҳуҷрае, ки он ҷо менишастанд, мӯрчахонаеро шабоҳат дошт. Пайвандон, дӯстони хонаводаи Лоиқ паи ҳам меомаданду мерафтанд, баъзеҳо хомӯшу сархам ва дилозурда, баъзеҳо "Худо дардро додагӣ, шифоашро ҳам медиҳад" — гуфта онҳоро тасаллият медоданд.

Табибон Соҳибҷон Раҳмонов, Мухбирҷон Ҳасанов ва дигарон таҳти назорати вазири тандурустӣ Аъламхон Аҳмадов нӯҳ шабонарӯз барои наҷот додани Лоиқ кӯшишҳо ба харҷ доданд. Ҳама дар таҳлука буданд. Фиристодагони Президент, аъзоёни ҳукумат ва шахсони машҳури ҷумҳурӣ борҳо омаду рафт доштанду тадбирҳо меҷустанд.

Аз рӯи ҳавлии бемористон низ ходимони намоёни илму фарҳанг, дӯстон ба ҳолпурсӣ меомаданд. Даҳҳо, садҳо қадрдонҳои бемор ҳам саҳар, ҳам шом дар атрофи беморхона ҳалқа зада баробари бемор дард мекашиданд, ки бисёриҳоро дар дидагона-

шон ашк ҳалқа мезад. Онҳо дар орзӯи зуд шифо ёфтани Лоиқ буданд.

Ана ҳамин тавр, нафақат пайвандону хешу ақрабоҳо, балки дилбохтагони бешумори каломи сеҳрноки шоири замон, дардошнои мардум кулфатзадаву парешонхотир дар атрофи беморхона "қадам мешумориданд" ва ҳар касе, ки нав вориди бемористон мешуд, — хоҳ бадахшӣ, хоҳ раштӣ, хоҳ ҳисориву зарафшонӣ, хоҳ фарғонагиву хатлонӣ – Лоиқ дар чӣ ҳол бошад, — гуфта пурсон мешуданд. Ана ҳамин ташвишу ҳароси бемислу монанди мардум аз тақдири Лоиқ кифоя аст, агар гӯем, ки ӯ бо тору пудаш шоири аслии мардумӣ буд, барои халқаш зисту барои халқаш эҷод намуд ва худ дар китобе, ки бо номи "Рӯҳи Рахш", ки ба тозагӣ дар Эрон нашр шудааст, мегӯяд:

Дили ман, эй дили садпораи ман,
Дили гампарвару гамхораи ман.
Туро сад пора хоҳад кард охир,
Ғами ин миллати садпораи ман.

Шоир ин сатрҳо ва дигар аламномаҳояшро дар аввалҳои солҳои пурталотуми навадум эҷод карда, ки ҳам ба дарди пири барҷомонда, ҳам пурсиши ҷавонмарди раҳгумзада ва ҳам ба дӯсту душман ҷавоб мегӯянд. Дар ҳамон рӯзе, ки ишора кардам (20 май), яъне дар сӯҳбати ёдоварӣ шуда дар соҳили кӯли Комсомол ба Лоиқ бо суоле мурочиат намудам: — Шумо, Лоиққон, мақоли "Овозаи Рустам – беҳ аз Рустам"-ро чи тавр шарҳ медиҳед? Ба суол ҳар хел ҷавоб ҳаст, — гуфт Лоиқу пурсон шуд: — Чаро он мақол ба хотиратон омад? – "Барои он, посух додам, — дархосте гирифтаам, ки бахшида ба шастсолагии шумо очерке бинависам, аз худи шумо пурсиданиям – овозаи Лоиқ беҳ аз Лоиқ аст ё ҷавоби дигаре бошад?".

—Муаллимҷон, дар ин хусус боре ҳам фикре ба сарам наомадааст, худатон, ки ин масъаларо ёдовар шудед, хуб мебуд, ки худатон қазоват мекардед. Бигузор, дигарон дар ин бобат бо худи шумо баҳсу музокира кунанд, на бо ман, — гуфт Лоиқ бо завқ хандида.

Дар ҳақикат, Лоиқ яке аз овозадортарин шахсиятҳои Тоҷикистон аст. Солҳои зиёд аст, ки номи ӯ дар саҳифаҳои матбуоту наворҳои телевизион, радио, дар маҳфилҳои мардумӣ вирди забон аст. Дар хусуси дигар хизматҳои Лоиқ баъдтар хоҳам гуфт. Ин ҷо барои исбот фақат ташаббуси ӯро доир ба шоҳномахонӣ дар радио ёдрас карданиям. Ҳазорон кас гӯш ба қимор меистоданд, ки аз шоҳномахонии Лоиқ ғофил намонанд.

Мо ин ҷо фақат ба шоҳномахонии Лоиқ ишорае кардем. Магар ӯ дар инкишофу такмили забони миллии тоҷикӣ кам заҳматҳо кашидааст? Ман ҳамчун узви комиссияи таҳияи Қонун доир ба забони давлатӣ медидам, ки Лоиқ аз дигарон бештар ҷиду ҷаҳд

дошт, ки ин Қонун хубтар таҳия гардад ва зудтар қабул шавад. Солҳои тӯлонӣ Лоиқ – ҳамчун донанда ва ҳимоятгари забони тоҷикӣ ба созмони бонуфузи "Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ" сазовор сарпарастӣ дошт ва барои такомулу тарғиби забони модариамон дар пойтахт ва вилоятҳо фаъолияти самарабахш мекард. Лоиқ хуб дарк менамуд, ки барои инкишоф ва равнақи забон пеш аз ҳама китоб, китобҳои ба забони адабии тоҷикӣ навишта шуда, зарур аст. Дар кори дар як фурсати кӯтоҳ ба табъ расидани офаридаҳои Рӯдакӣ, Абӯалӣ Ибни Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём, Ҷалолиддини Румӣ саҳми Лоиқ кам нест. Лоиқ барои такмил додани нашри китобҳои дарсӣ, луғатҳои гуногунҳаҷму гуногуншакл пешниҳодҳои муфиде кардааст.

Аввалин бор овозаи бо завқи баланд шеърнависии Лоиқро чиҳилу ду сол муқаддам, ҳанӯз дар Панҷакент, ки он вақт раиси ҳукумати ноҳия будам, аз забони Қутбиддин Раззоқов – маорифчии номӣ, сарвари омӯзишгоҳи педагогӣ шунида будам. Боре ӯ дар нишасти идонае, ки ба хонаам, барои табрик омада буд, гуфт:

— Раис, ман шуморо хурсанд карданиям, дар байни донишҷӯёни омӯзишгоҳамон як бачаи соҳибзавқ, аз қишлоқи Мазор мехонад, номаш ба худаш муносиб – Лоиқ. Лоиқ Шералӣ.

— "Чӣ соҳибзавқӣ доштааст Лоиқатон?" — пурсидам, кунҷкобӣ намуда. – "Шеър менависад, шеърҳои дилчасп, каломаш хуб аст", гуфт сарвари омӯзишгоҳ.

— Дар диёри мо шеърнавис бисёр аст, пеши пой хуред, болои шоир меафтед,— гуфтам шӯхиомез – Раисҷон, ин тавр нагӯед, ман беҳудагӯӣ намекунам, — Раззоқов ранҷидагӣ барин шуду афзуд: — Ман бо Боқӣ Раҳимзода ҳамсабақ ҳастам, ба наздикӣ бо Мирзо Турсунзодаву Файзулло Ансорӣ меҳмон шуда буданд, дар назди онҳо шеърҳои Лоиқро хондам. Онҳо гавҳаршиносӣ карда гуфтанд: — қаламатро напарто, аз шеърҳоят бӯи каломи Рӯдаки меояд.

Ба Қутбиддин Раззоқов барои хабари хуш ташаккур гуфтаму афзудам, — муаллим, акнун барои мӯътадил ба камол расидани Лоиқ аҳамият диҳед, кӯмаки ҳарҷонибаро дареғ надоред, агар дар ягон масъала ёрдами мо лозим бошад, огоҳ намоед. Муҳимаш он ки баробари шоири хуб будан, инсони хуб ҳам шудан ҳатмист.

Имрӯз, дар омади гап бояд гуфт, ки Қутбиддин Раззоқов барҳақ ба Лоиқ Шералӣ дасти падарона дароз кард, барои обутоб ёфтани хислатҳои инсонӣ, ахлоқу одоб ва шахсияти ӯ таъсири амиқе гузошт ва беҳуда нест, ки Лоиқ боифтихор Раззоқовро падари маънавии худ хондааст. Раззоқов ҳам ба Лоиқ, ки ихлоси баланд дошту меҳр баста буд, духтари гулпарии нозанинаш Зебиҷонро ҳамхонааш кард, ки боиси таҳсин аст.

Сарпарастии Раззоқов ва таълими муаллими адабиёт дар омӯзишгоҳ Шарфизодаи Исфарангӣ бар абас нарафтанд, Лоиқ ҳам

кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, зина ба зина пеш мерафт ва ҳанӯз дар давраи донишҷӯиаш дар қатори машъалони назми тоҷик ворид гардид. Дар ин бора Шоири Халқии Тоҷикистон Гулназар дар китобаш "Лоиқе чун Лоиқе", ки ба маврид ва моҳирона ба табъ расонидааст, басо хуб тасвир менамояд. Дар яке аз маҳфилҳои ҷавонон, нақл мекунад Гулназар, — устод Боқӣ Раҳимзода суханашро чунин оғоз менамояд: — Ҷӯраҳо, узр! Каме дер кардем. Имрӯз дар Иттифоқи нависандагон воқеаи таърихие рух дод. Мо Лоиқи азизро ба узвияти Иттиҳодия пазируфтем. Толорро беихтиёр садои кафкӯбӣ фаро гирифт. Он шабу рӯз дар муҳити ҷавонон, ба вижа дар ҳалқаи навқаламон, се тан шӯҳрату овозаи тамом доштанд – Лоиқ Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло. Боре дар моҳномаи "Садои Шарқ" шеъри Лоиқ доир ба ҳаёти донишҷӯён ба табъ расид. Аз тозагӣ ва мушаххасии мушоҳидаҳои Лоиқ ҳайратзада будем ва ҳамагон ин шеърро аз ёд медонистем. Ҳамин тавр, Лоиқ аз шеър ба шеър, гӯё аз диле ба диле пеш мерафт. Аз ҳамин рӯ, чун хабари ба узвият қабул шуданашро шуниданд, ҳамаро шодиву ҳаяҷони аҷибе фаро гирифт.

Устод Боқӣ Раҳимзода гуфт:— Мувофиқи қоидаҳои қабул ҳар адиби ҷавон бояд соҳиби як-ду асари чопшуда бошад. Лоиқ дар маҷлиси қабул шеъри "Ба модарам"-ро хонд ва ҳама ӯро якдилона ба узвият пазируфтанд. Устод Турсунзода ӯро ба оғӯш гирифта бӯсид. Гулназар ҳикояташро хеле ба мавқеъ хотима медиҳад",— шояд ғалат кунам, ба гумони ман адибе ба мисли Лоиқ ба ин шиддат ба адабиёт наомадааст, ба ин шиддат ташаккулу такмил наёфтааст ва ба ин шиддат мақоми аввали худро дар адабиёт ҳифз накардааст".

Дар гуфтаҳои Гулназари нозукбин ҳеҷ иштибоҳе нест. Ҳақ аст, ки Лоиқи Шералӣ ба майдони фарҳанги миллии худ шерона ворид гардид ва то нафаси вопасин шерона талошҳо варзид.

Ин ҷо мавриди мувофиқ медонам, ки як чизро махсус қайд намоям. Роҳи тайкардаи Лоиқ дар адабиёт на ҳама вақт гулпӯшу ҳамвор буд, кам набуданд, онҳое, ки ба назари рашку ҳасад ҳам ба ӯ менигаристанд, мактубҳои пай дар пай навишта айбҷӯӣ мекарданд, ӯро бадном кардан мешуданд, ба эҷодиёташ мӯҳри бӯҳтонро мезаданд.

Бадхоҳони ноҷавонмард ба эҷодиёти Лоиқ ва чанд эҷодкори умедбахш хати сиёҳи батлон кашиданӣ шуда, ба гардани ӯ тағмаи декадентӣ (кӯҳнапарастӣ) овехтанӣ шуданд. Он вақтҳо, ки дар Кумитаи Марказии Ҳизб бо масъалаҳои фарҳанг сару кор доштам, маводҳои бӯҳтонангезро нисбат ба Лоиқ ва чанд истеъдодҳои ҷавони дигарро омӯхта, бо устодон Мирзо Турсунзода ва Муҳаммад Осимӣ машварати хосае пардохтам. Онҳо ба олимони дахлдор супориданд, ки ин масъала бо диққат ва беғаразона

омӯхта шавад. Дар хотимаи машварате, ки санҷиши масъала ҷамъбаст мешуд, Мирзо Турсунзода қазовати қатъӣ намуду гуфт:

— Чаро мардуми рус аз достони "Гуфтор андар полки Игор" ("Слово о полку Игореве") ифтихор карда метавонаду мо наметавонем? Ё гирем, достони Шотта Руставеллӣ "Палангинапӯш", "Манас"-и қирғизҳо ва "Гӯруғлӣ"-и халқҳои Осиёи Миёнаро? Ҳар касе, дар ҳаққи Лоиқ чизе гуфтааст, беҳуда, беасос, бадхоҳона гуфтааст. Мо чунин иқдомро маҳкум мекунем, аҳсан ба Лоиқ, ки аз гузаштаи миллаташ, хусусан "Шоҳнома"-ву дигар мероси бебаҳои ниёгонамон ифтихор дорад ва онҳоро ӯҳдабароёна тарғиб менамояд. Гузаштаи мо мактабу сабақ аст.

Чи тавре, ки мебинем, аз давраҳои аввали ба адабиёт қадам мондан ва тай намудани ин роҳи ноҳамвори заҳматталаб, Лоиқи ҷӯяндаву ёбанда аз марҳамату эътибори Турсунзода барин шахсияти шӯҳрати ҷаҳонӣ дошта баҳраманд буд ва дар марҳилаҳои ҳассос дар симои ӯ ҳимоятгари хирадманд дошт. Ҷояш омад, бояд қайд намоям, ки муносибати дигар ходимони намоёни фарҳанг, аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммад Осимӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Ашӯр Сафар, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мӯъмин Қаноат низ ба шахсияту эҷодиёти Лоиқ аён хайрхоҳона буд.

Ҳоло, ки сухан аз боби қадршиносии ходимони барҷастаи фарҳанг, хусусан Мирзо Турсунзода нисбат ба Лоиқ меравад, як мулоқоти бо Ҷаббор Расулов – собиқ сарвари Тоҷикистон дошта-амон ба хотир меояд. Ин мулоқот дар арафаи анҷумани навбатии нависандагон сурат гирифта буд. Мирзо Турсунзода чун ҳамеша ба шӯъбаи фарҳанги Кумитаи Марказӣ омада аз сафарҳои навбатии хориҷиаш, аз вазъияти кор дар Иттиҳодияи нависандагон, бурду бохти фарҳанги миллӣ нақлҳои диққатангезе намуд, баъд каме ба фикр ғута зада – гуфт:— Ду рӯз пас анҷумани нависандаҳо мешавад, биёед ба назди Ҷаббор Расулович рафта, аввал он касро ба анҷуман даъват мекунем, баъд ба Сарвари Ҷумҳурӣ аз масъалаҳои доғи рӯз ахборот дода, аз эшон маслиҳатҳои лозимаро низ гирем...

Воқеан, Ҷаббор Расулов, ки ҳамеша аз вазъи адабиёту санъат огоҳ буду дилсӯзона парасторӣ ҳам менамуд, моро хушҳолона қабул кард ва баъд аз пазироии самимона пурсид: — "Мирзоҷон, чӣ ташвишҳо доред, чӣ гапҳои нав овардед?".

— Гапҳои нав, Ҷаббор Расулович, ҳамин ки баъд аз ду рӯз анҷумани нависандагонамон мешавад, омадем, ки шуморо даъват кунем.

— Хабар дорам, чӣ масъалаҳоро муҳокима мекунед? – пурсид Ҷаббор Расулов.

— Асосан се масъалаи муҳими ҷараёни адабиётро: аввал

инъикос намудани корномаҳои бунёдгарони комплекси истеҳсолии Ҷануби Тоҷикистон, дуюм – масъалаҳои рӯзмарраи драматургияи тоҷик, ки нуқсонҳои зиёд дорад, солисан – таҳлили эҷодиёти адибони ҷавон, — гуфт Турсунзодэ.

— Хеле хуб. Ҷавонон хуб месабзанд? Ҳастанд дар байнашон, ки дар оянда Айниву Турсунзода шаванд? – пурсон шуд Ҷаббор Расулов.

— Ҳастанд, хушбахтона ҷавонони хуб дорем, — гуфт Мирзо Турсунзодаву афзуд, — ман ҳоло асарҳои ҷавононро хонда, аз хушнудӣ меҳоҳам, ки "Тупиамро ба осмон ҳаво диҳам",— чӣ тавре, ки дар урфияти халқамон мегӯянд. Ман аз эҷодиёти ҷавонони соҳибистеъдод хеле шод ҳастам, бо дилпурӣ эстафетаи эҷодиро ба дасти Фазлиддин Муҳаммадиев, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ додан мумкин,— гуфт Мирзо Турсунзода – Дар назди шумо иқрор мекунам, ки ҳоло ман ба мисли Лоиқ Шералӣ шеър навишта наметавонам. Дар байни ҷавонони эҷодкор Лоиқ мақому манзилати хоса дорад".

— Мирзоҷон, шумо моро хурсанд кардед. Хубаст, ки ба ҷавонон чунин садоқати баланд доред, аммо дар хусуси супоридани эстафета, ҳоло барвақт, саросема нашавед, — гуфт бо завқ хандида Ҷаббор Расулов ва илова кард: — Ба съездатон меоям ва ҳатман баромад мекунам, гуфтаниҳои зиёд дорам.

Он суханҳое, ки Мирзо Турсунзода ба унвони Лоиқ дар назди сарвари мамалакат гуфта буд, заррае муҳобот надошт, аз таҳти дил ва ҳаққонӣ буд, зеро ки дар маҷмӯъ Лоиқ ҳамчун эҷодкор ва ҳамчун шахсияти комилу писандида баръало ташаккул ёфта буд.

Дар ҳамон вақтҳо масъалаи тарҷумаи гимни аз сари нав таҳриршудаи СССР – ҳуҷҷати моҳияти умумидавлатӣ дошта – ба миён омад. Дар бюрои Кумитаи Марказии ҳизб гурӯҳи эҷодие бо сарварии Мирзо Турсунзода ташкил ёфт. Бо пешниҳоди ӯ Лоиқ Шералӣ низ ба он гурӯҳи баландмартаба дохил гардид. Ман воқиф ҳастам, ки матни он ҳуҷҷати эҷодии муҳимро шахсан Лоиқ таҳия намуд ва боадабона ба Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзодаву Аминҷон Шукӯҳӣ хононду номашонро дар зери он гузошт. Дар маҷлиси хотимавии қабули матни Гимни СССР Мирзо Турсунзода хушгӯӣ намуд:

— Биёед, рафиқон, мардона иқрор шавем, чӣ тавре, ки дар урфияти халқамон мегӯянд, — "Ҳофиз манаму бародарам меҳонад" шуд. Маълум, ки матни тарҷумаи гимнҳои номбурдаро Лоиқ танҳо ва хубакак таҳия кардааст ва мо ба он хушрӯякак имзо гузоштем, — ва ба Лоиқ аз номи гурӯҳи эҷодии расмӣ миннатдории самимона изҳор кард, — ташаккури зиёд ба ту.

Ҳамин тавр маҳорату камолоти эҷодӣ ва мавқеву манзалати шахсияти Лоиқ дар амал, дар пеши назари роҳбарияти ҷумҳурӣ, Иттиҳодияи нависандагон, муҳимтараш, дар байни ҳазорон ҳаво-

дорони ашъори тозаву шаҳдбори ӯ аён меафзуд. Акнун дар бисёр ҷамъомадҳо, конференсияҳо, маҳфилҳои эҷодӣ, ҳам дар дохили кишвар ва берун аз он ба Лоиқ зуд-зуд сухан медодагӣ шуданд. Яке аз чунин минбарҳои баландтаринро ба Лоиқ дар Тошканд сазовор донистанд. Ба ӯ супорида шуд, ки дар расми кушоди Даҳаи адабиёту санъати тоҷик дар Ӯзбекистон аз номи ходимони намоёни фарҳанги Тоҷикистон суханронӣ кунад, ки дар он сарварони ҳарду ҷумҳурӣ Шароф Рашидов ва Ҷаббор Расулов иштирок доштанд.

— Ҳаққо, ки то ҳанӯз ман дар чунин минбари баланд сухан нагуфтаам. Мефаҳмам, барои ман барин навқалам, ин шарафи бузург аст, мо ба шумо бародарони ӯзбекистонӣ дилҳои кушодаву пур аз меҳру эҳсон тӯҳфа овардем – гуфт Лоиқ шеъреро бо рӯҳбаландӣ қироат намуд, ки аҳли толори бузурги театри Алишери Навоӣ ӯро бо кафкӯбиҳои бардавом истиқбол гирифт. Ҷаббор Расулов, ки дар бари Шароф Рашидов менишаст, аз хуш қабул шудани шоири ҷавони тоҷик рӯҳбаланд гардида ба вай гуфт: — "Подающий очень большую надежду, поэт из родины Рудаки". Рашидов сар ҷунбонида изҳор намуд:

— Талантов у наших народов, много, надо вовремя находит их и поддержать, я Вас, Джабборака поздравляю.

Ҳоло, ки сухан аз боби дӯстии таърихии халқҳои бародари тоҷику ӯзбек меравад, ба як чиз равшанӣ андохтаниям. Борҳо шунидаам, ки баъзеҳо Лоиқро ҳамчун бадхоҳи дӯстии миллатҳои тоҷику ӯзбек ном мегиранд, ки ин ба тамом хатост ва нисбат ба Лоиқ хусумат аст. Дуруст аст, ки дар ин боб Лоиқ сахт мешӯрид, ӯ ба муқобили даъвоҳои пантуркистон, бар зидди бадномкунандагони номи Бобоҷон Ғафуров мешӯрид, аз рафтори тоҷикони ӯзбекистонии миллат фаромӯшкарда ба ғазаб меомад. Ман шоҳидам, Лоиқ боре барои он шӯрид, ки яке аз муовинҳои Раиси Ҳукумати Ӯзбекистон, дар конференсияи матбуотӣ дар Москва дар толори вазорати фарҳанги СССР, Абӯалӣ Синоро фарзанди бузурги халқи ӯзбек эълон намуд. Дуруст аст, ки дар ин бобат Лоиқ сахт хашмгин шуда буд, ӯ додхоҳона мегуфт: — Охир, инсоф кунед, чӣ тавр аст, ки падару модар, бобою бобокалони Сино тоҷик бошаду худи ӯ ӯзбек:!

Чунин қаҷравиҳо дар афкори ҷамъиятии Ӯзбекистон ҷой дошганд ва хеле хуб шуд, ки ба сарварии он мамлакати ҳамсоя Рафиқ Нишонов барин ходими давлатӣ таъин гардид ва ба он каҷгӯиҳои ғаразнок хотима гузошта шуд.

Дар дигар мулоқотҳо, ба хусус маҳфили адабии нависандагони Тоҷикистон дар Тошканд, Лоиқ ба гуфтаҳои Мирзо Турсунзода пайравӣ намуда мегуфт: — Мо амиқ эҳсос мекунем, ки заминҳоямон, қуллаҳову кӯҳҳоямон, дарёҳоямон низ ба мисли дилу ҷонамон пайванданд, аммо айб аст, агар мо нисбат ба ҳамдигар

ҳавобаландӣ намоем, сухан яроқи буррост, бо яроқ бозӣ накунем, бародарони азиз!

Дар урфият мегӯянд,— баландиву ҳашамати кӯҳро агар ҳарчӣ аз дуртар нигарӣ, ӯро ҳамон қадар аёнтар, бузургтар дармеёбӣ. Ин ҳикматро ба тақдири шахсиятҳои барҷаста низ қиёс намудан мумкин аст. Ҳаётӣ будани ҳикмати мазкурро ман дар мавридҳои мусофиратам ба хориҷи кишварамон амиқ эҳсос намудаам,— бори аввал дар Африқо (Малӣ), вақто ки дар он кишвари дурдаст, Самеъ Абдулло ном ходими намоёни ҷамъиятӣ – давлатӣ, маро дидан ҳамоно аз ҳолу аҳволи Мирзо Турсунзода пурсон шуд. Бори дигар, дар Эрон, гоҳе, ки гоҳе, ки дар қабули арбоби намоёни фарҳанг Алиасғари Шеърдӯст будам, ӯ маро, ки мешинохт, дидан ҳамоно хушгӯӣ кард:— Худо шуморо дар мавридаш ба ҳузури мо расонд, мо (соҳиб), ҳардуямон устод Лоиқи Шералиро беҳад хурсанд карда метавонем.

— Чӣ тавр? – Пурсон шудам.

— Ҳамин тавр ки Гулчини ашъори устод Лоиқро ба табъ расонидем, ки чанд нусхааш дар дасти ман аст: — Ана ин нусха барои устод Лоиқ, нусхаи дигар барои худи шумо, — гуфт: бо мамнуният оқои Шеърдӯст, китобро тақдим намуда. Дар поварақи китобе, ки ба камина эҳдо шудааст, хондам:— "Ба ҳузури устоди мӯҳтарам ҷаноби оқои Холмурод Шарифов, бо орзуҳо ва умеди беҳрӯзӣ ва шодкомӣ". Шеърдӯст, 6 сентябри соли 1994, Теҳрон.

Бо мамнуният он китобро қабул намудам ва шомгоҳӣ дар меҳмонхона варақгардон кардам ва дидам, ки ба "Гулчини ашъори устод Лоиқ Шералӣ" шахсан оқои Шеърдӯст пешгуфтори батафсиле навиштааст, ки дар он эҷодиёти шоир басо моҳирона ва хайрхоҳона таҳлил шудааст. – Шеъри Лоиқро дар ҳама ҷой бо ҳавас мехонанд ва қадр мекунанд, навиштааст оқои Шеърдӯст.

Боз дар як сафари хориҷии дигар, аз дурӣ гувоҳи шӯҳратёрии Лоиқи мӯъҷизакор гардидаам. Ин даъфа дар Афғонистон, соли 1966, ки моро ба иди истиқлолияти Афғонистон даъват намуда буданд. Камина ба дастаи сершумори фарҳангиамон сарпарастӣ менамудам. Барномаи ҳунарии устодони санъати Тоҷикистонро дар маросими истиқлол басо хуш пазируфтанд. Дар он ҳайати фарҳангии мо – устодон Ғаффор Валаматзода, Шоиста Муллоҷонова, Азиза Азимова, Ҷӯрабек Муродов, Зебо Аминзода, Мӯътабар Иброҳимова, Боймуҳаммад Ниёзов, Зӯҳро Каримова ва дигарон ҳунарнамоӣ доштанд. Барандаи барнома Маҳмудҷон Воҳидов буд. Маҳмудҷон шеърҳои классикони адабиёти форсу тоҷикро бо маҳорати ба худаш хос қироат мекард ва сомеъон ӯро басо хуш қабул мекарданд.

Рӯзи дигар Вазири фарҳанг ва Иттилооти Афғонистон Усмон Сидқӣ, ки бо мо сӯҳбати хоса орост, дар ҳаққи ҳунарнамоии устодони санъати тоҷик беҳтарин суханҳоро гуфту дар хотима ба

Маҳмудҷон Воҳидов муроҷиат намуд: — Шояд худатон эҳсос намудед, ки мардуми афғон шуморо дӯст медорад, метавонад соатҳо гӯш кунад. Як хоҳиш дорам, бо он шеърҳои классикони тоҷику форсро, ки шумо қироат менамоед, мо балад ҳастем. Хуб мешуд, агар шумо моро бо шеъри ҳозираи тоҷик ошно мекардед.

—Ба чашм, устод, агар имшаб ҳам ба намоиши мо оед, хоҳиши Шумо ҳатман иҷро мешавад,— гуфт Маҳмудҷон, табассуми ширине карда.

Маҳмудҷон Воҳидов мувофиқи ваъдааш, дар намоиши навбатӣ фақат аз ашъори шоирони муосири тоҷик қироат намуд. Ӯ порчаеро аз "Ҷони ширин"-и Мирзо Турсунзода ва чанд шеъри шоири дигарро хонду дар охир "Ба модарам" ном шеъри шоири ҷавон Лоиқ Шералиро бо эҳсоси амиқ ва бо ҳиси баланди фарзандӣ хонд, ки банди аввалаш чунин аст.

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният.
Ки рӯзи тӯй дида дар қади ман, бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният.
Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!

Шояд аз он сабаб, ки каломи тоза, тасвири пурҳаяҷони симои модари мушфиқ аз ҷониби шоири ҷавон Лоиқ бо лаҳни булбулосои Маҳмудҷон омехта шуда буд, шунавандаи афғон соҳибихтиёриро аз даст дода ба "афғон" омад, аз ҳунарманд хоҳиш мекард, ки он шеърро такроран хонад.

Бемуҳобот, шеъри "Ба модарам" ва дигар навиштаҳои Лоиқро мардуми афғон ҷазммандона қабул намуд. Дар сафарҳоямон – дар мавзеъҳои дигар Ҷалолобод, Қарға, Истолиф, Пағмон ва ғайра муштоқони каломи бадеъ аз Маҳмудҷон хоҳиш мекарданд, ки бештар аз шеърҳои Лоиқ қироат намояд.

Ҳамин тавр, тадриҷан ва табиӣ каломи сеҳрноки Лоиқ аз кишвар ба кишвар, аз забон ба забоне масофа тай мекарду қосиди дилҳо мегардид, намунаҳои онро аз ҳамсафариҳо бо худи Лоиқ дар Ӯзбекистон, Қирғизистон, Россия, Прибалтика ва дигар ҷойҳо мушоҳида намудаам. Афсус, ки барои тасвири ҳамаи онҳо имкон надорам. Фақат мушоҳидаи як шоири номии рус Василий Пухначевро, ки бо ӯ дар Сибир (Новосибирск) мулоқот доштам, изҳор карданиям. Пухначев донист, ки ман аз Тоҷикистонам, пурсон шуд:— Шумо шоирони тоҷик Қутбӣ Киром ва Лоиқ Шералиро мешиносед? – "Гуфтам: — Онҳоро чун бародарони худ мешиносам. Робитаҳоямон ба дараҷаи хешу таборист".

— Великолепно!—гуфту афзуд,— Аз ман ба онҳо салому эҳтиром бирасонед. Ҳардуяшон инсонҳои хубанд ва шоирони беҳамто. Хоҳиш мекунам, ки Лоиқро эҳтиёт намоед, ки бештар ба эҳсос дода мешавад, боз – ба лаҳҷаи хоси худаш илова кард, "Я с ним был в великих стройках. Он несомнено самородок.

Всюду сияет теплом слов и души. То, что он поэт виден на расстоянии. Это похвально:— гуфт шоиру афзуд, — но самое замечательное в нем преданност дружбе.

Ин ҷо, ки сухан аз боби ба дӯстӣ муносибати хоса доштани Лоиқ рафт, гуфтаҳои шоирро қувват дода махсус қайд карданиям, ки Лоиқ ба дӯстон муносибати ҳамвор дошт, баъзеҳо барин дар атрофи мансабдорон парвона намешуд. Шиносоии мо бо Лоиқ тақрибан аз соли 1963 ғоибона сурат гирифта буд. Падарарӯсаш Раззоқов фармудааст, ки ба фалонӣ салому паёми маро расон, Лоиқ телефонӣ, паёму хоҳиши ӯро иҷро карду гуфт:— Муаллим, — ба ман "роҳи сафед" гӯед, ба хизмати ҳарбӣ рафта истодаам. Ӯ хизмати ҳарбиро ба анҷом расонида омад ва ҳамроҳи Қутбӣ Кирому Аълохон Афсаҳзод, Маҳмудҷон Воҳидов ба хонаи мо меомадагӣ шуд, агар китобҳояш чоп шаванд, аввал ба камина тӯҳфа мекард. Дар ҳамаи маъракаҳои мо иштирок дошт, ба туйҳои фарзандонам сарварӣ менамуд ва ман ҳам ба гузаронидани маъракаҳои ӯ саҳмгузор будам. Ҳис мекардам муносибати ӯ ба банда басо ихлосмандонаю фарзандона аст. Агар ба қавли Фазлиддин Муҳаммадиев хоксориро як лаҳза яксӯ гузорем, Лоиқ дар Кӯлоб бо чи ваҷҳе ба Камолҷон Насрулло гуфта буд.— Муаллим Шарифов пири аслии моянд, дар ҳар куҷое, ки ба ин кас сухан медиҳӣ "сухан ба пири мо" гуфтанро фаромӯш макун. Лоиқ одоби муомиларо пос медошт, дар хотир надорам, дар кадом маъракае, ки ман бошам, ӯ аз ман пеш ҳарф зада бошад, "аввал муаллим гап зананд, баъд ман" — мегуфт.

Лоиқ ҳавобаландиро намеписандид, агар маслиҳатҳои дуруст диҳед, гӯш меандохт ва қабул мекард. Баъди аз чоп баромадани аввалин маҷмӯаи шеърҳояш, дар атрофи он китоб гуфтугузорҳои ҳархела ҳам шуда буд. Камина ҳамроҳи ҷонишини онвақтаам Ибод Файзуллоев Лоиқро барои сӯҳбати дӯстона ба Кумитаи Марказӣ даъват намудем, ҳам аз кашфиётҳои бадеии муаллиф ва ҳам аз ноқисиҳои ҷузъии асар ба ӯ гуфтем. Лоиқ дигарон барин ба кибру ман-манӣ дода нашуду дар хотимаи сӯҳбат гуфт: — "Кошки ҳамин зайл сӯҳбатҳо зуд-зуд такрор шаванд, ин гуфтаҳое, ки имрӯз дар атрофи эҷодиётам шунидам, ба монанди бороне буд, ки замини ташна кайҳо боз онро интизор аст. Боре вазири матбуоти Афғонистон Нурулло Толуқонӣ ба ҷумҳурии мо меҳмон шуд. Барои ҳамнишинии дӯстона бо меҳмон Лоиқ Шералӣ ва Ҷӯрабек Муродовро низ ба "Шарифобод" (дараи Ромит) даъват намудам. Дар нишасти дилпазир баъд аз шунидани суруди "Ушшоқи Самарқанд", ба Лоиқ ва Ҷӯрабек муроҷиат намудам:— Чаро Самарқанд", Бухоро, Тошканд ушшоқи худашонро доранду пойтахти мо Душанбе надорад? Онҳо "ин хизмат ба мо расад" гуфтанд ва Лоиқ бахшида ба Душанбе ушшоқе навишту Ҷӯрабек ба он оҳанг баст.

Акнун ин суруд ба хазинаи беҳтарин сурудҳои миллии тоҷикӣ

ворид гашта, мақоми баланд пайдо кардааст. Ҳар сари вақт Лоиқ бо дӯстҳои наздикаш ба хонаамон хабаргирӣ меомад, сӯҳбатҳо ба дараҷае қӯр мегирифт, ки шабро дар атрофи шатранҷ ва баҳсҳои фарҳангӣ рӯз мекард, ки дӯстон Меҳмон Бахтӣ, Исомиддин Салоҳиддинов, Султон Сафаров, Ибод Файзуллоев хуб медонанд. Баъди аз вазифаҳои баланд рафтанам бисёр дӯстони ҳамнишинам оҳиста-оҳиста роҳи хонаи маро фаромӯш карданд, фақат Лоиқ ва чанд нафари дигар то охир як зайл монданд. Баъзан Лоиқ ҳамроҳи ҳамсояи собиқам Мӯъмин Қаноат меомаду сӯҳбатҳои тӯлонӣ меорост ё ба дилбастагони ҷавонаш Фарҳоду Самариддин омада маҳфилчаҳои дилхушӣ меоросту мегуфт: "Дар ҳар ҷо занги дилат тоза намешавад".

Боре гузарам аз назди хонаи Лоиқ афтод, ӯ маро дида бо истодагарӣ ба хӯроки шом даъват кард. Дар атрофи дастрахон саргарми сӯҳбату бозии шатранҷ шудем, соат аз нисфи шаб гузаштаасту борони сахт меборад, ӯ чатрашро ба ман доду ҷомаашро пӯшида бо писаронаш Ромиш ва Сомон маро ба хонаам расонда гуфт, "Муаллимҷон, агар мо шуморо эҳтиёт накунем, Худо намебахшад, охир шумо ҳам падари моед".

Лоиқ дар роҳи ҷавонмардӣ беҳамто буд, агар мабодо, дар ҳолати сархушӣ бо касе дуруштӣ мекард, рӯзи дигар ӯро ҷуста сад узр мепурсид. Дар хотир надорам, ки касе бо кадом эҳтиёҷе ба ӯ муроҷиат намуда бошаду ӯ дасти мадад дароз накарда бошад. Ба Лоиқ хабар мерасад, ки дар рӯзномае дар ҳаққи Ҷӯрабек Муродов мақолаи бӯҳтонангезе чоп карданиянд. Ӯ зуд маро огоҳ карду пеши роҳи ин ноҷавонмардӣ гирифта шуд. Ё бори дигар Лоиқ омада, дар хусуси беасос нигоҳ доштани чопи лӯғатҳои таҳиякардаи Амон Нуров шӯрид. Луғатҳои тафсирии ӯ доир ба Рӯдакӣ, Ҷомӣ, "Ғиёсуллуғот" ва ғайра бо мадади Лоиқ ба табъ расиданд. Боре ҳазломез ба Лоиқ гуфтам: — "Маъракаи интихобот аст, ман шуморо шахси эътимоднок интихоб намудам, бо ман ба Фархор меравед? Ӯ садоқатмандона, бо ман равон шуду якуним ҳафта ҳамроҳ қишлоқ ба қишлоқ гашт.

Дар хусуси шоири тавоно будани Лоиқ, ҷараён ёфтани давраи нави шеъри лоиқонаро Гулназар дар китоби "Лоиқе чун Лоиқе" ба тафсил ва бо назари тоза тасвир кардааст. Баъд аз вафоти Лоиқ Абдулҳамид Самадов дар сугвориаш "Аз худ ҷаҳоне монду рафт", Абдулмаҷид Достиев "Гӯянда, агар гузашт Лоиқ", Валӣ Самад дар "Оинаи дарди миллат", Камол Насрулло, Ширин Бунёд ва даҳҳо дигарон дар Тоҷикистону берун аз хоки он ихлосмандона навиштаанд ва боз хоҳанд навишт.

Лоиқ чеҳраи тобони фарҳанги мост ва табиист, ки бисёр истеъдодҳои асил бо ифтихор ӯро устоди худ мешуморанд, аз ҷумла Гулназар, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Фарзона, Ҳадиса, Алиакбар Абдуллоев, Саидалӣ Маъмур, Ҷонибек, Низом Қосим,

Муҳаммад Ғоиб, Алии Хуросонӣ аз назари пурсаховати устодии Лоиқ баҳраманд гардидаанд. Фақат як мисол Лоиқ, ки соли 1979 сармуҳаррири маҷаллаи "Садои Шарқ" буд, дар шумораи нӯҳуми он як силсила шеърҳои шоири навқалам Муҳаммад Ғоибро зери унвони "Эҷоди ҷавонон" пешгуфторе навишта чоп менамояд. Дар ин пешгуфтор Лоиқ менависад:— Ман бо Муҳаммад Ғоиб ду бор дар конференсияҳои навқаламон вохӯрдаам... Ман, азбаски пештар шеърҳои алоҳидаи ӯро хонда, аз назари худ маслиҳатҳо дода будам, хостам донам, ки то кучо ба ӯ суд бахшидаанд. Аз мутолиаи шеърҳо дарёфтам, ки шоири ҷавон то андозае дил ба дарё задааст ва кӯшидааст дурри мақсуд ба даст орад. Пас, аз ҳама овардаҳояш чанд пора ҷудо кардам, ки худи муаллиф хабар надорад.

—Ана, ҳамин тавр, Лоиқи ганҷҷӯй кӯшишҳо ба харҷ медод, ки ҷавонони соҳибистеъдод дар мавҷҳои пуртуғёни дарёи бекинори назми тоҷику форс шиноварӣ биомӯзанд, суханвари миллат шаванд.

Лоиқ ба ҷавонони соҳибистеъдод на фақат дар нашри асарҳояшон кӯмак мерасонд. Ӯ аз минбарҳои анҷуману маҷлисҳои садорати Иттифоқи нависандагон, конференсияҳо, маҳфилҳои эҷодӣ манфиати онҳоро ҳимоя мекард, асарҳояшонро таҳлил менамуд. 20 маи соли 1977 Лоиқ дар Пленуми (Садорати) Иттиҳодияи нависандагон, ки дар он Мирзо Турсунзода раисӣ менамуд, сухан ороста эҷодиёти Гулрухсор, Гулназар, Ҳақназар, Ҳабибулло Файзулло, Камол Насрулло, Зулфия Атоуллоеваро таҳлил карда, ошкоро дар хусуси камбудиҳояшон гуфт, ки баъзе шоирон худашон худашонро такрор мекунанд, дар кашфиёти тозаи бадеӣ танбалӣ мекунанд, баъзеҳо саросема асарҳои хомашонро дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп менамоянд. Нотиқ дар хусуси кори нашриётҳо сухан гуфта афзуд, ки онҳо пеш аз ҳама бояд ба нашри китобҳои ҷавонони навқалам аҳамияти ҷиддӣ диҳанд, зеро дасти дарози нашриёт ба ҷавонон ин дасти дарози давлат ба онҳост.

Лоиқ солҳо узви Кумитаи мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ оид ба адабиёт, санъат ва меъмории назди Ҳукумати Тоҷикистон буд. Ҳамеша дар баррасиву баҳодиҳӣ ба асарҳои довталаб баҳои ҳақонӣ ва сазовор медод. Барои ӯ, ҳангоми муайян кардани дараҷаи бадеии асар меъёри ягона – сифати асар буд. Вай рӯёрӯ, бидуни хотирбинӣ фикри худро иброз менамуд.

Асарҳое, ки то имрӯз сазовори ин мукофоти олии давлатӣ гардидаанд, бешубҳа дар ганҷинаи адабиёт ва санъати тоҷик ҷо гирифтаанд ва дар муқаррар кардани манзалати онҳо ҳиссаи Лоиқ бузург аст. Вай борҳо бо худи ман, ки раисии ин Кумитаро ба ӯҳда доштам, баҳсҳои тундутез карда, моҳияти бадеии ин ё он

асарро исбот намудааст. Ман аз ӯ миннатдорам, ки дар лаҳзаҳои баҳодиҳӣ ба асарҳо ҳамеша дар паҳлӯи ман буд.

Саховатмандӣ, ҷавонмардӣ, иззату эҳтироми инсонро пос доштан дар мавриди ба хизмати касе расидан аз дигар унсурҳои сифати инсонӣ ҷозибаи ӯро дучанд менамуданд ва бе сабаб нест, ки хабари шуми вафоти ӯро шунида аз тамоми гӯшаю канорҳои Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он, ихлосмандонаш ба маросими мотамаш мешитобиданд, бисёриҳо андӯҳашонро дар рӯзномаю маҷалаҳо баён мекарданд:

Аз доги ту нола аз Бадахшон ояд,
Аз санг садои оҳи сӯзон ояд.
(Ширин Бунёд)

* * *

Зангӯлаи шеър дар сари даст,
Ҳай догу башаст рафт Лоиқ.
(Абдулҳамид Самадов)

* * *

Сӯхтӣ тарки ту карданд одамон,
Рӯзи сахтӣ содиқи ту бо ту монд.
Эй, Душанбе, чун тавон навмед буд,
Ошиқи ту, Лоиқи ту бо ту монд.
(Камол Насрулло)

* * *

Ту Лоиқ, лоиқи дилҳои воло,
Дусад чашмони оҳӯи хуморӣ.
Чӣ дилбарҳо сари шеъри ту гирён,
Ба ёдат ошиқи шабзиндадоре.
(Ҳадиса)

* * *

Аз бари исторагон исторае якто бирафт,
Аз самои нилгун як ахтаре воло бирафт.
(Сабоҳат Иброҳимова, модари 6 фарзанд)

* * *

Лоиқ. Лоиқ! Нумӯи миллат боқист,
Мастии ту дар сабӯи миллат боқист.
Аз гӯши гарони нокасон боке нест,
Фарёди ту дар гулӯи миллат боқист.
(Гулназар)

* * *

Шеър агар зодаи истеъдод аст,
Шеъри ман зодаи шеъри ту бувад.
(Тӯлқин Хоҷа, аз шеъри "Ба устод Лоиқ")

Ашъори сӯгвории беҳисобе, аз ҷумла Бориқ Шафеӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Жола Бадеъ ва дигар дӯстони хориҷии Лоиқро, афсус, ки имкони дарҷ кардан надорем, ҳамаи онҳо гарчанде

гуногунтарзанд, аммо як оҳанг доранд – оҳанги фиғони дилу дуди сина аз талафоти бебадал, тарки Лоиқ аз олам.

Камина боз андаке роҷеъ ба шахсияти инсонии Лоиқ, назару фаъолияти ҷамъиятии ӯ таваққуф карданиям.

Ба шахсияти Лоиқ муроҷиат намуда гуфтаниям, ки инсони соҳибхирад, андешаманд, меҳнатдӯст, ростқавл, ба дӯстиву рафоқат содиқ буд ва ҳар иқдоме, ки мепардохт, мустақилона аз лиҳози диди худаш амал мекард ва инчунин дар фаъолияти ҷамъиятӣ низ рафтори аниқ ва роҳу равиши худро дошт. Ба мисли баъзеҳо ба ҳар нағма намерақсид, ки ин хислати ӯ дар мавридҳои носози воқеаҳои аввалҳои солҳои навадум возеҳ мушоҳида мегардид. Он солҳо Лоиқ дар қатори як зумра ходимони намоёни фарҳанг ба шӯрои махсусе, ки дар назди Шӯрои Олӣ таъсис шуда буд, ворид гардида кори муфиде ба анҷом расонид. Ӯ борҳо қазоват мекард, — магар дар ҳолате, ки қисмати давлату миллати тоҷик ба гарав монда шудааст, метавонем мо бетараф бошем?! Дар ин ҷода Лоиқ ибратҳо нишон медод, ӯ ҳамчун узви обрӯманди шӯрои номбурда бо ҳама табақаҳои мардумӣ ва хусусан бо гурӯҳҳои мухолифи якдигар забон меёфту рсҳ меҷӯст, дар мулоқотҳо ҳақиқати талхро мегуфт, ки мардумро ба доми фиреби пуштибонҳои ҳамёндори хориҷӣ наандозед, ки ин роҳ халқро ба вартаи ҳалокат мебарад. Ӯ азми бародаркуширо сахт маҳкум намуда шӯридааст:

Дигаре гирад гиребони фалак,
Мо гиребони худиро медарем.
Дигарон бар госибон зӯроваранд,
Мо фақат бар асли худ зӯроварем.

Ӯ боз мегӯяд:

Тоҷикему ба ҳам наҷӯшида,
Тоҷикему на хайрхоҳи худем.
Қаҳрамонони ҷанги миллаткуш –
Қотили халқи бегуноҳи худем.
Чун сипоҳигарӣ намедонем,
Рахнаи марзи бесипоҳи худем.

Бадбахтона, дар байни зиёиёни худамон сиёсатмадорони кӯтаҳназар (шабкӯр) ҳам ёфт шуданд, ки талошҳои Лоиқро дар роҳи ба эътидол овардани вазъият бо ченаки каҷ санҷида ҳатто ӯро душмани халқ ҳам гуфтанд. Яке аз онҳо ба камина, "ту бо душмани халқ Лоиқ салом кардӣ?", гуфта, чанд моҳ ба ман дасти салом надод ва баъдтар чунин ашхос фаҳмиданд, ки Лоиқ кисту онҳо кистанд?, пеш аз ҳама дум ликонда аз гирди дастархони ӯ дур намешуданд. Дар ин хусус Абдулмаҷид Достиев хеле возеҳ навиштааст ва хоҷат ба шарҳи минбаъдаи мавзӯъ нест.

Муҳимаш он, ки Лоиқ ҳамчун ифодагари манфиату афкори

миллӣ аз дигарон пештар зарурати ба даст овардани оштии миллиро дарк намуд ва дар ин роҳ кӯшишҳо ба харҷ дод. Бесабаб нест, вақте ки бо талошҳои пайгиронаи сарвари ҷавони ҷумҳурӣ Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва майлу ризоияти роҳбари гурӯҳи мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ 27 июни соли 1997 паймони сулҳи байни тоҷикон дар Маскав имзо гардид, Лоиқ аввалин шуда, ба мисли шахси ташнае, ки нав ба лаби чашмаи об расидааст, бо назми воло сухани шукрона оғоз менамояд:

Раҳми Парвардигори мо омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.
Чор сӯ буд тирборонҳо
Яке тири барори мо омад.
Ахтари наҳс аз сари мо рафт,
Ахтари саъд ёри мо омад.
Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад.

Лоиқ ҳамчун шахсияти намоён ва ифодагари манфиатҳои миллии мардуми кишвар, сулҳи нав ба даст омадаро ба мисли тифли навзод ҳимоя мекард ва ҳамчун яке аз мунодиҳои сулҳ талошҳо дошт. Ӯ дар қатори ходимони намоёни ҷамъиятӣ дар кори басо тақдирсоз – бунёди ҷараёни халқии ваҳдат саҳмгузорӣ мекард. Якҷоя бо Султон Мирзошоев, Мӯъмин Қаноат, Нодир Одилов, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло ва дигарон аз вилоят ба вилоят, аз ноҳия ба ноҳия, аз деҳа ба деҳа гашта, ваҳдати миллӣ ва якпорчагии Тоҷикистонро тарғиб менамуд.

Табиист, ки вазъият ба осонӣ ба эътидол намеомад. Буданд қувваҳое, ки оромии кишвари тоҷикро намехостанд, барои ба мақсади ботилашон расидан камонбадастонро айёрона истифода мекарданд, қотилонро ба кор меандохтанд, Муҳаммад Осимӣ, Юсуф Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов, Муродуллоҳи Шерализода, Моёншо Назаршоев, Мунавваршо Назриев, Муҳиддин Олимпур ва садҳо нафари дигар магар қурбони амалиётҳои террористии онҳо набуданд? Дар он мавридҳо ҷони шахсиятҳои намоён, ба мисли Лоиқ, низ дар хатар буд. Барои ҳамин ҳам қадрдонҳои ӯ, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар, дар ҳарос афтода талаб мекарданд, ки Лоиқ ҳар чӣ зудтар ба хориҷи кишвар фирор намояд. Барои амалӣ намудани ин мақсад назди ман чанд касро фиристониданд, ки ба Лоиқ фаҳмонам, ки худашро аз сӯиқасдҳо раҳо намояд. Чанд фурсат мулоҳиза кардам, билохир ин талаброба ӯ гуфтам. Лоиқ ба андешае рафту ба ҳаяҷон омада гуфт:— Муаллимҷон, гумон мекунам, ки онҳо боз ба наздатон меоянд, ба ғамхориашон ташаккур! Аммо фаҳмонед, ки "аз қисмат ҷои

гурез нест. Ман Ватани азизам, аҳли байти ба ҷон баробарамро ба кӣ партофта мегурезам. Ҳарчӣ бодо бод, ман ин номардиро намекунам", Чунин буд Лоиқи ҷавонмард, ки бар зидди камонбадастон низ баланд нидо кардааст:

Шаборӯзон зи ҳар ҷониб садои тир меояд,
Ба ҷони одамон талвосаи шабгир меояд.

* * *

Камонмардон!
Камон аз дӯш бигзоред,
Ба ёди куштагони хештан хомӯш бигзоред!

* * *

Ҳама тире, ки андар тирдон доред.
Ба қалби ман бияндозед,
Ба ҷони ман фурӯ резед,
Ҳамин як қалби ман омоҷгоҳи тиратон бошад,
Валекин ҷони мардум дар амон бошад.
Агар як ман бимирам, ҳеҷ боке нест,
Фардо Модари тоҷик
Ҳазорон Лоиқи лоиқтаре аз ман биёрад боз

* * *

...Камонмардон!
Яқин донед
Ки ин тоҷик куштан аз ду ҷониб,
Дар ду дунё қаҳрамонӣ нест,
Ки чун ин ҷанги нангини шумо
Дар ҳеҷ таърихи ҷаҳонӣ нест.

* * *

Агар ҳоло намефаҳмед,
Рӯзе нек мефаҳмед, ки тир аз камон рафтаст.

Лоиқ мавқеи худро дар ҷамъият аниқ карда буд, ӯ чунин мепиндошт, ки овози дили ӯ, сатрҳои эҷодкардааш ба орзуву омоли халқаш ҳамсадост. Дар анҷумани нависанадҳо, шоирае гуфт: чаро овози мо ба нишон намерасад, Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмонов ба маврид ҷавоб дод: — Ба Лоиқ пайравӣ кунед, дарк кунед, ки чаро дар ҳама ҷо Лоиқро гӯш мекунанд, ҳам дар болову ҳам дар поён.

Ин чунин маънӣ дорад, ки Лоиқ дар замони худ ба пояи баланди шеърофарӣ расидааст ва беҳуда бисёриҳо ӯро Рӯдакии замони мо нахондаанд.

Охирин бор суханронии Лоиқро 21 марти соли 1999 дар сари

мақбараи пайғамбари адабиёти тоҷику форс Рӯдакӣ шунидаам, ки гуфта буд, — Мо ҳеҷ гоҳ панди бузургонро "ки шеър бояд рӯдакивор бинвисем, фаромӯш накунем". Дар ҳамон маросими наврӯзӣ арбоби намоёни илму фарҳанг Отахон Сайфуллоев "Ганҷи Зарафшон" ном шеърашро қироат кард, ки дар он омадааст:

Тоҷикистон ҷумла фарзандони ӯ,
Пиру барно, ҷумла пайвандони ӯ.
Дар каломи Лоиқи шӯридадил,
Тавъаму тавҳид ҳамчун обу гил.
Лоиқи мо – Рӯдакии ин замон,
Зиндаю поянда бодо ҷовидон!

Яке аз чеҳраҳои намоёни Афғонистон Бориқ Шафеӣ низ дар ин хусус изҳори ақида кардааст:

Дарего, ки Лоиқ, сухангӯи тоҷик,
Ки мулки сухан шуд мар варо мусаххар.
Ба рӯшанравонӣ дурахшид умре
Ба тоҷи сухан чун фурӯзанда гавҳар.
Чунон Рӯдакӣ дар Хуросонзамин буд,
Худои суханро навоин паёмбар...

Бешубҳа сатрҳои болоӣ басо самимӣ иншо гардидаанд.

Ҳар кас озод аст, ки бо майли худ ақидаронӣ намояд. Дар хусуси он, ки Лоиқ Рӯдакии замони мост ва ба ин поя расидааст, шубҳа намекунам. Аммо, камина бар онам, ки ҳар эҷодгари тавоно ба тарзи худаш бузург аст, хусусиятҳои ба худ хосу нотакрори худашро дорад ва барои ҳамин ҳам дар таърих дар мақоми баланди худаш мемонад.

Афсӯс, ки мо дақиқ намедонем, ки дар асл марги Рӯдакӣ чӣ сон сурат гирифтааст ва маросими мотамаш чи гуна буд. Аммо, шоҳиди он шудем, ки тамоми мардуми тоҷику форсинаҷод ва бештар аз он ба марги ногаҳонии Лоиқ ҷонсӯзӣ намуданд. Селоби мардуми ашколудро дар маросими мотам дар театри ба номи Айнӣ, дар маъракаҳои ҳафту чил ва ғайра ба хотир биёред, бемуҳобот мушоҳида мекунед, ки Лоиқи ба дараҷаи пайғамбари сухани замони худ расида буд ва вафоти ӯ барои фарҳанги дунёӣ талафоти бебадал аст. Матлаб аз гуфтани суханҳои болоӣ он аст, ки Рӯдакӣ бо кашфиёту каромоти худаш бузург асту ҷои худашро дар таърих дорад ва Лоиқи эҷодкор низ мақоми худашро дорад. Шубҳа намекунам, ки овозаи Лоиқ низ ба мисли овозаи Рӯдакиву Ҳофизу Хайём аз аср ба аср, аз аҷдод ба аҷдод ҳамчун ганҷи гаронбаҳо хоҳад рафт.

Гуфтаҳои болоӣ он маъноро надорад, ки мо бо Лоиқ падруд мегӯем, ҳаргиз не. Сухани шаҳдбори хирадмандонаи ӯ, меҳри фарзандонаи вай, ки дар дили мо маскани абадӣ гирифтааст,

чеҳраи дӯстрӯяш ҳаргиз аз дилу дидаи мо дур нахоҳад шуд.

То бувад шеър, то бувад тоҷик,
То бувад меҳр, то бувад ошиқ.
Зинда монад нишонаи Лоиқ.
Шеъру ишқу фасонаи ошиқ!

ШОИРИ ОҲАНИНТАН

(Мактуби кушода ба Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ)

Азизам, ту ҳафтодсола шудӣ. Туро бо ин ҷашни фирӯз табрик мегӯям. Ҳафтод соли гузашта нимаи ҳаёти бобаракати туст. Аминам, ки боз ҳамин қадар умри дигар мебинӣ. Ман ба гуфтан асос дорам ва онро дар давоми мактубам баён мекунам.

Ману ту қариб панҷоҳ сол боз шиносоӣ ва ҳаққи бародарӣ дорем. Ёд дорӣ: Аввалин бор бо ҳам тобистони соли 1948 дар водии Вахш вохӯрдем. Он вақт ман дар созмони ҷавонон кор мекардам. Мавсими ғунучини пахта буд. Ту ба ноҳияи мо омадӣ, ҷавони бисту чаҳорсола, хушқаду қомат, рӯҳбаланду зарофатгӯй. Ман туро аз ин пеш ҳам ғоибона медонистам. Охир, ту ҳамон сержант Қаҳҳорие будӣ, ки ҳанӯз дар хандақҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шеър менавиштӣ ва он шеърҳоят дар рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх" (ҳоло "Ҷумҳурият") чоп мешуданд. Ман онҳоро мехондам, аз ёд ҳам мекардам. Ана як банде аз онҳо:

Аҷаб дилкаш бувад обу ҳавои Тоҷикистонам,
Диҳам ҷону сари худро барои Тоҷикистонам.

Рӯзе, ки ту ба Вахш омадӣ, аввал рост ба идораи Кумитаи комсомол даромадӣ. Дар воқеъ, он вақт ту сардабири рӯзномаи "Пионери Тоҷикистон" (ҳоло "Анбоз") будӣ. Ҳардуямон шинос шудем, дер вақт сӯҳбат кардем. Аниқ ситораҳоямон ба ҳам рост омаданд... Ману ту то имрӯз бародарем ва сарнавиштамон ҳам қариб ҳамранг аст.

Тақдир моро ба ҳамкорӣ пайваст. Ман ба пойтахт кӯч бастам, зеро Кумитаи Марказии комсомоли Тоҷикистон маро ба кор даъват карда буд. Акнун ҳарду дар як бино адои хизмат мекардем. Баъдтар ҳамсоя ҳам шудем...

Ба ту таъсиси маҷаллаи "Пионер" (ҳоло "Машъал")-ро супурданд. Ман ҳамон вақт ба истеъдод ва қобилияти ташкилотчигии ту офарин гуфта будам. Зеро дар як муддати кӯтоҳ интихоби ҳайати кармандон, таҳрир ва чопи нахустин шумораи ин маҷалла кори осон набуд. Ту тавонистӣ ба маҷалла Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, Сӯҳайлӣ Ҷавҳаризода барин устодони суханро ҷалб намоӣ. Толис ва Гулчеҳра Сулаймонова барин адибони ҷавони пуристеъдодро бевосита ҳамчун ходимони маҷаллаи нав ба кор даъват кунӣ.

Ман туро на танҳо чун шоир, носир аз драмнавис медонам,

балки чун яке аз рӯзноманигорони боистеъдоди ҷумҳурӣ эътироф мекунам. Ба хотир ор:— вақте ки соли 1944 аз ҷабҳаи ҷанг маҷрӯҳ баргаштӣ, дар Конибодом дар рӯзномаи шаҳрӣ кор мекардӣ, баъд ҳамчун мухбири махсуси рӯзномаи "Тоҷикистони Сурх" бо як асобағал дар ноҳияҳову деҳаҳои ҷумҳурӣ мегаштӣ, мақолаю очеркҳо ва фелетонҳо менавиштӣ. Дере нагузашта ба ту таъсиси маҷаллаи "Занони Тоҷикистон" (ҳоло "Фирӯза")-ро супурданд, ки чопи он солҳои ҷанг қатъ шуда буд. Ту дӯстам аз ӯҳдаи таъсиси ин маҷалла ҳам баромадӣ. Ба фикрам, рӯзноманигорӣ барои ҳамчун адиб ташаккул ёфтани ту мусоидат кард ва он заминаи боэътимоди кори эҷодии ту гардид.

Тақдир ману туро ин дафъа дар Москва, дар мактаби олӣ бипайваст. Он ҷо се соли пурра якҷоя таҳсил кардем. Ту он ҷо ҳам баробари таҳсил ба кори эҷодӣ шуғл доштӣ. Достони "Писарчаи ҷаҳондидаи ман"-ро навиштӣ, дар студияи театрии ба номи Шепкин барои гурӯҳи тоҷиконе, ки он ҷо таҳсил мекарданд, песаҳо ва сурудҳо тарҷимаю таҳрир менамудӣ. Дар Москва, ҳангоми мусофирӣ, ман хислатҳои нек, инсонпарварӣ ва вафодории туро нисбат ба дӯстон бори дигар ҳис кардам. Он вақт аввалин бор фаҳмидам, ки ту дар ҷабҳаи камонаки Орёл – Курск ва Белоруссия ба сифати аскари қаторӣ ҷангида, аз тири душман захмҳои бисёр гирифтай. Дар солҳои баъди ҷанг ҷарроҳон чанде аз тирпораҳои фашистонро аз баданат раҳонидаанд. Вале тирпораҳои дигаре дар баданат ҳанӯз боқӣ мондаанд ва имрӯзҳо ҳам туро азоб медиҳанд. Дар як шеърат гуфтай:

Шабҳои хунук ба захмҳоям,
Ман гуфту гузори дард дорам.
Гӯянд: нишонаҳои ҷангем,
Моро ту куҷо биёбӣ марҳам.

Боре ман аз ту пурсидам:

— Абдуҷаббор, аз ҷанг чанд ордену медал овардӣ?

— Ту аввал ҳайрон шудӣ, ба хиҷолат афтодӣ.

Баъд гуфтӣ:

— Ягонто.

— Чаро?

Ман медонистам, ки сари синаи баъзе сарбозону афсарони аз ҷанг баргашта пур аз ордену медалҳоянд.

— Ман чордаҳ ордену медали ҷангӣ дорам, — ҷавоб додӣ ниҳоят ту.

— Канӣ онҳо? — пурсидам.

— Дар баданам.

Ман он гоҳ фаҳмидам, ки ту ба захмҳои дар баданат боқимонда ишора мекунӣ.

Баъд гуфтӣ:

—Медонӣ, одатан умри аскарони қатории тирандоз дар хан-

даққо ва дар ҳуҷумҳои рӯ ба рӯ бо душман мегузарад. Вақте, гурӯҳе аз хандақ бархоста, ба ҳуҷуми душман рӯ ба рӯ мераванд, каме аз онҳо мемонанд. Аскар қурбон мешаванд ва ё захмдор. Чор-панҷ нафари аз майдони ҷанг беосеб баромадаро ҳамоно барои пурра кардани сафи полки дигар мефиристанд. Ҳамин тавр маро ҳам борҳо аз як полк ба полки дигар гузарониданд. Фурсати ордену медалгирӣ набуд.

Солҳои ҳаммактабии туро нигариста, ҳайрон мешудам, ки чаро ҳар замон бамавриду бемаврид монанди санги осиё сар меҷунбонӣ, абрӯвонатро кашида, чашмак мезанӣ, сарлуч мегардӣ, ба сар кулоҳе намегирӣ. Баъдтар сабаби инро ҳам дарк кардам.

Ёрон, ба мани фидо нахандед,
Ошуфтагии маро насанҷед,
Ҳангоми сухан кашида абрӯ,
Чашмак бизанам, шумо нахандед.

Чангак бикашад агар забонам,
Монад сухане чу дар даҳонам,
Оварда ба ёд оташи ҷанг,
Донед, ки сӯхт устухонам.

Оре, ин ҳама осеби ҷанг аст. Ту ҳангоми таркиши бомбаи душман зери хоктӯдаҳо монда будӣ.

Ман дар байни мардуми шаҳру деҳот мегардам, нишасту хез дорам ва ҳар боре, ки бо пирамардон вомехӯрдам, хоҳу нохоҳ аз умрдарозӣ гап меравад. Борҳо шунидаам, ки касе дар ҷавонӣ аз кӯраи оташи ҷанг гузашта бошад, умри дароз мебинад. Намедонам, ин рост аст ё не. Вале ман ҳаминашро медонам, ки агар оҳан дар кӯраи оташ гудохта шавад, қавӣ мегардад. Вақте ки имрӯз дар бораи синни ҳафтоди ту фикр мекунам ва ин сатрҳоро менависам, як банд шеъратро ин ҷо сабт накарда наметавонам:

Агар дар ҷанг мемурдам,
Ба синни бист мемурдам.
Умеди фатҳу нусратро
Магар ҳамроҳ мебурдам?

Бале, ту дар синни бист дар вилояти Витебски Белоруссия якбора захми бисёре гирифтӣ. Аз рӯи шунидам, ҳамон рӯзи ҳуҷум ҳама пеш рафтанду ту дар майдони ҷанг бепарастор мондӣ. Зеро дасту по, рон, шикам, сар ва китфат аз пораҳои снаряд сӯрох шуда буданд. Мадори аз ҷой ҷунбидан надоштӣ. Он лаҳза як нафар бародари шафқат аз наздат гузашт ва ту ва аз ӯ мадад пурсидӣ. Вале ӯ гуфт, ки ба ҷои як ту, ман даҳ нафар захминро наҷот дода метавонам. Боз ту танҳо мондӣ баъди чанд вақт худро даруни хаймаи сайёри ҷарроҳон дарёфтӣ. Ин воқеа бо ту зимистони соли 1944 рӯй дода буд. Он вақт ту бистсола будӣ.

Ана барои ҳамин туро белорусҳо ҳам фарзанди содиқи худ

медонанд. Охир ту он ҷо дар фасли зимистони қаҳратун, даруни бешазорон ва ботлоққо хобидӣ, хестӣ, ҷангидӣ. Туро борхалтаи сарбозӣ болин буду шинели аскарӣ бистар. Силсилаи шеърҳои "Шукуфаҳои аз хун дамида" ва китоби насрии "Аз паси ситораи паррон" аз ин сарнавиштҳоят ҳарф мезананд. Бечо нест, ки шоири машҳури белорус Игор Бородуллин ба ту муроҷиаткунон навишта аст:

Шодам, ки ману ту боз бо ҳам,
Бо хотираҳои хеш анбоз.
Дар ҳасрати аскарони гумном,
Витебщина мекунем парвоз.

Медонам, аз ин диёри мо нест,
Қаҳҳорӣ, гузаштани ту осон.
Бедарду алам наметавон зист,
Аз дидани гӯри ҳамнабардон.

Дар рафи китобхонаат ман ҳар гоҳ китоберо мебинам, ки даридаву сӯрохшуда, вараққояш зарду хунолуд аст. Ин китобро, ки "Намунаи адабиёти тоҷик" ном дорад, яънаи панҷакентии дар ҷанг қурбон шудаат Абдуҷаббор Ашӯров ба ту тақдим карда буд. Роҳҳои пурмашаққат ва хунини ҷангро ту ҳамроҳи ин китоб тай кардӣ. Ту достони "Шаҳиди зинда"-ро ба ин китоб бахшидӣ. Чаро достонро "Шаҳиди зинда" ном гузоштӣ? Охир касеро, ки бе аҷали худ мурдааст, шаҳид мегӯянд-ку. Модоме, ки шаҳид шудааст, пас мурдааст. Ман дар ин бора хеле фикр кардам ва аз ту пурсидам. Ту бошӣ, сӯрохи китобро нишон дода пурсидӣ:

— Ин сӯрох аз чист?

Ман баъди бо диққат зеҳн мондан фаҳмидам, ки ин сӯрохи тир аст.

— Дуруст аст,— гуфтӣ. – Тир ин китобро сӯрох намуда, ба китфам расида буд. Пас он вақт шаҳид шуда буд. Вале ҳоло ҳамроҳи ман аст. Пас он зиндааст. Барои ҳамин достонро "Шаҳиди зинда" ном гузоштаам.

Достони "Шаби пеш аз марг"-ро ту ба қаҳрамонписари тоҷик Тӯйчӣ Эрйигитов бахшидӣ. Вале дар ин достон ҳам ту саргузаштии худро навиштӣ. Боз пурсидам:

— Чаро?

Ту дар ҷавоб гуфтӣ:

— Зодгоҳи ман Конибодом асту зодгоҳи Тӯйчӣ Ашт. Ашту Конибодом наздиканд, дар ду соҳили дарёи Сиранд. Пас ману Тӯйчӣ ҳамватанем. Тӯйчӣ ва ман дар як сол таваллуд шуда, дар як вақт ба ҷанг рафтем ва дар як ҷабҳа паҳлӯи ҳамдигар будем.

Боре бо ҳаяҷон ба хона омадӣ. Пурсидам:

— Чӣ шуд?

— Дар ноҳияи Ашт, дар деҳаи Мулломир Зулайхо ном зане зиндагӣ дорад, — гуфтӣ, — Аҷиб зане!

— Хайр, чӣ шудааст? – гуфтам бепарво.

— Ту пурсидӣ:

— Достони "Юсуф ва Зулайхо"-ро хондаӣ?

— Азони киро?

— Абдураҳмони Ҷомиро.

—Хондаам ва мазмуни достонро ба ту нақл кардам. Бо ин хостам туро бовар кунонам, ки хондаам.

—Зулайхои шавҳардор Юсуфро дӯст медорад. Юсуф ишқи ӯро рад мекунад. Он гоҳ Зулайхо макрро пеш мегирад, ба Юсуф бӯҳтон мезанад ва муяссар мешавад, ки ӯро зиндон кунанд.

—Зулайхои аштӣ дигар аст,—гапамро буридӣ.—Шавҳараш Юсуфро, ки аз ҷанг бе ду даст бармегардад, истиқбол мекунад. Ба шавҳараш содиқ мемонад, соҳиби чанд фарзанд мешавад. Юсуфи бедаст бо панҷаҳои пой ва дандонҳояш ба замин ниҳол шинонида, боғи мева бунёд мекунад. Ана чӣ мегӯӣ? Зулайхои аштӣ чӣ тавр зан асту Зулайхои достони Ҷомӣ чӣ тавр?

Рӯзи дигар ману ту дар ҳавопаймо ба ноҳияи Ашт парвоз кардем. Ту ба деҳаи Мулломир рафтӣ, бо Зулайхо ва аҳли хонадонаш шинос шудӣ. Шавҳараш пеш аз рафтанамон вафот кардааст. Ту ба боғи бунёдкардаи Юсуф рафтӣ, онро бо чашмони худ дидӣ, бовар кардӣ.

Ҳамин тавр ман огоҳи эҷоди достони "Юсуф ва Зулайхо"-и ту будам.

Бештари солҳои умри худро ту ба корҳои давлатию ҷамъиятӣ бахшидӣ. Қариб понздаҳ сол дар нашриёти "Ирфон", аввал ба сифати сармуҳаррир ва сонӣ директор хизмат адо намудӣ. Дар атрофи ту бисёр ноширони таҷрибакор ва ҷавонони пуристеъдод гирд омаданд. Бештари онҳо ҳоло адибон ва олимони номдори ҷумҳурӣ гардидаанд. Бо сарварии ту нашриёти "Ирфон" он солҳо ба яке аз нашриётҳои калонтарин ва пешқадамтарини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфта буд.

Ғайр аз ин ту дар ҷумҳурӣ нахустин бор Ҷамъияти дӯстдорони китобро таъсис додӣ, ки он дар тарғибу паҳн намудани китоб хизмати сазоворе намуд. Дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Норак корхонаҳои ҷамъиятӣ сохта шуданд. Дар ин кори наҷиб ҳам ман туро дастгирӣ менамудам.

Намедонам, барои чӣ пеш аз нохушӣ дар ҳаётат ба шеъри шоири шодравони рус С. Гудзенко чунин мухаммасе навиштӣ:

Ман намирам ба марги худ ҳаргиз,
Фақат аз захми ҷанг мемирам.
Чун шаҳидони роҳи озодӣ,
Ҷонфидоист асли тақдирам.

Дӯстон баъди мурданам гӯянд:
Буд марди хаёлошуфта.
Гашт дилкаф зи гуссаҳо шоир,
Рафт, шеъре зи ишқ ногуфта.

Ту, Абдуҷаббор, дар ҳақиқат аз ишқ кам шеър гуфтӣ. Охир ҷавонии ту дар майдони ҷанги зидди душман гузашт, бӯсаю канор ва ишқбозиро ба тиру туфанг ва борхалтаи аскарӣ иваз кардӣ. Бесабаб нест, ки мавзӯи асосии асарҳои ту ҳарбӣ-ватанпарварӣ мебошад.

Ёд дорӣ: моҳи октябри соли 1986 ту дар шаҳри Москва ҳангоми сафари хизматӣ ба сактаи дил дучор шуда, ба беморхона афтидӣ. Ин хабари нохуш ҳамоно ба Душанбе, ба гӯши хешу таборон ва ёру дӯстон расид. Ман ба дидори ту расидам. Ҳамроҳам Ҷӯрабек Муродов низ буд. Болои кат рӯ ба осмон мехобидӣ, табибон туро ҳатто ҷунбидан намемонданд. Ана ҳамон вақт мисраи шеъри ту "Гашт дилкаф зи ғуссаҳо шоир" ба хотирам омада буд. Оре, беҳуда нагуфтай.

Вақте ки берун рафтам, сардухтур аз ман пурсид.

— Ин кас ба шумо кӣ мешавад?

— Дӯсти дерин ва қадрдонам, — ҷавоб додам.

Сардухтур гуфт:

— Дӯстатон иродаи қавӣ доштааст. Касалиаш вазнин, сактаи дилаш хатарнок буд. Мо гумон карда будем, ки... Вале тоб оварда.

Ман бошам ҳазломез гуфтам:

— Вай оҳантан аст.

Ту, бародар, нахустин сактаи дилро паси сар кардӣ, ба Душанбе баргаштӣ, боз эҷоди асарҳоятро давом додӣ. Ин исботи он буд, ки ту дар ҳақиқат шахси оҳанинтанӣ. Вале тани одам гарм аст. Мегӯянд, ки инсон аз гул нозук асту аз санг сахттар.

Рӯзҳои мудҳиши ҷангҳои бародаркуш дар ҷумҳурӣ боз дили туро ба ташвиш оварданд. Баъзе ҳамқаламонат ба халқу ватани худ хиёнат намуданд, баъзеҳо ҳар тараф гурехтанд. Аммо ту устувор мондӣ ва мардумро ба силоҳгузорӣ даъват кардӣ:

Аё рафиқи ҳамватан,
Рафиқи ҳамзамони ман,
Чаро силоҳ гирифтай,
Силоҳ ба амри аҳриман?
Ҳазар кун аз силоҳ ҳазар,
Аз ин силоҳи пурхатар!

Инро гуфтию аз ташвиши ватан боз ду бори дигар паси ҳам ба сактаи дил гирифтор шудӣ. Боз ман сари бистарат будам.

— Чаро омадӣ Холмурод? – пурсидӣ ва гуфтӣ: — Парво накун

ман мардеро дидаам, ки ёздаҳ бор ба сактаи дил дучор шуда буд.

Ҳамин тавр ту маро не, худро тасалло медодӣ.

Дирӯз барои ҳолпурсӣ ба хонаат рафта будам. Дар рӯи мизи кориат дастнависи нимнависеро дидам, ки песа дар бораи Деваштич буд. Ин фаҳмост. Ту хондан ва навиштани асарҳои оид ба таърихи гузаштаи халқамонро дӯст медорӣ. Ёд дорам, яке аз песаҳои фоҷиавии навиштаи ту "Рангинкамон" буд, ки дар саҳнаҳои театрҳои ҷумҳурӣ намоиш дода шуданд. Ту аввалин адиби муосири тоҷик ҳастӣ, ки образҳои Искандари Мақдунӣ, Спитома ва Рухшонаро рӯи коғаз овардӣ. Ман дар бораи дигар асарҳои саҳнавиат гуфтанӣ нестам, зеро ҳар яки онҳо қимати худро доранд.

Дар охири мактубам аз рӯи одатамон як шӯхие хоҳам кард. Ҳар бор дар кӯчаҳо, тӯю маъракаҳо баробари дидани ман оғӯшкушоён сӯям меоӣ ва мегӯӣ:

— Ассалому алайкум шумо Холмуроди писари Шарифартел!

Оре, падари ман охирҳои солҳои бистум ба водии Вахш омада, ҳамроҳи муҳоҷирон артели хоҷагии қишлоқ таъсис дода, худ вазифаи раисии онро адо мекард.

Ман ҳам баробари дидани ту оғӯшкушоён мегӯям:

— Ваалайкуму ассалом. Мулло Абдуҷаббори писари Абдуқаҳҳори керосинфурӯш.

Ман инро барои он мегӯям, ки аз рӯи шунидаам солҳои сиюм падарат дар Конибодом дуконе доштааст ва керосин мефурӯхтааст.

— Ту мегӯӣ:

— Шабҳои тор хонаҳоро бо керосин падарам равшан мекарданд. Он вақт дар Конибодом қувваи барқ набуд. Ҳамин керосини падарам буд, ки аксар ҳамшаҳриҳои ман саводнок шуданд, аз байнашон бисёр олимон, адибон мутахассисон ва ходимони давлати ба камол расиданду оламафрӯзӣ намуданд.

Азизам Абдуҷаббор! Табиист, ки ту ҳамчун фарзанди вафодор ба падарат пайравӣ кардӣ. Агар қиблагоҳат кулбаҳои мардумро равшан карда бошад, ту бо санъати волои суханварии худ, шеъру сурудҳоят, асарҳои саҳнавият, публисистикаи оташборат дилҳои миллионҳоро мунаввар намудӣ, ба онҳо рӯҳи тоза бахшидӣ, онҳоро ба накӯкорӣ, ватанпарварӣ, сӯхтану сохтан даъват намудӣ. Вақте ки лозим шуд, барои ҳифзи Ватан ҷони худро сипар кардӣ. Яъне ту бо тамоми ҳастият, бо заҳмати зиёди тӯлониат бар зиндагӣ, нақши рангине гузоштӣ на имрӯз, дӯстам – дар рӯзи ҷашни бошарафат туро сахт ба оғӯш кашида табрику муборак мегӯям!

Бахту шарафу сарфарозӣ ва давлати пирӣ ёрат бошад, бародарам Абдуҷаббор!

СУХАНВАРИ ДАРДОШНО

Ҳастанд одамоне, ки бо хислатҳои хоси худ аз дигарон зуд фарқ мекунанд: бо чеҳраи кушода, хушфеъл, одамдӯстӣ, лаҳни ширин дилпокӣ ё баръакс бо унсурҳои зиштӣ - тундмиҷозӣ, худписандӣ, бадлафзӣ, пургӯйӣ, коргурезӣ, дурӯғбофӣ ва ғайра. Яъне ҳар фардеро аз рӯйи хислатҳои хосаш ба ёд меоваранд. Ин фикрҳо дар миёнароҳи Душанбе - Кӯлоб, ки ҳамроҳи шоирон Лоиқ Шураливу Алиакбар Абдуллоев ба маъракаи ҷашни устод Ашӯр Сафар равон будем, ба сарам омаданд. Медонистам, ки баробари ба шаҳр расидан,моро дӯстони бисёр пешвоз мегиранд, вале чун ҳамеша аввалин шуда ба мо Ашӯр Сафар бо тарзи "кӯлобисаломи худаш" оғӯши гарми бародарона мекушояд, чаро, ки ӯ беҳтарин сифатҳои инсониро дорост ва дар боби кадршиносиву одамгарӣ беҳамтост.

Солҳои зиёде дар зиндагии худ Ашӯр Сафар нагузоштааст, ки дӯстони душанбегиаш, аз ҷумла камина ҳам,ба шаҳри Кӯлоб оянду дар меҳмонхона хоб кунанд. Ӯ, ки аз омадани мо хабардор мешуд, фавран ба меҳмонхона мешитобид ва мегуфт:

—Хезед,ба хона меравем, айб аст, ки дӯст ояду дар меҳмонхона мусофирӣ кашад, мардум чӣ мегӯянд? -надомат мекунанд ва шояд гӯянд, ки дӯстони Ашӯр аз омадан ба хонаи ӯ ҳазар мекунанд. Охир, каси бесоҳиб дар корвонсарой хоб мекунад, то ман ҳастам, хонаи ман-хонаи шумост,- мегуфт ӯву меафзуд, - биёед, азизон таомули аҷдодиамонро риоя кунему бародар дар хонаи бародар хоб кунад.

Дар яке аз абёти ба камина бахшидааш ӯ сидқан гуфтааст:

Кардаам одат, ки бо ту маҷлисороӣ кунам,
Нуқси ман гӯиву ман гӯям шукӯҳи кори ту.
Хони ман пур мешавад, аз файзи ту, ойӣ агар,
Кулбаи равшан шавад аз рӯи пуранвори ту.

Чунин буд шодравон Ашӯр Сафаров дар муомила бо дӯстон, ҳамқаламон, умуман меҳмонҳо. Дар хусуси хислати инсондӯстиву дастархондории Ашӯр Сафар борҳо аз забони адибони номӣ Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Карокатулло Мирзоев ва дигарон низ шунидаам, ки аҳсанташ хондаанд. Ба хонадони Ашӯр Сафар меҳмонҳои хориҷӣ ҳам меомаданд ва онҳо иззату икроми зиёд мединанд.

Соли 1997-ум Бобохон Маҳмадов бо меҳмонони олиқадр - вазири фарҳанги Эрон ҷаноби Муҳандиси Мирсалим, ходими намоёни ҷамъиятӣ Алиасғари Шеърдӯст, сафири Эрон дар Тоҷикистон оқои Шабистарӣ ва муовини аввали вазири фарҳанги Тоҷикистон Олим Салимзода ба Кӯлоб ташриф оварданд. Онҳо мебоист дар ҷашнгирии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ширкат меварзанд. Дар он мулоқотҳо камина низ ширкат доштам. Вазири эронӣ хост бо аҳли адаби Кӯлоб, аз ҷумла шоири халқӣ Ашӯр Сафар ва дигарон мулоқоте дошта бошад. Дар ин бора Ашӯр Сафарро огоҳ кардаанд, ки ӯ бадоҳатан мегӯяд:

—Ман меҳмонҳои олиқадри миллатамро дар кӯча қабул намекунам. Ман тоҷикам, ойину анъанаҳои бобоҳоямонро пос медорам ва мехоҳам, ки сӯҳбати меҳмонҳои азиз дар хонадонам сурат бигирад. Бобохон Маҳмадовро илоҷи дигаре набуд ва ӯ баъд аз чанд фурсате бо меҳмонҳои олиқадр ба ҳавлии Ашӯр Сафар ворид мешаванд.

Шоир меҳмонҳоро дар ҳуҷраи хоксоронаи худ қабул намуда, онҳоро болои қолину кӯрпачаҳои тоҷикӣ шинонд. Он самимияту лутфу марҳамате, ки аз лаҳзаҳои аввал Ашӯр Сафар ба меҳмонҳо изҳор мекард, дилҳоро ба шӯр меовард.- Азизон, -гуфт ӯ,- ман бовар намекунам, ки шумоён дар кулбаи нооболи манед, ба қавли шоири тоҷик Туғрал,- мегӯям: "ба роҳат пардаҳои дида пояндоз мекардам".

Ана ҳамин тавр, табиӣ дар байни соҳиби хона ва меҳмонҳо робитаи дилпазире бунёд гардид. Меҳмонҳо зуд дарк карданд, ки Ашӯр Сафар шахсияти наҷибасту соҳибхирад ва зарофатгӯй.

Ашӯр Сафар меҳмонҳоро ба неъматҳои дастархон муроот карду хушгӯйӣ оғоз намуд:

—Қабули, шумо, ҷавоби Мирсалим, нисбат ба қабули вазирҳои мо осонтару арзонтараст.

—Чаро, мо арзонтарему вазирони шумо қиммат?

—Чаро, ки вазирҳои моро бе шаробу кабоби дилхоҳашон пазироӣ карда намешавад.

Ҳама ба завқ хандиданд. Бобохон ҷавобан луқма партофт,—шумо меҳмони азиз, ба ҳама гуфтаҳои устод Ашӯр бовар накунед, зеро ки худи устод ба мумсикию хасисиашон ном баровардаанд.

—Чӣ тавр, - пурсон шуд ҷаноби Мирсалим.

—Ҳамин тавр, ки дар охири фасли зимистон нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ ба хонаи устод Ашӯр меҳмон мешавад. Соҳибхона ба дастархон тарбуз, анор, нок ва себи тару тоза мегузорад. Меҳмони ҳайратзада аз устод мепурсад,

—Ашӯрҷон, бо кадом услуб ва чӣ гуна шумо ин меваҳоро то ҳанӯз бе осеб нигоҳ доштед?

Ашӯр Сафар мегӯяд, - услубашам, роҳашам якто - мумсикию хасисӣ. Худат намехӯрӣ, ба аҳли байт ҳам намедиҳӣ, меҳмон, ки ба мисли шумо омад, онҳоро ба пешаш мебарорӣ. Вақто ки Бобохон ин суханҳоро мегуфт, ногаҳон барқи хона хомӯш гардид. Дар торикӣ Бобохон суханашро идома дода гуфт:

—Ана, меҳмонҳои азиз, дидед, гуфтаҳои ман рост баромад, устод Ашӯр Сафар махсус ин корро (барққуширо) ташкил кард, ки меҳмонҳо таомро ба миқдори кофӣ нахӯранд.

Ҳамин тавр, дар хонадони Ашӯр Сафар сӯҳбати дилпазир ҷараён дошт.

Лаҳзае нагузашта хона равшан шуду оқои Мирсалим роҷеъ ба гуфтаҳои Бобохон (хасисии Ашӯр Сафар) ақидаи худашро иброз намуд. Ба фикри банда,- гуфт меҳмон,- он чизе, ки инҷо ҳамчун услуби хасисӣ қазоват шуд, шарҳи дигарро металабад. Устод Ашӯр Сафар

хасисӣ не, ҳимматбаландӣ ва сариштакорӣ кардаанд, ки рӯзе агар меҳмон ояд, дасту по нахӯрда, ӯро бо тарзу русуми бобоӣ, бо иззату эҳтиромаш қабул намояд. Барои ҳамин ҳам аз нафси худашу фарзандонаш зада, анвои меваҷоти лазизро барои меҳмонҳои дилхоҳашон сарфа кардаанд.- Ҳамин тавр не, оқои Ашӯр?- гуфта пурсон шуд меҳмон.

—Офарин,офарин,ҳамин тавр,меҳмони азиз,- гуфт устод Ашӯру афзуд,- дӯстони ман чунинанд,ҳам зиёфатамро бо иштиҳо мехӯрданду ҳам дар даврaҳои дигар ғайбату маломат менамоянд.

Он рӯз Ашӯр Сафар фавран барои меҳмонҳо гӯсфанди фарбеҳеро кушт, дастархонро бо гӯшти мурғу кабк ва гирдача, чаппотӣ, меваҳои гуногун пур кард. Сӯҳбати шавқовари мо тадриҷан тасфонтар мегардид. Оқои Шабистарӣ, ки солҳои зиёд дар Тоҷикистон адои хизмат мекард, аз мулоқотҳо бо аҳли илму фарҳанг, сафарҳояш ба вилоятҳои Тоҷикистон, якрангии урфу одати мардуми Эрон ва Тоҷикистон нақл кард. Ҷаноби Алиасғари Шеърдӯст медонист, ки камина бо Бобохон солҳои зиёд дар соҳаи табъу нашр, матбуот кор кардем, ишора намуд, ки дар ин солҳо нашри китобҳои классикони муштараки адабиётамон, аз ҷумла - куллиёти Рӯдакӣ, Сино, нӯҳҷилдаи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, осори Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём,Ҷомӣ ва дигарон ба анҷом расиданд.

Баъд сухан аз боби таърихи Хатлонзамин, шахсияту мероси Мир Саид Алии Ҳамадонӣ рафт. Дар он ҳамнишинии дӯстона шоири намоёни тоҷик, марди соҳибфарҳанг Ҳақназар Ғоиб аз саҳми гаронбаҳои Ашӯр Сафар дар инкишофи адабиёт, қиммати асарҳои нашркардаи ӯ - "Илҳом", "Хандаи гулҳо", "Базми садоқат", "Гулбоғ", "Арзи меҳр" ва ғайра қазоват намуду афзуд: устод Ашӯр Сафар ҳамчун шоири ишқсаро ва ватандӯст эътирофи умум гаштааст. Касе, ки Ҳақназарро бодиққат гӯш мекард,- гуфт,- ё худи устод ё шумо аз абёти ватандӯстонаашон қироат мекардед, шод мешудем. Хуб мебуд, агар шеър ба зодгоҳашон бахшида шуда бошад.

Ҳақназар узр хоста гуфт, ки беҳтар мешуд, агар худи устод шеърҳояшро ба шумо эҳдо мекарданд. Устод Ашӯр Сафар "ба чашм",- гуфту чанд шеърҳои дилнишинро қироат намуд, ки мисраъҳои шеъри дар хотима хондааш чунинанд:

Кӯлоб саҳаргоҳи таманнои ман астӣ,
Шодии дилу хандаи лабҳои ман астӣ.
Хушрӯйтарин ҷои тамошои ман астӣ,
Равшангари ду дидаи бинои ман астӣ.

Устод Ашӯр Сафар қироати шеърро ба охир расонида ва думбраи дар девор овезоншударо гирифта ба дасти Ҳақназар Ғоиб доду гуфт:

—Ҳақназари мо на фақат шоири хуб аст, вай боз ҳунари беназири сароядагӣ низ дорад. Мехостам, ки ӯ бо овозхониаш меҳмонони мӯҳтарамро шод гардонад.

Ҳақназар:- устод, ин хонданҳои мо ба меҳмонони оликадр ҳуш

меомада бошад, гуфту думбураро ҷӯр намуд ва чанд суруди шавқовар хонд, ки якеаш аз ғазалҳои Бадриддин Ҳилолӣ буд ва бо мисраъҳои зайл хотима ёфт:

Тақсири вафо расми рақибаст, аҷаб нест,
Ҳаргиз саги девона вафодор набошад.
Бе ёр ба олам натавон буд, Ҳилолӣ,
Олам ба чӣ кор ояд агар ёр набошад.

Шеърҳои устод Ашӯр Сафар ва ҳунарварии Ҳақназар Ғоиб ба меҳмонони олиқадр басо хуш омаданд, ки – гуфтанд,— моро беҳад мамнуну масрур кардед. Шумо бемуҳобот мардуми фавқулодда соҳибзавқу соҳибҳунаред, ки ин лаҳзаҳои ширинро ба мо эҳдо намудед. Мо инро ҳаргиз фаромӯш нахоҳем кард. Исботи он, ки эҷодиёти гуногунпаҳлӯи устод Ашӯр Сафар ба донишмандони эронӣ писанд омад, он аст, ки баъд аз фурсати кӯтаҳе "Гулчини ашъори Ашӯр Сафар" дар Теҳрон нашр гардид.

Дар ҳақиқат Ашӯр Сафар дар қатори беҳтарин суханварони миллати тоҷик шӯҳратёр гаштааст ва ниҳоят дурустии ин ақидаро дар он мебинем, ки ӯ ба Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ ноил гардидааст. Ин мукофот ба ӯ дар соли 1996 барои асараш "Арзи меҳр" дода шуд. Асари номбурдаи Ашӯр Сафар чандин маротиба дар бахшҳои эҷодӣ ва маҷлиси умумии Кумитаи Рӯдакӣ муҳокима гардид. Аъзоёни бахши адабиёт, адибони намоёни тоҷик – Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, академик Муҳаммадҷон Шукуров, Абдулҳамид Самадов, Абдуқодир Маниёзов, Абдураҳмон Абдуманнонов, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ қазоват намуданд, ки Ашӯр Сафар эҷодгари ҳақиқӣ, соҳибхирад, ифодагари орзую омоли халқ аст. Ӯ пеш аз ҳама шоири лирик буда, навиштаҳояш саршори ишқу муҳаббатанд. Қаҳрамонҳояш инсонҳои пок, инсонпараст, бовафо, накӯкору Ватандӯстанд. Дар офаридаҳои Ашӯр Сафар тасвири аниқи вазъи ҷамъият, таззодҳои зиндагӣ, мухолифати хираду ҷаҳл, шодкомиву нокомиҳои инсон инъикос ёфтанд, ки бештар дар шеърҳои "Фоҷиаи инсон", "Нолаи дил", "Сӯгворӣ", "Ғам аз мӯи сар бисёр", "Ҳурмати падар", "Эй дил" ва ғайра эҳсос мегарданд.Гарчанде гуфтаҳои шоир пур аз сӯзу гудозанд, аммо вай хонандаро ба қавирӯҳӣ, боварӣ ба оянда даъват менамояд:

Ба гӯш ақл гуфто: нашав ноумед,
Сияҳ шуд зи марг арчи рӯзи сафед.
Ба рӯзаш кунад зиндагӣ боз ин,
Набояд барад кас ба ин иштибоҳ.

Аз офаридаҳо ва рафтору кирдори Ашӯр Сафар бармеояд, ки ӯ ҳам бо каломи шоириаш ва ҳам фаъолияти ҷамъиятияш бо ҳаёти халқаш комилан пайванд буд. Ӯ бо одамоне, ки худро ҳамадон тарошида ба ҳар ош мурч ва ба ҳар фатир ҷазза мешуданду мардумро ба амалҳои ғаллат ҳидоят менамуданд, ҷиддан муқобил буд ва дар

мавридҳояш, хусусан дар мулоқотҳо бо мардум мешӯрид:

- Бигузор деҳқон деҳқониша, чӯпон чӯпониша, муаллим муаллимиша, табиб табибиша, сиёсатчӣ сиёсаташа, мулло муллогиаша бикунад, - мегуфт. Охир, ин чӣ рӯзи сахт аст, ки ҳар касу нокас ба халқ худро раҳнамо нишон медиҳад.

Ман шахсан ин хислати наҷиби инсонии устод Ашӯр Сафарро дар ҳамсафариҳои тӯлонӣ дарк кардаам. Аввалҳои солҳои навадум дар асари бозсозиҳои боғараз, демократиябозиҳо, амалиёти ҳизбҳои гуногун алангаи офати маҳалгароиро басо баланд мекард, дар вилоятҳо,хусусан Кӯлобу Қӯрғонтеппа вазъият беҳад носоз гардид. Дар гирдиҳамоиашон ҳам ба ном демократҳо, ҳам коммунистон, ҳам диндорони хурофотпарасту гурӯҳои экстремистӣ расми Михаил Горбачёву Елцинро дастак карда алвонҷ медоданд. Халқи роҳгумзада намедонист, ки аз паси кадом ҷараёни сиёсӣ биравад.

Дар ҳамон замон гурӯҳҳои манфиатхоҳ мӣдонистанд, ки соҳибистеъдодҳои номӣ, ба мисли Ашӯр Сафар ва дигарон, дар байни мардум овозу овозаи боэътимод доранд, мехостанд аз истеъдоду заковати худододи онҳо истифода кунанд. Аммо, Ашӯр Сафари воқеан халқдӯсту ватанпарвар манфиатҳои хурду қавмиву гурӯҳӣ ва ҳизбиро аз манфиатҳои кишвару мардумаш боло нагузошт. Барои ҳамин ҳам ӯ борҳо ба нишони тири маломати "мухолифин" дучор гардид, аммо роҳашро гум накарду "балегӯй"-и касе ҳам нашуд - фақат ба ҳарфи шоиронае, ки аз танӯри дили беолоишаш фаввора мезад, эътимоду эҳтиқод дошт.Боварӣ дошт, ки сухани ҳақ ба нишон мерасад.

Вақте ки Шӯрои Олии Тоҷикистон ба зиёиёни солимфикр мурочиат намуда, ба ноҳияҳо гурӯҳҳои тарғиботиро фиристод, камина ҳам ҳамроҳи шоири халқи Тоҷикистон Гулназар Келдӣ, ҷонишини вазири маориф Ниёз Сафаров, вакили мардумӣ дар Шӯрои Олӣ, олим, матбуотчии намоён Муродулло Шералӣ ба вилояти Кӯлоб рафтем. Мақсади ба вилоят омадани моро фаҳмида устод Ашӯр Сафар ихтиёран худро ба гурӯҳи мо ворид намуд ва дар мулоқотҳо дар шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Восеъ, Москва, Совет, Фархор намунаи солимфикрӣ, дурандешии сиёсӣ, ҳаммаслакии худро бо халқ намоиш дод. Баъзеҳо дар баромадҳояшон хотирбинӣ намуда дар масъалаҳои ҷараён гирифтани ихтилофҳои назар "ғулингхойӣ" мекарданд. Ӯ ошкоро ва ҳаққӯёна мегуфт,- ман аз тариқи телевизион воқеаҳои февралии дар Душанбе рухдодаро дидаму шунидам ва дарк кардам, ки ин ҷунбишҳо фоли нек нестанд. –Дӯстон, мегуфт ӯ, ҳушёр бошед, ки иддае чизҳои ба халқи мо муқаддас – забон ва динро истифода карда ба ҷудоандозии мо пардохтанд. Ашӯр Сафар такрор ба такрор мегуфт,- инҷо хатари ҷиддиест. Бадхоҳони Тоҷикистон ҷавононро зери нишон гирифтаанд, ки чаро, ки шогирдони устоднадида ба ҳар нағма мерақсанд – мегӯянд:

Чӣ ҷои шубҳа гар рубаҳ фиребост,
Зи макраш шер гумраҳ мешавад гоҳ.

Агар чӣ шоҳи ҳайвонҳои дунёст,
Амалҳо гаҳ кунад, бо гуфти рубоҳ.

Тахмину ҳароси Ашӯр Сафар беҳуда набуданд. Рӯзгори талхи аз сар гузаронидаи миллати азияткашидаамон исботи он ташвишҳоянд, ки аз нотифоқӣ, авомфиребӣ, сиёсатбозиҳои булҳавасон сар заданду -ҳазорон кушташудагон, боз ҳамон қадар бехонумон шудагони дар ҳолати қашшоқиву бенавоӣ афтода дар ҳарду дунё домангири онҳоянд.

Нависандаи халқӣ Абдуҳамид Самадов дар хусуси авзои рӯҳии шоири нозуктабъ Ашӯр Сафар хуб гуфтааст,- "чор панҷ соли охир авзои шоирро чун рӯзгорамон мудом ноҷур медидам.Ҷангу ҷидоли харобиовар, ҷудоиандоз, кулфату шиканҷаи мардум, каҷравӣ ва иғвоҳои нав ба нав, тантанаи бераҳмӣ, авҷи ҷинояткорӣ дар дилу ҷигари ӯ оташе афканда, ӯро ғамбемор намуданд".

Пешомаду рӯйдодҳои ногувори марговарро эҷодкори дурбину дурандеш бо тамоми ҳастиаш амиқ ҳис мекард ва ҷавонони силоҳбадасти роҳгумзадаро ба адлу инсоф мекашид.

Сар заданд Аторро, Рӯдакиро кӯр карданд, илтиҷое ӯ накард, бар акс нидое ӯ накард.

...Ман вале пеши Шумо, ёрони ҳамдам бо силоҳ,
Илтиҷо дорам чу маҳбуси пушаймон аз гуноҳ.
Бо умеде, ки силоҳи хешро дур афканед,
Бар шаби ялдои мо то шаддаи нур афканед.

Ё ки:

Надорам қудрате дар ҷабҳаи мансабталошиҳо,
Расад чун тир бар гӯшам фиреби "зиндабошиҳо"!
Наметарсӣ ту аз шамшеру тиру сарбуриданҳо,
Мани бечора метарсам зи теги сартарошиҳо.
Ба гайр аз муфт рӯзӣ ёфтан дар ту хаёле нест,
Зи хотир кардан берун савоби доначошиҳо.
Намеорад маро дигар ба ҳоли пештар, зинҳор,
Қатори ваъдаи неку ба сар зарпорапошиҳо.

Шоир медид, ки сухани ҷонкоҳаш, нидои имдодталабаш ба гӯши силоҳбадастони аз қолаби адлу одоб баромада намерасад, ба риққат меомад ва боз доди худро аз сухан, аз каломи шоирӣ мегирифт. Шоир боз ба худ метапиду мешӯриду мегуфт:

Шеъри нав аз ман дигар манмо талаб,
Бас адаб шуд хок пеши беадаб.
Сатраке дастам намебидҳад, дарег,
Гарчи бар чашмам намеояд ганаб,
Бигзарад ин рӯзҳо кай аз сарам.

То шавад аз нав кушода дафтарам?
Бар сурог ояд харидори сухан?
Хун ба об оё бишӯяд кишварам?

* * *

Ватан дар хуни худ гарқ асту гирён,
Касе дил дорад, аз сӯзиш кабоб аст.

Ҳамин тавр, аз даргириҳои бемаънии байни қавмҳо, ки марговар буду ба худкушии миллати тоҷик меовард. Ашӯр Сафари ҳасосу дилозурда ва инсондӯсти комил, гулӯгир мешуду ба риқат меомад ва мисраъҳои болоиро бо сӯзиши дил бо алам менавишт.

Дар як ғазалаш ӯ чунин ҳасрати дил менамояд:

Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?
Дар кишвари гам базму тараб мешуда бошад?

Шояд, нидоҳои дили Ашӯр Сафар ва дигар қаламкашони миллат ба қалби сахти сиёсатмадорон кора кард, ки онҳо тадриҷан ба ифоқа омаданду роҳи сулҳу салоҳро ҷустанд ва онро ёфтанд, ки хушбахтона мо даҳумин солгарди истиқлолияти Тоҷикистони азизро ҷашн гирифтем.

Яке аз ҳамсафарони мо дар Хатлонзамин, ки дар боло ишора шуд, Гулназар ҳамон рӯзҳои ҳузноварро ба хотир оварда мегӯяд:

—Хуб шуд, ки ақли солим боло гирифт. Бо кӯшишу заҳматҳои фарзандони дурбини миллат бадбахтиҳо гузар кард. Он орзуе, ки шоир Ашӯр Сафар дошт ҷомаи амал пӯшидан дорад.

Бигузор дигар шоирони мо чунин шеърҳои дардомезу армонӣ нагӯянд.

Ёд дорам, дар рӯзи дафни Ашӯр Сафар шодравон Лоиқ Шералӣ дилсӯзона гуфта буд:

—Ашӯр Сафар шоири таронасарои мо буд. Аммо дарду алами бузурги солҳои охир марсиягӯяш кард. Бигузор дар хок осуда бихобад, мо шодисароии ӯро дар Ватани шодӣ идома медиҳем.

Боди тунде омаду шамъам шикаст,
Риштаи фикру хаёлотам гусаст.
Хостам аз хона берун барҷаҳам,
Дар ба рӯям боз бо муште бубаст.
Шуд бародар бо бародар хасми ҷон,
Хонаам аз ваҳми ин шуд бе забон.
Оби чашмам бесадо рӯи варақ,
Аз алам гардид ҷои хат равон.
Сели ашкам сафҳаҳоро шуста бурд,
Гавҳари илҳом бар дунё супурд.
Мурги шавқам, ки ба олам дошт сайр,
Ҳамчу шабкурак ба лой афтиду мурд.

Дар сари тобути устод Ашӯр Сафар маросими мотамиро гӯш мекардаму сатрҳои чандсол пеш гуфтаи ӯ ба хотирам меомаданд:

Эй дӯст биё, ки ман туро пазмонам,
Дар шастаму ношикастааст армонам.
Бар хонаи даркушодаам меҳмон шав,
Дар хонаи умр баски ман меҳмонам.

Ҳоло, ки ин сатрҳоро иншо менамоям, симои марди рустамҷӯсса, бо лабҳои пуртабассум, чашмҳои рахшандаи меҳрангез гаштаю баргашта пеши назарам меояд. Ростӣ, ки ӯро ҳар дам ёд мекунам, лаҳзаҳои ҳамсафариро дар Фархор, ки дар вақти интихоботи Шӯрои Олӣ ӯ шахси эътимодноки ман буд, пеши назарам меоварам. Ҳар боре, ки ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб меомадам, агар ӯ хабардор мешуд, ҳатман ҳамроҳи Одина Ҳошим (рӯҳашон шод бод), акаи Саидшариф ба истиқбол меомад, меомаду базми шеъру суруд меорост. Ёд дорам, боре устод Ашӯр Сафар ва Ҳақназару Зариф Валиев маро ба тӯе, ки дар хоҷагии Ғоиб Сафарзода барпо шуда буд, ҷаҳт намуданд. Дар ҷараёни шодиву сурур рӯҳоние ҳукм бароварда, ки аз мизҳо шишаҳои шаробро бардоранд. Соҳиби тӯй ва меҳмонон норозигӣ изҳор карданд. Аз ин ҳодиса огоҳ гашта – устод Ашӯр Сафар ба сари шахси рӯҳонӣ шӯрид:

—Шумо худро савобталаб мешуморед! Магар айши мардумро талх кардан убол нест. Шумо медонистед, ки тӯйи ҳозирзамон бе шаробу кабоб намешавад, пас чаро омадед? Ана ҳамин шумо барин рӯҳониҳои худобехабар, кӯтоҳандеш, худбин ҳукмфармо шудед, ки зиндагии мардум нотинҷ шуд. Бемуҳобот чунин ҷасоратро фақат устод Ашӯр Сафар дошт, ки дар пеши назари мардум азми норавою бетамизонаи вакили рӯҳониҳоро ба ин шакл маҳкум намуда аз маърака биронад. Ӯ мегуфт,- аз ҳад нагузаронед, шумо барин муллотарошони аз илм бехабару худсар обрӯю эътибори дини мубини исломро паст мекунанд.

Ашӯр Сафар ҳам бо сухани сеҳрноки шоиронааш, ҳам бо рафтору фаъолияти ибратангезаш ва талошҳои ҳақгӯйиву ҳақҷӯйиаш дар дилу дидаи мардум,хусусан аҳли фарҳанг амиқ маскан ёфтааст.

Гарчанде солҳост, ки ӯ дар қайди ҳаёт нест, аммо каломи шаҳдбори ӯ, хулқу одоб, услуби хоси муомилоташ бо хурду калон, инсонпарастиаш, садоқати сидқан доштаи ӯ ба дӯстону рафиқон аз хотирҳо зудуда намешаванд. Огоҳ ҳастам ӯро дар ҳама ҷо ҳам дар ҳузураш ва ҳам дар ғайбаш сифату “ғайбаташ” мекарданд. Ашӯр Сафар шахсияте буд, ки фаромӯшии ӯ имконнопазир аст.

Як мисоли тоза. 8 декабри соли 2000 дар шӯрои насри Иттифоқи нависандагон “Девона” ном романи нависандаи ҷавон Мираҳмади Амиршо муҳокима шуд. Азбаски муҳокима тӯл кашид, давоми сӯҳбат дар атрофи “як пиёла чой” сурат гирифт. Ва он сӯҳбат чӣ гуна аз мавзӯи романи Амиршо ба мавзӯи зарофатороиҳои Ашӯр Сафар ҷараён гирифт ҳанӯз ҳам дар тааҷҷубам. Ҳаминаш ба ёдам ҳаст, ки аксари иштирокчиёни он маҳфили дилнишин аз ҷумла нависандаҳои

номӣ Абдулмалик Баҳорӣ, Абдулҳамид Самадов, Саттор Турсун, Урунбой Кӯҳзод, Ҷонибек Акобиров, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва дигарон аз хислатҳои наҷиби инсонии Ашӯр Сафар, ширингӯиҳояш қазоват менамуданд.

Яке аз онҳо гуфт, ки шоир Қутбӣ Киром бори аввал бо гурӯҳи адибон ба Кӯлоб меравад, дар маҳфиле, ки иштирок менамояд, Ашӯр Сафар ҳам будааст аз шахси дар бараш нишаста мепурсад: — Ҷӯра, намегӯйӣ, ки аз меҳмонони дар раёсат нишаста, кадомаш Қутбӣ Киром? Ба ӯ Қутбиро нишон медиҳанд ва фавран Ашӯр Сафар бо лаҳҷаи ба худаш хос мегӯяд: — Ҳо, ҳамоне, ки агар пашша дар сараш бинишинад, аз лайсии сар кунҷечак меравад?—Ҳа, ана ҳамон мегӯяд, ҳамнишинаш.

Дигаре ба завқ хандида ёдовар шуд, ки Ашӯр Сафар раиси номӣ Миралӣ Маҳмадалиевро, ки дар бораш достон навиштааст, ба ҷашни 60-солагиаш даъват мекунад. Дар арафаи ҷашнгирӣ Миралӣ бо телефон аз Ашӯр Сафар узр мепурсаду мегӯяд: — мебахшӣ, ба ҷашнат рафта наметавонам, ба сессияи Шӯрои Олӣ" даъват карданд. Ашӯр Сафар бадоҳатан мегӯяд: —Худат раис, ба сессия меравӣ,ҳамон буққачаи тӯҳфа мекардагиат ҳам ба сессия меравад? Дигарон қиссаҳои "меҳмони ба пою қадам" будани Ибод Файзуллоев, гуселкуниҳои Салимшо Ҳалимшо ва ғайраро бо шавқ ёдовар шуданд. Ҳамон рӯз, бемуҳобот,нишасти моро ҳикматҳову зарофатгӯйиҳои Ашӯр Сафар оро дод ва ба он ҳусни тозаву лутфу марҳамати дӯстона бахшид, дилпазиру рӯҳафзо намуд.

Ҳаждаҳуми декабри соли 2001 ҳамин қайдҳоямро менавиштам, ки ба наздам шоири дӯстдоштаам Низом Қосим хабаргирӣ омад. Чиҳо навиштан доред,муаллим, - магар халал расонидам гуфт ӯ.

Хуб кардед, ки омадед, хотираҳоямро доир ба устод Ашӯр Сафар менависам,— гуфтам. Ӯ хандиду гуфт:- Дар редаксияи "Комсомоли Тоҷикистон" кор мекардам. Ашӯр Сафар китоби нав аз чоп баромадаашро ба муҳаррир Ато Ҳамдам тӯҳфа кард. Ато Ҳамдам ба муқоваи китоб эрод гирифт. Ашӯр Сафар фавран ҳозирҷавобӣ кард,— "тақсир бигузор китоби моро бемуқова ҳам бароранд, аммо гонорари хуб диҳанд,мо қаноатманд. Инро гуфту Низом Қосим афзуд: Мастон Шуралӣ дар нашриёт кор мекард. Аз Кӯлоб Ашӯр Сафар ба ӯ занг мезанад ва мепурсад,— ту кӣ? Мастон шӯхиомез қофия карда мегӯяд—ман Рӯдакӣ, Ашӯр мегӯяд,- ҳамин тавр будааст,ки овозат гӯё аз гӯри чуқур меояд...

Ҳамин тавр мавзӯи шарофату зарофати Ашӯр Сафар адонашаванда аст ва зикри хайраш аз забон ба забон, аз насл ба насл ҳамчун мероси бебаҳо мегузарад.

ФОЛИ НЕК

Убайдуло, ки дар оилаи деҳқони асили меҳнатдӯст Раҷаби Одина таваллуд шуда, ба воя расидааст, аз мушкилиҳо наҳаросид, бо саъйи комил ба дарсҳо иштирок намуда, зиёдтар ба машғулиятҳои устодони варзида Боқӣ Раҳимзода, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Файзулло Ансорӣ, Абдуғанӣ Эшонҷонов ва дигарон мароқ зоҳир кард, илм омӯхт ва сабақи эҷодӣ гирифт. Дар чунин муҳити маънавии эҷодии донишкадаи омӯзгорӣ ӯ тавонист, ки ба орзуи ширини ҷавонии хеш – эҷоди шеър бирасад. Шеърҳояш дар матбуоти давр зуд-зуд чоп мешуданд. Убайдуллои ҷавонро аз курсии донишкада барои кор ба маҷаллаи "Машъал" даъват намуданд, ки ин эътирофи қобилияти эҷодии шоири навқалам буд.

Устодони дилсӯз Абдусалом Деҳотӣ ва Боқӣ Раҳимзода аввалин хонандагони шеърҳои "Афсонаҳои модаркалон", "Табиат" ва ғайра буданд. Ин бузургон навиштаҳои Убайд Раҷабро писандида, аз заҳмати сангину машаққати эҷодкорӣ огоҳаш менамудаанд. Абдусалом Деҳотӣ шеъри ба деҳа бахшидаи ӯро хонда зарофатгӯй карда буд: "Номаи Деҳотиву аз деҳот ҳарфе нагуфтаам. Ту, Убайдулло хушбахтӣ, ки деҳотро ин қадар нағз васф карда тавонистӣ, барори коратро мехоҳам!".

Убайд Раҷабро бештар чун шоири бачагон мешиносанд. Аммо бояд ба хотир овард, ки вай ашъори хуби лирикӣ, ошиқона ва сиёсии зиёд дорад, бисёр шеърҳояшро бастакорон ба оҳанг даровардаанд. Ин навъ ашъори ӯ дар маҷмӯаҳои "Пайраҳа", "Рози обшор", "Саррез" ва ғайра нашр шудаанд. Убайд Раҷаб аз нахустин касоне буд, ки суннати ғазалнависиро эҳё намуд, васфи кӯҳро суруд, ба ҳимояи лафзи тоҷикӣ бархост. Ҳанӯз сӣ сол қабл бо номи "То ҳаст оламе, то ҳаст одаме" шеъре эҷод карда буд:

Ҳар дам ба рӯи ман,
Гӯяд адӯи ман,
К-ин шеваи дарии ту,
Чун дуд меравад,
Нобуд мешавад.
Бовар намекунам,
Бовар намекунам.

Чаро Убайд Раҷаб ва хонандагонаш ба сафсатаи нобуд шудани забони модарии худ бовар намекунанд? Худи шоир ба ин пурсиш ҷавоб медиҳад:

Бовар намекунам,
Лафзе, ки аз латофаташ ҷонам кунад ҳузур,
Рақсад забон ба созашу ояд ба дида нур,

Лафзе ба ранги лолаи домони кӯҳсор,
Лафзе ба сони бӯсаи ҷонпарвари нигор...

Лафзе, ки эътиқоди ман асту маро вуҷуд,
Лафзе, ки пеши ҳар суханаш оварам суҷуд.
Чун меҳри модарам,
Чун ишқи дилбарам,
Чун хоки кишварам,
Чун завқи кӯдакӣ.
Чун байти Рӯдакӣ,
Чун зарраҳои нури басар мепарастамаш,
Чун шӯълаҳои нарми саҳар мепарастамаш.
Ман зиндаву аз дидаам чун дуд меравад?
Нобуд мешавад?
Бовар намекунам!
Бовар намекунам!

Оре, шоир бовар намекунад, ки лафзи модарии ӯ, ки рамзи вичдон, ном ба нангу номуси ӯст, аз байн равад. Охир ин меросро ба ӯ аҷдодонаш гузошта, ҳифзи ӯро васият кардаанд. Адиб ҷон медиҳад, аммо он забони ширинро пос ва гиромӣ медорад:

Номаш барам, ба авҷи само мерасад сарам,
Аз шавқ мепарам,
Сад марди мӯътабар,
Ояд бари назар.
К-онро чу лафзи байту газал
Иншо намудаанд,
Бо панди Саъдиям,
Бо шеъри Ҳофизам,
Чун ишқи оламе ба ҷаҳон,
Эҳдо намудаанд. –
Ҳайрон машав адӯ,
Сарсон машав адӯ,
К-ин ишқи пок дар дили дилпарвари ҷаҳон
Монад ҳаме ҷавон,
То ҳаст оламе,
То ҳаст одаме.

Машғули навиштани ҳамин ҷашннома будам, ки дӯстам, профессор Аълохон Афсаҳзод хабаргирӣ омад. Ӯ фаҳмид чӣ шуғл дорам, дар атрофи эҷодиёти Убайд Рачаб изҳори ақида намуд ва махсус шеъри "То ҳаст оламе, то ҳаст одаме"-ро ёдовар шуду гуфт: "Хотирнишон кардан зарур аст, ки аз соли 1968 (маҷаллаи "Сухан") то соли 1992 (маҷаллаи "Килк") дар Эрон ин шеъри Убайд Рачаб беш аз 15 маротиба ба табъ расид. Донишманди маъруфи

эронӣ равоншод Парвиз Нотили Хонларӣ ҳанӯз соли 1968 онро аз беҳтарин шеърҳо дар бораи забони форсӣ номида буд. "То ҳаст оламе, то ҳаст одаме" борҳо дар Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва мамолики дигар низ нашр шуд. Худи ҳамин барои эътирофи шоир басанда аст. Ҳақ бар ҷониби донишманди адабиётшинос бувад.

Бо ташаббуси Мирсаид Миршакар ва бо таҳрири Суҳайлӣ Ҷавҳаризода маҷмӯаи нахустини шеърҳои Убайд Раҷаб таҳти унвони "Орзуҳои ширин" нашр шуда буд, ки он роҳхате буд ба ҷаҳони шеъру шоирӣ ва олами маърифат. Ҳангоми кор дар маҷаллаи "Машъал" ва рӯзномаҳои "Пионери Тоҷикистон"-у "Ҷавонони Тоҷикистон" қобилияти эҷодии Убайд Раҷаб ҳам дар ҷодаи таҳриру табъу нашр ва ҳам шеър гуфтан инкишоф ёфту ӯ чун эҷодкори қобилиятдор эътироф гардид. Вайро соли 1961 бо мактуби устод Мирзо Турсунзода ба маҷаллаи "Садои Шарқ" ба кор даъват намуданд. Дар ин ҷо ҳам Убайд Раҷаб хислатҳои ҷӯяндагиву ташкилотчигии худро сайқал дода, хешро ҳамчун ходими ҷӯёву навовар ва коргари сермаҳсул шиносонд.

Баҳори соли 1966-ум Убайдулло боре ба хонаамон омад. Баъд аз ӯ аҳвол пурсидам, ба забон омад:

— Ака, — гуфт Убайдулло,— ман наздатон барои маслиҳат омадам, масъала ҷиддӣ.

— Боз он чӣ хел масъала, ки ҷиддӣ ҳам будааст? – пурсидам хандида.

— Имрӯз саҳарӣ домулло Мирзо Турсунзода маро наздашон хонданд ва супориданд, ки вазифаи сармуҳарририи маҷаллаи "Садои Шарқ"-ро ба зиммаам гирам. Чӣ кор кунам?

— Чӣ кор мекардед? Модом ки Мирзо Турсунзода барин шахси мӯътабар ба шумо эътимоду ихлос баста, ба чунин вазифаи масъул таклиф карда бошанд, бояд розӣ шавед,— гуфтам ва афзудам, — ин фоли нек аст.

Убайд Раҷаб дар ин вазифа ҳам худро чун сарвари ӯҳдабаро нишон дод. Вай дар саҳифаҳои маҷалла нашри мақолаву очеркҳоро дар бораи санъат ва арбобони он ба роҳ монд, хонандагонро бо беҳтарин намунаҳои осори классикӣ ошно намуд, ҳаводорони лафзи дариро бо намунаҳои чакидаҳои хомаи суханварони муосири Эрону Афғонистон ва Ҳиндустону Покистон шинос кард, ки ин ҳама обрӯи маҷалларо хеле баланд бардоштанд.

Дар мӯҳлати қариб понздаҳ соли сармуҳарририи Убайд Раҷаб теъдоди нашри маҷалла аз 4,5 ҳазор ба 45 ҳазор нусха расид. "Садои Шарқ" хароҷоташро пӯшонда ба хазина маблағ медодагӣ шуд. Ба коллективи эҷодии маҷалла ҷавонони хушсалиқа, аз ҷумла Лоиқ Шералӣ, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Гулназар, Камол Насрулло ва дигарон гирд омаданд, ки бо тозагӯиҳояшон, истеъдоди хосашон эътибори маҷалларо дучанда намуданд.

Ба комёбиҳо муваффақ гардидани сармуҳаррири нав бисёр дӯстону ҳамкорон, ҳамқаламони Убайдуллоро хурсанд намуд. Пеш аз ҳама устодон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ шод буданд.

Ман эҳтироми устодро ба шогирдонаш дар сафари аввалини якҷояамон ба Искандаркӯл, ки аввалҳои солҳои ҳафтодум сурат гирифта буд, аниқтар ҳис кардам. Дар он сафари фаромӯшнашуданӣ, ки Боқӣ Раҳимзода, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ барин истеъдодҳои баландмақом низ ҳамроҳи мо буданд, сайру истироҳатамон ба ҳамон дараҷа аъло гузашт.

Он ду рӯз ва як шаберо, ки бо устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода дар Искандаркӯл гузаронидем, бе муболиға аз лаҳзаҳои ширинтарину боҳаловати зиндагии мо ҳамсафарон метавон шумурд. Тасаввур кунед, ки шумо дар манзараи зебою дилрабои соҳили кӯли булӯрин, дар иҳотаи дарахтони ҳамешасабз зери қуллаҳои осмонбӯси қаторкӯҳҳои афсонавӣ ҳастеду лафзи шакаромез, назми сеҳрангези Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва адибони дигарро аз забони худашон мешунавед.

Бемуҳобот сайри мо дар он биҳиштгӯшаи ҳаяҷонбахши кишварамон басо хотирнишин буд. Моро нафақат табиати нодиру иқлими рӯҳбахши Искандаркӯл мафтун мекард, илова бар он байтбаракҳо, мушоираҳо ва зарофатгӯиҳои устодону шогирдонашон ҳам рӯҳбаланд менамуд. Дар он ҳалқаи дӯстиву базми ҷамшедӣ ва гулханҳои маънавиёт, ғизои моддӣ ҳам бо тараддуди дӯстони олиҳиммати фалғариамон Ёрмурод Ғиёсов, Амонулло Қурбонов, Раҳим Аслиддинов, Субҳон Тӯйғунов, шодравон Мирзо Маҳмуд ва дигарон омода шуда буд айши моро гуворотар менамуд.

Ғашти он бегоҳирӯзӣ ҳолати сайёҳони Искандаркӯл ба дараҷае расид, ки шеърхониву зарофатгӯӣ кифоя накард. Бо дархости устод Мирзо Турсунзода, Мастон Шералӣ чанд суруде хонд. Аз Чумла суруди "Қӯшчинор" ба ғазали Нақибхон Туғралро, ки оҳангаш моли Шоҳназар Соҳибов аст, некӯ сароид. Баъд кор ба ҷое расид, ки ҳама сурудхон шуданд. Ҳозирон барои хониши умумӣ суруди классикии "Як шаб охир домани оҳи саҳар хоҳам гирифт"-ро интихоб карданд. Маълум шуд, ки ягонтои он сурудхонҳо матни пурраи сурудро намедонанд. Аммо оҳангу матн, ки бисёр дилпазир буд, сурудро ба хотир меоварданд, ҳар байтро ҳофизон ғаштаю баргашта месароиданд:

Як шаб охир домани оҳи саҳар хоҳам гирифт,
Доди худ аз он маҳи бедодгар хоҳам гирифт.
Чашми гирёнро ба тӯфони бало хоҳам супурд,
Нӯги миҷгонро ба хуноби ҷигар хоҳам гирифт.
Интиқомамро зи зулфаш му ба му хоҳам кашид,
Орзӯямро зи лаълаш сар ба сар хоҳам гирифт.

Сурудхонӣ чунон тӯл кашид, ки баъзе аз ҳозиронро дар ҷояшон хоб бурд ва дар ҳамон ҳолат он ҷо шабро рӯз карданд.

Вақте ки мо зиёрати Искандаркӯлро хотима дода, дар бозгашт ба ағбаи Анзоб рост мешудем, дар он доманакӯҳи гулпӯшу назаррабо бо чанд рама гӯсфандони фарбеҳ рӯ ба рӯ шудем. Дар лаҳзае, ки лаби чашма дам гирифта об менӯшидем, Мирзо Турсунзода бо завқ даву този барраҳоро тамошо мекард, маъоси гӯсфандҳоро мафтунона гӯш менамуд. Касе – ё Убайдулло ё Қутбӣ "бай-бай, устод, ана гӯсфанду мана гӯсфанд", — гуфт.

Мирзо Турсунзода бо завқ хандида пурсид:

— Чӣ гуфтанӣ ҳастед? Ин қадар ба чӣ дил бой додед, шербачаҳо?

— Ягонтои ин гӯсфандҳоро бихарем. Чӣ мешавад?—гуфтанд "шербачаҳо".

— Орзӯятон ҳамин? Мана пул, равед савдо кунед, — гуфт устод Турсунзодаву сад сӯм пул бароварда ба дасти ман дод. Ман ба он боз панҷоҳ сӯм илова намуда, ба дасти Қутбӣ ё Убайдулло додам.

Убайдулло ва Қутбӣ назди чӯпонҳо рафтанд. Намедонам онҳо пули гӯсфандро доданд ё не, зеро онҳо ба сӯи Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ишораҳои зиёде мекарданд. Пас аз фурсате як шишаки фарбеҳро оварданд. Онро ронандаи устод Мирзо Турсунзода Сайфулло баста ба бордони мошин партофт, мо ба роҳамон равон шудем. Пас аз дамгирии кӯтоҳи дигаре дар соҳили дарёи Майхӯра, ки оби зулолу гуворое дорад, мо ба бӯстонсарои дар Варзоб будаи Мирзо Турсунзода расидем, Убайдулло, ки шерамарди чолоку ба дасту пост, гӯсфандро забҳ карду пӯст канд ва гӯштро ба дег андохта онро болаззат бипухт. Ба назари ҳозирон магар мӯҳлати пухтани гӯшт хеле тӯл кашид, ки ширингӯиҳо мекарданд: "Наход ин қассоб як худаш танҳо гӯсфандро хӯрада барои мо чизе набиёрад?". Дигаре афзуд: "Ба Убайдуллои мо хӯрдани як гӯсфанд чӣ мушкилоте дорад?".

Боқӣ Раҳимзода лутфомез ба гуфтугӯ шарик шуд: "Вазнин шавед, ба мо ҳам мерасад". Ҳама баробар хандиданд. Албатта, қассоб ҳамаи гӯсфандро хӯрда натавонист. Вай ду табақро пури гӯштбирён карда оварда. Қариби тамомшавии таом аз куҷое Ҷӯрабек Муродов омад. Ӯ омаду дид, ки нависандаҳо гӯсфандро хӯрда тамом кардаанд, зуд ба ақиб гашту пас аз фурсате гӯсфанди дигарро дар гардани чӯпони шиносаш овезон намуда овард. Ин гӯсфандро ҳам шогирди варзидаи Мирзо Турсунзода Убайд Раҷаб ба монанди гӯсфанди пештара ҳисобашро баробар кард.

М. Турсунзода аз ҳама пеш даст пок карда ширингӯӣ намуданд: "Мебинам, ки нависандаҳои мо ҳам дар гӯштхӯрӣ аз бародарони қазоқу қирғизамон монданӣ надоштаанд". Маишату

мушоираву сурудхонӣ аз нав қӯр гирифт. Дар он давра Ҷӯрабек ҳаққонӣ шоҳи суруд буд.

Ҳозирон бошанд, ба Турсунзода гуфтанд: "Устод бисёр раҳмат, бо шарофати шумо мо аз гӯшти тозаю хуштамъ сер шудем". Турсунзода "Ба ман не, ба мулло Убайд ташаккур гӯетон, ки ҳунари хуби қассобӣ ҳам доштааст" гӯён лаб ва чашмонашро ба лутфу табассум мутамоил намуд.

Турсунзодаи пухтакору донишманд ба Убайд Раҷаб беҳуда ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намекард. Пеш аз ҳама вай қобилияти ташкилотчигӣ, дидадарӣ, ҳисси масъулиятшиносии Убайдуллоро ба назар мегирифт.

Ташаббускорӣ ва дар кор дилсӯз будани Убайд Раҷабро шахсан худам ҳам борҳо дарк кардаам. Солҳои зиёд ба соҳаи табъу нашр сарварӣ доштам ва медидам, чӣ тавр Убайд Раҷаб кӯшишҳо ба харҷ медод, ки адабу сифати нашри адабиёти тоҷик дастраси хонандагони дунё гардаду алоқамандони ҷавони кишвар аз ганҷинаи адабиёти миллатҳои дигар низ баҳраманд шаванд. Шахсан вай сахт миён баста солҳои 1978—1984-ум тазкираи панҷҷилдаи адабиёти бачагонро, ки аз назму насри классикӣ, фолклор ва драматургия иборат буд, омодаи чоп намуд, ки он заҳмати зиёдеро металабид. Бемуҳобот нашри ин асар воқеаи муҳиме буд дар таърихи ҳаёти маънавии халқамон. Ба ғайр аз ин солҳои 1988—1989 дар ҷумҳурии мо тазкираи адабиёти шӯравӣ барои кӯдакон дар ду ҷилд нашр гардид, ки дар он намунаҳои беҳтарини назми 135 шоирон аз 15 ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ шомил буд. Дар ин кори хайру наҷиб ҳам шахсан Убайд Раҷаб меҳнати бисёре анҷом дода, ба тақдиру таҳсин сазовор гашт.

Дар тарғиби адабиёти тоҷик низ кӯшишҳои Убайд Раҷаб кам нест. Ба тазкираи барои хонандагони белорус тайёрнамудаи ӯ "Чашмаҳои Помир" ном доданд, ки беҳтарин асарҳои адибони тоҷикро дар бар мегирад. Убайд Раҷаб як маҷмӯаи шеърҳои бачагонаро барои хонандагони литвонӣ ҳам таҳия намуд.

Охирҳои солҳои ҳаштодум дар Латвия ҷаласаи васеи Шӯрои адабиёти бачагона баргузор шуд. Аз Тоҷикистон мо се нафар – Убайд Раҷаб, Карроматулло Мирзоев ва камина ширкат доштем. Дар баҳсҳои эҷодӣ ва бунёди нақшаҳои корӣ Убайд Раҷаб фаъол буд. Дар муҳокимаи масъалаҳои умдаи вазъи адабиёти бачагона, ки адибони номӣ аз ҷумла қаламкашони москвагӣ Анатолий Алексин, Ирина Токмакова, Яков Аким, Валентин Берестов, аз Украина Богдан Чални иштирок доштанд. Онҳо пешниҳодҳои Убайд Раҷабро хуб пазируфтанд. Убайд Раҷаб дар хусуси ашъори шоири халқии Латвия Ояр Васелтис маърӯза ҳам кард, ки он ба сомеъон хуш омад. Ҳамон ҷо Ирина Токмакова хабари хуши ба Убайдулло тақдим намудани мукофоти байналхалқии ба номи Андерсенро эълон намуд, ки мо ҳамсафаронаш аз ҳама зиёдтар

шод гаштем ва аввалин шуда муборакбодаш гуфтем. Ин мукофот ба Убайд Раҷаб барои китоби "Бӯи замин", ки онро нашриёти "Детская литература" дар Москва ба табъ расонд, дода шуда буд.

Хулоса, Убайд Раҷаб яке аз он эҷодкорони миллат мебошад, ки маҳорати худро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама барои наврасону ҷавонон бахшидааст. Беҳтарин намунаҳои маҳсули қалами ӯ дар китобҳои "Орзуҳои ширин", "Ҳамсӯҳбати ширинзабон", "Нинӣ чӣ ном дорад?", "Ману ҷӯраҳои ман", "Саду як барг". "Бӯи замин" ва ғайра гирд оварда шудаанд. Ин китобҳо аз нақши рангини муаллиф дар равнақи адабиёти бачагонаи миллати тоҷик шаҳодат медиҳанд. Илова бар ин Убайд Раҷаб барои ривоҷи каломи бадеъ барои ҷавонон солҳои зиёд кӯшишҳои ташкилотчигиро низ ба харҷ додааст ва медиҳад. Вай муддати мадиде дар Шӯрои адабиёти бачагона дасти рости Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар буд, баъди ба нафақа рафтани устодаш сарварии ин шӯрои бонуфузро ба ӯҳда дошт.

ХИРАДАФРӮЗ

Ман бо додарарӯси шодравон академик Аловуддин Маҳмудович Баҳоваддинов – шодравон Фотеҳ Ниёзӣ — Нависандаи халқии Тоҷикистон, ки ҳамсоя будем, зуд-зуд вомехӯрдем ва дар рӯзи таваллудаш хешу таборҳо гирди як дастархон нишаста, он санаро қайд менамудем. Ин дафъа ҳам баъди чанд соли марги устод дар шаби ҷашнгирии анъанавӣ бо ҳамсари А. М. Баҳоваддинов Сафия-апа, хоҳари Ф. Ниёзӣ паҳлӯнишин будам. Пас аз хӯрдани тамомҳои болаззат ва нӯшидани чанд ҷуръа шароби тоҷикӣ, чун ҳарвақта ҳар касе мувофиқи табъаш шуғле пайдо мекард – чанд фарде саргарми шатранҷбозӣ мешуданд, аксари меҳмонҳо суруду мусиқӣ гӯш мекарданд. Ман бо Сафия-апа сӯҳбати хоса пардохтам. Мавзӯи гуфтугузори мо аз лаҳзаҳои аввал поси хотиру ёди Аловуддин Маҳмудович Баҳоваддинов – шахси барои ҳардуямон ҳам азиз – барои Сафия-апа ҳамдами зиндагӣ, барои ман устод, дӯсти қадрдон ва меҳрубону ҳаммаслак буд.

Сафия Ниёзова-зани оқила, ҳалиму меҳрубон, табиби номӣ, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, — миннатдорӣ кард, ки ман ҳар вақт Баҳоваддиновро ба некӣ ёд мекунам, хотирашро пос медорам.

— Чӣ тавр ӯро ёд накунам, апа, — гуфтаму афзудам: — Худатон медонед, ки ӯ чӣ сон фарди накӯкор буд. Ёд доред, чанд маротиба ҳамроҳашон ҳини дар Академияи илмҳои ҷамъиятшиносӣ таҳсил намуданам ба Москва хабаргирӣ омада будед? Якҷоя бо Рауф Додобоев, Ҳомидҷон Аҳмадов, Муҳаммадёр Муҳаммадназарбеков, Хушқадам Давлатқадамов палавҳо мепухтем,

сӯҳбатҳои дилпазири тӯлонӣ меоростем. Дар Душанбе ҳам устод ба хонаи мо зуд-зуд меомаданд ва баъзан шумо он касро кофта меомадед.

Ҳамин тавр, дар он шабнишинӣ гуфтори ману Сафия-апа ба сифатҳои неки он марди шариф, яке аз фарзандони фозили миллатамон Аловуддин Баҳоваддинов бахшида мешуд.

Ҳар бор, ки А. М. Баҳовиддинов ба Москва баҳри аёдати мо меомад, ихлосмандона маслиҳатҳои муфид медод, аз боби қавииродагӣ, муносибатҳои ҷиддӣ доштан ба илм, дар муомилоти инсонӣ, ҷавонмардӣ намудан, зарурати омӯхтани мероси бои маънавии ниёгон, забони модарӣ ва забонҳои дигар ҳарф мезад. Ҳамзамон сахт таъкид мекард, ки ҳеҷ гоҳ побанди маҳдудияти миллӣ ва миллатгароӣ нашавем. Ӯ дар доираи файласуфҳои номии Москва – Б. М. Кедров, Г. Е. Глезерман, М. М. Розентал, Г. М. Мак,, В. Г. Афанасев, М. Мясников ва дигарон эътибори хуб дошт. Дар давоми таҳсил бо ҳар кадомашон, ки дучор мешудам, онҳо фавран аз академик Баҳоваддинов пурсон мешуданд. Қобилияти фавқулоддаи илмию нотиқии ӯро махсус қайд намуда мегуфтанд: "Фаромӯш накун, ба ӯ саломи моро расон".

Таҳсил дар академияи илмҳои ҷамъиятӣ ба охир мерасид, рисолаи илмӣ навишта шуда, фушурда (автореферат)-и он ба ташкилотҳои илмии дахлдор барои баҳо гирифтан фиристода шуда буд... Чӣ мегӯед, ки якумин тақризро Академия доир ба кори илмиам аз ҷониби устоди саховатманд Аловуддин Баҳоваддинов моҳи май соли 1963-ум гирифт, ки вай бо мӯҳру имзои худашон тасдиқ шуда буд.

Бо ин қайдҳои ҷузъиям гуфтаниям, ки саҳми академик А. М. Баҳоваддинов дар кори бениҳоят мушкил ва ҳаётан зарур – тайёр намудан ва ба камол расонидани кадрҳои илмӣ,— тарбияи фаъолони ҷамъиятӣ бузург буд. Шоёни зикр аст, ки қисми зиёди фаъолияти бобаракаташро ӯ ба кори муаллимӣ, тарбияи мутахассисҳои баркамолу баландмақом бахшида буд. Ҳақ ба ҷониби яке аз ихлосмандон ва ҳамкорони эшон академик Ҳабибулло Саидмуродов аст, ки мегӯяд:

— Академик Баҳоваддинов шахси донишманде буд, ки барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос пайваста ғамхорӣ мекард. Вай аз шогирдони худ пеш аз ҳама амиқ омӯхтани сарчашмаҳои илмиро талаб менамуд. Мавсуф ҳар моҳ як-ду маротиба дар коргоҳи худаш шогирдонашро ҷамъ менамуд, бо онҳо саволу ҷавоби тӯлонӣ ва дақиқ мекард. Ана аз ҳамин сабаб қариб, ки аксари шогирдони ин марди хирадманд, дар вақтҳои муайяншуда рисолаҳои номзадӣ ва докториашонро дифоъ менамуданд.

Бемуҳобот, А. М. Баҳоваддиновро муаллими муаллимон, мураббии ғамхор ва сахтгири садҳо олимони тоҷику ӯзбек ва дигар миллатҳо эътироф намудаанд. Ӯ марди минбар буд. Суханвари

камназир буд. Алфози баргузида, каломи фасеҳ, лаҳни дилангез ва мантиқи матни нутқи ӯро гуворо мегардонд. Вай чун файласуфи варзида ва дурандеш ба ҷустуҷӯи ҷавонони соҳибистеъдод диққати ҷиддӣ медод. Ӯ ҳамчун рӯҳшиносу тарбиятгари ботаҷриба дар як-ду мулоқот қобилияту идрокмандии ҷавононро ба эҷодкорӣ муайян намуда ва онҳоро ба парастории мегирифт. Онҳоро огоҳ менамуд, ки барои булҳавасу рӯдағафс ва танпарвар дар ҷодаи илму эҷодкорӣ ҷой нест. Аммо, агар медид, ки шогирдон қобиланд, сидқан ба илм дода шудаанд, бе заҳмат номумкин будани кашфиётро дарк менамоянд, ӯ фавран ба кӯмакашон меомад, аз роҳбарони илмӣ ва аъзоёни кафедра талаб менамуд, ки зудтар тадбирҳои ба онҳо расонидани ёрии амалиро андешанд.

Худи А. М. Баҳоваддинов ба фаъолияту маҳорати лексияхонӣ, мубоҳисаҳои илмӣ, гузаронидани семинарҳо устухон надошт, ба онҳо пухтаву ҷиддӣ тайёрӣ медид. Ӯ дар асл нотиқи варзида ва оташсухан, шахси минбароро буд. Яке аз шогирдони содиқ ва ҳамкори А. М. Баҳоваддинов, дӯсти деринаи банда Имомназар Келдиев бо муҳаббати том нақл мекунад, ки солҳои донишҷӯии мо устод А. М. Баҳоваддинов ҷавонмарди гузаро буданд ва чунон дарс мегуфтанд, ки мо баъзан се-чор соат дар толор наҷунбида менишастем. Каломи сеҳрноки муаллимро гӯш карда, ҳама моту мафтуни ҳарфҳои пурқиммат ва ҷаззоби ӯ мегаштем. И. Келдиев боз илова кард, ки профессор Баҳоваддинов имтиҳонҳоро рӯякӣ намегирифт. Ӯ донишҷӯёнро ҳарҷониба месанҷид. Боре аз фалсафа имтиҳон месупурдем. Ба саволҳои асосӣ ҷавоб додам. Ҳис кардам, ки ҷавобҳоям ба муаллим маъқул омаданд. А. М. Баҳоваддинов табассуми маънидоре намуда, пурсиданд:

— Шеър хонда метавонӣ?

Гуфтам:

— Рухсат шавад мехонам.

Устод сар ҷунбонданд. Аз шеърҳои Бедилу Мавлавии Балхӣ қироат намудам. Аз ҳамон рӯз оғози пайдоиши унси устодиву шогирдӣ байни мо ва ихлосмандиам ба он инсони барои ман хеле мӯътабар сар шуд,— гуфт И. Келдиев.

А. М. Баҳоваддинов, ки яке аз олимони фидоӣ, фаъол ва қавирода буд, дар ҷодаи тарбияи насли олимони ҷавон, муттаҳиду сарҷамъ ва тифоқ гардонидани онҳо саҳми бебаҳое гузоштааст. Ӯ барои тадқиқи амиқи мероси фалсафии Абӯалӣ Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Носири Хусрав, Абдулқодири Бедил, Ҷалолиддини Румӣ, Умари Хайём, Абурайҳони Берунӣ ва мутафаккирони дигар ташаббус нишон дода, дар ин соҳа саҳми назарраси шахсии худро гузоштааст. Зери роҳбарии вай чанд нафар олимони ҷавон дар он мавзӯъҳо рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд. Академик А. М. Баҳоваддинов аввалин шуда, доир ба таърихи фалсафаи халқи тоҷик асари калонҳаҷм навишт ва дигаронро низ ба

ин кори наҷиб ҳидоят намуд, ба онҳо сарварӣ ҳам кард.

Устод А. М. Баҳоваддинов бо олимони варзида низ робитаву алоқаи доимии ҳамкории эҷодӣ дошт. Олимони номии соҳаҳои мухталиф аз ҷумла академикҳо И. Нарзиқулов, Б. Ниёзмуҳаммадов, М. С. Осимӣ, С. А. Раҷабов ва профессорон – М. Р. Раҷабов, М. Болтаев, М. Р. Шукуров, О. Бозоров, М. Ғафурова ва дигарон ба майли таваҷҷӯҳ ба ҳузури ӯ меомаданд, мунтазам бо устод мубодилаи афкор намуда, маслиҳатҳои муфид мегирифтанд.

Такроран қайд карданиям, ки доираи ҷаҳонбинии ӯ беандоза васеъ буд. Вай ба адабиёти бадеӣ, санъати мусиқӣ, тасвирӣ шавқу завқи зиёде дошт. Аз ин ҷиҳат ӯро зиёдтар дар ҳалқаи сӯҳбатҳои адибони номӣ – Мирзо Турсунзода, М. Раҳимӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Ғанӣ Абдулло, Ҳабиб Аҳрорӣ ва дигарон дидан мумкин буд. Академик Баҳоваддинов ҷавонон ва калонсолонро ба худшиносии миллӣ даъват менамуд, аслан муттаҳид будани мардуми равшанфикри ҷумҳуриамонро яке аз масъалаҳои муҳимтарин медонист. Ӯ зиёиёнро, ки ҷумҳуриро осон тарк менамуданд, сахт маҳкум менамуд. Шунидаам ӯ борҳо мегуфт, ки касе, ки қисмати шахсии худашро аз халқаш ҷудо тасаввур кунад, инсони комил нест ва ӯ ҳеҷ гоҳ ватанпарвар намешавад. Ҳар яки мо бояд фарзанди вафодори миллати худ, ҳомии ватани худ бошем.

Ана бо ҳамин сифатҳои олии инсониаш А. М. Баҳоваддинов бемуболиға маҳбуби ҳама гашта буд. Марги бемаҳали вай бисёр ходимони барҷастаи илму адаби тоҷикро ба таҳлука андохта буд. Ёд дорам дар яке аз маҷлисҳои бонуфузи илмӣ академик, шоири шаҳир Мирзо Турсунзода бо сӯзу гудоз мегуфт.

— Баъд аз вафоти академик Баҳоваддинов маҷлисҳои Президиуми Академияи улуми Тоҷикистон дигар бо шаҳомати баланди илмию тифоқию ҳамфикрӣ намегузаранд, ба назарам ҷои Баҳоваддинов доим холӣ менамояд. Вай ба рафти маҷлисҳо оҳангу тобиши дигар мебахшид, ба ҳалли дурусти масъалаҳо аз ҳар ҷиҳат тадбирҳои дуруст меёфт.

Дар ин бобат бисёр олимону ходимони маданиятамон бо устод Мирзо Турсунзода ҳамфикр буданд.

Ҷолиби қайд аст ки А. М. Баҳоваддинов ҳамчун олим нафақат фалсафаи марксистӣ — материализми диалектикӣ ва таърихиро хуб дарк мекард, илова бар он ӯ афкори ҷамъиятии Ғарбу Шарқ ва алалхусус фалсафаи исломро низ бо хубӣ медонист ва онҳоро ба ҳам омехта, натиҷа мегирифт.

Огоҳ ҳастам, на ҳар файласуфи ҷумҳуриамону ҷумҳуриҳои ҳамсоя ҷуръат доштанд, ки дар назди устод А. М. Баҳоваддинов дар боби фалсафа баҳс намоянд, зеро ӯ дар суханварзӣ, дар тавзеҳдиҳӣ, обуранг додани ибораҳо ҳамто надошт. Кӣ метавонист, ки ба муқобили мантиқи тавонои Баҳоваддинов чизи дигарро

баробар гузошта тавонад?!

Дар ҳақиқат А. М. Баҳоваддинов дорои бисёр сифатҳои волои инсонӣ буд. Пеш аз ҳама ӯ марди маҷлисоро, бемуҳобот чароғи даврaҳову маъракаҳо буд. Дар кадом маъракае, ки ӯ меомад, он ҷо ғайбат намешуд, ба фачгӯёну муҳоботчиён сухан намерасид. Филфавр бо хоҳиши маъракадорон ҷилави сӯҳбат ба ихтиёри А. М. Баҳоваддинов мегузашт ва ӯ бо зарофатгӯиҳои намакинаш, латифаҳову нақлҳои дилангезаш ва шеърхониҳои равонаш даврaро гул мекунонд. Ҳама ҳушу гӯш мешуданд, ки вай боз чӣ мегӯяд, зеро вай бо ҳозирҷавобиву аскияҳои завқовараш синаи сомеъонро ба хурӯш меовард.

Хушбахтам, ки солҳои зиёд бо устод А. М. Баҳоваддинов ҳамнишину ҳамтабақу ҳаммаслак будам. Аз фазилати волои инсонӣ, хазинаи ғании маънавӣ ва хушзабониаш ширинкому баҳраманд гаштаам. Ӯ маро пайваста барои қабули меҳмонҳояш даъват менамуд. Агар меҳмондор бошад, одатан чунин хабар медод:

— Мулло Холмурод, зуд биёед, ҳисобамро гум кардам, меҳмонҳои ғалатӣ омадагӣ, як худам саришта карда наметавонам...

Ё агар дар хонаи боҷааш Эшонхон Нӯъмонов, дӯстонаш М. Ҳасанов, М. Эсоев, Х. Раҳматуллоев зиёфат пешбинӣ мешуд, дар охири кор занг мезад ва мегуфт:

— Шарифзода, аз корҳои давлатӣ кай халос мешавед, огоҳ бошед, ки моро сӯҳбати дӯстон ва кабобу шаробу шатранҷ мунтазир! Корро зуд хотима диҳед, ки боз ош ланҷ нашавад,— гуфта ба завқ механдид. Чӣ нишастҳои орифона буданд онҳо. Аз лутфу марҳамати дӯстона, ба ҷо оварда тавонистани иззати инсон, хушгӯиҳои самимона, одоби баланди муомила ва албатта санъати хоси шатранҷронии ӯ, кас ҳаловати том мебурд. А. М. Баҳоваддинов аз ҳама зиёдтар кӯшиш менамуд, ки вақти ёру дӯстонаш хуш гузарад. Ҳанӯз ҳам ба он нишастҳо, ба он сӯҳбатҳои самимонаю дӯстона дили кас гум мезанад, зеро дар онҳо намунаи олии хислатҳои наҷиби ба эҳтироми меҳмон расида тавонистан, ба ӯ меҳрубонӣ кардан, иззату ҳурмати якдигарро пос дошта тавонистан амиқ мушоҳида мешуд.

Яке аз ҳамнишастии фаромӯшнашуданӣ бо устод А. М. Баҳоваддинов соли 1968 дар доманакӯҳи биҳиштманзари Ҳушёрии дараи Варзоб сурат гирифта буд. Ӯ аз иштирокчиёни Даҳаи адабиёту санъати Ӯзбекистон – Шоири халқии Ӯзбекистон Ӯйғун, шоир Акмал Пӯлод, узви ҳақиқии Академияи илмҳои Ӯзбекистон Воҳид Зоҳидов ва Раиси кумитаи матбуоти Ӯзбекистон Зиёд Исинбоевро хонда буд. Аз дӯстони наздики душанбегиаш шоири бағоят бофазилат устод Муҳаммадҷон Раҳимӣ, олими таърихшинос Абдуҳамид Гадоев ва каминаро низ даъват намуда буд. Аён буд, ки барои ба ҷо овардани иззату эҳтироми меҳмонҳояш устод ҳама

тадбирҳоро андешидааст, — гӯсфанд куштааст, кабку бедона ёфтааст, тамоми нозу неъматҳои беҳтаринро муҳайё намудааст. Бемуболиға, чӣ тавре, ки дар урфият мегӯянд, ғайр аз шири мурғу ҷони одам дигар ҳама чизҳо муҳайё буданд. Ҳавои кӯҳсор ҳам табъи дил форам буд, рӯҳро навозиш мекард. Садои дарёи Варзоб, хондани кабкон, чаҳ-чаҳи булбулон ҳам огоҳӣ медоданд, ки имрӯз нишасти ҷамшедӣ мешавад. Дар ҳақиқат чунин ҳам шуд.

Аз лаҳзаҳои аввали зиёфат ҳозиронро як самимияти олии инсонӣ ва ихлосмандии дилпазир фаро гирифт. Ҳамин, ки онҳо сари дастурҳон нишастанд, соҳиби зиёфат А. М. Баҳоваддинов бо табассум чунин гуфт:

Шуд мунаввар аз қудуми дӯстон кошонаам,
Хона фонус асту меҳмон шамъу ман парвонаам,

Худи ӯ мазмуни шеърро барои меҳмонҳо ба забони ӯзбекӣ тарҷума кард ва афзуд.

— Нишастагон якдигарро медонанд, аз эҳтиёт боз як бор муаррифӣ намоям, — ва ӯ ҳамаро як-як номбар кард. Навбат, ки ба шеър хондани Муҳаммадҷон Раҳимӣ омад, шарҳ дод:

— Домулло Раҳимӣ, азизам Ӯйғун ва камина дар дорулфununи Самарқанд дар як вақт таҳсил намудаем, ба якдигар дӯстӣ пайдо кардаем. Агар дар рафти сӯҳбат байни мо аскиягӯиҳои маҳрамона шавад, аҳамият надиҳетон.

Пас худи устод А. М. Баҳоваддинов қадаҳи якумро бо зарофатгӯӣ бардошт:

— Дӯстон, — гуфт ӯ, — шумо медонед, ки шаробнӯширо ахлоқи ҳизбии мо намепарварад. Аммо бо меҳмонҳои бениҳоят азизу оликадри имрӯз нанӯшида наметавонам. Ба қарибӣ барои ҳизбиён ривояти хубе ёфтам: агар касе бе қадаҳгӯӣ, бе сухан шароб нӯшад, ин бадмастӣ ҳисоб мешавад ва агар вай қадаҳ гӯяду ҳарифонро ба дӯстӣ ва корҳои нек ҳидоят кунад, ин кори иедологӣ ҳисоб мешавад.

Ҳозирон, ки ба завқ нотиқро гӯш мекарданд, баробар хандиданд ва қадаҳи аввалро барои дӯстии безаволи байни мардуми ӯзбеку тоҷик нӯшиданд.

Пешхизмат таомҳои болаззат пухташударо паи ҳам меовард. А. М. Баҳоваддинов бошад, "гиретон, бародарон, хунук нашавад, таомро дар гармиаш хӯрдан лозим", мегуфт.

Пас аз чанд фурсате шоир Ӯйғун аз ҷояш хеста, ба А. М. Баҳоваддинов муроҷиат намуд:

— Дӯстам Аловуддинҷон, барои мо хуш аст, ки шумо ҳанӯз ҳам ба монанди солҳои донишҷӯиатон чолоку бардамед. Имрӯз шумо коре кардед, ки ҳеҷ гоҳ аз хотир нахоҳад рафт, моро боз ба ҳамон солҳои ҷавонӣ баргардондед... Маълум, ки ҳар миллат бо фарзандҳои қобилу тавонояш машҳур аст ва бо номи онҳо

ифтихор мекунад. Хато намешавад, агар гӯям, ки Аловуддин Маҳмудович Баҳоваддинов яке аз беҳтарин фарзандони миллати халқи бародари тоҷик аст. Ӯ дили пок дорад, маҳалгароиву миллатчигиро намедонад. Дар Ӯзбекистон низ ӯро беҳад эҳтиром мекунанд. Ин марди хирадмандро мунодии ҳақиқии дӯстии халққо ва интернатсионалисти матин номидан мумкин аст. Агар ба монанди Баҳоваддинов ҳам дар Тоҷикистону ҳам дар Ӯзбекистон дӯстпарварон боз зиёд шаванд, девори муқаддаси рафоқату бародарии мо ҳеҷ гоҳ рахна намешаванд.

Баъд Ӯйғун шеърҳои худро хонд. Дар охир шеъри Ғафур Ғуломро дар бораи пайвандҳои хешутабории ӯзбекону тоҷикон қироат намуд, ки дар мо оилаҳои зиёде ҳастанд, ки падар тоҷику модар ӯзбекзан ва ё баръакс аст. Ниҳоят ӯ қадаҳашро холӣ карду Аловуддин Баҳоваддиновро ба оғӯш кашида, абёти Ғафур Ғуломро аз нав ба забон овард:

Яқин куда-куда гай,
Қадим-қадимдан биён.
Бирининг угли тожик,
Келини ӯзбек қизи.
Отаси фарғоналик,
Модараш аз Бадахшон.
Она тилиси тожик,
Аммо ӯзбекдир ӯзи.

Баъди суханғӯии Ӯйғун байни Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва шоир Акмал Пӯлод аския ва зарофатгӯй авҷ гирифт. Мавзӯи асосии аскияи онҳо сари бемӯй буд. Акмал Пӯлод изҳор кард, ки тарадуди сафар кардаму бо завҷаам маслиҳат намудам, — ба дӯсти деринаам Муҳаммадҷон Раҳимӣ чӣ савғо барам? Завҷаам хандиду гуфт:

— Тӯҳфаи хуб барои дӯстат шона, беҳуда тӯҳфакобӣ накуну шонаи маро ба ӯ тӯҳфа бубар...

Қариб буд, ки ҳозирон аз ханда рӯдакаф шаванд.

Устод Раҳимӣ ҳам суст наомад:

— Ман зан надорам, ки ягон чизашро ба ту тӯҳфа кунам. Аз бибикалонам як қарси сафед ёдгорӣ мондааст, онро ба ту тӯҳфа менамоям, ки боз сари калатро офтоб набардорад.

Ҳама боз бо завқ хандидем.

Аскиягӯии онҳо зиёдтар авҷ мегирифт. А. М. Баҳоваддинов бошад, ҳар бор ба Муҳаммадҷон Раҳимӣ "суст набиёед" мегуфт.

Пас аз тановули хӯроки гарми навбатӣ меҳмонҳо ба атрофи қӯшҳавзу шаршараҳо, сайру гашт намуданд. Аз тамошои шаҳомати кӯҳҳои осмонбӯс, шинои мавҷзанону беисти дарё, оби шаффофи ширмонанди бо печу тобҳо шоридани шаршараҳо, накҳати гулу гулзорҳо, алвонҷи дарахтони ҳарранга, болу пар задани парран-

даҳо, вазидани боди форами кӯҳсорон ҳаловате мебурдем, ки ба тасвираш кас оҷизӣ мекашад. Аён буд, ки меҳмонҳо шоданд, афсуни манзараҳои зебо ва мафтуни пазироии дӯсти дарёдилашон А. М. Баҳоваддинов гаштаанд. Соҳибхона низ беҳад сархушу хотирболида буд.

Он дам аз тарафи истгоҳамон садо расид, ки кабобҳо пухтанд. А. М. Баҳоваддинов аз ман ва Ҳамид Гадоев хоҳиш кард, ки меҳмонҳоро ба сари миз ҷамъ намоем. Кабоби ҳавлаш баромада истодаро оварданд, ҷомҳо аз шароб лабрез гаштанд. Академик, Вазири маданияти онвақтаи Ӯзбекистон Воҳид Зоҳидов маъзарат хоста, сухан оғоз кард:

— Дӯстони ҷонии мо, — гуфт вай,— ман барои он хестам, ки дар ин нишаст аз дӯстии бузургворон Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ хотирнишон кунам. Дар ҳамон вақт дар адабиёти тоҷику ӯзбек навъи нави шеър – "ширу шакар" ба вуҷуд омада буд, ки як мисраъ, ё як байт ва ё як пораи он ба тоҷикӣ ва ҳамон қадараш ба ӯзбекӣ гуфта мешуд. Намунаҳои зиёди ин гуна ашъорро ба Ҷомӣ ва Навоӣ нисбат медиҳанд. Дар мактабҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии то инқилобӣ девонҳои Ҷомӣ ва Навоиро чун китоби савод мехонданд. Имонам комил аст, ки аз чунин паҳлӯ ба паҳлӯ нишастани имрӯзаи моён рӯҳи онҳо болида, агар Ҷомию Навоӣ зинда мебуданд, ба мо офаринҳо мегуфтанд, ки анъанаҳои дӯстии безаволи онҳоро пос медорем, давом медиҳем. Имрӯз нафақат моён дар ин давра, балки садҳо фиристодагони дигари Ӯзбекистон, адибон, мутрибон, ҳофизон, рассомон, ҳунарпешаҳои театру кино дар ҳама гӯшаҳои ҷумҳурии шумо – Бадахшону Зарафшон, Хӯҷанду Қаротегин, Кӯлобу Вахш ва Ҳисор бо бародарони тоҷикашон паҳлӯ ба паҳлӯ нишастаанд, нақшаҳои ҳамкории эҷодиашонро муҳокима менамоянд, дар байнашон Ҳалима Носирова, Комил Яшин, Галия Измайлова ва дигарон низ ҳастанд.

А. М. Баҳоваддинов ба академик Зоҳидов изҳори миннатдорӣ карду афзуд:

— Маълум аст, ки Ҷомӣ Навоиро ташвиқот мекард, ки бо вуҷуди устод будан дар шеъри тоҷикӣ бо ӯзбекӣ бештар асар нависад. Навоӣ бошад дар таърих ибораи "нигори турки тоҷик"-ро ихтироъ карда буд.

Нигори турки тоҷикам, кунад сад хона вайрона,
Бад – он мижгони тоҷиконаю чашмони туркона.

То инқилоб ва баъди он ҳам тоҷикону ӯзбекҳо аҳлона, осуда ва бародарона умр ба сар бурдаанд, дар байнашон ягон низое рӯй надодааст. Дӯстам Воҳидҷон дуруст мегӯяд. Насли ҳозира бояд анъанаи некро амиқ дарк кунад ва ҳеҷ гоҳ васиятҳои Ҷомиву Навоиро аз хотир набарорад. Биёед, бигирем давраи шӯравиро. Беҳтарин фарзандони ӯзбеку тоҷик аъзои як ҳизб ҳастем, барои бунёди давлати нав, маданияти нав, ҳифзи ватанамон

СССР якҷоя мубориза бурдаем. Гирем театрҳоро, режиссёри аввали театри касбии мо – театри Лоҳутӣ – дастпарвари санъати ӯзбек Фатҳулло Умаров буд, аввалин асари ба саҳна гузоштаи вай песаи Қомил Яшин "Ду коммунист" буд. Зиёиёни номии тоҷик, аз ҷумла Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода дар Тошканд хондаанд. Пинҳон нест, ки пахтакориро мо асосан аз бародарони фарғонагӣ ёд гирифтаем. Олимони Ӯзбекистон дар бунёди созмонҳои илмӣ, кори нашр, таълиф намудани китобҳои дарсӣ бо мо паҳлӯ ба паҳлӯ буданд, ки инро ҳеҷ гоҳ бояд фаромӯш накунем. Саҳми тоҷикон ҳам дар инкишофи илму маданияти Ӯзбекистон кам нест – гирем Тошпӯлод Қориниёзӣ, Комил Ёрматов, Мутавакил Бурҳонов, Мухтор Ашрафӣ, Абдулло Қаххор, Султон Умаров, Солеҳ Раҷабов ва дигаронро. Чунин мисолҳо беҳисобанд.

Нотиқ сукут варзиду боз изҳор кард:

— Азизонам, ин ҷо як омиле ҳаст – омили нозук – ин мавҷудияти Самарқанду Бухоро, Тангназарон ва миллатчиҳо метавонанд, ки он омилро барои тезу тунд намудани муносибатҳои ду миллат истифода баранд. Шумо ҳам медонед, аз ҷониби пантуркистони Ӯзбекистон қаҷравиҳои зиёде зоҳир шуда меистад. Онҳо ҳатто мактабҳои тоҷикӣ ва рӯзномаҳои тоҷикиро бастанд. Ман хуб медонам, нашриёти аввалини тоҷик дар Самарқанд ба кор сар карда буд. Рӯзномаи "Овози тоҷик", китоби "Намунаҳои адабиёти тоҷик" ва ғайра дар он ҷо тавлиди худро ёфтанд. Акнун чӣ? Дар он ҷо ақаллан ягон варақ асари илмию адабӣ ба забони тоҷикӣ нашр намешавад. Бо ҳукми таърих Самарқанду Бухоро – гаҳвораи маданияти ҳарду халқи бародар – ӯзбеку тоҷик буд ва ҳамин тавр бояд монад. Ба фикрам, васияти Ҷомиву Навоӣ ҳам чунин буд, ҳамин тавр не? – гуфта А. М. Баҳоваддинов ба меҳмонаш академик Воҳид Зоҳидов муроҷиат намуд. Воҳид Зоҳидов ва дигарон бо ақидаҳои А. М. Баҳоваддинов пурра розӣ шуданд. "Ин барои ҳамаамон амри таърих аст", — гуфт кадоме аз меҳмонони мӯҳтарам.

Пас шоир Акмал Пӯлод нӯшбоди дилчаспе гуфту ба забони модариаш чанд шеъре қироат намуд. Ҳозирон бо зарофатгӯиҳо аз Муҳаммадҷон Раҳимӣ хоҳиш карданд, ки шеъри ба Тӯҳфахон Фозилова бахшидаашро хонад.

— Ин Муҳаммадҷон одами пухта, ба кӣ шеър навиштанашро нағз медонад. Даврони донишҷӯиамон дар дорулфунун ҳам ҳамин хел буд, — гуфт Акмал Пӯлод бо оҳанги нимшӯхӣ ва ҳазл.

—Тоза ҳам мардуми кунҷкоб ҳастетон, — гуфта Раҳимӣ бо назари таҳдид ба сӯи Акмал Пӯлод бо нимтабассум нигарист ва як тоб хӯрду шеъри номбурдаро бо эҳсоси ниҳоят баланд қироат намуд:

Зулфро чун ҷони ҳар ошиқ ба бар дорад шиканҷ,
Чунки аз ҷонбозии ошиқ хабар дорад шиканҷ.

Ё сафои субҳи содиқро ҳамоғӯш асту бас,
Ё ҷило аз сафҳаи оина бардорад шиканҷ.
Гесӯвонатро ҳама бори малоҳат дар ҳам аст,
Қасди ҷон дорад, камонҳо дар камар дорад шиканҷ.
Ҳолаи маҳ лоиқи тавсифи гесӯят мабод,
Як назар кун, то чиҳо даври қамар дорад шиканҷ.
Гоҳ розӣ дар шикасти худ шавад монанди дил,
В-аз дили ошиқ хаёле ҳам ба сар дорад шиканҷ.
Атргул аз худсарӣ сӯяш чӣ бинад бе ибо?
Як ҷаҳон чашм аст, бар гесӯ назар дорад шиканҷ,
Бе садо бишкастанаш – ҷон медиҳад, дил мекашад,
Бар дили ошиқ, Раҳимӣ, хуш асар дорад шиканҷ.

Ҳама баробар "бай-бай" гуфтанд. Воҳид Зоҳидов гуфт:

— Намунаи олии ғазали классикӣ, вазнаш дилрабо, қофияву радифаш расо, мазмунаш мафтункунанда, офарин рафиқ Раҳимӣ.

— Шояд шумо ин ғазалро дар иҷрои худи Тӯҳфахон нашунида бошед. Устод Раҳимӣ боз чандин шеър доранд, ки ҳама, ба гумонам, ба Тӯҳфахонум бахшида шудаанд, — гуфтам ман.

— Холмурод Шарифович рост мегӯяд, ғазали "Машъалаи меҳр"-ро низ Раҳимӣ ба Тӯҳфа Фозилова бахшида аст. Ин кас ба кӣ шеър навиштанашро медонад, фақат сари бе мӯи ин касро набинед, ба дили гарму ҳассосаш нигаред. Худ қазоват кунед:

Ниҳодӣ дар дилам тасвири худро,
Худ ин танҳо зи рассомӣ набошад,
Ширин тобад чаро бодоми чашмат,
Агар худ конибодомӣ набошад.

А. М. Баҳоваддинов беҳад сархуш шуда буд. Вай боз бо табъи баланд шеърҳои орифонаро, ки хондани онҳоро дӯст медошт, манзури ҳозирон намуд ва аҳсану офарин шунид. Дар охир афзуд:

Хуш агар бошад, китобу нусхае даркор нест,
Чашм во кардан замину осмон фаҳмидан аст.
(Бедил)

Ӯйғун, ки бо диққат гӯш мекард,— гуфт,— бад не-ку, офарин, Аловуддинҷон, аммо дар вақти дар Самарқанд хонданамо шеърхониатро нашунида будам. Боз бе китоб аз ёд мехонӣ.

Воқеан, Баҳоваддинов, ки марди арабинажоди тарбияи баланди аврупой гирифтаро мемонд, моҳирона пианино менавохт, дар либоспӯшӣ ниҳоят озода ва дар нутқи русӣ аз устодон буд, гӯё ба суннатҳои бобой тавоҷҷӯҳе надошт. Бинобар ҳамин, вақте ӯ ба тоҷикӣ сухан меронд, ба касоне, ки ӯро нағз намешинохтанд, аҷиб менамуд.

Аз он рӯзи дидорбинӣ бо дӯстони ҷонӣ аз Ӯзбекистон, сӯҳбати орифона ва нишасти ҷамшедӣ, ки бо ташаббуси А. М. Баҳовaддинов сурат гирифта буд, зиёда аз бисту ду сол гузаштааст. Аммо саъйи бародаронааш, гуфтори хирадмандонааш, лафзи шакарбораш ҳанӯз ҳам дар лавҳаи хотир маҳфуз аст.

Дар ҳақиқат А. М. Баҳовaддинов дар байни олимон, адибон, мардуми ҳунари Ӯзбекистон ва мақомоти олии он ҷумҳурӣ обрӯю эътибори назаррас дошт. Дар ҳамин сӯҳбати дар дсманакӯҳи Ҳушёрии тасвиршуда касе аз меҳмонҳо, ба фикрам Воҳид Зоҳидов, суханҳои дар як ҷамъомаде гуфтаи академик, файласуфи номии Ӯзбекистон И. Мӯъминовро дар ҳаққи А. Баҳовaддинов хотирнишон намуд:

— Дӯстон, дар ҷое, ки донишманди мумтоз Аловуддин Баҳовaддинов ҳузур дошта бошад, аввалин шуда сухан гуфтани мо нодуруст аст ва нисбат ба ин файласуфи хирадманд беодобӣ мешавад. Дар донистани фалсафа, алалхусус, фалсафаи тоҷик Баҳовaддинов муаллим ва омӯзгори ҳамаи мо мебошанд.

Доктори илми фалсафа, профессор, олими номии Ӯзбекистон, дӯсти қаринам Саидҷон Шермуҳаммадов ҳам дар ҳаққи А. М. Баҳовaддинов борҳо ҳам дар ҳузураш ва ҳам дар ғайбаш аз кашфиётҳои илмии ӯ ва саҳми вай дар ривоҷи ҳамкории зиёёни ду миллати бародар изҳори ақида намудааст.

Шаҳодати ҳамин қадршиносии бародарона буд, ки дар маросими дафни А. М. Баҳовaддинов 24-уми феврали соли 1970 вакилони махсуси ҳукуматии он ҷумҳурӣ бо сарварии олими файласуф Ғайниддин Наҷимов ширкат варзида, дар маросими мотами сари тобут таъзияномаи мақомоти олии Ӯзбекистонро хонда буд, ки дар он хизматҳои бебаҳои А. М. Баҳовaддинов дар ҳамкории илмӣ, тадқиқоти афкори ҷамъиятии халқҳои Осиёи Миёна ва устувор будани дӯстии халқҳо аён гардида буд, ки ба ин ӯ меарзид. Хато намешавад, агар гӯем, ки А. М. Баҳовaддинов ба туфайли дониши энсиклопедиаш, фаъолияти ташкилотчигиаш, хулқу одоби хушаш, тамоми олимони ҷамъияттшиноси Осиёи Миёнаро муттаҳид намуда, онҳоро ба ҳамкорӣ дар фаъолияти наҷиби тадқиқи таърих ва афкори фалсафаи минтақа равона мекард. Яке аз намунаҳои чунин фаъолиятро дар тадқиқу нашр гардидани китоби пуразриш "Таърихи созмонҳои коммунистии Осиёи Миёна" дар соли 1967, ки бо сарварии ӯ сурат гирифта буд, мисол овардан равост.

Хушбахтона академик А. М. Баҳовaддиновро аз наздик ҳамчун ходими намоёни ҳизбӣ ва давлатӣ ҳам мешинохтам. Ӯ аъзои Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ буд. Дар тайёр намудан ва муҳокимаи масъалаҳо дар котибот, бюро, пленумҳои Кумитаи Марказӣ, конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои сиёсӣ фаъолона иштирок менамуд, пробле-

маҳои рӯзмараи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-фарҳангиро аниқ дарк менамуду музокираи онҳоро пешниҳод менамуд.

А. М. Баҳовaддинов бо ҳисси принсипнокии олии ҳизбӣ-граждани кор ва зиндагӣ мекард. Бо бисёр хислатҳои наҷиби худ аз дигарон фарқ дошт. Риёкорон, лаганбардорон, замонасозони бевиҷдон, мансабпарастон, маҳалгароён ва асмоли инҳоро бад медид. Ҳамон вақтҳо ӯ яке аз аввалинҳо буд, ки бар зидди сиёсати нодуруст нисбат ба анъанаҳои миллӣ, амиқ дарк накардани моҳияти онҳо ва дар ин замина беҳуда қурбон шудани бисёр кадрҳои қобилиятнок ошкоро ва ҷиддӣ баромад мекард.

Ёд дорам, дар толори калони Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон конференсияи илмӣ-таҷрибавӣ мегузашт. Яке аз нотиқон дар хусуси зуҳуроти урфу одатҳои замони гузашта сухан ронда, баъзе роҳбарони вилоятҳову ноҳияҳо ва ҷумҳуриро зери тозиёнаи танқид гирифт, ки баъзе коркунони ҳизбӣ ва давлатӣ писаронашонро пинҳонӣ хатна мекунанд.

Дар он маврид нотиқ нутқашро тамом кунам накунам, А. М. Баҳовaддинов даст бардошта, ба минбар баромад ва ба аҳли раёсату толор муроҷиат намуд:

— Рафиқон, то ба кай ин мунофиқию гапфурӯшии бемулоҳизаёна давом мекунад? Нотиқи аз ман пеш сухан рондагӣ изҳор намуд, ки гӯё онҳо дар ноҳияашон кори бузурге кардаанд. Чанд нафар фаъолони ҳизбиро фош намуда, барои хатна намудани писаронашону набераҳояшон ҷазои сахт додаанд. Ҳай, ҳай, ҳай, алҳазар. Ин рафтори басо ношоям аст. То кай ин дурӯягӣ, риёкорӣ байни мансабдорони ҳизбии мо давом мекунад?! Аз бонуҳои дар толор нишастагӣ маъзарату бахшиш мепурсам, аммо талаб мекунам: бигузор ҳамаи мардҳои дар толор нишаста аз ҷояшон хезанд, изорҳояшонро кашанд, бинем дар байнашон чанд каси хатнанакардагиро ёфта метавонем?

Аз чунин баромади ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт ва ҷасурона ҳозирон лол гашта буданд, аммо ӯ фикрашро давом медод:— Мо бошем, барои риоя намудани одатҳои ниёгон беҳтарин коргаронро қурбон мекунем. Бо фармонҳо шуури мардумро дигар карда наметавонем,— гуфта, маъзарат пурсиду омада дар ҷояш нишаст. Чунин марди оқилу далеру ҳақҷӯй буд А. М. Баҳовaддинов.

Солҳои шастум дар назди Кумитаи Марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон комиссияи махсуси танзими инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ вуҷуд дошт, ки сарварии он комиссия ба зиммаи ман гузошта шуда буд. Академикҳо А. М. Баҳовaддинов, С. А. Раҷабов ва чанд каси дигар аъзои он комиссия, профессор Владимир Григорьевич Ли – мудири кафедраи онвақтаи Университети давлатии Тоҷикистон котиби илмии он комиссия буданд. Ман худам то ҳанӯз намедонам, ки барои чӣ он комиссия лозим буд. Аммо он вуҷуд ки дошт, мо нақшаҳо мекашидем, маҷлисҳо мегузаронидем, тав-

сияномаҳо қабул мекардем... Рӯзе профессор Лиро ба наздам хондаму гуфтам:

— Биёед рӯзномаи маҷлиси навбатии комиссияро тартиб диҳем, вақти зиёде гузаштааст, ки маҷлис нагузаронидаем.

Дӯстам В. Г. Ли хандиду посух дод:

— Ба фикрам, фақат Аловуддин Маҳмудович Баҳоваддиновро даъват кунем, бас аст. Фақат ӯ фикрҳои муфид медиҳаду дар кори комиссия фаъол иштирок менамояд, бигузор дигарон корашонро кардан гиранд.

Албатта, мо маҷлиси навбатиро бо иштироки ҳамаи аъзоён гузаронидем, аммо он зарофатгӯии дӯстам, профессор Ли ҷон дошт. А. М. Баҳоваддинов дар ҳама ҷабҳа ҳалолкор буду ба ҷузъитарин масъалаҳои ба фаъолияти ӯ алоқаманд бо масъулиятшиносии томи граждани ҳамаҷониба мулоҳиза менамуд.

Дуруст аст, ман намегӯям, ки А. М. Баҳоваддинов фаришстаи осмонӣ буду ҳеҷ нуқсу камбудие надошт. Вай камбудиҳо ҳам дошт. Масалан, ба тақдири мероси маънавии ниёгонамон баъзан ӯ баҳои яктарафа ҳам медод, ки намунаи онро дар баҳои асарҳои профессор Холиқ Мирзозода ва қисман асарҳои саҳнавӣ мушоҳида намудаам. Ӯ мафҳуми идеализатсияи замони гузаштаро на ҳама вақт ба маврид истифода мекард. Дар ин бобат бо устод баҳсҳои тӯлонии дӯстона ҳам доштем.

Имрӯз зикри ин хотирот бо дигар мақсад аст. Фақат бо ихлосмандии бародарона, эҳсоси дӯстӣ ва нияти нек тасвир намудани ақидаҳоям нисбат ба он марди бо тамоми маъноияш арҷманду нуктасанҷ, хирадманду мубориз. Бо ин гуфтаниям, ки ӯ яке аз барҷастатарин ходимони илму маданияти халқамон буд. Қарзи бузурги худ мешуморам бигӯям, ки он чизеро, ки ман дар бораи устоди ба ақидаи ман, ҳамадон, дилсӯз, тарбиятгари беҳамто, ватанпарвари матинирода ва заҳматкаши фидокор медонистам, бояд ба ҳамзамонҳояму наслҳои оянда бирасонам.

АСИЛЗОД

Яке аз рӯзҳои тобистони соли 1964-ум олими шинохтаву инсони шариф Муллоҷон Фозилов тавассути телефон пурсид, — кай мо метавонем шуморо бубинем? Гуфтамаш, — тинҷӣ-мӣ? Ҳар вақт, ки хоҳед, ман дар хизмати шумоям, фақат гӯед, ки бо кӣ омадаиед? Ҳазломез ҷавоб дод,— инаш "сурприз", ба ду кас рухсатнома фармоед кифоя, пагоҳ наздатон меоем.

Рӯзи дигар мулоқоти ваъдагии мо баргузор шуд. Дӯстам Фозилов зуд сари мақсад омад ва гуфт, — бо хоҳиши падари ин ҷавонмард, номашон Аълохон, омадам, ки бародарро бо шумо шинос намоям. Қиблагоҳашон Махсум – амак, бародархонди падаратон будаанд...

— Кори хуб кардед, Муллоҷонако, — гуфтаму афзудам. –

Огоҳам, ки амакам Маҳмуди Муҳаммад Афсаҳ, яке аз аввалинҳо шуда ҳамроҳи Худойдод Бараказода ба водии Вахш, барои сароғи падарам Шарафи Наврӯз рафта, қадршиносии бародарона намудаанд. Падарҳоямон, аҳди дӯстиву бародарӣ доштанд, акнун табиист, ки мо фарзандон ин анъанаи муқаддасро пос дорем, давом диҳем, ба мисли падарон, барои ҳамдигар ғамхору меҳрубон бошем.

Он лаҳза, ки сухан мегуфтам, чеҳраи дӯстрӯи гарму ҷозиби Аълохон бештар диққати маро ҷалб менамуд. Вақте, ки Муллоҷон Фозилов сухангӯй менамуд, вай ҳаёзеркарда сари хам менишаст. Аммо, бо чашмони зираку пурҷилои уқобмонандаш аҳёнаҳён синчакорона ба рӯям менигариста бо диққат сӯҳбати моро гӯш мекард. Нигоҳҳои некбинаш огоҳам менамуд, ки дар наздам шахси дорои фазлу одоби баланд, ҷавонмарди равшанзамиру соҳибҷуръат нишастааст.

Дар хотимаи он сӯҳбати дилписанд, ба Аълохон гуфтам: — аз эҷодҳоятон бохабарам, онҳоро бо завқ мехонам, муаллим Фозилов кори хубе карданд, ки моро шинос намуданд. Аз Шумо хоҳиш мекунам, агар падаратон бори дигар оянд, ҳатман ба хонаи мо ҳамроҳ биёед, зеро ман кайҳо боз орзуи дидани дидори эшонро дорам.

Дар симои ӯ бародари номбардору дилогоҳи қадрдон ва ғамхор пайдо кардам. Осудаам, ки мо дар амал васияти падарро ба ҷо овардем, ёвари ҳамдигар гаштем ва ягон маъракаю маросими оилаҳоямон бе кӯмаку иштироки якдигар баргузор намешуд.

Намедонам, дар тӯли солҳои зиёд, ман ба Аълохон Афсаҳзод ягон маслиҳати муфид ё кӯмаки казой дода бошам, имрӯз, ки рӯзи ҷашни ӯст, гуфтаниам– доимо дилогоҳӣ, меҳрубонӣ ва дасти мадади додаронаи ӯро мушоҳида менамоям, маслиҳату пешниҳодҳои дурандешонаи ӯро фаровон истифода намудаам. Ифтихор мекунам, ки Аълохон барин бародари дилсӯзу вафодор дорам.

Рӯзе дар ҳамнишинии истироҳатӣ яке аз дӯстони ҷавониам, ки ӯ ҳам олими унвондор аст, дар ҳаққи Афсаҳзод дуруштгӯй намуд: — Ин қадар шумо Аълохонатонро таъриф мекунед, — гӯё ки вай аз осмон ситора канда бошад?!

— Рост мегӯед, азизам, Аълохон аз осмон ситора ё моҳтоб накандааст! Аммо, бо заҳматҳои ҷонкоҳаш, кашфиётҳои илмиаш, асарҳои бешумори илмӣ-публисистиаш, худи вай ситораи рахшони илми миллиамон гаштааст, — гуфтам бо ситеза ба рӯяш тунд нигоҳ карда.

— Эҳе, дӯстам, тозаям муҳобот кардед-ку, намедонам, чӣ кашфиёте кардааст Аълохонатон, — гуфт вай бо ҳамон оҳанги бадхоҳонаву ғаразангезаш.

— Иллати баъзеҳо дар он аст, ки асарҳои ҳамқаламҳоямонро намехонем, ё аз нофаҳмӣ, ё нотавонбинона бадгӯй мекунем, —

гуфтаму афзудам: — кашфиёти бебаҳои Аълохон ба ҳама маълум, вай солҳои зиёд мӯшикофона мероси маънавии миллатамонро тадқиқ карда, он ганҷинаи рӯҳафзои ҳаётбахшро дастраси соҳибаш-халқ гардондааст, миллионҳо комёби ғизои маънавии воло намудааст. Истед, ки шумо, дастовардҳои ӯро доир ба адабиёти форсу тоҷик, ё ки рисолаҳояш "Ҳофизи Шерозӣ", "Камоли Хуҷандӣ", асарҳояш "Абдураҳмони Ҷомӣ", "Ҳофизнома", навиштаҳояшро доир ба чеҳраҳои эҷодии бузургонамон устод Рудакӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолиддини Рӯмӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизӣ, Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигар хирадмандони миллатамон хондаед? – пурсидам аз ҳамсӯҳбатам.

—Э, канӣ вақти китобхонӣ,— гуфт вай шармида хост, ки маҷрои суханро дигар кунад, — биёетон садто-садто карда дами бе-ғам занем, — гӯён ба пайкҳо шароб рехт.

Додарзодаам Фарҳод, ки баҳси моро бо диққат гӯш мекард, овоз баровард, — тағо, шароб намегурезад, шумо аҷаб хислате доред, гапро сар мекунеду аз баҳс мегурезед. Агар амакам рухсат диҳанд, ба гуфтаҳояшон каме илова карданиям: — дар ғайбашон мегӯям, — хизмати Афсаҳзод барин олимро бо чашми кам дидан беинсофист. Охир худ қазоват кунед, дар кори ба нашр тайёр кардани ҳаштҷилдаи Низомии Ганҷавӣ, панҷҷилдаи Абдураҳмони Ҷомӣ, сеҷилдаи қомуси "Адабиёт" ва санъат", "Китобхонаи шоир" ва ғайра бевосита саҳми зиёде дорад. Агар дар доираи зиёиёнамон нотавонбинон намебуданд, кайҳо боз Афсаҳзод ба унвони академикӣ ноил мегардид.

— Бале, Фарҳодҷон гуфтаму илова намудам, — фарқияти Афсаҳзодро аз аксар олимони дигар боз дар он мебинам, ки мароқу доираи эҷодиаш серпаҳлӯст. Кифоя аст, ки асарҳои саҳнавии тарҷумакардааш – Ж. Ж. Руссо "Пигмалион", Ж. П. Молер "Ашрофпараст", А. П. Островский "Гирдоби бало", "Ҷои сердаромад", Тавфиқ Ҳаким "Султони ҳайрон", Е. Щварц "Шоҳи урён", Т. Есенова "Арӯси маълумоти олидор" ва даҳҳо асарҳои драматикию ҳикояҳоро номбар намоем. Афсаҳзод санъатшиноси санҷида низ мебошад, зеро ки вай ба бисёр асарҳои саҳнавӣ, мусиқӣ, эҷодиёти санъаткорони касбиву ҳаваскор тақризҳои арзанда навиштааст. Вай ҳамчунон муаллифи чандин китобҳои дарсӣ низ мебошад, ки ин шаҳодати қобилияти фавқулоддаи ӯст. Он вақтҳо шӯҳрати ҷаҳонии ховаршиносии Аълохон Афсаҳзод ба мисли ҳозира аён набуд, асарҳояшро ба дараҷаи кунунӣ фаровон дар хориҷи кишвар чоп намекарданд. Ба қарибӣ дар Эрон китобҳои ба нашр таҳия намудаи ӯ дар ҳаҷми зиёда аз 65 ҷузъи чопӣ ба табъ мерасанд.

Аз он баҳси мо, ки доир ба фаъолияти ғании эҷодии равоншод Афсаҳзод беихтиёр сурат гирифта буд, қариб даҳ сол гузашт.

Ҳоло, ҳамкасбон ва дӯстони наздики вай, ҳар дам, ки ӯро ба ёд меорем, беихтиёр чеҳраи дилписанди он ҷавонмарди фидоии илм, ки бори аввал солҳои шастум дида будам, пеши назар ҷилвагар мешавад. Хислатҳои наҷиби инсониаш: меҳнатдӯстӣ, инсонпарастӣ, садоқат ба дӯстиву рафоқат, ҷӯяндагии фидокорона, покизагии лафзу қалб, тамизи баланди муошират ва муомила, шарик будан ба ғаму шодии мардум, нафрат доштан ба коргурезон, дурӯягон, ҳаромкорон, зуҳуроти тӯрачигӣ, ҳавобаландӣ, маҳалгарой, бахилону нотавонбинон ва ғайра ба ёд меоянд.

Илова бар он, якум, он ақида тасдиқи худро меёбад, ки Аълохон пеш аз ҳама қиблагоҳаш - амаки Маҳдуми Муҳаммад Афсаҳро ноумед накард, исбот намуд, ки асилзода аст. Падараш, ки дар музофоти Панҷакент яке аз фардҳои босаводтарин мебошанд, аз овони кӯдакиаш дар тарбияи Аълохон аҳамияти махсус дода, дар замираш шавқи донишомӯзиро моҳирона фурӯзон кардаанд, дуюм, тавре Муллоҷон Фозилов махсус қайд карда буд. Аълохон касби олимиро ҳамчун амри тақдир пиндошта, ҳастиашро ҳассосона харҷ менамояд, баҳри расидан ба мақсади эҷодиву тадқиқ фидокориҳо менамояд, сеюм дар ҳаёти ҷамъиятӣ назари солиму устувор дорад, ба мисли баъзе ҳамқаламонаш назарияву мавқеашро зуд тағйир намедиҳад, ҳаққо:

Ҳама аз одамем мо, лекин,
Ӯ гиромитар аст, к-ӯ доност.

Ин ҷо ки сухан аз боби мавқеи граждании додарам рафт, мехоҳам махсус кӯшиш ва талошҳои ӯро дар бобати барқарор намудани иди наҷиби анъанавии халқии "Наврӯз" алоҳида зикр намоям. Бо сабабҳои маълум солҳои зиёд дар мулки мо иди зеботарини баҳор "Наврӯз" қайд намегардид. Ин рӯйдоди носазоро аз ҳама пештар равшанзамирони миллат ҳис мекарданд ва Аълохон дар сафи аввалинҳои он зумра зиёиён буд. Вай соли 1958-ум дар курсии донишҷӯии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар доираи донишгоҳ барои таҷлили "Наврӯз" миён мебандад. Вай якҷоя бо ҳамсабақонаш Рӯзӣ Аҳмадов, Бобокалон Эшонқулов, Иброҳимҷон Шукуров, Амон Нуров, Сайфулло Саидов ва дигарон ҳамаи тадбирҳои идгузаронии "Наврӯз"-ро мебинаду меҳмонҳоро низ ба тантанаи ҷашни баҳорӣ даъват менамояд, ки ин сайъ ва амал он вақтҳо ҷасорати фавқуллодаро талаб мекард.

Пасон, гарчанде дар атрофи Афсаҳзод ғапу калочаҳо бофтанд, танбеҳаш доданд, ӯ аз ин азмаш нагашт, баръакс, фаъолтар шуд ва бо мактуби махсус ба Кумитаи Марказии Ҳизб мурочиат намуда сирф иди халқии баҳорӣ будани "Наврӯз"-ро исбот намуд. Зиёда аз он ҳаммаслаконаш Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимиро ба миён андохта ба ҳалли масъала мепардозад. Дар натиҷаи талошҳои ӯ ва дигар соҳибдилони миллат иднамоии ҳарсолаи "Наврӯз" дар ҳаёти халқамон мавқеи арзандаи худашро

ёфт.

Табиатан, Аълохон Афсаҳзод адолатхоҳу, адолатпаноҳ буд. Борҳо ба ҳимояи эҷодкорони асил бархостааст, ки чунин муносибатҳо нисбат ба Ҳошим Гадоев, Ғаффор Валаматзода, Юрий Тер-Осипов, Майрам Исоева, Фотима Ғуломова рух дода буд. Ё як мисоли дигар, — боре дар рӯзномае бадхоҳон Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб, Бозор Собир ва дигар эҷодгарони ҷавонро ба декадентӣ (кӯҳнапарастӣ) айбдор менамуданд. Касе ҷуръат намекард, ки ба ин мақолаи бӯҳтонангез ҷавоб гӯяд, аммо Аълохон бо мактуби махсус ба Кумитаи Марказии Ҳизб муроҷиат намуд ва дар натиҷа ин доғи бофта аз дӯши эҷодгарони асил бардошта шуд. Чунин мисолҳоро аз ҷодаи дилсӯзиву ҷавонмардии Афсаҳзод боз зиёд овардан мумкин, ки ҳамаи ин аз сифатҳои хуби инсониаш, хайрхоҳу накӯкору дарёдил буданаш шаҳодат медиҳад. Оқилон беҳуда нагуфтаанд:

Шамс агар пайдо шавад, офоқ аз ӯ равшан шавад,
Мард чун пайдо шавад, дил дар бараш дарё шавад.

Боз як хислати наҷиби табиати инсонии Афсаҳзод дар посдории устодон, садоқати бепоёни ӯ нисбати онҳо зоҳир мегардад. Солҳои зиёд вай бо устод Баҳром Сирус ҳамкорӣ дошт. Фарзандонаш аз ҳолу аҳволаш бохабар буд. Дар хотирам ҳаст, бо ҷидду ҷаҳди Аълохон ҷашни 90-солагии Сирус дар Академияи илмҳо баргузор шуд, ки хушбахтона ман ҳам ҳузур доштам. Ҷашн самимӣ гузашту дар хотима Баҳром Сирус нутқи миннатдорӣ кард. Бисёр ҳарф назад, фақат шеъри дилошӯби Саъдиро қироат намуд:

Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе,
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯи диловези ту мастам?
Бигуфто: ман гиле ночиз будам,
Валекин муддате бо гул нишастам.
Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,
Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.

Ин шеърро донишманди навадсола бо хотири болида, ҳасоссона хонда ба сӯи Афсаҳзод ва дигар ҳамкасбу ҳамнону намаконаш нигоҳи маънидоронае кард. Шояд мехост гӯяд, ки ҳамшиниҳои шумо ба ман қуввати дил шуда имрӯз ман ба ин қуллаи баланди солҳову эҳтиром расидам...

Соле, ки академик Абдулғанӣ Мирзоев вафот карданд, шахсоне пайдо шуданд, ки мехостанд аз он кас ному нишоне намонад. Аълохон Афсаҳзод ба по хест ва бо кӯмаки М. Осимӣ ва дастгирии КМ ҲК Тоҷикистон ному кори А. М. Мирзоевро дар таърихи фарҳанги Тоҷикистон маҳфуз нигоҳ дошт.

Огоҳам, ки Афсаҳзод барои расидан ба хизмати Бобоҷон

Ғафуров, Сотим Улуғзода, Абдулғанӣ Мирзоев барин устодон доимо омода буд. Ӯ аз боби хизматҳои шоёни академик Абдулғанӣ Мирзоев китоби махсусе навиштааст, ба Сотим Улуғзода очерки илмӣ-публисистӣ бахшидааст. Ҳар бор, ки ба Москва мерафт, ҳатман ба суроғи Бобоҷон Ғафуров рафта аз ҳолу аҳволаш хабар мегирифт, қадршиносии шогирдона менамуд.

Устод Бобоҷон Ғафуров, ки ба Аълохон Афсаҳзод эътимоду эътиқоди хоса доштанд, дар яке аз мулоқотҳояшон мегӯянд, — Аълохон хеле ба маврид омадӣ, шодиёна деҳ, ки асари серзаҳмати "Тоҷикон"-ро ба охир расонидам, бисёр мехоҳам, ки дастнависамро аввалин шуда ту бихонӣ.

— Ба чашм, ба чашм, — гуфта дастнависро аз дасти устод Ғафуров гирифта ба меҳмонхона омадам, мегӯяд Афсаҳзоду меафзояд, — ба Озарбойҷон сафарӣ будам, қарор намудам, ки баъди бозгашт аз сафар ин асарро мехонам. Вале ҳисси кунҷкобиам боло гирифту дастнависи устод Бобоҷон Ғафуровро кушода ба хондан сар кардам. Беихтиёр чанд саҳифаро, ки мехондам, ҳамон қадар завқам ба хондани дастнависи устод баланд мешуд. Бемуҳобот, ҳамон бегоҳӣ хӯрдани таоми шом фаромӯш шудааст ва ман ду шабонарӯз аз дастнависи асари безаволи "Тоҷикон"-и устод Бобоҷон Ғафуров чашм канда натавонистам, — мегуфт Аълохони шодком, — бо завқ хандида.

Баъд аз ду шабонарӯз Аълохон дастнависи хондагиашро бо қайдҳояш ба устод Бобоҷон Ғафуров бармегардонад. Байни устод Ғафуров ва Афсаҳзод сӯҳбати дилпазире сурат мегирад. Дар фуроварди мулоқот Аълохон аз устод розигӣ мепурсад, ки бахшида ба ӯ очерке бинависад. Дар ҷавоб устод Бобоҷон Ғафуров мегӯяд: аз ин азми Шумо хеле миннатдорам, аммо хоҳиш мекунам, ки аввал доир ба шахсияту фаъолияти эҷодии Акашариф Ҷӯраев бинависед, баъд мебинем, меарзам, ки барои ман очерк бубахшед.

Эҳтирому қадршиносии Аълохон натанҳо ба устодон, ҳамон қадар ба ҳамсолон ва шогирдон низ зоҳир мегардид, гӯё, ки тамоми бисоти ҳастии ӯро аз тору пуди ҷавонмардӣ танида бошанд. Ёд дорам, зимистони қаҳратуни соли 1993-юм ӯро шоир Қутбӣ Киром ба ҳамсафарӣ барои гузаронидани ҷашнаш ба ноҳияи Айни даъват кард. Гарчанде Афсаҳзод, навакак аз табобати касалии зардпарвин аз бемористон баромада буду ҳанӯз хастагӣ дошт, не нагуфта ба қишлоқҳои зиёди водии Фалғар бо Қутбӣ ҳамсафарӣ намуд. Шабҳо то субҳ табобат менамуд, дорую дармон менӯшид, рӯзона аз саҳми арзандаи Қутбӣ дар адабиётамон гузоришҳои шавқангез менамуд.

Инчунин фидокориҳои Аълохонро дар дигар ҳамсафариҳоямон ба ноҳияҳои Хатлонзамин, Файзобод, Панҷакент, Қӯрғонтеппа низ амиқ мушоҳида кардаам.

Дар мавриди ҷашни дӯст, одатан ба ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияту зиндагии ӯ аҳамият медиҳанд. Дар хотима дар боби оилаву хонадориаш мухтасар гуфтаниям. Ҳолдонам, ки ӯ бо тамоми маъноияш шавҳару падари мушфиқу ғамхор аст. Дар хонадонаш борҳо меҳмонҳои барӯмандро аз Афғонистон, Эрон, Тошканд, Ленинград, Москва.... ҳамроҳ қабул намудаем ва ӯ анъанаи меҳмоннавозии бобоиро содиқона пайравӣ намуда ба иззату эҳтироми меҳмонҳояш расидааст, ки ин амал аз дасти ҳар кас намеояд, зеро дар чунин ҳолатҳо дили Аълохон аз чароғи хонааш равшантар мегардиду тамоми вуҷудашро ба меҳмон харҷ менамуд.

Албатта, инсони хокӣ бе айб намешавад. Соҳибҷашни мо якто не, чанд "айб"-е дорад. Ба шоҳмотбозиву қартаву нарду билярд ва ғайра шавқу завқе пайдо накард, ки накард, ки ин ҳам "айб"-и бахшиданист. Шояд, ин нуқс аз он бошад, ки ӯ тамоми нерӯ, вақту ҳушу ёдашро ба донишомӯзӣ, тадқиқ, илму фаъолияти ҷамъиятӣ, ташвишҳои зиндагӣ сарф карда, ба бозиҳои дилхушкунанда вақт наёфта бошад...

Заҳматҳои Аълохон Афсаҳзод дар пешрафти илми филологияи тоҷик бебаҳост. Солҳои охир ӯ корҳоеро ба анҷом расонд, ки моҳияти умумиҷаҳонӣ доранд. Ба табъ расонидани асари калонҳаҷм – 65 ҷузъи чопӣ (панҷ ҷилд) бахшида ба Ҷомӣ дар Эрон ва китобе бахшида ба эҷодиёту ҳаёти сардафтари адабиёти тоҷику форс Абӯабдулло Рӯдакӣ – номи Аълохон Афсаҳзодро ҷовидонӣ мегардонад.

Як чизро бояд изҳор кунам, ки шӯҳрати баъзе эҷодкорон дар зиндагиашон овоза пайдо мекунад ва баъд аз фавташон қариб, ки касе номашонро ба забон намеорад ва хомӯш мешаванд. Вале А. Афсаҳзод аз қабили он олимонест, ки баръакс баъд аз фавташон ҳам шӯҳрати вай афзунтар гардид. Исботи ин ақидаи мо дар қарори Вазорати фарҳанг ва иршоди исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон доир ба тақдир шудани асари илмӣ-интиқодии ӯ "Куллиёт"-и ҳафтҷилдаи Абдураҳмони Ҷомӣ, ҳамчун "китоби беҳтарини сол" ифода ёфтааст. Гузашта аз он таъсис ёфтани ҷоизаи махсуси ба номи Аълохон Афсаҳзод барои беҳтарин асарҳо, ки ба робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Эрон бахшида шудаанд, тасдиқи гуфтаи болост.

ФИДОИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Вақти шомгоҳӣ хабари шуми шаҳид шудани Муродуллоҳи Шерализодаро шунидам, дунё ба назарам торик гардид, худамро ба мисли одами моргазида ҳис мекардам, печу тоб мехӯрдам.

...Дар урфият азоби роҳро бо азоби гӯр баробар мекунанд. Ин сафари ман ба зодгоҳам деҳаи Кулолии Панҷакент ҳаққонӣ будани ин ҳикматро тасдиқ намуд. Охир, дар ин роҳи дуру дароз ин дафъа ҳамсафари ман додархонду ҷигарбанди бечони шаҳидшуда

Муродулло буд, ки ӯро ба "водии хомӯшон" назди падараш ва додараш ба қабристони Киштӯд мебурдам...

Дар ин сафар аз роҳҳои вайрону селбурда, аз роҳбонҳои бесар, аз роҳзанҳои ағбаи Тахтақарақчӣ, аз фалокатҳои ғайричашмдошт ҳаросе надоштам. Ваҳму тарси ман аз ваҷҳе буд, ки чӣ сон вуҷуди беҷони Муродуллоро ба модари кулфатзадааш месупорам, гумон мекардам, ки фиғони кампири нолон чун тире ба сари синаи ман мерасад...

Муродулло Шерализода якумин муҳаррир, асосгузори рӯзномаи шӯрои Олии Тоҷикистони соҳибистиқлол "Садои мардум" буду аз минбари Маҷлиси Олӣ мардона ҳақҷӯӣ менамуд. Ҳикояти зайл нақлест аз қисмат, ҷасорат ва ҳимоятгарии ӯ роҷеъ ба ҳадафҳои волои халқу давлати миллии ба хун оғӯштааш.

—Бачем, дунё тинҷӣ-мӣ? Акои Муродулло телефон накардааст? Сиҳат бошад? Зану бачаҳош қатӣ тинҷ бошад?

Зарифи телефончӣ, коргари идораи алоқа, кампирро хуш ва самимона қабул мекарду таскин медод:

Хола, беташвиш бошед, Муродулло ҳамин саҳар занг зада ман тинҷ, ба очем гӯед беташвиш бошанд,-мегуфт бо лутф.

—Илоҳо ҳамин тавр бошад, балотона гирам бачем, халқ тинҷ бошад, дар қатори мардум Муродуллоҷони манам дар паноҳи Худо бошад,- мегуфт холаи Давлатмо.

Боре Зарифи телефончӣ ба хаткашон бо таассуф гуфта буд:

—Ҳар рӯз аҳволи ин модари зор, холаи Давлатмо ҳамин, шояд фаромӯш мекунад. ки дина саҳарӣ омада аз писараш пурсону ҷӯён шуда буд, аммо боз меояд, меояду боз ҳамон суолро медиҳад: "Дунё тинҷист? Аз Муродулло дарак ҳаст?".

—Ман аз холаи Давлатмо ҳеҷ малол нестам,- гуфт Зарифу афзуд:- бовар кунед, ана ҳамин холаи Давлатмо чашми мана аз нав кушод гӯям, хато намешавад, аввало қариб, ки дағалӣ мекардам, баъд фаҳмидам, ки модар чӣ дардҳои ниҳонӣ дорад, чӣ гуна ӯ дилсӯзи фарзандаш асту дар фироқаш мурғи бисмил барин метапад. Акнун худамро маломат мекунам, ки чаро вақтҳое, ки Муродулло занг мезанад, худам фавран ба хонаи хола рафта хабари соҳу саломатии фарзандашро намерасонидам.

Ба гуфтаҳои Зариф ҳамсояаш Сангинмурод ҳамроҳ шуд:

—Медонед, амак,- гуфт вай,- ҷони ин кампири Давлатморо Худо аз оҳан сохтагӣ гӯем, саҳв намешавад. Аз рӯзе, ки Муродулло ба балоғат расидааст гуфтан равост, ки модар аз ӯ зиндаҷудост. Муродулло мактаби миёнаро хатм намуда ба Душанбе рафт, панҷ сол маълумоти олӣ гирифт ва дар ҳамон ҷо ба кор монд, боз чашмони модар дар роҳ буданд. Ин дарди модари зор кам набуд, ки Муродуллоро барои кор ба хориҷа фиристониданд, дар ҳамон замонҳое, ки Афғонистон нотинҷ буд, ҳар рӯз хуни ҷавонон ноҳақ рехта мешуданд. Акнун чашмони Давлатмо боз зиёдтар ба роҳ дӯхта

мешуду дилаш дар кӯраи оташи ҷанги хонумонсӯз бирён мегашт. Ҳар рӯз борҳо ин рубоии халқӣ вирди забоншаш мешуд:

Эй бор Худои пуръиноят,
Покиза каримибениҳоят,
Ман гоибихуд ба ту супурдам,
Ту боз расон ба ман саломат.

Онро гоҳ баланд мехонд, гоҳ зери лаб замзама мекард, гоҳ ба оби чашм мепурсид.

Аҷаб зани сарсахте будааст ин холаи Давлатмо. Фақат ду писар дошт. Яктааш ду-се сол қабл дар садамаи роҳ нобуд шуду модарро алағдаю бисмил кард. Акнун нури ягонаи дидагони ӯ Муродулло монда буд, ки мебоист дар бараш бошаду модари зорро соябонӣ намояд. Аммо амри тақдирро бинед, ки Муродуллои ҷавон, ҳанӯз бӯи шири модар аз даҳонаш нарафта, зуд паррончак шуда ба мусофириҳо тан дод.

Дили модар мисли ойина софу беғубор аст, аз ҳаққу ноҳақ, бадиву некӣ гувоҳӣ медиҳад. Холаи Давлатмо ҳам дар пешгӯии қисмати Муродулло хато накард. Муродуллои бағайрат дабистони деҳаро ба поён расонда бе дастгирии "тағо"-ҳо ба донишгоҳи пойтахти ҷумҳурӣ дохил шуд, онро бомуваффақият хатм намуд. Ӯро чун яке аз ҷавонони қобилу фаъол барои кор дар Душанбе нигоҳ доштанд.

Аз чунин сурат гирифтани кор Муродулло ҳам шод буду ҳам ғамгин. Хурсандиаш аз он буд, ки қобилияту донишашро қадр карданду дар муассисаи олии илмӣ ба кор таъин карданд, маъюсиаш аз он буд, ки модари ба ҷон баробараш боз дур мемонад. Вай медонист, ки акнун модари мушфиқу зораш дар фироқи ӯ нолида-нолида абгор мешавад. Барои Муродулло ҳам дурӣ аз чунин модар осон набуд. Ҳар бор, ки модараш ба ёдаш меомад, дилаш гум мезад, ба хаёлҳои ширин ғутта мезад, баҳсҳои падару модарро ба хотир оварда худ ба худ завқ мекард ва зуд нишаста ба деҳа мактуб менавишт.

Муродулло ба хотир меовард, ки чӣ сон бори аввал баъд аз хатми курси якум ба хонаашон, ба таътили тобистона рафта буд.

Аз лаҳзае Давлатмо фаҳмид, ки ҷигарбандаш Муродулло ба хонаашон бармегардад, гумон мекардед, ки вай қанот баровардааст, рӯзе чор-панҷ бор сари роҳ мебаромад, аз шодиву хурсандӣ ба куртааш намеғунҷид, ҳар касеро, ки медид зуд салом медод ва мегуфт:

—Холаҷонаш, Муродуллоҷонам мебиёд, "амакҷонаш" ҷиянатон Муродулло мебиёд, дарак надоред?". Агар дугонаҳояш ё занони ҳамсину солашро вохӯрад, бегуфтугузор онҳоро ба оғӯш мегирифт, мебӯсид. Онҳо Давлатмо тинҷӣ-мӣ, туро ҷину аҷина нарасидааст, мегуфтанд. Давлатмо бо нӯги остинаш ашкҳои шодиашро пок карда механдиду "магар хабар надоред? Муродуллоҷонам меояд", гуфта боз сару абрӯи дугонаҳояшро сила карда ширингӯиҳо мекард.

Муродуллои донишҷӯй рӯзе дар бемаҳалии шаб ба хонаашон

даромада омад. Ҳама хоб буданду фақат модари зор бедор. Ҳамин, ки вай шарфаи пой ва овози писарашро шунид, парвозкунон ба сӯяш ҷаҳид, ӯро ба оғӯшаш кашида бӯсаборон намуд. Баъд ба шавҳараш дарафтид:

—Мардакҷон, ин қадар шумо кундаи хоб ҳастед, хезед, писарам омад. Додош шумо чароғро гиронед, ки ману холешу бибиёшу амаҳояшро хабар кунам,- гуфта Давлатмо аз дарвоза берун шуд. Агар гӯед, ки ҳамон шаб дар маҳаллаи онҳо ҳеҷ кас хоб накарда буд, хато намешавад. Зеро ҳамсояҳо туғёни дили Давлатморо мефаҳмиданд ва бо тамоми майл ба шодиву хурсандии ӯ шарик мешуданд.

Ҳар бор, ки Давлатмо чизҳои барои писараш ғиём кардаашро ёфта меовард, ширингӯиҳо ҳам мекард:

—Э, очекат ҷӯрие, очаҷонат хоки поят шаваде, заб пазмон кадӣ-дия, ҷонаки очеш. Хӯрокҳои хоная ёд кардагистӣ, дадоҷон, гиру хӯр, ба амакоту холаҳоят ҳам гиретон гӯй,- мегуфт модар.

Бе муҳобот он шаб дар назари ҳозирон чунон менамуд, ки писар шамъ асту модар парвона. Аз шодӣ чашмони Давлатмо медурахшиданд, ӯ ҳар лаҳза дар бари Муродулло нишаста мӯйҳояшро сила мекард, рӯю гарданашро бӯй мекард. Тамоми мӯҳлати таътили Муродулло ба чунин минвол мегузашт, гӯем саҳв намекунем.

Рӯзҳои дигар Муродуллоро хешовандон ба хонаҳояшон бо навбат металабиданд, давра меоростанд, шодмониҳо мекарданд, тӯҳфахо медоданд.

Чунин меҳмоннавозӣ, эҳтирому таваҷҷӯҳ ва самимияти хешовандон нисбат ба Муродулло, нафақат натиҷаи заминаи хешу ақрабоӣ буд, балки ба сифатҳои хуби худи Муродулло ҳам вобаста буд, ки дар покизагии тинат, хушмуомилагӣ, дидадарӯӣ, сари вақт ба хизмати пирон расидан ва иззату ҳурмати хурду калонро ба ҷо овардан, ифода мегардад.

Талбони навбатӣ дар ҳавлии Ҳамдамбой, хеши Шерализода сурат мегирифт. Ӯ меҳмонҳоро хайра мақдам гуфта ба кадом ҷавонмард гӯшона барин карда чунин гуфт:

—Ҷияни мо Муродуллоҷон баъзеҳо барин коргурез нест, ҳам кораш ҳалол, ҳам лафзу қавлаш, устухонаш низ бо меҳнат шах шудагӣ - молбонӣ, ҳезумкашӣ, андовагарӣ похсазанӣ, хирманкӯбӣ, посиракориро аз сар гузаронидааст, вай акнун ҳеҷ хору зори касе намешавад.

Аз таърифҳои мӯйсафед Муродуллоро ҳаё зер кард, ки сухани ӯро буррид:

—Мебахшед, амакҷон, муҳоботам эбаш қатӣ будагист. Ман аз ҷавонони дигари қишлоқамон ҳеҷ фарқе надорам, фақат кори аз дастам меомадагиро кардам,- гуфт Муродулло сар хам карда. Чунин гуфтори Муродулло ба Шерализода хуш омад, ки “бале писарам, хоксорӣ сифати хуби одамист”,- гуфт.

Аммо Ҳамдамбой ҳам суст наомад:

—Не ҷиян, гапама набур,- гуфту афзуд: — Ман чӣ гуфтанамро нағз медонам. Бин, бисёранд ҳамсолони ту ки на дуруст кор мекунанду на ҳалол мехонанд. Онҳо, ки ба кор гардан намефуроранд, ҳанӯз ҳам заҳмати нигоҳубини чорво, кишту кори саҳроӣ, ободонии деҳа ба зиммаи мӯйсафедону занони серкӯдак афтодагӣ. – Ту бачем, Муродулло дигарӣ,- гуфта амаки Ҳамдамбой гапашро тамом карда ба ҳамсараш ишора намуд, ки палавро кашида биёрад.

Агар аз наздик, алалхусус дар мусофиратҳо бо кору бору рафтори Муродулло шинос шавед, ҳаққонӣ будани "ту дигарӣ" гуфтани гапҳои амаки Ҳамдамбойро дар ҳаққи Муродулло айёнтар дарк менамоед. Бе муҳобот, касе, ки боре бо Муродулло ҳамнишин шуда бошад, ё ба ӯ корафтода шуда бошад, беихтиёр орзу мекунад, ки боз бори дигар биандешаду гӯяд: "Илоҳо хока гирӣ зар гардад", "ба падару модарат раҳмат".

Дар ин бобат хотираи дӯсти дарвозии Муродулло Аҳмадҷон, ки дар хориҷа якҷоя хизмат мекарданд, ҷолиб аст:

—"Дар ҷое, ки Муродулло ҳамроҳатон бошад, хоҳ дар ақибгоҳ, хоҳ дар майдони разм кас намеҳаросад. Зеро дилатон пур аст, ки ӯ шуморо ҳеҷ гоҳ танҳо намегузорад, агар лозим шавад ҷонашро бароятон сипар менамояд, покии виҷдон, рафтор, гуфтори Муродуллоро дӯстони афғониамон ҳам борҳо қайд мекарданд.

—Ёд дорам, боре муҳандиси афғон дар Кобул гуфта буд: ба мо ин қадар мутахассиси бисёр аз Шӯравӣ чӣ лозим? Агар ба монанди Муродулло бист-сӣ нафар бошад, кифоя. Онҳо кори садҳо нафарро мекунанд. Дар Муродуллои шумо тақлидкории сунъӣ нест. Ӯ дигарон барин тарзи гуфторашро тағйиру дигар намекунад, ба такрори носазои лаҳҷаҳои хонагиву маҳаллии афғонӣ ва форсӣ дода намешавад. Лафзаш ширин аст, исту бисти ӯ таҷассуми одобу фазилати волост. Ман ӯро чун бародари худ дӯст медорам".

Дар шаҳри Душанбе низ Муродулло фақат бо заҳмати ҳалол роҳи зиндагӣ паймуд ва писанди алломаҳои мӯътабар гардид. Пас аз хатми донишгоҳ ӯ ба ҳайси муҳаррири нашриёти давлатӣ ва рӯзноманигор хизмат мекард. Ӯ бо мақолаҳои ҷозиби публисистӣ баромадҳо менамуд, ки дар онҳо маҳорати гуфтор, образнокии тасвир, масъалаҳои рӯзмарра аён мешуданд. Шояд ҳамин ҷиҳатҳои фаъолияти журналистии Муродулло диққати академик Ваҳобиддин Маҳмудиёнро* ҷалб намуда буд, ки ӯ ба ман муриҷиат кард. Маҳмудиён ба тарзи ба худаш хос пурсид: дӯстам мегӯянд, ки шумо Муродулло Шерализода ном ҷавонмардро мешинохтаед, ӯро йигити ғалатӣ мегӯянд, рост аст?

—Намедонам, устод, шумо "ғалатӣ" гуфта чиро дар назар доред, аммо дар хусуси Муродулло ҳаминро гуфта метавонам, ки ӯ ҷавонмарди ба ору номус аст, аз кор наметарсад, зеҳни гирову акли расо дорад ва бениҳоят ба илм дода шудагӣ,— гуфтам дар ҷавоб.

—Э, ғалатеш, нағз гуфтагӣ гап, одами хубро мо самарқандиҳо

* Аловуддин Баҳовaддинов

ғалатӣ ҳам мегӯем. Яъне фаҳмидам, ки Муродулло ҷавонмарди арзанда аст.

—Бале, ӯ арзанда аст, метавонед беибо ва пурра ба вай бовар намоед, дар шахсаш шумо ёвари ӯҳдабарои пухтакореро пайдо мекунед.

Дар ҳақиқат ҳам Маҳмудиён дар интихоби кормандони нав савҳ накард, тахминаш дар хусуси Муродулло рост баромад.

Муродулло, ки ҷавони ба қадри эътимоду ҳурмат мерасидагӣ буду дар илм қобилияти хуби даркнамоӣ ва ба кори табъу нашр завқи баланд дошт, дар ин соҳа ҳам зуд комёбиро муваффақ шуд. Академик Маҳмудиён дар мавридҳояш Муродуллои навкорро ба дигарон чун намунаи ибрат нишон медод. Аён буд, ки ӯро мисли писари худ нағз медид, аксар вақт таҳия ва таҳрири нашрияҳои муҳимро ба зиммаи Муродулло мегузошт.

Муродулло корро дар ҷои нав аз нав сар кард, коллективро аз ашхоси тасодуфӣ ва беҳунару иғвогар тоза кард. Ба зуҳуроти маҳалчигӣ, дасисабозӣ, расонаҳои умумро ба мақсадҳои ғаразнок истифода бурдан мубориза бурд. Дар чанд навиштаҳои публисистиаш ӯ ба тарзи қотеъона изҳор кард: магар саҳифаҳои рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, симо ва садоро бо мақсадҳои бӯҳтонангез, ҷудоиандозӣ, қасосгирӣ, ғаразнок истифода кардан ҷавонмардист?

Муродулло касби рӯзноманигориро ба касби тибибон қиёс менамуд. Ӯ ақида дошт, ки рӯзноманигор ҳам бояд мисли духтур савганди Гипократро ёд кунад, дар назди мардум, дар назди виҷдонаш қасам хӯрад, ки аз бӯҳтону ғаразу хусумат дурӣ меҷӯяд.

Ҳамин хислатҳо ва дигар сифатҳои ҳамидаи Муродуллоро ба назар гирифта, халқ ӯро ба мартабаи баланд, вакили хеш дар мақомоти олии давлат интихоб кард. Холаи Давлатмо писарҷонам ба боварии халқ сазовор шуд, вакили ҳамдиёронаш дар Шӯрои Олӣ гардид, акнун зиёдтар мебинамаш, дар миёни мардум қаду басташро тамошо мекунам, аз дидораш сер мешавам,— гуфта хурсандӣ мекард. Вақтҳое

ки нутқҳои ӯро ба воситаи симо ва садо мешунавид Давлатмо ба гап медаромад: "Ҳа, очаҷонат тасаддуқи забони ширинат, фидои қаду қоматат",— дастонашро пеши бар оварда гӯё бо фарзандаш роз мегуфт модар.

Дугонаҳои Давлатмо ҳам, ҳар дам Муродуллоро сифат менамуданд: Муродуллои туро шоҳи писарҳои қишлоқ гӯем хато намешавад, аз забонаш шаҳду шакар мерезад, бо одамон "амакҷон", "тағоҷон", "холаҷон", "додараки азиз",— гуфта муроҷиат мекунад, дар ҳар маврид мебахшед, маъзарат мепурсам, мегӯяд! Ана одобу ана тамиз, ана тарзи гуфтору рафтор—худи худат барин. Боз ба писарат чашм наандозанд, тӯмор гиру ба ягон ҷои ноаёни кастумаш дӯхта мон, дугонаҷон,— мегуфтанд дугонаҳои Давлатмо.

Муродулло зуд-зуд ба назди интихобкунандаҳояш на барои

худнамой меомад. Ӯ фикру зикри халқро ҷиддӣ меомӯхт, дархостҳояшонро таҳлил менамуд, онҳоро ба ҳисоб мегирифт. Масъалаҳое буданд, ки дар шӯрои қишлоқ ҳал мешуданд, баъзеашон дар доираи ноҳия. Аммо проблемаҳое ҳам пайдо мешуданд, ки мебоист дар боло, дар Шӯрои Олӣ, ё ҳукумат муҳокима шаванд. Муродулло аз минбари яке аз иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ ба алам гуфта буд: ман дирӯз аз ҳавзаи интихоботиам баргаштам. Зимни сӯҳбатҳои тӯлонӣ бо халқ як чизро дарк кардам: имрӯзҳо халқ пеш аз ҳама ташнаи оромиву осудагӣ, ташнаи қонунҳои одилона дар бораи замин, тартиботи ҷамъияти ва интизоми давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон, молу ҳоли ӯ. Вақте ки ба мардум вомехӯрдам, аз ман мепурсиданд, ки чаро баъзе депутатҳо дурӯягӣ мекунанд, дар бораи ягонагии Тоҷикистон суханбозӣ менамоянду дар асл дар байни вилоятҳо ва ноҳияҳо ҷудоӣ меандозанд. Мегӯянд, ки роҳбарони ҷумҳурӣ бояд аз фалон ҷой шаванд... бигузор шаванд, сазовор бошанд, агар аксари мардум онҳоро ҷонибдорӣ менамояд... Боз онҳо шарм накарда аз хусуси сарнавишти миллат сухан меронанд, худро ғамхору пешвои миллат мешуморанд. Аммо, ҳамин ки аз маҷлисгоҳ мебароянд – ин зарафшонӣ, вай бадахшонӣ, дигарашро ҳисориву кӯлобӣ ва хуҷандиву қаротегинӣ мегӯянд. То кай ҳамватанони азиз, имонфурӯши мекунем? Хато намешавад, агар гӯем, ки ҳама нобарориҳои рӯзгори мардуми мо аз ноиттифоқӣ, зиёдтар аз он аз ноустуворӣ ва калавишҳои назариявӣ, сиёсӣ ва маҳзабии вакилони мардумист. Ин ба роҳбарону вакилони мансабталоши мо ҳам дахл дорад. Кам нестанд онҳое, ки ба хотири мансаб як вақтҳо аз дину мазҳабашон гашта буданд, акнун аз ақидаҳои ҳизбиашон даст мекашанд, барои онҳо "гӯр сӯзаду дег ҷӯшад" кифоя. Ибораҳои муқаддаси миллат, ватан барои онҳо воқеан арзише надорад ва ин мафҳумҳо барои онҳо фақат чун воситаест барои расидан ба ҳадафҳои ниҳонияшон.

Вақте Муродулло аз минбар фуромад, гуфтамаш: "Имрӯз хеле бо алам гап задӣ?"

—Акаҷон, дар ҳақиқат, дили кас хун мешавад. Худатон қазоват намоед, баъзе вакилон то чӣ андоза аз ҳалли масъалаҳои муҳим канорагирӣ мекунанд, минбарро на барои ҳимояи манфиатҳои омма, манфиатҳои ҷумҳурӣ, балки фақат ба хотири ҳифзи манфиатҳои гурӯҳӣ, ҳизбӣ ё маҳалли худ истифода мекунанд. Онҳо ба танқид усто шудаанд, аммо танқиди онҳо фақат ба хотири танқид аст, дар асл дар нишон додани роҳи ислоҳи камбудиҳо, роҳҳои баромадан аз бӯҳронҳо оҷизӣ мекашанд. Аксар вакилон то қабул гардидани қонуну қарорҳо талошҳои зиёде мекунанд, беҳад тезу тунд ҳам мешаванд, аммо баъди қабул шудан он қонунҳо иҷро мешаванд ё намешаванд, ба хаёли касе намерасад,— гуфта оҳи сарде кашид Муродулло.

Чунин буд Муродулло дар доираи хонавода, ҳалқаи дӯстону ҳамкорон. Вай завҷааш Хосият, писаронаш ва духтаронашро беҳад дӯст медошт, ҷон меканд, ки онҳо хориро набинанд, азияте накашанд.

Аммо агар касе аз ҳадди одобу тамиз ва ахлоқ барояд, намебахшид, бо усулҳои мувофиқ танбеҳ медод, аз пастиву баландии зиндагӣ, ҳастиву нестии он сабақ меомӯзонд. Борҳо аз ҳамкорону рафиқони ҳаммаслакаш шунидаам, ки мегуфтанд: "Муродулло нисбат ба ҳама ғамхору меҳрубон аст. Вале ҳаромкорҳо, дурӯяҳо, мунофиқон, дасисабозонро чашми дидан надорад ва чунин мекунад, ки худашон аз нобакориҳояшон пушаймон мешуданд".

Дар мавридҳои мувофиқ, дар сӯҳбатҳо такрори сатрҳои ҳикматангези зеринро дӯст медошт.

Ислом ба зоти худ надорад айбе,
Ҳар айб, ки ҳаст дар мусулмонии мост.

—Ман ин ақидаро ба аксари аъзои фирқа низ нисбат медиҳам,— мегуфт Муродулло.—Зеро замона аз рафтору гуфтори касоне касод шуд, ки барои манфиати ҷузъӣ шуда имрӯз дар як ақидаанду рӯзи дигар ақидаашонро тағйир медиҳанд. Одами асил барои эътиқоду ихлосаш ҷон медиҳад, мо бошем чӣ? Имрӯз ба як соз рақс мекунему пагоҳ зери сози дигар даступо мезанем.

Барои хислатҳои нодиру ба худ хосаш муносибату муомилаи доираҳои маълуми аҳли ҷамъият ба Муродулло якранг набуд. Буданд онҳое, ки нисбат ба ӯ нотавонбинӣ ва бахилӣ менамуданд, аҳён-аҳён ба сӯяш санги маломат ҳам меғуриниданд. Аммо дар доираи рақибони Муродулло душмане, ки қасди ҷонашро дошта бошад, набуд.

Муҳимтараш он буд, ки аксари мардум ӯро медонистанд, дӯст медоштанд, иззат мекарданд ва барои маслиҳат наздаш меомаданд. Калосолон дар ҳаққаш дуоҳои нек мекарданд:— "марди беозор, дунёбохабар, шермарди назар кардааст, Худо аз чашми бад нигоҳаш дорад".

Дар дилаш орзую ҳаваси зиёде дошт, Муродулло. Мехост манфиатҳои интихобкунандагонашро то ба охир дар парлумон ҳимоя намояд, китоб нависад, фарзандҳояшро хонадор кунад... Вақте ки бори охирин ҳамроҳ аз сафари хидматӣ бармегаштем, ба ман як ҷаҳон рози дил карда буд:

—Акаҷон,—мегуфт ӯ,—шаҳди маъракаҳои духтарро чашида натавонистем, вай ғурамарг шуду ҳамаамонро алағда карда рафт. Падарам, додарам бошанд, ба ман фақат як ғамхонаро мерос монда, дунёро бемаҳал падруд гуфтанд. Акнун тарадуди хонадор кардани писарҳоро дорам. Раҳнамою такягоҳамон шумо мондед, акаҷон. Модари бечораам ҳам чандон сиҳат нестанд, ақаллан тӯи набераҳояшро медид.

Вақте Муродулло рози дил мекард, гулӯгир мешуд, дар косахонаи чашмонаш ашки ҳасрат ҳалқа мезад, оҳи вазнин мекашиду дамаш дар дарунаш бо сари хам менишаст.

Ман чизе гуфта наметавонистам, таскинаш ҳам нададам, аз ҷо хеста падарвор ба оғӯшаш кашидам, фақат гуфтам: ки Муродулло

додарам дар дунё фақат шайтон ноумед аст, ҳоло маъракаҳои мурод дар пешанд, насиб кунад, тӯйҳои нафақат фарзандҳо, балки набераҳоятонро табъи дил мегузаронем.

Амри қисматро бинед, ки хавотирию андешаҳои Муродулло бевақҳ набудаанд, ҳазор оҳу вовайло, ки орзуҳои ширинаш дар дили пурармонаш монданд. Дидани тӯйҳои фарзандонаш насиб накарда будааст, аҷали бераҳми ногаҳонӣ ӯро ба суроғи духтару додару падару бобояш бурд. Акнун як дарди холаи Давлатмо ба сад даҷд табдил ёфт.

Давлатмо бо сад орзую ҳавас ба тӯи набераааш тараддуд дошт. Барои арӯсу домод либосҳои урфии бобоӣ медӯзонд, лавозимоти ороиши ҷавононро меҷуст, ба қудошавандаҳо тӯҳфаву пешандоз тайёр мекард. Ӯ ба писараш Сангинмурод мегуфт: "Аз ҳузури дидори фарзандони худам сер нашудам, аз онҳо наосоидам, орзу нашикастам, акнун умеду ниятҳои ширинамро ба наберагонам мебандам. Кошкӣ онҳо "асои пир ба ҷои пир" шаванду чароғи бобояшонро равшан нигоҳ доранд, арвоҳи гузаштагонро шод кунанд".

Акнун тасаввур кунед, ки тӯй чӣ сон барои Давлатмо ба мотам табдил меёбад. Аммо чӣ илоҷ?! Аз қисмат раҳи гурез нест. Як доғи дили Давлатмо нек нашуд, доғи дигаре ба ҷигари ӯ расид. Давлатмо ба хабари шум аввал бовар накард, ҳозиронро дашном дод, забонатонро ғунда газад гуфт. Аммо хабари бад корашро карду ҳуш аз сараш парид, замину осмон ба сараш торикистон шуду муддати мадиде беҳолу бечон бистарӣ гардид.

Барои видоъ бо намояндаи арзандаи миллат, ҷавонмарди соҳибдил, фарзанди фозил ва баору номуси диёр Муродулло аз пойтахти ҷумҳурӣ, аз вилоят ва аз тамоми гӯшаҳои ноҳия вакилон омаданд. Баъд аз маросими дафн пирони ботадбир дуогӯиҳо карданд. Мӯйсафеди нӯроние гулӯ афшонда гуфт:

—Дар музофоти мо то ҳанӯз ягон ҷаноза ба монанди ҷанозаи писари Давлатмо чунин серодам набуд.

Рӯзи саввуми ба хок супурдани Муродулло, холаи Давлатмо ба пой рост шуду аз набераҳояш хоҳиш кард, ки ӯро ба сари манзили охирати писараш баранд. Кампир боз доду фиғон бардошт, тани лоғарашро ба болои гӯри писараш партофт, хокро оғӯш кард, бӯиду бӯсид ва фақат гуфт, дар паҳлӯят ба ман ҳам ҷой деҳ, Муродуллои ғурамаргам. Фурсате гузашт. Давлатмо ҳамоно ҷисми бечон буд. Сипас гӯё дуо мехонда бошад, нимғурма ба забон оварда:

Зери гил тангдил, эй гунчаи раъно чунӣ?
Бе ту мо гарқа ба хунем, ту бе мо чунӣ?
Бе ту бар рӯи замин танг шуда бар ман ҷой,
Ту, ки дар зери замин сохтаӣ ҷо, чунӣ?

Баъд бо ёрии ҳамсари ғамзадаи фарзандаш Хосият болои гӯр шамъ гузошт. Акнун чунин менамуд, ки ин шамъ хеле хира асту парвона паршикаста.

Бегоҳии ҷумъа дар хонаи Шерализода фотиҳа оростанд, мӯйсафедон, хешон, аҳли гузар бо оҳу воҳи Давлатмо шарик шуда сифати марҳумро мекарданд. Холаҷон – мегуфт ҷавони баркамоле,— дилҳои мо ҳам барои акоямон Муродулло реш-реш аст, аммо чӣ илоҷ? Ҳукми тақдир ҳамин будааст. Тир дигар аз камон ҷаст. Акнун тоқат кунед, худатонро ба даст гиред. Албатта, холаҷон ҳеҷ кас дар дили шумо ҷои Муродуллоро иваз карда наметавонад, вай ба мисли ситорае дурахшиду рафт. Холаҷон, илтимос ба мо бовар кунед, моро низ фарзанд донед, мо ҳам шуморо аз модарамон кам намебинем.

Мӯйсафеди нуроние, ки дар пешгоҳи хона менишаст сухани ҷавонмардонро қувват дода афзуд:

—Кошкӣ, бачаҳом, ҳамаи ҷавонон мисли шумоён мебуданд. Кошкӣ калонсолон ба дасти ҷавонон ба ҷои ханҷару камон асбобҳои корӣ ва каланду китоб медоданд...

Баъд мӯйсафед ба Давлатмо рӯй оварда гуфт:

—Хоҳарам, бисёр ашк нарез. Хушбахт будай, ки Муродулло барин шоҳписар доштай. Бубин, кам нестанд фарзандҳое, ки ба волидайнашон лаънату надомат мебиёранд. Писари ту дар умри кӯтоҳи худ бо заҳмати ҳалол некном шуд, шӯҳрат пайдо кард, дар зиндагӣ нақши рангини худашро гузошт. Шукр кун, хоҳарҷон!

—Раҳмат, бобоҷон,— гуфт боз ҳамон ҷавони баркамол,— Албатта, Муродулло баъзеҳо барин қасрҳо напӯшонид, роҳ насохт, боғҳои калон насабзонид, аммо вай ба дилу дидаи мардум роҳ ёфт, худро дар майдони муқаддас – майдони ҳақҷӯиву ҳақгӯй санҷидааст, ки ба ин фақат марди асил миён мебандад. Фирдавсии бузургвор дуруст фармудааст:

Ҳаме номи ҷовид бояд, на ком,
Бияндоз кому барафроз ном,
Зи ном аст то ҷовидон зинда мард,
Ки мурда бувад колбад зери гард.
Ҳамон ном беҳтар, ки монад баланд,
Ки марг афканад сӯи мо ҳам каманд.

ҚИСМИ СЕЮМ
ЧЕҲРАҲОИ ҲУНАР

РОМИШГАР

Субҳидами дуюми октябри соли ҳазору нӯҳсаду шасту шаш занги телефон баланд шуд. Гӯшакро бардоштам, ки овози раиси Шӯрои Вазирони онвақтаи ҷумҳурият Абдулаҳад Қаххоров ба гӯшам расид. Ӯ мухтасар аҳволпурсӣ намуду ба сари мақсад омад:

—Нохушии бузурге шудааст, Акашариф Ҷӯраев аз олам гузаштааст. Шуморо раиси комиссияи дафн таъин кардем. Зуд ба хонадони марҳум рафта, тадбирҳо андешед ва барои ба сафари охирин гусел кардани Акашариф чиҳо лозим аст, ба мо хабар расонед,— гуфт Абдулаҳад Қаххорову афзуд,— дар хотир дошта бошед, ки ба Акашариф Ҷӯраев халқ эҳтироми баланд дорад, кӯшиш кунед ки маросими дафн сазовори қадру манзалати ӯ бошад.

—Мефаҳмам, ман шуморо нағз фаҳмидам, Абдулаҳад Қаххорович,— гуфтам ва ба ҳавлии Акашариф Ҷӯраев, ки дар наздикии ҳаммоми шаҳрӣ буд, шитобидам. Гарчанде офтоб ҳанӯз теғ накашида буд, аллакай атрофи ҳавлиро мардум, хешу таборон, ҳамкасбон, шогирдон, ҳаводорони санъати шӯрангези вай ҳалқа зада буданд.

Ҳамин, ки ба ҳавлии Акашариф даромадам, фарзандони вай Қандил, Муқим, Дарвозӣ, Ҳисорӣ гарданамро гирифта фиғон мекарданд. Занҳо-апаи Ҷаҳоноро, духтарон, келинҳо - Лола, Зайнаб, Гуландом, набераҳо ҳар кадом ба такрор "хонаме", "ҷигараме", "отаме", "бобоме", "бобои булбулакаме" - гӯён навҳа мекашиданд, мӯйканиву рӯйканӣ мекарданд. Фиғону фарёди онҳо беҳад ҷонкоҳ буд. Худам ҳам тоқат карда натавонистам, ашки ҳасрат ва таассуф гирди чашмонам ҳалқа зада, ҷорӣ шуд. Садои гиряву фиғони хешовандон чунон бошиддат, чунон пурдарду ҷонгудоз буданд, ки гумон менамудам онҳо ҳозир хонаро ба сарашон мебардоранду он манзил маҳали селоби ашк мегардад.

Баъди сурат пазируфтани ин манзара ва изҳори ҳамдардиву дилбардорӣ, писари калонии Акашариф Қандилро ба канора даъват намудам. Нақшаҳои маросими дафнро бо ӯ гуфтугӯй намудем. Қандил, ки печидаи андӯҳи ғам буд, ба ҷои ҳарф аз танӯри дилаш оҳу воҳ мебаромад, гулӯгир мешуд, ашконашро болои ҳам пок мекард. Вай баъди фурсате ба азоб гуфт:

—Акаҷон, мо ҳеҷ шарту пешниҳоде надорем. Омадед, ҳазор бор ташаккур. Бо тағоиам Манзар, акаҳоям Анвар Қаландаров ва Абдусалом Қодиров маслиҳат кунед, чизе, ки ҳамонҳо гӯянд, моён

розӣ.

Ҳамин тавр намудем. Бо хешовандони наздик ва роҳбарони ҳизбию шӯравии Душанбе нақшаҳои сазовор ба роҳи вопасин гусел кардани Акашариф Ҷӯраевро кашидем. Киҳо бояд дар митинги мотамӣ сухан гӯянд, кӣ маитро ба лаҳад монад, дар кадом қабристон манзил канонем ва ғайра зуд ҳал шуданд.

Маросими видоъ бо марҳум сар шуд. Тобут дар театри академии ба номи Лоҳутӣ гузошта шуд. Сели одамизод ба сӯи тобут беист равон буд. Пирон, ҷавонон, вакилони миллатҳои гуногун бо сари хаму дили пурандӯҳ аз пеши тобут мегузаштанд.Мегузаштанду мегузаштанд, то ки бо ҳофизи дӯстдоштаашон “алвидоъ”гӯянд. Бо ин ният аз Дарвозу Қаротегину Кӯлобу Вахш ва водии Ҳисор фиристодагони махсус омада буданд, ки дар байнашон Раҳматшо Иброҳимов, Одил Бердиев, Маҳрамшо Тӯйчиев, Наим Одинаев, Юсуф Лақай ва дигарон низ буданд. Онҳо ба аҳли хонаводаи Акашариф таъзияи хешовандонро ҳам мерасониданд.

Ҳамон рӯз дар сари ҷасади ҳофизи халқӣ аз номи роҳбарияти ҳизбу Ҳукумат Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаҳҳоров ва Маҳмадулло Холов ба нишони ҳурмат рост истода, ба аҳли хонаводаи ӯ таъзия изҳор намуданд.

Мардум аз назди тобут мегузаштанду ман андеша мекардам: “Кадом қувват, кадом кашиш, кадом майл онҳоро ба сари ҷасади Акашариф меорварад? Чӣ асроре ниҳон аст ин ҷо?” Пас худ ба худ мегуфтам: “Албатта, чунин қувва, чунин кашиш, чунин асрор дар санъати нотакрори ӯ, хислатҳои наҷиби инсонии вай пинҳон аст”.

Ҳама русум ба ҷо оварда шуданд. Тобутро бо ҷасади марҳум ба қабристони Сари осиёи шаҳри Душанбе бурдем. Бо нутқи кӯтоҳ, аммо пурандӯҳ митинги мотамро кушодам:

Дӯстон, мо имрӯз касеро ба хок месупорем, ки агар коми мо бо шири модар шах шуда бошад, рӯҳи мо, қалбҳои мо бо навозишҳои оҳангу сурудҳои ӯ қавӣ гардиданд. Мо имрӯз бо касе видоъ мегӯем, ки вай яке аз шоҳсутунҳои санъати халқи мо буд ва чун шахсияти рахшон дар таърихи ҳунари мо боқӣ мемонад, мо ба касе хайрбод мегӯем, ки бо овози хушу суруду оҳангҳои волои худ ва бо сифатҳои наҷиби инсонии хеш дар дили садҳо ҳазорон мардумони кишвар ва берун аз он лона гузоштааст. Синаи халқ макони ҷовидонии чунин абармардон хоҳад буд.

Ҳунарварони номӣ, ҳамкасбони Акашариф Ҷӯраев, аз ҷумла Ғаффор Валаматзода, Абдусалом Раҳимов, Шамсӣ Қиёмов, Абдулло Назриев ва дигарон аз саҳми ӯ дар санъати миллатамон, аз некӯкориҳои вай бо сӯзу гудоз ҳарф заданд. Майит ба хок супурда шуд. Рӯи баландии гӯрро бо гулчанбарҳо пӯшонида, ба шаҳр баргаштем. Аз манзили хомӯшон ба шаҳри серғавғо ва пурғулғула баргаштему хаёлан ба хотир меовардам, ки ман Акашариф Ҷӯраевро кай боз мешиносам? Ба ёдам солҳои бачагиам меомад. Ҳануз пеш аз

Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд. Хеле хурдсол будам. Кампири Гулбибӣ патефон монда мо бачаҳоро ҷамъ карда, меваҳояшро мечинонд, ҷамъ мекард, алафҳояшро ба каҳдон мекашонд, ҳезум мешиканонд ва ғайра. Дар байни қартаҳои сабти овози Ҳоҷӣ Абдулазиз, Домулло Ҳалим, Мулло Тӯйчӣ, Ҳоҷӣ Тамтам, Карим Зокирӣ, Левича, Муллоқандовҳо, қартаҳои сабти овози Акашариф Ҷӯраев низ буданд.

Баъди ба воя расидан ва сиёҳро аз сафед фарқ мекардагӣ шудан, ман ба маънии аслии он сурудҳо расидам. Дарк намудам, ки сурудҳои Акашариф Ҷӯраев "Ӯсмаш намехом", "Ташниз", "Ширинҷон", "Аллаи кӯҳистон", "Аз дараи Камаров Анора овардеме", "Соқ-соқиҷон, пиёларо пурмай кун", "Қалъабандӣ", "Ҷон додаракам" ва амсоли инҳо сурудҳои дилчаспе буданд, ки маҳз дар асоси синтези санъати халқӣ ва касбӣ офарида шуда буданд. Зубдаи ин падидаро сюитаҳои рақсии "Чорзарб", "Наврӯзи баҳор", "Овози ҷавонон", ташкил мекард. Дастаҳои зиёди ҳунарии республика ин сюитаҳоро иҷро мекарданд. Аммо дидану шунуфтани онҳо бо иштироки худи Акашариф Ҷӯраев, писари ӯ Муқим Ҷӯраев ва келинаш Шараф кайфи хосе дошт. "Чорзарб", ки имрӯз ҳам ҷузви барномаи ансамбли "Чаман" аст, солҳои сол ба ҳусни программаҳои консертии Ансамбли бонувони рубобнавоз тароват ато менамуд. Хушбахтам, ки борҳо аз ин неъмат файз бурдам. Ҳанӯз лаззати он лаҳзаҳо, ки Акашариф Ҷӯраев бо санъати ҳаллоконаи худ "Соқ-соқиҷон пиёла пур май кун, Ороми ҷон, пиёла пур май кун,- Ҳӯ, дардаш ба ҷон, пиёла пур май кун" ва ё "Чорбоғи боло, чорбоғи поён, чанор баланд аст, ширинҷон",— гӯён шунавандаҳои худро маст мекард, аз комам нарафтааст. Он рӯзи дафн бовар карда наметавонистам, ки он лаҳзаҳо дигар такрор намешаванд.

Дар бораи бузургони илму фарҳанг ва арбобони ҳунар қиссаву ривоятҳои зиёде дар даҳон аст. Чӣ тавре, ки дар бораи устод Айнӣ, Боқӣ Раҳимзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Тӯҳфа Фозилова нақлҳои фаровон аст, дар хусуси Акашариф Ҷӯраев низ нақлҳои фаровонро шунидан мумкин аст. Магар ҳама медонад, ки чаро Акашарифро "Шарифи муш" ҳам меномиданд?

Ин дам, ки сухан аз фаъолияти Акшариф меравад, як қиссаи хандоварро, ки аз забони ҳамсабақи мактабиам дар водии Вахш Қодирқул Наврӯзов соли 1954-ум дар Навободи ноҳияи Ғарм шунида будам, нақл менамоям. Он солҳо ман дар вилояти Ғарм кор ва зиндагӣ мекардам.

Ҷӯраам Қодирқул, ки ба чорводорӣ иртибот дошт, барои дидор ба хонаамон омада буд. Омаду ҳанӯз як пиёла чойро нанӯшида бо услуби ба худаш хоси фалғарӣ ба гила сар кард:

—Ҳамин Акашарифашам нафаҳмидам ман,- гуфт ӯ ва афзуд,— аз рузе, ки суруди Акашариф Ҷӯраев "Аз дараи Камаров"-ро мешунавем, гумон мекардам, ки он ҷо анористон аст. Тамоми қишлоқиҳоямон, аҳли хонаводаамон ҳанӯз ҳам дар чунин ақидаанд. Дирӯз онҳо фаҳмиданд, ки ман ба ҳамин ҷо мусофират дорам, ҳама

илтимос намуданд:

—Ҳамин, ки ба Қаротегин расидед, аввал ба дараи Камаров равед ва бароямон анори болаззат биёред. Агар анори он ҷо ширин набошад, Акашариф ин қадар бо ҳавас замзама намекунад,- гуфтанд онҳо.

Чӣ мегӯед, ки омадаму аз маркази Ғарм рост ба дараи Камаров рафтам. Рафтаму дидам, ки дар он ҷо на анор ҳасту не анҷир.

Аз роҳакие пурсидам:

—Анорҳои Камаров куҷо шуданд?

Гуфт:

—Эй, гумроҳ, ин дара анор надорад. Анори сурудаи Шарифи муш ин номи духтаракест, ки ӯро кайҳо худи Акашариф бурдааст, — гуфта хандид.

Қодирқул ҳам аз нақлаш ба завқ омада чунон ханда кард, ки обҳои чашмонаш нишеб шуданд.

Хуллас, ривояту қиссаҳои ширини халқӣ дар бораи Акашариф ва дигарон бисёранд. Гирд овардану ба наслҳои оянда мерос гузоштани онҳо низ қарзи мост. Аслан анҷом додани чунин корҳо ҳам як тарзу воситаи ба қадри хизмати бузургон расидан аст. Хусусан, Акашариф, ки фақат бо заҳмати беист ва хислати ҷӯяндагии ошиқона ба дили мардум ҷо гирифтааст, сазовори чунин хизмат аст.

Баъзеҳо аз тангназариашон Акашариф Ҷӯраевро чун ҳофизи эътирофшудаи минтақавӣ-минтақаҳои Дарвозу Қаротегин мешумурданд, ки ин ақидаи беасос аст.

Зодаи водии Зарафшон Лоиқ Шералӣ дар шеъри "Ҳамдарди Қӯҳистон", ки ба Акшариф бахшидааст ба маврид ва хуб мегӯяд:

Туро имрӯз ҳам хоҳанд дар ҳар манзили тоҷик,
Ҷу дорӣ хонаи ҷовид андар ҳар дили тоҷик.
Ту хомӯшӣ, намехонӣ, вале танбӯри ту гӯёст,
Агар чи ҷои ту холист дар ҳар маҳфили тоҷик.

Нақл мекунанд, ки Акашариф дар мадрасаҳо нахондааст, саводи зиёде ҳам надошт, аммо ба зарби меҳнат, кӯшиш ва сайъи ба пешаи эҷодкорӣ ҷиддӣ муносибат доштан, шунидану хондан, аз бар намудани мероси ниёгон ва офаридаҳои беҳтарини муосирон ҷаҳони маънавиашро сайқал дода ба пирӯзиҳо расидааст.

Вақте ки сухан аз фаъолияти эҷодии Акашариф меравад, дӯсти ҷонии ӯ Боқӣ Раҳимзода ба Мирзо Турсунзода изҳор мекунад:

—Мирзоҷон, кошкӣ шоирони номии мо ба мисли ҳофизи халқӣ Акашариф Ҷӯраев шеърдону адофаҳм мешуданд. Акашарифатон аз ҳад бешумор шеър медонад, ҳазорҳо ғазалҳои классикӣ, садҳо байтҳои халқиро дар ёд дорад ва бо шавқу маҳорат онҳоро месарояд,- гуфт бо эҳтироми том Боқӣ Раҳимзода.

—Падарам нишонгари шеъри хуб буд.- мегӯяд Дарвозӣ,- рӯзе шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ меҳмони мо шуду пас аз сӯҳбати тӯлонии эҷодӣ ва инсонӣ дар вақти хайрхуш ба падарам гуфт:

—Акашариф, ман салиқаи шеъринтихобкунии Шуморо медонам

ва бароятон як ғазале навиштаам, пагоҳ мефиристам.

—Пагоҳ шуду падарам маро зуд ба хонаи Раҳимӣ фиристод— гуфт Дарвозӣ.—Шеъри ваъдагиро овардаму нонишаста онро ба падарам хондам, ӯ бошад, аз як шунидан он шеърро аз бар намуду оҳанге баст. Рӯзи дигар бастакор Зиёдулло Шаҳидиро даъват намуд, ки он таронаи навэҷодашро бишнавад. Суруд ва оҳанг ба Шаҳидӣ писанд омад. Ҳамин тавр, суруди машҳури "Маҳбубаи ҷон", ки матнаш аз Муҳаммадҷон Раҳимӣ буд, дар ду рӯз корбаст шуд ва ба хазинаи тиллоии сурудҳои тоҷикӣ дохил гардид, гуфта нақлашро тамом кард Дарвозӣ.

"Ҷӯянда-ёбанда аст",— мегӯянд, ки ҳақ асту рост. Ана ҳамин тавр Акашарифи беқарору ҷӯянда шоҳроҳи худашро дар зиндагӣ ёфтааст. Ӯ ҳамчун вакили арзандаи халқаш санъати онро борҳо дар Москва - дар театри калони СССР, Эрон, Афғонистон, ҷумҳуриятҳои миллии Иттифоқӣ сарбаландона намоиш дод ва ба унвони баланду мукофотҳои олӣ ноил гардида буд. Бесабаб нест, ки барҷастатарин ходимони давлатӣ, илм ва фарҳанги Тоҷикистон ба Акашариф назари эҳтироми олӣ доштанд. Ман пеш аз ҳама азизони халқ Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуровро дар назар дорам. Боре нақлеро дар ҳафтавори "Адабиёт ва санъат" хонда будам: Бобоҷон Ғафуров ба Аълохон Афсаҳзод мефармояд, ки корректураи "Тоҷикон"-ро хонад. Он вақт аз чунин асар эҷод кардани устод Ғафуров камтар касон хабар доштанд.

Аз мутолиаи "Тоҷикон" ба ваҷд омада, шӯҳрат ёфтани он шоҳасарро пешгӯӣ намуда, аз Бобоҷон Ғафуров иҷозат мепурсад, ки дар ҳаққаш мақолае бинависад. Бобоҷон Ғафуров суханони олими он вақт ҷавонро бо диққат гӯш мекунад ва маслиҳат медиҳад, ки "агар хоҳед, ки дар бораи ман чизе нависед, майлатон, фақат як шарт, Шумо Акашариф Ҷӯраевро мешинохтед, ана ҳамон кас чун ҳофизу мутриб барои халқ қариб 60 сол хизмат кард, аммо ҳозир аз хотирҳо фаромӯш шудааст, аввал дар бораи ҳамон кас як очерки олиҷаноб менависед, мебиёред, ҳамроҳ мехонем, баъд навбати ман. Аммо ин супориши устод Ғафуровро ман бо ҷо оварда натавонистам" - навишта буд ҳафтавор аз номи олим. Мо баъд 90-солагии зодрӯзи Акашариф Ҷӯраевро ҷашн гирифтем.

Садриддин Айнии бузургвор ҳам ҳунари нотакрори Акашариф Ҷӯраевро гавҳаршиносона эътироф карда, навишта буд: "Санъаткори машҳури халқи тоҷик Шариф Ҷӯраев анъанаи устод Рӯдакиро аз худ акс мекунонад ва бо панҷтор ва танбӯри садафкории худ шеърҳои классикона мегӯяд". Алҳақ рост аст.

Имрӯз аз ҳунари Акашариф Ҷӯраев сухан меронему лаҳзаҳои нотакрори зиндагӣ ба хотирам меоянд.

Шомгоҳи якуми май аввалҳои солҳои 80-ум дар саҳни ҳавлиам гардиш доштам. Дидам, ки ҳамсояам - шоир Мӯъмин Қаноат ҳам сайри гулзор мекунад. Назарамон ба ҳамдигар бархӯрду зуд пурсупос

намудем. Ӯро ба рӯи кати кунҷаки боғамон хондам. Фарзандон нону чой оварданд. Сӯҳбатамон ҳанӯз қӯр нагирифта, писарам Орзумурод як табақ газак ва як шиша шароб оварда рӯи дастурхон гузошт, баъд қоматашро рост карда гуфт:

—Ин шароби оддӣ нест, балзами тоҷикии "Шифо"-ихтирои тозаи шаробпазони тоҷик аст, як чашетон канӣ, чӣ тавр аст? Дар иди май бе май нишастанатон масза надорад, - гуфт ӯ ва баргашта рафт.

"Шифо"-и тоҷикиро, ки таркибаш аз бисту нӯҳ гиёҳҳои давоии кӯҳӣ иборат буд, чанд ҷуръагӣ нӯшидему андаке сархуш шудем. Писарам магнитофончаро низ бо фиттаи (касетаи) "тозанавис" кардаам оварда. Соат қарибиҳои дувоздаҳ шуда буд. Дар фитта сурудҳои чандин нафар ҳофизони писандида, аз ҷумла яке аз сурудҳои Акашариф Ҷӯраев "Қалъабандӣ" низ сабт гашта буд. Чандин бор он сурудро шунидем. Акнун ақрабаки соат аз дуи шаб ҳам гузашта буд. Аммо аз кашиши насими форами фасли моҳи май ва нашъаи майи шифобахши тоҷикӣ ва суруди Акашариф Ҷӯраев дил канда наметавонистем. Сӯҳбатамон дар мавзӯи мероси бебаҳои эҷодии Рӯдакӣ, Хайём, Ҳофиз ва санъати Малика Собироваю Маҳмудҷон Воҳидов буд. Зиёдтар аз санъати нотакрори овозхонии Ҳоҷиабдулазиз Расулов, Содирхони Ҳофиз, Шоҳназар Соҳибов ва Акашариф Ҷӯраев сухан мерафт. Сӯҳбат чунон дилнишин, чунон ҷаззоб буд, ки гузаштани вақтро ҳис намекардем. Хӯрданиҳову нуқлҳо тамом шуданд. Аҳли хонаводаҳо масти хоб шуданд. Акнун ба чунин қарор омадем: пайки навбатии "Шифо"-ро, ки нӯшидем, суруди Акашарифро ба ҷои нуқл газак мекунем. Ҳамин тавр ҳам шуд. Як ҷуръа "шифо" менӯшидему суруди Акашарифро гардон мекардем. Чунон эҳсос мешуд, ки акнун мо дар саҳни боғ на ин ки ду тан, балки се тан-се тани ҳамқадаҳу ҳамроз ҳастем ва секаса аз нашъаи боди форами баҳори кӯҳистон, нӯшоби гиёҳҳои шифобахши ҷангалистон, оҳангу сурудҳои дарвозиву қаротегинӣ баҳра мебарем, ки ин аз олитарин мукофотҳои қисмат буд гӯем, хато намешавад.

Ҳамон шаб суруди номбурдаи Акашариф Ҷӯраевро бист-сӣ бор гӯш кардем. Ҳар бор, ки суруд аз нав шунида мешуд, мо ҷилоҳои нави оҳангу сурудро дарк менамудем ва беихтиёр бо сароянда ҳамовоз шуда, онро месупурдем. Аз он замон то имрӯз солҳои зиёд гузаштанд. Аммо ҳанӯз ҳам нашъаи замзамаи Акашариф Ҷӯраев, овозу лафзи шакарбору хурӯши танбӯри ӯ ва нидоҳои каломаш дар вуҷудам танинандоз аст:

Ҳурмати дастори Ҳофизро бидор, эй, майфурӯш,
Ҷуз ҳамин кӯҳна надорад ҳеҷ дастори дигар...

Дар фуроварди сӯҳбат, ки бештар ба навозандагии Акашариф оид буд, мо ҳарду эътироф кардем, ки Акашариф аз созҳои мусиқӣ дутор ва думбураро хубтар менавохт. Ниҳоят аз Мӯъминшо пурсидам:

—Чунин эҳсоси баланду самимияти сӯҳбатамон ва чунин кайфияти нотакрор аз чӣ буд? Аз ҳунари волои Акашариф ё аз "Шифо"-и тоҷики?

Мӯъминшо гуфт:

—Ё аз ҳар ду, ки ҳар ду ҳам шифобахшанд.

Рӯзе дар зери таассуроти сурудҳои Акашариф ба корхона омадаму гӯшаки радиоро тофта, ба кор андохтам. Аз фазо овози ҳунарпешаи мардуми шӯравӣ Тӯҳфабону Фозилова меомад. Вай суруди "Субҳи Кобул"-ро месароид. Аз чӣ бошад, сурудро гӯш мекардаму мусофирати соли 1966 ба Афғонистон кардаам ба хотирам меомад. Он сафар ҳам дар моҳи май сурат гирифта буд. Дастаи синафараи ҳунарварони Тоҷикистон ба рӯзи истиқлолияти Афғонистон даъват шуда буданд. Дар байни даъватшудаҳо Ғаффор Валаматзода, Ҷӯрабек Муродов, Шоиста Мулоҷонова, Зебо Аминзода, Азиза Азимова, Ойдиной Усмонова, Мӯътабар Иброҳимова, Маҳмудҷон Воҳидов, Зӯҳро Каримова, Боймуҳаммад Ниёзов ва дигарон низ буданд. Сарпарастии ин даста дар ӯҳдаи камина буд. Барномаи ин дастаи ҳунарӣ беҳтарин ганҷнаҳои халқиро дар бар мегирифт. Роҳбари бадеии дастаи ҳунарӣ Ғаффор Валаматзода суруди "Субҳи Кобул"-и Акашариф Ҷӯраевро ба тарзи сютаи рақсӣ дар хотимаи консертҳо мувофиқ дониста буд, ки онро шунавандаҳо самимона истиқбол менамуданд.

Ҳамин, ки барандаи барнома шодравон Маҳмудҷон Воҳидов номераи хотимавиро "Субҳи Кобул",- коркарди Акашариф Ҷӯраев, шеъри Зиё Қоризода,- гуфта, эълон мекард, толор ба ваҷд омада, аз ҷой хеста, кафкӯбӣ мекарданд. Навозандагон бо сардории бастакор Одилҷон Назаров, ҳофизон бо сарварии Бомуҳаммад Ниёзов, раққосаҳо таҳти раҳнамоии Азиза Азимова саҳнаро ба ҳунаробод табдил дода, базмро осмонкаф менамуданд. Тамошочиён бошанд, беист бо кафкӯбӣ қадами ҳунармандонро гулборон намуда, бо нидоҳо "аҳсан", "офарин, офарин" ва ғайра таҳсину таҳният гуфта, қаноатмандии худро изҳор мекарданд. Баъди итмоми консерти шаби аввал, ки вазири онвақтаи иттилоот ва култури Афғонистон Усмон Сидқӣ, шоирони номӣ Зиё Қоризода ва Абдулҳай Вола ҳузур доштанд, дар хотимаи намоиш ҷаноби Сидқӣ ба саҳна баромаду ба фиристодагони Тоҷикистони дӯсту ҳамсоя миннатдорӣ намуд.

Ӯ гуфт:

—Ҳеҷ гоҳ тамошобини афғониро ба ин дараҷа масруру маҳзуз надида будам.

Қоризода ва Вола аз шӯҳрати Акашариф Ҷӯраев дар Афғонистон изҳори ақида карданд. Зиё Қоризода афзуд, ки Акашариф Ҷӯраев ба шеъри банда оҳанг набаста, ҷон ато намуданд. Бидуни муболиға Акашариф Ҷӯраев ҳунарвари мардумӣ аст ва ромишгари булбулнавост. Пас ӯ гуфт, ки бо мурури замон дар ин суруд суханҳо қадре тағйир ёфтаанд. Вай ваъда дод, ки пагоҳ матни аслро хоҳад оварда. Ӯ чунин ҳам кард. Номи аслии шеър "Қӯҳи баҳмани Кобул" будааст ва дар матнаш ҳам дигаргуниҳое пайдо шуданд, ки онҳоро Маҳмудҷон Воҳидов якҷоя бо Зиё Қоризода ба аслаш мувофиқ намуданд. Дӯстони афғонӣ изҳор доштанд, ки тавлиди худи ҳамин як

суруд чун маҳсули эҷодии Акашарифи тоҷик ва Қоризодаи афғонӣ исботи он аст, ки решаҳои фарҳангии мо амиқ ва як аст, барои ҳамкории фарҳангӣ ва ҳунарӣ майдони васеъ дар оянда ҳам вуҷуд дорад. "Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност".

Ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар бозгашт дар доири ҳунарварони Душанбе борҳо аз комёбиҳои Акашариф суханҳо шунидаам. Борҳо саволҳо додаанд, ки асрори писанди ҳамагон будани санъати Акашариф дар чӣ бошад? Имрӯз ҳам мисли он вақт бо итминони комил гуфта метавонем, ки гиромии санъати ӯ аз як тараф дар истеъдоди фитриву авлодии ӯ бошад, аз ҷиҳати дигар ва бештар дар қобилияти фавқулоддаи ҷӯяндагӣ, меҳнатдӯстии вай аст. Заминаи асосие, ки гулбоғи эҷодии ӯро сабзонда аст- ин хазинаи ҳунари мардумист. Вай бо эҳтироми том санъати халқиро меомӯхт, ӯро такмил медод ва ба соҳибон бармегардонд. Акашариф дар ҳаққи худаш хуб гуфтааст:

То ҷон ба рамақ ҳаст, кунам кор ба халқам,
Ҳам қавламу ҳам аҳдаму паймони ман ин аст.

Бе сабаб нест, ки Акашариф Ҷӯраев аз якуминҳо шуда ба унвони баланди "Ҳофизи халқии Тоҷикистон" шарафёб гардидааст.

Бисоти эҷодии Акашариф Ҷӯраев чӣ дурри бебаҳоест, чӣ гуна мероси бебадал аст, шахсан худам бори дигар онро дар ҳамин рӯзҳо аёнтар ҳис намудам. Навиштани ҳамин қиссаро аз эҷоду рӯзгори Акашариф сар кардаму аён эҳсос намудам. Боре хостам, ки суруду оҳангҳои пурра ба лентаи овоз сабтшудаи ӯро бишнавам. Бо ҳамин мақсад ба писари ҳофиз, дӯсти деринаам Дарвозӣ Ҷӯраев муроҷиат намудам. Ӯ хоҳиши маро зуд иҷро намуду таъкид кард:

—Ака, лентаро эҳтиёт кунед, ки ягона сабти пурраи овози падарам ҳамин аст. Аслан мероси гаронбаҳои падарии мо ҳам ҳамин аст.

Як шаби тамом бо лентаи овоз "саропеч" шудаму баъд ба навиштани ҳикоёт ғутта задам. Пас аз чанд рӯз хостам, ки сурудҳои Акашарифро бори дигар шунаваму лаззат барам. Лентаро меҷустаму вале намеёфтам. "Наход, ки касе гирифта бошад? Наход, ки онро наёбам? Охир ба писари Акашариф чӣ ҷавоб медиҳам? Шояд гумон барад, ки амонат ба гирдоби хиёнат рафтааст",- чунин фикрҳои хиҷилкунандаи мағшуш гаштаю баргашта дар майнаам чарх мезаданд. Пас аз ҷустуҷӯи тӯлоние рӯзи дигар кассетаро аз байни газетаҳову китобҳо ёфтам. Ёфтаму ҳамон замон андешаҳои дигар майнаамро такон доданд: "Чӣ сон бо мурури замон ҷамъият ноаён пеш меравад, чӣ сон қудрати ихтироъкории инсон инкишоф меёбад. На ҳама вақт мо аниқ дарк менамоем, ки дар чӣ замон умр ба сар мебарем? Акнун дар рӯзгори мо радио, телевизион, магнитафон санъати кино барин кашфиётҳои беназир барои насли мо васоити урфӣ шуда мондааст. Кошкӣ дар замонҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ чунин воситаҳои сабткунандаи овозу симоҳои онҳо вуҷуд медоштанду

мо имкон пайдо мекардем, ки тарзи гуфтору тариқи рафтори симоҳои барои мо бениҳоят мӯътабарро медидем, бо онҳо ҳамрозу ҳамовоз мешудем. Акнун мо бояд шукрона кунем, ки комёбиҳои бемисли хиради инсонӣ ба мо имкон медиҳанд, ки баъди фавташон ҳам овозҳои устодони ҳунар, донишмандон, эҷодкорони асили миллӣ—Айнӣ, Турсунзода, Раҳимзода, Пайрав, Деҳотӣ, Акашариф баринҳоро бишнавем, бо зиндагиву бисоти эҷодиашон ошно шавем. Ҳайфо, ки аз ин имконият камтар истифода мебарем.

Андеша дорам, ки ташкилотҳои дахлдори ҷумҳуриамон ба ҳамин ҷиҳати масъала-масъалаи ба воситаи лавозимотҳои техникӣ сабт намудан ва ба қадри қазоӣ тарғиб намудани бисоти эҷодии истеъдодҳои бузургамон аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Магар мо аз зиндагиву фаъолияти эҷодии ходимони барҷастаи фарҳангамон – Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Ғафуров, Пайрав, Раҳимӣ, Деҳотӣ, Муҳаммадиев, Суҳайлӣ, Боқӣ Раҳимзода,Шукӯҳӣ, Шаҳидӣ, Бобоқул Файзуллоев, Акашариф Ҷӯраев ва дигарон, ки инак дар қайди ҳаёт нестанд, сабти аксу овози онҳоро дорем? Не! Ин ганҷинаро пур кардан мумкин аст. Авлодон аз ин хизмат сипосгузор хоҳанд буд.

Ёд дорам, соли 1966 ҳангоме муовини аввали вазири маданияти ҷумҳурӣ будам, маслиҳат шуд, ки Акашарифро бо зодрӯзаш табрик гӯям. Ба воситаи телефон мақсадамро ба соҳибҷашн фаҳмондам.

Акашариф миннатдорӣ изҳор намуда гуфт:

—Холмуроди ҷун, як шарт ҳаст. Табрикат қабул, агар ба хона биёӣ, янгаат оши пӯстдумбадор дам кардагӣ. Ошро мехӯрем, табрик қабул, худат ҳам озод.

Фурсате нагузашта ба хонаи Акашариф омадам. Акашариф дами дари ҳавлиаш маро роҳ мепоид. Шиму кители хокистаррангаш, ки як навъ дӯхти маҳаллӣ дошт ва попӯши урфиаш ба қомати лоғар, қаду болои мӯътадил, риши тоза тарошида, мӯйлаби ороста миқроссада ва тоқии чоргули наппа-нави раҳҳояш ношикаста ба ҳамдигар басе мезебиданд, чашмони мешиаш медурахшиданд. Ба назар як марди панҷоҳсола менамуд. Шумо гумон намекардед, ки бо пирамарди ҳафтодсола мулоқот доред. Ӯ маро ҳамроҳи додарарӯсаш Манзар Шарифов гарм истиқбол гирифта, ба ҷои худаш муносиб шинонд. Фосилаи зиёде нагузашта, пас аз пурсу посҳои урфӣ завҷаи Акашариф янгаи Ҷаҳоноро табақи ҳавлдори ошро бардошта ба хона даромад. Акаи Манзар омадани табақи ошро дида лутф намуд!

—Имрӯз оши шоҳона мехӯрдем-дия.

Акашариф бошад, баланд хандиду зарофатомез гуфт:

—"Худо хоҳад" гӯй, ки боз ошхӯрии ту ҳам ошхӯрии Аҳмади бухорӣ барин нашавад.

Янгаи Ҷаҳоноро ошро ба дастурхон гузошту "бигирен, садқатон бишавам",- гуфта аз хона баромад.

Ош дар ҳақиқат ҳам болаззат пухта шуда буд. Онро ҳама бо иштиҳо хӯрдем. Газакҳо ҳам хубу гуворо буданд. Шароби арғувонии

бобоӣ, ки зам шуд, ба сӯҳбат фурӯғи тоза бахшид.

Ҳанӯз ошхӯрӣ давом дошт, ки тағоии Манзар шояд сер шуда буд, ба Акашариф муроҷиат намуд:

—Язна, ошхӯрии Аҳмади бухороиро ба ёд овардиву нақл накардӣ. Вай чӣ сон ошхӯрӣ будааст?

Акашариф бурутҳояшро бо рӯймолча пок карда, бо дастонаш маънидорона онҳоро тоб дод ва табассуме намуду гуфт:

—Яъне ошхӯрии Аҳмади бухороиро нақлатон бикунум? Ина бишнавед.

—Рӯзе Аҳмади камбағал бо заҳмати зиёде биринҷу гӯшту равған меёбаду ба занаш медиҳад, ки ош пазад. Ош пухта мешавад ва завҷааш тавақ дар даст ба хона медарояд. Аҳмади гуруснаву муштоқи ош ба рӯи занаш маънидор нигариста "очеш, имрӯз ош мехӯрдемдия"—мегӯяд. Занаш бошад дар ҷавоб "саросема нашавед, Худо хоҳад гӯед мардак",—мегӯяд. Шавҳар бошад "эй зани нодон, ош, ки дар дастархон аст Худо хоҳадам мехӯрем, нахоҳадам"-мегӯяд.

Мардак суханашро тамом накарда даст ба тавақ дароз мекунад. Ҳамин дам дар кӯфта мешаваду сарбози амир "ин хонаи Аҳмад аст?"—гуфта медарояд. Аҳмади шӯрбахт ягон луқма ош нахӯрда, пешопеши сарбоз мешавад. Ду моҳ мегузарад, маълум мешавад, ки гуноҳро дигар Аҳмад содир кардааст.Аҳмади камбағал ҷавоб шуда бемаҳалии шаб дари хонаи худро мекӯбад. Аз даруни хона занаш "ту кистӣ?" - гуфта мепурсад. Аҳмад бошад аз беруни дар гулӯ афшонда, маънидор мегӯяд:

—Агар Худо хоҳад, шавҳаратон мешавам.

Ин ривоят хеле машҳур аст. Аммо тарзи нақли Акашариф ба он ҷилои тоза дод. Ҳама ҳозирон аз ин ширингӯиҳои Акашариф бо завқ гаштаю баргашта хандидем. Акашариф худаш ҳам, ки ба завқ омада буд, афзуд:

—Албатта, ин қиссаро рӯхониҳо баровардаанд, аммо ба ман бисёр маъқул.

Чунин буд дар зиндагӣ Акашариф. Ӯ табъи латифу хулқи инсонпарастӣ дошт. Ӯ ҳам бо сурудҳои сеҳрангезаш, ҳам бо оҳангҳои нотакрораш ва ҳам бо нақлҳои ҷаззобаш мардумро рӯҳбаланд менамуд, онҳоро ба зиндагии ҳалол ба арсаи муқаддаси инсонгарӣ, ба накӯкориву саховатмандӣ ҳидоят менамуд.

Акашариф дар зиндагии мардуми мо нақши рангину нотакрори худро гузоштааст. Ман пеш аз ҳама бисоти эҷодии ӯро дар назар дорам. Ин бисоти ғанӣ бе муҳобот ба гулхане монанд аст, ки бо гузашти айём фурӯзонтар мегардад. Бисёр ҳофизоне гузаштаанд, ки баъд аз сарашон зуд аз даҳон мемонанд, офаридаҳояшон зуд хокистар мешаванд, дигар садо намедиҳанд. Эҷодиёти Акашариф баръакс, ҳар қадар, ки солҳои зиёд гузаранд қурбашон зиёдтар мешавад. Кифоя аст, қайд кунем, ки оҳангҳои бастаи Акашариф дар репертуари намоёнтарин сарояндаҳои тоҷик, аз ҷумла Тӯҳфа Фозилова, Ҷӯрабек

Муродов, Иброҳим Кобулиев, Шоиста Муллоҷонова, Одина Ҳошимов, Зафар Нозимов, Абдулло Назриев, Мастона Эргашова ва дигарон мақоми намоён дорад. Офаридаҳои ҳофизи халқӣ дар доираи беканори ҳаваскорони мардумӣ низ амиқ реша рондааст. Дар яке аз сӯҳбатҳо корманди масъули кунунии маданияти ҷумҳуриятамон Сангалӣ Ҳафизов бо ифтихор иброз дошт, ки ҳаваскорони санъати имрӯзаамон ба Акашариф бо шавқ пайравӣ менамоянд. Аксари дастаҳои ҳунари халқӣ дар барномаҳояшон, ки ба озмунҳои "Бӯстон" ва ғайра пешниҳод менамоянд, аксар оҳангу сурудҳои Акашариф Ҷӯраев дохил менамоянд. Хубии ин кор боз дар он аст, ки ин ҳаваскорони ҳам аз Бадахшону Зарафшон, ҳам аз Дарвозу Кӯлоб, ҳам аз Ғарму Қаротегин ва ҳам аз Самарқанду Хуҷанд ҳастанд. Оре! Ин исботи он аст, ки санъати асиле, ки дар заминаи эҷодиёти мардумӣ рӯида аст, пиригариро намепарварад. Муболиға намешавад агар гӯем, ки Акашариф аз эҷодкорони камшуморест, ки дар ҳунари мардумӣ мактаби худро ташаккул дода, дар он қувваҳои эҷодии нав ба нав сабақ меомӯзанд.

Бемуҳобот, ҳар як оҳангу суруди офаридани Акашариф Ҷӯраев, ки аз омезиши сурудҳои кӯҳистони Ғарму Дарвоз, мавригиҳои Бухоро ва "Шашмақом" таркиб ёфтааст, чун гавҳари рахшон дар мӯҳрашаддаҳои хазинаи санъати овозхонии халқамон шаъшаъа мепошад. Бисёр мушоҳида кардем, ки агар сурудҳои баъзе ҳофизони дигарро ду бор болои ҳам шунавед, истимоъи он малолат оварда, шавқро кунд мегардонад. Аммо ҳунари Акашариф дигар аст. Ҳар қадар сурудҳои ӯро шунавед, ҳамон қадар ба онҳо иштиёқ пайдо мекунед, боз гаштаю баргашта онҳоро шунавам мегӯед. Чи тавре ки устод Рӯдакӣ дар хусуси бӯсаи ошиқ гуфтааст:

Кори бӯса чу об хӯрдани шӯр,
Бихӯрӣ, беш ташнатар гардӣ.

Муҳимтарин ҷиҳати эҷодиёти Акашарифро ман дар он мебинам, ки вай овозашро моҳирона идора менамуд, танбӯрро афсунгарона менавохт ва матнҳои сурудро нуктасанҷона интихоб мекард. Вақте ки ин марди нозукбини мӯъҷизакору табъан шӯрангез булбулово навои танбӯри гӯянда, нидои шеърҳои ҳикматангезро соҳирона ба ҳам мепайваст, беихтиёр мафтунаш мешудед. Ҳангоме, ки Акашариф месуруд, илоҷе надоштед, ки ӯро гӯш накунед, хоҳу нохоҳ таслими санъати рӯҳбахши ӯ мешудед. Бисёриҳо ҳунари овозхонии Акашариф Ҷӯраевро баробари насими рӯҳафзои баҳории нерӯдиҳандаи кӯҳистони Дарвозу Қаротегину Бадахшону Зарафшон мепиндоранд, ки ин ҳақ асту рост.

Як имтиёзи равияи ҳунари ҳофизии Акашарифро дар он бояд дид, ки вай омилҳои оптимистии пурқувват дорад, гарчанде ӯ ҳам нолаҳо дорад, дардҳо дорад, аламҳо дорад. Аммо нолаҳояш тобишҳои дигар доранд. Онҳо ошиқона, мардона, зафарҷӯёна мебошанд. Ҳастанд ҳофизоне, ки нолаҳои онҳоро шунида, рӯҳбаланд мекунад, ба набарди

баҳодурӣ, меҳнат, дӯстӣ, накӯкорӣ даъват менамояд.

Вақтҳои охир ҷавонҳое рӯидаанд, ки нисбат ба ҳунари маҳалҳои дигар бо кароҳият менигаранд, онро намеписанданд ва ҳатто паст мезананд. Фақат ашхоси огоҳ медонад, ки гулистон бо рангорангӣ зеб дорад. Акашариф Ҷӯраев аз мақомхонони мумтоз низ буд. Ӯ "Рок", "Наво", "Мискин", "Баёт", "Ироқ", "Дугоҳ", "Талқин", "Муғулчаи Наво" барин сурудҳои "Шашмақом"-ро соҳибҳунарона иҷро мекард, бо Бобоқул-ака Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Зиёдулло Шаҳидӣ ва дигарон қарину дӯст буд. Ин суннатро акнун мисли Ҷӯрабек Муродов камтар касон пос медоранд.

Боз чиҳо гуфтанӣ будам? Аз он рӯзе, ки дар сари тобути Акашариф Ҷӯраев мотам гирифта будем, сиву се сол гузаштааст. Акнун 100-солагии таваллуди ӯро низ ҷашн гирифтем. Агар ҳозир ҳамон нутқи дар маросими дафн кардаамро давом медодам, боз чунин мегуфтам:

—Дӯстон, хешу таборон! Нагирйед, ашк нарезед! Чунин инсон, чунин эҷодкор, чунин шахсияти соҳибэъҷоз ба мисли Акашариф Ҷӯраев таваллуд дораду мурдан надорад, баҳор дораду хазон надорад. Ӯ тавассути офаридаҳои ҷовидонааш асрҳои аср дар дили ҳаводорони санъати баландмақоми халқӣ зиндаву поянда мемонад. Биёед, дӯстони азиз, хешовандони ҷигарбанд, гулбоғи шукуфтаи ҳунари зебои Акашариф Ҷӯраевро аз газандҳои бахилон, тундбодҳои маҳалгароӣ, соҳибмансабони тангназар эмин нигоҳ дорем. Ҳоҷӣ Абдулазиз фақат барои зарафшониҳо насурудааст, ё Содирхон-ҳофиз барои хуҷандиҳову Одина Ҳошим барои кӯлобиҳо эҷод накардаанд... Ҳунари онҳо ба мисли Ҳунари Акашариф сарвати тамоми миллати тоҷик аст. Фаромӯш накунем, ки дар ҳама мавридҳо - ҳам дар шодкомиву ҳам дар нокомӣ каломи шоиру хирадӣ олим, ҳунари дилангези ҳофиз миллатро ба ваҳдат ҳимоя мекунад, муттаҳид менамояд.

Барои Акашариф ҳам ҳисориҳо, ҳам дарвозиҳо, ҳам бадахшониҳо, ҳам қаротегиниҳову зарафшониҳо, хуҷандиҳову хатлонзаминиҳову вахшиҳо баробар меросхӯранд. Биёед, ин меросро ба мисли гавҳараки чашм эҳтиёт намоем, ки накҳати ин гулбоғи ҳунари вай ба димоғи миллионҳо насли оянда бирасад, зеро дар он орзую омоли пок ва васиятҳои инсондӯстонаи Акашарифи булбулово инъикос ёфтааст. Ӯ ба шогирдонаш таълим медод:

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст,

- гуфтаанд бузургон.

Акашариф худ низ бо ҳунари волои хеш бузург буд, бо санъати беҳамтои худ дар сафи абармардони бузурги таърихи ҳунари мо ҷой гирифта буд. Чун каси бузург буд, ба қадри сухани асил мерасид, ҳурмати бузургонро пос медошт.Он рӯзи тирамоҳ мо ӯро ба оғӯши модар -хоки муқаддас супурдем. Замин - модар фарзанди дилбандашро дар синаи худ ҷой дод. Мавлонои Рӯмӣ мефармояд:

Дар баҳорон кай шавад сарсабз санг,
Хок шав,то гул бирӯяд ранг-ранг.

ҲУНАРПАРВАР

Ба наздикӣ, дар назди Вазорати фарҳанги Тоҷикистон, бо дӯстони деринаам олимони номӣ Маҳрам Файзов ва Савлатшо Мерганов вохӯрдам. Вақте ки ҳамроҳи Хушқадам Давлатқадамов дар Академияи ҷамъиятшиносии Москва мехондем, Маҳрам Файзов зуд-зуд хабаргириамон меомад, ҳамчун зиёии хушгуфтор нақлҳои шавқангез мекард ва мо бо ӯ дӯстӣ пайдо карда будем. Баъд аз чандин солҳо ӯ дар Душанбе, дар Донишкадаи омӯзгорӣ вазифаи якумин декани факултети санъатро иҷро мекарду мо бо ӯ ҳамкорӣ менамудем. Бемуҳобот, хизмати Маҳрам Файзов дар ташкил намудани Донишкадаи санъати ба номи М.Турсунзода боиси таҳсин аст. Мо, ки дер боз якдигарро надида будем, Маҳрамҷон маро хушҳолона пешвоз гирифту гуфт, "Холмурод-ака, хуб шуд, ки шуморо дидам,— мо ба ҷашни устод Меҳрубон Назаров тайёрӣ мебинем, бахшида ба он сана нашри китоберо ҳам ба нақша гирифтаем, шумо, ки бо шодравон ҳамкор будеду аз наздик ӯро медонистед, мехоҳам хотираҳоятонро бинависед.

—Бале, Маҳармҷон,хуб гуфтед, Меҳрубон Назаровро нағз медонам ва супориши шуморо бо ҷону дил иҷро менамоям.

—Барои аввал бо Меҳрубон Назаров соли 1954 дар яке аз анҷуманҳои комсомолони Тоҷикистон шинос шуда будам. Дар он анҷуман ман аз номи вакилони собиқ вилояти Ғарм баромад намуда, дар қатори масъалаҳои пешниҳод кардаам, масъалаи тарбияи эстетикӣ ва вазъияти театри вилоятро бардоштам. Дар танаффус ҷавонмарди хушнамуд ба ман даст дароз карда,- ман Назаров, -муовини вазири маданияти ҷумҳурӣ,- аз баромадатон хушам омад. Шумо ягона вакил будед, ки дар бораи театру ҳаёти маънавӣ сухан гуфтед, раҳмат ба шумо. Мо ҳатман ба театри шаҳри Навобод кӯмак мерасонем,- гуфт ӯ бо лаҳни хушу зиёиёна ва афзуд,- агар вақт ёбед, ба Вазорати маданият биёед, дари мо ҳамеша ба рӯи шумо боз аст...

Аз он мулоқот таассуроти хуб пайдо намудам. Аммо, он вақт ман аз кучо медонистам, ки баъд аз сенздаҳ сол қисмат маро бо ин арбоби намоёни фарҳанг, инсони наҷиб,ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, ба ҳамкорӣ мепайвандад?

То ба вазорат омадани Меҳрубон Назаров ман бо шодравон Мирзо Раҳматов - шахси соҳибтаҷриба, дунёдида ва ташкилотчӣ фаъолият доштам. Дар ҷумҳурӣ ва берун аз он хизматҳои шоён кардааст, ки боиси таҳсин аст. Вале, Меҳрубон Назаров шахсияти дигар буд, гумон мекардӣ, ки модараш ӯро фақат барои фарҳанг таваллуд кардааст. Чаро ин тавр мегӯям? - Барои он ки ҳанӯз то бо ӯ ҳамкор буданам, дар яке аз маъракаҳои бузурги ҷумҳурӣ ҳунарнамоии вайро дида қоил шуда будам. Дар бӯстонсароии ҳукумати пойтахт, ба муносибати як санаи муҳими таърихӣ - маросими қабулу зиёфати расмӣ ороста шуда

буд. Ҳунарварони номӣ - Тӯҳфа Фозилова, Ҳанифа Мавлонова, Ашӯра Носирова, Раъно Ғолибова ва дигарон басо хуш ва аъло ҳунарнамоӣ мекарданд. Шабнишинӣ (маҳфил) рӯҳбаландона сурат мегирифт. Дар маърака Назаршо Додхудоев (раиси ҳукумати онвақтаи ҷумҳурӣ) раисӣ менамуд, ки ногаҳон сарвари Тоҷикистон- Котиби аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев баландгӯякро аз дасти ӯ гирифту гуфт:— Дӯстони азиз, ба минбар муовини вазири фарҳанг Меҳрубон Назаровро даъват, менамоям,- агар то ӯ монологи Незнамовро аз спектакли "Дод аз дасти ақл" ("Горе от ума")-и Грибоедов иҷро накунад, хумори ман намешиканад,- марҳамат, ба минбар Меҳрубонҷон,- гуфт ӯ бо рӯҳбаландӣ.

Меҳрубон Назаров - "хоҳиши мӯҳтарам Турсун Ӯлҷабоевро бо дилу ҷон иҷро мекунам", гуфту ба қироати монологи номбурда пардохт. Вай бо рӯҳбаландии том, забони бурро, овози фораму дилнавоз, маҳорати ба худ хоси ҳунарварӣ, ҳаркатҳои шавқангез нақши Незнамовро пешкаши ҳозирин намуд. Турсун Ӯлҷабоев ва ҳозирон аз ҷойҳояшон хеста ба Меҳрубон Назаров кафкӯбии бардавом намуданд. Ҳамагон, ки ба ҷойҳояшон нишастанд, боз Турсун Ӯлҷабоев микрофонро аз дасти Назаршо Додхудоев гирифта, даъват намуд, - биёед, азизон, ин қадаҳро ба шарафи Меҳрубон Назаров ва санъати беҳамтои тоҷик бинӯшем!

Бояд махсус қайд кунам, ки Турсун Ӯлҷабоев шахси сабукрафтору сабукгуфтор набуд ва он гуфтаҳояш дар ҳаққи Меҳрубон Назаров бемуҳобот ва самимӣ буданд, зеро Меҳрубони ҳунарвар ба чунин ситоиши сарвари Тоҷикистон меарзид. Яке аз донишмандони намоёни миллати мо - Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон фарҳангшинос профессор Аълохон Афсаҳзод барҳақ мегӯяд:

—Ман дар давоми зиндагиам бо чанд вазири маданияти Тоҷикистон вохӯрдаам ва бо сабаби он, ки бо артистон, овозхонҳо, ромишгарон, мутрибон ва раққосаҳо ҳамкорӣ доштам, аниқтараш мухлис ва ҳаводори онҳо будам, бо он вазирҳо мулоқоту баҳсҳо доштам. Аз байни ҳамаи вазирони маданият, ки ман бо онҳо кордор шудаам, Меҳрубон Назаров шахсе буд, ки гӯё Худованд ӯро аз ибтидо вазири маданият офарида бошад. Вай каси дорои маданияти олӣ, донишманд, суханоро, бо чеҳраи башшош, чашмони ҷаззоб, ботини зебо, хушвохӯрду самимӣ буд, бо аҳли санъат - ба хурдон падарвор ва бузургсолон чун бародар рафтор мекард. Аммо муносибати Меҳрубон Назаров бо артисти мардумии ҷумҳурӣ Гурминҷ Завқибеков ба иншои як китоби махсус меарзад. Меҳрубон Назаров гӯё падари Гурминҷ Завқибеков маҳсуб меёфт. Чанд асари драмавии Меҳрубон Назаров ба саҳна гузошта шуда буд. Эродҳои танқидиро бо сипосгузорӣ мепазируфт. Чанд соле, ки ӯ мушовири шоҳи Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ буд, дар Афғонистон театри ҳақиқии реалистӣ бунёд кард. Мо намоишномаҳои "Шоми зиндагӣ" ва "Хирс"-ро дар Душанбе бо завқ тамошо карда будем. Усмон Мадёров, Азиза Азимова, Ҳоҷиқул

Раҳматуллоев ва Шамсӣ Қиёмов дар Афғонистон барои ташкили оркестри симфонӣ, ансамбли рақс ва инкишофи ҳунари актёрӣ хизматҳои арзанда кардаанд. Аммо дар театри "Кобулнандорӣ" Меҳрубон Назаровро чун устоди худ мешинохтанд. Ҳафизуллоҳ Хаёл, Рухшона, Зиё Қоризода, Бесид, Залонд ва дигарон бо як эҳтироми хос Меҳрубон Назаровро чун устоди барӯманд ёд мекарданд. Солҳое, ки Меҳрубон Назаров ректори Институти ҳунарҳои зебои Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода буд, ғамхории ӯ нисбат ба ҳунар ва санъат боз ҳам бештар ҳувайдо гардид. Он кас чандин нафар соҳибистеъдодиро сарфи назар аз баҳои ғайриқаноатбахшашон аз фанҳои ҷамъиятшиносӣ ба институт пазируфтанд, ки онҳо имрӯз маҳфилу сахнаҳоро зеб медиҳанд...

—Дар боло, ки сухан аз вазирии Мирзо Раҳматов ва Меҳрубон Назаров – дар Вазорати фарҳанг рафт,- чанд сухани дигар дар ин бобат гуфтаниям:

Мирзо Раҳматов, бешубҳа, марди покдил, ватанхоҳ ва ташкилотчии бомаҳорат буд, дар вазифаҳои муҳими ҳизбӣ-давлатӣ муовини раиси Шӯрои Вазирон, раиси Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон ва ғайра бад кор накардааст. Вале дар Вазорати маданият, гарчанде кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод, худашро наёфт. Ба ҳамин сабаб вай ба ташкилотҳои махсуси болоӣ муроҷиат кард, ки ӯро ба кори дигар гузаронанд. Солҳои охир вай сафири СССР дар Яман ва Мавритания буд, ёдаш ба хайр . Меҳрубон Назаров бошад, аз қадамҳои аввалаш ҷои худашро дар ин соҳа зуд ёфт, чун вазири фарҳанг, ба мисли моҳии ба оби соф сардода буд. Зеро ӯ солҳои зиёд дар Бадахшон - дар театри Хоруғ, дар управленияи санъати вилоят, баъд сарвари управленияи санъати ҷумҳурӣ, муовини вазири маданият, дар кумитаҳои радиою телевизион, кинематография ва ғайра кор карданаш ба ҷаҳони маънавии миллаташ ва хусусан санъати касбӣ ворид гашта, фаъолияти босамар дошт.

Баробари вазири фарҳанг таъин шуданаш Меҳрубон Назаров бо арбобони машҳури илму фарҳанг, кормандони ботаҷрибаи театрҳо, филармония, муассисаҳои маданӣ- равшаннамоӣ, осорхонаю китобхонаҳо машваратҳо ороста, ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маҳорати санъаткорон - кормандони театрҳои профессионалӣ, навозандаҳо, сарояндаҳо самаранок кардани робитаҳои кории вазорат бо роҳбарияти иттиҳодияҳои нависандагон, рассомон, бастакорон, мустаҳкам кардани базаи моддии фаъолияти ташкилотҳои фарҳангӣ, баланд бардоштани қурбу қимати заҳмати санъаткорон ва дигар ходимони соҳаи фарҳанг пардохт.

Шояд дар хотири бисёриҳо ҳанӯз ҳам бошад - анҷумани бошукӯҳи якуми кормандони соҳаи фарҳанг, ки бо ташаббуси Меҳрубон Назаров ва дастгирию иштироки раиси Ҳукумати онвақтаи Ҷумҳурӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров баргузор шуда буд, бемуҳобот моҳияти муҳими таърихӣ дошт. Мутаассифона, он анҷуман анҷумани аввалину охирин будааст,

гарчанде вакилони он - аз ҳар гӯшаҳои Тоҷикистон - Ҳисор, Вахшу Қаротегин ва Бадахшону Хуҷанду Зарафшон қарор дода буданд, ки дар ҳар ду сол гузаронидани чунин анҷуманҳо ҳукми анъанавиро дошта бошанд.

Дар замони вазирии Меҳрубон Назаров фарҳанги миллии тоҷик инкишофи назаррас ёфт. Масъалаҳои ташкил намудани театри ҷавонони овозадори мо ба номи Маҳмудҷон Воҳидов ва ба кор андохтани донишкадаи санъат дар пойтахт, фаъолияти ансамблҳои "Лола", "Гулшан" ва ғайра дар ҳамон вақт ба вуқӯъ пайваст буданд. Як зумра ҳунарварони ҷавон ба мисли Малика Собирова, Ҷӯрабек Муродов, Маҳмудҷон Воҳидов, Зебо Аминзода, Майсара Дилдорова дар ҳамон солҳо шӯҳратёб гардида буданд:

Меҳрубон Назаров дар байни ходимони намоёни фарҳанг эътибори хоса дошт. Ғаффор Валаматзода, Тӯҳфа Фозилова, Абдусалом Раҳимов, Аслӣ Бурҳонов, Ҳанифа Мавлонова, Лутфӣ Зоҳидова, Аҳмад Бобоқулов, Ҷӯрабек Муродов, Нуқра Раҳматова барин симоҳои машҳури санъати мо зуд-зуд ба назди ӯ меомаданд ва дар ҳалли масъалаҳои доғи рӯз бо ӯ маслиҳатҳо меоростанд. Борҳо аз забони Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Борис Кимёгаров барин арбобони барҷастаи фарҳангамон ба унвони Меҳрубон Назаров суханҳои нек шунидаам, ки аз фаъолияти босамару шахсияти наҷиби ӯ дарак медиҳад.

Эҳтирому эътирофи шахсияти волои инсонӣ ва хислатҳои эҷодгариву бунёдгарии ӯро аз забони арбобони намоёни фарҳанги хориҷӣ низ шунидаам. Соли 1966 ба Афғонистон сафари расмии хидматӣ доштам. Мулоқотҳои мо бо аҳли кишвари ба мо ҳамсоя ва дӯст - дар Кобул, Қундуз, Қарға, Пағмон, Ҷалолобод сурат гирифта буданд. Ба ҳар куҷое, ки мерафтем ва вақто ки ҳунарварон медонистанд, ки мо аз Тоҷикистонем, фавран аз Меҳрубон Назаров, Азиза Азимова, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев ва Шамсӣ Қиёмов пурсон мешуданд. Чеҳраҳои ба мардуми мо ошно-Абдуқаюми Бесид, Муҳаммад Қосим, Одил Шафеӣ, Муҳаммад Хохужӣ гаштаю баргашта аз Меҳрубон Назаров ва дигарон, ки дар Афғонистон барои буёнди муассисаҳои нави касбии ҳунарӣ - театру ансамблҳо, тайёр кардани мутахассисон хизмати зиёде кардаанд, бо некӣ ёдовар мешуданд. Ҳунарварони санъати саҳнавӣ, аз ҷумла Абдуқаюм Бесид, Ҳамид Ҷило, Одил Шафеӣ ва дигарон гаштаю баргашта аз ман хоҳиш менамуданд, ки ба Меҳрубон Назаров салому паёми онҳоро расонам. Онҳо ба ман мегуфтанд,- Меҳрубон Назаров - ҳамчун устод, режиссёр, донишманди ҳунарҳои зебо, бароянда нафақат сеҳри ҷаҳони ҳунар - саҳнаи театрро кушод, бештар аз он, аз худ ба мо мактаби махсус - мактаби тамизу одоб, одаму инсонгарӣ, лутфу эҳсони дӯстиву рафоқатро мерос гузошт. Чунин хушгӯиҳоро ба унвони Меҳрубон Назаров аз забони шоирони номии афғон - Зиё Қоризода, Абдулхайри Вола ва Бориқ Шафеӣ низ шунидаам.

Дар ҷумҳуриҳои бародарии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ низ Меҳрубон Назаров дӯстони зиёд дошт, ки ӯро ҳамчун ходими давлатӣ ва марди фарҳангӣ беҳад эҳтиром менамуданд. Яке аз чунин дӯстони қадрдон ва ҳамкасби ӯ академик Воҳид Зоҳидов-вазири маданияти Ӯзбекистон буд. Зоҳидов дар Даҳаи адабиёту санъати Ӯзбекистон, ки дар кишвари мо баргузор гардида буд, фарҳангиёни мамлакаташро сарпарастӣ менамуд. Дар яке аз он рӯзҳои Даҳаи номбурдашуда Меҳрубон Назаров дӯст ва ҳамкори ӯзбекистониаш Воҳид Зоҳидовро ба хонааш хонда "ҳаққӣ намак" кард, Маро низ ҳамроҳи меҳмони азиз ба сари дастархони пур аз нозу неъматаш пазируфт. Аҳли хонаводаи Меҳрубон Назаров меҳмони олиқадрро хеле хуш ва бо эҳтироми том қабул намуданд. Гумон мекардед, ки меҳмони азиз аз Ӯзбекистони бародарӣ Воҳид Зоҳидов шамъ асту Меҳрубон Назаров, ҳамсараш Нодирабону, духтараш Меҳрӣ, писаронаш Назар ва Далер парвонаанд. Дар хотимаи меҳмоннавозӣ академик Зоҳидов ба эҳсос омада чунин гуфт:

—Хушбахтам, ки имрӯз нону намаки шумо насиб шуд. То ҳанӯз тааҷҷуб мекардам, ки чунин хислатҳои латифи инсонии дӯстам Меҳрубон - ҳалимӣ, самимияти том, муомилоти дилангез, вафодорӣ аз куҷо бошад? Имрӯз, ки аз лутфу марҳамати соҳибхона Нодирабону баҳраманд шудам, ба саволҳоям зуд ҷавоб ёфтам. Илоҳо, дилҳоятон аз чароғатон мунаввартар бошад...Акнун чанд сухане ба унвони дӯсти азизам Меҳрубон Назаров. Бемуҳобот, ӯ дар байни вазирони фарҳанги ҷумҳуриҳои Шӯравӣ яке аз беҳтаринҳост. Ҳар бор, ки дар коллегияҳои Вазорати фарҳанги СССР, дигар машваратҳои байналхалқӣ баромади бародарам Меҳрубонро мешунавам, ифтихор мекунам, ки аз Осиёи Миёна чунин нотиқи худодод дорем - ҳар суханаш дар мизони ақлу хирад даркашида, бомантиқ, ҷилодор ва нишонрас. Бешубҳа, ӯ яке аз беҳтарин донишмандони санъати халқҳои Осиёи Миёна ва Шарқ аст.

Ҳақ бар ҷониби академик Воҳид Зоҳидов. Тасдиқи суханҳои вай - асарҳои ба соҳаи фарҳанги тоҷик бахшидаи Меҳрубон Назаров, асарҳои бешумори ба саҳна гузоштааш ва песаҳои драмавии бо маҳорат навиштаи ӯ низ мебошанд. Ман китобҳои Меҳрубон Назаров "Санъати халқи тоҷик", "Бародарии маданиятҳо", асарҳои саҳнавии ӯ "Орзу", Дасти дӯст", "Пайраҳаҳои оташин" ва ғайраро дар назар дорам.

МӮЙСАФЕДИ ДИЛСАФЕД

Ба қарибӣ дар яке аз рӯзҳои баҳорию офтобӣ мо чанд тан ҳамкорон ба маъракаи яке аз дӯстон мерафтем. Роҳгум задем. Суроғаи даркориро ба зудӣ наёфтем. Номнависи кӯчаҳоро бо диққат мехондем, ки ҳавлии матлубро биёбем. Аз кӯчаи ба номи Мирзораҳмат Олимов мегузаштем, ки рафиқи дар барам будагӣ маъзарат хосту пурсон шуд:

—Ако, шумо медонед-мӣ Олимоваш чӣ хел одам буд, ки ин кӯчаро ба номаш мондаанд? Магар вай мансабдори калон буд?

Ман ба рӯи ҳамсафари ҷавонам, ки Мирзоалӣ ном дошт, маънидор нигоҳ кардаму хандидам:

—Якум ин, ки бар хилофи тасаввури шумо кӯчаҳо, мактабҳо ва ҷойҳои дигарро на фақат ба номи мансабдорон, балки бештар ба номи арбобони барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ, ба мисли Ленин, Киров, Ғафуров, Шотемур, Чинор Имомов, Нусратулло Махсум мемонанд. Акнун бошад зиёдтар номҳои арбобони намоёни илму маданиятро мегузоранд, ки хотираашон абадӣ гардад. Дуюм ин ки шумо Мирзоалӣ, дар ҳақиқат Мирзораҳмат Олимовро намедонед, дар бораи он кас чизе нашунидаеду нахондаед. Агар ин тавр бошад, ин хуб нест,- гуфта ба сӯяш синчакорона назар андохтам...

Мирзоалӣ сурх шуду хиҷолатмандона гуфт:

—Не, ако, ман ин хел одамро на дидааму на аз кору бораш шунидаам.

—Ба номи ӯ фақат ин кӯча не, балки омӯзишгоҳи ягонаи рассомии пойтахтамон Душанберо низ гузоштаанд. Малол нашавед, додарам Мирзоалӣ, аммо гӯш кунед. Хуб нест, ки мо худро одами ҳозиразамон, босавод мешуморем, ҳатто дар идораҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, хоҷагӣ кор мекунем, бо мардум сару кор дорем, аммо аз эҷоду қисмати саромадони илму адабиёту санъатамон бепарвоем, тасаввуроте ҳам надорем. Ин гап танҳо ба шумо дахл надорад. Дар байни мо одамони ҷаҳони маънавиашон хароб низ кам нестанд. Онҳо боз шарм накарда худро меросхӯри ҳаққонии фарҳанги қадимии миллатамон мешуморанд.

Суханам ба охир нарасида, ба ҳавлие, ки меҷустемаш, расидем. Рафиқи ҷавони ҳамкорамро, ки сари хам қадам мезад, таскин додам:

—Мирзоалӣ, боз мегӯям, ки гапҳои ман ба шумо сахт нарасад. Як шумо ин тавр нестед, афсӯс,ки дар байни муаллимон, духтурҳо, рӯзноманигорон ҳам касоне ёфт мешаванд, ки ботини маънавиашон хароб буда, зиёдтар ба олуфтагӣ саргарманд, хӯрдану пӯшиданро нағз мебинанд, майли китобхонӣ ва зебопарастӣ надоранд. Онҳоро дар театру кино, консертҳо, шабҳои адабӣ-эҷодӣ, намоишҳои санъати тасвирӣ дида наметавонед. Ман ин дарди диламро ба шумо ҳамчун ба додарам мегӯям.

Мо, ки барои қайди зодрӯзи ҳамкорамон омада будем, тӯҳфаҳоямонро супоридем, ба қатори дигарон суханҳои самимии табрикӣ ҳам гуфтему дар канораи дилхоҳ нишаста, машғули хӯрдани шаробу кабоб шудем. Мирзоалӣ, ки дар барам менишаст, шояд, ки ҳанӯз ҳам дар хиҷолат буд, пас аз шунидани чанд қадаҳҳои табрикӣ ҳалимона ва босамимият боз ба ман муроҷиат намуд:

—Ако, худи шумо Мирзораҳмат Олимовро мешинохтед? Агар малол нашавад ба ман дар бораи он кас каме нақл мекардед.

—Бале, додарам Мирзоалӣ, ман Олимовро нағз мешинохтам, борҳо ҳамсӯҳбаташ будам, ҳатто дар рӯзи ҷашнаш дар ҳавлиаш меҳмон будам, дар бемориаш хабараш мегирифтам. Мирзораҳмат

Олимов яке аз поягузорони санъати тасвирии тоҷик, муборизи ҷасур барои сохтани давлати нав, аз беҳтарин ва дилсӯзтарин фарзандони миллатамон буд,- гуфтам мухтасар дар ҷавоб.

Бо чӣ сабаб он дам ришгаи сӯҳбати ман бо Мирзоалӣ канда шуд, ӯро касе бо чӣ коре даъват намуд, аммо ришгаи фикру хаёли ман дар бораи он марди фидокору ҳунарманд канда нашуд. Беихтиёр симои гарму ҷозибаноки Мирзораҳмат Олимов, рӯи кушоди пуроҷингаш, чашмони калон-калони камнури каме фурӯрафта, аммо дурандеш, ришу бурутҳои урфии бобоӣ, марди ҳузарби тӯпии чоргули "чустӣ" дар сар, костюми сиёҳ дар бар, ордени Ленин ва нишони ҷоизаи мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ сари сина задагӣ, табассум дар лабон пеши назарам ҷилвагар гардид.

Он лаҳза гаштаю баргашта дафтари хотиротро рӯйгардон менамудам, ки кай ва дар куҷо бори аввал бо Мирзораҳмат Олимов мулоқот доштам? Ёфтам, бори аввал бо ин марди наҷиб соли 1966 дар Вазорати маданияти ҷумҳурӣ дучор шуда будам. Он вақтҳо ноибвазир будам ва вазифаи раиси комиссияи ташхис ва қабули асарҳои тасвирӣ, мусиқӣ драммавӣ ва ғайраро бар ӯҳда доштам. Дар яке аз маҷлисҳои навбатии он комиссия асарҳои рассомон, ки қисмашон аъзои ҳамон комиссия буданд - Зуҳур Ҳабибуллоев, Хушбахт Хушбахтов, Владимир Боборикин, Сироҷиддин Нуриддинов, Ашӯр Ҳайдаров, Ориф Охунов, Григорий Чередниченко ва дигаронро аз назар гузаронида, ба ҳар асар нарх гузоштем ва ба фонди осорхонаи давлатӣ қабул намудем. Маҷлиси комиссияро бастанӣ будем, ки мӯйсафеде маводи чоркунҷаи коғазпеч дар бағалаш вориди кабинет шуд. Ӯ фурсате карахтнамо рост истода, синчакорона ба аҳли маҷлис назар андохту "ассалому алейкум,ба мо ҳам мумкин-мӣ, корамоя нишон диҳем?"- гуфта нафасашро рост кард. Ман саломашро алейк гирифта, маънидор ба сӯи котиби комиссия, корманди вазорат Амир Шӯрпаев нигоҳ кардам. Вай зуд наздам омад ва гуфт:

—Ин мӯйсафед рассоми халқӣ Мирзораҳмат Олимов, ӯро дер хабар намудаанд. Хуб мешуд, ки асарҳояшро ҳозир медидем.

—Ин кас Мирзораҳмат Олимов бошанд, бечунучаро ҳозир асарҳояшонро мебинем,- гуфтаму зуд аз ҷоям хестам. Устодро хайрамақдам гуфта, ба паҳлӯям хондам. Ҳама бо эҳтиром аз устод аҳволпурсӣ намуданд. Баъзеҳо зарофатгӯиҳо ҳам карданд. Он вақт Мирзораҳмат Олимов аллакай пирамарди 73-сола буд...

Хушбахт Хушбахтов бо тарзи гуфтори худаш хос сукунатро шикаста "чӣ, мӯйсафед, боз ба ишқбозӣ рафта будӣ, ки дер омадӣ?"- гуфт.

Мӯйсафед аз чунин "лутф"-и ноҷою бемавриди раисаш каме парешонҳол шуд, китфҳояшро ба ҳам кашида ва гулӯ афшонду сухан оғоз намуд:

—Хушбахт, дониста бош, ки ман мӯйсафеди дилсафедам, аммо доимо ту шудию ишқбозии ман. Кору борат кунҷковию шӯрандозӣ.Ту

айбҳои худатро ба сари ман бор накун,- гуфта бозавқ хандиду ба ман рӯ овард,- писарам, ба гапҳои Хушбахтов бовар накунед, вай шӯхӣ мекунад.

Мӯям сафед шуду ҳавоят зи сар нарафт,
Ин шунбаро бубин, ки харидори оташ аст.

Шояд ин мисраъҳоро шоир ба ҳамин хел мардон бахшида бошад,- аз дил гузаронидам.

—Ишқварзӣ кори айб нест. Агар тавонед, ин шараф аст, хусусан дар синну соли ман. Дуо мекунам, ки ба синну соли ман раседу боз, ба қавли Хушбахт,- гуфт Олимов ишқбозӣ кунед. Аён буд, ки устод Олимов ҳанӯз ҳам зиндадил асту сӯҳбаторо. Вай баъди ин ҳама шӯхиву ҳазл ва пурсу поси урфӣ, ба сари мақсад омад. Асарҳои овардагиашро барои намоиш кушод ва ба муҳокимаи ҳамкасбонаш гузошт. Ҳозирон онҳоро сазовор қадр намуданд ва бо ҳамин машварати онрӯза хотима ёфт. Ҳама рафтанду Мирзораҳмат Олимов "агар мумкин бошад, ман фурсате монам, ба вазоратамо масъала дорам", - гуфта, мунтазири ҷавоб шуд.

—Марҳамат, падар монед, масъала бошад гӯш мекунем, аз дастамон биёяд ҳал мекунем,- гуфтам ба ӯ рӯй оварда. Аз котиба илтимос намудам, ки барои меҳмон чой биёрад. Бо он пири ботадбир сӯҳбати аввалин, аммо хотирнишин барпо гардид. Аз эҷодиёту шарҳи ҳоли рассоми номӣ Олимов огоҳ будам. Аммо бо ӯ то ҳанӯз шиносоии бевосита надоштам. Аз ин сабаб он мулоқоти нахуст бо чунин марди шуҷоъ ва соҳибистеъдоди асил басе гуворо буд, хуш гузашт. Дар хотимаи сӯҳбат устод Олимов ба хаёле рафту гуфт:

—Писарам, медонед, ки ман муаллими омӯзишгоҳи рассомӣ ҳастам, дар он ҷо аз соли 1955 боз кор мекунам. Хуб мешуд, ки ба омӯзишгоҳи мо меомадетон, аз аҳволи донишҷӯйҳою муаллимон хабар мегирифтетон ва медонистетон, ки мардум он ҷо дар кадом шароит кор мекунанд.

Таклифи мӯйсафедро пазируфтам.

Пас аз як ҳафтаи ваъдагӣ ҳамроҳи сардори шӯъбаи кадрҳо ва донишкадаҳои онвақтаи вазорати маданият Сафаралӣ Назаров ба омӯзишгоҳи рассомӣ рафтем. Сардори омӯзишгоҳ ҷавони хушмуомила ва фозил Асадулло Сулаймонов, мудири қисми илму таълим Мавлонназаров, усто Мирзораҳмат Олимов ҳамроҳи муаллимони дигар моро бо омӯзишгоҳ, шароити кору зиндагии омӯзгорон ва донишҷӯён шиносонданд. Аз мулоқотҳои тӯлонӣ ба сабақомӯзон-истеъдодҳои оянда, муаллимон, коргарон мушоҳида шуд, ки дар он ҷо масъалаҳои зиёди ҳалталаб-бо асбоби лозима таҷҳизонидани синфхонаҳо, муҳайё набудани рангу бор, коғазу картонҳои ба амали рассомӣ мувофиқ, шароити номусоиди кору зиндагӣ, хобгоҳ барои донишҷӯйҳо ва ғайра ғун шудаанд...

Бо амри тасодуф буд ва ё хайр, ки он дам сӯҳбати хотимавии мо

дар таълимхонаи Олимов сурат гирифт. Дар ҳузури ҳамкоронаш ба ӯ гуфтам:

—Падарам, акнун фаҳмидам, чаро моро ба ин ҷо даъват намудед. Ҳазор раҳмат ба шумоён, ки дар чунин шароити номусоид кори хайре мекунед.

Ҳамкорони устод Мирзораҳмат Олимов бо ифтихор аз фаъолияти эҷодӣ ва ташкилотчигии ӯ дар кори наҷиби омӯзондани мероси гаронбаҳои бадеии халқамон, аз шуҷоати вай барои ташкил намудани шӯъбаи махсуси наққошии миллии тоҷик дар омӯзишгоҳ ҳарф заданд. Фаҳмидам, ки бемуҳобот Мирзораҳмат Олимов тарғибгари фаъолтарини мактаби санъати халқӣ будааст. Он дам усто аз хусусиятҳои санъати миллӣ сухан ронда, дилашро кафонд:

—Медонед, писарам, ман чӣ мехоҳам? Ман фақат мехоҳам, ки мо намурда, сирру асрори ҳунари халқамонро ба ҷавонон ёд диҳем. Мо ҳам кам мондагӣ, писарам, инро ба ҳисоб гиретон. Дидам, ки дар гирди чашмони усто сиришки аламовар ҳалқа мезанад, пайкараш, забонаш, дастонаш меларзанд. Наздаш рафтам, фарзандвор оғӯшаш намудам, таскинаш додам ва гуфтам:

—Падар, худатонро эҳтиёт кунед, дунё ба умед аст.

Мӯйсафед зуд ҷавоб дод:

—Албатта, ноумед шайтон, аммо бепарво шуда ҳам наметавонам. Аз ҳамон рӯз меҳри ин пирамарди фидоии ҳунари зебои халқ дар дилам маскан ёфт ва то дами вопасини зиндагиаш аз эҷоду ҳолу аҳволаш бохабар будам.

Пас аз чанд фурсате усто Мирзараҳмат Олимов маризи бистарӣ шуд. Он касро дар беморхонаи ҳукуматӣ хобондем. Ҳар гоҳ барои аёдаташ мерафтем. Боре пурсидам:

—Падар, чӣ норасоние доред?

—Гуфт:

—Норасоиям танҳоист. Агар дар ин утоқ ягон ҳамдаме мебуд, мувофиқи максад мешуд.

Фаҳмидам, ки дар ҳамон табобатгоҳ дӯсти деринаам, ҳамкори собиқам дар вилояти Ғарм Назар Бойматов табобат аст. Ӯро розӣ кунонидам, ки бо усто Олимов ҳамхона бошад. Розӣ шуд ва усто бо вай зуд унс гирифт. Дар ҳақиқат Назар Бойматов, дар ки бо вай дар Қаротегин ҳамҳуҷра менамудам, дар боби одамиву одамгарӣ, дӯстиву рафоқат намуна ва инсони асил буд. Табъи латифу хислати зарофатгӯӣ дошт. Ӯ дар куҷое, ки зиндагӣ ва кор карда бошад, хусусан дар ноҳияи Ҷиргатолу Ёвон ва шаҳри Навобод бо сифатҳои хуби инсониаш - одамдӯстӣ, дастархондорӣ, шарик будан ба ғаму шодӣ, ҳастию нестии мардум хотироти нек гузоштааст. Ибораи "Ба Каъба чӣ меравӣ,диле дарёб" доимо вирди забонаш буданд.

Ҳар бор, ки барои аёдати ин ду нафар дӯстони худ мерафтам, Мирзораҳмат Олимов мегуфт:

—Писарам, ин Назарҷонро аз куҷо ёфтед? Чунин одамро бори

аввал мебинам. Ин кас гапҳои дар қуттии аттор набудагиро меёбанд, маро механдонанд, вақти хоб мешинанд, баръакс вақти нишастан хоб мераванд. Дорухӯриашон ҳам аҷоиб, се-чор рӯзаашро ҷамъ, як каф карда ба даҳонашон мепартоянд. Чанд рӯз аст, ки одати нав баровардаанд: касалзанҳои дӯстрӯйро ба ҳуҷра даъват намуда, мегӯянд, ки "бо усто гап занетон, димоғашон чоқ шавад".

—Падар, маълум мешавад, ки дӯстам Назарака Бойматов ба шумо маъқул шудаанд?- пурсидам маънидор.

—Э, писарам, маъқулам гап-мӣ? Ин кас ҷони одам будааанд,- ҳуфт мӯйсафеду афзуд,- шумо ба ман ҳамхона не, фарзанди мӯнису ғамхор пайдо кардед. Ба падараш ҳазорон раҳмат.

Ҳамин тавр сӯҳбати мо дар ҳуҷраи усто дар атрофи чои кабуди дам кардаи Назарака қӯр гирифт. Сухан аз зиндагии усто мерафт, ки якбора Назар Бойматов пурсон шуд:

—Ота, бемалол бошад, гӯед, шумо кадом мактабҳоба хондагӣ?

—Мактаби ман - мактаби додому бобом,- гуфт усто ба лаҳҷаи хӯҷандӣ. Падарам ҳунарманди калон буданд, устои номии наққошӣ дар гаҷу чӯбкорӣ . Он кас Мирзоолим ном доштанд. Вақто ки падарам кор мекарданд, фикрашро давом дод усто,- мехостанд, ки ман доимо дар барашон бошам ва ҳар бор мегуфтанд: "Мирзоча, бин рангро чӣ хел тайёр мекунанд, Мирзоча, чӯбтарошакро ёфта биё, Мирзои дадош, хез, як коса оби хунук биёр, Мирзоча, аз буват пурс, ки ош пухт" ва ғайра. Хулоса, падарам маро аз худашон дур намекарданд. Ҳамин, ки ба воя расидам ҳамроҳашон барои оро додани масҷидҳо, чойхонаҳо, манзилҳои гуногун, аз ҷумла-Кумариқ, Чоргузар, Шӯрқурғон ва ғайра мебурданд. Аслан он кас мехостанд, ки касбашонро ба ман нағз ёд диҳанд. Ман ҳам зиракона нигоҳ мекардам, дадомба ёрдам мекардам, ба гапҳояшон бо диққат гӯш меандохтам. Рӯзе ба хаёлам супориши падарро хуб иҷро кардам, ки гуфтанд: "Писарам, зеҳнат тез барин, аз ту устои хуб мебарояд". Медонед, ин хубтарин рӯзи ман буд, - гуфта нақлашро тамом карданӣ буд мӯйсафед, ки ман ҳам баъзе саволҳо додам. Якеаш чунин буд:

—Яъне, шумо ҳама нозукиҳои ҳунари наққоширо фақат аз падаратон ёд гирифтаед?

—Асосан, ҳамин тавр. Аммо падарам, яке аз бомаърифаттарин одамони шаҳрамон будааанд. Бо бисёр касони соҳибҳунар, аз ҷумла бо шоир Тошхоҷа Асирӣ, олиму шоир Ҳоҷӣ Юсуф, наққош Ёқуби Фарангӣ, сангтарошон ва дигар ҳунармандон дӯстӣ доштанд. Ба хонаамон Содирхони Ҳофиз зуд-зуд меомад. Базмҳову сӯҳбатҳои аҷоиб мешуд. Онҳо ҳам маишат мекарданду ҳам дар хусуси ҳунарҳои зебо - асарҳои офаридашудаи меъморӣ, наққошӣ, шоирӣ, мусиқӣ ва сарояндаҳои номӣ сухан меронданд. Ман бо диққати том онҳоро гӯш мекардам, баъдтар бо бисёриашон, хусусан амакам Мирзораҳим паҳлӯ ба паҳлӯ шуда кор мекардам. Ана ҳамонҳо мактабҳои ман хондагӣ, - гуфта, усто нақлашро тамом карданӣ буд, ки боз чизе ба

хотираш омаду изҳор намуд:

—Падарам ва амакам мегуфтанд, ки дар Ӯротеппа, Исфара, Анҷидон, Фарғона ҳам устоҳои моҳири номӣ бисёранд, ба ҳамон ҷойҳо ҳам раветон, ҳунарашонро бодиққат ёд гиретон, дар хотир дошта бошетон, ки пурсидану ёд гирифтани сиру асрори ҳунар айб нест. Шарм накунед, мағрур нашавед, бо диққат кори дигаронро ёд гиред, агар лозим шавад, ба онҳо шогирд ҳам шуда кор кунетон.

Ҳамин дам ба ҳуҷраи уста барои муоинаи беморон табибон Саидқул Абдураҳмонов ва Раиса Сергеевна Назарова даромаданд. Риштаи сӯҳбати мо бо Мирзораҳмат Олимов дар ҳамон ҷой канда шуду мо бо беморон ва табибон хушбошӣ намуда бадар рафтем.

Мулоқоти дигари мо бо устои мумтоз Мирзораҳмат Олимов дар Пленуми Иттифоқи рассомон, ки дар арафаи 80-солагии ӯ баргузор шуда буд, сурат гирифт. Он ҷо сухан асосан аз саҳми дар инкишофи санъати тасвирии миллатамон мерафт. Дар он маҷлиси ҷашнвора, ки дар намоишгоҳи Иттифоқи рассомон баргузор шуда буд, вазири маданияти ҷумҳурӣ Меҳрубон Назаров, рассомони халқии ҷумҳурӣ Зулфия Баҳриддинова, Хушбахт Хушбахтов, Ашӯр Ҳайдаров, Михаил Шипулин, Михаил Мухин; ҳамкасби уста аз Ӯротеппа Уста Мансур, санъатшинос Лутфия Айнӣ ва дигарон аз навовариҳои эҷодии уста, васлгарии ӯ дар ҷодаи услуби мероси ниёгон ва ҷараёнҳои тасвирии навин, фаъолияти педагогии ӯ, услуби тасвираш боэҳсос ва эҳтироми баланд сухан меронданд. Ҳама нотиқон дар як хулоса буданд, ки Мирзораҳмат Олимов бо маҳорати эҷодӣ, фаъолияти ташкилотчигӣ ва тарбиятгариаш дар таърихи маданияти бадеии халқи тоҷик саҳифаҳои нав ва рангин кушодааст. Муҳимтараш навъҳои "фаромӯшшуда"-и ҳунари наққошӣ, аз ҷумла мураккабтарин шакли тасвиргарии кундалро бо обутоби тоза зинда кард. Мунаққид Евгений Чудович диққати ҳозиронро ба яке аз амалҳои наққошии уста, ки соли 1938 ба шакли Меҳроб, бо тахаюл ва эҳсоси нозук, нақшгузории печ дар печи рангину равшан офарида шудааст, ҷалб намуд. Ин асар, ки баъд чун бозёфти назарраси наққошии ҳақиқатан миллӣ эътироф мешуд, барои намоиш дар даҳаи якуми маданияти Тоҷикистон дар Москва пешниҳод гардид ва аз ҷониби тамошобинони серталаби пойтахт баҳои баланд гирифт.

Солҳои пасин уста Мирзораҳмат Олимов бо ҳавасу майли зиёд маҳорати хешва шогирдонашро такмил дод. Ӯ як силсила асарҳои баландғояи тасвирӣ офарид. Аз ҷумла "Санъат аз они халқ аст". "Умари Хайём", "Ҷашни Тоҷикистон", "50-солагии Ҳукумати Шӯроӣ", "Сарвати Тоҷикистон" ва амсоли онҳо, ки воқеаҳои муҳими замонро бо рӯҳияи баланд ва пафоси граждани инъикос менамуданд.

Доираи фаъолияти бадеии уста Мирзораҳмат Олимов васеъ буд. Дасти тавонои ин марди зебоиофаранда дар кори хайри бо нақшу нигорҳои тасвирӣ оро додани шаҳраш - пойтахти ҷумҳуриаш Душанбе ҳам расидааст. Ман амали уста ва шогирдони босадоқату моҳири

ӯро дар ороишҳои муҳташам-чойхонаи "Роҳат", театри ба номи Садриддин Айнӣ, нақшу нигори толорҳои Шӯрои Олӣ, китобхонаи ба номи Фирдавсӣ ва ғайра дар назар дорам, ки анҷоми онҳоро усто ҳамчунон адои қарзи фарзандӣ дар пеши халқаш мешумурд. Ӯ борҳо такроран мегуфт:

—Санъаткори асил ҳеҷ гоҳ набояд аз пояҳои ҳунари меросӣ канда шавад, баръакс ба он такя карда, ҳунари миллиро такмил диҳад ва он мероси гаронбаҳоро чун мардумаки чашм ҳимоя намуда, ба наслҳои оянда расонад.

Ҳар вақте ки сухан аз боби ҳифзу инкишофи санъати миллӣ меравад, пеш аз ҳама қарздорем, ки саҳми усто Олимов ва дастпарварони вайро ба назари эътибор гирем, зеро вай нафақат дар дару девору офоҷҳои чойхонаву театрҳо, китобхонаҳо, масоҷиду мадрасаҳо саҳм гузоштааст, балки асрори тайёр намудани василаҳои рассомӣ, гулканӣ, осори рангини ҷилодиҳандаро ба шогирдони худ ёд дода, чун эҷодкори мӯъҷизаофарин ва мураббии беҳамто дар дили садҳо шогирдон ва ҳазорҳо ихлосмандони ҳунари волои хеш нақш ва эҳсоси наҷиби зебопарастиро маскан парвардааст.

Аксари шогирдони усто Мирзораҳмат Олимов ҳанӯз ҳам номи ӯро бо меҳру садоқат фарзандона ба лавҳаи хотир меоранд. Инро аёнтар дар рӯзҳои қайди садумин солгарди усто мушоҳида кардан мумкин буд. Яке аз дастпарварони усто Олимов Шоҳбол Қурбоншоев, ки акнун санъатшинос аст, ба хотир меорад: "Касе, ки як бор бо усто Мирзораҳмат Олимов вохӯрдааст, ҳеҷ гоҳ симои нуронӣ, рафтор ва гуфтори неки ӯро фаромӯш намекунад, сабақу дарсомӯзии ӯ аз дигарон фарқ мекард, вай бештар ба аёнияти кор, услуби сохтани композитсия, тамоси гулу баргҳо, таркибу тартиби сиёҳқалам ва рангу бор аҳамият медод".

Ҳамкорони зиёди усто ҳам дар чунин ақидаанд. Боре ба касалхона барои аёдати бародарам нависандаи номи Бобоҷон Насриддинов рафтам. Ба ҳучрааш даромадам, ки дар наздаш собиқ сарпарасти омӯзишгоҳи рассоми Душанбе, рафиқи деринаам Асадулло Сулаймонов нишастааст. Баъд аз ҳолпурсии бемор ва сӯҳбати хоса бо Бобоҷон хайру хуш намудем. Асадулло ҳам аз ҷояш хест: "Ако, ман шуморо гусел мекунам",- гуфта, ҳамроҳам берун баромад. Ҳардуямон хеле пои пиёда гаштем ва сӯҳбат кардем. Шояд аз он сабаб бошад, дар ҳамин беморхона ману Асадулло усто Мирзораҳмат Олимовро зуд-зуд хабар мегирифтем, пурсон шудам:

—Ёд дорӣ, мӯйсафедро ҳамроҳ хабар мегирифтем, бо ӯ сӯҳбатҳои аҷибе мекардем? Ҳа, гуфтагӣ барин, аз аҳли байти ӯ киҳо мондаанд? Агар розӣ, бошӣ, биё рӯзҳои наздик як ба ҳавлии усто равем, ёдовариаш кунем. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Рӯзи 19-уми июли соли 1991 ду тан-ману Асадулло ба кӯчаи ба номи Мирзораҳмат Олимов, ки як вақтҳо "Фабричная" ном дошт, рафтем. Дар ҳавлии усто фақат домодаш Сулаймон Алиакбаровро

пайдо кардем. Духтари усто Маърифатбону дар корхонааш будааст, ҳамсӯхбат шуда натавонистем. Ҳозир дигар авлодони Мирзораҳмат Олимов-духтаронаш Роҳбархоним, Марказбону, писаронаш Муҳаммадҷон ва Адҳамҷон, нуздаҳ наберагони вай ҳарранг кору бори зиндагӣ доранд ва ифтихор мекунанд, ки ба мисли устои шодравон падару бобои шарифу эҷодгари варзида доранд.

Дар ҳавлии усто байни ману Асадулло ва Сулаймон Алиакбаров сӯҳбатаки ҷозибе бунёд шуд. Он ҷо чухан фақат аз сифатҳои равоншод Мирзораҳмат Олимов мерафт. Дар фуроварди мулоқотамон ман аз лаҳзаҳои охирини умри бобақои усто пурсон шудам. Сулаймонҷон дар ҷавоб чунин гуфт:

—Падари бузургвор доимо дар ҳаракат буданд, асло худашонро эҳтиёт намекарданд. Он кас 14-уми июни соли 1971-ум қазо карданд. Он рӯз-рӯзи интихоботи Шӯрои Олӣ буд. Бобо субҳидам соати панҷ аллакай дар участкаи интихоботӣ буданд, ҳамроҳи инқилобчиёни дигар ва пионерон дар назди интихобкунандагон баромад карданд. Бегоҳии рӯзи гузашта фармуда буданд, ки гӯштро нағз қимма карда, зирапиёз намуда монетон, ман аз интихобот омада, худам ба шумоён кабоб пухта медиҳам. Моён ҳама гуфтаҳояшонро мувофиқи табъашон иҷро кардем, ангишту кӯраи кабобпазиро ҳам тайёр намуда, интизори омадани бобо будем. Бобо омаданд, аммо ранҷӯру нотоб, ранги рӯяшон кандагӣ, маънидор ба аҳли хонавода нигоҳ карданду гуфтанд:

—Бачаҳом, кабобро худатон пазетон, ман дам мегирам.

Ба хона даромада хоб рафтанд ва чӣ мегӯед, ки ҳамон бегоҳӣ зарби фалаҷи майна риштаи умрашонро канд.

Нақли домоди усто Сулаймонро шунида, фурсате хомӯш нишастем. Пас ман аз Асадулло пурсидам:

—Асадуллоҷон, мо бори аввал ба ин ҳавлӣ кай омада будем?

Ӯ гуфт:

—Бист сол аз ин қабл ба табрики ҷашнвораи усто омада будем.

Нақлҳои ҳайратангези пири ботадбири зиндадил болои ҳам ба хотирам меомаданд. Ёд дорам, вақто гуфтам, ки "падар, худатонро эҳтиёт кунед, бардаму саломат бошед, чӣ дорую давое лозим шавад фармоед, ёфта медиҳем", баланд хандида гуфта буд:

—Ман одами ҷонсахт, бисёр балоҳоро дидагӣ, парво накунед, маро ҷин ҳам намезанад. Усто боз зарофатгӯиҳои зиёд карданду афзуданд:

—Ман ҳеле барвақт меҳнатба сар кардагӣ. Авлоди мо, ки аз равшанфикрҳои Хуҷанд буданд, баду некро фарқ мекарданд. Шунавидагистед, соли 1916-ум дар Хуҷанд шӯриши калон шуда буд, ман ҳам дар он иштирок кардагӣ. Ҳукумати подшоҳӣ ва боёни маҳаллӣ шӯришро ваҳшиёна пахш карданд. Маро ҳам ба қатори бисёр ҷавонони дигар ба Кавказ, аниқаш шаҳри Керч бадарға карданд. Мо дар заводи оҳангудозӣ кор мекардем, аммо дар он ҷо ҳам хомӯш наистодем, ба корҳои инқилобӣ иштирок менамудем. Ин фаъолиятамонро фаҳмида,

ҳукуматдорон маро ба фронт - фронти зидди Руминия фиристоданд. Ҳамин ҷо усто маънидор сукунихтиёр кард, ки "нақламро давом диҳам ё не".

Ба мӯйсафед аз таҳти дил ташаккур гуфта афзудам:

—Падар, ман ҳам акнун аз шарҳи ҳоли шумо бохабар шудам. Шумо аз фронти Руминия ба Хуҷанд баргаштан пас дар ҳаракати инқилобӣ фаъол иштирок кардед, барои барқарор намудани ҳокимияти нав мубориза бурдед, ба кори ташкили отрядҳои гвардияи сурх саҳм гузоштед.

Мӯйсафед ҷавоби мусбат дод.

Дар ҳақиқат Мирзораҳмат Олимов қисмати аҷибе дошт ва зиндагии пур аз таззодҳоро аз сар гузаронида буд. Ӯ аз аъзоёни собиқадори фирқа буд, дар ҳаёти инқилобиву ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзид. Вай рассоми дипломдор набуд, вале дараҷаи касбии фаъолияти эҷодиаш аз рассомони дипломдор бартарӣ дошт. Кам касон медонанд, ки наққош Мирзораҳмат Олимов аъзои Кумитаи иҷроияи Марказии (ЦИК) Туркистон, муовини раиси Комиҷроияи Шӯрои Хуҷанд интихоб шудааст ва барои манфиати мардуми коргару деҳқон мардонавор ҷонбозиҳо кардааст. Марди далеру фидокор, эҷодкори асил доимо бо халқ буда, дар ҳаракат, сӯхтану сохтан, гирифтори ҳамроҳи мардум аст. Ӯ комилан ҳақ дошт , ки чунин гӯяд:

Дили хоҳам, ки чун парвона сӯзад,
Фитад дар оташу мардона сӯзад.

Усто дар зиндагӣ бениҳоят раҳмдил, покзамир, фидокор, инсондӯст, заҳматкаш, пурҷасорат ва накӯкор буд. Вақти баргаштан аз ҳавлии Мирзораҳмат Олимов Асадулло Сулаймонов дар бораи падархондаш изҳори ақида кард:

—Ман ба мисли усто чунин одами раҳмдилу сахӣ. , нисбат ба талабаҳояшон беҳад меҳрубонро надидаам . Ҳар бор, ки аз Вазорати маданият барои асарҳояшон пул мегирифтанд, дар ҷевакҳояшон пулҳои панҷсӯма ва сесӯмаро андохта меомаданд, зуд рӯи ҳавлӣ мебаромаданд. Духтаракону писаракони бепарастори аз ноҳияҳои дур омадагиро наздашон ҷеғ зада, мепурсиданд: "Духтарам, писарам, ту имрӯз хӯрок хӯрдӣ ё не?" Агар аз шарм онҳо мегуфтанд, ки "сер ҳастем", муаллим мегуфтанд: Дурӯғ нагӯй, мебинам, ки гуруснаӣ, ма, ин пулро гиру рафта хӯрок хӯр". Чанд бор аз талабаҳо худам ба гӯшам шунидаам, ки мегуфтанд: "Ин устоди мо авлиёст ё пайғамбар, аз куҷо медонад, ки мо гуруснаем. Дар айни беҳолиямон пул медиҳад, ки гурусна нагардед, хӯрок харида хӯред". Аз ин аҷибашро ҳам ба шумо мегӯям:

—Ба усто Мирзораҳмат Олимов унвону ҷоизаи мукофоти Давлатии ба номи Рӯдакиро доданд. Он кас рӯзе ба сари синаашон нишони Лауреатиро овехта, ба омӯзишгоҳ ҳозир шуданд. Омаданду ба кабинети кории ман даромаданд ва як даста пул, ду ним ҳазор сӯмро ба рӯи мизи кориам гузоштанд. Маънидор ва бо ҳайрат ба рӯяшон

нигоҳ кардам.

Усто ба забон омаданд:

—Дидӣ, ман Лауреати Рӯдакӣ...

—Дидам, устод, табрик карда будам, боз аз таҳти дил муборакбод мегӯям, аммо ин пулро барои чӣ ба ман медиҳед? Магар ҷои мондан надоред?

—Табрикат қабул Асадулло. Аммо ин пулро гир, на барои ғиём кардан, балки барои хароҷот. Хоҳиш мекунам, ки бо ин пул ба тамоми ҳамкоронам ва донишҷӯён деҳ,- гуфтанд усто.

Ҳарчанд, ки нею нестон кардам нашуд. Усто гапашро гузаронданд:

—Ин мукофот фақат барои ман не. Ин барои ҳама ҳамкоронам. Барои ман нишонаш монад, кифоя,- гуфта, амрашонро такрор карданд.

—Пулашро гиру ба ҳама хонандаҳою муаллимон зиёфат деҳ, писарам,- гуфтанд.

Чунин ҳам кардем, ҳамаи пули ҷоизаи устодро барои зиёфати ҳамкорону шогирдонашон харҷ кардем. Худашонро ҳам даъват намудем, дар он давра гули сари сабад шуданд. Чунин буд устод Мирзораҳмат Олимов,- гуфта нақлашро тамом кард Асадулло.

Вақти видоъ Асадулло фаҳмид, ки ман дар хусуси усто хотироте навиштаниам, маро нигоҳ дошта хоҳиш намуд, ки покию покизагии ӯро фаромӯш накунам. Пас, як воқеаи ҳайратовар, беҳтараш нанговарро нақл кард:

—Мирзораҳмат Олимов дараи Варзобро хеле дӯст медоштанд. Ҳар бор аз ман хоҳиш мекарданд, ки он касро барои эҷод намудан ва истироҳат ба он ҷо бубарам. Боре гашти рӯз ба Душанбе бармегаштем, ки усто якбора овоз баланд карда, "мошиная дор" гуфтанд. Мошина истоду он кас зуд фуромада ба сӯи дарёи Варзоб шитобиданд. Дидам, ки касе дар сар кулоҳи хасин, дар тан нимча-эзор рост истода ба даруни дарё пешоб мекунад. Дар соҳил бошад занаке ним бараҳна танашро ба офтоб "таф" медиҳад. Усто ба лаби дарё расид, фарёд заданд:

—Эй, ҳайвон, чӣ кор мекунӣ? Дигар ҷой қаҳт шуд, ки обро ифлос мекунӣ? Дар поён ҳазорҳо одамон, аз ҷумла аҳли хонадони ту, муфлис, ҳам об менӯшад, аблаҳ!

Усто, ки дуд аз димоғашон баромада буд, боз ким-чиҳои дигар гуфта, дилашонро холӣ карда, ба мошин савор шуданд ва гуфтанд:

—Вай палидро шинохтам, унвони баланди илмӣ дорад, батамом аз ӯ ихлосам гашт. Бо унвони баланд гирифтан-одам одам намешудааст,- гуфтанд усто бо алами ҷонсӯз. Баъди фурсате хомӯшӣ боз афзуданд:

—Беҳуда обро бузургон бо шири модар баробар накардаанд. Наҳси обро макрӯҳ мекардагӣ ба ҳар навъ гуноҳҳои зишти дигар низ қодир аст.

—Дар ҳақиқат падархонатон, Мирзораҳмат Олимов, инсони ҳалолу асил, покзамиру поклафзу покдоману табаррук буданд,- гуфтам ба

Асадулло, аммо риштаи хаёлам аз усто Мирзораҳмат Олимов канда намешуд. Андешидам: "чаро чунин инсонҳо зери фишори беадолатиҳои зиндагӣ мемонанд, барои дилсӯзу ҳасос буданашон зуд захираи нерӯи умри худро сарф менамоянд, ё аз бепарвоии парасторонашону ҳамкасбон ва ҳамхонаҳо қадр нашудани заҳмати бебаҳояшон рӯҳафтода мешаванд? Беҳтарин фарзандони миллат дар замони мо – Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров дар шасту шашсолагиашон, дар айни камолоти эҷодӣ дунёи равшанро тарк карданд. Ё гирем Фазлиддин Шаҳобов, Шоҳназар Соҳибов, Акашариф Ҷӯраев, Боқӣ Раҳимзода, Тӯҳфа Фозилова, Муҳаммадҷон Қосимовро. Онҳо низ ҳамаи нерӯи нотакрори эҷодиашонро зоҳир накарда, рафтанд. Ё Малика Собирова, Аҳмад Бобоқулов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Маҳмудҷон Воҳидов гарчанде эҷодгарони нотакрори миллат буданд, гул накарда хазон гаштанд.

Ин ақидаҳо бори дигар ба сари ман боз барои он омаданд, ки боре ҳини дар Переделкино-хонаи эҷодии адибони ба номи К. Федин бо шоири 110-сола Александр Брянцев, ки тахаллусаш "Саша Красный" аст, воҳӯрдам ва дар шаби эҷодиаш иштирок намудам. Маҷмӯаи шеърҳояш "Таззодҳо" (Контрасный) соли 1990-ум дар нашриёти "Советский писатель" нашр гардидааст. Он чиз маро ба ваҷду ҳайрат овард, ки ин марди матинироаои солхӯрдаву коркӯфта зиёда аз ду соат шеър хонд ва бардаму равшанфикрона ҳикоятҳои аҷиб ҳам кард. Чашмаш хира аст, хонда наметавонад, аммо зиёда аз 25-30 шеърро қироат карда, ҳозиронро ба ҳайрат мононд. Агар касе ба ин суханони ман назари шубҳа пайдо кунад, дар чунин ҳолат метавонад ба шоири шиноҳта, ветерани ҷанг Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ мурочиат намояд, зеро вай ҳам он дам дар барам буду аз қобилияти ҳунарнамоии ҳайратовари марди яксаду даҳсола дар тааҷҷуб буд. Илова бар ин, мухлисони Саша Красный, ки дар паҳлӯи мо буданд, мегуфтанд:

—Ин марди заҳматкаши пухтакору шайдоии сухан чунон қувваи ҳофизаи мустаҳкаме дорад, ки қариб ҳамаи шеърҳои Маяковский, Есенин, Блок ва Фетро аз бар кардааст ва соатҳо аз ёд мехонад. Ин мисоли зинда бори бигар исбот менамояд, ки қобилияти зиндагиву кориву эҷодии инсон беандоза аст ва зиёдтар ба хосияти шахсӣ, қобилияти меҳнатӣ, такмил додани нерӯи физиологӣ, маънавӣ, эҷодӣ ва муҳити иҷтимоии ӯ вобаста аст. Ҳангоме истеъдодро сарвати миллӣ мегӯем, бояд ба ин сарвати гаронбаҳо дилсӯзӣ зоҳир намоем, соҳибони ин истеъдодро гиромӣ дорем. Агар аз меъёри инсофу ҳисси зебопарастӣ, назари қадршиносӣ ва мақоми аслии ҳунари онҳо андеша ронем, метавон гуфт, ки мо мухлисон, мутасаддиҳои мардуми эҷодкор,ташкилотҳои касбии эҷодӣ ва давлатӣ ба Мирзораҳмат Олимов ва амсоли онҳо бояд ҳама вақт ғамхор, аз ҳолу аҳволи ишкелҳои эҷодиашон бохабар бошем. Афсӯс, ки ҷавоби мусбат дода наметавонам.

Набзи дили ҳунарманди асил ин ба набзи халқаш вобаста аст,

мегӯянд, ки ҳақ асту рост. Яъне мардум шодком бошад, ӯ шодком, мардум ноком бошад, ӯ ҳам ноком. Аммо эҷодкор ба рӯҳпарвару илҳомбахшу ғамбарор ва парастор эҳтиёҷ дорад. Орзу мекунам, ки ҳар як соҳибистеъдод - донишманд, нависанда, мутриб ва рассом дарди дилу заҳматашро ҳис кунад, аз шодии ӯ ҳаловат барад, дар симои муштариён ва муштоқони зебопарастон пушту паноҳи боэътимоде дошта бошад. Инсону эҷодкори наҷиб Мирзораҳмат Олимов яке аз онҳое буд, ки ба эътирофу тақдири санъати бебаҳояш ҳамагон имон доранд.

Ҳамин тавр, 15-июни соли 1971 нақҳоши маъруф, рассоми халқии Тоҷикистон, лауреати Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакии РСС Тоҷикистон Олимов Мирзораҳмат дар 81-умин соли ҳаёташ аз дунё чашм пӯшид.

Усто Олимов, ки яке аз асосгузорони санъати тасвирии имрӯзаи тоҷик буд, роҳи мураккаб ва наҷиби зиндагии инсони комил ва санъаткори номиро тай намуд.

Мирзораҳмат Олимови мубориз дар барпо гардидани Ҳокимияти Советӣ дар Республикаи Туркистон фаъолона иштирок карда буд. Ӯ соли 1918 раиси Совети депутатҳои коргарон, солдатҳо ва мусулмонони Хуҷанд буд. Вай дар съезди III Фавқулоддаи Советҳои Республикаи Туркистон аъзои Комитети Марказии Иҷроияи Туркистон интихоб шуда буд.

Олимов М. аз соли 1938 ҳунари истеъдоди худро баҳри инкишофи санъати тасвирӣ мебахшад. Ӯ дар офаридани асарҳои санъати миллии тоҷик санъаткори мумтоз мегардад.

Усто Олимов ҳангоми дар омӯзишгоҳи рассомии республика омӯзгор буданаш ба тарбияи насли ҷавон диққати бисёр дода дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекард ва аъзои правлениян Иттифоқи рассомони Тоҷикистон интихоб шуда буд.

Соли 1959 ба Олимов М. барои хизматҳои бузургаш дар роҳи инкишофи санъати тасвирӣ номи фахрии Рассоми халқии Тоҷикистон дода, соли 1966 ба ӯ Мукофоти давлатии ба номи А. Рӯдакии РСС Тоҷикистон муносиб дида шуд. Ҳукумати Советӣ ба хизматҳои барҷастаи М. Олимов дар назди санъати советӣ баҳои баланд дода, соли 1967 ӯро бо ордени Ленин мукофотонид. Вай борҳо бо медалҳои СССР ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон мукофотонида шуда буд.

Ҳамаи онҳое, ки Мирзораҳмат Олимовро медонистанд, хотираи дурахшони ӯро ҳамчун рассоми халқӣ, коммунист ва рафиқи вафодор солҳои сол дар хотир нигоҳ хоҳанд дошт.

ОТАШВУҶУД

Фасли зимистон. Бегоҳирӯзии якшанбе аҳли хонавода, хешу таборони наздик ва дӯстони қарин дар хонаамон гирди дастархон барои қайд кардани ҷашни нимасраи таваллудам ҷамъ омада буданд. Ҳар

касе ба тарзи худаш соҳибҷашнро табрик мекард, зарофатгӯиҳо менамуд, шеър мегуфт ё суруд мехонд. Баъзеҳо бо латифаҳои намакин завқи ҳозиронро меоварданд. Дар хотима дӯсти ҳамсабақам Абдурауф Додобоев табрикномаҳои аз Москва, Тошкент, Панҷакент, Вахш ва аз ҷойҳои дигар омадаро хонд. Онҳо аз номи устодам- узви ҳақиқии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ-Виктор Григоревич Афанасев, донишмандону ходимони давлатӣ Михаил Александрович Морозов, Василий Антонович Сластененко, аз Душанбе аз Абдулаҳад Қаҳҳорович Қаҳҳоров, Махфират Калоновна Каримова, Ғаффор Рустамович Валаматзода ва Борис Алексеевич Кимёгаров ирсол шуда буданд. Ҳозирон, ки дар байнашон Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Муҳаммад Осимӣ ва апаҳои ҷониам Низорамо Зарифоваю Ибодат Раҳимова ҳам буданд, бо мароқ гӯш карда, кафкӯбӣ намуданд. Он дам духтари хурдиам ба гӯшам пичирросанон пурсид:

—Дада Кимёгаров ҳам ҷӯраи шумо-мӣ? Ӯ чӣ кора аст, чаро вай дар хонаи мо набуд?

Гуфтамаш:

—Борис Алексеевич Кимёгаров яке аз беҳтарин дӯстону ҳаммаслакони ман аст. Вай кинорежиссёри машҳур, ба хонаамон ҳам дар Панҷакент, ҳам дар ҳамин ҷо омада буд, ту ҳанӯз хурд будӣ, дар ёд надорӣ.

Бача боз ким-чизҳои дигарро пурсиданӣ буд, ки гуфтамаш:

—Ҳоло сабр намо. Биё, ки беҳтараш ба меҳмонҳо аҳамият намоем. Онҳо ки рафтанд, ба ҳамаи саволҳоят ҷавоб мегирӣ. Ӯ розӣ шуда, аз рӯям бӯсиду рафт. Рӯзи дигар, ки рӯзи истироҳат буд, аҳли байт сари дастархон ҷамъ шуда, наҳор мехӯрдем, ҳар кас ақидаашро аз шабнишинии гузашт изҳор мекард, аммо боз ҳамон духтарчаи кунҷковам ба саволи дина додааш ҷавоб талаб намуд. Ваъда, ки дода будам, лозим донистам, ки ҷавобаш бидиҳам. Аммо намедонистам, ки ҷавобро аз чӣ сар кунам? Ба ҷои ҷавоб ба фарзандам савол додам:

—Ту кинофилми Рӯдакӣ—"Қисмати шоир"-ро аз телевизор тамошо кардай-ку?

—Ҳа, тамошо кардам, кинои бисёр-бисёр нағз.

—Ана, ҳамон "кинои бисёр-бисёр нағз"-ро амаки Кимёгароват сохтагӣ,- гуфтам бо ибораи кӯдаконаву афзудам,- дар вақти тайёр кардани ҳамин филм мо ба якдигар шинос шуда будем. Он вақт ман дар шаҳри Панҷакент кор мекардам. Соли 1958-ум Кимёгаров барои дидани зодгоҳи Рӯдакӣ омада буд, ҳамроҳ мулоқотҳо доштем. Ман ба ӯ ёрдамҳои заруриро расонида будам. Кимёгаров ваъда карда буд, ки маро ба намоиши аввалини кинофилми "Рӯдакӣ" даъват менамояд. Ӯ ҳамин тавр ҳам кард, маро ба тамошои филм ба Душанбе меҳмон хонд.

Чунин ба амал омада буд шиносоиву унси дӯстӣ гирифтани байни ман ва яке аз устодони санъати кинои тоҷик, ки аз ходимони машҳури тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ борис Кимёгарова.

Хабарномаи Кимёгаров ба нахустномоиши (премьераи) филми "Қисмати шоир" -ро гирифтаму ба Душанбе парвоз намудам. Бо супориши Кимёгаров маро сароператори филм Иброҳим Барамиков пешвоз гирифт ва рост ба Хонаи кино, ба дидани нахустнамоиши филм бурд. Б.А.Кимёгаров ва дигар офарандагони филм маро хуш истиқбол намуданд.

Нахустнамоиши филми "Қисмати шоир" сар шуд. Дар толори торик ҳама хомӯш буд, гӯё касе он ҷо набуд. Фақат садои гардиши оламгири форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ "варақгардон" мешуд. Дигаронро намедонам, аммо аз лаҳзаҳои аввали филм бо тамоми вуҷуд ҳушу гӯш гашта будам. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё маро ба саҳна мехкӯб карда бошанд.

Он замон дар ноҳия вазифаи ман тақозо мекард, ки асосан бо корҳои хоҷагӣ-зироатпарварӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, сохтмон,тандурустӣ, мактабу маориф ва маданият машғул бошам. Агар имкон шавад дар ду-се моҳ як филм медидем ё не. Он рӯз дар намоишгоҳ худамро ба мисли одаме ҳис мекардам, ки дар нисфирӯзии офтоби тасфон биёбонро гузаштаасту акнун ба сари чашмаи кӯҳӣ расида аст. Бо чунин эҳсос нахустнамоиши навори "Қисмати шоир"-ро тамошо мекардам.

Умуман хонандаи урфии дурдонаҳои назми устод Рӯдакӣ инсонро ба ваҷд мебиёрад. Аммо тасаввур кунед, ки акнун ин симои бароятон азизу мӯътабарро дар экран зинда мебинед, ҳарфи шакарбор ва пур аз ҳикматашро аз забони ӯ мешунавед. Дар Панҷрӯд, Ҳирот, Бухоро ва ғайра бо ӯ ҳамқисмату ҳамсафар мешавед, манбаъи илҳому эҷодашро ҳамроҳ дарк менамоед, сифатҳои гаронбаҳои инсонӣ ва ҷасорати беҳамтои мардонагиву адолатҷӯиашро бараъло мебинед,дар таҷассуми ҳунармандони соҳибэҷоз Марат Орифов, Дилбар Қосимова, София Тӯйбоева, Шамсӣ Ҷӯраев, Маҳмуд Тоҳирӣ, Абдулхайр Қосимов, Ғозӣ Ниёзов, Муҳаммадҷон Қосимов, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев ва дигарон мардони гуногун, низоъҳо, дӯсту душманро мешиносед. Беихтиёр эҳсос мекунӣ, ки баробари актёрҳо дар воқеаҳои зиёда аз ҳазор соли гузашта иштирок менамоӣ, дар лаҳзаҳои шодмониашон шодмон мешавӣ, аз нокомиашон ном мегардем. Хонандагони азиз ин филмро дидаанд, ба тафсили нақли мазмунаш ҳоҷат нест. Ин ҷо ман каме бошад ҳам фақат таассуроти аввалини худро аз филми Б.А. Кимёгаров ба қалам овардам.

Нахустнамоиши филм ба охир расид. Бинандаҳо, аз ҷумла В.Ш.Шарифов, М. Миршакар, Н.А.Исломов ва дигарон офарандагони филми "Қисмати шоир"-ро самимона табрик намуданд. Баъзеи онҳо ақидаашонро дар хусуси филм изҳор намуданд. Б.А. Кимёгаров ба нотиқон ташаккур мегуфту зуд-зуд ба соаташ нигоҳ мекард.Фурсате расид, ки ӯ элон кард:

—Дӯстон, бубахшед, агар розӣ бошед, давоми муҳокимаро дар дигар ҷой мегузаронем. Дар тарабхонаи "Помир" кайҳост, ки дӯстони

дигар низ моро интизоранд.

Ҳама розӣ шуданд ва мо баъд аз як соат дар ҷои номбаршуда, гирди дастархонҳои пур аз нозу неъмат ҳалқа задем.

Дар "Помир" сарварии даврароҳуди Б.А. Кимёгаров ба зимма гирифт. Ӯ меҳмонҳоро гарм ва рӯҳбаландона пазирой намуда миннатдорӣ кард, ки вақти гаронбаҳояшонро дареғ надошта ба нахустнамоиши филм ва ба сари ин дастурхон ҷамъ омаданд. "Бояд ба маълумоти дӯстон бирасонам,-гуфт ӯ,- ки дар нахустнамоиши "Қисмати шоир" вакилон бо сарпарастии раиси кумитаи Иҷроияи ноҳияи Панҷакент, ҳамдеҳаи устод Рӯдакӣ Холмурод Шарифович Шарифов махсус омадаанд, ки аз ташрифи эшон ман бисёр миннатдорам. Ман акнун суханро ба меҳмони азиз рафиқ Шарифов медиҳам.

Чунин сурат гирифтани кор бароям тасодуф буд. Як лаҳза, бо ибораи халқӣ, дасту по гум кардаму пас "ҳар чӣ бодо бод" гуфта, микрофонро ба даст гирифтам:

—Намедонам, дӯстон, гапро аз чӣ сар кунам? Биёед, аввал аз номи деҳқонҳои қишлоқ гап занем,- гуфтам, ки касе "ана ҳаминаш ба мо аз ҳама муҳимтар",- гуфта луқма партофт Ман бошам акнун далертар шуда ба сухан даромадам. Деҳқончеш ҳамин, ки -гуфтам,- мо авлодони Рӯдакӣ аз рафиқон Улуғзодаву Кимёгаров аз замин то осмон миннатдорем. Барои қишлоқиҳо - деҳқонҳо, чорводорон, хурду калони деҳот ана ҳамин хел киноҳо лозим. Ҳамааш фаҳмо, забонаш аниқ, тарзи гуфтораш халқӣ, ҳодисаҳои тасвир шудааш ҳаётӣ. Ман филмро тамошо карда, Рӯдакии зиндаро дидам, ба ҳар сухани артистҳо бовар кардам, магар ин кори осон аст? Ин кино не, як мактаби бузурги зидагӣ аст. Рухсат диҳед, рафиқони азиз, офарандагони ин филм, пеш аз ҳама рафиқ Кимёгаровро аз номи сокинони зодгоҳи устод Рӯдакӣ Панҷрӯд, тамоми меҳнаткашони ноҳияи Панҷакент гарму ҷӯшон табрик намоям! Боз халқиаш ҳамин, ки ҳамаҳотон қандатонро занетон, нони мехӯрдагиатон ҳалол. Ин кино, бешубҳа, ба мукофотҳои калон меарзад,-гуфта нишастам.

Б.А. Кимёгаров аз ҷояш хеста, қадаҳ дар даст ба наздам омаду "бисёр ташаккур" гуфта, маро бо оғӯш кашид ва то пайкамро холӣ накардам, аз наздам нарафт. Ба оператори филм Иброҳим Барамиков, ки дар паҳлӯям менишаст, фармуд:

—Наззораи ин меҳмон ба ӯҳдаи ту, аз таому шароб камбудӣ накашад, сарат гарав.

Рафиқони дигар ҳам нутқҳои табрикӣ намуданду ба комёбии гурӯҳи эҷодии Б.А.Кимёгаров баҳои баланд доданд. Ёд дорам, касе аз рафиқони рус, агар саҳв накунам, Василий Кузин, яке аз асосгузорони кинои касбии тоҷик, бо ҳаяҷони том чунин сухан кард:

—Дӯстони арҷманд! Кимёгарови мо инсони аҷиб баромад. Фаъолияти эҷодиаш, гуфтан мумкин аст, ки дар пеши назари ман инкишоф ёфтааст. Ӯ аз муаллими оддии забону адабиёт то ба дараҷаи моҳиртарин ва бузургтарин ходимони санъати кинои Ҷумҳурии

Тоҷикистон расид. Қаноатмандона гуфта метавонам, ки Кимёгаров аз филм то филми дигар месабзад, камол меёбад. "Қисмати шоир" боз як шаҳодати ин ақида аст. Яке аз сифатҳои хуби Кимёгаров дар он аст, ки монанди баъзе эҷодкорон яку якбора ба офаридани филмҳои бадеӣ нахаспид. Аввал худашро дар бунёди филмҳои ҳуҷҷатии хурдҳаҷм,ба монанди "Тоҷикистон", "Кӯҳҳои Помир", "Водии Вахш", "Кишвари офтобрӯя" ва ғайра санҷид, баъд ба қобилияташ боварӣ ҳосил намуда, барои бунёди асарҳои ҳаҷман калони бадеӣ "Дохунда" ва ғайра камар баст. Ман касеро намедонам, ки ба мисли Кимёгаров заҳматкаш бошаду ба кори эҷодӣ чунин фидокорона дода шуда бошад. Аз самими қалб ӯро бо филми нав ва комёбиҳои тоза табрик мекунам",- гуфта нутқашро хотима дод Кузин - падари кинорежиссёри номии муосири тоҷик Евгений Кузин.

Иштирокчиёни он шабнишинии дӯстонаи эҷодӣ дар баҳои ҳаққонии додагиашон ба филми "Қисмати шоир" хато накарда будаанд. Филми мазкур зуд дар ҷумҳурӣ ва тамоми кишварҳои Шӯравӣ намоиш дода шуду шӯҳрати сазоворе пайдо кард. Б.А. Кимёгарову гурӯҳи эҷодӣ бо "Қисмати шоир" эътибори санъати кинои тоҷикро бемуҳобот ба арсаи байналхалқӣ бароварданд. Соли 1960-ум дар Қоҳира кинофестивали дуюми байналхалқии мамлакатҳои Осиё ва Африқо баргузор шуд. Дар ин намоиш Б.А. Кимёгаров "Қисмати шоир"-ро бо ҷуръати том ба маърази намоиш гузошт.

Он, ки он асари дар ҳақиқат ҳам аз ҷиҳати режиссура ва ҳам матни адабӣ баландпоя, бо таҷассуми комили образҳо ба мукофоти олӣ "Уқоби тиллоӣ" сазовор гардид. Мардуми кишварамон ин хабари хушро бо ифтихормандии бузург пазируфтанд.

Б.А.Кимёгаров дар асоси асарҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода филмҳои бадеии "Дохунда" ва "Ҳасани аробакаш"-ро офарид, ки ин ба мавзӯъҳои таърихӣ хоҳиши азим доштани ӯро собит менамуд. Албатта, қуллаи баланди дар мавзӯи таърихи кино эҷод намудани ӯ ва қобилияти моҳиронаи режиссёрии вай дар навори "Қисмати шоир" зоҳир шуда буд. Эҷоди ана ҳамин гуна филмҳо Кимёгаровро ба мавзӯи миёншикани "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ оварда буданд.

Солҳои тӯлонӣ дар ҷумҳурӣ бо масъалаҳои маданият, адабиёту санъат ва меъморӣ машғул будам. Бо ходимони эҷодкор, аз ҷумла Б.А. Кимёгаров зуд-зуд дучор мешудам. Ёд дорам, ки боре ба Душанбе Раиси Кумитаи кинематографияи СССР В. А. Романов омада буд. Он вақт, ки вазифаи мудири шӯъбаи маданияти Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистонро ба зимма доштам, меҳмонро пазируфта, ба ҷумҳурӣ шиносондам. Романов ҳамчун депутати Шӯрои Олии Иттифоқи Шӯравӣ дар назди интихобкунандаҳояш баромадҳо намуд, аз рафти иҷрои дархостҳо ҳисобот дод. Ба Душанбе баргаштем, Романов майли бо кори студияи "Тоҷикфилм" ошно шуданро изҳор кард:

—Хуб мешуд, ки дӯстон, ягон филми миллии нав ба навор гирифташударо намоиш диҳанд. Ба намоиш ҳайати эҷодии асосии студия-режиссёрон, сценаристон, рассомон, мунаққидонро низ даъват намоед ва баъди дидани филм, якбора бо онҳо низ мулоқот мекунем. Дар боби проблемаҳои санъати кинои Шӯравӣ, аз ҷумла инкишофи санъати кинои тоҷик, масъалаҳои рӯзмарраи ҳалталаби он мубодилаи афкор менамоем.

Роҳбарияти Госкинои ҷумҳурӣ ва студияи "Тоҷикфилм" барои намуна филми нави бадеии режиссёр Марат Орифовро ба меҳмон ва ходимони эҷодии санъати кино намоиш доданд. Сенарияи филм дар асоси китоби Павел Лукницкий "Нисо" иншо шуда буд. Бинандаҳо аз тамошои филми Марат Орифов асосан қаноатманд буданд. Аммо эродҳояшон ва маслиҳатҳои муфидашонро низ изҳор намуданд, ки режиссёри филм мамнунона онҳоро қабул намуд.

Баъди мубодилаи афкор дар атрофи "Нисо" ҷараёни сухан ба вазъи инкишофи санъати кинои тоҷик равона гардид. Б.А. Кимёгаров ба ҳайси котиби аввали Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон мухтасар шарҳи эҷодӣ намуд. Зиёдтар муҳокима дар атрофи асарҳои режиссёрон Тоҳир Собиров, Абдусалом Раҳимов, Валерий Аҳадов, Давлат Худоназаров, Марворид Қосимова, Евгений Кузин, Анвар Тӯраев, Шамсӣ Қиёмов мерафт. Нафақат бурду бохти режиссураи кино, балки ноқисиҳои сенарияҳо, маҳдудияти киносенарияи миллии тоҷик, харобии базаи моддӣ-техникӣ, зарурати тарбияи кадрҳои ояндаи санъати кино-сенаристон, режиссёрон, операторон, рассомон, бастакорон, ороишгарон низ мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор гирифтанд.

Баъд аз шиносой бо кору бори коркунони санъати кинои тоҷик бо таклифи Б.А. Кимёгаров меҳмонро ба бӯстонсарои "Симиганҷ", ки чун майдони наворгирии (натурплощадка) филмҳо истифода мешуд, даъват намуданд. Б.А. Кимёгаров аз таърихи бунёди бӯстонсарои Симиганҷ, умуман зинаҳои ташаккулу такомули санъати кино дар Тоҷикистон, саромадони он Комил Ёрматов, Гизулин, В. Кузин ва дигарон мухтасаран нақл кард.

Он лаҳза маъзарат хоста, илова намудам:

—Б.А. Кимёгаров хоксорӣ намуда , бисёр чизҳоро нагуфт, худи ӯ дар ҳалли масъалаҳои сохтмони студияи нави "Тоҷикфилм", кинематография ва ғайра саҳми зиёде гузоштааст.

Пас меҳмон самимона миннатдорӣ изҳор намуду хоҳиш кард, ки Б.А. Кимёгаров аз нақшаҳои эҷодии худаш ҳам гап занад.

—Медонед,-гуфт Кимёгаров,- филми "Қисмати шоир" диққати маро беоромона ба экранизатсияи мероси ғании адабиёти ҳазорсолаи классики тоҷик ҷалб кардааст. Ин як ганҷи маънавии бебаҳост. Кайҳо боз маро мавзӯи "Шоҳнома" ором намегузорад. Акнун ҳушу ёд ва умеду орзуям ба ҳамин асари безавол банд аст. Ҷиддӣ ба ин кор камар бастаниам. Мехоҳам боқии умрамро барои ба навор гирифтани достонҳои "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ сарф намоям, ба

мардуми олам онро манзур намудан амри вичдони мон аст.

В.А.Романов, ки бо диққат ба суханони Б.А. Кимёгаров гӯш мекард, гуфт:

—Нақшаҳоятон барҷаста менамоянд. Кумитаи Иттифоқ аз шумо кӯмакҳои лозимро дареғ намедорад. Шумо дар санъати кино шахси варзида ва эҷодкори бамулоҳиза ҳастед. Албатта, ин кор осон нест, аммо шубҳа надорем, ки шумо аз ӯҳдаи ин кор сарбаландона мебароед.

Ҳамин тавр Б.А.Кимёгаров ба кори басо мушкилу дандоншикан, аммо бо забони гӯёи санъати кино инъикос намудани "Шоҳнома"-и ҷовидонии Абулқосим Фирдавсӣ ғутта зада, аз рӯи ин эпоси миллӣ, силсилаи филмҳоро офарид. Ӯ пештар филми "Байрақи оҳангар"-ро офарида буд. Сипас наворҳои "Достони Рустам", "Рустам ва Сӯҳроб", "Достони Сиёвуш"-ро ба сомон расонд, ки он натанҳо дар санъати ҷумҳурӣ комёбии бузург, балки дар таърихи тамоми кинематографияи Шӯравӣ ҳодисаи ҷолиби таваҷҷӯҳ буд. Махсусан барои иҷрои нақши Рустам ҷалб намудани ҳунарманди осетинӣ Б. Ватаев, ки бо тоҷикон дар фарҳанг меросшарик аст ва чеҳраи Сӯҳробро офаридани ҳунарпешаи номдор Ҳошим Гадоев ҳусни ин филмро афзуда, барои шӯҳрати онҳо саҳми назаррасе гузоштанд.

Суханони пайғамбаронаи Фирдавсии бузургро дар бораи офариниши силсилафилмҳои Б.А. Кимёгаров низ метавон бахшид:

Пай афгандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

Филмҳои номбурдаи Б.А. Кимёгаров, ки мағзи онҳоро набарди некӣ бар зидди бадию зиштӣ ва талоши инсон барои бахт ташкил мекунад, аз ҷониби тамошобинони шӯравӣ ва хориҷӣ,мутахассисони соҳаи санъати синамо сазоворона эътироф гардиданд. Филмҳои "Достони Рустам", "Рустам ва Сӯҳроб" дар намоиши умумииттифоқии Тифлис мукофоти дараҷаи якумро гирифтанд. Филми "Сиёвуш" бошад, соли 1977-ум дар шаҳри Рига мукофоти олиро барои беҳтарин кинорежиссура ноил шуд. Дар ҷумҳурии худамон ҳам бозёфту комёбиҳои барҷастаи эҷодкори мумтоз, ходими намоёни маданияти тоҷик Б.А. Кимёгаров бо Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ дар соҳаи адабиёт, санъат тақдир гардид.

Дар яке аз рӯзҳое, ки ин хотиротамро оид ба Кимёгаров менавиштам, ба хонаамон дӯсти ҳамкору қадрдони ӯ - марде, ки тамоми умрашро ба санъати тоҷик бахшида аст, Абдулло-ака Ҷӯраев омад. Ӯ маро дар сари мизи корӣ дида, пурсон шуд:

—Чӣ заҳмате доред? Агар махфӣ набошад, чӣ менависед?

—Ҳеҷ чизи махфӣ наменависам. Силсилаи ёдномаҳоямро анҷом доданиям. Ҳозир навбат ба шодравон Б.А. Кимёгаров омадааст.

Абдулло-ака, гӯё рӯҳи тоза гирифт, табассуми ширине карду иброз дошт.

—Ин бисёр кори хайр аст. Афсӯс, ки баъзеҳо ба қадраш

намерасиданд, аз нотавонбинӣ бахилиҳо мекарданд... Афсӯс, ки нақшаҳои зиёди эҷодии вай бо худаш ба гӯр рафтанд. Кимёгаров филми "Фирдавсӣ"-ро бунёд кардан дошт. Сенарияашро ҳам навишта буд. Дар ролҳои асосӣ артист Ғиёсовро баргузида, вайро дар шутурҳо савор карда мушоҳида ҳам намуда буд. Ҳайҳот, ки Кимёгаров аз олам гузашту ин филмро мо ҳам надида мемурем. Намедонам, ҳоло сенарияи "Фирдавсӣ"дар дасти кӣ бошад, ҳаминашро нағз дарк мекунам, ки каси дигар ин наворро ба монанди Кимёгаров ба сомон расонида наметавонад.

Бо Б. А. Кимёгаров борҳо дар даҳаи адабиёту санъат ба ҷумҳуриҳои бародарӣ - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Литва ва ғайра сафарҳо намудаам, ва аз ҳар кадомаш таассуроти хуше дорам. Ин ҷо фақат дар хусуси бо ӯ ду маротиба ширкат варзиданамон дар анҷуманҳои кинематографистони Иттифоқ дар шаҳри Москва, шингилеро нақл карданиям. Он вақтҳо ба анҷуманҳои умумииттифоқии ташкилотҳои эҷодии нависандагону бастакорон ва рассомону кинематографистон ҳатман он вакилони ҳизбиро, ки фаъолияташон ба маданият васила дошт, ба тариқи меҳмон даъват менамуданд. Хушбахтам, ки дар се анҷумани умумииттифоқии нависандагон, чанд анҷуманҳои рассомону бастакорон ва кинематографистон иштирок доштам ва аз онҳо каму беш сабаққои эҷодӣ гирифтаам, зеро дар он анҷуманҳо намоёнтарин аҳли адабу санъати шӯравӣ аз тамоми олам изҳори ақида мекарданд, асрори кашфиётҳои эҷодиашонро нақл менамуданд.

Чӣ тавре, ки дар боло ишора гардид, ман бо санъаткори варзида, инсони асил, ташкилотчии фаъоли кори кинематографияи тоҷик, ходими ҷамъиятӣ Борис Алексеевич Кимёгаров ду маротиба дар анҷуманҳои Иттифоқии ходимони кинои шӯравӣ ширкат варзидаам.

Аввалаш ин, ки Б.А.Кимёгаров дар мусофират ҳамдами хуб буд, доимо аз аҳволи ҳамсафаронаш бохабар шуда меистод, ғамхориҳо менамуд, зарофатгӯиҳо мекард, ба тамошои филмҳои навтарину беҳтарин даъватнома ё билет меовард. Дар Москва мо бо Б.А.Кимёгаров намоиши асарҳои кинои итолиёвӣ, америкоӣ, франсавӣ ва ғайраро, ки дар онҳо истеъдодмандтарин симоҳои кинои ҷаҳон ҳунарнамоӣ кардаанд, тамошо мекардем. Ӯ ҳамчун дӯст кӯшиш мекард, ки ман ҳам ҳар чӣ зиёдтар ба олами пурасрори санъати кинои тоҷик "ғутта занам", хусусиятҳои наҷиби ин олами сеҳрангезро дарк намоям.

Дар Москва баъзан ба он аҳамият медодам, ки аъзоёни вакилони ҷумҳурии мо чӣ гуна кору рафтор мекунанд, бо кадом ният дар анҷуман ширкат меварзиданд. Дар байни онҳо чунин касон ҳам ёфт мешуданд, ки агар бо ибораи халқӣ гӯем, барои зебаш вакил мешуданду ба анҷуман меомаданд. Онҳо на маърӯзаҳоро дуруст гӯш мекарданду на музокираю мубоҳисаҳоро. Хоҳанд ба маҷлисҳо меомаданд, нахоҳанд не. Агар биёянд ҳам, ё ғанаб мерафтанд ва ё корашон ба якдигар ғапзаниву латифагӯӣ буд. Қисми дигарашон "зиёрат"-и

мағозаву ресторангардиро беҳад дӯст медоштанд, намефаҳмидед, ки онҳо кай ҳушёр буданду кай маст.

Б.А.Кимёгаров шахси дигар буд. Ба нутқи ҳар як вакил, хусусан аз ҷумҳуриҳои бародарӣ аҳамияти ҷиддӣ медод, фикрҳои ҷаззобу маъқулро ба дафтараш менавишт ва дар баромадҳояш, ҳам дар Москва,ҳам дар Душанбе барои баҳс ё тасдиқи фикраш аз онҳо истифода мебурд.

Ёд дорам, ки дар анҷуман ба Б.А. Кимёгаров ҳам сухан доданд. Ҳис мекардам, ки вай барои баромад ҷиддӣ тайёрӣ дидааст. Бе муболиға ӯ дар суханронӣ аз ҷиҳати маҳорати публисистӣ,дарки масъалаҳо, баҳси эҷодӣ, гузориши проблемаҳои ҳалталаб бо намоёнтарину барҷастатарин ходимони санъати кинои шӯравӣ дар як поя меистод ва сомеъон ҳар бор нутқи ӯро бо мароқ мешуниданд, фикрҳояшро қабул менамуданд. Он дам Б.А.Кимёгаров чанд масъаларо пеш гузошт: дар эҷодиёт ҳақиқатҷӯй будан, шароити баробар муҳайё намудан барои кори эҷодӣ дар ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ, такмил додани танқиди санъати кино, бо таҷҳизотнаворҳои босифат таъмин намудани киностудияҳои дурдаст, омӯхтани таҷрибаи беҳтарини кинобарорӣ ҳам дар шӯравӣ ҳам дар хориҷа ва ғайра аз онҳо буданд.

Дар он сафари якҷоя мушоҳида мекардам, ки дар муҳити аҳли санъат Б.А.Кимёгаров эҳтироми куллӣ дорад. Дар танаффусҳо намоёнтарин ходимони соҳаи кино, аз ҷумла Ром, Сергей Герасимов, Бондарчук, Қулиҷонов, Вия Артмане, Николай Крючков, Комил Ёрматов, Булат Шамшиев ва дигарон ӯро дӯстона истиқбол менамуданд ва бо вай сӯҳбатҳои гарму самимӣ меоростанд. Ин, албатта, бе сабаб набуд, зеро ӯ муносибати ихлосмандонаро нисбат ба худаш Б.А.Кимёгаров бо зуҳуроти хислатҳои беҳтарини инсонӣ, меҳнатдӯстии пайваста, эҳтиром ба ҳамкорон, назари садоқати табиӣ доштан ба ҳамкасбон ва ҳурмат ба ихтисосаш-санъати кино: дилбохта будан, фидоии ҳунар будан, нерӯ ва дониши хешро ба ин касб бахшидан ӯро ба ин мартаба расонда буд.

Ин сатрҳоро менависаму яке аз сӯҳбатҳоямон бо фарзанди ягонаи Б.А.Кимёгаров- Лилия Кимёгарова, ки вай ҳам дар касб пайрави падараш буд, ба хотирам меоянд. Боре, солҳои ҳафтодум, дар Москва, тахминан дар вакилхонаи Тоҷикистон бо вай дучор шудам. Мухтасар пурсу пос кардем. Ӯ гуфт, ки Малика Собирова дар Москва ҳамроҳи ӯст, хуб мешуд, ки бегоҳӣ вомехӯрдем. Он дам, ки фурсати гап задан надоштам, давоми сӯҳбатро ба бегоҳӣ мавқуф гузоштем.

Қарибиҳои шом корҳоямро ба сомон расонида, ба меҳмонхона баргаштам. Мувофиқи ваъда ба ҳуҷраи Малика ва Лилия занг задаму баъд наздашон рафтам. Онҳо маро бо чою "торти хушк" зиёфат намуданд. Ҳазломез гуфтам:

—Зиёфати шумо як мақоли аҷиби тоҷикиро ба хотирам овард: "Лаб гуфт, ки омад, ишқам гуфт, ки қиёмат".

Онҳо бо завқ хандиданду Малика, ки ӯро баробари фарзандонам дӯст медоштам, ба забон омад:

—Модоме, ки зиёфати мо шуморо қаноат накунонд, акнун ба зиёфати шумо меравем.

—Ба чашм,-гуфтам.

Малика каме сурх гашта,боз ба забон омад ва гуфт:

—Холмурод Шарифович, шуморо бинам, гӯё бо падарам гап мезанам, барои ҳамин маро бубахшед, ки аз зиёфат сухан гуфтам.

—Ана гапу мана гап. Бист сол боз якдигарро медонем, ба хонаи якдигар рафту омад дорем, туро фарзанд хондаам, боз ин такаллуму бахшиш чӣ лозим?

Ин дам Лилия Кимёгарова ба гап ҳамроҳ шуду гуфт:

—Росташро гӯям, мо ду рӯз боз хӯроки гарм нахӯрдаем, худамон шарм медорем, ки ба ресторан равем. Ана барои ҳамин, чойю конфету торт мехӯрем. Шаби гузашта Малика гуфта буд, ки дилаш ба шашлик гум мезанад.

Сухани Лилияро буридаму хоҳиш намудам, ки зуд либосҳояшонро пӯшанд, даҳ дақиқа вақт медиҳам, ман дар назди лифт Шумоёнро интизор мешавам. Аз меҳмонхона рост ба марказии маишии коркунони санъат (ЦАДРИ) рафтем. Хушбахтона, ҳам ҷои нишаст ёфтему ҳам шашлики хуштаъм.

Тарабхона равшану ороста буд, мусиқии маҳин ва муомилаи хуши пешхизмат дар як он табъи моро чоқ намуд. Вақто ки Лилия , "Малика, ғайр аз шашлик боз ягон чизи дигар мефармоем?", гуфт пешхозмат хушҳолона пурсид:

—Бовар намекунам, наход, Малика Собироваи овозадор шумо бошед?

Ӯ ҷавоби мусбат гирифт ва зуд дархостҳои моро ба ҷо овард. Бо эҳтироми том сихкабобро худи шашликпази хушбурут овард. Ӯ зарофатгӯй карду гуфт:

—Барои ман шарафи бузург аст, ки ба ситораи балетамон Малика Собирова ва дӯстони ӯ сихкабоб мепазам, баиштиҳо бошед, азизон...

Сӯҳбати мо ҳам дар сари миз дақиқа ба дақиқа қӯр мегирифт. Вақте ки аз падару модарон сухан мерафт, аз Лилия дар хусуси падараш, саломатии ӯ, хислатҳои инсонӣ ва низоми зиндагиаш дар оила аз муомилаи хонадории вай пурсон шудам.

Лилия китф ба ҳам кашиду каме ба фикр ғӯтта зад ва сипас ба сухан пардохт:

—Падарам, ғуломи кор аст,баъзан гумон мекунам, ки барои ӯ ба ҷуз кори кино дар дунё чизи дигаре вуҷуд надорад...

Не, ман гуфтанӣ нестам, ки ӯ шавҳару падари бад асту марди бепарво. Вай модарам ва фарзандашро аз мадди назараш ҳеҷ гоҳ дур намегузошт, дар рӯзҳои таваллудамон гулдастаҳо ёфта, ҳатман табрик мекунад. Доимо аз саломатиамон хабардор аст,- гуфт Лилия ва боз китф ба ҳам кашид.

Дар хона асосан бо чӣ кор машғул мешавад? - боз пурсидам аз Лилия Кимёгарова.

—Бо китоб. Гуфтан мумкин, ки бо китоб хоб меравад, бо китоб бедор мешавад. Модарам ҳар сари вақт ҳазломез мегӯяд: "Борис,ту ошиқи китоб, китоби хостаатро, ки ёфтӣ, моро фаромӯш мекунӣ, зани аввали ту китоб, баъд ман... Ҳамин тавр не? Падарам ишкамашро дошта, бо завқ механдад ва зуд омада модарам ва маро мебӯсаду мегӯяд: "Ин тавр нагӯй,ба ман сахт мерасад, медонам, ки ҳазл мекунӣ, ҷонам. Худат медонӣ, ки касби ман бо китоб вобаста аст, чӣ тавр охир онро нахонам?"—Ҳақ ба ҷониби падарам аст,-гуфт Лилия. Адабиёти классикии тоҷик тамоми вуҷудашро фаро гирифта аст. Ман медонам, ки ӯ ҷилдҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсиро борҳо гаштаю баргашта мехонд. Рӯдакиро аз бар қироат менамуд, сенарияҳои навиштаи муаллифони ҷумҳурии худамон, муаллифони дигари шӯравӣ ва хориҷиро мунтазам мехонд. Худаш ҳам матнҳои адабии баъзе филмҳоро менавишт. Сенарияи филмҳои "Роҳи сафед", "Санъати Тоҷикистон", "Муҳаммадҷон Қосимов", "Ба қуллаи Ленин" ва амсоли инро худи падарам навиштааст. Падарам барои кор ҳеҷ худашро дареғ намедорад. Касал шавад ҳам доруҳоро болои ҳам фурӯ мебарад, аммо кори сар кардаашро ба охир мерасонд. Ба замми ҳамаи гуфтаҳоям вай соҳибхонаи ғамхору меҳрубон аст, озори касеро раво намедонад,- гуфт Лилия. Пешхизмат яхмосҳоро овард ва дар ҳамин ҷо риштаи мусоҳибаи мо бо фарзанди яккаву ягонаи Б.А. Кимёгаров қатъ гардид.

Суханони дар хотима нисбат ба падараш гуфтаи Лилия боре, ки ба хонаашон омада будам, филфавр ба сарам заданд. Ин дафъа ба хонаи онҳо ба сабаи вафоти модараш барои таъзия омада будам. Омадаму бародарвор бо Б.А. Кимёгаров гардан ба гардан шудам. Дилаш аз андӯҳу ғам ва шикасти ногаҳонии зиндагӣ, талафоти бебадал чунон пур шуда буд, ки ҳарфе гуфта наметавонист. Ҳамсари Иброҳим Барамиков Н.Ф. Назарова маро сари дастархон шинонд. Мо чанд тан фурсати зиёд бо сари хаму дилҳои ҳазин хомӯш нишастем. Фақат хурӯши мусиқии классикии "Шашмақом" дилҳоро ба ларзиш меандохт. Ниҳоят, Б.А. Кимёгаров тамоми нерӯи ҷисмониву рӯҳияшро ғун карда гуфт:

—Чӣ кор кунам, ки қанотам шикаст, омаданатон ба ман қувват мебахшад. Ҳеҷ гумон надоштам, ки тақдир зуд бу чунин кулфати ҷонсӯз гирифтор менамояд.

Мушоҳида мекардам, ки он дам тамоми пайкари ин марди тануманд месӯзад, аз чашмонаш ашки ҳасрат мерезанд. Он марди ҳузарб аз тафти алангаи ҷонгудоз қариб, ки бузғунҷ гашта буд. Чеҳрааш зард гашта, рангаш парида, қоматаш хам шуда, хотираш парешон буд... Месӯхту месӯхт. Вақти хайрбод мо ба Б.А.Кимёгаров таскин медодем, суханҳоеро мечустем, ки бори ғаму андӯҳашро андаке сабуктар гардонанд, ӯро ба сабр водор менамудем.

Аз хонаи Б.А. Кимёгаров ба рӯи ҳавлӣ баромадему бо ҳамкасбонаш, дӯстонаш, ҳамсояҳояш рӯ ба рӯ шудем. Абдусалом Раҳимов зуд назди мо омада ба хонааш, ба чойнӯшӣ даъват намуд. Ба ӯ ташаккур гуфтаму афзудам:

—Кимёгаров хеле ва хеле коста аст, гумон мекунед, ки тамоми вуҷудаш месӯзад, беҳтараш дар ин рӯзҳо бо ӯ ҳамдард бошем...

Касе аз ҳозирон гапамро бурида гуфт:

—Наход, ки шумо ӯро надонед? Кимёгаров табиатан чунин аст, вай дар кор ҳам дилсӯзу марди бо ору номус аст. Ҳар вақт ба шогирдонаш суханони дӯсти қаринаш Мирзо Турсунзода "Сухан пулоду оҳан офарад"-ро такрор мекунад, "бе сӯхтан сохтан мумкин нест" мегӯяд.

—Гапатон ҳақ асту рост,- гуфтам ба ҳамсӯҳбатонам-дӯстони ғамзадаи Кимёгаров ва илова намудам, - агар вай одами бепарво мебуд, ҳеҷ гоҳ дар умри кӯтоҳи худ ин қадар кори эҷодии дандоншиканро ба сомон расонида наметавонист.Ман пеш аз ҳама асарҳои бешумори офаридаи ӯро, фаъолияти бобаракати ҷамъиятиаш ва ташаббусҳояшро дар ҳалли масъалаҳои сохтмони студияи "Тоҷикфилм", майдони коргоҳи эҷодӣ дар Симиганҷ, хонаи истиқоматии коргарони соҳаи санъати кино ва ғайраро дар назар дорам. Кошкӣ, ҳар шахси эҷодкор ба мисли Б.А. Кимёгаров ҳам дар ҷодаи эҷоду меҳнат ва ҳам дар хонадорӣ дилсӯзу фидоӣ мебуд.

Месазад, ки имрӯз дар рӯзи мотами ҳамсари дӯстамон мо бо ӯ дар як гулхани рӯҳи инсонӣ бисӯзем,ба ӯ такягоҳ бошем. Ҳамаи мо дар назди вай қарздорем.

Ҳукми қазоро бинед, ки асари он алами ҷонкоҳ аз ҷони ин марди ғамзада пок нашуда,баҳори соли 1979 худи ӯ низ аз худ номи нек боқӣ гузошта,дар бағали хок паҳлӯи ҳамсараш хуфт. Алҳақ, Фирдавсии бузург дуруст мефармояд:

Набошад ҷаҳон бар касе пойдор,
Ҳама номи нек бувад ёдгор.

ҶАҲОНОРО

Тобистони соли 1970 як гурӯҳ олимони тоҷик дар истироҳатгоҳи "Соҳили Заррин"-и Булғористон дам мегирифтем. Дар он ҳайъат олимони номӣ - академик З.Раҷабов,профессорон М.Т.Пӯлодова, В.И. Зайцева,С.А. Аиминҷонов ва дигарон буданд.

Ҳар кадоме аз олимони номбурда дар Булғористон дӯстону шиносҳои зиёде доштанд, ки бо онҳо мулоқотҳову саёҳатҳои дилпазир мекарданд.

Чунин машғулиятҳои рӯҳафзо ба ман ҳам насиб мешуд. Дар он кишвар ман ҳам чанд нафар дӯстҳои ҳамсабақ доштам. Яке аз онҳо Чавдар Добрев буд, ки боре бо ҳамсараш Маргарита ва духтарчааш Ванчо махсус аз София барои аёдатам омада буданд. Баъд Чавдар барои қулай будани мулоқотҳои минбаъдаамон аз наздиктарин

истироҳатгоҳ-Хонаи эҷодии адибони булғор манзил гирифт.

Рӯзи дигар дӯсти булғориам маро ба ҳамон ҷой меҳмон хонд, ки дар гирди дастархонаш аз эҷодкорони маъруфи ҳамкишвараш Богдан Блочинский, Генчо Стоев, Гочо Гочев низ омада буданд.

Чавдар маро ба ҳамватанонаш муаррифӣ намуд:

—Ин дӯстӣ ҳамсабақи ман-аз Тоҷикистон аст,- гуфта ному насаб ва касбамро маълум намуд.

Аввал ба ман профессори санъатшинос Гочо Гочев даст дод ва фавран пурсон шуд:

—Тоҷикистон дар куҷост, ба Тошканд наздик-мӣ?

Ман даҳон накушода, Чавдар ҳозирҷавобӣ намуд ва гуфт:

—Дӯстамон ҳамватани Мирзо Турсунзодаву Малика Собирова аст.

Чунин посухро шунида, профессор филфавр аз ҷояш хест. Маро ба оғӯш гирифт ва аз сари нав арзи эҳтиром намуд.

Профессор, ки аз дигарон солхӯрдатар буд, аввал ба шарафи меҳмон қадаҳ бардошт, баъд саволҳои дигар дод, ки якеаш чунин буд:

—Дӯстам, бигӯед шумо Мирзо Турсунзода ва Малика Собироваро аз наздик медонед? Ман бо Турсунзода мулоқотҳо доштам, ӯро мешиносам ва дӯст медорам, аммо хуб мешуд, ки аз Малика нақл менамудед.

Ин ҷо дӯстам Чавдар луқма партофт:

—Дар хусуси онҳо ӯ нагӯяд, ки мегӯяд. Холмурод дар республикаи худ "шеф"-и маданият аст, дар Тоҷикистон худаш шахсан маро бо онҳо шинос карда буд.

Каме андеша кардаму ба профессор Гочо Гочев чунин ҷавоб гардонидам:

—Миннатдорам, ки шумо ба шахсиятҳои соҳибистеъдоди мо чунин эҳтиром доред ва лозим, ки донистед дар хусуси Малика чанд сухан мегӯям:

—Малика – духтари як заҳматкаши оддӣ, устои олотҳои мусиқӣ, хос танбӯрсоз, найнавоз - Абдураҳим Собиров аст. Модараш Мадинабону соҳибхоназан мебошад. Худи Малика аз овони кӯдакӣ ба мусиқиву санъат, хусусан рақс завқу шавқи зиёд пайдо мекунад. Гавҳаршиносон зуд қобилияти ӯро меписанданд ва Маликаи хурдакаки даҳсоларо бахт ёр мешаваду вай ба машҳуртарин омӯзишгоҳи Ленинградии ба номи А.Я. Ваганова фиристода мешавад. Вай парвардаи мактаби ҳунари рус ва ҷаҳон аст.

—Шумо, ки Маликаро аз наздик мешинохтаед, оё метавонед, ки аз хулқу одоб ва ҳунараш низ нақл кунед?— гуфт боз профессори санъатшинос.

—Бале, ба чашм—гуфтам ва илова кардам, ки муовини вазири маданият ҳам будам, бо Малика борҳо сафарҳо ҳам намудаам ва ӯро ба монанди фарзанди худ мешиносам ва дӯсташ медорам.

—Чӣ аҷибе, чӣ аҷибе, биёед бишнавем,- гуфт Гочо Гочев ва ба

атрофиён маънидор рӯй овард.

—Шуҷоати эҷодкории Малика дар он аст, ки вай шӯҳрати санъати тоҷикро ба арсаи байналхалқӣ бароварда. Медонед, ҳунаре, ки Малика пеша кардааст, навъи мушкилтарини ҳунар ҳаст. Ин шакли ҳунар барои санъати миллии мо хос набуд ва на ҳама ба он таваҷҷӯҳ доштанд. Маликаи ҷӯянда, меҳнатдӯсти беҳамто ва фидоии балет тавонист дар як фурсати кӯтоҳ ҳазорон, ҳатто миллионҳо мухлисҳои худро пайдо кунад, сафи онҳо ҳам дар дохили Тоҷикистон, ҳам дар кишвари паҳновари шӯравӣ ва ҳам дар мамлакатҳои хориҷӣ то рафт бештар мегардад. Филми мустанади "Адажио" чеҳраи эҷодии Малика Собироваро пурра набошад ҳам, нағз нишон медиҳад. Вале барои Малика Булғористон, ки шӯҳрати ҷаҳонии ӯ аз ин ҷо сар шуда буд, ниҳоят азиз аст. Маҳз дар Варна соли 1964 Малика нахустин бор дар озмуни байналхалқӣ пирӯз гардида, боварии ӯро ба ангезаҳои эҷодиаш мустаҳкам намуд. Ӯ ана дар ҳамин ҷо фаҳмид, ки жюрии серталабро бо ҳунари асил ба мухлисони хайрхоҳ табдил додан мумкин будааст.

Дар ҳамин ҷо риштаи нақли ман мувақатан канда шуд. Боз як қадаҳи дигар нӯшидем. Сипас, касе майли шиноварӣ, касе машғули офтобхӯрӣ, касе ихтиёри шаробхӯрӣ намуд. Аммо сӯҳбати мо бо профессор давом дошт.

—Нақлатон дар бораи Малика чала монд, биёед онро идома диҳед,- гуфт ҳамсӯҳбатам.

—Дар хусуси Малика суханро зуд ба охир расонидан осон нест. Аммо фақат аз як ҳамсафариамон ба Монреал, ки шоҳиди ҳунарнамоии эъҷодкоронааш будам, ба шумо нақл мекунам.

—Гӯшам ба шумо,- гуфт мусоҳибам.

—Соли 1967 буд. Дар Канада, дар шаҳри Монреал намоиши "ЭКСПО-67" баргузор шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирокчии он буд. Ғайр аз намоиши дастовардҳои иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ санъати тоҷик низ ба маърази намоиш гузошта шуд. Дар консертҳо ҳунарварони номии ҷумҳурӣ -Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов, Шоиста Муллоҷонова иштирок мекарданд. Дар қатори онҳо ҷавонони соҳибистеъдод Малика Собирова бо шарикрақсаш Музаффар Бурҳонов низ буданд...

-Малика ва Музаффар дар намоиши аввал валси Шопенро рақсиданд. Қатъи назар аз он ки рақс дар саҳнаи номувофиқи кинотеатр пеши назари тамошобини бегона, бе ороиши саҳна ва бе оркестр мегузашт, бозии Малика ва Музаффар, навозиши пианинанавоз Михаил Муравин тамошобинонро писанд омад. Кафкӯбиҳои бардавом, гулдастаҳо, садоҳои "браво", "бютуфал", "вери гуд" насиби онҳо гардид. Рӯзномаи маҳаллии Канада "Зи газета" ба ҳунари онҳо мақолаи махсус бахшид. Ман борҳо шоҳиди он будам, ки ҳунари сеҳрангези Малика толорҳоро ба ҷӯшу хурӯш овардааст. Бе муболиға ҳар ҷое, ки акнун Малика ба сафари ҳунарӣ меравад, он ҷо ид барпо мешавад, зеро Малика аз қадамҳои аввалааш дар саҳна

чун вуҷуди осмонӣ пайдо шуда, бо истеъдоди ғайриоддии баландмақомаш, бо ҳунари ҷозиб ва ақлу одоби ҳамидааш ба қалби дӯстдорони ҳунари пок чун фариштаи матлуб маскан мегирад,— гуфтаму афзудам: биёед ба ин мавзӯъ дар ҳамин ҷо тавақҷуф намуда, ҳамроҳи дӯстон шиновари кунем.

Гочо Гочев ба таклифи ман розӣ шуда гуфт:

—Беҳуда ман аз Малика пурсон нашудам. Маликаи шумо ба ҳунари барқмонандаш Булғористонро низ ба ҷунбиш андохт гӯем ҳам хато намешавад. Дар барномаҳои телевизион, радио, рӯзномаву маҷаллаҳо борҳо бо тавоҷҷӯҳи том аз боби навоварии ҳунари Малика ва Музаффар Бурҳонов сухан ба миён омада, ҷанбаҳои гуногуни ҳунари волои онҳо мавриди баҳс қарор мегирифт. Умед ҳаст, ки Малика - яке аз рахшонтарин симоҳои ҷаҳонӣ эътироф хоҳад гардид.

Сӯҳбати мо бо дӯстони булғорӣ дар боби адабиёту санъати Булғористону Шӯравӣ, алахусус Тоҷикистон рӯзҳои дигар низ доманадор буданд. Чавдар Добрев ҳар дафъа ба ман кӯмак мерасонд. Ӯ ба Тоҷикистон мусофират дошт, бо бисёр ходимони маданияти мо вохӯриҳо карда буд ва хотироти неке аз он мулоқотҳо дошт, ки ба аҳли сӯҳбат онҳоро пешкаш мекард.

Ман ба бисёр мамлакатҳои дунё сафарҳо кардаам. Нафақат дар сафари Булғористон мардум аз ҳунари Малика, зиндагии ӯ пурсону чӯён мешуданд. Ҳам дар Куба, ҳам дар Кореяи Шимолӣ, ҳам дар Люксембургу Белгия, ҳам дар Берлину Будапешт, Прагаву Бухарест, касе мефаҳмид, ки аз Тоҷикистонам, Маликаро ёдовар мешуд, хоҳиш мекард, ки ҳар чизе, ки дар хусуси ӯ медонам,барояшон ҳикоят кунам.

Нимаҳои солҳои ҳаштодум бо ношириони Куба дар пойтахти он кишвар, шаҳри Гаванна, бо иштироки кормандони сафоратхонаи Шӯравӣ мулоқоти дӯстонае сурат гирифта буд.

Он ҷо, ки сухан аз боби маданияти миллӣ, гузориши нашри китобҳо, инкишофи адабиёту санъат мерафт, ҳамеша мабдаи байналмилалии он вирди забон мешуд, касе изҳори ақида кард:

—Ман ҳунарнамоии яке аз артистони театри миллии шумо Малика Собироваро тамошо кардаам, ки басо аълову воло буд. Ин шакли санъат ба маданияти миллии шумо хос аст? Чӣ тавр кишвари шумо ба чунин дараҷаи камолоти фарҳангӣ расидааст?

—Шаклҳои нави санъат, алалхусус опера ва балет падидаҳои эҷодиёти бадеӣ ба чунин шаклҳои тозаи санъат ҳам майдон кушод. Агар балетро гирем, вай дар ҷумҳурии мо таърихи мухтасар дорад. Дар пойдор шудани ин намуди санъат аз Малика ва Музаффар пештар бисёр фарзандони барӯманди миллат, аз ҷумла, Ғаффор Валаматзода, Лутфӣ Зоҳидова, Азиза Азимова, Муҳаммад Қобилов ва дигарон низ саҳми зиёд гузоштаанд. Аммо дар балети тоҷикӣ бо қобилияти фавқулодаи иҷрокунандагии худ Малика Собирова нақши рангини худро гузошт. Вай тавонист ба дили мардуми маҳаллӣ-тоҷикон, ӯзбекон, қирғизҳо, қазоқҳо, туркманҳо низ роҳ ёбад,онҳоро

мухлиси вафодори санъаташ гардонад.

Агар хоҳед, ба шумо як мисоли ғалатӣ меорам. Дар ҷумҳурии мо дар хусуси балетдӯстии яке аз ходимони номӣ, ду карат Қаҳрамони Меҳнати сотсиалистӣ Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев бисёр қиссаҳо мегуфтанд. Боре ӯ ба Москва мусофират доштааст ба машварати вакилони колхозҳо иштирок намуда, дар меҳмонхона бо роҳбари якуми ҷумҳурӣ - Бобоҷон Ғафуров вомехӯрад. Бобоҷон Ғафуров таклиф мекунад, ки тамоми ҳайати вакилони Тоҷикистон ба Театри Калони СССР - барои тамошои балети П. Чайковский "Кӯли қувон" раванд. Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев ҳам ҳамроҳашон меравад. Баъди аз театр баргаштани тамошобинон ҳангоми таомхӯрӣ дар меҳмонхона Бобоҷон Ғафуров аз Ӯрунхоҷаев мепурсад:

—Раис, чӣ тавр? Тамошо хуш омад?

—Э, ман қоил, ман ба ҳукуматамо тозаям қоил,- гуфта аст Ӯрунхоҷаев.

Бобоҷон Ғафуров шубҳанок "наход, ки балет ба раис писанд шуда бошад", гуфта аз дил мегузаронаду - боз мепурсад:

—Яъне тамошои балет ба шумо маъқул шуд, ҳатто, ки қоил ҳам шудед?

—Чӣ хел қоил намешавед:

—Бинед, ҳукуматамо чи қадар гунгҳоро ғун кардаанд, онҳо даме мерақсанд ва даме даву тоз мекунанд, боз ба онҳо мардуми бекор кафкӯбӣ ҳам менамоянд. Охир ин кори дунёро бинед. Ба гунгҳо то чӣ дараҷа эҳтирому ҳурмат. Бароямон иморати боҳашамати тиллокориро ҳам додаанд. Магар, муаллим ба ин кори ҳукуматамо қоил намешавед?

Шояд дар ин қиссача ҳазлу зарофатгӯӣ ҳам бошад, аммо ҳақиқати вазъият бо он наздик буд.

То ба саҳнаи ҳунар омадани Малика тасаввуроти бисёрии мардуми мо нисбати балет сатҳӣ буд. Дар ин хусус гуфта метавон, ки Малика дар ин бобат инқилобе намуд.

Ҳоло, ки сухан аз боби балетфаҳмии Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев рафт, як лахзаи дигаре ба хотирам меояд:

Солҳои ҳафтодум баъд аз слёти пешқадамони кишоварзӣ консерти калон эълон шуд. Дар консерт намоёнтарин ҳунармандони ҷумҳурӣ баромад мекарданд. Дар қаторашон Малика Собирова ҳам буд. Ман бошуурона дар паҳлӯи раис Ӯрунхоҷаев ҷой гирифтам. Ҳамин, ки баранда номераи балетро эълон кард, раис "акнун баромада як нос кашем ҳам мешудагист кифоя",- гуфта аз ҷояш хестан хост.

Ман аз раис узр пурсидаму гуфтам:— "агар малол наояд, ҳамин корро накунед, баромади Маликаро тамошо кунед. Охир, шумо одами ба қадри меҳнат мерасидагӣ-ку – гуфтам ба ӯ.

Суханам тамом нашуда, баромади Малика сар шуд.

—Бинед, бинед,- гуфтам:- чӣ тавр Малика бо нӯги панҷаҳояш ҳаракат мекунад, нафақат ҳаракат мекунад, вай маъноҳои амиқи зиндагиро ифода мекунад...

Дидам, ки раис бодиққат ҳунари Маликаро наззора мекунад, пешонаашро чин карда ҳаракатҳои ӯро месанҷад, гоҳе ба панҷаҳои ӯ менигарад,гаҳе ба имову ишораҳои рӯяш, чашмаш, шапаракмонанд пар задани дастонаш.

—Э, ин,дар ҳақиқат кори осон набудааст-ку,-гуфт раис,—бо тамом шудани рақси Малика ва пурсид, ки чӣ нақше буд, ки вай офарид?

Гуфтамаш:

—Лайлӣ.

—Кори савоб кардед, муаллим,—гуфта, раис миннатдорӣ карду илова намуд:

—Маликаро ба тарафҳои мо, ба Хуҷанд фиристонед. Баъд вай ҳамон лаҳзаҳои дар Москва ба Театри Калон рафтанашро нақл кард.

—Ман ин қиссаи шуморо шунида будам,- гуфтам ба раис ва афзудам,- барои ҳамин ҳам наздатон омада нишастам.

Баъд аз ин ақидаи раис Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев нисбат ба санъати балет тағъйир ёфт. Вай минбаъд ҳамаи баромадҳои Маликаро бозавқу эҳтиром тамошо мекардагӣ шуд. Чунин ҳолатҳо бо ҳазорҳо тоҷикону ӯзбекони дигар ҳам рӯй додааст, гӯем хато намешавад,- гуфта, нақламро ба дӯстони Гаванагӣ ба охир расонда будам.

Малика гарчанде дар соҳаи санъати хореографӣ моҳир ва навовар буд, аммо чун шахси хоксор ба заҳмати устодони ин соҳа Ғаффор Валаматзода, Лутфӣ Зоҳидова, Ибодулло Абдуллоев ва дигарон борҳо бо эҳтиром ва миннатдорӣ изҳори ақида мекард.

Устодон низ бо ҳисси ифтихормандӣ аз саҳми Малика дар инкишофи санъати хореографӣ сухан меронданд.

Соли 1989 бо устодони санъат Ғаффор Валаматзода ва Ибодулло Абдуллоев дар истироҳатгоҳи "Зимчуруд" дам мегирифтем. Фурсати зиёде доштем ва аз боби санъату арбобони он гуфторҳои тӯлонӣ қӯр мегирифт. Дар яке аз чунин лаҳзаҳо радио ҳикоятеро аз қисмати эҷодии Малика ба самъамон расонд. Ҳамин, ки ҳикоят ба охир расид устод Валамтзода, қоматашро рост карда гуфт: "Ҳазор афсӯс, ки ҳамин гули санъатамон зуд хазон шуд". Саволаш кардам:

—Шумо асрори зуд ба чунин зинаҳои камолот расидани Маликаро дар чӣ мебинед?

—Фақат дар меҳнатдӯстию фидокориаш, зеҳни нозукбини нотакрораш мебинам,-гуфт ваю илова намуд: Ёд дорам соли 1953 барои интихоби абитуриентҳо барои таҳсил дар омӯзишгоҳи хореографии ба номи Ваганова конкурс эълон карда будем. Дар қатори дигарон Малика ҳам буд. Муаллимон—мутахассисони аз Ленинград омада дар бораи Малика фикрҳои мухталиф мегуфтанд: яке қадаш паст мегуфт, дигаре ба ҳуснаш эрод мегирифт, аксар бошанд дар чашмонаш оташ дорад, мегуфтанд. Ҳамин тавр он дам қисмати ситораи дунёии балет ҳал мешуд... Он муваффақияте, ки Малика ба даст овард, фақат дар натиҷаи фидокориаш, машқҳои мунтазами ҷиддӣ ба даст омадааст. Ӯ шайдои ҳақиқии балет буд.

—Дар ин бобат Валаматзодаро сад фоиз тарафдорам,—гуфта, қувват дод дирижёр – Ибодулло Абдуллоев. Ман ҳолдони пухтакориҳои Малика ҳастам мегуфт, ӯ. Агар лозим шавад, Малика як лаҳзаи спектаклро то даҳ-понздаҳ,бист бор машқ мекард. Баъзан мешуд, ки навозандаҳо дигар навохта наметавонистанд, аммо раққоса тавалло менамуд. Ӯ то ба дараҷае, ки равонии рақс, ҳаракатҳои хореографӣ ба тобишҳои мусиқӣ, тахаюли эҷодии бастакор мувофиқат накунад, ором намешуд. Ман ин хислатҳои Маликаро дар таҷассуми образҳои асосии балетҳои "Жизел", "Дон Кихот" ва ғайра бараъло мушоҳида кардаам.

—Худатон ҳам медонистед,—давом дод боз фикрашро устод Валаматзода,-чӣ тавр реҷаи кори вай сахт аст. Депутати Совети Олӣ буд, аммо вай бо зорию тавалло аз маҷлисҳо ҷавоб мегирифт, ки машқҳояш тарк нашаванд. Малика нисбат ба худаш ва атрофиёнаш серталаб аст. Вай бо ҳамин услуб нафақат дараҷаи касбии худ, балки дараҷаи тамоми балети тоҷикро баланд кард.

Ибодулло Эрмуродович Абдуллоев боз илова кард: соли 1964-ум ба саҳнаи театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ—балети бастакори озарӣ Абдулфазл Қаро-Қароев гузошта шуд. Дирижёрии ин намоиши нав ба зиммаи ман гузошта шуд. Балет "Бо роҳи раъди ғуррон" ном дошт. Дар спектакле, ки оҳанги баланди зидди нажодпарастӣ дошт, нақши асосӣ—нақши Сариро Малика ба ӯҳда гирифт. Барояш ин нақш санҷиши ҷиддие буд. Малика ҳам дар репетисияҳо, ҳам дар намоиши спетаклҳо қаҳрамонона заҳмат кашид. Вай симои Сарии матиниродаро дар балети "Бо роҳи раъди ғуррон" басо аён, боварибахш ва хеле ҷозиб офарида, мухлисони бисёре пайдо кард:

Пас, Ибодулло Абдуллоев каме ба андеша рафту афзуд:

—Бо Малика кор кардан ба мо атрофиёнаш ҳаловати зиёде мебахшид, зеро вай мусиқиро басо нозук,бо тамоми тобишҳои нотакрораш мефаҳмид. Чунон мафтунона ба нақш дода мешуд, ки атрофиёнро ҳам ба кор рӯҳбаланд мекард. Ӯ ҳам дар кору эҷодиёт, ҳам дар зиндагӣ ва дар маданияти муомила бо ҳамкорон намунаи ибрат буд. Дар шаддаи марҷони балети тоҷик лоҷуварди рахшоне буд.

Дар хусуси истеъдоди фавқулоддаи Малика Собирова забардасттарин устодони балети шӯравӣ, аз ҷумла Галина Уланова, Мая Плисецкая, Мессерер А. ва дигарон изҳори ақида кардаанд. Малика ҳини сафари эҷодиаш дар ҳайати театри калони СССР ба мамлакатҳои хориҷӣ—Англия, Ирландия, Ҳиндустон, Бирма, Япония бо он симоҳои намоёни балети шӯравӣ аз наздик шинос шуда, таваҷҷӯҳи гарму холисонаи онҳоро нисбат ба худ пайдо намуд.

Яке аз машҳуртарин ҳунармандони асри бист дар соҳаи балет, устоди мӯъҷизакор Галина Уланова беҳуда ба Малика ҳисси эҳтирому эътиқоди хоса пайдо накардааст. Вай ба камолоти эҷодии Малика

дар Москва (апрели соли 1978) Галина Уланова роҷеъ ба ҳунари шогирдаш чунин гуфта буд: "Малика пеш аз ҳама бо қобилиятнокии фавқулоддааш фарқ мекунад. Дар вай ман кӯшишҳои бисёр донистан, донистанашро ба мушкилтарини шакли санъат-балет таҷассум намуданро дӯст медорам. Эҳтироми зиёду муносибати масъулиятноконаи ӯ ба ҳар нақши офаридааш, ба ҳар номераи консертиаш, сазовор аст. Бешубҳа, Малика фарди бениҳоят соҳибистеъдод аст. Аз ҷиҳати касбаш ҳамчун балерина вай олимақом аст. Сол аз сол Малика маҳорататашро такомул медиҳад ва ин консерте, ки вай дар Москва нишон дод, ба ақидаи ман, беҳтарин аст дар хазинаи эҷодии ӯ".

Худи Малика ҳам Галина Сергеевна Улановаро бо ҳиси поки фарзандӣ дӯсти медошт, ки беҳуда намегуфт, ки "Кошкӣ ба мисли Уланова мерақсидам". Яъне Уланова барояш қуллаи эҷодие буд, ки барои ба дараҷаи ӯ расидан ҷаҳду ҷадал мекард. Намедонам, аз чӣ сабаб бошад, ки Малика фақат дар ду ҳолат пеши назарам эҳё мегардад: ё дар саҳна ҳангоми рақс дар ин ё он образ, чолоку бебок ё ҳассосу ҷӯянда ва андешаманду чораандеш ва ё ин ки дар либосҳои оддӣ, бе ҳеҷ карру фар, бо чашмони каме маҳзун. Ҳолати аввал маро дар олами орзуҳо, ҷавонӣ ва талош барои бахт сайр медиҳад. Ҳар кадом образе, ки Малика таҷассум кардааст, бо тобиши дигаре ин матлаброро ҷилва медиҳад. Ҳолати дуввум маро водор мекунад, ки аз Малика бипурсам: "Эй Зӯҳра! Эй ситораи осмон! Эй раққоси нуриён! Чӣ дарде дар дил дорӣ! Охир ту ку ифтихори мо ҳастӣ, барои бисёриҳо туро як бор ҳам бошад аз дур дидан саодат аст?! Мефаҳмам,ту, ки медонӣ чӣ бояд кард, аммо ихтиёр ва маблағ дар дасти ту нест, афсӯс, ки баъзан фарзандони нолоиқи миллат гавҳаршиносӣ намекунанд. Сарбаланд бош, халқи заҳматкаш ба тақдири санъати худ бетараф буда наметавонанд. Мардум бо ту ҳастанд.

Яке аз хизматҳои бузурги Малика дар инкишофи санъати тоҷик он аст, ки вай дараҷаи профессионалии санъатро баланд бардошта ва дар саҳнаи миллии тоҷик эътибори балетро баланд бардошт. Бешубҳа, Собирова дар ҳалли талқин намудани услуби миллии тоҷикӣ дар балети классикӣ саҳми сазоворе гузоштааст. Инро дар балетҳои миллӣ "Қиссаи кӯҳсор", "Темурмалик", "Писари ватан", филмҳои телевизионии "Рубоиёти Хайём", "Маликаи Шарқ" ва дигар намоишҳо мушоҳида намудан мумкин буд.Дар онҳо вай унсурҳои рақси шарқӣ, муҳимтараш тобишҳои равони миллиро таҷассум менамуд.

Меарзад, агар махсус қайд, кунем, ки Малика нақши Лайлиро бо эҳсосоти волову майли мафтункунанда бозӣ мекард. Вай образи Лайлӣ—яке аз машҳуртарин қаҳрамонони лирикии адабиёти классикии ҷаҳониро дар айни авҷи камолоти эҷодиаш меофарад, ки ӯ аллакай ҳамчун устоди барҷастаи балет эътироф гардида буд. Симои поку дилангези Лайлӣ дар раққоса амиқ маскан ёфта, пеши назари

тамошобинҳо ба монанди бандҳои тобандаи достон шӯълаафкан мегардад.

Муҳаббати Лайлии Малика - бениҳоят нозук ва садоқатмандона аст... Ин муҳаббат ҳамчун манбаи шодӣ,зебоӣ, рӯҳбаландӣ, соҳибиқболӣ таҷассум мешавад. Ин муҳаббат чунон тасвир меёбад, ки бинанда ба эҳсосоти амиқ, кашишҳои нозуктарини қалб,азияти рӯҳонӣ ва талхиҳои зиндагии қаҳрамонро дар лаҳзаҳои ҷудоӣ баръало тасаввур мекунад, бо ӯ худро ҳамқисмат ҳис мекунад, гӯем муҳобот намешавад. Бозии нақши Лайлӣ барои Малика баландтарин ченаки эҷодие буд, ки силсилаи образҳои офаридаи ӯро дар балетҳои миллии тоҷикӣ ҷамъбаст менамояд. Лайлӣ дар галаситораи чеҳраҳои офаридаи Малика Собирова Аврора,Жизел, Одетта-Одилия, Сарӣ ва ғайраҳо бо дурахши мумтози худ шаъшаъапошӣ мекунад.

Маликаи нозукадои мо ҳам дар мулки санъат, ҳам дар даргоҳи зиндагӣ покиза, ҳақгӯй ва самимӣ буд. Афсӯс, ки аз сӯҳбатҳоям бо вай дар соҳили дарёи Лаврентияи муқаддас (Монреал), соҳили Неман (Литва), дарёи Москва, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва ғайра муфассал гуфта натавонистам. Аммо имрӯз фақат як мулоқоти дигарамонро гуфтаниям, ки дар он хислатҳои заминии инсонии вайро зиёдтар мешоҳида кардаам.

Одатан, пеш аз сафарҳои хориҷиашон Малика бо Музаффар барои хушбошӣ ба идора меомаданд. Ин даъфа онҳо рӯзона фурсат наёфта, бегоҳӣ ба хонаамон омаданд. Ин сӯҳбати мо дар рӯи кати саҳни боғ сурат гирифта буд.

Либосҳои Малика басо хоксоронаю оҳарпарида, ороҳояш ноаён, яъне намуди зоҳириаш ба дараҷае назарногир буд, ки духтарчаи хурдиам гуфта буд "магар ҳамин духтарак Малика аст?".

Оре, ҳамин духтараки хоксор ҳамон Маликаи афсонавӣ буд— Маликаи номии ҳунари ҷаҳонӣ, Маликаи санъати шӯравӣ, ки шӯҳраташ овозаи дунё буд ва дар ҳама ҷой роҳашро гулборон мекарданд.

Ҳамон бегоҳ байни Маликаву аҳли хонавода ва занҳои ҳаммаҳалаи мо дар як дам сӯҳбати дилпазир пайдо шуд.

Малика дар байни сӯҳбат ба ман саволҳои хандаовару кӯдакона медод. Обро аз куҷо оварда ба ин дарахтҳо медиҳед? Полезатонро кӣ каланд мекунад ва ғайра.

Дар атрофи сӯҳбат касе аз занҳои маҳаллаамон шарик шуда буд, ки ба Малика саволи ғайричашмдоште дод:

—Шумо чаро таваллуд намекунед? Магар намехоҳед, ки фарзанд дошта бошед?

Малика аз шунидани чунин савол як қад парид, лаҳзае худашро гум кард, сурх шуд, пас ирода пайдо карду маънидор ба рӯи зани савол додагӣ нигоҳ карда гуфт:

—Ин саволи шумо барои ман нав нест. То шумо ҳам бисёриҳо аз ман дар ин бобат пурсиданд.

—Хайр, шумо чӣ ҷавоб додед,— бетоқатона боз пурсид ҳамон

зан.

—Кадом зан фарзанд намехоҳад, ман ҳам мисли шумо доғи фарзандам, бисёр ва бисёр мехоҳам, ки ба ҷои зочаи дар хурдиам тақдим шуда ба сари синаам зурётамро пахш кунам.

Аммо...

"—Чӣ аммо, зодан лозим вассалом,-гуфт боз ҳамон зани бетоқат.

—Э,хола,—гуфт Малика -бе гапи шумо ҳам дили ман ба фарзанд гум мезанад. Шумо медонед, ки балет чист? Дар ин касбе, ки ман дорам таваллуд кардан нашояд. Магар шумо нашунидаед, ки "санъат қурбонӣ металабад" - мегӯянд?!

Ҳамин тавр, Маликаи мо дар аслу амал шайдову қурбони санъаташ буд ва то нафасҳои охиринаш содиқии худро ба касби сеҳрангезаш собит менамуд.

Ман барои он ки Маликаро аз "чангол"-и занҳо наҷот диҳам,гуфтам:

—Боз ба хориҷа меравед,баробари мардумони навро бо ҳунари худ ошно кардан худатон ҳам кишвари бароятон наверо мебинед, шаҳрҳои навро тамошо мекунед.

—Оҳ, муаллимаҷон,- гуфта ӯ рост ба чашмонам нигарист, - кошкӣ ман ягон ҷоро медидам. Маро метавонед, ки духтари дунёгарди ҳеҷ куҷоро надида гӯед. Охир ман фақат машқгоҳу саҳнаро мебинам, баъзан барои таом хӯрдан фурсат намешавад, гулдаста ва кафкӯбиҳо қариб дар ҳама ҷо якхеланд, маро бисёр вақтҳо гумон меафтад, ки ман фақат дар як саҳна мерақсам. Танҳо ҳангоми барои соядаст омадани мухлисон ба ёдам меояд, ки дар куҷо ҳастам.Боре дар Лондон издиҳоми зиёде маро гирд гирифта, соядаст металабиданд, ҷавонмарде, ки дар тан пироҳани сафеди наппа нав дошт, қоматашро хам карда, миёнаи шонаҳояшро нишон дод, ки он ҷо имзо гузорам,ман нахостам, ки куртаро ҳайф кунам, аммо чун бо исрори ҷавонмард дархосташ иҷро шуд, бо қомати баланд мағрурона аз байни издиҳом баромаду пироҳанро аз тан кашида, ба даст гирифт ва гаштаю баргашта онро мебӯсид...

Ёдат ба хайр -Маликаи бебаҳои осмонӣ!

ОЛИМАҚОМ

Тирамоҳи соли ҳазору нӯҳсаду шасту панҷум барои гузаронидани анҷумани анъанавии кишоварзони Тоҷикистон тараддуд доштем. Таъмин намудани қисми бадеии маъракаи анҷуман ба зиммаамон гузошта шуда буд. Аз роҳбари бадеии консерт устод Ғаффор Валаматзода, ки сомон додани консерт ба ӯ супурда шуда буд, пурсидам:

—Имсол ҳам,ба қавли мардум чӣ мехонӣ, порсола, ё ягон бозёфти тозае доред, ки ба деҳқонҳо тӯҳфа кунед?

—Осуда бошед, дӯстам, деҳқонҳоямон нисф хурсанд мешаванд,- гуфту афзуд,- дар гулбоғи санъатамон гулҳои нави хушбӯй рӯидаанд, ки дидаву бӯйида офарин мегӯед...

Қисмати расмиву кории анҷумани номбурда ба охир расиду навбат ба устодони санъат расид. Барандаи барнома ҳунарманди беҳамто, гӯяндаи шакарсухан Маҳмудҷон Воҳидов дар рафти намоиш бо як эҳсоси ҳаяҷоновар ва эҳтирому лутфи дӯстона номи ҳунарпешаи навбаромад Ҷӯрабек Муродовро эълон намуд. Ба саҳна ҷавонмарди қоқинаи хушқаду қомат,шармгин, аммо чеҳрагарму соҳибҷозиба бо ҳароси ниҳонӣ ворид гардид ва рубобашро ҷӯр карда суруди "Рӯзе ба ду зону бари дилдор нишастам"-ро ба шеъри Қассоб замзама намуд. Овози поки беолоиши ширадор, гуфтори тутивори кӯҳистонӣ, ҳамсадои оҳанг бо шеъри классикии шавқовар филфавр ба дили ҳозирон кора кард, ки онҳо сарояндаи ҷавонро бо кафкӯбиҳо мукофот карданд. Мухлисон ба ҳунарманди ҷавон гулдастаҳо низ инъом намуданд. Дар намоиши оншаба сарварони онвақтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов, Абдулаҳад Қаххоров, Маҳмадулло Холов, ходимони барҷастаи илм, адабиёт, санъат, машъалони соҳаи кишоварзӣ, меҳмонон аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ҳузур доштанд.

Қабули хуши иштирокдорони анҷуман, ки аз тамоми гушаҳои Тоҷикистон, Вахшу Хатлону Ҳисору Қаротегин ва Хуҷанду Зарафшону Бадахшон омада буданд, барои Ҷӯрабек Муродов маънои онро дошт, ки вай аз имтиҳони ҷиддие гузашт. Дар асл ҳам чунин буд. Хато намешавад, агар гӯем, ки аз ҳамон шаби хотирнишин роҳи Ҷӯрабек дар санъати касбӣ гулпӯш гардид.

Аз чунин тасвир мабодо таассуроте пайдо нашавад, ки комёбиҳои эҷодии Ҷӯрабек ба осонӣ ба даст омадаанд. Ҳаргиз ин тавр нест. Ҷӯрабек, ки зодаи оилаи заҳматкаши кӯҳистон аст, ҳанӯз дар овони ҷавониаш сахтиҳои рӯзгорро аз сар гузаронидааст. Нақли амаки Муродбекро борҳо шунидаам, ки мегуфт:

—Ҷӯрабекҷонам, эрка набуд, меҳнатро дӯст медошт, аммо ҳис мекардам, ки ба суруду мусиқӣ бештар завқ дорад, дастгириаш мекардам, ба маъракаҳои ҳунарварони номӣ мубурдамаш ва он чизе, ки худам медонистам ба ӯ сабақ медодам.

Ана ҳамин тавр Ҷӯрабеки мо сабақи зиндагӣ, сабақи ҳунар, сабақи одаму одамгарӣ, накӯкорӣ,эҳтиёҷи дар хизмати мардум буданро аз қиблагоҳаш, пирони ботадбири деҳааш омӯхтааст ва бунёди ҳунари волояшро дар заминаи ганҷинаи эҷодиёти халқаш пардохтааст.

Бори аввал шиносоии наздики мо бо Ҷӯрабек дар ҳамсафарии якҷоя, моҳи майи соли 1966-ум сурат гирифта буд. Дастаи синафараи ходимони маданияти Тоҷикистон дар маъракаи иди истиқлолияти Афғонистон иштирок дошт. Дар қатори ҳунармандони номӣ Ғаффор Валаматзода, Шоиста Муллоҷонова, Азиза Азимова, Ойдиной Усмонова, Одилҷон Назаров, Мӯътабар Иброҳимова, Боймуҳаммад Ниёзов, як гурӯҳ ҷавонони соҳибистеъдод Зебо Аминзода, Маҳмудҷон Воҳидов, Зулфира Асанова ва дигарон низ буданд, ки дар сафи онҳо Ҷӯрабек Муродов ҳам ҳунарнамоӣ мекард.

Ин сафари якумини Ҷӯрабек ба хориҷа буд. Вай бори аввал дар

пеши назари тамошобинони ноозмуд суруд мехонд. Хушбахтона, ӯро дар Кобул хуш қабул карданд. Рӯзи дуюми меҳмонии мо вазири онвақтаи Иттиллоот ва санъати Афғонистон донишманд Усмон Сидқӣ маҷлиси қабул орост. Ӯ дар назди Ҷӯрабек фурсате истоду дасташро фишурда гуфт:

—Аз сурудҳотон хеле масрур шудам, овози хушу талаффузи ширин доред, шарафманд бошед.

Агар чунин гуфтан раво бошад сафари ҳунарӣ дар Афғонистон имтиҳони дуюмин буд, барои Ҷӯрабек,дар майдони ҳунар.

Дар ҳар гузару музофоти Афғонистони бо мо ҳамсоя, дӯст, ҳамтаъриху ҳамфарҳангу ҳамзабон, санъаткорони Тоҷикистонро дӯстона бо ихлосмандӣ ва самимият мепазируфтанд. Дар Кобул, Ҷалолобод, Қарға, Истолифу Пағмон, ки ҷойҳои дилрабо буданд, меҳмоннавозии дӯстони афғонӣ ҳадду ҳисоб надошт. Ҷӯрабек бо ҳамсафаронаш сарафрозӣ намуда мегуфт,—

—Тағоҷон, инҳоям худомо барин дилкушоду нону намакдор будаанд-ку.

Сафари дуюми мо бо Ҷӯрабек соли дигар, яъне соли 1967-ум ба қитъаи Америка—ба Канада буд. Дар намоишгоҳи умумиҷаҳонии шаҳри Монреал комёбиҳои Тоҷикистонро намоиш медодем. Тамошобини сершумори хориҷӣ инкишофи ҷумҳурии моро дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, илму техника ва албатта, маданияти миллӣ аз назар мегузаронд. Бозёфтҳои фарҳангро дастаи устодони санъатамон аз ҷумла Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов, Малика Собирова, Шоиста Муллоҷонова, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов ва дигарон бисёр рангин мекарданд. Ба тамошобинони инглис, франсуз,олмонӣ, испанӣ ва ғайра писанд шудан кори осон набуд. Аммо фиристодагони Тоҷикистон тавонистанд, ки аз ин санҷиши ҷиддӣ бо сарбаландӣ гузаранд. Дар он барнома Ҷӯрабек сурудҳоро бо матни шеърҳои классикӣ ва шоирони муосир месуруд. Вақто ки ӯ месуруд, медидем, ки дар толор мухлисони зиёде овозхонии ӯро ба магнитофонҳо менавиштанд. Марди солхӯрдае суруди Ҷӯрабекро гӯш мекарду бо рӯймолча ашки чашмонашро пок мекард. Маълум гашт, ки дар толор шунидани ҳунарнамоии Тоҷикистониён мардуми форсу туркзабони зиёде аз Ню-Йорку Вашингтон ва дигар шаҳрҳо, махсус омадаанд. Аксарашон, тоҷикиро мефаҳмиданд, оби дидаҳояшон аз чашмонашон равон мешуд. Онҳо ҳашт рӯз,то тамом шудани муддати мусофирати мо дар атрофи фиристодагони Тоҷикистон парвонавор мегаштанд. Қисмашон то ҳанӯз бо Ҷӯрабек Муродов ихлосмандии том, дӯстиву рафоқат доранду робитаашонро намекатанд.

Амри қисмат, буд, ё кашиши қалби ҳамдигарӣ, ки бо Ҷӯрабеки азизу меҳрубон мусофиратҳои зиёди дигар ҳам доштем ба ҷумҳуриҳои назди Балтика, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва ғайра.Дар бораи ҳар як он ҳамсафариҳо меарзад, ки ҳикоятҳои алоҳида бинависем, аммо фурсат даст намедиҳаду имрӯз ба шарафи бузургдошти ҷашни ҳофизи номӣ дар хусуси баъзеи онҳо мухтасар нақл мекунам.

Соли 1978-ум мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрабек Муродовро барои дарёфти унвони Ҳунарпешаи мардумии Иттифоқи Шӯравӣ пешниҳод намуд. Дар Вазорати маданияти СССР ҳуҷҷатҳоро гирифта бошанд, ҳам таклифи ҷумҳуриро дастгирӣ накарданд. Баҳонаашон он будааст, ки Муродов дар консерватория нахондаасту маълумоти касбии мусиқӣ надорад. Чунин беэътиноии мансабдорони Москва ба иззати нафси роҳбарони Тоҷикистон расид. Онҳо боисрор талаб карданд, ки дар Москва шаби эҷодии Ҷӯрабек Муродов ташкил карда шавад. Шаби эҷодии номбурда бояд дар театри эстрадии шаҳри Москва дар нимаи моҳи декабри соли 1978-ум баргузор мешуд. Баъзеҳо шубҳа доштанд ва мегуфтанд, ки толори дуюнимҳазорҷоя аз тамошобин пур намешавад ва Ҷӯрабек ба бурдборӣ муваффақ шуда наметавонад. Аммо ба муваффақияти Ҷӯрабек имони комил доштем. Инро борҳо пазироии тамошобинони Москва ба исбот расонида буд. Хусусан кафкӯбиҳо ва ҳамвозиҳои аҳли толор соли 1974 дар Колонный зал ба муносибати 50-солагии таъсиси РСС Тоҷикистон гувоҳ буд.

Роҳбари онвақтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов ба ман фармуд, ки дар гузаронидани он маъракаро кӯмак расонам. Вай ҳазломез гуфта буд: "Ҳушёр бош, боз худдонамҳои москвагӣ бори дигар ғиромӣ карда ба санъати Ҷӯрабек назарбаландиву беэътиноӣ накунанд".

Гарчанде дар Москва ҳаво сард буду Ҷӯрабек Муродов барои тамошобини эркаи пойтахт чандон балад набуд, толори театри эстрадии Москва пур аз мухлисони ӯ буд. Хоҳишмандони бисёре дар беруни театр "билети зиёдатӣ надоред?"—гуфта овора мешуданд.

Ба намоиш ҳамон мансабдорони шубҳадорро, ки Ҷӯрабек сарояндаи касбӣ нест гуфта буданд, даъват намудем. Кормандони масъули Комитети Марказии КПСС, ҷонишини Вазири маданияти онвақта В.Ф. Кухарский, профессорҳои донишгоҳҳои касбӣ, вакилони расонаҳои хабарии оммавӣ ва ғайра ҳам дар сафи пеш ҷойгир шуданд.

Коргардон ва барандаи барнома ҳунарпешаи мардумии ҷумҳурӣ Абдусалом Раҳимов оғози консертро бо "суруди Рӯдакӣ"-и шеъри Мирзо Турсунзода оҳанги Ҷӯрабек Муродов сар кард. Пас Ҷӯрабек сурудҳои дилнишину машҳури миллатҳои гуногунро бо маҳорати баланду услуби нотакрори ба худаш хос паси ҳам ҷӯр мекард. Мардум дар толор ӯро бо эҳсосоти хушу шавқмандӣ ва эҳтироми том гӯш мекарданд.Ҳамин, ки суруди навбатӣ ба охир мерасид, толор аз зарби кафкӯбиҳои умум меларзид ва сароянда гулборон мешуд. Чунин истиқболи самимонаи тамошобини ноозмуд ба Ҷӯрабек қувваю илҳоми тоза мебахшид, ӯ рӯҳбаланд менамуд ва сурудҳоро бо дигар забонҳо низ бо маҳорату завқи баланд месароид. Аз ҷумла сурудҳои ӯзбекӣ "Ишонмайди", сурудҳои халқии русӣ "Калинка", "Каработники", "Буса", (ё "Сезарби Ҷӯрабек"), арманӣ "Механ", озарӣ "Қалбам бо туст", афғонӣ "Худат гул", эронӣ "Ту сафар кардӣ", арабӣ "Лайло", ҳиндӣ суруд аз филми "Сангам", туркманӣ "Уғул тугсангчӣ", қирғизӣ "Туморим", туркӣ

“Фиребгар”, (“Алдамчӣ”) ва ғайра ба муштариён тӯҳфа мегардиданд. Сомеъони шайдо ба сароянда гулдастаҳо медоданд, ки дар қатори онҳо сафири мухтори Афғонистон, вакилони Эрону Ҳиндустон низ буданд. Шаби эҷодиашро Ҷӯрабек бо суруди “Тӯёна”, ки аз ганҷинаҳои санъати халқи азизаш интихоб карда буд, анҷом дод. Дар он силсилаи суруду рақси “Тӯёна”, намунаи эҷодиёти халқии водиҳои кӯҳии Тоҷикистон чун шаддаи марворид аз ҷониби Ҷӯрабек риштабанд гашта буданд, ки ҳар кадомашон ҷилои нотакрори дилфиреб медоданд.

Шаби эҷодии Ҷӯрабек бе муҳобот бомуваффақият хотима ёфт. Вакилони расмӣ, профессорон, ноибвазири фарҳангии Иттифоқ Ҷӯрабеки сароянда ва оҳангсозро самимона табрик гуфтанд. Ҷӯрабек бо меҳмонҳо хушбошӣ намуда рафт. Ман ба В.Ф. Кухарский ва дигарон рӯй оварда пурсон шудам: “Акнун дар хусуси истеъдоди Муродов чӣ мегӯед? Шумо пешниҳоди ҷумҳуриро оид ба додани унвони фахрӣ магар бо асос рад карда будед?

—Гилаи шумо, дӯстам, ҳаққонист,— гуфт В.Ф. Кухарский ва афзуд, мо ҳам саҳлангорӣ кардем, аммо аз Тоҷикистон мактубҳои зиёде ҳам омада буданд, ки Ҷӯрабекро ҳаваскор гуфта бадном мекарданд...”

Ман бо мулоиматӣ, вале ҷиддӣ гуфтам:

—Ҳамин тавр ба хизмати ҳунарварон аз рӯи гуфтори ғаразнок баҳо медиҳем, об овардагию кӯзашикастагӣ баробар мешаванд. Охир, баъзе касоне ба унвони баланди ҳунарпешаи мардумии шӯравӣ соҳиб мешаванд, ки ба забони ягон миллати дигар сароида наметавонанд, ба намоишномаҳои онҳо базуру баазоб панҷоҳ, ё сад кас мебиёяд, барои тамошобинҳои Ҷӯрабек Муродов бошанд, майдони стадионҳо ҳам тангӣ мекунанд.

Баъди тақрибан як моҳ фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР доир ба додани унвони фахрии ҳунарвари мардумии шӯравӣ ба Ҷӯрабек Муродов эълон шуд, ки ин бешубҳа бурди калони маданияти миллии халқи тоҷик буд.

Он шаби эҷодӣ дар Москва ба Ҷӯрабек шӯҳрати зиёде овард, мағрур нашуд. Баръакс,худашро дар назди ихлосмандонаш бештар қарздортар мепиндошту бо ғайрати дучанд ва садоқати фарзандона камари ҳиммат баста эҷодкорӣ мекард. Ӯ барномаҳои нав ба нав эҷод менамуд,бо шавқу завқи тоза истеъдодашро сайқал медод. Баъди он шаби эҷодии хотиравии Москва ва хориҷа чун сарояндаи дорои салиқаи хоси сурудҳои классикӣ, овозхони таронаҳои шӯхи ҳозиразамон ва иҷрокунандаи сурудҳои мардуми Шарқ шинохта ба кишварҳои худ даъват мекарданд.

Ман Ҷӯрабекро моҳи майи соли 1989-ум боз дар мусофират, ин даъфа дар шаҳри Тошканд дарёфтам. Аниқтараш, дар меҳмонхона бо писараш Парвизҷон дучор шудаму фаҳмидам, ки ҳамон шаб дар қасри санъат консерти падараш барпо мешавад. Баъд аз фурсате Ҷӯрабекҷон маро сурағ карда ба шаби эҷодӣ даъват намуд.

Ҳунарнамоии сесоатина дар пеши назари тамошобини ӯзбекзабони Тошканд гӯё дар як нафас хотима ёфт.Ба қавли Ҳофиз Шерозӣ: "Ба як чашм задан сӯҳбати ёр охир шуд".

Медидам, ки мухлисони шайдои овозу сози Ҷӯрабек ба ҳар баромади ӯ бо шавқу завқ кафкӯбӣ менамояд. Боз аён медидам, ки дар тӯли солҳои пасин ҳам шахсияти худи Ҷӯрабек ва ҳам маҳорати эҷодгарии ӯ хеле такмил ёфтааст. Дигар он Ҷӯрабеки камҷуръати шармгину сарояндаи навозмудро намедидед. Акнун дар пеши назаратон шахсияти ҳунарманди варзида, дорои маҳорати наҷиби робита доштан бо тамошобин, сарояндае, ки ҳар суханаш, ҳар сурудашро дар мизони қурбияти зебоии овозу оҳанг ва каломи бадеъ чен мекардагӣ меистод. Акнун ӯ моҳияти фаъолияти бадеӣ—каломи шоир, тобишҳои садои овозу мусиқӣ, тасвири бадеии зиндагиро амиқтар дарк менамуд ва то ба қадре метавонист дили мардумро таскин медод, онҳоро ба зиндагӣ, ҳаётдӯстӣ бунёдкорӣ водор мекард.

Дар ҳамон шаби эҷодии Тошканд як воқеаи фаромӯшнашуданӣ рух дод, ки онро сарфи назар кардан номумкин аст. Ҷӯрабек месароиду месароид, ба мисли булбули шайдо чаҳ-чаҳ мезад, дилҳоро ба ҷӯш меовард. Вақте ки ӯ суруди шӯхангези "Тир манам, камон манам"-ро кабквор хурӯш медод, кампираке палмида-палмида ба саҳна баромад ва аз Ҷӯрабек хоҳиш намуд, ки ҳамин сурудашро аз нав такроран сарояд, то ки вай рақс кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Кампир дар фароварди рақсаш ба забон омада ба аҳли қасри бисёрҳазора рӯ овард: "Фарзандонам, маро айб накунед, ман аз ҳаштод сол зиёд умр дидаам, кулфатҳои зиёдеро аз сар гузаронидаам, акнун бе ҳасрат мемурам. Ҳунари Ҷӯрабек маро чунон ба вачд овард, ки худам надонистам, ки чӣ тавр ба саҳна баромадам. Охир мани пири ҳаштодсола қанот баровардам. Ин аст таъсири асари санъаткори ҳақиқӣ. Ба қадри Ҷӯрабек расидан лозим, фарзандонам", —гуфта пиразан дар зери кафкӯбиҳои пурмавҷ ба ҷояш омада нишаст. Ҳақ ба ҷониби он зани рӯзгордидаву қадршиноси ҳунар буд.

Хушбахтона, мулоқтҳову ҳаманишиниҳои мо бо Ҷӯрабек бешуморанд. Мо ҳамеша ба хонадони ҳамдигар азизтарин меҳмонҳоем. Маъракаҳои тӯю ҷашнҳои оилавиро якҷоя мегузаронем. Дар ҳамнишиниҳо ҳатман сухан аз боби нақшаҳои эҷодӣ меравад. Табиатан, Ҷӯрабек шахсест, ки маслиҳатҳои муфидро зуд қабул менамояд ва ба онҳо ҷомаи амал мепӯшонад. Боре бо Лоиқу Ҷӯрабек сӯҳбати хоса доштем, ки гуфтам:

—Азизонам, ушшоқҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд хуб садо медиҳанд, аммо чаро, ки Душанбеи биҳиштмонанди мо то ҳанӯз ушшоқи худашро надорад...

Чӣ мегӯед, ки баъди ду моҳ "ушшоқи Душанбе" тавлид ёфт. Равоншод – Лоиқ Шералӣ шеъри диловезе навишту Ҷӯрабеки мо бо оҳанги пурҷилои худаш он сурудро ба пойтахтамон Душанбе тақдим намуд.

Бори дигар Ҷӯрабек барои табрики идона ба хонаамон омада буд, устод Сотим Улуғзода ҳам ҳузур доштанд. Сӯҳбатамон қӯр гирифт. Сухан дар боби шашмақомхонӣ ва суруду навоҳои классикӣ мерафт. Он дам аз хусуси матни суруди "Қарокузим" сухан мерафт, ки Улуғзода "истед, истед" гуфта аз ҷой хестанду пас аз фурсате ғазали Ҳофизро, ки ду мисраи аввалаш чунин буд:

Агар зи кӯи ту бӯе ба ман биёрад бод,-
Ба мужда ҷону ҷаҳонро ба бод хоҳам дод,-

оварданд. Ҷӯрабек онро зуд азёд кард ва бо ҳавою оҳанги машҳури "Дугоҳ"-и классикӣ сароид, ки мо мафтунона гӯш кардем. Яъне суруди машҳури классикие, ки дар репертуари Ҷӯрабек нигини рахшандаест, бори аввал дар хонадони мо садо доду арзи вуҷуд намуд, ки аз он мо ифтихор дорем. Матни тӯчикии суруди "Гулъузорам" (шеъри Нишопури Шопурӣ) низ бо маслиҳати Сотим Улуғзода пайдо шуда буд.

Ҷӯрабек Муродов умуман ба мероси аҷдодонамон дилбастагии хоссае дорад, онро фидоёна дӯст медорад ва дар тарғибашон саҳми бузурге мегузорад. Ба дурдонаҳои пайғамбарони назми тоҷикӣ, аз ҷумла Абӯабдулло Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Ҷалолиддини Румӣ, Бедил, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Туғрал ва дигарон мушфиқона оҳанг баста, онҳоро борбадвор сурудааст. Аз шоирони муосир Ҷӯрабек ба ашъори Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулназар бештар рӯй овардааст. Аммо ашъори Ҷалолиддини Румӣ, Ҳофиз ва Лоиқ аз созу навои Ҷӯрабек бештар садо медиҳад. Ӯ Мирзо Турсунзодаро ниҳоят дӯст медорад ва ба матни шеърҳояш як силсилаи сурурдҳои дилошӯби замонавӣ офаридааст. Борҳо шоҳиди ҳамнишиниҳои онҳо дар бӯстонсарои нависандаҳо – дар дараи Варзоб будам. Медидам, ки чӣ сон Мирзо Турсунзода Ҷӯрабекро падарвор навозиш менамуд ва Ҷӯрабек бо рӯҳи болидаву садоқати фарзандона барояш месароид. Вақте ки вай шеърҳои Турсунзода, аз ҷумла "Суруди Рӯдакӣ", "Дили модар", "Ватан", "Модар", "Замин", "Нонреза", "Чашми ман", "Дӯстонро гум макун" ва ғайраро, ки худаш ба онҳо оҳанг бастааст, месароид, Турсунзода баъзан ба хаёлот ғутта мезаду баъзан бесаранҷом мешуд. Боре Ҷӯрабек, ки сурудҳояшро сароида торашро ба замин гузошт, Мирзо Турсунзода қадаҳ дар даст бо ҳаяҷон аз ҷой хест ва гуфт: "Ҷӯрабеки азиз, ту ба шеърҳои ман ҷони дуюм ато кардӣ, ба оҳангҳои ту ва маҳорати сурудхониат шеърҳоям батамом ба тарзи дигар садо медиҳанд. Дӯстон, Ҷӯрабекро ба чашми кам набинед, халқи мо хушбахт аст, ки Ҷӯрабек барин сарояндаву мутриби нотакрор пайдо кардааст".

Дар воқеъ, Ҷӯрабек ҷавонмарди хушадо, қадршинос, саҳназеб ва ширинсухан аст, ки худ падидаи нодир аст. Ҳамкории Ҷӯрабеки азизи мо бо дастпарвари Турсунзода Лоиқ Шералӣ ҳам басе ибратбахш аст. Лоиқ ва Ҷӯрабек як барномаи муштараки "ширу шакар" аз шеъру суруд тартиб доданд. Он дар саҳнаи театри ба номи Садриддин Айнӣ ва

қасри Борбад намоиш дода шуд, ки дар қалби тамошобинони сершумор, бештар ҷавонон, нақши рангине гузошт.

Яке аз хислатҳои наҷиби Ҷӯрабек дар он аст, ки вай инсондӯсти асил аст, ба ҳамаи ходимони санъат, хусусан сарояндагон – Акашариф Ҷӯраев, Аҳмад Бобоқулов, Ҳанифа Мавлонова, Тӯҳфа Фозилова, Зафар Нозимов, Одина Ҳошим, Абдулло Назриев, Ҷӯрабек Набиев, Нуқра Раҳматова ва дигарон эҳтироми самимӣ дорад ва саҳми онҳоро дар пешрафти санъати миллӣ эътироф менамояд.

Бисту чаҳоруми декабри соли 1992-ум барои маданияти миллии тоҷик рӯзи таърихӣ буд. Ҳунарпешаи мардумии собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, сароянда, оҳангсози барҷастаи миллии мо, Ҷӯрабек Муродов панҷоҳсола шуд. Ба ин муносибат дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ маҳфили эҷодии ҳамкасбон, шогирдон, дӯстони соҳибҷашн баргузор шуд. Чаҳор соат беист ҳамкорону дӯстон эҷодиёту хизматҳову хислатҳои наҷиби Ҷӯрабекро васф намуданд. Шогирдони ӯ – Наимҷон Маҳкамов, Афзалшо Шодиев, Даврон Алиматов, Хурсандмурод Зарифов ва дигарон намунаҳоро аз офаридаҳои устодашон замзама менамуданд. Қадрдонҳои наздик сухан гуфта, табрикҳои самимӣ мекарданд. Ходими хизматнишондодаи санъат, коргардон аз театри ба номи Камоли Хуҷандӣ Ислом Саломов маҳфилро кушода гуфт, ки имрӯз мо дар ҳалқаи наздиктарин дӯстамон, панҷоҳсолагии Борбади асри мо Ҷӯрабек Муродовро қайд менамоем. Дигаре изҳори ақида мекард "Хушбахтона, дар ҷумҳурии мо сарояндаҳо, оҳангсозҳо, мақомдонҳову мақомхонҳо бисёранд, ҳамаи онҳо сазовори эҳтироманд, аммо Ҷӯрабек Муродов яктост, зеро вай олимақом аст – мақоми ҳунарварӣ, мақоми инсонӣ, мақоми фаъолияти ҷамъиятӣ боиси эътироф аст.

Дар ҳамон маҳфили эҷодӣ номаи табрикии роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба соҳибҷашн Ҷӯрабек Муродов низ қироат шуд, ки иҷрояш ба зимаи камина буд.

ТАСХИРГАРИ ДИЛҲО

Дар Нашриёти "Шарқи озод" бо муҳаррири масъули китоби "Ахтарон", эҷодкори хушсалиқа Умари Шерхон вохӯрдам. Ӯ чун одат ҳамеша маро самимона пазируфта хушгӯй кард:

-Устод, дастнависи китобатонро хондам, писандам афтод. Агар хотираҳоятонро бахшида ба муғаннӣ Одина Ҳошим ҷо мекардед, китобатон бо як ахтари тобноки дигар дурахши тоза мегирифт.

-Ин хизмат ба мо расад - гуфтаму афзудам, - дар ин хусус профессор Аълохон Афсаҳзод ва нависандаи соҳибзавқ Маҷид Салим низ гушзад карда буданд.

Инак, азбаски фурсат хеле танг аст, чанд порае аз хотироти хешро ба зудӣ ба ифтихори он шахсияти бузург, ҳунарвари аслан

мардумӣ, инсони ҳассосу меҳнатқарин, дӯсти дилсӯзу меҳрубон, ки тамоми ҳастияш, истеъдоди бемислу монанди ғанияшро ба халқи азизаш бахшида аст, ба қалам медиҳам.

Тӯли солиёни зиёд бо устод Одина Ҳошим ошноӣ доштем, ҳамсафариҳо ҳам кардаем. Дар хусуси ҳамаи онҳо навиштан аз имкон берун аст. Ин ҷо танҳо чанд лаҳзаеро барои ҳаводорону сомеъони ин абармард ҳикоят мекунам.

Баҳори соли ҳазору нуҳсаду навадум бо масъалаҳои интихобот ба ноҳияи Фархор сафари хидматӣ доштам. Бо роҳбаладии сарвари ноҳия равоншод Ҳабибулло Тағоев дар якчанд ташкилотҳои давлатию муассисаҳои кишоварзӣ вохӯрӣ гузаронда, бевақт ба меҳмонхона баргаштем. Машғули шомхӯрӣ будем, ки дӯсти деринаам Абдуҳамид Абдуллоев, ки дар кумитаи марказии ҳизб ҳамкорам буд, омаду моро ба меҳмонӣ, ба хонадони хешаш, сардухтури ноҳия Қудратулло Валиев хонд.

Дар хонаи Валиев ғарқи сӯҳбату маишат будем, ки қарибиҳои соати даҳи шаб Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар, ҳофизи овозадори тоҷик Одина Ҳошим ва маорифчии хизматварзида Саид Шариф паси ҳам ба меҳмонхона ворид шуданд.

Ашӯр Сафар, ки инсони соҳибхираду зарофатгӯй буд, ҳанӯз ба курсӣ нанишаста ба хушгӯӣ пардохт:

-Холмурод Шарифови азиз, ин дӯсти шумо, Одина Ҳошим аҷаб шахсест, на худаш меосояду на мемонад, ки дигарон ором кору зиндагӣ кунанд - гуфта бо услуби ба худаш хос салому алейки кӯлобӣ намуд.

-Боз чӣ ҳодиса рӯй дод, ки акаи Ашӯр, шумо аз устод Одина Ҳошим, менолед - пурсидам ман.

-О, чӣ тавр гиламанд нашавам? Ӯ соати ҳафти бегоҳ аз театри вилоятӣ занг зада мегӯяд, ки биё ба Фархор равем.

-Пурсидам - дар ин бевақтӣ дар Фархор чӣ гум кардай?

-Гуфт - шахси бароямон азиз муаллим Холмурод Шарифов омадааст, ба зиёрataш меравем.

-Эй, Одинаҷон, дар ин бевақтӣ сафар кардан хуб нест, биё пагоҳӣ равем, - гуфтам.

- Одина малолхотирона ҷавоб дод, - пагоҳӣ мумкин, ки муаллим ба Душанбе баргардад. Хуб намешавад, ки эшонро суроғ накунем. Агар ту рафтан нахоҳӣ, ғӯлингхойӣ накун, ошкоро бигӯй, нашавад худам меравам, - гуфт Одинаҷон. Ана мо дар хизмати шумо, - гуфт устод Ашӯр Сафар, - бо ҳозирон як-як оғӯш ба оғӯш вохӯрӣ намуда.

Хонандаи нуктасанҷ ба хубӣ тассавур менамояд, ки мулоқоти оншабаи мо, бо шоири шаҳиру зарофатгӯи замон Ашӯр Сафар ва Одина Ҳошими маҳфилоро, чи сон сурат гирифта буд.

Бе муҳобот, тавре, ки дар боло ишора намудем, аз лаҳзаҳои аввали ташрифи меҳмонони нав Ашӯр Сафар, Одина Ҳошим ва Саид Шариф дилҳои мо аз шодию сурур фурӯзон гардида, дақиқа ба дақиқа

метафсид. Баъд аз сӯҳбати тӯлонӣ Ашӯр Сафар чанд шеъри нав иншо кардаашро қироат карду ба Одина Ҳошим, ки беҳад дӯсташ медошт, рӯй овард:

-Одинаҷон, чӣ каракӣ андохта нишастаӣ, ин дӯстони азиз фақат меҳмони ман нестанд. Торатро ба даст гиру маҳфилро гармтар кун.

Одина Ҳошими хунёгар асбобашро ҷӯр карда "Дастам намерасад ба гиребони орзӯ" - гуфта ба афсунгарӣ пардохт. Дар ҳақиқат овози марғуладори устод Одина Ҳошим тасхиргар буд. Он шаб ӯ месароиду мо гӯш мекардем, мо гӯш мекардему ӯ месароид.

Як хусусияти санъати нотакрори овозхонии Одина Ҳошим дар он буд, ки ӯ қабл аз ҳама дар интихоби матни сурудҳояш диққати аввалиндараҷа медод. Муғаннии нозукбин бештар ба ашъори бегазанди классикони назми тоҷику форс рӯй меовард. Ҳамон шаби фаромушнашаванда низ муғаннӣ аз офаридаҳои Ҳофизу Бедил ва Мавлавию Лоҳутӣ ғазалсароӣ кард, ки чанд бандашон ҳанӯз ҳам дар лавҳи хотирам нақш бастаанд:

Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Ҷои дигар мераванд, ин кори дигар мекунанд.
Мушкиле дорам, зи донишманди мачлис боз пурс,
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд.

(Ҳофиз)

Ана боз чанд мисраъ аз ашъори пурғановати шоири ширинадо Абдулқосим Лоҳутӣ:

Аё сайёд шарме кун, маранҷон ним ҷонамро
Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.
Ба гардан бастаи чун риштаву бар пой занҷирам,
Мурувват кун, иҷозат деҳ, ки бикшоям даҳонамро.

Одина Ҳошими ба ваҷд омада ба ҷаҳони мафтункунандаи оҳангу назми дилнавоз ворид гашта буд. Аракҳои ҷабинашро дам ба дам бо рӯймолча пок намуда хунёгарӣ мекард.

Агар овозхони дигар чанд сурудро паи ҳам сарояд, кас тез дилгир мешавад, тавре, ки аз таоми зиёду якхела иштиҳо мебандад. Аммо лаҳни ҷигарсӯзу ҳунари Одина Ҳошим тамоман дигар аст. Овози эшонро ҳар қадар, ки шунавӣ боз ӯро шунавам мегӯй, ба монанди он, ки агар фарди ташна оби шӯр нӯшад, ташнагиаш нашикаста, боз нӯшам мегӯяд.

Санъату ҳунари нодири Одина Ҳошимро баъзе тангназарони ғаразангез мавриди муносиб истифода бурда, ӯро ҳамчун тарғибгари хурофоту идеалҳои замони гузашта бадном карданӣ мешуданд. Боре роҳбари собиқи Тоҷикистон Ҷаббор Расулов ба камина дар ин хусус иброз дошт: шунидам, ки Одина Ҳошим дар даврaҳои муйсафедон бо сурудҳояш кӯҳнапарастиро тарғиб менамудааст. Аз Раиси КГБ В.Т. Шевченко пурс, вай ба ту ба тафсил нақл мекунад.

Бо раиси Кумитаи бехатарӣ тамос гирифтам. Вай нақли тааҷҷубоваре кард:

-Мегӯянд, ки Одина Ҳошим тарзи ба худ хоси сурудхонӣ дорад. Вай бо услубе ҳофизӣ мекардааст, ки шунавандаҳо ба ваҷд омада ихтиёр аз даст медодаанд. Вай фақат аз шеърҳои шоирони қадим мехондааст. Хуб мешавад агар ӯро аз сафарҳои хориҷӣ боз доред - афзуд ӯ.

Ба раиси Кумитаи бехатарӣ фаҳмондам, - Василий Тарасович хабари ба шумо расида ғаразнок аст. Худи шумо ҳамин моҳ дар маҷлиси пешқадамони хоҷагии қишлоқ иштирок доштед. Баъд аз ҷаласа консерти калони устодони санъат баргузор гардид. Одина Ҳошим дар он консерт бо маҳорати баланд ва услуби ба худаш хос, ки фалакхониаш мономанд, ҳунарнамоӣ кард. Ӯ аз оҳангҳои ба шеърҳои устодон Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода бастааш низ сароид, ки хунёгарии ӯ ба аҳли толлор басо хуш омад Хамзамон ба В.Т. Шевченко гуфтам, ки аҳли санъат низ бе нуқс намешавад. Дар чунин маврид баъзе аз нотавонбинҳо нисбат ба ҳамкоронашон бӯҳтонҳо мебофанд. Одина Ҳошим инсони поксиришти ватанпарвар аст. Ягон асос нест, ки роҳи ӯро аз ҳунарнамоӣ ба хориҷи кишвар бубандем...

Ба ҳар ҳол қарз донистаму моҳи ноябри соли 1972 қабл аз сафари ҳунарӣ ба Ҷумҳурии Покистон ҳофизи халқӣ Одина Ҳошимро ба КМ даъват намудам, ки дар он сӯҳбати махсус корманди масъули Кумитаи бехатарӣ, полковник Давлат Назиров иштирок дошт.

-Баъд аз пазироии ҳунарманд гуфтам: - Баъзе аз аъзоёни бюрои КМ барои сафари шумо ба хориҷа эрод изҳор намуданд. Дар назди роҳбарият кафолати шуморо ба зимма гирифтам. Ман ин суханҳоро дар шоҳидии Давлат Назирович ба диққататон мерасонам.

Дар фаровард Д. Назиров дар навбати худ афзуд: - Холмурод Шарифович дар бораи Одина Ҳошим ман метавонам танҳо суханҳои мусбӣ гӯям. Ҳофизи писандидаро аз соли 1962 мешиносам. Ман шоҳиди он будам, ки Одина Ҳошим дар сафари ҳунариашон ба Афғонистон (августи 1972) шӯҳрати хоса пайдо карданд. Дар ин сафар эшон маҳорат ва санъати нодири овозхонии миллаташро ба мардуми афғон нишон доданд...

Дар идораи мо нисбат ба Одина Ҳошим ва фаъолияташ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар рафтору гуфтори ноҷо мушоҳида нашудааст.

Инҷо, ки сухан аз боби ҳунарварии овозхони хушсалиқаи тоҷик дар хориҷи кишвар рафт, ба ёдам лаҳзае падид омад, ки боре худи Одина Ҳошим баъди бозгашт аз сафари навбатиаш нақл карда буд:

-Муаллим, мехоҳед шуморо хурсанд кунам?

-Чаро не?..

-Ин тавр бошад, - гӯш кунед - гуфт Одина Ҳошим. Шумо хуб

огаҳед, ки мо дар чанд мамлакатҳои Халиҷи форс сафари ҳунарӣ доштем. Яке аз рӯзҳои дилнишин, ҳини фориғ аз ҳунарнамоӣ рӯзона дар Аморати Муттаҳидаи Араб, бо ҳамсафарон ҷойҳои таърихӣ ва дигар зиёратгоҳҳоро тамошо мекардем. Аз растае мегузаштем, ки дар дуконе садои мусиқии тоҷикӣ ба гӯш расид. Наздик шуда аз дукондор пурсидем, - ин фитаро аз куҷо пайдо кардед?

-Ин фита аз ҳунарнамоии санъаткори тоҷик Одина Ҳошим аст, ки дирӯз аз консерти дар пойтахт баргузор гардида, писарам сабт кардааст - гуфт араби хушманиш.

Роҳбалади мо ба он марди араб гуфт, ки сарояндаи ҳамин суруд дар назди шумост. Ана ҳамин шахс, овозхони беҳамто Одина Ҳошим аст, ки шумо сурудашро ин қадар бо шавқ мешунавед.

Дар интихои нақлаш устод Одина Ҳошим хушҳолона афзуд: - он суруде, ки васфаш кардем, "Ҷингилак мӯй дорӣ" унвон дошт, ки сомеъон хеле хуш мепазирандаш. Чи иқболи баланд аст, ки ҳунари туро дар кишварҳои дур ҳам мефаҳманд, иброз дошт ӯ - бо табъи хушу хотири болида.

-Бале, акаи Одина, хеле хуб зикр кардед. Беҳуда нагуфтаанд, ки ҳунари асил қосиду паёмбари миллате ба миллатест. Санъати нотакрори шумо дар ин бобат намуна шуда метавонад, - гуфтам ӯро ба муваффақияташ табрик намуда.

Тӯли солҳои зиёд натанҳо дар Аморати Муттаҳидаи Араб, балки дар дигар кишварҳо низ, аз ҷумла - Афғонистон, Эрон, Яман, Покистон, Ҳиндустон, Олмон, Фаронса, Полша, Русия ва дигар мамлакатҳо Одина Ҳошим санъати миллати тоҷикро сарбаландона тарғиб кардааст.

Замоне ашхоси тангназару нотавонбин ҳам ёфт шуда буданд, ки Одина Ҳошимро ҳамчун сарояндаи музофотӣ ном мебурданд. Ин фикр батамом пур аз ғаразу кин буд. Солҳои зиёд аз рӯи фаъолияти хизматиам бо Кумитаи мукофотҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ иртиботи наздик доштам. Баъзан нисбат ба ҳусну қубҳи эҷодиёти ходимони намоёни адабиёту санъат баҳсҳои тӯлонӣ сурат мегирифт. Аъзоёни Кумита ба лоиқ будан ё набудани ин ё он номзад ба ҷоизаи давлатӣ доманадор фикрронӣ мекарданд. Аммо, вақте ки номзадии устод Одина Ҳошим ба гирифтани мукофоти номбурда пешниҳод шуд, ҳамагон бо як овоз, лоиқ будани ӯро ба ҷоиза дастгирӣ карданд.

Дар ҳайати Кумитаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ходимони барҷастаи илму адаб ва ҳунар шомил буданд, ки ягонтои онҳо нисбат ба ҳунари Одина Ҳошим ҳарфи ноҷо иброз надоштанд. Баръакс, кумита ба санъати волои Одина Ҳошим баҳои сазовор дод ва ӯ бо сарбаландӣ соҳиби унвони баланди лауреати мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ гардид. Ходимони намоёни фарҳанги кишвар аз қабили Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Меҳмон Бахтӣ, Ғаффор Валаматзода, Меҳрубон Назаров, Ҷӯрабек Муродов, Зафар Нозимов, Низом Нурчонов, Карокатулло Олимов, Бобохон Маҳмадов ва дигарон номи ҳунарманди асил устод Одина Ҳошимро бо эҳтироми

баланд ба забон гирифтаанд.

Лоиқ басо ҳакимона гуфтааст:

Он мард, ки аз нусхаи Қосим бошад,
Дар саҳни ғазалсарой доим бошад.
Аз баҳри сурудани дилу нияти халқ,
Ҳофиз бошад, Одина Ҳошим бошад.

Дар боло ишора намудам, ки бо устод Одина Ҳошим мулоқотҳои зиёд доштам. Вохӯриву ҳамнишастии дигари тӯлониву дилпазири мо бо он ҳунарманди соҳибдил дар хонадони устоди бузурги насри тоҷик Сотим Улуғзода баргузор шуда буд.

Он айёми фараҳфизо устод Улуғзода асари таърихии худ "Восеъ"-ро менавишт. Шояд маводҳои зарурӣ намерасид, ки ӯ азми сафари Ховалинг кард. Эшон бо роҳбаладии нависанда, (рӯҳаш шод бод) Ҳабибулло Файзулло ба Хатлонзамин, аниқтараш ба ноҳияҳои Кӯлобу Балҷувону Ховалинг сафар намуд. Баъд аз Ховалинг баргаштан ҳамсояи дар ба дарам устод Улуғзода гуфт:

- Ҳамсоя, ман дар ин мусофират кашфиёте намудам. Пагоҳ рӯзи истироҳат аст, нисфирӯзӣ ба кулбаи камина ташриф оред, он кашфиётамро ба шумо пешкаш мекунам, - гуфт устод табассуми ширине карда.

-Агар беҳад махфӣ набошад, дар бораи кашфиётатон ҳозир мегуфтед, - истодагарӣ намудам ман.

-Аз ҳамсояи қадрдон сирри махфӣ надорам. - Он кашфиёти банда Одина Ҳошим, беҳтараш истеъдоди нотакрори ин ҳунарманди асил аст. Дар тааҷҷубам, ки то ҳанӯз ӯро ба қадри казой намедонистам, ки Одина барин сарояндаи мумтози бо сабку ҳавою услуби хоси нотакрор доштаем. Эшон шеърҳоро донишмандона интихоб намуда, беғалат ва ба дараҷаи олӣ месарояд. Ӯ чунон месарояд, ки аз шуниданаш як ҷаҳон ҳаловат мебарӣ.

Яъне, - гуфтаниед, ки дасташ дар гиребони фалаку фалакхонӣ мекунад, - хушгӯй кардам ман.

-Бале, ҳамсояи азиз - гуфт ҳамсӯҳбатам.

Ҳақ бар ҷониби устод Улуғзода буд, ки санъати Одина Ҳошимро басо мушикофона дарк кардааст. Рӯзи дигар дар хонаи ҳамсояам мулоқоти ҳамдилон, ки дар он устод Одина Ҳошим гули сари сабати даврa буданд, басо дилангез сурат гирифт. Ҳозирон бо тамоми иштиёқ аз ҳунарнамоии ӯ баҳра гирифтанд.

Дар он ҳамнишинӣ Одина Ҳошим сурудеро хонд, ки матлааш чунин буд :

Ҳарчанд пиру хастадилу нотавон шудам,
Ҳар гаҳ, ки ёди рӯи ту кардам, ҷавон шудам.

- Устод, ман ин сурудро ба шумо бахшидам, - гуфт муғаннӣ, лутфангезона ҳини дамгирӣ ба соҳибхона.

-Бад не, бад не азизам, - миннатдорӣ кард устод Улуғзода.

Як сӯҳбати дигари дилпазир бо устод Одина Ҳошим, дар панҷоҳсолагии нависандаи маъруф, дӯсти қадрдонам Карематулло Мирзоев, дар деҳаи Нилкони Роҳатӣ сурат гирифта буд. Чӣ маҳфили дилорою рӯҳафзо буд он ҳамнишинӣ. Аз Душанбе нависандагони номӣ - Фазлиддин Муҳаммадиев, Убайд Раҷаб, Абдуҳамид Самадов ва дигарон низ иштирок доштанд. Нутқу шеърхониҳои ҳамкаламони соҳибҷашн бо ҳарорат ва дилҷӯ буданд, аммо лаҳзае, ки устод Одина Ҳошим торро ба даст мегирифт, ҳама ҳушу гӯш мешуданд. Аз аввали садои овозаш Одина Ҳошим сомеъонро ба худ мутеъ менамуд.

Дар аксари маҳфилҳо устод Одина Ҳошимро фарзандони ҳунармандаш Раҳматулло ва Ҳикматулло роҳбаладӣ намуда, бо падарашон ҳаммовозӣ мекарданд. Чи хуш аст, ки онҳо баъди даргузашти қиблагоҳашон касби падарро идома медиҳанд ва ансамбли фалакхонии Одина Ҳошим ҳанӯз ҳам дар хизмати халқи азизаш мебошад.

Охирин бор ҳамдастархонии банда бо устод Одина Ҳошим дар маҳаллаи Қарияи болои шаҳри Душанбе, дар тӯи домодии писари додарам Сироҷиддин - Меҳроҷ, пеш аз нӯҳ рӯзи вафоташ, ба вуқӯъ пайваста буд. Дар он тӯй низ муғаннӣ Одина Ҳошим хизмати мардона кард. Он шомгоҳон ба назарам ӯ бо тарзи аҷиб ба аҳли маърака муносибат мекард. Ҳини сурудхониаш эҳсос мегардид, ки гӯё ӯ бо аҳли маҳфил бори охирин вомехӯрад. Вақте ки устод Одина Ҳошим сурудхониро бо мисраҳои

Намемирам, агар сад сол нодон н-оварад ёдам,
Вале мирам, агар доно кунад як дам фаромӯшам,

- хотима бахшида, баландгӯякро ба шогирди вафодораш Мирзоватан Миров вогузошт, ман устодро бо хушгӯӣ дар шафатам шишондам:

-Акаи Одина, муборак шавад, ҳамсари нав гирифтаед, шунида хурсанд шудам...

Устод Одина Ҳошим миннатдории зӯракӣ карду чунин посух дод : - муаллимҷон, шумо аз дигарон бештар аз ҳолу аҳволи ман огаҳед. Агар бемор шавам, баҳри аёдатам ба Кӯлоб меомадед, дар маросимҳои мотами завҷаи аввалинам дар қатори хешу таборон иштирок доштед. Ҳамсари ҳозираам инсони асил аст, хизмати хуб мекунад, аммо вазъияти саломатии худам эътимоднок нест. Инро худам эҳсос мекунам, - гуфт он инсони биҳиштӣ. Афсӯс он сӯҳбат сӯҳбати охирин будааст ва дидор ба қиёмат монд...

Роҳату ранҷ чун бувад гузарон,
Ранҷ каш баҳри роҳати дигарон.

Чунин буд шиори зиндагии он инсони наҷиби зиндаёд - устод Одина Ҳошим.

Ёдаш ба хайр!

5.02.2004.

БУЛБУЛИ ШӮРИДАДИЛ

Дӯстон вақти гули хор маро ёд кунед,
Чун гули санг зи кӯҳсор маро ёд кунед.
Гар бихоҳед, ки ман хуфта набошам дар хок,
Бо дилу дидаи бедор маро ёд кунед.

Шоми шашуми январи соли 1991 филми телевизионии ҳунарвари хушсалиқаи нозукбин Муҳиддин Олимпурро муштоқона нигаристам, ки он ба зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии шодравон Маҳмудҷон Воҳидов бахшида шуда буд. Дар он филм аз навор симои инсони ҳам зоҳиран ва ҳам ботинан зебо — фидоии санъат, ровии булбуловоз наттоқи бомаҳорат Маҳмудҷон ҷилвагар мешуд. Нақлҳову хотироти олими номӣ Муҳаммад Осимӣ, шоири шаҳдзабон Лоиқ, нависанда Отахон Латифӣ, қироатгари беназир, олима Наима Қаҳҳорова, ҳамкасбони Маҳмудҷон — Ато Муҳаммадҷонов, Фаррух Қосимов ва дигарон ҷаҳони ботинии қаҳрамони филмро эҳё мекарданд.

Филмро медидаму лаҳзаҳои зиёди ҳамсафарӣ ва мулоқоту сӯҳбатҳои паёпай бо Маҳмудҷон ба хотир меомаданд. Дар хотимаи тамошои филм кадом як қуввае маро сари мизи корӣ овард. Сатрҳо ба мисли сиришки меҳри падарӣ паси ҳам равон мешуданд: Чаро меҳри падарӣ гуфтам? Магар ин иштибоҳе нест? — На, ҳаргиз! Маҳмудҷон ҳам ба мисли Ҷӯрабек, Малика, Зебо, Гавҳар ва дигарон ба ман доим "тағо" гуфта муроҷиат мекард.

Рӯзе дар маъракаи хосае менишастем, ки яке аз дӯстони Маҳмудҷон ҳазломез пурсид: Чаро "тағо",амак, ако, муаллим ё устод не?

Маҳмудҷон бо тааҷҷуб хандид ва зуд ҷавоб дод:

—Чаро "тағо"? Аз чӣ сабаб?

—Дар ҷойҳои мо, дӯстам, ҳурмати тағо хеле баланд аст. Он ҷо мақоли халқие ҳаст: "Тағо ба ҷои ҳафт падар". Зеро "тағо" ҳамчун насиҳатгару мураббӣ ва шахси рӯзгордида ба хонадон наздиктар аст. Ба ин маънӣ ин касро чун "тағо" шинохтаам.

Чунин муомилаю эҳсоси қарини Маҳмудҷон бе сабаб набуд. Вай дар лаҳзаҳои нокомӣ ва мавридҳои нобаробарии кораш маро суроғ мекард, андешаҳо ва дарди дилашро изҳор менамуд, ки ин ҷо якеашро нақл карданиям.

Рӯзе аз сафари дур баргаштам. Он рӯз истироҳатӣ машғули корҳои рӯзғор будам, ки Маҳмудҷон ҳамроҳи ҳунарпешаи номӣ, марди соҳибдил Гурминҷ Завқибеков вориди хонаам шуданд... Чанд муддат нишастем, хушгӯиҳо кардем, таом хӯрдем, чой нӯшидем. Маҳмудҷон чун ҳарвақта зарофатгӯиҳо мекард, шӯхӣ менамуд, аммо чеҳрааш чандон равшан наметофт. Аз Гурминҷ пурсидам: ситораи Маҳмудҷон имрӯз чун ҳарбора шуо намедиҳад, ё ман хато мекунам?

—Беҳтараш аз худаш пурсед муаллим,—гуфт Гурминҷ ва афзуд: "Мушоҳидаатон дуруст аст"

-Маҳмудҷон, магар ягон нохушие рӯй дод,- пурсидам аз ӯ.

—Вай бо илтифот табассум намуду гуфт:

—Ин ҷо, тағо асосан худи шумо айбдор. Бори дуюм аст, ки дар айни долу зарб ва гармии кори ман ба сафар баромада, ғайб мезанед.

—Аниқтар шунавем, Маҳмудҷон?

—Аниқтараш чунин, ки намоишномаи Умари Хайём "Гуфтугӯ бо худ" тайёр аст, аммо ду ҳафта аст, ки ба тамошобин пешкаш карда наметавонам.

—Чаро?

—Чаро? Чаро, ки баъзе ходимони ҳизбии ҷумҳуриамон намегузоранд, ки онро ба халқ намоиш диҳем.Гӯё дар намоишнома ким-чӣ хел нуқсонҳо ёфтаанд.

—Ҳоло ин тавр гӯед, — гуфтаму Маҳмудҷону Гурминҷи тараддуди рафтан намударо нигоҳ доштам ва аз сари нав сари миз шинондам. Гурминҷ луқмае партофт: "Ба гавҳар бояд гавҳаршинос баҳо диҳад. Ин бори аввал нест, ки баъзе мансабдорон нархи сабзиву пиёзро напурсида, ҳукм мебароранд..."

Сӯҳбати мо аз сари нав қур гирифт. Ба нею нестони меҳмонҳо аҳамият надода, шишаи шароби аз сафар овардаамро кушодам, чанд ҷуръагӣ аз он нӯшидем ва мулоқоти мо ба тарзи дигаре ҷараён гирифт.

...Баъд аз ду рӯз нахустнамоиши "Гуфтугӯ бо худ"-и Маҳмудҷон бо рӯҳбаландии волои худаш ва сомеъонаш ба тамошобинон пешкаш гардид. Чанд ҳафта ба қавли аҳли санъат "аншлаг болои аншлаг" буд. Он рӯзҳо ба тамошогоҳи театри Лоҳутӣ менигаристаму аз қиёфаи мухлисон пай мебурдам, ки гӯё ба замини асрҳои аср лабташна бори аввал об меояд ва ё резаборон меборад. Аз эҳсоси санъати беҳамто Маҳмудҷон ва лафзи равону шакарбори вай дилҳо аз шодӣ лабрез буданду кафкӯбӣ болои кафкӯбӣ садо медод. Ҳар дафъа ҳунарпеша дар хотима гулборон мегардид. Он лаҳзаҳо бе ягон муболиға Маҳмудҷон шамъеро мемонд, ки гӯё манзили торикро равшанӣ медиҳад. Бемуҳобот ашъори хирадмандонаю каломи дурбори Умари Хайём бо ҳунари нотакрори сухангӯии Маҳмудҷон ва маҳорати волои актёрии ӯ пайваст гардида бинанда ва шунавандаро мафтуну шайдо менамуд.

Дар омади гап ҷоиз аст гӯям, ки он вақтҳо ба намоишномаи Маҳмудҷон мансабдорони бехирад чӣ "нуқс"-ҳо ёфта буданд?

Гап дар сари он будааст, ки мансабдорон дар баъзе сатрҳои рубоиёти Хайём ишораҳои рамзиро чун девори намкаш ба унвони худашон қабул кардаанд. Онҳо эрод доштаанд, ки ашъори Хайём ҷавононро ба айшу ишрат даъват мекунад, онҳоро ахлоқан вайрон менамояд. Ишора ба чунин байтҳо буд:

Майлам ба шароби ноб бошад доим,
Гӯшам ба наю рубоб бошад доим.

Гар хоки маро кӯзагарон кӯза кунанд,
Он кӯза пур аз шароб бошад доим.

Ба туфайли чунин сатрҳо баъзе касони болонишин ҳукми носазо баровардаанд, ки намоишнома аз ҷиҳати маънавӣ зарарнок аст.

Чунин мисолҳоро роҷеъ ба баҳои ғаразноку саҳлангорона нисбат ба мероси бебаҳои маънавии халқамон бисёр овардан мумкин аст. Алҳол ҳаминаш кофист.

Аз сафарҳои зиёди якҷоя бо Маҳмудҷон ин ҷо роҷеъ ба дутояш нақл карданиям. Сафари аввал моҳи майи соли 1966 ба Афғонистон сурат гирифта буд. Дастаи ҳунарии Тоҷикистон иборат аз сӣ нафар мебоист дар иди Истиқлолияти он кишвар ширкат варзад. Дар ҳайати он баробари ҳунарпешаҳои шӯҳратёру солдидаи мо Ғаффор Валаматзода, Шоиста Муллоҷонова, Азиза Азимова, Ойдиной Усмонова, Мӯътабар Иброҳимова, Одилҷон Назаров,гурӯҳи ҳунарии ҷавонони умедбахш, аз ҷумла Ҷӯрабек Муродов, Маҳмудҷон Воҳидов, Зебо Аминзода, Зӯҳро Каримова, Элзара Асанова низ мақоми хосу нотакрор доштанд. Аммо имрӯз, ки сухан ба унвони шодравон Маҳмудҷон меравад, меарзад, ки қадрашро зикр кунем, нақши гузоштаи ӯро дар ин сафари фаромӯшношуданӣ ба хонандагони азиз нақл намоем.

Аён аст, ки Маҳмудҷони мо ин сафари ҳунарӣ бо "дастовез"-и пуразишу ҷолиб омада буд. Якумин молоқотҳои мо бо мардуми афғон дар бандари Шерхон ва шаҳри Қундуз оғоз ёфт. Маҳмудҷон яке аз онҳое буд, ки дар ҳар вазъият – бе саҳна, бе тайёрӣ ва омодагии навозандагон, бе либоси саҳнавӣ ва орову торо ҳунарнамоӣ кунад. Ана, яке аз чунин баромадҳои "ҳамеша омодаи" Маҳмудҷон дар назди кормандони театр ва аҳли ҷамъияти шаҳри Қундуз сурат гирифт. Ӯ гарчанде аз кӯфти роҳ хастагии зиёде дошт, аз ашъори Рӯдакӣ,Ҳофиз, Турсунзода қироат кард. Зеро мо бо мошинҳо 26 май соати 12 шаб аз Душанбе то Панҷи Поён, аз он ҷо ба воситаи паром ба бандари Шерхон ва аз он ҷо бидуни тафреҳ ба Қундуз расида будем. Қатъи назар аз кӯфтагии роҳу бехобӣ Маҳмудҷон басо моҳирона ва ҷолиб баромад кард. Ин сомеъонро бисёр хуш омад. Ёд дорам, вақте ки вай ғазали Ҳофиз "Юсуфи гумгашта"-ро қироат мекард,афғонон ӯро пайравӣ мекарданд ва дар рафти хониши вай бо одати хоси худ кафкӯбӣ менамуданд. Он ғазали сеҳрноку равон ин аст:

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон гам махӯр,
Кулбаи эҳсон шавад рӯзе гулистон, гам махӯр.
Эй дили гамдида,ҳолат беҳ шавад, дил бад макун,
В-ин сари шӯрида боз ояд ба осмон гам махӯр.
...Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баъид,
Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, гам махӯр...

Дар Қундуз мо ҳамагӣ ду соат таваққуф кардем. Аммо дар ин муддати кӯтоҳ ором набудем, сухан аз боби адабиёт ва ҳунарҳои

зебо мерафт. Мизбонон бо таассуф мегуфтанд, ки хуморашон аз гуфтораи Маҳмудҷон ношикаста, ӯро падруд мегӯянд. Моро зарур буд, ки шитоб намоем, зеро рӯзи дигар, яъне 27 май дар Чаман, дар театри Кобулнандорӣ мебоист, ки дар маросими тантанаи рӯзи истиқлолияти мардуми Афғонистон ширкат варзем.

Мизбонони қундузӣ ва мутахассисони шӯравӣ, ки дар он ҷо фаъолият доштанд, моро ба сафар омода карданд. Мо ба сӯи Бағлону Хинҷон роҳ пеш гирифтем. Шомгоҳ ба Хинҷон расида,пас аз таваққуфи кӯтоҳ ба ағбаи Соланг часпидем.

Соати чори субҳи рӯзи дигар ба Кобул расидем ва баъд аз ҷойгир шудан дар меҳмонхона, сарфи назар аз бехобию нооромии душабонарӯза, омодаи кор шудем. Вохӯрӣ аз қабули вазири иттилоот ва маданияти онвақтаи Афғонистон ҷаноби Усмон Сидқӣ сар шуд.

Чаро ин ҷо аввал Усмон Сидқиро ба ёд овардам? Барои он ки ӯ дар сафари аввалаи Маҳмудҷон ҳамроҳи устод Улуғзода ҳунари Маҳмудҷонро хеле писандида будааст. Ҳамоно ки бо ӯ дучор шудем, вай бо як лутфу эҳтироми хоса Маҳмудҷонро истиқбол намуд.

Ҳамон бегоҳ дар Чаман, дар бинои театри Кобулнандорӣ намоиши ҳунарӣ барпо шуд. Дар он Маҳмудҷон ҳамчун барандаи намоиш ва қироаткунандаи мумтозу беҳамто мавқеи хосеро ишғол менамуд. Табиист, ки тамошобинон ӯро басе самимона ва бо ҳаяҷони баланд истиқбол гирифта, гаштаю баргашта ба саҳна мехондандаш.

Рӯзи дигар Усмон Сидқӣ боз бо мо сӯҳбат орост. Ӯ ба ҳама ҳунармандон миннатдорӣ изҳор кард, аммо ба Ҷӯрабеку Маҳмудҷон ва дастаи раққосаҳо - Зӯҳро, Элзара ва Фирӯза алоҳида муроҷиат намуда, ба онҳо пирӯзиҳо орзӯ кард. Вазир, ки ҳам олим ва ҳам шоири шинохта буд, Маҳмудҷонро ҳазди худ хонд ва аз ӯ чунин хоҳише кард:

—Маҳмудҷон, мардуми мо аз ашъори бузургони гузашта хуб огоҳанд, чӣ мешуд, ки шумо имшаб аз қироати назми муосири тоҷик моро шодком гардонед?

—Ба чашм, устод,—гуфту Маҳмудҷон ва дар навбати худ аз Усмон Сидқӣ пурсон шуд:

—Шумо аз шоирони имрӯзаи мо киҳоро мешиносед?

Вазир посух дод:

—Афсӯс, ки ягонтоашонро. Аз ин сабаб мехоҳам, ки тавассути шумо бо ашъори шуарои имрӯзи тоҷик балад гардам. Шунидаам – Айниро,Турсунзодаро, Лоҳутиро, Миршакарро ва дигаронро. Орзу дорам ба Тоҷикистон раваму аз сӯҳбатҳояшон файзе бигирам.

Шаби дигар намоиши ҳунарпешаҳои мо такрор шуд. Шоиста Муллоҷонова, Ҷӯрабек Муродов, Мӯътабар Иброҳимова, Боймуҳаммад Ниёзов ва дигарон хуб баромад карданду писанди сомеъон гардиданд. Навбат ба Маҳмудҷон Воҳидов расид. Ӯ ҳанӯз сухан оғоз накарда, аҳли толор вайро бо кафкӯбиҳои гарм истиқбол намуданд. Он шоми дилпазир Маҳмудҷон фақат аз эҷодиёти шоирони

муосири тоҷик шеър хонд. Шеърӣ:

Мо сафар дорем бо амри Ватан,
Бо супоришҳои халқи хештан.
Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Халққоро зиндагӣ илҳо кунем,
Меҳри дилҳо ҳадя бар онҳо кунем.
Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

Аз достони "Ҷони ширин"-и Мирзо Турсунзода сарахбори баромадаш буд. Толор ба ҷунбиш омад, кафкӯбӣ болои кафкӯбӣ зам мегардид. Дар хотимаи баромади оншабааш Маҳмудҷон "Ба модарам" ном шеъри Лоиқ Шералиро низ бо эҳсоси амиқ ва ихлоси томи фарзандӣ хонд, ки банди аввал чунин буд:

Ба кунҷи сандалӣ биншаста модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад ният.
Ки рӯзи тӯй дида дар қади ман, бишканӣ армон,
Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав, ҷавоният.
Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!

Аз барои он, ки каломи тоза, тасвири пурҳаяҷони симои модари мушфиқ аз ҷониби шоири ҷавон – Лоиқ бо маҳорати парвози илҳоми мафтункунандаву лафзи булбулосои Маҳмудҷон омехта гашта буд, шунавандаҳои афғонӣ соҳибихтиёриро аз даст дода, ошкоро артистро хайра мақдам мегуфтанд. Он лаҳза ман як хислати аҷиби ба худ хоси тамошобини афғонро дарк кардам. Агар баромади санъаткор ба онҳо хуш ояд, дар рафти шеърхониву сурудсарой "офарин", "аҳсан", "шод бош" гӯён изҳори миннатдорӣ мекунанд. Ин дафъа ҳам чунин буд. Кафкӯбиҳои пай дар пай ва гулдастаҳои зиёд ҳаққонӣ насиби Маҳмудҷон шуданд.

Дар он сафар бо Маҳмудҷон ба кучое, ки мерафтем, ӯ бемуҳобот гули сари сабади давра буд. Ҳам дар Пағмону Истолиф, ҳам дар Қарға ва Ҷалолобод ӯро мардуми афғон такрор ба такрор ба шеърхонӣ даъват менамуданд. Маҳмудҷон бошад хиҷолатманду ҳаёзеркарда аз ҷой бармехест ва издиҳомро бо гуфтори нотакрораш дар як он ба шӯр меоварду шодком менамуд.

Дар ин мусофират моро нобарорӣ ҳам пеш омад. Ногаҳон Маҳмудҷонро дарди табларза домангир шуд ва лозим омад, ки ӯро дар яке аз бемористонҳои Кобул ҷойгир намоем. Аз чунин воқеаи нохуш мо ҳама ҳамсафарони ӯ хиҷилу ғамнок будем. Ҳар рӯз ба навбат барои аёдаташ мерафтем, дорую дармонҳои зарурӣ пайдо менамудем ва ҳар чӣ, ки аз дастамон меомад, барои ҳарчи зудтар шифо ёфтанаш мекардем. Бе муболиға он рӯзҳо ҳушу ёди ҳар яки мо бо қисмати Маҳмудҷон омехта буд. Ҳар субҳ, ки ба сари дастархони наҳорӣ менишастем, дӯстон ба ҷои салом "аҳволи Маҳмудҷон чӣ хел бошад"

гуфта, сухан оғоз мекарданд... Ин бесабаб набуд, зеро Маҳмудҷон бо хислатҳои наҷиби инсонии худ, хулқу одоби ширину нотакрораш, қобилияти мӯъҷизавии эҷодиаш меҳрашро мағз андар мағзи дилу дидаи мо ҷой гиронда буд.

Боре ҳамроҳи як корманди сафоратхонаи шӯравӣ ба бемористон барои хабаргирии Маҳмудҷон рафтем. Моро табиби навбатдор ба утоқи Маҳмудҷон бурд. Вазъияти бемор вазнин буд. Ӯ бо душворӣ нафас мегирифт ва сухан мегуфт. Пас аз чанд дақиқаи ҳамдамӣ Маҳмудҷон изҳор кард, ки фақат ба худи ман чанд сухане гуфтанист. Дигарон рафтанд ва ӯ ба ман гуфт: "Тағоҷон, маро тез аз ин бемористон баред, худи ҳамин рӯз баред", ё аз одамони худамон назди ман навбатдор монед.

Маънидор ба рӯяш нигоҳ мекардаму ва дар ҳайрат будам, ки Маҳмудҷон боз афзуд, - ин ҷо ким кадом ашхоси шубҳаовар зуд-зуд назди ман меоянд, таклиф мекунанд, ки маро ба кадом шаҳри дигар барои табобат баранд. Ҳамин, ки сиҳат шудам, ихтиёрам: хоҳам бармегардам, нахоҳам не". Пас,Маҳмудҷон боз илтиҷо намуд, ки худи ҳозир ӯро бо худ ба меҳмонхона барам. Кор чунин сурат гирифт, ки бидуни розигии сардухтур Маҳмудҷонро аз он ҷо барам. Ман ба сардухтур барои кафолат забонхат додам, ки агар бо мариз воқеае рӯй диҳад, на касалхона,балки худам ҷавобгар ҳастам. Ҳамин, ки Маҳмудҷонро ба меҳмонхона овардем, ҳамдиёрон, ки аз асли кор бехабар буданд, бо ҳисси шодмонӣ наздаш омада,ӯро табрик мегуфтанд, ки сиҳат шудааст. Аммо ӯ ҳанӯз сиҳат набуд, таби баланд дошт ва духтурҳои сафоратхонаи шӯравӣ бо кӯшишҳои зиёде табобаташ менамуданд. То ба по хестани Маҳмудҷон ҳамсафаронаш дар назди бистари ӯ навбатдорӣ мекарданд. Он дам ҳунарпешагони нисбатан калонсолу пуртаҷриба Азиза Азимова ва Ойдиной Усмонова аз ҳама зиёдтар давои ӯро меҷустанд ва ҳуҷраи ӯро тарк намекарданд. Ҳамин тавр, бемуҳобот,дарди Маҳмудҷон ба дарди тамоми ҳамсафаронаш табдил ёфта буд... Суханбозӣ намешавад, агар гӯед, ки он рӯзҳо ҳар яки мо тайёр будем, ки ҷонамонро ба ҷони Маҳмудҷон нисор кунем. Ҷӯрабек, Одилҷон, Орифшо ва дигарон дам ба дам мегуфтанд: "Тағоҷон,чӣ кор кунем, ки Маҳмудҷон зуд шифо ёбад?". Онҳо соатҳои зиёд ғамгинона назди кати дӯсташон нишаста, ӯро парастории менамуданд.

Хушбахтона Маҳмудҷон шифо ёфт ва дар шаби хотимавии баромади устодони санъати мо бахшида ба ҷашни Истиқлолияти мардуми Афғонистон сарварии барномаро дар ӯҳда дошт. Барномаи оншабаи ҳунарпешагони мо ба охир мерасид, аммо тамошобинон гаштаю баргашта онҳоро ба саҳна даъват менамуданд. Билохир Маҳмудҷон хотимаи консертро эълон намуд:

Боз омадан зи рафтани хуршед дур нест,
Гар зиндагист, дида ба дидор мерасад.

Тамошобинон тӯлонӣ ва пуравҷ кафкӯбӣ намуда, саҳнаро гулборон

мекарданд, беист "аҳсан", "офарин", "роҳи сафед", "ёдатон ба хайр" мегуфтанд. Ҳис карда мешуд, ки дил канда наметавонистанд.

Сафари дуюми хориҷии мо бо шодравон Маҳмудҷон соли 1967 ба Канада ба вуқӯъ пайваст. Ин дафъа ҳайати моро раиси Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Абдулаҳад Қаҳҳоров сарварӣ мекард. Мо ба Монреал ба намоишгоҳи умумиҷаҳонӣ рафта будем. Он ҷо Тоҷикистон комёбиҳои худро дар тӯли солҳои ҳокимияти советӣ - ҳам дар инкишофи санъат, кишоварзӣ, илм, техника, ҳам маданият, адабиёту санъат намоиш медод. Дар хусуси он мусофирати фаромӯшношуданӣ таассуротамро дар китоби "Гард дар миҷгон" гуфтаам. Инҷо фақат Маҳмудҷони шодравонро ёдовар мешавам.

Соати 10 пагоҳии 23-уми майи соли 1967 кар конференсияи матбуот маълум гардид, ки соати ҳабдаҳи ҳамон рӯз баромади аввалини устодони санъати Тоҷикистон дар толори кинотеатри "ЭКСПО-67" баргузор мешавад. Ҳамсафарон як қадар дар ҳарос афтоданд: ҷойи ноозмуда, тамошобини ноозмуд, барои тараддуд вақт нест ва ба замми он саҳнаи кинотетр барои намоиши консерт хеле номувофиқ аст. Чунин ҳолати ҳунарпешагонро пай бурда, Абдулаҳад Қаҳҳоров ва Ибодат Раҳимова онҳоро ба қавиродагиву масъулиятшиносӣ ҳидоят менамуданд:

—Худро ба даст гиред, ҳар кадоматон қобилияти фавқулодда доред, ҳамааш ба хубӣ анҷом меёбад,- мегуфт Абдулаҳад Қаҳҳоров.

Ҳама барои намоиши аввал тараддуд медиданд. Чанд ҳуҷраҳои хурди номусоиди репититсионо Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов бо бастакор - консермейстер Михаил Муравин соҳибӣ карданд. Хоначаҳои боқимондаашро Шоиста Муллоҷонова, Малика Собирова,Гавҳар Мирҷумъаева, Музаффар Бурҳонов ва дигарон ишғол намуданд. Ба Маҳмудҷон ҷои машқкунӣ нарасид. Ӯ бо асабоният дар долон қадам мезад. Ин лаҳза аз сафоратхонаи шӯравӣ занг заданд. Бо телефон гап задаму баргаштам, ки Маҳмудҷон нест. Ҳарчанд суроғаш намудам, пайдо нашуд. Хонаҳои репититсионо ҷустам. Дар назди ҳамкасбонаш ҳам наёфтам. Пас аз ним соат Маҳмудҷон аз ҳоҷатхонаи мардона баромад ва ҳазломезона гуфт: "Тағо, маро гум кардед, ана ман ёфт шудам. Аз ноилоҷӣ дар он "ҳуҷраи мардона" нақшамро такрор намудам, шумо маро мефаҳмед, бигузор ин асрор байни ману шумо монад. Ман ӯро ба оғӯш кашида, ба гӯшаш оҳистакак гуфтам: "яъне "образ дар мабраз". Ҳардуямон ба завқ хандидем.

Бале, ман Маҳмудҷонро ба хубӣ мефаҳмидам, вай марди баору номус буд ва дар чунин вазъияти ногувор илоҷ меёфт, ки шаъну шӯҳрати санъаташро паст назанад.

Охир, ӯ бори аввал пеши назари оламиён - сомеъони забонашон гуногун - англисҳо, франсавиҳо, италяниҳо, испаниҳо ва дигарон ба забони модариаш - забони тоҷикӣ аз шоҳасари Вилям Шекспир монологи Ҳамлетро намоиш медод. Бар замми ин, вай барандаи

барнома ҳам буд, заҳмати зиёд макашид.

Маҳмудҷон барои худаш дар барнома баъд аз Аҳмад Бобоқулов навбат гузошт. Аҳмадҷон сурудҳои классикии аврупой,аз ҷумла арияи "Ба Соренто баргард"-ро ба забони аслиаш моҳирона хонд. Толор ӯро хуш пазируфт. Акнун навбати Маҳмудҷон буд. Эълон гардид, ки вай монологи Ҳамлетро ба забони тоҷикӣ қироат мекунад. Росташро гӯям, худи мо ҳам дар андеша будем, ки ин номераамон чӣ зайл мегузарад? Аммо ба азми қатъиву истеъдоди Маҳмудҷон шубҳа надоштем. "Ҳар чӣ бодо бод" гуфта ба ӯ "фотиҳа" додем. Акнун саҳна дар ихтиёри ӯ буд.

Толори пур аз мардуми бегона як сӯ, Маҳмудҷони яккаву танҳо як сӯ. Ҳама гӯш ба қимор ба саҳна, сӯи Маҳмудҷон нигарон буданд, ки ин ҷавони барнову зебо бо забони бароямон ноошно чӣ сон рози дил мегуфта бошад?

Маҳмудҷон бо услуби ба худаш хос ба издиҳом таъзиме карду пас аз фосилае ба ихтирои нақши Ҳамлет омода шуд ва гоҳ чун шери жаён, гоҳе чун шахси дилаш лабрези андӯҳу ғазаб ба қироати матн оғоз кард. Дар як он ӯ бо овози сеҳрноку ғулғуладору забони бурроям толорро зери таъсир гирифта, онро ба худ тобеъ намуд. Чунон менамуд, ки дар толор касе нест. Фақат як худи Маҳмудҷон ҳаст бас. Дар асл сомеъон ҳама ҳушу гӯш гашта буданд ва агар он гоҳ пашша мепарид,шунида мешуд. Ҳунари актёрии Маҳмудҷонро тамошобинон, бо ибораи Малика, нафас нагирифта гӯш мекарданд, ҳаловат мебурданд. Гулдурроси кафкӯбии бардавом, садоҳои "браво", "браво", қариб ки гӯшҳоро кар кунанд. Ҳозирон гаштаю баргашта Маҳмудҷонро ба саҳна даъват менамуданд. Ин,бемуболиға,эътирофи шуҷоати ҳунарпешаи беҳамтои тоҷик буд. Он рӯз ҳамчунон баромади дигар ҳунарманди тоҷик ҳам бо зафармандӣ гузашт. Рӯзи дигар рӯзномаи "Интертаймент"-и Канада хонандагонашро даъват менамуд, "ҳеҷ кас аз ин барномаи консертии аҷиб ғофил намонад".

Мо мушоҳида мекардем, ки қисми тамошобинон ба намоиши ҳунарпешагони тоҷик такроран меомаданд ва баъзеашон нomераҳои консертро ба лентаи овоз сабт менамуданд.

Ба исботи эътирофи маҳорати баланду актёрии Маҳмудҷон Воҳидов ҷоиз аст боз як воқеаи муҳимро, ки рӯзи аз майдони ҳавоии Монреал парвоз кардан, рух дода буд, бароятон арз кунам. Ҳайати вакилони расмии Тоҷикистон ва ҳунарпешагон як-як ба норбони ҳавопаймо рост мешуданд, ки ҷавонзане боизтироб наздамон омад ва бо англисӣ пурсид: - "Шумо тоҷикҳоед? Маҳмудҷон Воҳидов бо шумост?". Мо Маҳмудҷонро ба вай нишон додем. Духтарак бо ҳаяҷон салому алейк карду гуфт: "Агар дер мемондам, як умр ҳасрат дар дилам мемонд. Ман санъати шуморо хеле дӯст доштам. Гарчанде забонатон дигар бошад, ҳам, аммо фаҳмо буд. Ба эътирофи истеъдоди баландатон ин тӯҳфа, яъне қартаи сабти пурраи спектакли "Ҳамлет"-и Шекспир барои шумо. Инҷо шумо овози актёрҳои машҳурро

мешунавед. Номи ман Жанна Кастания, франсузнажодам, англисиро хуб медонам. Ба шумоён роҳи сафед".

Албатта, Маҳмудҷон аз ин фоли неки толеъаш басо шодком буд. Мо ҳамсафаронаш ӯро самимона табрик мегуфтем ва комёбиҳои нави эҷодӣ орзу мекардем. Жанна духтари зебо буд,дӯстони Маҳмудҷон зарофатгӯиҳо карда, каме "забонашонро чарх доштанд".

Бо Маҳмудҷон бисёр сафарҳои дигар ҳам кардаам - ба РСФСР, Ӯзбекистон, Литва, Қирғизистон. Дар Душанбе ҳам дар зодрӯзҳояш,дар хонаи падарарӯсаш -драматурги номӣ, шодравон Султон Саидмуродов, дар ҳалқаи дӯстонаш сӯҳбатҳо доштем, ки ҳикоятҳои ҷозиб эҷод кардан мумкин аст. Аммо ин ҷо боз дар хусуси чанд сӯҳбате, ки дар соҳили Иссиққӯл, дар ғайби Маҳмудҷон бо ҳунарварони номии қирғиз моҳи июли соли 1986 сурат гирифта буд, зикр намуданиам.

Он вақт дар истироҳатгоҳи "Чулпон-Ато"-и Иссиққӯл табобат мегирифт ва бо чанд шахсони ҳамсояхона, ки якҷоя хӯрок хӯрда, сайру гашт мекардем, унсу дӯстӣ пайдо намудам: яке- Умаралиев Асанбек -ҳунарпешаи мардумии Қирғизистон, дигарон - нависандаи соҳибистеъдод Қодирбек Омурқулов ва Абдувоҳид Тоҷибоев - корманди масъули аппарати давлатӣ буданд.

Асанбек шахси одампеч, улфати хуб ва ҳунарвари фавқулодда, соҳибистеъдод будааст. Вай дар даҳҳо филмҳо, аз ҷумла филмҳои "Ағба", "Дар ақиби мо Москва", "Шамшоди рӯмолсурхаки ман". "Ҷабҳаи маввоҷ", спектаклҳои "Дод аз дасти ақл", "Шоҳ Лир" ва ғайра нақшҳои асосиро бозидааст.

Дӯстони қирғиз ба андозаи таомули миллиашон барои хуш гузаштани табобату истироҳати ман ғамхориҳо мекарданд, дам ба дам маро ба меҳмонӣ даъват менамуданд. Дар яке аз он шабнишиниҳои тӯлонӣ дар соҳили Иссиққӯли афсонавӣ сӯҳбати бародаронаи мо авҷ гирифт. Вақте ки ҷилави сухангӯй ба дасти Асанбек Умаралиев расид, вай аз боби санъату адабиёт гап кушод ва изҳор намуд, ки бо бисёр ҳунарпешагони мо робитаи дӯстиву эҷодии дерина дорад. Аз вай пурсидам: "Аз соҳибистеъдодҳои саҳнаву кинои тоҷик киҳо ба шумо писанданд?" Вай фикре накарда "Маҳмудҷон, Маҳмудҷон Воҳидов" — гуфт. Баъд шарҳ дод: дар рӯзҳои адабиёту санъати тоҷик дар Қирғизистон моноспектакли "Гуфтугӯ бо худ"-и Маҳмудҷонро ба забони русӣ тамошо кардааст. Гумон мекунам, ки - гуфт вай - чунин симои эҷодӣ, дар чунин жанр дар Осиёи Миёна Маҳмудҷон якто ст. Вай асосгузори театри як актёр аст. Пас, Асанбек нақл кард, ки нақшҳои зиёди дар кинофилмҳо офаридаи Воҳидовро бо мароқи зиёд дидааст ва чунин мешуморад, ки Маҳмудҷон ҳунарманди бисёрҷиҳата буда, парвози баланди эҷодӣ ӯро насиб шудааст.

Ҳақ ба ҷониби Асанбек буд. Бе муболиға Маҳмудҷони мо яке аз симоҳои барҷаставу нотакрори эҷодӣ ба шумор мерафт. Вай ҳам дар

саҳнаи театр, ҳам дар наворҳои кинофилмҳо, ҳам дар ҷодаи режиссёрӣ, ҳам дар майдони шеърдониву шеърхонӣ, қуллаҳои баландро фатҳ намуда, дар инкишофи сарвати маънавии халқи шӯравӣ нақши ,босазои худашро гузоштааст. Дигарон дар ин хусус хуб навиштаанд ва ин ҷо ба такрор ҳоҷат нест. Маҳмудҷон дар амал ҷонашро барои хизмати халқ нисор карда буд. Месазад, ки наслҳои оянда кори некӯи ӯро давом дода, номашро ҷовидонӣ гардонанд.

Инҷо, ки барои ҷовидонӣ гардонидани номи Маҳмудҷон сухан рафт, чанд сатри дигар илова кардан мехоҳам. Аввало, худи Маҳмудҷон бо мероси ғании эҷодиаш номашро ҷовидонӣ гардонидааст. Аммо дар чанд мавридҳо саволҳоеро шунидаам:

Чаро ба ӯ унвони Артисти халқии СССР-ро надодаанд? Вай бешубҳа ба чунин унвон меарзид. Ман аниқ медонам, ки ташкилотҳои дахлдори ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро ба ин унвон пешниҳод карда буданд ва ин иқдом дар Маскав низ дастгирӣ шуда буд. Тахмин дорам, ки агар он воқеаи фоҷиавӣ рух намедод, баъд аз 10-15 рӯзи дигар Фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР дар ин бобат эълон мегардид. Бинобар он, ки сабаби марги фоҷиавии ӯро зуд аниқ кардан имконият надошт, қарор боз дошта шуд.

Дар ҷумҳуриамон барои тақдир намудани хизматҳои Маҳмудҷон тадбирҳои зиёд андешида шуд. Дар ин бобат бисёр дӯстону мухлисони истеъдоди нодири ӯ таклифҳои муфид пешниҳод мекарданд. Масалан, Отахон Латифӣ аввалин шуда андешаи ба театри ҷавонон гузоштани номи Маҳмудҷонро пешниҳод кард. Ӯ бо ин ақидааш чандин бор ба шӯъбаи маданияти Комитети Марказии ПК Тоҷикистон ва қабули Ҷаббор Расулов рафта буд. Хизмату ташаббуси Латифиро дар масъалаи ба табъ расонидани китоби ёдбуди Маҳмудҷон низ махсус зикр намудан аз рӯи адолат аст.

Маҳмудҷони мо зодаи деҳаи Шайдони ноҳияи Ашт аст. Борҳо бо ӯ аҳд карда будем, ки ҳамроҳ ба зодгоҳаш меравем, бо ҳамдиёронаш мулоқоту сӯҳбатҳо меороем, овони кӯдакиву ҷавониашро ёдовар мешавем. Афсӯс, ки ба ин орзу нарасидем. Аммо амри қисмат чунин будааст, ки баъди вафоти Маҳмудҷон маро аз Ашт депутати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб намуданд ва ман зуд-зуд ба зодгоҳи вай мерафтагӣ шудам. Ҳар бор, ки ба Шайдон мерафтам, ҳатман ба боғи истироҳатии ба номи Маҳмудҷон Воҳидов медаромадам; аксар танҳо сайру гашт мекардам. Дар чунин мавридҳо симои азизу чеҳраи гарми Маҳмудҷон пеши назарам падидор мешуд: табассумҳои ширину ҷозибанокаш, зарофатгӯиҳои нотакрораш, имою ишораҳои шоирона гоҳ чун пари ёқут нарму мулоимаш, гоҳе чун мавҷи баҳр туфонгариву шӯриданҳояш, ё хирадмандона ба хаёлот ғутта заданҳош... Чунон хаёлам бо хислатҳо ва чеҳраи вай банд мегардид, ки гӯё ана ҳозир Маҳмудҷон рӯ ба рӯям мебарояду мегӯяд:

—Ҳа, тағо, чаро бе ман инҷо омадаед,хуш омадед, ана акнун худам шуморо бо хости худам тамошо медиҳам...

Боре дар чунин ҳолати рӯҳӣ будам, ки риштаи хаёлоти маро дӯсти деринаи аштиам, Валӣ Олимов гусаст:

—Муаллим, мо як соат боз шуморо меҷӯем, шумо инҷо будаед,— гуфт вай - маънидор ба рӯям нигариста.

—Мебахшед, беихтиёр ба боғи Маҳмудҷон даромада мондам. Ҳушу ёдам ба қисмати вай банд шуда, гузаштани вақтро надониста мондаам,- гуфтаму афзудам: "Мо ҳама бояд Маҳмудҷонро қадр кунем,боғашро обод гардонем, чунон кунем, ки номаш вирди забони наслҳои оянда бошад"...

—Маҳмудҷон бо мост, ӯро наметавон фаромӯш кард.

ДАЛЕРДУХТАРИ КӮҲИСТОНӢ

Дар яке аз рӯзҳои соли 1967, ки дар Вазорати маданияти ҷумҳурӣ адои хизмат менамудам, Аскар Абдураҳмонов – корманди масъули раёсати санъати вазорат ба қабулам омаду изҳори тааҷҷубоваре кард: мо бояд Рақабгул Қосимова ном ҳаваскорро аз театри халқии Панҷакент барои хондан ба Москва, ба Донишкадаи ҳунарии ба номи Луначарский бифиристем.

—Ин пешниҳоди шумо ҷиддӣ аст? Охир як сол пеш аз ин мо сарвари он донишкада профессор М.А. Горбуновро ба ҷумҳурӣ даъват намуда аз ҷавонони соҳибистеъдод дар ҳайати 24 нафар студияи махсуси тоҷикӣ ташкил намудем. Онҳо аз санҷишҳо гузашта аллакай як сол боз таҳсил карданд. Магар, барои Қосимоваи шумо студияи алоҳида бунёд кардан имкон дорад?— гуфтам ба ҳамкорам.

Аскар суст наомад:

—Муаллимҷон, он духтарак истеъдоди модарзод дорад, ӯро якбора ба курси дуюм тавсия намоед, зуд ба ҳамсабақонаш баробар мешавад, агар ба ман бовар накунед, аз устодаш Азиза Азимова ва Султон Саидмуродов пурсед,—гуфт бо қатъият ва афзуд. – Рақабгул дар озмуни ҳунарии ҷумҳурӣ нақши Зайнаббибиро чунон бо маҳорат бозид, ки ҳамаро қоил кард. Ҳоло мебинед, вай яке аз ситораҳои рахшони санъати мо мегардад...

Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Рақабгули музофотӣ ҳамон сол яку якбора ба курси дуюми Донишкадаи олии санъати Москва ба номи Луначарский қабул гардида, бо тамоми ҷиддияту ҷасорат ва маҳорати ба худаш хос баҳри бартараф намудани мушкилиҳои дандоншикан пардохт, ки зуд ба дараҷаи ҳамдиёрони ҳамсабақаш бирасад.

...Аввалҳои солҳои 70-ум Рақабгул бо як зумра ҳамсабақони соҳибистеъдодаш асоси ансамбли эҷодии театри нави касбии миллии ҷавононро, ки баъд номи Маҳмудҷон Воҳидовро гирифт, барпо намуданд. Дар солҳои тӯлонӣ як қисми ҳамсабақони Рақабгул бо сабабҳои гуногун саҳнаи он театрро тарк намуданд, аммо худи вай бо хислатҳои ба худаш хос—соҳибиродагӣ, вафодориву дилдодагӣ, ба ҳамаи нобасомониҳову мушкилиҳо тоб оварда, бо дӯстони қадрдони

ҳунарвараш ҳанӯз ҳам "аробаи он театрро мекашад".

Дар солҳои зиёди фаъолияти эҷодиаш – замонҳои ҳарранга-гаҳе ҳамвор, гаҳ пурошӯб, Раҷабгул дар як мароми рӯҳиву эҷодӣ буд. Вай ба рӯйдодҳои нохуши зиндагӣ бо тавонгарӣ тоб оварда образҳо меофарид, сол аз сол зина ба зина месабзид, ҳунарашро такмил медод, исбот менамуд, ки на бо забон, балки дар аслу амали тоқатфарсои ҷӯяндагию пояндагӣ дилбохтаи санъат аст.

Раҷабгул Қосимова дар саҳнаи театри дӯстдоштааш – театри ҷавонон ва телевизиони тоҷик нақшҳои зиёдеро офаридааст, ки писанди тамошобинон ғаштаанд. Шарҳ додан ва тавзеҳи ҳама нақшҳои офаридаи ӯ имкон надорад, фақат бархе аз образҳои офаридаю дӯстдоштаи худи актрисаро хотирнишон мекунам, ки инҳо образи Робиа аз спектакли "Робиаи Балхӣ", Зайнаббибӣ (намоишномаи "Зайнаббибӣ"), шоҳдухтар Ноҳид (спектакли "Абӯалӣ Сино"), Филисиана ("Муаллими рақс"), Мастона ("Заволи Чамбули Мастон"), Майсара – аз намоишномаи телевизионии "Найрангҳои Майсара" (бо Убайдулло Раҷабов) ва ғайра мебошанд, ки бо дилу эҳсоси актриса мувофиқ омадаанд. Ин ҷо каме доир ба заҳмати Раҷабгул дар офаридани образи барҷастаи Робиаи Балхӣ таваққуф карданием, зеро дар таърихи театри тоҷик, ба саҳна гузоштани ин асар (муаллиф Абдусалом Атобоев, коргардон Шамсӣ Қиёмов, эҷодгари чеҳраи қаҳрамони асосӣ Раҷабгул Қосимова) рӯйдоди муҳим буд.

Бемуҳобот, актриса Қосимова дар офаридани нақши Робиа тамоми нерӯи эҷодиашро харҷ кардааст. Чунин менамояд, ки нақши ин симои рахшони таърихӣ ба дилу дида ва мафкураи инсонии ҳунарпеша мувофиқ омадааст. Барои Раҷабгул дар саҳна месӯзаду месозад, мепечаду метобад, ба мисли мурғи пойсӯхта пар мезанад, ба андешаи он, ки образи қаҳрамонаш дар пеши назари тамошобин бо тамоми бузургиаш намоён гардад, то бинанда аз воқеаҳои таърихӣ, ки шоира дар гирдоби вай давр мезанад, эҷод мекунад, зиндагии фоҷиавӣ ба сар мебарад, огоҳ шаваду аз театр бо таассуроти и дарки ҷаҳони ҳаяҷоновари эстетикӣ баргардад.

Дар бораи ин образи офаридаи Раҷабгул олимон, санъатшиносон изҳори ақида кардаанд. Масалан, профессор А.Афсаҳзод мӯшикофона мегӯяд:

—Раҷабгул Қосимова бо камоли тамкин, маданиятнокӣ, ҳаракатҳои суфта ва гуфтори пухта ба образи шоира ҷон дароварда зиндагии қаҳрамони худ Робиаи Балхиро бо тамоми ҷузъиёт,дар иртиботи ҷиҳатҳои ошкору пинҳонӣ, ифодаи ҳаяҷону эҳсосоти ботинӣ, таровиши эҳтиросоти ошиқона дар қолаби шеърҳои ошиқона, таҳаввули фикрӣ ва такомули маънавӣ нишон медиҳад...Робиаи Қосимова дилбари сангдилу номеҳрубону аҳдшикан нест, ӯ равони дилпазир ва қалби ҳассос дорад. Ҳамин ҳассосият ба ӯ озодманишӣ ва ҷуръат мебахшад, бо муҳит номуросоӣ мекунад, ӯро ба фоҷиа мекашад.

Боре спектакли "Робиаи Балхӣ"-ро бо ҳамроҳи меҳмонони хориҷӣ

тамошо мекардем. Таҳиягари ин асар дар саҳна Шамсӣ Қиёмов - режиссёр ва драматург дар вақти танаффус хушҳолона гуфта буд:

—Медонед, муваффақияти асари саҳнавӣ, бешаку шубҳа, ба қобилияти иҷрокунандаи нақши қаҳрамони асосӣ вобаста аст. Худатон мушоҳида кардед, ки қаҳрамони асосӣ Робиа ва иҷрокунандаи он нақш Раҷабгул то ба чӣ андоза ҳамтабъанду рӯҳан ва ҷисман ба мисли "гӯшту нохун" ба назар мерасанд.

Ана ҳамин хислатҳои наҷиби ҷӯяндагии эҷодиву сифатҳои волои инсониаш боиси он гаштанд, ки ҳунари Қосимова зуд писанди ҳамагон шуд. Ӯ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, дар ҷодаи ҳамдарду ҳамқисмат будан бо ҳамкоронаш низ фарқ мекунад. Бесабаб нест, ки ҳанӯз соли 1982 Президиуми Шӯрои Олӣ аз байни ҳунарпешагони он театр нахустин бор Раҷабгул Қосимова ва Амон Қодировро ба унвони фахрии Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон сазовор донист.

Овози табии Раҷабгул Қосимова гуворо, равғанин ва хеле ҳам гӯшнавоз аст. Дар вақташ садои дилангези зани мутамаддини тоҷикро Тӯҳфа Фозилова ва лаҳни покиза ва ширини духтарони тоҷикро Хайрӣ Назарова дар саҳна чунон бо тамкин ва нозу адо намоиш медоданд, ки бинанда ва шунавандаро наметавонистанд мафтун нагардонанд. Ин неъмати худододест, ки ба ҳар кас насиб намешавад. Акнун ин неъмат насиби Раҷабгул Қосимова аст. Лаҳни ҷонона ва савти маҳбубаи тоҷикро ӯ бо тобишҳои латифе ифода менамояд, ки кас беихтиёр шефта мегардад. Дар ин сифат фақат Соҳибсултон Алиназарова бо ӯ метавонад, ки сар ба сар шавад. Аммо, вақте ки Раҷабгул Қосимова нақшҳои фоҷиавӣ, ҳаҷвӣ, қаҳрамонӣ ва соҳибхислатро ба иҷро расонад, ӯ овози худро аз ҳолати табиӣ ва фитрӣ дур насохта, чунон тағйир медиҳад, ки он оҳанги омиронаи ба худ хос мепазирад.

Рӯзҳое, ки ин сатрҳоро менавиштам, дар озмуни ҳунарии "Парасту" бо яке аз ҳунарварони машҳури имрӯзаи санъат Убайдулло Раҷабов дучор шудам ва аз боби ҳамкории эҷодиаш бо Раҷабгул Қосимова сухан оғоз намудам. Убайдулло ҳалимона ва бо майли эҳтиром гуфт:

—Бо Раҷабгул бисёр ҳамкорӣ кардаам, дӯсташ медорам. Вай бо хислатҳои наҷиби инсониву ҳунарвариаш аз дигарон фарқ мекунад. Кор кардан бо ӯ ҷозибу осон аст, зеро ки метавонад бо табъи хуши инсониву маҳорататаш чунон ҳолати мусоиде бунёд кунад, ки худ аз худ қулфҳои дили кас (ҳам нақшаш) кушода шавад, қобилияти доштаашро пурра харҷ намояд, дар айни офаридани образҳо ҳамдигарфаҳмӣ, ки омили муҳим аст, табиӣ сурат мегирад. Раҷабгул, бемуҳобот, яке аз ситораҳои рахшони санъати имрӯзаи миллии мост, чунон ки дар вақташ Тӯҳфа Фозилова, София Тӯйбоева, Тӯтӣ Ғаффорова, Хайрӣ Назарова буданд. Ҳақ ба ҷониби Убайдулло Раҷабов:

Қиммати ҳампешаро ҳампеша медонад, ки чист,
Зарби дасти кӯҳканро теша медонад, ки чист.

Ҳар сол ҳафтуми июн дар сари дастархони хонадони вай хешон, дӯстон, олимони номӣ, баъзе ҳамкасбони вай гирд меоянду дами беғам мезананд, зарофатгӯию ширинкориҳо карда, рози дили менамоянд. Ёд дорам, дар яке аз чунин рӯзҳо Соҳибсултон Алиназарова, ногаҳон, муаллим,ба ман сухан диҳед гуфту афзуд:

—Кам мешавад, ки актриса ба унвони актрисаи дигар ҳарфи хуб гӯяд. Аммо ман имрӯз аз таҳти дил ин корро карданиям. Агар дар ҳамин мавриди қулай имрӯз ин корро накунам, худамро намебахшам. Намедонам, дугона гӯям ё ҳамкасбам – Раҷабгул солҳои зиёд аст маро қоил карда меояд. Ин суханбозӣ нест.

—Боре ба Панҷакент сафари эҷодӣ доштем. Ин сафар маро чунон мутаассир кард, ки гуфта наметавонам. Моро ба баландӣ сӯи шаршарае ба боғи паҳновари дилкушое бурданд. Ба пештоқи дарвозаи боғ нигоҳ андохта хондам – "Қосимобод". Ҳамин, ки рӯи кати калони лаби наҳр ҷойгир шудем, худдорӣ карда натавониста аз раиси хоҷагӣ Дӯстбоев пурсон шудам: "Ака, бо чӣ маънӣ ин манзилу боғи баҳашамат "Қосимобод" ном гирифта бошад?".

—Ба ҳамин маънӣ, ки бунёдгари ин боғи зебо пири ботадбир, қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ амаки Қосим—падари дугонаатон Раҷабгул Қосимова мебошанд, — гуфт раис.

—Имрӯз лозим медонам, бигӯям, ки – афзуд Соҳибсултон,— ҳамаи комёбиҳои дугонаам бесабаб набудааст, решаи бақувват доштааст...

Боре мулоқоти мо бо Раҷабгул дар Театри ҷавонон - дар маросими ҷашни эҷодии ҳунарвари соҳибзавқу хушсалиқа Тағоймурод Розиқов сурат гирифта буд. Дар он ҷо ҳам Раҷабгул каноранишин набуд, кӯшиш менамуд, ки маъракаи дӯсти ҳамсабақу ҳамкасбаш хуш гузарад. Дар лаҳзаҳои тараби ҷашнвораи Тағоймурод Раҷабгул ҳалиму маҳин ба забон омад:

—Тағоҷон, имсол, аввалҳои моҳи июн боз ба ҷои дур наравед.

—Чаро?—пурсидам бо тааҷҷуб.

—Ҳисоботи эҷодии ман ҳам дар пеш аст, бисёр мехостам, ки қатори наздиктарин хешовандонам бошед,- гуфт Раҷабгул.

—Чӣ хуше, — гуфтаму аз чӣ бошад, ки як ҳарфи ноҷое ба забонам омад,— мабодо Раҷабгулҷон аз артистка шуданат пушаймон нашудай?

Аз чунин пурсиши шояд, ногаҳониву бемавқеъ, Раҷабгул лаҳзае карахт шуд, парешонхотир ба андеша афтоду гуфт:

—Тағо, агар ин саволро каси дигар медод, тааҷҷуб намекардам, ҳис мекунам, ки шумо ширингӯй мекунед. Чаро аз артиска шуданам пушаймон шавам. Охир, театру ҳунарварӣ ҳастиву бахту иқболи ман аст, ин ҷаҳонест сеҳрнок ва на ҳар кас сазовори он меҳробест, ки саҳнааш мегӯянд,— гуфт ба рӯям нигариста.

—Бисёр хуб, аз шумо дигар хел ҷавобро интизор набудам. Бигӯед, ки аз сафарҳои бешумори эҷодӣ кадомин лаҳзаҳоро фаромӯшнашаванда мешуморед?

—Албатта, сафарҳои якҷояи мо ба Ӯзбекистон, Россия, Кӯлоб ва ғайра. Худатон медонед, онҳо чӣ гуна шавқовару дилангез буданд. Аммо чанд лаҳзаҳои сафари ҳунариеро, ки дар Бадахшону Панҷакент доштем, фаромӯш карда наметавонам. Сафари ҳунарии мо дар ноҳияҳои Бадахшон 45 рӯз тӯл кашид, моро дар ҳама ҷойҳо басо хуш мепазируфтанд. Рӯзе эълон карданд, ки ба деҳаи Тӯсиён меравем, фақат мушкилоташ ҳамин ки ба он ҷо ягон нақлиёт намеравад. "Сокинони он деҳа театру артистони зиндаро надидаанд" мегуфт касе. Намедонам, ин гап рост буд ё дурӯғ, аксари мо дилу нодилон, пои пиёда ба пайраҳаҳо гузашта ба Тӯсиён расидем, ки бегоҳ шуд. Дар деҳ қувваи барқ набудааст, хушбахтона, моҳтоб баромаду мо тавонистем спектакли "Табиби зӯракӣ"-ро нишон диҳем. Он лаҳзаҳоро тасвир кардан имкон надорад. Чашмони тамошобинҳо барқвор медурахшиданд, онҳо худдорӣ карда натавониста, дар ҳаракатҳои намоишнома ҳамроҳи артистҳо ҳунарварӣ" мекарданд. Ҳамон лаҳза дарк кардам, ки ҳунари мо барои мардум ганҷи бебаҳоест. Чунин ҳолатро дар деҳаи Зебони ноҳияи Панҷакент ҳам баръало ҳис кардам. Вақте ки спектакли "Торҳои муҳаббат"-и Қутбӣ Киромро нишон доданӣ шудем, Тағоймурод Розиқов ва дигарон шӯриданд: чӣ тавр бе декаратсияву дигар маводи зарурӣ ҳунарнамоӣ мекунем? Аммо намоиш эълон шуда буд, мардум ҷамъ шуданд ва мо спектаклро дар майдони кушод нишон додем. Худ аз худ як муҳити сеҳрноке бунёд гардид, ки ҳама ҳушу гӯш шуданду бо тамоми шавқу иштиёқ ҳунари артистонро тамошо карданд ва дар охир миннатдориҳои зиёде баён намуданд.

Дар хотимаи сӯҳбатамон гуфтам, ки бе шакку шубҳа маросими ҳисоботии эҷодии шумо хеле хуш мегузарад. Ҳоло шуморо орзушиканиҳои ширин дар пеш аст. Ман бисёр мехоҳам, ки дар тӯйҳои арӯсии фарзандонатон Хисраву Ҷаҳонбахт ҳам иштирок намоям. Ҷашни шуморо, ки, бешубҳа, ҷашни фарҳангии миллати мост, аз таҳти дил бароятон муборак мегӯям.

Дар хотима гуфтаниям, ки Раҷабгул ба орзуҳои ширинаш расид, шоҳписаронаш Хисраву Ҷаҳонбахтро хонадор намуд, Гуландом ва Ҷонона барин гулпариҳоро ба фарзандӣ қабул кард. Илова ба ҳама ҳунарнамоиҳояш, Раҷабгул Қосимова истеъдоди ташкилотчигиашро низ нишон дод. Вай дар зодгоҳаш, шаҳри бостони Панҷакент театри касбии давлатиро низ ташкил намуд, ки ба шӯхрати кишвари шӯҳратёри Рӯдакӣ шӯҳрат зам намуд, ки ин ҳам нақши рангинест дар ҳаёти ӯ.

ДИЛОШӮБ

Ба қарибӣ як мунаққиди шиносам пурсид, ки Убайдуллои Раҷаб оё ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ноил гардидааст?

- Чӣ шумо магар шубҳае доред, ки чунин суолро медиҳед?- гуфтаму афзудам:

—Убайдуллои Раҷаб бе шаку шубҳа сазовори унвони баланди давлатӣ дар соҳаи санъати касбӣ шудааст. Аввало, ин ки мукофоти номбурда бо азму хоҳиши касе муфт осонакак дода намешавад. Баъд, довталаби ҷоиза аз санҷишу озмуни ҷиддӣ мегузарад. Овоздиҳӣ пинҳонӣ сурат мегирад. Убайдуллои Раҷаб, ки дорои истеъдоди дилошӯбу нотакрор ва навовар аст, ба ин озмун бо офаридаҳои хоса ва муайяни худ, аз ҷумла нақшҳо — Қӯчқорбой, Сухсуров, Мард, образҳои дигари дар саҳнаҳои театру телевизион офаридааш ва намоишномаҳои ба ҷашни истиқлолияти Тоҷикистон бахшидааш ба озмун ширкат варзида сарбаландона ғолиб баромад. Аъзоёни кумитаи мукофот,— ходимони намоёни илм, адаб ва ҳунар ба офаридаҳои Убайдулло Раҷаб беғаразона ҳамчун ба кашфиёти барҷастаи бадеӣ баҳо доданд. Дар он муҳокимаҳо санъатшиносони варзида профессор Н. Нурҷонов, ҳунарвари мумтоз Н. Абдуллоев, драмнависон А. Баҳорӣ, М. Бахтӣ ва дигарон фаъолона суханронӣ доштанд.

Боиси тазаккур аст, ки солҳои охир ба ҷуз Убайдуллои Раҷаб, даҳҳо ҳунармандони дигар ҳам ҳаққонӣ соҳиби ин мукофоти баланди давлатӣ шуданд. Дар мавриди муҳокимаи асарҳои онҳо баҳсу гуфторҳои мухталиф рух медоданд. Вале дар мавриди қабул ва муҳокимаи асарҳои Убайдулло Раҷаб аъзоёни Кумита дар як мавқеъ буданд. Ҳам дар бахши эҷодии санъати театру синамо ҳам маҷлиси Кумитаи мукофотҳо ба ҷонибдории Убайдуллои Раҷаб ҳама ҳамдасту якдил буданд, ки ин бори дигар аз баҳои баланди санъати дилангези ӯ шаҳодат медиҳад.

Вақте ки бо мунаққиди номбурда дар ҳамин бобат сӯҳбати тасфон доштам, дӯстони ҳамқаламам Раҳмат Назрӣ, Равшан Ёров ва Маҷиди Салим дучор шуданд. Касе аз онҳо пурсон шуд, - сӯҳбататон завқовар барин менамояд? - гуфтам,- бале, сухан аз қурби ҳунари Убайдуллои Раҷаб меравад. Гӯё, ки онҳо аз аввали гуфтугузори ману мунаққид ширкат доштанд, сӯҳбатро давом доданд.

Маҷиди Салим аввалин шуда бо ман ҳамфикрӣ намуд:

—Агар ҳамаи хизматҳои Убайдуллои Раҷабро як сӯ гузорему заҳмати ӯро дар бунёди як муассисаи нави эҷодӣ, ки ӯро театри "Ойина" ном гузоштааст, ба эътибор гирем, кифоя аст, ки номи ӯро дар қатори асосгузорони санъати касбии муосири миллатамон ҷой диҳем.

—Театри "Ойина" - гуфт Раҳмат Назрӣ,- рӯйдоди наҷибест дар ҳаёти маънавии Тоҷикистони соҳибистиқлол!

—Бале, — гуфтаму гуфтаҳои дӯстамро дақиқтар шарҳ додам,- Убайдуллои Раҷаб дар ин кор мақсади бузургеро пеша кардааст. Ӯ хостааст, ки дар ин "Ойина"-и ҳунарӣ, ки падидаи нодир аст, халқаш, ҳастии худашро равшантар, возеҳтар бо рангу бори таъсирбахши бадеӣ дида тавонад. Зеро ки ин "Ойина" ойинаи хандаҳояш гиряву гиряҳояш ханда дорад. Дар намоишномаҳои ин театр, ки аслан мазҳакавист, нақшҳое офарида мешаванд, ки хислатҳои инсониро баръало аён,

ба мисли дастгоҳи муойинаи рентгенӣ намоиш медиҳанд.

Дар "Ойина" - илова намуд Равшан Ёров,- бештар ба расму ойин, зарофати халқӣ, мусиқӣ, рақс ва латифаҳо рӯй оварда мешавад, аз ин сабаб саҳначаҳо басо таъсирбахшанд.

Борҳо гуфтаҳои дилпазири Убайдуллои Раҷабро аз саҳна ва навори телевизионӣ шунидаам:

—Суханро тарзе бояд гуфт, ки ба қалби шунаванда ва бинанда кора кунад, таъсир расонад, боварибахш ифода шавад. Воқеаҳои саҳнавӣ ба ҳақиқати зиндагӣ, ҳаёт мухолиф набошанд. Аммо, тӯтивор сухан гуфтан ҳам нашояд, ки ин нишони ҳунар нест...

Дар ин бобат ақидаи ҳунарманди мардумии Тоҷикистон Раҷабгул Қосимова, ки солҳои тӯлонӣ бо Убайдуллои Раҷаб дар офаридани асарҳои телевизионӣ ҳамкорӣ кардааст, диққатангез аст.

—Убайдуллои Раҷаб,- мегӯяд ӯ,- ҳунармандест навҷӯю навовар, вай дар офаридани нақшҳои бадеӣ худашро батамом харҷ менамояд. Агар дигар актёрон нақши драматург навиштаро "бозӣ" кунанд, Убайдуллои Раҷаб бемуҳобот он нақшро офарида, ба он образ ҷон медарорад. Ман борҳо мушоҳида кардаам, агар барои барҷаста баромадани нақш лозим шавад, Убайдулло матни драматургро сарфи назар мекунад. Аз он берун рафта ҷузъиёти худашро чунон бо маҳорат ворид менамояд, ки қоил мешавед. Сенарист ва драматург ҳам даъвое карда наметавонад. Аз ин сабаб мегӯяд, Раҷабгул, - ман Убайдуллои Раҷабро устоди бадеҳаварз, яъне импривизатор номидаам. Зеро дар бисёр асарҳое, ки бо ӯ якҷоя офаридаем, дар симои Убайдулло ман ҳунарвари ҳақиқӣ, ҳунарвари офарандаро дидаам, ки беибо аз қолабҳои даҳонзада берун баромада ба асар обуранги таъсирбахш ворид месозад.

- Дар бисёр мавридҳо, - давом медиҳад фикрашро Раҷабгул,- ба тезфикрии ӯ, бадоҳатан ёфтани равишҳои нави таҷассуми образ қоил мешудам. Дар намоиши "Найрангҳои Майсара" дар як саҳначае гаҳвора сохтан лозим буд. Бар хилофи ангораи пешниҳодшуда, Убайдулло талаб кард,- гаҳвораро ба тарзе созед, ки пойҳои ман аз гаҳвора берун баромада намоён шавад. Гарчанде ин рӯйдод ҷузъиёти хурдакак, аммо кашфиёти бадоҳатани ҳунарӣ буд, вақти бо гаҳвора рост хестани ҳунарманд тамошобинҳо ба ҷунбиш меомаданд.

Ба унвони Убайдулло ҳар кас чизе мегӯяд, ҳаволааш ба худо, вале ман ӯро ҳамчун инсони асил, поксиришт, ҳалоллафзу ҳалолкор, накӯофарин дарк кардаам,- мегӯяд ҳамкори қадрдонаш Раҷабгул Қосимова.

Ҳозир бамаврид аст, боз як чизро махсус қайд кунам,- идома медиҳад суханашро бонуи саҳна - дуруст аст, ки комёбиҳои вай аз истеъдоди фавқулоддаи ӯст. Вале як омилаки муҳими ин дастовардҳои шӯҳратовар дар тарзи ойиладории ӯ низ ҳаст. Огоҳам, ки нотавонбинони Убайдулло дигар роҳи ба ӯ халал расониданро наёфта, ба завҷааш хабарҳои бӯҳтонангезро мекашонанд. Янгаи азиз,

ки худаш муаллима, мураббии асил аст, ба хабаркашонҳои бадтол мегӯяд: "беҳтараш, ки шавҳарҳои худатонро эҳтиёт кунед, ман шавҳари худамро хуб медонам, хотиратон ҷамъ бошад".

Яъне, Убайдуллои мо ҳам дар боби кори эҷодӣ, ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар ҷодаи ойиладорӣ дар пояи баландӣ инсонӣ меистад ва намунаи ибрат аст, ки ӯ ба ин дараҷа яку якбора нарасидааст ва комёбиҳои вай ба осонӣ ҳам ба даст наомадаанд. Хизматҳои Убайдуллои Раҷабро фақат дар доираи театри "Ойина" маҳдуд набояд кард. Огоҳам, Убайдулло аз аввалҳои солҳои шастум худашро ҳамчун ҳунарвари бомаҳорат шиносонда буд. Ӯ аз аввалин нақшҳое, ки дар намоишномаҳои драмнависон Меҳрубон Назаров ва Файзулло Ансорӣ офаридааст, симои ба худаш хоси эҷодияшро намоиш дода буд. Баъдтар Убайдуллои Раҷаб қудрат ва маҳорати эҷодии худро дар намоишномаҳои классикӣ, аз ҷумла "Ҳамлет", (В.Шекспир), "Хизматгори ду хоҷа" (К. Голдони). "Антигона" (Н.Ануй), "Рӯдакӣ", (С.Улуғзода) ва ғайра ӯҳдабароёна санҷида бештар шӯҳратёр гардид.

Ҳамин тавр, хушбахтона Убайдуллои Раҷаб сол то сол, зина ба зина истеъдоди актёрии худро сайқал дода, дар қатори намоёнтарин ходимони санъати касбии тоҷик мақоми хосаеро пайдо намуд. Аз ин бештар, таҷрибаи бои эҷодгарӣ дар театрҳои халқӣ ва касбӣ, табиати тавонои ҷӯяндагӣ ба вай имкон доданд, ки ба пешаи мураккабтарини ҳунарӣ-коргардонӣ пардозад. Дар ин ҷода ҳам комёбиҳои бузургро ноил гардид. Намоишномаҳое, ки бахшида ба рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ, ҳам дар Москва ва ҳам дар Душанбе ба сомон расонид, ӯро ҳамчун коргардони фавқулодда боистеъдод ба мардум шиносонид. Муҳобот намешавад, агар гӯем ҳанӯз, аз сад гули эҷодгари Убайдулло, акнун чандтоаш шукуфтаасту халос.

Таманно дорем, ки дар оянда ҳам ӯро бо бозёфтҳои нав ба нави эҷодӣ ва бо кашфиётҳои ҳайратовари коргардонӣ табрику таҳният гӯем.

Аҳсант ба Убайдулло!

ДИЛОГОҲ

Дар як шабнишини хосае шогирди рӯзноманигорам аз ман пурсид: "Муаллим, оё шумо Холмурод Шарифовро хуб мешиносед? Чаро, чанде пеш аз минбарҳо ва ҳам аз саҳифаҳои рӯзномаҳои навтаъсиси ба ном демократӣ ба полези он кас санги маломат мепартофтанд? Дар ин хусус ақидаатон чӣ тавр аст, шахсияти муаллимро шумо чӣ гуна шарҳ медиҳед?"

Гуфтамаш,- саволат бамавқеъ, худам ҳам дар ин бора навиштанӣ будам. Ниҳоят сатре чанд иншо намудам. Биё, сабр намову навишмаамро муфассал бихон, зеро ба чунин савол бо ду сухан ҷавоб додан аз имкон берун аст.

Ҳамин ки ба хона омадам, саволи шогирдам ба хотирам омаду он навиштаҳоямро ба даст гирифтаму ба мисли он, ки ба вай ҷавоб менавишта бошам, онро аз назар гузарондам:

—Аслан бояд мутазаккир шуд, ки Холмурод Шарифов дар рӯҳияи ҳизбият ва фидоӣ будан ба кори халқу Ватан тарбия ёфтааст. Чун шахси қавиирода пайваста ҷон дар кафи даст амал мекунад. Аз рӯи ғаразҳои шахсӣ ва нафъҷӯӣ мавқею ақидаашро тағйир намедиҳад ва зуд ба ҳар нағма арғушт ҳам намеравад. Шояд аз ҳамин сабаб симои вай ба баъзе сиёсатмадорони навбаромад хуш наояд. Холмурод Шарифов марди интернатсионалист аст, маҳалгароиро намедонад... Ҳама поконро дӯсту бародари худ медонад. Ба ин, албатта, тарбияи ӯ дар хонаи бачагони Вахш солҳои 1937-1938,замоне, ки падари ӯро муддате бо тӯҳмат чун душмани халқ ба ҳабс гирифта буданд, муҳити комсомолие, ки солҳои наврасӣ дар водии Вахш устухони ӯ шах мешуд, таъсири ҳалкунанда гузоштааст.

Аммо зиндагии хонаводагӣ, хушмазҳаб будани падару модарандар, қаробат ба равшанфикрон,наздикӣ бо аҳли илму адаб, дилбастагӣ ба "Шашмақом" баробари соҳаҳои нави санъат, завқи шеърдӯстӣ, шунуфтани нақлу ривоятҳо ва афсонаву қиссаҳои халқ, мероси ниёгон ва овози хуш ӯро ба андеша рондан маҷбур кард. Вай ба ҳар воқеаву ҳодиса дар падидаҳои тозаи имрӯз аз рӯи мизони ақли солим ва раванди афкори пешқадам наздик шуда, дар як муддати кӯтоҳ хондану навиштани хати арабиро аз бар намуд. Нашри мероси фарҳанги гузаштагонро ба таври васеъ ба роҳ монда, "Шоҳнома", "Куллиёт"-ҳои Низомӣ, Саъдӣ, осори Ҷомӣ, Бедил, Сайидо, Ҳофиз, Камол, набиштаи муқаддас "Авесто" ва ғайраро чоп намуда, аз таъсири ғоявии муқтадири он ба зиндагии кунунӣ ибо накард. Акнун ин осори безавол дилу дидаи ҳар тоҷики маърифатдӯстро нуру зиё мебахшад.

Биёед, дафтари умри ин марди фозил, ходими давлатию ҳизбӣ

ва арбоби фарҳангро ҳамроҳ варақ занем. Вай зодаи деҳаи Кулолии ноҳияи Панҷакент аст. Ана дар ҳамин деҳаи он солҳо назарногир ӯ 12 феврали соли 1927 аз оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Падари вай Шарифи Наврӯз шахси ҷаҳондида буд. Вай ҳанӯз дар замони Россияи подшоҳӣ ба корҳои ақибгоҳ сафарбар шуда, дар кишварҳои назди Балтик шаҳди меҳнати маҷбурӣ ба нафъи бегонаҳоро чашида аст.

Ҳангоми ширмак будани Холмурод бо мақсади обод гардонидани кишвари худ дар сафи нахустин фотеҳони водии Вахш ба он ҷо омада, ба сифати муҳоҷири шарикзамини оддӣ, мироб, роҳбари артел, сарвари колхоз, баъд раиси комиҷроияи ноҳия хизмат карда ва ниҳоят ба деҳқонӣ машғул гардида, зиндагии ҷадид бунёд мекард.

Холмурод аз кӯдакӣ аз суфраи умумӣ ғизо хӯрда, дар ҳамин муҳит устухонаш шах шуда, ба воя расидааст. Аз худи ибтидо ӯ ба инсонҳо на аз рӯи аслу насаб, забону миллат, мазҳабу маслақ, балки кордонию одамгарӣ қаробат дорад. Ташаккули шахсияту фардияти ӯ дар ҳамин муҳит сурат гирифта, фаъолияти меҳнатии ӯ дар замони мудҳиши ҷанг, соли 1942, ҳанӯз вақте ки 15-сола буд, дар ноҳияи собиқи Октябри водии Вахш ба сифати колзозчӣ шурӯъ шудааст. Ӯ баъдан солҳои 1946-1949 он ҷо дар ташкилотҳои комсомолӣ кор карда, дар маъракаи маҳви бесаводӣ саҳм гузоштааст.

Ба ман муяссар шудааст, ки борҳо ҳамроҳи Холмурод Шарифов ба ин ноҳия, ки алҳол Бохтар ном дорад, ҳамсафар бошам. Ҳар дафъа қарор гирифтани мо аз дидани модарандари бародарам оғоз меёбад. Сипас хабаргирии мӯйсафедон, ҳамкорони собиқ, аёлу фарзандони онҳое, ки ин оламро падрӯд гуфта, дар шаҳри хомӯшон абадӣ манзил гузидаанд, сар шуда аёдати беморон, маҷрӯҳон ва ранҷурон муддатеро мегирад. Ин дидорбиниҳо ниҳоят самимӣ буда, дар онҳо ягон зарра шоибае аз намоиш ва худнамоӣ эҳсос намешавад.

Воқеан дар сафарҳои худ ба Норак, Кӯлоб, Фархор, Файзобод ва Панҷакент ҳам риоя шудани ин одати Холмурод Шарифов барало ба назар мерасад. Дар худи як рӯз чандин деҳаро гашта, ошноҳои қадими ӯро дида, ниҳоят дар манзили шахси оддие истод мекардем. Дар Панҷакент боре аз Ҳурмӣ то Киштӯдро тай намуда, пирамард Нурмуҳаммад Бобоқулов, Мирзо Қиёмов, Амонулло Қурбонов, Қосими Рӯзӣ, амаки Қосим (падари Раҷабгул), Бобои Худойдод, падари камина, модари Муродулло Шералӣ, ҳамсари устодаш Бобо Раҳимов ва дигаронро, ки аксар бемор буданд, дар як рӯз дида аҳволашонро пурсида, бегоҳ ба Панҷакент баргашта, дар хонаи хоҳарашон апаи Шарофат шабро гузарондем. Дар Вахш ҳар дафъа баъди дидорбиниҳо ба зиёрати марқади падари ӯ меравем. Вай бо дастони хеш оромгоҳи қиблагоҳашро рӯфта, тамиз карда,лаҳзае сари турбати ӯ истода, роҷеъ ба фарҷоми зиндагӣ андеша ронда, ба рӯҳи ӯ дуову фотиҳа мефиристад. Мо низ ӯро пайравӣ мекунем.

Билохира тарафҳои бегоҳ дар хонаи модарандари Холмурод Шарифов рахт мепартоем. Ҷӯраҳои айёми навҷавонии ӯ, ки акнун

аксар нафақахўр буда, дар вақташ кишоварзу кадевар, пахтакору подабон, чўпону рононда, коргари оддӣ, ходимони ҳизбу маданият, муаллимон буданд ва ё ҳастанд, ба дидани ў меоянд. Дар байни дўстони ў ҳатто кабкбозу човандоз, занбўрпарвару моҳигир, оҳангару харрот ва амсоли инҳо ҳастанд. Калонҳои колхоз ва роҳбарони вилояту ноҳия низ омада мераванд. Фақат ман ягон бор дар байни дўстони Холмурод Шарифов савдогареро намедидаам.

Суфраи модарандари Холмурод Шарифов, ки худ зани меҳрубони балҷувонист, меҳмонони ўро соате чанд ба замони беолоиши ҷавониашон мебарад; дар он даргоҳи меҳру садоқат болонишину пойгаҳнишин, мизбону меҳмон, амалдору подабон вуҷуд надорад. Ҳама аз нав бача мешаванду ҷавон мегарданд, ба ҳамдигар "ту" гуфта муроҷиат менамоянд. Дар ин навъ сўҳбатҳо қисми зиёди вақти ҳамсафари ман ба бозии шатранҷ мегузарад. Дар он сўҳбатҳо лаҳзаҳои гуворои айёми ҷавонӣ ба ёд оварда мешаванд, воқеаҳои хандовар зикр мегарданд. Аз ёроне ёд мешавад, ки дар сўҳбат он ҷо нестанд ё аллакай аз олам даргузаштаанд. Ягон бор ҳам нашунидаам, ки Холмурод Шарифов дар он сўҳбатҳо аз қаробати худ бо мансабдорони олирутба, одамони машҳур, шахсиятҳои хориҷӣ ва сафарҳояш ба ақсою акнофи олам сухане ба миён оварда бошад. Гўё ў ҳанўз аз ин остон ба берун қадам намондааст.

Солҳои охир Холмурод Шарифов худро чун нависанда шиносонда ва аз ин ҷиҳат ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд. Ў бидуни аз сар гузаронидани туфулияти нависандагӣ ба адабиёт чун адиби баркамол ворид шуд. То ин вақт вай ҳамчун олими файласуф ба масъалаҳои инкишофи шахсият ва ташаккули шуури ҷамъиятӣ машғул буд. Хусусан нақши аср, муҳити зиндагӣ инкишофи илм, техника, адабиёту санъат, фаъолияти меҳнатӣ, таъсири онҳо ба шуури муосирони мо дар навиштаҳои илмии ў ҷои асосиро ишғол мекард. Чандин рисола ва мақолаҳои мутаъаддиди муаллиф гувоҳи ин даъвост. Ниҳоят рисолаи ў "Ташаккули одами нав" (1965) андешаҳои муаллифро дар хусуси ташаккули асосҳои ахлоқӣ ва эстетикии ҳамзамонҳои мо ҷамъбаст менамояд. Холмурод Шарифов таъкид менамояд, ки ҳисси забоншиносӣ, ба вижа дарки адабиёту ҳунар, барои ба вуҷуд омадан ва ташаккули табъи салим мақоми хос дорад.

Беҳуда нест, ки ба ин рисолаи мазкур донишмандони машҳур Муҳаммад Осимӣ, Мақсуд Шукуров, Аловуддин Баҳоваддинов, Ҷалолиддин Сиддиқӣ (Афғонистон), Муҳаммад Афзал Банувол (Афғонистон) ва дигарон баҳои арзанда доданд. Ин рисола ба хати арабӣ низ соли 1984 чоп шуда хонандагони бештаре ёфт.

Ҳамаи ин заминаи нигорандагии Холмурод Шарифов барои нависандагӣ буд. Ба ғайр аз ин Холмурод Шарифов марди пурдон, сўҳбаторост, солҳо боз чун узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистону СССР мақолаҳои зиёди публисистӣ ва маърифатомўзонӣ навишта,

дар онҳо ба муҳокимаи масъалаҳои доғ ва умдаи рӯз ширкат меварзид. Махсусан диди хос, дарки матлаб ва маҳорати ӯ дар нигориши ёддошту сафарномаҳо аёнтар ҳувайдо мегардад. Қисме аз ин сафарномаҳои адиб дар китоби "Гард дар мичгон" ,ҳанӯз соли 1972 ба табъ расида буданд. Ба василаи ҳамин китоби сафарномаҳояш "Гард дар мичгон", ки муаллиф моро бо чизҳои аҷоибу ибратбахши дидагиаш дар Афғонистону Канада, Булғористону Африқо ва ғайраҳо шинос менамояд.

Холмурод Шарифов суннати сафарноманависиро дар адабиёти тоҷик вусъат дод. Баъди "Гард дар мичгон" ҳам вай аз сафарҳояш ба Кореяи Шимолӣ, Куба, Африқо ва амсоли инҳо нақл карда, маҳорати сайқалёфтаи сафарноманигории худро намоиш дод. Ин заминаи дуввуми ба майдони адабиёти бадеӣ қадам ниҳодани ин хоманигору донишвару соҳибтаҷриба буд. Ҳамин тавр мо бо Холмурод Шарифов якбора чун бо нависандае шинос шудем, ки китобҳои ҳикояву очеркҳои ӯ таҳти унвонҳои "Нақши хотир" (1986), "Зов памяти" (1989), "Рози дил" (1991), "Оламафрӯзон" (1992) ва "Сарнавишт" (1994)-ро пайи ҳам ба мо пешкаш намуд.

Ҳикояҳои Холмурод Шарифов ҳама дар асоси воқеаҳои ба вуқӯъ пайваста ба қалам омадаанд. Дар онҳо лаҳзаву ҳодисаҳои сохтаву бофта вуҷуд надоранд. Қаҳрамонҳои ӯ кампири Гулсанам, Бибихалифа, Садафмоҳ, Зулфия, Шодимурод, Соҳибназар, Башорат, Маъруф, Мардонқул, мухбир-Зариф, Ғолиб-командир,Олимҷон ва дигарон ҳама прототипи худро доранд. Персонажҳои манфии ҳикоятҳои ӯ Ниёзов, Сузанна, Амонуллою Асадулло, Калонзода, Алихоҷа, Ҳикмат Сумбатович Ҷӯразода, Хумориддин, Ҷалоли ҷоғ ва дигарон баробари хондани он ҳикоятҳо даррав худро мешиносанд. Пас аз мутолиаи ин ҳикояҳо шумо боз ба он ҳақиқати ноб хоҳед гаравид, ки халқ чун як пайкари тому воҳиди зиндаву муҳаррик аз коргару деҳқон, омию олим, табибу адиб, ҳунарманду санъаткор ва қишрҳои дигар иборат буда, чеҳраи миллат ва фарҳанги миллӣ аз самараи ақли ҳамагон ба вуҷуд меояд. Барои поси нангу номуси халқ ва покии суннату ахлоқи миллат ҳамагон баробар ҷавобгаранд. "Тақдирҷунбон", "Оини сарварӣ" ва "Алтарнатуф" гувоҳи ин даъвоанд. Кампири Гулсанам модарест, ки дар ҳақиқат миллатро тарбият мекунад. Шумо Садафмоҳ, Соҳибназар, Мардонқул, Зариф-мухбир, Сироҷиддини шаҳринавиро ҳар рӯз мебинед. Онҳо ба атроф бо лабханд менигаранд. Амонулло ва Асадулло, ки рӯзҳои интихоботи парламони соли 1991 ба майдон омада буданд, акнун шояд рафтори худро бо назари нав санҷидаву хулоса бароварда оштӣ ҳам шуда бошанд. Дар ин ҳикояҳо низоъҳои шадид, ҷонбозиҳои фавқулодда, талошҳои оштинопазир ва пафоси бардурӯғ вуҷуд надорад. Ҳама воқеаҳо оддӣ, табиӣ ва муқаррарӣ сомон мепазирад. Ҳусну ҷозибаи онҳо низ дар ҳамин аст.

"Кӯлвори ҳавҷ"-и нависанда пур аз раҳовардҳои лазиз буда, ҳар дафъа соате чанд шумоpo маҳзуз хоҳад дошт. Нависанда ният дорад,

ки ин кӯлворро бо савғоҳои тоза пур кунад ва чун армуғон барои шумо нисор намояд. Раванди ин ҳикояҳо маҳкум намудани суханчинӣ, тамаллуқ, булҳавасӣ, ғараз, бадмастӣ, лофзанӣ, ҳасад, майзадагӣ ва амсоли ин қабоатҳои инсонӣ мебошад.

Ба устоди зиндаёд Ҷалол Икромӣ ва нависандаи равоншод Фотеҳ Ниёзӣ қиссаи "Шабохун"-и муаллиф, ки аз ду ҳикояти воқеӣ – "Ҳимояи меҳмон" ва "Дар лонаи душман" иборат аст, хеле маъқул шуда буд. Ин ҳикоятҳо ду лаҳзаро аз рӯзгори падари муаллиф - Шарифи Наврӯз (1884-1971) нақл мекунанд. Ин ҷо нависанда тавонистааст, ки ҷасорату хислат ва психологияи қаҳрамони худро возеҳу дилангез ва боварибахш нишон диҳад. Ҳаммароми халқ будан, бо ғаму шодии мардум шарик шудан сифати шоистаи Шарифи Наврӯз буда,ҷасорат, мардонагӣ, мавридшиносӣ ва дар лаҳзаҳои мураккабу ҳасос тадбири мувофиқ ҷуста тавонистан хислатҳои дигари писандидаи ин марди асил аст. "Танӯр", "Чойхалта", "Косаи об" аз нақлҳои Шарифи Наврӯз аст, ки муҳаббати хешу таборӣ, меҳрубонӣ ва бетамаъу ғараз буданро тарғиб мекунад. Ин ҳикоятҳо хонандаро бо муҳити оилавӣ ва манбаъҳои ташаккули шахсияти нависанда Холмурод Шарифов ошно менамоянд.

Ба табъ расидани китобҳои нави нависанда "Оламафрӯзон" ва "Сарнавишт" тобишҳои тоза ба тоза ва равияи эҷодгарии ӯро ба мо боз аёнтару гаронтар намуд, зеро ки онҳо дорои моҳияти бебаҳои таърихӣ ҳастанд. Жанри ёддошт дар адабиёти тоҷик таърихи қадимӣ дорад. Бисёр саргузаштҳои адибону мутафаккирон, подшоҳону вазирон ва орифон ба шеваи хотираву ёддошт таълиф шудаанд, ки акнун барои офаридани қаҳрамон муҳимтарин манбаъ ба шумор мераванд. Ба ёд оред, саргузашти Ибни Сино, Абӯсаид Абулхайр, Мавлоно Ҷомӣ, Навоӣ ва дигаронро. "Ёддоштҳо"-и С. Айнӣ, хотираҳои Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Ғанӣ Абдулло, Мирсаид Миршакар ва дигарон дурдонаҳои тобноки адабиёти тоҷиканд. Дар ин силсила ёддошту хотираҳои Холмурод Шарифов бо ҷилои хоси худ чеҳраҳои С.Айнӣ, Б.Ғафуров, А. Лоҳутӣ, М.Турсунзода, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, Ф. Ансорӣ, М. Олимов, Акашариф Ҷӯраев, А. Қаҳҳоров, Малика Собирова, Маҳмудҷон Воҳидов ва амсоли инҳоро эҳё гардонда, моро бо омолу кирдори онҳо шинос мегардонанд.

Ин ҷо лозим медонам, ки суханони Сотим Улуғзодаро дар хусуси қобилияти нависандагии Холмурод Шарифов пурра орам:

"Бо комиссияи қабули аъзо ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон. Ман ду асари Холмурод Шарифов "Гард дар мижгон" ва "Нақши хотир"-ро (ба русӣ) мутолиа карда, ба чунин хулоса омадам, ки муаллиф бешак қобилияти эҷодии асарҳои бадеиро дорост. Ҳикояҳои ӯ бо навигарии майлу мавзӯъҳо, бо диди хоси бадеӣ ва баёни дилангези худ қобили таваҷҷӯҳанд ва дар адабиёти тоҷик сухани нав мебошанд. Очеркҳояш, хотираҳои сафариаш, ёддоштҳояш аз муоширати ӯ бо шахсони номдор, шоирон ва нависандагони маъруфу машҳур

шавқовар, муассир ва мушоҳидакорона мебошанд. Муаллиф аз мақолаҳои публисистӣ сар карда, кам-кам ба эҷодиёти бадеӣ омада, дар ин соҳа низ комёбиҳои назаррасе ба даст овардааст. Ба сафи қаламкашони моҳири тоҷик боз як намояндаи арзандаи ин ҳунар дохил хоҳад шуд.

С. Улуғзода, 2 августи соли 1990.

Ба ин гуфтаҳои ҳаққонӣ ва мӯшикофони яке аз устодони шинохтаи сухани тоҷик Сотим Улуғзода чизе дигаре илова намудан зиёдатӣ ва ҳатто аз рӯи адаб нест.

Ба Холмурод Шарифов тақдир мададгор шудааст, ки ба сӯҳбати бузургони миллат Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон мушарраф шавад, бо шахсиятҳои наҷиб— нависандагон шоирон,олимон, арбобони машҳури ҳунару фарҳанги навини тоҷик анису ҷалис бошад, солҳо бо онҳо ҳамкорӣ кунад.

Ёддошту хотираҳои зиёди ӯ дар ҳамин борааанд. Ин ёддошту хотираҳо ба гуфтаҳои дигарон монанд нестанд. Холмурод Шарифов бо муҳаббати саршор, ифтихор ва самимияти хос роҷеъ ба ҳамсафариҳояш бо устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абдусалом Деҳотӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Маҳмудҷон Воҳидов ва дигарон сухан меронад. Ин ҷо муаллиф, танҳо шоҳиди воқеа нест. Нависанда дар рафтору кирдор, одобу гуфтор ва ҳусни муошарати ин бузургон хислатҳои наҷиб, истеъдод,хирад, маданият, донишу фаҳмиш ва тамкини миллатро мебинад ва онро тарғиб менамояд. Адиби нуктасанҷ нишон медиҳад, ки ҳар як вохӯрӣ бо ин инсонҳои родманиш барои ӯ мактабе буд, ки ангезаҳои неки ботини вайро бедор карда, ҷиҳатҳои маънавии замири ӯро такомул дода, барои ояндааш чун сабақ хизмат кардаанд. "Дарёфти дидори бузургон, - менависад муаллиф, - шарифтарин неъматест, ки чун файзи баҳорон, чаману гулистонро тароват мебахшад, синаҳоро мусаффо намуда, дилро ба сӯи ростию вафо тамоил медиҳад ва инсонро ба сӯи некӣ ва ҳақ ҳидоят менамояд". Ҷони гап, алҳақ ин ҷо гуфта шудааст.

Хулоса,боиси тазаккур аст, ки дар инкишофи жанри ҳикоя ва равнақи ёддоштнависӣ саҳми Холмурод Шарифов назаррас аст.

Аз хотира ва ёддоштҳои Холмурод Шарифов маълум мегардад, ки ӯ марди ниҳоят дақиқназар, борикбин ва ҳасос аст. Урфу одатҳои мардумии тоҷиконро ӯ аз таҳти дил дӯст медорад, сӯҳбати мӯйсафедони рӯзгордида ва таҷрибаандӯхтаро нағз мебинад, абёти зиёди шоирони гузаштаву имрӯзаро аз ёд медонад. Дар байтбараку мушоираҳо фаъолона ширкат меварзад, дар мавридҳои мувофиқ хизматҳо, шоҳбайтҳо, латифаю ривоятҳо ва амсоли инро чун нуқли сухан фаровон истифода мебарад. Аз ҳама муҳимаш он ки ӯ дар шахсияти ин эҷодкор таҷассуми одамият ва ботини миллатро дарк намуда, ғамхориро дар ҳаққи онҳо фарз медонад.

Ин маънӣ аз ҳикоятҳои ӯ доир ба Мирзораҳмат Олимов., Акашариф

Ҷӯраев, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдулаҳад Қаҳҳоров, Ҷӯрабек Муродов, Маҳмудҷон Воҳидов,Малика Собирова ва амсоли инҳо ҳувайдо мегардад. Беҳуда нест, ки калонсолҳо ба Холмурод Шарифов "писарам" ва "додарам" гуфта муроҷиат мекунанду ҷавонон ағлаб ӯро "таға" мегӯянд. Ҳамкорӣ ва қаробати Холмурод Шарифов бо Мирзо Турсунзода худ як китоби ибратомези бузург аст, ки алҳол фақат шаммае аз он рӯи коғаз омадааст.

Аксар даъво мекунанд, ки ба ҷавонони соҳибистеъдод бояд мадад расонд, ки ин ҳам фарзу ҳам суннат аст. Аммо набояд аз хотир фаромӯш кард, ки баробари камолоту шӯҳрати аҳли эҷод ҳасадхӯрону бадхоҳони онҳо низ зиёд мешавад. Дар ин маврид зарур аст, ки ному шарафи арбобони фарҳанг пос дошта шавад ва бӯҳтону тӯҳматҳоро аз онҳо дур кард. Ғамхорӣ дар ҳаққи эҷодкорон ва онҳоро дастгирӣ намудан, ҷонибдорӣ ва ба қадрашон расидан дар хуни Холмурод Шарифов ҷой гирифтааст.

Ин ҷо чанд лаҳзаи мушаххасро зикр менамоям: ду бор Ҳошим Ғадоев ба унвон ва мукофотҳои баланд пешниҳод шуд. Як бор ба унвони артисти халқии РСС Тоҷикистон ва бори дигар ба дарёфти ҷоизаи давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ оид ба адабиёту ҳунар. Аммо роҳбарияти ҳамонвақтаи театру Тоҷикфилм бо иғвои бадхоҳони ӯ ба ҳар баҳона ҳуҷҷатҳои ӯро нигоҳ медоштанд. Ин ҷо танҳо нотавонбинӣ буд. Бо хоҳиши Ҳошим Ғадоев ман ба Холмурод Шарифов муроҷиат намуда, масъаларо фаҳмондам. Мамониатҳо аз сари роҳи Ҳошим бардошта шуданду ӯ подоши хизматҳояшро гирифта, комёб шуд ва тантанаи ҳақиқатро ҳамагон диданд. Ҳамин навъ мисолро дар ҳаққи шодравон Ғаффор Валаматзода, Ҷӯрабек Муродов, Давлатманд Холов, равоншодони зиндаёд Одина Ҳошим, Маҳмудҷон Воҳидов, Малика Собирова ва дигарон низ метавон гуфт, ки борҳо бо сайъи Холмурод Шарифов тӯҳмату бӯҳтонҳо аз дӯши онҳо бардошта шудааст.

Ё як мисоли дигар: боре дар рӯзномаи ҳизбии "Тоҷикистони Советӣ" Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб ва ҷавонэҷодкорони соҳибистеъдоди дигари он солҳо ба декадентӣ, яъне шаклпарастӣ айбдор карда шуданд. Аммо касе ба он ҷавоб намегуфт. Расо баъди як моҳи чопи он мақолаи бӯҳтонангез ман ба идораҳои расмӣ, ба шӯъбаи маданияти КМ ҲКТ, ки мудираш он вақт Холмурод Шарифов буд, ба раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ва масъулони дигар муроҷиат кардам. Дар асоси мактуби камина масъала амиқ санҷида шуд ва айб аз зиммаи он ҷавонони эҷодкор бардошта шуд.

Дафъаи дигар ба КМ ПК Тоҷикистон хабар расониданд, ки повести Сорбон "Шинел" ва повести Кӯҳзод "Писандара" асарҳои зиддисоветӣ мебошанд. Барои муайян намудани арзиши аслии бадеии ин асарҳо аз КМ ПК Тоҷикистон он асарҳоро барои тақриз ба ман доданд. Хонда баромадам. Аз он даъвоҳо дар он асарҳо чизе набуд. Албатта, айб ба

гиребони ин ду нависандаи соҳибистеъдод начаспид. Дар нигоҳ доштани Сотим Улуғзода аз таъқибҳо баъди ба Англия паноҳ бурдани писари ӯ нақши Холмурод Шарифов бисёр калон аст. Маҳз ӯ буд, ки нагузошт бадхоҳони Сотим Улуғзода номи ӯро аз адабиёт, санъат, театр ва ҳунари кинои тоҷик бардоранд.

Боз мисолҳои дигар. Зимистони соли 1991 ҳамроҳи Холмурод Шарифов қариб се ҳафта дар ноҳияи Фархор будем. Чандин бегоҳ ба мулоқоти мо ҳунармандонӣ шиноха Одина Ҳошим, Ашӯр Сафар, Давлатманд Холов, Қурбон Зардаков ва дигарон меомаданд. Муғаннии тасхиргар Одина Ҳошим чандин бор дар назди халқ изҳор дошт, ки ӯро аз дасисабозиҳои бадхоҳону кинадорон маҳз Холмурод Шарифов наҷот дода, бо ғамхорӣ ва раҳнамоии худ барои ба ин дараҷа расидан ва дар арсаи ҷаҳонӣ ҳунари худро намоён кардан кӯмак кардааст.

Аз ин мисолҳо метавон боз чандинто овард. Аммо нагуфтани як воқеаро гуноҳ мешуморам. Дар бибколлектори республикавӣ Додаров ном пирамарди меҳрубоне кор мекард. Маҷрӯҳи ҷанг буд, як по надошт. Ӯро чандин бор барои гирифтани унвони Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон пешниҳод кардаанд. Бо айби шаръӣ ва ё иғвое ин унвонро ба ӯ намедоданд. Холмурод Шарифов шахсан ба назди котиби аввали ҳизб рафта, ин масъаларо ҳал кард.

Ҳанӯз соли 1963 ҳамроҳи Ҳабибулло Назаров ва Носирҷон Маъсумӣ, вай, шоир Нақибхон Туғралро бегуноҳ бароварда, ӯро сафед карда буданд, ки ин барои чопи осори ӯ сабаб шуд. Дар бораи Абдурауф Фитрат ҳам айни ҳаминро метавон гуфт. Ё ин ки гирем эҳёи Иди Наврӯзро. Албатта ин ҷашни пуршукӯҳи халқ - мардуми деҳқону чорводорон, подшоҳону раъият ва тамоми мардумони форсизабонро дар шаҳру деҳот асло фаромӯш накарда, дар Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд ботантана ва шукӯҳ мегузаронданд. Танҳо гурӯҳи тангназарон -баъзе коркунони партиявӣ ва амалдорон ба он чун суннати боқимондаи замони феодалӣ ва динӣ нигариста, бар зидди он беамон мубориза мебурданд. Дар Душанбе чун пойтахти Республикаи Сотсиалистӣ ки то солҳои шаст қариб ягон суннати ниёгонро эътироф намекарданд, ин ҷашн гузаронида намешуд. Ба ҳар ҳол солҳои аввали иқомати худ дар Душанбе гузаронидани ҷашни Наврӯзро ман ёд надорам. Ниҳоят, шӯъбаи маданияти КМ ҲК Тоҷикистон ва сардори он Холмурод Шарифов маводу мадрақ аз ҷониби ташкилотҳои эҷодӣ, зиёёни алоҳида пешниҳодшударо амиқ омӯхта, барои баровардани қарори муфид ба ҷонибдории он ид - иди Наврӯз саҳм гузоштанд. Қарор карда шуд, ки ҷашни Наврӯз минбаъд бо роҳбарии ташкилотҳои партиявӣ гузаронида шавад. Дар ин бобат хизмати Мирзо Турсунзода. Муҳаммад Осимӣ ва Лоиқ низ кам нест.

Акнун ҳар бор иди Наврӯз фаро мерасад, шукӯҳу азамат ва бузургдошти онро дида, курта-курта гӯшт мегирам ва ба саҳмгузорони барқарор намудани он, хусусан ба Холмурод Шарифов аҳсан мегӯям. Баъдҳо ҷашнҳои Меҳргону Сада низ эҳё гардиданд.

Холмурод Шарифов чун нависанда шинохта шуд. Китоби навбатии адиб "Сарнавишт" соли 1994 нашр ва ба дасти хонандагон расид. Сарнавишт чизест, ки аз рӯзи азал барои тақдири ояндаи инсон сабт шуда, тамоми фаъолияти минбаъдаи ӯро муайян менамояд. Ҳатто мегӯяд, ки тақдирро тадбир нест. Аммо гуфти асаҳ он аст, ки зиндагӣ олами асбоб, яъне ҳастӣ мадюни сабабҳост. Мо низ пайрави он ақидае ҳастем, ки инсон дар фаъолияти хеш соҳибихтиёр буда, худ бо дасти худ метавонад сарнавишти худро бинависад. Навиштаҳои Холмурод Шарифов ана ҳамин ақидаро илқо менамоянд, ки инсон дар зиндагӣ набояд ба мисли кӯршапарак беҳуда қанотак занад, офаридгор ӯро аз иродаву ихтиёр маҳрум накардааст. Инак, майдони санҷишу озмоиш.

Дар ин китоб чор қиссаи тозаи Холмурод Шарифов гирд оварда шуда, ҳар кадоме заминаи мустаҳками зиндагӣ дорад. Қиссаи аввал шуморо бо рӯзгори пур аз такопӯ, умеду орзӯ,хавфу андешаҳои Наврӯз, ҷонсӯзиҳои парвонасои Чинигул ва дунёи пурихтилофи атрофиёни онҳо, ки ҳамин одамони миллату адёни гуногун дарёи Вахши ваҳширо лаҷом зада,он водии қамишзорро ба Вахши заррин табдил додаанд, ошно месозад. Зиндагии пуразоб ва заҳмати тоқатфарсои мардумро ба дунёи орзуҳои ширин ва кори самарбахшу наҷиб табдил гардонда, дар мадду зиндагӣ бадхоҳони халқ ва чоҳканҳо маҳв шуда, нияти пок ва хиради солим пирӯз мегардад. Шумо дар мисоли хизматҳои бешойибаи Наврӯз боз ба ҳамон ҳақиқати маҳз хоҳед бархӯрд, ки "Ибодат ба ҷуз хизмати халқ нест.—Ба тасбеҳу аммомаву далқ нест" ва бадхоҳони касон ҳеҷ ба мақсад нахоҳанд расид. Ин ҳикматҳо дар қиссаи "Маҳрӯи балҷувонӣ" ба тарзи дилкаш сурати амалӣ пазируфтаанд. Аз ин рӯ мутолиаи он бароятон як ҷаҳон лаззат хоҳад бахшид. Албатта, дар водии Вахш Шамъигул, ки прототипи Чинигул аст, худро хоҳад шинохт.

Қиссаи дуввум акси қиссаи аввал аст. Болтақул ҷавони пок, хушбовар ва орзупарвар аст. Вай ба ҳар чиз бидуни ғараз менигарад, заҳри зиштӣ ва бадкирдориро начашидааст. Падару модар ва аҳли оилааш аз он, ки ин навҷавони солиму хушахлоқ ба амали ношоистае олуда нест, ӯро ба ҳоли худ гузошта, дар ғафлат мемонанд, ки Болтақул бо таъсири кӯча ба тангкӯчаи ҷиноят меравад. Ӯ ҳатто худ пай намебарад, ки ба банди нангини Кӯдангӣ афтода, қариб буд, ки зиндагии худро пок бисӯзад. Се зарбаи ҷонгудоз, ки аслан чашмдори онҳо набуд, Болтақулро ба андеша рондан маҷбур мекунад. Лаҳзаҳои трагикомедиявӣ нишон медиҳанд, ки дар зиндагӣ рафтори сатҳӣ дуруст нест, шарафу номусро аз хурдӣ бояд пос дошт. Дар ин қисса нависанда хулосаи ниҳоӣ намебарорад. Аммо хонанда худ ба хулосае меояд, ки Болтақул дар зиндагӣ роҳи шоистаро дарёфта, дар сафи муборизаи роҳи ҳақиқат қарор хоҳад гирифт.

Хубии қиссаҳои Холмурод Шарифов дар он аст, ки дар онҳо бе ҳеҷ насиҳатгӯй набзи зиндагӣ ва раванди таърих возеҳ эҳсос карда

мешавад. Инро тарзи нигориши ӯ бозтоб менамояд.

Қиссаи сеюм, ки "Шери мардон" ном дорад, ба зиндагии размандаи роҳи ҳақиқату маърифат Муродулло Шерализода, ки дар ин роҳ қурбон гашт, бахшида шудааст. Дар он сифатҳои ҳамидаи инсонӣ, мафкураи солим, талошҳои ҷавонмардонаи вай ба қалам дода мешавад. Дар ин ҷо сӯзу фиғон синахарош аст. Марг бо бераҳмӣ ва бешавқатӣ хонаи ободи Муродуллоро рахна мекунад, модару бародари ӯро дасти ҷонкоҳи аҷал фишурда аз ин хонадон як-якро паси ҳам ба коми худ фурӯ мебарад. Дар зери амвоҷи ин тӯфони балоҳои сахт нерӯи бемисли модар ҳувайдо мегардад. Ӯ рақиби марг аст.

Марг ва зиндагӣ ду паҳлӯи мутақобили ҳастист, ки мисли шабу рӯз ҳамеша дунболи якдигар мегарданд. Марг зиндагиро ширин нишон дода, арзи тамоми арзишҳоро дар ҳолати барҷаста нишон медиҳад. Марг аст, ки қадри мурдаҳою зиндаҳоро ба маърази намоиш мегузорад.

Қиссаи чаҳоруми Холмурод Шарифов бо тасвири ҳолатҳои гуворо сар шуда, бо фоҷиа анҷом мепазирад. Аз ин рӯ алами модари Файзулло Абдуллоев хеле ҷонкоҳу аламвор ба чашм мерасад. Марг одамони некро аз байн мебарад. Ҳеҷ набошад ба назар чунин мерасад. Ёди ин гуна одамон симои чунин ашхосро зинда нигоҳ дошта, ба зиндаҳо ибрат мебахшад.

Қиссаи панҷуме, ки китоби "Сарнавишт"-ро зеб медиҳад, ҳикояи ҳаҷвиест, ки аз рӯзгори солҳои ҳафтодум гирифта шуда, "Масъала якта" ном дорад. Дар он нависанда образи зинда ва дилписанди раиси колхоз деҳқонзода Мукаррамов, ки бо кордонӣ, таҷриба ва андешаҳои худ набзи зиндагиро фаҳмида, дар шахси намояндаи обком Каримов "чорабиниҳо"-и бебунёд, андешаҳои сатҳӣ ва амалиёти формалистии он болонишинҳоро нишон медиҳад, мавриди тасвир қарор дода, ҳикояти хуби хондание иншо кардааст. Каримовҳо бисёр буданд, аммо Мунавваров бозёфти Холмурод Шарифов аст.

Як хислати хуби Холмурод Шарифов он аст, ки ӯ дар куҷое кор кунад, мардумро муттаҳид намуда, дар он ҷо аз худ ёдгор мемонад. Ташаббусу саҳми ӯ, иштироки шахсӣ ва хизматаш назаррас ҳувайдо мегардад. Солҳои 1953-1955 мавсуф дар собиқ вилояти Ғарм котиби аввали кӯмитаи комсолҳо дар баъзе ноҳияҳо ҷавонон дар мактабҳои советӣ кам мехонданд, аз варзишу спорт дар он ҷоҳо дараке набуд. Иштироки ҷавонон, хусусан духтарон дар ҳалқаи ҳаваскорони санъат ва тамошои театру кино хеле маҳдуд буд. Аксар мешуд, ки духтарони 15-16 соларо ба шавҳар медоданд, ҷавононро ба зӯрӣ кор мефармуданд.

Ҳамон даврон Холмурод Шарифов ҷавононро ба ҷӯш оварда, бо ҳамроҳии муаллимони пешқадам, мунавварфикрон ва мардони боаҳамият наврасону ҷавононро ба по хезонда, мактабу маориф ва маҳфилҳои ҳунарию варзишро ба роҳ монда, дигар нагузошт, ки духтаронро то ба 18-солагӣ ба шавҳар диҳанд. Акнун хондану ба сафи

аскарӣ рафтани писарбачаҳо мояи ифтихор гардиду ба маҳалчигӣ ва авлодбозӣ зарбаи ҷонкоҳ зада шуд. То алҳол кадрҳое, ки дар он солҳо тарбия ва баъд камол ёфтаанд, ба манзили Холмурод Шарифов омаду рафт доранд.

Солҳои 1958-1960 ӯ раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Панҷакент буд. Шаммае аз кору фаъолияти ӯ дар ҳикояи "Ойини сарварӣ" нақл карда шудааст. Ҳамзамон он солҳо Холмурод Шарифов сардори штаби сохтмони канали Марғедар буд. То ба кор даромадани канали Марғедар аз қашқоии Ғусар то қашқоии Шӯрча ва дашти Калли Малла об надошт. Дар он ҷоҳо фақат ғаллаи лалмӣ мекоштанд.

Ҳамроҳи Холмурод Шарифов он ҷо котиби якуми ҳизб шахсе буд, ки яке аз персонажҳои нависанда дар ҳаққи ӯ меғӯяд: "Вай чун инсон он қадар бад нест. Вале ду камбудии ҷиддӣ дорад. Якумаш, хеле гаправ аст, аксаран бо ақли худаш кор намекунад. Дуюм, малакаи кори партиявӣ надорад ва аз ҳама бадаш одамшинос нест, хусусан дар қадршиносӣ оҷиз аст. Аз ин сабаб ба хатоҳои калон роҳ медиҳад. Бисёр касон ҳанӯз ҳам дар тааҷҷубанд, ки чӣ тавр вай ба ин вазифаи ниҳоят масъул тавсия шудааст". Дигаре меафзояд: "Ниёзовро ягон кас одами кордону ӯҳдабаро намегӯяд. Ба ҳар ҷое, ки раҳад, фақат мағалу ғавғо мебардорад, дар асл бошад, гови ҷӯшоиро аз буққа ва ҷавро аз гандум фарқ карда наметавонад". Ба ақидаи шахси сеюм: Ниёзов зотест, ки аз асп фурояд ҳам, аз узангу фуромадан намехоҳад. Бадтарин хислати вай он аст, ки ба маслиҳати мутахассисҳо гӯш намекунад. Гоҳо кор ба дараҷаи мазҳака мерасад.

Ҳамин Ниёзов ба раисе баҳорон майсаи тирамоҳиро дида дӯғ мезанад, ки чаро он заминро ҷуфт карда, ғалла намекорад, ӯ ба колхозҳо фармон медиҳад, ки ба говҳо қанд диҳанд, ки ширашон бисёр шавад. Бешубҳа Ниёзов намунаи барҷастаи роҳбарони он солҳо буд, ки бо ҷӯрабозӣ ба мансаб мерасиданд. Аммо Холмурод Шарифов каналро ба истифода дода, тарҳи деҳаҳои Шӯрча, Вағаштон, Марғедар, Навобод, Ғӯсар ва амсоли инҳоро кашида, аввалин ниҳолҳоро нишонда, бунёди боғҳо ва ангурзорҳоро кашида, сипас ба Москва барои идомаи таҳсил рафт.

Шубҳае надорам, ки танқидчиёни имрӯзаи ӯ аз номи ғаллаи он заминҳо ва меваҳои шаҳдбори он боғҳои навбунёд хӯрдаанд. Фақат мехоҳам, ки кӯрнамакӣ накунанд.

Солҳост, ки Холмурод Шарифов бо аҳли ҳунар, рассомон, адибон ва арбобони зиёди санъат дӯстӣ меварзад. Онҳо баъди аз вазифаҳои масъул сабукдӯш шудани эшон низ риштаҳои дӯстиро аз вай наканда, ба хонаи ӯ омадурав доранд. Охир Холмурод Шарифов буд, ки ҳангоми мудири шӯъбаи маданияти КМ ПК Тоҷикистон буданаш дар ташкили сирки тоҷик, театри ҷавонон, институти ҳунарҳои зебо ба номи Мирзо Турсунзода ва ғайраҳо саҳм гузоштааст. Инро кадршиносон дар ёд доранд ва аз хотир фаромӯш нахоҳанд кард. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳанӯз соли 1977 Холмурод Шарифовро ба унвони фахрии Арбоби

шоистаи фарҳанги тоҷикистон муносиб дониста, хизматҳои шоёни ӯро қадр кард. Бешубҳа Холмурод Шарифов марди фарҳанг, сарбози роҳи фарҳанг ва ҳодии ин ҷода аст.

Аз соли 1979 то ибтидои соли 1990 Холмурод Шарифов раиси Кумитаи давлатии табъу нашри ҷумҳурият буд. Ӯ дар ин даргоҳ чӣ корҳоро ба субут расонд? Даставвал дар нашриёти "Ирфон" бо номи редаксияи экспортӣ иборат аз 5 нафар гурӯҳе ташкил намуда, чопи китобҳоро бо ҳуруфоти арабӣ ба роҳ монда, ба забони дарӣ барои бачаҳои Афғонистон 13 китоби дарсӣ ба табъ расонд. Нашри Қомуси 8-ҷилда ва доиратулмаорифҳои соҳавии зиёдеро тезонд, гурӯҳи тарҷимонҳоро ташкил дод. Солҳои фаъолияти Холмурод Шарифов дар ин вазифаи масъул, дар давоми даҳ сол нашри китобҳои бадеӣ 8 бор, адабиёти бачагона 4 бор, маводи дарсӣ 2-3 бор афзуда, дар марказҳои вилоятҳо ва бисёр ноҳияҳо чопхонаҳои мӯҷаҳҳази нав ташкил шуд. Маҳз дар ҳамон солҳо мавсуф барои коргарон хонаҳои истироҳатӣ сохт, коргоҳҳои нави матбаа, ҳамчунин иморатҳои маъмурии кумита ва нашриётҳо қомат афрохтанд. Дар ташкили нашриёти "Адиб", бӯстонсарои Кумитаи табъу нашр дар дараи Ромит, ки баъдан ба шарафи ӯ "Шарифобод", ном гирифт, саҳми Холмурод Шарифов бузург аст. Ташаббуси ӯ ба ин корҳо сомон бахшид.

Қобили ёдоварист, ки соли 1989 ҳукумати ҷумҳурӣ ба зиммаи Холмурод Шарифов вазифаи Раиси Кумитаи ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба адабиёту санъат ва меъмориро низ гузошт. Пештар дар ин вазифаи пурифтихор фарзандони бузурги миллат - Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар кор мекарданд.

Маълум аст, ки то он давра мансабдорону курсинишинони зиёде бар зидди ворид гардидану эҳёи вожаҳои ноб, вале тозаистеъмоли тоҷикии классикӣ мебаромаданд,ҷавонони хушсалиқаро дар ин ҷода ба эронпарастию афғондӯстӣ муттаҳам мекарданд. Вақте хостанд, ки Убайд Раҷабро аз муҳарририи "Садои Шарқ" гиранд, бузургтарин "айби" ӯро дар он ёфтанд, ки дар саҳифаи аввали "Садои Шарқ" ба ҷои "журнал" "маҷалла" чоп мекард. Ҳуҷумҳо ба муқобили истеъмоли калимаҳои ноби тоҷикии "донишгоҳ", "донишҷӯй", "нақш, "намоишнома", "омӯзгор", "анҷуман", "пазируфтан" ва амсоли ин ҳанӯз аз ёд нарафтааст. Холмурод Шарифов, ки аслан мутолиаи адабиёти тозанашри классикӣ захираи луғати худро такмил дода, дар сафи аввали муборизони инкишофу равнақ ва тайизи забони адабии тоҷикӣ қарор гирифт. Нуфӯзи ин падидаро метавонед ки аз мутолиаи китоби "Рози дил" ва таълифоти баъдинаи ӯ пай баред. Беҷиҳат нест, ки ин марди фидоӣ ба ҳайси узви комиссиони Шӯрои Олӣ дар қабули Қонун доир ба забони давлатии тоҷикӣ (форсӣ) низ саҳми босазое гузоштааст.

Солҳои навадум ба дӯши Холмурод Шарифов вазифаи бисёр ҳам масъулу мушкил - сарварии Комиссияи Марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд, ки иҷрояш хираду

қобилияти махсусро талаб менамуд. Дар пеши назари оламиён раъйпурсии умумихалқии 17 марти соли 1991-ум маъракаи пурғавғои интихоботи Президенти Тоҷикистон (тирамоҳи ҳамон сол) ба интихоботҳои чандинкаратаи вакилони мардумӣ баргузор шуданд, ки дар гузаронидани он маъракаҳо Холмурод Шарифов бемуҳобот маҳорати ташкилотчигӣ ва таҷрибаи ғании сиёсӣ зоҳир намуд, ки ин дар кори муҳим ва ба эътимол овардани вазъияти сиёсию иҷтимоии мамлакатамон саҳми зиёдест.

Ҳамин муроду мақсадро пайгирӣ намуда, Холмурод Шарифов иҷлосияи якуми Маҷлиси Олиро кушода, дар нутқи муқаддимавиаш вакилони халқро махсус даъват намуд:— "Имрӯз бояд амиқ дарк кунем, ки давлату миллати мо дар чӣ ҳол аст. Акнун суханбозӣ бас аст, имрӯз баҳри аз вартаи ҳалокат баровардани мулкамон мебояд ҷонбозӣ кунем, на суханбозӣ. Акнун дӯстон, дар пеши назари мардум на худнамоӣ, бояд худфидоӣ намоем. Дар чунин замони носозгор ва тақдирсоз парламенти мо бояд қонунҳое қабул намояд, ки онҳо баҳри таъмини ҳимояи ягонагии давлат ва миллатамон, ҳамчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиати инсон, инкишофи иқтисодиёт ва равнақи маънавиёт хизмат карда тавонад. Инро набояд фаромӯш кард".

Хизматҳои шоёни пайгирона, кӯшишҳо ва натиҷаҳои ба дастовардаи Холмурод Шарифов дар инкишофи маданияти кунунӣ аз он дарак медиҳанд, ки вай чун шахси ҳамрозу хайрхоҳи халқ баробари набзи мардум нафас мегирад ва бо ҳазорон торҳои рангин бо миллати хештан пайвастааст. Ҳоло ӯ азми комил дорад, ки вақти фароғати худро пурра ба таълифу таҳрир сарф намояд. Дар амалӣ гардидани ин нияти нек ба ӯ тавфиқ ва комгорӣ хоҳонем.

Профессор Аълохон Афсаҳзода.
соли 1992.

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР 3
Меҳрнома 8

ҚИСМИ АВВАЛ
Эҳёгарони миллати тоҷик

Аввалин қаҳрамони истиқлолият 11
Хиштҳои тиллоии Бобоҷон Ғафуров 16
Ҷонфидои Тоҷикистон 24
Мунодии сулҳи ҷаҳон 34

ҚИСМИ ДУЮМ
Пешоҳангони фарҳанги навин

Деҳотӣ -дар деҳот 52
Устоди устоддида 60
Улуғзода дар "Боғи ятим" 71
Васлгари дилҳо 88
Ҳамнафаси халқ 102
Дарёдили соҳили Сайҳун 110
Устоди ростдил 133
Вафодори Ватан 126
Пуштибони фарҳанг 137
Марди дарёдил 151
Достонсарои дӯстӣ 161
Овозаи Лоиқ 174
Шоири оҳанинтан 193
Суханвари дардошно 200
Фоли нек 209
Хирадафрӯз 215
Асилзод 227
Фидоии истиқлолият 233

ҚИСМИ СЕЮМ
Чеҳраҳои ҳунар

Ромишгар 243
Ҳунарпарвар 255
Мӯйсафеди дилсафед 259
Оташвуҷуд 271
Ҷаҳоноро 282
Олимақом 291
Тасхиргари дилҳо 298
Булбули шӯридадил 305
Далердухтари кӯҳистонӣ 315
Дилошӯб 319
Дилогоҳ 323

Холмурод ШАРИФОВ

АХТАРОН

Муҳаррирон - **О. Ҳамидов, А. Олимов, Щ. Ёдгорӣ.**

Муҳаррири масъул - **Умари Шерхон**

Муҳаррири техникӣ - **Ҳ. Ниёзова**

Тарроҳ - **Э. Қодиров**

Ба матбаа 5.01.2004 супурда шуд.
Ба чопаш 5.3.2004 имзо шуд. Андозаи 60х84 1/16.
Коғази офсетии №1. 22,0 ҷ/п. Супориши №367 .
Адади нашр 2000.

734018, ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ, 16
Нашриёти "Шарқи озод".

337

0022 42
1 ex